**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ:** 347. 218. 3 (575.3)
**ТКБ:** 67. 99 (2 Тадж)
**Қ** – 93

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ҚУРБОНАЛИЗОДА НУРУЛЛО ШАМСУЛЛО**

# МАСЪАЛАҲОИ СУБЪЕКТИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ БУДАНИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ: ҶИҲАТҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**Мушовири илмӣ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор, Корманди шоистаи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Ғаюрзода Ш.К.**

**Душанбе – 2023**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ………..4**

**МУҚАДДИМА……………………………………………………… 5**

**БОБИ 1. МОҲИЯТИ ҚОБИЛИЯТИ ҲУҚУҚДОРӢ ВА АМАЛКУНИИ СУБЪЕКТИВИИ МАДАНИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ……………………….. 23**

**1.1. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии субъективии мадании шахсони воқеӣ………………………………………………………………… 23**

**1.2. Муқаррароти асосӣ оид ба қобилияти амалкунии мадании шахсони воқеӣ………………………………………………………………… 110**

**БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ ҚОБИЛИЯТИ ҲУҚУҚДОРИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ……………………………………… 141**

**2.1. Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ……..………………………………… 141**

**2.2. Масъалаҳои мубрами ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ дар таркиби қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсони воқеӣ………..…………………………… …………………………… 160**

**2.3. Масъалаҳои ҳуқуқҳои молумулкии шахсони воқеӣ ……………….. 177**

**2.4. Масъалаҳои асосии ҳуқуқҳои истисноӣ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ……………………………………………………………………… 188**

**БОБИ 3. ҚОБИЛИЯТИ ҲУҚУҚИ МАДАНИИ НОБОЛИҒОН…… 207**

**3.1. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мадании ноболиғон…………………………………………………………………… 207**

**3.2. Қобилияти ҳуқуқдории субъективии ноболиғон дар муносибатҳои иттилоотӣ………………………………………………………………… 229**

**БОБИ 4. ҚОБИЛИЯТИ АМАЛКУНИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ……. 255**

**4.1. Маҳдуд кардани қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ ва қатъ гардидани он………………………………………………………….. 255**

**4.2. Нақши васӣ ва парасторӣ дар татбиқи қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ……………………………............................................. 271**

**4.3. Аҳаммияти патронаж дар татбиқи қобилияти амалкунии шахсони**

**воқеӣ ……………………………………………………………………………….. 285**

**ХУЛОСА…………………………………………………………………….... 293**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ………………………………………………………………………….. 301**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ……………………………………………….……. 304**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ…………….. 334**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ:

**б.** – банди;

**ВАО** – Воситаҳои ахбори омма;

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон;

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил;

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо;

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КМГ ҶТ** – Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КМФ** – Кодекси мадании Фаронса;

КО ҶТ – Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**м.** – модда;

МГО – Маҷмуаи граждании Олмон;

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ;

**МД** – Муассисаи давлатӣ;

**қ.** – қисми модда;

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид;

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**ФР** – Федератсияи Россия;

**ШМА** – Штатҳои Муттаҳидаи Америка.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ дар ҶТ муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ такмил ёфта, дар айни замон асоси иқтисодиёти ба мустақилият ва баробарӣ асосёфтаро ташкил медиҳад. Ин нуқта бевосита дар м. 12 Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст[1]. Дар чунин шароит пешрафти муносибатҳои ҳуқуқи маданиро бе иштироки шахсони воқеӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин, дар чунин шароит муайян кардани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ, қобилияти ҳуқуқдории субъективии онҳо дар муносибатҳои зикршуда, муайян кардани ҳадди ба амал баровардани ин ҳуқуқҳо барои пешрафти инсон, ҷомеа ва давлат хеле муҳим мебошад. Чи тавре ки дар Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-юми декабри соли 2022 қайд мешавад, «...солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихӣ қариб сад соли охири худ қарор дорад»[2]. Барои баромадан аз чунин вазъият донишҳои нав дар бораи субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ, унсурҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ, амалкунӣ ва ҷавобгарии ҳуқуқии онҳо муҳим мебошад. Ин донишҳо бояд барои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқии давлат мусоидат намоянд. Мувофиқи б. 2 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018-2028, «Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу

[1] Ниг.: Конститутсияи ҶТ аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 08.02.2021 с.).
[2] Ниг.: Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-юми декабри соли 2022. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 31.12.2022 с.).

суботи ҷомеа вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд»[3].

Доираи ҳуқуқҳои субъективии ба шахси муайян тааллуқдошта, натанҳо иштироки ӯро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ муайян мекунад, балки сиёсати амалишавандаи давлатро дар ин соҳаи бисёр муҳим нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, дар алоҳидагӣ маҳз ба воситаи қобилияти ҳуқуқи мадании шахсият ба таври пурра ва умқан муносибати давлат бо падидаи моликияти хусусӣ, принсипҳои ҳуқуқи шартномавӣ, ташаббусҳои соҳибкории шахсони воқеӣ ҷиҳати танзими муносибатҳое, ки ҳангоми ҷуброни зарари ба онҳо расонидашуда ба вуҷуд омадааст ва ғайра ошкор мегарданд.

Субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ падидаи мушкил, бисёрҷабҳа ва инкишофёбанда мебошад, ки ба он якчанд омилҳо, ба монанди балоғатнокӣ, даромади аҳолӣ, сатҳи маърифатнокии аъзоёни ҷомеа, истифодаи Интернет ва ғайра таъсир мерасонанд. Чунин ҳолат боиси ҷудо кардани унсурҳои заминавии вазъи ҳуқуқи мадании шахсони воқеӣ мегардад. Аммо дар қонунгузорӣ то ҳол дарки ягонаи илмӣ нисбати истилоҳоти асосие, ки ин қобилиятро муайян мекунанд, аз ҷумла қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ, ки ҳам дар ҳуқуқи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ таърихи дуру дароз дорад, ба вуҷуд наомадааст. Дар шароити имрӯза аҳаммияти мавзуи мазкур рӯз аз рӯз афзоиш меёбад, чунки ҳам санадҳои умумиэътирофшудаи байналмилалӣ ва ҳам қонунгузории миллӣ муқаррар кардаанд, ки ҳар шахс ҳуқуқи субъекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ шуданро, новобаста аз он ки вай дар куҷо қарор дорад, соҳиб мебошад. Яъне чунин меъёр ба шахсони воқеӣ, новобаста аз мансубияташон ба ин ё он давлат, новобаста аз ҷинс, нажод, миллат, синну сол ва ғайра дар ҶТ дар қатори дигар шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии баробар доранд.

Аз нигоҳи илмӣ нисбати мавзуи мазкур танҳо пас аз солҳои 90-ум, ки ислоҳоти иқтисодиву ҳуқуқӣ гузаронида шуд, каме таваҷҷуҳ карда шуд. Истилоҳи қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ бештар дар асарҳои илмие, ки

[3] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018–2028. Бо Фармони Президенти ҶТ аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти № 1005 тасдиқ шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj (санаи мурочиат: 08.02.2021 с.).

асосҳои назариявӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор дода шуданд. Аммо дар қонунгузорӣ муқаррар нагардидани мафҳуми мазкур, қобилияти ҳуқуқӣ доштани он ба номуайянии илмӣ, ҷой надоштани муносибати ягона нисбат ба мафҳум ва мундариҷаи қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ оварда расонид, ки дар навбати худ хусусиятҳои баҳсбарангези масъалаи мутаносибӣ ва ҷудогонаи қобилияти ҳуқуқдории субъективиро бо истилоҳҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амалкунӣ ва қобилияти деликтӣ пешгӯӣ менамояд.

Ҳамзамон, мушкилоти зиёд вобаста ба масъалаи бавуҷудоӣ ва қатъгардии қобилияти ҳуқуқдории маданӣ, муайян кардани мафҳуми ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ҷой доранд, ки вақтҳои охир ҷиҳати ҳалли ин масъалаҳо тамоилҳои нав пайдо шудаанд. Ғайр аз ин, мушкилоти дигар ҳангоми муайян кардани шахсони воқеӣ ҳамчун субъектони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки имрӯзҳо мушкилот вобаста ба синну сол, саломатӣ, ҳолати руҳӣ ва ҷисмонӣ ва ғайра ҷой доранд. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур барои ба таври қонунӣ мустаҳкам намудани он ва аз ҷиҳати назариявӣ мавриди таҳлил қарор додани мушкилоти вобаста ба инфиродикунонии шахсият, ниёз дорад.

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи мазкур дар сивилистикаи муосир дар сатҳи зарурӣ таҳлилу баррасӣ нашудааст. Бе таҳлили комплексӣ ва ҳамаҷониба мушкилоти қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи ҳамаи институтҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад ва роҳҳои аниқи ҳалли он, инкишофи минбаъдаи илми ҳуқуқи маданӣ ва мукаммалгардонии қонунгузории соҳа, ғайриимкон мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ чандин сол аст, ки диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Ҷиҳатҳои таърихии субъекти ҳуқуқ будани шахсони воқеӣ нишон медиҳад, ки масъалаи инсон аз давраҳои қадим яке аз масъалаҳои марказии ҳуқуқшиносии ватанӣ будааст[4]. Дар замони Шуравӣ ба масъалаҳои болозикр

[4] Ниг.: Халиков А.Г. Гражданское право зороастризма (древнее право). – Душанбе, 2003. – 48 с; Аминҷонов А.Х. Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи институтҳои асосии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар таърихи халқи тоҷик: давраи ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 28 с; Холинова М.М. Эволюция института опеки и попечительства в истории таджикского народа: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 25 с.

аҳаммият медоданд[5], гарчанде Давлати Шуравӣ ҳаёти шахсӣ ва моликияти хусусиро эътироф намекард, манфиати давлат мутлақан ҳукмрон буд. Дар замони ҳозира муҳаққиқони соҳа боз ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни ин институти ҳуқуқи маданӣ машғул ҳастанд. Ҷиҳатҳои ғайримолумулкии субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ ва муқаррар намудани баъзе маҳдудиятҳо таҳлил гардидаанд[6]. Бо муҳим гардидани масъалаҳои дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ баъзе мутахассисони соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ба ин масъала мароқ зоҳир намуданд[7], гарчанде истилоҳи мазкур табиати оммавӣ-ҳуқуқӣ дошта наметавонад. Дар вақтҳои охир баъзе муҳаққиқон истилоҳи «кӯдак» ва вазъи ҳуқуқии онро такмил додаанд[8], вале ба назари мо истилоҳҳои «инсон» ва «кӯдак» шаклҳои махсуси инъикоси истилоҳи универсиалии «шахсони воқеӣ» мебошанд.

Фаъолияти соҳибкорӣ барои такмили субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ (мустақилият, ташаббускорӣ ва навоварӣ) замина мегузорад. Ин ҷиҳати масъала низ мавриди таҳлил гардидааст[9], вале мо ақида дорем, ки соҳибкори инфиродӣ на субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ, балки субъекти ҳуқуқи маданӣ мебошад. Меъёрҳои КМ ҶТ пурра ҷиҳатҳои асосии фаъолияти соҳибкориро, ки яке аз шаклҳои муносибатҳои молумулкии ба баробарӣ ва

---

[5] Ниг.: Стучинский М.Г. Безвестное отсутствие: дис. … канд. юрид. наук. – Челябинск, 1949. – 261 с; Мицкевич А.В. Субъекты советского социалистического права: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1952. – 334 с; Андреев Е.П. Правоспособность и дееспособность несовершеннолетних по советскому гражданскому праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1972. – 21 с; Блинова Т.В. Правовое положение недееспособных, вследствие психического расстройства по советскому гражданскому и семейному законодательству: дис. ... канд. юрид. наук. – Томск, 1987. – 279 с; Баринов Н.А. Гражданско-правовые проблемы удовлетворения имущественных потребностей советских граждан: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1988. – 33 с.

[6] Ниг.: Рясенцев В.А. Представительство в советском гражданском праве: в 2 – х томах: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1948. – 602 с; Михеева Л.Ю. Проблемы правового регулирования отношений в сфере опеки и попечительства: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Томск, 2003. – 39 с; Михайлова И.А. Гражданская правосубъектность физических лиц: проблемы законодательства, теории и практики: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2007. – 498 с.

[7] Ниг.: Романовский Г.Б. Конституционное регулирование права на неприкосновенность частной жизни: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – СПб, 1997. – 18 с; Линик Л.Н. Конституционное право гражданина Российской Федерации на жизнь: дис. … канд. юрид. наук. – М., 1993. – 157 с.

[8] Ниг.: Бутько О.В. Правовой статус ребенка: теоретико-правовой анализ: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2004. – 27 с; Ғаффорзода И.Ғ. Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2020. – 44 с.

[9] Ниг.: Алексий П.В. Правовой статус субъектов предпринимательской деятельности: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1996. – 19 с; Белькова Е.Г. Правосубъектность гражданина-предпринимателя: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1994. – 21 с; Раҳимзода М.З., Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалаври ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. – Душанбе, 2021. – 400 с.

мухторияти ирода асосёфта мебошад, танзим менамояд. Соҳибкор низ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ (фасли 2 «Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ» м. 225-254 КМ ҶТ) дорад. Умуман соҳибкорӣ бидуни ҳуқуқи маданӣ ва ҷомеаи маданӣ (civil society) инкишоф намеёбад.

Ба таври умум масъалаҳои зикршуда дар асарҳои С.С. Алексеев, М.М. Агарков, У.А. Азиззода, С.Н. Братус, Ю.Г. Басин, К.М. Беликова, И.Х. Бобоҷонзода, Я.Р. Веберс, Е.В. Васковский, К.В. Витрук, Л. Ю. Голишева, И.К. Городетский, Ш.К. Ғаюрзода, Н.М. Ершова, А.В. Золотухин, О.С. Иоффе, Ш.М. Исмоилов, Н.М. Имомова, С.Ф. Кечекян, Л. И. Комаровский, Қ.Ш. Қурбонов, Д.И. Мейер, М.Н. Марченко, Н.С. Малеин, Ш.М. Менглиев, М.А. Маҳмудзода, Ҷ.С. Муртазозода, В.С. Нерсесянс, Э.С. Насриддинзода, В.А. Ойгензихт, В.А. Рибаков, Д.С. Раҳмон, В.И. Синайский, М.К. Сулейменов, Е.А. Суханов, Ю.К. Толстой, Ш.Т. Тағойназаров, О.У. Усмонов, Р.Ш. Шарофзода ва дигарон таҳлил шудаанд.

Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ бо асарҳои болозикр алоқамандӣ дорад. Вале диссертатсияи мазкур бо услуби хосси таҳқиқот, инъикоси воқеии ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва маънавии Тоҷикистон, масъалаҳои нави танзими ҳуқуқи мадании субъект будани шахсони воқеӣ ва таҳлили амалӣ ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2021 – 2025: «Нақши ҳуқуқи граждани дар татбиқи ҳадафҳои миллии стратегӣ» гузаронида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқи мазкур гузаронидани таҳлили комплексии илмии проблемаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии қобилияти ҳуқуқдории субъективии мадании шахсони воқеӣ, муайян кардани мазмуну моҳияти он ва ҳамзамон дарёфти роҳҳои муайяни мукаммал сохтани қонунгузорӣ мебошад, ки муносибатҳои ба масъалаи мазкур дахлдоштаро дар шароити муосир ба танзим медароранд.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Вазифаҳои таҳқиқот аз инҳо иборат аст:

– таҳлили институти қобилияти ҳуқуқдории субъективии мадании шахсони воқеӣ дар қонунгузории миллӣ;

– муайян кардани мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ ва таҳлили унсурҳое, ки мазмуни онро дар бар мегиранд;

– муайян кардани масъалаи таносуби мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ бо дигар истилоҳоти ҳуқуқӣ;

– муайян кардани омилҳое, ки боиси тағйирёбии қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ мегарданд ва баррасии ин тағйиротҳо;

– муқаррар кардани сарчашмаи ҳуқуқии проблемаҳое, ки бо фардикунонии шахсони воқеӣ алоқаманд мебошанд ва муайян кардани роҳҳои қонунии ҳалли онҳо;

– таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷа дар самти қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ ва истифодаи меъёрҳои онҳо ҳангоми мукаммал сохтани қонунгузории ҶТ;

– баррасии масъалаҳои баҳсноке, ки ба ҳолати ба вуҷуд омадан ва ё қатъгаштани қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ алоқаманд мебошанд;

– муайян кардани мазмуни қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ ва ҳалли масъалаи амалисозии ҳуқуқҳои алоҳидаи молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкие, ки ба он дохил мешаванд;

– гузаронидани таҳлили асосии илмӣ ва амалии масъалаҳои қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ;

– баррасии хусусиятҳои амалисозии қобилияти ҳуқуқдории субъективии ноболиғон, шахсони ғайриқобили амал ва ё шахсоне, ки қобилияти амалашон маҳдуд эътироф карда шудааст;

– муайян кардани нақши падидаи васӣ ва парасторӣ дар механизми амалисозии қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони ғайриқобили амал ва ё шахсоне, ки қобилияти амалашон маҳдуд карда шудааст;

– асосноккунии назариявии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҶТ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсионӣ муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ иртибот доранд ва амалигардонии қобилияти ҳуқуқдории субъективии мадании чунин шахсон мебошанд.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ андешаҳои илмӣ оид ба масъалаҳои вазъи ҳуқуқи мадании шахсони воқеӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, мафҳум, мазмун ва мутаносибии унсурҳои қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ, асосҳо ва шаклҳои тағйирдиҳии он мебошад, ҳамзамон, хусусиятҳои амалигардонии қобилияти шахсони алоҳидаи воқеиро муайян месозад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти илмии мазкур марҳилаҳои тасдиқ, омоданамоӣ, тасвиб, амалинамоии натиҷаҳои ҳосилшуда ва муҳокимаи он дар ҷаласаҳои кафедра дорад. Макони таҳқиқоти зикршуда кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ буда, заминаҳои кадрӣ, моддӣ-техникӣ ва зеҳнии вуҷуд дошта, барои анҷоми диссертатсияи мазкур мусоидат намудаанд. Ҷиҳатҳои таърихии ин рисола дар давраҳои таҳқиқот инъикос меёбад, зеро ҳар як маҳсули зеҳнии инсон таърихи худро дорад. Дар оғози ин рисола масъалаҳои ташаккули консепсияи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ таҳлил шудаанд. Баъдан муаммоҳои қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи маданӣ ошкор шуда, хулосаҳои зарурӣ пешниҳод шудаанд. Давраи сеюми ин таҳқиқот аз донишҳои умумӣ ва мушаххасгардонии он дар нисбати падидаҳои алоҳида, ба монанди қобилияти ҳуқуқдории ноболиғон, ҳифзи манфиатҳои онҳо дар муносибатҳои иттилоотӣ ва ғайра иборат аст. Давраи анҷоми диссертатсияи мазкур фарогири солҳои 2020 – 2022 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон ва асарҳои олимони ватанию хориҷӣ, аз қабили С.С. Алексеев, М.М. Агарков, С.Н. Братус, Ю.Г. Басин, Я.Р. Веберс, О.С. Иоффе, Ш.М. Исмоилов, Д.И. Мейер, М.Н. Марченко, И.А.

Михайлова, М.А, Маҳмудзода, Э.С. Насриддинзода, В.А. Ойгензихт, В.А. Рясенсев, М.З. Раҳимзода, В.И. Синайский, М.К. Сулейменов, Е.А. Суханов, Д.Ш. Сангинзод, Ю.К. Толстой, Г.Ф. Шершеневич, Р.Ш. Шарофзода, В.Ф. Яковлев, С.С. Ятимов ва дигарон ташкил медиҳанд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсияи мазкур, инчунин асарҳои А. Августин (A. Augustin), А. Бернс (A. Barnes), Т. Боверс (T. Bovers), М. Мэтгер (M. Metsger), О. Масао (O. Масао) ва Б. Франклин (B. Franklin) мавриди истифода гардиданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии ин рисоларо усулҳои муколамавӣ, фаҳмиши ҷараёнҳо ва зуҳуроти иҷтимоӣ, расмию мантиқӣ, таърихӣ, усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳамзамон таҳлили низомноки илмҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд. Истифодаи методологияи ташкили таҳқиқоти илмӣ ва одоби илмӣ ба пайдо намудани донишҳои нав дар масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ мусоидат намуданд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии диссертатсияро маводҳои чопшудаи амалияи Суди Олии ҶТ ва дигар судҳо, амалияи маҳдудсозӣ ва вайроншавии қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ ва дигар манбаъҳои иттилоотию таҳлилӣ ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз он иборат аст, ки аввалин маротиба баъди қабули Кодекси мадании ҶТ[10] муаллиф таҳлили комплексии субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеиро гузаронидааст. Дар он, вобаста ба мавзуи илмӣ нуқтаҳои назари аз ҷиҳати илмӣ аҳаммиятдошта, як қатор пешниҳодҳои назариявӣ ва хулосаҳо ҷиҳати такмили қонунгузории ҶТ пешниҳод карда шудаанд, ки масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд:

– мафҳум ва аломатҳои қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ муайян карда шуд;

[10] Ниг.: Кодекси мадании ҶТ аз 24-уми декабри соли 2022, № 1918 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2022. – № 12. – Қисмҳои 1 – 2 (минбаъд – КМ ҶТ).

– вобаста ба унсурҳои умумӣ ва махсуси қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ таҳлилҳо гузаронида шуд;

– таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ, аз ҷумла мутлақ, маҳдуд, нопурра ва махсус гузаронида шуд;

– унсурҳои махсуси қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ пешниҳод карда шуд;

– таҳлили масъалаи қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони ғайриқобили амал ва ё қобилияти амалашон маҳдуд гузаронида шуд;

– табиати ҳуқуқии намояндаи қонунӣ муайян карда шуд, ки дар асоси он масъалаи ба таври қонунӣ мустаҳкам намудани ҷавобгарии субсидиарии намояндагони қонунӣ аз рӯйи додани ваколати бастани аҳдҳо ба шахсони зери парастории онҳо қарордошта, гузошта шуд;

– зарурияти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ дар қисмати муайян кардани асосҳо барои эмансипатсия, маҳдуд кардани қобилияти амалкунӣ, имконияти тайин кардани васӣ ва парастор дар шакли ихтиёрдории васиятнома асоснок карда шуд;

– таҳлили ҳуқуқӣ-муқоисавии институти васӣ, парастор ва патронаж гузаронида шуд;

– марҳилаҳои асосӣ ва махсусияти инкишоф ва мукаммалгардонии истилоҳи қобилияти ҳуқуқдории субъективии мадании шахсони воқеӣ дар қонунгузорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуқтаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо навгониҳои диссертатсияро ифода мекунанд:

1. Истилоҳи қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ дар худ падидаи алоҳидаи мустақилро таҷассум менамояд, ки истифодаи он барои тавсифи комплексии шахсони воқеӣ зарур мебошад, чунки дар ин истилоҳ метавонад фаҳмишҳои умумифалсафӣ нисбати инсон ҳамчун ягонагии биологӣ ва иҷтимоӣ инъикос ёбад.

2. Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеиро маҷмуи унсурҳои махсус ва умумии ба ҳам алоқаманд ташкил медиҳанд. Ба

сифати унсурҳои умумӣ ҳуқуқ ва қобилияти амалкунӣ бароммад мекунанд, ки онҳо асоси сифати заминавии тавсифи вазъи ҳуқуқии тамоми шахсони воқеиро ташкил медиҳанд. Аммо умқи масъала ва таҳлили ҳамаҷонибаи он нишон медиҳад, ки мундариҷаи он аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии ҳолатҳо гуногунанд, ба онҳо шаҳрвандӣ, таваллуд, ҳолати оилавӣ ва молумулкӣ, оқибати ҳуқуқвайронкунӣ, вазъи саломатӣ, ҷинс ва ғайра дохил мешаванд. Омилҳои номбаршудае, ки мавқеи ҳуқуқии мадании шахсро аниқ мекунанд, унсурҳои махсуси қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ мебошанд, чунки онҳо мазмун ва моҳияти амалисозии ҳуқуқҳои ба инсон (шахсони воқеӣ) тааллуқдоштаро муайян месозанд.

3. Унсурҳои махсусе, ки мундариҷаи қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданиро ташкил медиҳанд, ба биологӣ ва иҷтимоӣ ҷудо мешаванд. Унсурҳои биологӣ – ин сифат ва хусусиятҳое мебошанд, ки ба шахс ҳамчун организми биологӣ тааллуқ доранд, масалан ҳамчун аъзои оилаи одамон. Ба маънои иҷтимоӣ бошад, омилҳои сиёсӣ, меҳнатӣ, оилавӣ-ҳуқуқӣ ва молумулкиро дар назар доранд.

4. Бо ҳам мувофиқ омадани унсурҳои умумӣ ва махсуси қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ мумкин аст, аз мавқеи инъикоси истилоҳҳои фалсафӣ, муайян ва номуайян, статикӣ ва динамикӣ дар мазмуни он кушода шавад. Ба сифати истилоҳи номаълум (абстрактӣ) қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ характери оморӣ (статикӣ) мегирад ва мундариҷаи он аз ҳуқуқ ва қобилияти амалкунӣ холӣ мемонад (ғайриқобили амал ва ё қобилияти маҳдуди амал), аммо вақте ки нисбати шахси инфиродан муайян татбиқ карда шавад, мундариҷаи он метавонад дар натиҷаи таъсири унсурҳои махсус, ки муайянкунандаи хусусиятҳои хоси қобилияти ҳуқуқдории шахси мазкур мебошад, табдил ёбад. Ин маънои онро дорад, ки қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ дар таркиби худ омилҳои статикӣ ва динамикиро ҳамчун зуҳуроти абстрактӣ ва ё инфиродан муайян дорад.

5. Алоқамандии омилҳои иҷтимоӣ ва биологӣ дар моҳияти шахс, инъикоси худро дар воситаҳои фардикунонии шахси воқеӣ меёбад, ки ба он

аз як тараф омилҳои хусусияти иҷтимоидошта – ба монанди номи шаҳрванд ва маҳалли истиқомати он ва аз тарафи дигар омили биологӣ – яъне дастхати шахсӣ дохил мешаванд. Номи шаҳрвандро аз як тараф метавон ҳамчун яке аз унсури қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсият баҳо дод, аз дигар тараф бошад, ҳамчун ҳуқуқи субъективии маданӣ, ки дар худ як қатор ҳуқуқҳоро дар бар мегирад. Мазмуни он бо дар назар доштани хусусиятҳои миллӣ, таърихӣ, динӣ ва забонӣ, ки онҳо имкон медиҳанд бе ягон маҳдудияти қонунгузорӣ номи худро интихоб кунанд, муайян карда мешавад.

6. Дастхати шахсии шаҳрванд муайянкунандаи инфиродии шахсияти он дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мебошад. Қобилияти муайянкунии он хеле зиёд аст, назар ба дигар омилҳои муайянкунандаи шахсият, чунки масалан, ном метавонад ба доираи номаҳдуди шахсон тааллуқ дошта бошад ва ё тағйир ёбад, вале имзо ё дастхати ҳар як фард нотакрор аст ва то охири умр вай тағйир намеёбад ва он бо омилҳои биологӣ вобаста буда, хусусияти такроршавиро надорад ва қариб, ки онро сохтакорӣ карда намешавад.

7. Дар шароити муосири муомилоти маданӣ ҷиҳати фардикунонии шахс на танҳо истилоҳоти анъанавӣ, ба монанди «маҳалли истиқомат» зарур аст, балки инчунин омилҳои нав ба монанди «маҳалли амалигардонии фаъолият» низ бояд ба инобат гирифта шавад, чунки солҳои охир фаъолияти гуногуни соҳибкорӣ инкишоф ёфта истодаанд, ки бисёре аз шаҳрвандон дар ҷойи амалигардонии фаъолияти соҳибкорияшон зиндагӣ низ мекунанд. Фарқият миёни ин ду истилоҳ дар он аст, ки маҳалли истиқомат тибқи қонунгузорӣ муайян карда шудааст ва дар зери мафҳуми он ҷойе фаҳмида мешавад, ки шаҳрванд дар он доимӣ ва ё бештар аз он зиндагӣ мекунад. Ба ин дохил мешавад, масалан, маҳалли истиқомати шахс. Аммо ҷойи амалигардонии фаъолият нисбатан мафҳуми дигарро дар назар дорад. Дар навбати худ, зери мафҳуми маҳалли амалигардонии фаъолият бояд, ҷойе фаҳмида шавад, ки шахси воқеӣ дар он ҷо ин ё он фаъолиятро (соҳибкорӣ ва ё ғайрисоҳибкориро) анҷом медиҳад.

8. Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ ба шахс зарари маънавӣ низ мерасад. Барои вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ қонунгузории маданӣ ҷуброни зарар дар шакли ҷуброни пул ё мол ва ё дар шакли дигар муқаррар кардааст. Аммо нисбати ҷуброни зарари маънавие, ки ҳангоми расонидани зарари молумулкӣ ба шахс расидааст, ҷавобгарии мушаххас дар меъёрҳои КМ ҶТ муқаррар нашудааст, аз ин рӯ ҷавобгарӣ дар ин қисмат бояд таҷдиди назар карда шавад.

9. Миёни аҳдҳои беэътибор, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар кардааст, ба гурӯҳи махсус бояд ҷудо карда шаванд, он аҳдҳое, ки аз ҷониби шахсони ғайриқобили амал ва ноболиғони то синни 14 - сола баста шудаанд, чунки натиҷаи мусбати иқтисодӣ нисбати онҳо равона карда мешавад. Номуайяние, ки айни замон дар таснифоти ҳуқуқии ин намуди аҳдҳо вуҷуд дорад, дар қонунгузорӣ мумкин аст, бо роҳи муайян кардани онҳо ҳамчун хусусиятҳои хоси аҳдҳои беэътибор бартараф карда шаванд.

10. Институте, ки ба қонунгузорӣ мухолифат надорад ва бо роҳи он баамалбарорӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахсоне, ки муддати тулонӣ дар ҳолати беҳушӣ қарор доранд, амалӣ карда мешавад, ин институти амал кардан ба фоидаи шахси бегона бе супориш мебошад. Чунин ҳолат метавонад масъалаҳои муҳимми ҳам назариявӣ ва ҳам амалии ба қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ алоқамандбударо ҳал намояд, чунки дар чунин ҳолат ягон механизми дар қонунгузорӣ муқарраршудаи аз номи дигар шахс амалӣ намудани ҳуқуқҳо (аз қабили васӣ, парастор ва патронат) ғайриимкон мебошад.

11. Ба сифати яке аз масъалаҳои муҳимми назариявии истилоҳи қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ ҳамзамон номуайянии шахсе, ки фавтида эълон шудааст, вале зинда мебошад, маҳсуб меёбад. Дар ин ҳолат гуногунфаҳмии ҳуқуқ ба миён меояд: ҳамон як шахс дар як вақт зинда аст ва субъекти мустақили ҳуқуқ ба ҳисоб меравад ва дар як вақти дигар бо қарори суд фавтида эълон карда шудааст, ки нисбати он тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳо қатъ карда шудааст. Ин маънои таҷзияи моҳияти ҳуқуқии шахсиятро дорад,

ки чунин духурагиро танҳо бо роҳи пешбининамудаи қонун, яъне тибқи м. 285 КМГ ҶТ метавон бартараф кард ва шахсро аз ҳолати ҳуқуқии нестӣ ба ҳолати зинда қарор доштан гузаронид.

**Пешниҳодҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ:**

12. Яке аз масъалаҳои муҳим эътирофи фаъолияти соҳибкорӣ ба сифати мавзуи алоҳидаи танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад. Аксарияти меъёрҳои қонунгузории ин соҳа ба соҳибкорон, муқаррар намудани вазъи ҳуқуқи мадании онҳо ва танзими шартномаҳо ба иштироки онҳо бахшида шудаанд. Бинобар ин, дар қ. 3 м. 1 қисми якуми КГ ҶТ (аз 30 июни соли 1999, № 802) қайд гардида буд: «Қонунҳои гражданӣ муносибатҳои байни шахсони фаъолияти соҳибкориро ба амал бароварда ё иштироки онҳоро танзим менамоянд». Ин ҷумлаи асоснок ба баъзе нофаҳмиҳо посух медод. Масалан, дар хусуси зарурати таҳия ва қабули Кодекси соҳибкорӣ дар ҶТ. Ҳоло ин меъёри калидӣ дар КМ ҶТ (м. 2.) нест.

Бинобар ин, барои бартараф намудани чунин ҳолати номатлуб пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 2 КМ ҶТ қ. 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад: «6. Қонунгузории маданӣ муносибатҳои байни шахсони фаъолияти соҳибкориро ба амал бароварда ё иштироки онҳоро танзим менамоянд».

13. Қисми 2 ба м. 19 КМ ҶТ дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«Шаҳрвандон уҳдадоранд аз ҳаракатҳое, ки ҳуқуқу манфиатҳои шахсони дигарро поймол мекунад, худдорӣ намоянд, уҳдадориҳои ба зимма гирифтаашонро ба таври дахлдор иҷро намоянд, зараре, ки дар натиҷаи иҷро накардан ва ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадорӣ расонидааст, ҷуброн намоянд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун зараре, ки ба ҳаёт ва саломатӣ ва ё молумулки шахси ҳуқуқӣ расонидааст, ҷуброн намояд, иҷрои дигар уҳдадориҳое, ки аз қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё шартнома бармеоянд, таъмин намоянд».

14. Қисми 3 дар м. 21 КМ ҶТ дар таҳрири зайл илова карда шавад:

- «3. Маҳалли баамалбарории фаъолияти шаҳрванд макone эътироф карда мешавад, ки ба таври низомнок ва ё доимӣ фаъолияти истеҳсолӣ,

соҳибкорӣ, илмию таҳқиқотӣ, фаъолияти эҷодӣ ва дигар фаъолияти бо қонун манъ накардаи шахс дар он ҷо амалӣ карда мешавад».

15. Қисмҳои 3 – 4 м. 27 КМ ҶТ дар таҳрири зайл илова карда шаванд:

- «3. Ноболиғони аз синни 14 то 18 - сола аз рӯйи аҳдҳое, ки тибқи қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда бастаанд, ҷавобгарии молу мулкӣ доранд. Дар сурати аз тарафи ноболиғи аз синни 14 то 18 - сола надоштани моликият ва ё дигар даромад барои ҷуброни зараре, ки аз бастани аҳдҳои бо розигии хаттии намояндагони қонунӣ – волидайнашон басташуда бармеоянд, кифоя набошад, он гоҳ падару модар уҳдадоранд ин зарарро пурра ва ё дар ҳаҷми қисмати пардохтнашуда, пардохт намоянд;

4. Агар ноболиғи аз синни 14 то 18 - сола музди меҳнат, стипендия ва дигар даромади худро барои харидорӣ намудани нӯшокиҳои спиртӣ, маводҳои нашъадор ва ё дар бозиҳои шавқовар сарф намояд, суд метавонад бо даъвои падару модар, фарзандхондагон, васиён ва парасторон ҳуқуқи ноболиғро ҷиҳати мустақилона ихтиёрдорӣ кардани ин даромадҳо маҳдуд кунад ва ё тамоман маҳрум созад».

16. Қисми 7 дар м. 166 КМ ҶТ дар таҳрири зайл илова карда шавад:

«7. Шахси воқеӣ ҳуқуқи дахлнопазирӣ ба тасвири худ дар тамоми шаклҳо дорад (сурат, сабти видеоӣ ва ғайра). Паҳн намудан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардани тасвири шаҳрванд танҳо бо розигии шахси дар тасвир буда, иҷозат дода мешавад. Баъди марги ӯ бошад бо розигии фарзандон ва ҳамсари зиндамондаи ӯ сурат мегирад. Розигии шаҳрванд дар ҳолате гирифта намешавад, ки агар паҳн намудан, истифодабарӣ ва ихтиёрдории тасвири ӯ ба хотири манфиатҳои давлат ва ё ҷамъият амалӣ карда шаванд».

17. Тибқи м. 1350 КМ ҶТ ҳар се қисми КГ ҶТ аз эътибор соқит дониста шуд. Дар м. 1351 кодекси нав муқаррар карда шуд, ки «Ҳамин Кодекс аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шавад». Саволе пайдо мешавад, ки аз рӯзи (24-уми декабри соли 2022) беэътибор пазируфтани кодекси пешина, то 1-уми июли соли 2023 (рӯзи амали КМ ҶТ) иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва мақомотҳои ҳуқуқтатбиққунанда дар асоси кадом

сарчашмаҳои танзими соҳавӣ амал мекунанд? Дар ин муддат холигии танзимӣ ба вуҷуд меояд, ки барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат хавфнок мебошад. Бинобар ин, барои бартараф намудани ин камбудии ошкоршуда, ҷумлаи охирони м. 1350 КМ ҶТ, баъди вергул, чунин илова карда шавад: «аз 30 июни соли 2023 аз эътибор соқит карда шаванд».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки донишҳои бавуҷудомада имкон медиҳанд, ки як қатор масъалаҳои назариявии татбиқи истилоҳи қобилияти ҳуқуқдории субъективии мадании шахсони воқеӣ пайдошуда ҳалли худро пайдо кунанд. Сохтори таркибии он чунин қобилият муайян карда шуд, ки метавонад дар оянда ҳангоми амалигардонии ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ва ҳамзамон ба иҷрои шахсии уҳдадорӣ, ҳам тавассути васӣ ва ё парастор мусоидат кунад. Хулосаҳои назариявӣ ва пешниҳодҳо метавонад дар ҷараёни мукаммалгардонии қонунгузории амалкунандаи маданӣ ба инобат гирифта шаванд.

Хулосаҳову тавсияҳе, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, ҷиҳати мукаммал гардонидани таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ мусоидат намуда, роҳҳои ягонаи ҳалли масъалаҳоро, ки бо татбиқи институти қобилияти ҳуқуқдории субъективии мадании шахсони воқеӣ алоқаманд аст, муайян месозад. Пешниҳодҳои асосии дар диссертатсия овардашуда метавонад дар раванди таълим, тарбия ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии минбаъда, истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар воқеӣ будани дониши ҳосилшуда, мантиқӣ будани он, дар робитаи он бо асарҳои муҳаққиқони насли гузашта, одоби илмии ҷойдошта ва инъикоси объективонаи масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ, таҳлили сарчашмаҳои илмию амалии соҳавӣ, татбиқи амалии натиҷаҳои он, инчунин мутобиқати диссертатсия ба талаботҳои муқарраршуда, ифода мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мазмун ва натиҷаҳои илмии ҳосилшуда пурра ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи

байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқат доранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Довталаб ба масъалаҳои мураккаби субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ мустақилона ибрози назар намуда, консепсияи худро ба хонанда пешниҳод намудааст. Дар диссертатсия моҳияти қобилияти ҳуқуқдорӣ, мазмуни он, маҳалли истиқомати шахси воқеӣ, қобилияти амалкунии ин шахс ва дигар масъалаҳои ба он алоқаманд мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ гардидааст. Дар ин асос амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ва амалияи таълимии масъалаҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ таҳлил шудааст, ки барои фаъолияти илмӣ-омӯзгорӣ ва баланд бардоштани сифати он муҳим мебошад. Оид ба масъалаҳои дар боло зикршуда дар чандин чорабиниҳои илмию амалии сатҳи гуногун баромад намуда, ҳангоми дар вазифаи мудири раёсати ҳуқуқ будан дар Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии ҶТ оид ба лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ хулосаҳои ҳуқуқӣ пешниҳод намудааст. Муаллифи асарҳои зиёди илмию таълимӣ оид ба мавзуи интихобкардааш мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ иҷро шуда, якчанд маротиба дар ҷаласаҳои он муҳокима шуда, баъдан ба ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 018 назди ДМТ тавсия шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои ҳамасолаи апрелии кафедра (солҳои 2015 – 2022), инчунин дар конференсияҳои зерин ироа шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Инкишофи падидаи конститутсионализм дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи: «Ҳимояи ҳуқуқи конститутсионии ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. – Душанбе, 2014;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ ва

ҳунарҳои мардумӣ» ва 70 - солагии ДМТ, – маъруза дар мавзуи: «Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи гражданӣ будани ноболиғон дар фаъолияти соҳибкорӣ: таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2018;

– Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70 – солагии қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон дар мавзуи: «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи: «Баъзе масъалаҳои субъекти ҳуқуқ будани кӯдак дар фаъолияти иттилоотӣ». – Душанбе, 2019;

– Конференсияи  байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» – маъруза дар мавзуи “Нақши инсон дар танзими ҳуқуқи гражданӣ». – Душанбе, 2022.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. – маъруза дар мавзуи «Масъалаҳои имплементатсияи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои кӯдак». – Душанбе, 2012;

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи: «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» – маъруза дар мавзуи: «Иҷлосияи таърихии XVI – заминаи асосии таҳкими давлатдории навини тоҷикон». – Душанбе, 2017.

Унвонҷӯ барои гузоштани саҳми арзанда дар рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ соли 2022 соҳиби Ҷоизаи давлатӣ ба номи Исмоили Сомонӣ дар байни олимони ҷавон гардид.

Пешниҳодҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси Олии ҶТ истифода бурда шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Унвонҷӯй муаллифи асарҳои зиёди илмӣ ва таълимӣ мебошад, ки дар онҳо маҳсули фаъолияти эҷодии ӯ дар масоили субъекти ҳуқуқи маданӣ будани шахсони воқеӣ интишор шудаанд. Масалан, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ 20 мақола ба чоп расида, оид ба масъалаҳои баёнгардида 2 монография интишор гардид, ки яке 9, 75 ҷ.ч. ва дигараш 13, 5 ҷ.ч. мебошанд. Ҳамчунин муаллифи 1 китоби дарсӣ, 9 воситаи

таълимӣ ва 18 мақолаҳои илмие мебошад, ки дар дигар интишорот ба табъ расида, масъалаҳои таҳлилшуда ба мавзуи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Ҳамин тавр, ҳаҷми умумии интишороти унвонҷӯй зиёда аз 100 ҷузъи чопӣ мебошад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро** мавзуъ ва объектҳои таҳқиқоти мазкур, мақсаду вазифаҳои гузошташуда муайян мекунанд. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, 4 боб, 11 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 340 саҳифа мебошад.

# БОБИ 1. МОҲИЯТИ ҚОБИЛИЯТИ ҲУҚУҚДОРӢ ВА АМАЛКУНИИ СУБЪЕКТИВИИ МАДАНИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

## 1. 1. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии субъективии мадании шахсони воқеӣ

Таърихи ташаккул ва рушди назарияи қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсони воқеӣ аз меъёрҳо оид ба мавқеи шахс дар ҳуқуқи хусусии римӣ сарчашма мегирад. Такомули олӣ, дақиқ ва умқи ин муқаррарот мазмуни онҳоро дар тамаддуни инсонӣ муайян намуданд ва бо гузашти солҳои зиёд, масъалаҳои вобаста ба қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ, дар низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ, амалан дар ҳамон шакле, ки аз ҷониби ҳуқуқшиносони Рими қадим тасвият шуда буданд, танзим мегарданд.

Ҳамаи таълимоти ҳуқуқи хусусии римӣ аз аҳаммияти калон бархӯрдоранд, вале, ҷойи аввалро низоми пешниҳодҳо ва муқаррароте ташкил медиҳанд, ки вазъи ҳуқуқии мадании шахсро (persona) муайян мекунанд.

Бо дарназардошти он ки ин фасли ҳуқуқи римӣ дар пажӯҳишҳои сершумори донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ тавсифи умумии худро ёфтааст, ба ғайр аз мурочиат ба пажӯҳишҳои баргузоргардида бояд ба амиқ ва ҳамаҷониба омӯхтани нуктаҳо, қоидаҳо ва таърифот, инчунин ба муҳимтарин хулосабарориҳои олимон таваҷҷуҳ карда шавад.

Дар ҳуқуқи хусусии римӣ нахустин маротиба дар таърихи таълимоти ҳуқуқӣ, амалан тамоми нуктаҳои муайянкунандаи ҳолати ҳуқуқии мадании шахсият, тасвият ва инкишоф дода шуд. Маҷмуи ин муқаррарот таҳкурсии консепсияи қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсони воқеиро ташкил дод, ки аз ҷониби низомҳои минбаъдаи ҳуқуқӣ қабул ва инкишоф дода шудааст. «Ҳуқуқи ба шахс мансуб буда» фасли хеле пешрафтаи қонунгузориро ташкил медод, ки ба пажӯҳишҳои амиқ ва ҳаматарафаи ҳуқуқшиносони римӣ такя намуда, имрӯз ҳамин муқарраротӣ муайянкунандаи қобилияти амалкунии маданӣ, лаҳзаҳои пайдоиш ва қатъ гардидани он, ҳаҷм ва муҳтавои қобилияти амалкунии гурӯҳҳои гуногуни

аҳолӣ, тартиби иштироки онҳо дар муомилоти маданӣ, асосҳо ва пайомадҳои маҳдудсозии қобилияти пурраи амал, қоидаҳои мевосқабулкунӣ ва ғайра васеъ истифода мешаванд.

Бешубҳа, қоидаҳо оид ба васоят ва парасторӣ, инчунин вазъи ҳуқуқии ҷанини дар батни модар буда, кӯдаки ҳанӯз таваллуднашуда ва кӯдакони баъди марги падари худ таваллудшуда, дар низоми ҳуқуқии римӣ инъикоси комилу амиқи худро ёфтаанд.

Дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи ҷомеаи римӣ барои ҳаммонандкунии иҷтимоӣ ва ҳуқуқии мадании шахс на танҳо мансубияти табақотӣ аҳаммият дошт, балки як силсила омилҳои дигаре, ки тафовут дар ҳаҷм ва мазмуни ҳуқуқҳои субъективии намояндагони табақаҳои гуногуни шаҳрвандони Римро муайян мекарданд, муҳим арзёбӣ мешуд[11]. Хислати хоси ҳуқуқи статусии Рими қадим мазмуни ҳуқуқии тафриқавидоштаи шаҳрвандон аз нигоҳи мавқеи ахлоқию маънавии ҳукмрон дар ҷомеа мебошад. Робитаи фавқулода наздики ҳолатҳои муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии мадании шахс, бо меъёрҳои ахлоқ ва одоб ҳамаи сохту сози ҳуқуқи мадании қобилияти ҳуқуқдории ҳуқуқи римиро дар бар гирифта, пеш аз ҳама, дар муқаррарот оид ба infamia (бешарафӣ) ва пайомадҳои он инъикос меёбад. Эҳтироми барзиёд қоил будан ба шараф ва эътибори узви комилҳуқуқи ҷомеаи римӣ дар муқаррар кардани ҳукми қатл барои «ранҷонидан» – бо овози баланд хондани шеъре, ки шаҳрвандро беобрӯ мекунад, инчунин мустаҳкамнамоии ҳуқуқи зани бамуоинаи маҷбурӣ гирифторшуда, вобаста ба масъалаи ошкорсозии ҳомиладорӣ, пешниҳоди даъво оид ба таҳқири шаъну шараф ва қадру қимати ӯ инъикос ёфтааст[12].

Пазируфтани ҳуқуқи римӣ ҳалқаи пайвандгари инкишофи ҳуқуқи Рими қадим бо давраҳои минбаъдаи таърихӣ – Асри миёна ва Замони нав гардид. Он аз як қатор омилҳои вобаста ба падидаи бесобиқаи ҳаёти ҷамъиятиро пешниҳодкунанда иборат буд, ки ҳам дар асарҳои илмии тоинқилобӣ ва ҳам дар таҳқиқоти олимони

---

[11] Ниг.: Маҳмудов М.А, Менглиев Ш.М. Ҳуқуқи хусусии римӣ: воситаи таълимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 29.
[12] Ниг.: Михайлова И.А. Введение в римское частное право: учебное пособие. – Рязань, 2003. – С. 21; Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань , 2004. – С. 5-36.

муосир батакрор омӯхта шуда ва ҳаматарафа таҳлил гардидааст.[13] Ҳуқуқи хусусии римӣ дар ташаккули низоми қонунгузории Аврупои асримиёнагӣ накши муҳим дорад. Раванди таърихии пазириши муқаррароти алоҳидаи ҳуқуқи римӣ дар низоми қонунгузории давлатҳои Аврупо муддати тӯлонӣ идома дошт, зимнан дар маркази диққати қонунгузорӣ ҳамон таърифҳо, истилоҳҳо ва падидаҳо бетағйир монданд, ки онҳо ченакҳои муҳимми ҳолати ҳуқуқии мадании шахсро муайян мекарданд ва бисёре аз онҳо ба фаслҳои дахлдори низомҳои нави қонунгузорӣ ҳамчун қисми ҷудонашаванда дохил гардиданд.

Аммо бо дарназардошти пеш аз пазириши ҳуқуқи римӣ, асосҳои кофии тасдиққунандае нест, ки назарияи ҳуқуқи қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ қатъиян дар Асри миёна ва Замони нав ташаккул ёфтааст, ҳарчанд кӯшишҳои зиёди муайянсозии вазъи ҳуқуқии мадании шахсро, ки дар ин давра иқдом карда шуданд, набояд инкор кард. Таҳлили ин иқдомоти ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки як силсила тамоюлоти умумӣ дар инкишофи қонунгузории хориҷӣ ҷудо карда шавад. Баъзе аз ин тамоюлот бо дараҷаи хеле паст ва ибтидоии инкишофи техникаи ҳуқуқӣ вобастагӣ дошта, авлавиятҳои дигари таҳти таъсири муқаррароти сохтори ҷамъиятӣ-сиёсии дар он давра ташаккулёфта, бо тафриқаи ҷиддии табақотии ҳамаи шахсони воқеӣ, тавре ки пештар қайд гардида буд, ба ҳуқуқи римӣ низ хос буд.

Дар баъзе ҳолатҳо қонунгузор, ҳилаомезона, бевосита ба набудани зарурати танзими дақиқи ҳолати ҳуқуқии шаҳрванд ишора мекунад, «зеро ончунон гуногуншакл аст, ки ҳеҷ кас ҳама чизро дар бораи он гуфта наметавонад»[14]. Дар натиҷаи чунин муносибат, аксаран оид ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ метавон аз рӯйи дар қонун мустаҳкам гардидани механизми ҳимояи ҳуқуқҳои мадании онҳо ё вобаста ба чораҳои масъулияти таъйингардида, қазоват намуд.

Барои давраи Асри миёна тақсими шахсони воқеӣ ба шахсони озод, вобаста ва крепостноӣ анъана буд, зимнан ҳар яке аз ин гурӯҳҳо, чун қоида, якчанд гурӯҳҳои иҷтимоиро муттаҳид мекарданд. Ҳамин тариқ, мутобиқи санади Тӯмори Саксонӣ (асри ХШ), шахсони озод ба «ҷанобони озод» ва «табақаи озоди

[13] Ниг.: Косарев А.М. Римское право. – М., 1986. – С. 113.
[14] Косарев А.М. Ҳамон ҷо.

шеффенӣ» ҷудо мегардиданд; шахсони вобаста бошанд, ба нимаозод, иҷорадиҳанда, литҳо, муздурҳо ва министериалҳо (одамони хизматгор) (Кутюма Бовези соли 1283) тақсим мешуданд. Ҳамчунин вазъи нобаробарӣ гурӯҳҳои зикргардидаи аҳолӣ таъкид мегардад, ба фарқияти ҷиддӣ дар шароити вобастагии крепостноӣ диққати махсус дода мешавад. Бо вуҷуди ин, дар он ҷое ки талаботи муомилоти мадании инкишофёбанда, иштироки фаъоли шахсони озоди унвонҳои гуногундоштаро талаб мекард, ба қадри кофӣ барвақттар масъала оид ба манъи фурӯши крепостнойҳо ва фароҳамоварии шароит барои харида гирифтани онҳо матраҳ гардида буд.

Маҳдудиятҳои муайяни қобилияти ҳуқуқдорӣ, инчунин нисбат ба баъзе гурӯҳҳои аҳолии озод муқаррар гардида буд. Ба шумори онҳо маъмулан занҳое нисбат дода мешуданд, ки чун қоида, дар сурати надоштани фарзандони писар, метавонистанд меросгиранда бошанд, ки дар баъзе ҳолатҳо бо зарурати уҳдадории хизмати ҳарбӣ барои қитъаи замини пешниҳодгардида, тавзеҳ мешуд[15]. Дар ин ҳол, манъи қатъии меросгирии занҳо, ба ҳар сурат, хеле камтар дучор мешуд[16]. Дар ҳуқуқи меросгирӣ ҳамчунин хунасоҳо (гермафродитҳо), пақанаҳо ва махавҳо маҳдуд карда мешуданд. Бештар ин шумораи асосҳо барои маҳрум кардани ҳуқуқи меросбариро Синтагмаи алифбоии Матфеи Властар соли 1335 пешбинӣ мекард (боби 12) [17]. Дар баъзе кишварҳо барои шаҳрвандони аз ҷиҳати саломатии ҷисмонӣ ”комил” ва озодии шахсии шаҳрвандон–деҳқонон, тоҷирон, беникоҳ таваллудшудаҳо (бастардҳо), инчунин мулҳидон ҳуқуқи мерос эътироф намегардид.

Аксаран, маҳдудияти қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсони воқеӣ бо реҷаи махсуси ҳуқуқии молумулки ба ӯ тааллуқдошта, алоқаманд буд. Чунончи, мутобиқи Тӯмори Саксонсӣ моликият ба замин мумкин аст ба ихтиёри каси дигар гузошта шавад, танҳо бо розигии меросбарони билқувваи соҳибмулк ва танҳо дар ҳолати мавҷуд будани иҷозати судя, ки он дар ҳолатҳое талаб карда намешуд, ки агар ба мусодиракунанда қитъаи замини начандон калон тааллуқ медошт. Дар

[15] Ниг.: Семь партид мудрого короля дона Альфонса 1256-1265 гг. Шестая партида. Титул VI. О феодах. Закон VI // Антология мировой правовой мысли-TI. – С. 496.
[16] Ниг.: Канун Лека Дукагъини (XV в.). Кн. 3. Гл. 8. Ст. 36. § 91. – С. 651.
[17] Ниг.: Антология мировой правовой мысли . – М., 1999-Т. II. – С. 296; Канун Лека Дукагъини (XV в.). Кн. 3. Гл. 8. Ст. 36. § 89 // Хрестоматия памятников феодального государства и права стран Европы. – М., Госюриздат, 1961. – С. 651.

баъзе ҳолатҳо ба хешовандони соҳибмулки молумулки ғайриманқул ҳуқуқи афзалиятноки хариди он пешниҳод карда мешуд.

Ҳамин тариқ, мавқеи қонунгузор вобаста ба масъалаи мазкур, аввалан, ба қадри кофӣ норавшан ва сониян носаҳеҳ ифода гардидааст. Дар баъзе ҳолатҳо оид ба синну сол, ки бо расидан ба он, бо ба даст овардани қобилияти пурраи амал алоқаманд карда мешуд, метавон танҳо ғайримустақим қазоват кард. Аз санад оид ба ҷазодиҳии оворагардон ва расонидани ёрӣ ба фақирон соли 1572 бармеояд, ки қобилияти пурраи амал бо расидани шахс ба синни 14 алоқаманд карда мешуд, дар сурате ки барои машғул шудан ба гадоӣ мумкин буд, ба маҳкама ҷалб карда шавад. Дар қонунгузории бисёре аз давлатҳои асримиёнагӣ ҳамчунин асосҳои гуногуни маҳдудкунии қобилияти пурраи амали шахсони воқеӣ муқаррар карда мешуданд. Чунончи, дар Лаҳистон на мард ва на зан «ҳангоми дар ҳолати беморӣ қарор доштан», молумулки худро, ки арзиши он зиёда аз 3 шиллинг буд, бе розигии меросхӯрони ояндаи худ, зан бошад бе розигии шавҳари худ наметавонистанд бегона кунанд[18]. Статути князи бузурги Литовск соли 1529 ҳуқуқи соҳибмулкро оид ба ихтиёрдории амлоки ба ӯ тааллуқдоштаро маҳдуд мекард: «фурӯши абадӣ» танҳо нисбат ба сеяки амлок иҷозат дода мешуд, молу мулки боқимонда мумкин буд ва танҳо бо шарти «эҳтиёҷи фавқулода ба пул» ба гарав монда шавад (м. 16) [19].

Баъзан танзими қонунии масъалаҳои соҳибмулкии молу мулки мушаххаси ба гурӯҳҳои гуногуни шахсони воқеӣ таалуқдоштаро низ дар бар мегирифт. Аз ҷумла, қонунҳои Нюрнберг оид ба ҳашамат (асрҳои XIV-XV) дар зери таҳдиди ҷарима ба бюргерҳо пӯшидани сюртуки чокдорро манъ мекард, барои бюргерхонумҳо бошад, доштани зиёда аз ду либоси мӯина ва пӯстин аз пӯсти қоқум мамнуъ буд[20].

Тағйиротҳои бунёдӣ дар вазъи ҳуқуқии мадании шахс дар давраи дигари таърихӣ ба миён омад, онҳоро инқилобҳои буржуазӣ бо худ овარданд, ки дар ҳама ҷо зери шиори бекор кардани тартиботи феодалӣ роҳандозӣ мешуданд, пеш аз ҳама

[18] Ниг.: Право, посланное шеффенами Магдебурга городу Герлицу в1304 – Ст . 24 //Антология мировой правовой мысли. – Т. II. – С. 395.
[19] Ниг.: Статут Великого княжества Литовского 1529 г. – М., 1960. – С. 25.
[20] Ниг.: Антология мировой правовой мысли. – Т. II. – С. 353-354.

низоми ба онҳо хоси муносибатҳои сенориалӣ ва вобастагии крепостноӣ буданд. Ин маҳдудиятҳо аввалан дар Англия бекор карда шуданд, ки дар он ҷо ҳамаи «доштани дасти аввал бо ҳуқуқи хадамоти ритсарӣ, баробар ба дигар шахсон, инчунин доштане, ки бевосита аз подшоҳ ба даст оварда шудааст», мулкҳои озод маъмулӣ эълон гардида буд. Ҷараёнҳои мазкур ба таври ба худ хос дар Фаронса гузаштанд, ки дар он ҷо Маҷлиси миллӣ бекор карда шудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои феодалиро, ки ба ҳуқуқи крепостноӣ, бидуни ягон намуди мукофоти ба собиқ ҷанобон пардохтшаванда, эълон кард.

Чуноне И.А. Михайлова қайд мекунад, давраи аввал бечунучаро иҷро мегардиданд, вале мумкин буд дар асоси созиши тарафҳо ҳамаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои феодалӣ, ки пардохт барои гузашти аввали молу мулки ғайриманқул буд ва шарти онро ташкил медоданд, харидан имконпазир буд, аммо баъдтар онҳо низ бидуни мукофот бекор карда шуданд. Дар ин давраи таърихӣ мазмуни нав ва муҳимро пазириши ҳуқуқи римӣ пайдо мекунад: дар муқаррароти классикии он буржуазияи навзод олоти тайёрро барои танзими муомилоти ҳуқуқии маданӣ ва мустаҳкамсозии муносибатҳои молумулкии аз маҳдудиятҳои феодалӣ озод пайдо кард, аз ин рӯ, барои пазириши он унсурҳои буржуазии аҳолии озоди шаҳрҳои Аврупо баромад мекарданд[21].

Лозим ба ёдоварист, ки заминаи назариявӣ барои чунин тағйироти бунёдиро дар қонунгузорӣ оид ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ давраи маорифпарварӣ тайёр кард, ки бо номи файласуфони бузурге ба монанди Монтескйе, Руссо, Гоббс, Локк ва дигарон алоқаманд аст, ҳарчанд ғояҳои аз ҷониби онҳо дастгиришаванда оид ба озодӣ ва баробарӣ пештар ҳам иброз гардида буданд. Новобаста ба ин, маҳз асарҳои олимони қомусшинос аз ҳар лиҳоз бештар самтҳои асосии инкишофи ақидаҳои ҳуқуқиро, аз ҷумла дар қисми муайянсозии вазъи ҳуқуқии мадании шахс, тақрибан дар ҳамаи давлатҳои Аврупо муайян карданд.

Т. Гоббс қайд мекард, ки «Одамон табиатан баробаранд» ва ҳолати табиии онҳо бошад, ин «ҳолати озодии пурра нисбат ба амалҳои онҳо ва нисбат ба ихтиёрдории молумулки худ ва шахсият» илова мекард Ҷ. Локк. Дар баробари ин,

---

[21] Ниг.: Косарев А.И. Римское право. – М., 1986. – С. 114; Михайлова И.А. Гражданская правосубъектность физических лиц: проблемы законодательства, теории и практики: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2007. – С.37.

ӯ қайд мекард, ки озодӣ дар асоси қонун зиндагӣ кардан, ки барои ҳама дар ин ҷомеа муштарак аст, иборат мебошад, И. Кант бошад, озодӣ ва баробариро ба сифати усули априорӣ, онро ҳамчун мустақилияти иборат аз «дигарон наметавонанд касеро ба бисёртар, назар ба оне ки ӯ аз тарафи худ метавонад онҳоро уҳдадор кунад, медид; хислати инсон ҷанобӣ худ будан аст» мефаҳмид ӯ[22].

Нобаробарии ҷисмонӣ, маънавӣ ва молумулкии байни одамонро эътироф карда, И. Кант бамаротиб қайд мекунад, ки онҳо «дар муносибати ҳуқуқӣ бо якдигар комилан баробар мебошанд»[23]. Ғояи мазкур, тадриҷан асоси фалсафии инкишофи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқи шахс мегардад. Ҳамин тавр, Г.Ф. Пухта қайд мекард, ки «вобаста ба озодии худ инсон-субъекти ҳуқуқ аст. Озодии ӯ таҳкурсии ҳуқуқ аст, ҳамаи муносибатҳо аз он бармеоянд»[24].

Ба туфайли коркарди назариявии фаъолона, возеҳ ва мақсадноки ҳамаи масъалаҳои вобаста ба қобилияти ҳуқуқдории шахс, ба қонунгузорӣ мунтазам ғояи мустаҳкамнамоии баробарии расмии ҳамаи шахсон дар назди қонун ва суд ворид мегардад. Бо мурури замон, ғояи мазкур муқаррароти қонунии худро дар давлатҳои гуногуни Аврупо пайдо кард, ки дар навбати худ, шарти заруриро барои баробарсозии қонунии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ба вуҷуд овард. Дар Фаронса, масалан, дар мавриди ҳалли масъалаи оид ба тартиб ва пайомадҳои тақсими заминҳои ҷамоавӣ бо пешниҳоди ҳуқуқи моликият ба соҳибмулк ғояи баробарии ҳуқуқии шаҳрвандон: бидуни тафовути ҷинс ва синну сол, инчунин вазъи иҷтимоии шахсони воқеӣ тақрибан пурра амалӣ гардида буд.

Ақида оид ба баробарии ҳамаи иштирокчиёни муомилоти маданӣ дар дигар санади меъёрии – Статути князи бузурги Литовск боз дақиқтар ифода ёфта буд: «Ҳамаи табақаи мо, хоҳ фақир ва хоҳ сарватманд, мансуб ба кадом табақа ва мақоме, ки набошанд, баробар ва яксон бояд аз рӯйи ин қонунҳо суд карда шаванд» (м. 9). Дар баробари ин, лозим ба ёдоварист, ки ғояи баробарии расмии

[22] Ниг.: Кант И. Метафизика нравов // Соч.: В 8 т. – М., 1994. – Т. 8. – С. 27.
[23] Ҳамон ҷо. – С. 28.
[24] Ниг.: Пухта Г.Ф. Энциклопедия права // Антология мировой правовой мысли. – Ярославль: тип. Г. Фальк, 1872. – С. 27.

ҳамаи шаҳрвандон аз ҷониби худи идеологҳои он таҳрифшуда буд[25]. Аз ҷумла, Ш. Монтескйе пайгирона ақидаи вазъи ҳуқуқии пасти занонро талқин мекард, ки «онҳоро аз рӯйи ақлу хирад ва табиат набояд дар роҳбарии хонавода қарор дод», инчунин шахсони беникоҳ таваллудшуда, ки ба андешаи ӯ, дар ҳама ҷо: «дар ҷумҳуриҳо, зиёдтар назар ба монархияҳо» мавриди танаффур қарор доранд. Ш. Монтескйе ҳамчунин оид ба ҳуқуқҳои махсуси падарон, ки онҳоро «ба онҳо табиат додааст», оид ба "бехирадии фарзандон, ҷоҳилон бинобар сабаби ҷавониашон ва осон ба васваса афтодани онҳо» қайд мекард[26].

Ҳамаи ин нуктаҳо, бо ин ё он андоза аз ҷониби қонунгузор қабул гардиданд, ки равиши тафриқашавандаро нисбат ба муайян кардани ҳаҷми ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъективии гурӯҳҳои алоҳидаи шахсони воқеӣ нишон дод. Пеш аз ҳама, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ барои занон ва кӯдакони беникоҳ таваллудшуда муқаррар гардид: ҳамин тавр, тибқи Кодекси Наполеон – КМФ соли 1804, ки он ба андешаи мақбули ҳамагон падидаи дурахшони пазириши Аврупоии ҳуқуқи римиро зоҳир мекунад, ҳатто фарзандони беникоҳ таваллудшудаи аз ҷониби падар эътирофгардида, наметавонистанд ҳуқуқи ба фарзандони қонунӣ тааллуқдоштаро талаб намоянд (м. 338), МГО бар замми ин амалисозии қонунии намояндагии ҳуқуқҳои мадании фарзанди беникоҳ таваллудшударо аз ҷониби модараш манъ кард. Маҳдудиятҳои муҳим дар соҳаи амволӣ барои занҳо муқаррар гардида буд, зимнан дар бисёр ҳолат ин маҳдудиятҳо ба занҳои оиладор дахл дошт, ки молумулки онҳо ба идоракунӣ ва истифодабарии шавҳар вогузор гардида буд, дар натиҷаи ихтиёрдории ин молу мулк, ҳамзамон ба дастоварии молумулки нав бо подош ва беподош барои занҳо танҳо бо иҷозати ҳамсар имконпазир буд.

Эътиборнокии шартномаи бо ихтиёрдории амвол алоқаманд бидуни гирифтани чунин розигӣ, аз тасвиби минбаъдаи муомилаи аз ҷониби зан басташуда аз иродаи шавҳар вобаста буд. Бидуни ризоияти шавҳар зан ҳуқуқ надошт, ки ба тиҷорат машғул шавад, аммо дар сурати будани чунин ризоият ӯ метавонист ӯҳдадориҳоро аз рӯйи муомилоти тиҷоратӣ ба зимма гирад ва аз рӯйи онҳо ҷавобгарии молу мулкиро бо молу мулки шахсиаш ба зимма дошта бошад,

---

[25] Ниг.: Статут Великого княжества Литовского 1529 г. – М., 1960. – С. 23.
[26] Ниг.: Монтескье Ш. О духе законов // Избранное произведение. – М., 1955. – С. 253.

ҳарчанд дар шакли умумӣ будани молу мулки ҳамсарон иҷрои уҳдадорӣ аз рӯйи ин созишҳо мумкин буд ба зиммаи шавҳар низ вогузор карда шавад.

Дар давраи баррасишаванда масъалаи қобилияти пурраи амали шахсони воқеӣ дақиқтар ҳал карда мешуд, ҳарчанд роҳи ягона барои ҳалли он пешниҳод нагардида буд. Қобилияти комили амали пуррадошта, чун қоида, шахсоне дониста мешуданд, ки ба синни 21 расидаанд, ки тағйироти гуногун дар ба дастоварӣ ва амалисозии ҳуқуқҳои субъективии алоҳидаро, махсусан дар муносибатҳои оилавӣ-никоҳӣ истисно намекард. Аз ҷумла, синну соли никоҳиро дар сатҳи 15-солагӣ барои занҳо ва 18-солагӣ барои мардҳо муқаррар карда, КМФ пешбинӣ мекард, ки розигии волидон (падару модар) то расидан ба синни 21 ва 25 мувофиқан пурсида шавад (м. 144, 148). Дигар ҳудудҳои синну солӣ дар соҳаи қобилияти ҳуқуқдории меросии шаҳрванд муқаррар гардида буд: шахсони ба синни 16-солагӣ расида, мутобиқи ин Кодекс, ҳуқуқ пайдо мекарданд, ки васиятномаи мероси молумулкро таҳия кунанд, аммо, на зиёда аз нисфи амвол, ки ҳуқуқи мустақилонаи ихтиёрдории он, қонунан ба шахсони ба балоғатрасида дода мешавад.

Чунин номутобиқатӣ мумкин буд дар доираи қонунгузории дохилии дигар кишварҳо, пеш аз ҳама, дар давлатҳои сохти федеративӣ низ ошкор карда шавад. Чунончӣ, агар дар сатҳи қонунгузории федералӣ дар ШМА шахс бо расидан ба синни 21-солагӣ пурра дорои қобилияти пурраи амал дониста шавад, қонунгузории штатҳои алоҳида, аксаран ин ҳудудро коҳиш медоданд, шахсони аз 18-сола поёнро ноболиғ бо пешниҳоди ҳамзамонии ҳуқуқ ба дархост оид ба эмансипатсия бо расидан ба синни 14-солагӣ эътироф мекарданд.

Шахсоне пурра ғайриқобили амал дониста мешуданд, ки ба синни ҳафтсолагӣ нарасидаанд, инчунин «дар ҳолати вайроншавии руҳӣ, ихтилофоти гуногуни фаъолияти равонӣ, ки ифодаи озоди фикри шахсро истисно мекунад, агар ин ҳолат аз рӯйи табиати худ муваққатӣ набошад»[27].

Дар баъзе ҳолатҳо қонунгузор имконияти маҳдудкунии қобилияти ҳуқуқдориро дар натиҷаи марги шаҳрвандии шахс пешбинӣ мекард, ки тибқи м. 25 КМФ як қатор маҳдудиятҳоро дар вазъи ҳуқуқии шахс, аз ҷумла

[27] Ниг.: Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань , 2004. – С. 41.

имконнопазирии ихтиёрдории молу мулки ба ӯ тааллуқдошта, иштирок дар муносибатҳои ҳуқуқии меросӣ, таъйини парастор, бастани никоҳ ва ғайраро ба вуҷуд меовард.

Бояд қайд кард, ки ғояи баробарии расмии ҳуқуқии шаҳрвандон, эътироф барои ҳама, новобаста аз ҳолатҳои таваллуд, мансубияти табақавӣ ва дигар омилҳои ҳуқуқҳои баробари маданӣ, ки тадриҷан эътирофи ҳамаҷонибаро дар давлатҳои Аврупо пайдо кард, дар сатҳи зарурӣ дар Дунёи нав (ШМА) қабул нагардид, ки дар бисёр маврид бо ихтилофнокии мавқеъҳои фалсафӣ ва ҳуқуқии идеологҳои пешбари Конститутсияи Амрико тавзеҳ мегардад.

Аз ҷумла, Б. Франклин ғуломдориро «таҳқири бераҳмонаи табиати инсонӣ» эътироф намуда, дар айни замон таъкид мекард, ки «озодӣ барои инсоне, ки дурудароз дар ин ҳолат қарор дошта бошад, аксаран метавонад бадбахтии аслӣ бошад»[28]. Натиҷаи паҳнгардии густардаи ин қабил ақидаҳо бекоршавии хело дери ғуломдорӣ дар ШМА гардид, зимнан арзиши бебаҳси ин қарори таърихӣ дар бисёр ҳолат бо қонунҳои баъдина бартараф карда шуда, ба зудӣ ҳуқуқҳои мадании аҳолии бумиро маҳдуд кард.

Дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ташаккулёбӣ ва мустаҳкамгардии қонунии равишҳои муайянсозии вазъи ҳуқуқии мадании шахс, тақрибан аз ҷониби мустамликаҳои онҳо дар Амрикои Лотинӣ, Австралия ва ғайра пурра қабул карда шуд. Таъсири ҳуқуқшиносии Аврупои Ғарбӣ минбаъд ба мамлакатҳои Шарқ ва Осиё низ паҳн гардид, ки садсолаҳо дар зери таъсири ғояи конфутсийгароӣ, буддоӣ ва мусулмонӣ қарор доштанд. Кофист қайд кунем, ки дар Ҷопон чунин мафҳумҳои маъмулу мақбули ҳамагон ба мисли ҳуқуқ ва уҳдадорӣ истифода намешуданд, чунки ин калимаҳо дар забони ҷопонӣ мавҷуд набуданд. Чунин вижа истилоҳшиносӣ, албатта, монеа барои танзими гурӯҳҳои алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ намегардид. Ҳамин тавр, яке аз муҳаққиқон комилан муфассал тартиби меросбариро муайян ва муқаррар кард, ки ба модар, модарандар ва писари

[28] Ниг.: Франклин Б. Обращение к населению Пенсильванского общества содействия уничтожению рабства и оказания помощи свободным неграм, незаконно удерживаемым в рабстве (ноябрь 1789 г) // Избранное произведение. – М., 1956. – С. 412-413.

калонӣ лозим аст ба ҳар яке ду ҳиссагӣ ва ба писарони боқимонда бошад як ҳиссагӣ мерос ҷудо карда шавад[29].

То аз ҷониби англисҳо тасхир гардидани Ҳиндустон вазъи ҳуқуқии мадании аҳолии он тавассути санадҳои бостонии мазмуни динидошта муайян мегардид ва аз бисёр ҷиҳат аз мансубияти шахс ба кастаи муайян-браҳманҳо, кшатриҳо, вайшиҳо ё шудрҳо вобаста буд. Мутобиқи Артҳамашатраи Каутилйи (асри IV пеш аз милод) зан бо расидан ба синни 12 ба балоғатрасида ҳисобида мешавад, мард бошад бо расидан ба синни 16, ки зимнан, танҳо дар мавриди имконияти бастани никоҳ шаҳодат медод (Ш.3.1), чунки занҳо новобаста аз синну сол ҳуқуқҳои маданӣ надоштанд, писарони дар зери сарпарастии падар қарордошта бошад, аз ҷиҳати доштани амвол номустақил эътироф мешуданд ва ба иродаи падар вобаста буданд. Духтарҳо аз рӯйи тасаввуроти ҳиндуӣ меросбар ҳисобида намешуданд, онҳо танҳо ҳисса дар зарфҳои хӯрокхӯрӣ ва воситаҳои ороиш аз молу мулки хонаводагии модар доштанд. Ҳаҷми ҳуқуқҳои меросии писарон аз рӯи синну сол, инчунин аз рӯйи мансубият ба кастаи муайян, аз ҷумла ба кастаи модари онҳо муайян карда мешуд. Аз ҳуқуқҳои меросӣ аз каста табъидшудагон-сусткамарон, ноқисулақлон, девонагон, нобиноён ва махавҳо маҳрум буданд.

Муқаррарот оид ба варосати меросии ҳиндуиҳо дар Нарада-Смирти мустаҳкам гардида, муқаррар мекард, ки молу мулки падарро писарон молу мулки модарро бошад духтарон (қ. 13 м. 2) тақсим мекунанд. Ҳангоми тақсимот ба писари калонӣ бояд ҳиссаи зиёд дода шавад ва интихоби беҳтарин ҳисса вогузор гардад (м. 13). Қайд мегардид, ки зан наметавонад ва набояд мустақил бошад, дар таҳти ҳокимияти падар, минбаъд – шавҳар, баъди марги ӯ писарон қарор дошта бошад (м. 31). Дар танзими вазъи ҳуқуқии мадании занон иловаҳои ҷиддиро сарчашмаи дигари муҳимми ҳуқуқӣ – Катяяна-Смирт (асрҳои V-VI) ворид мекард, муқарракунандаи он ки ҳеҷ кас набояд ба онҳо қарз диҳад, чунки метавонист қарзро бозпас ба даст наорад. Қоидаи ҳаммонанд дар муносибат бо хурдсолон ва ғуломон муқаррар мегардид (м. 497). Ҳамзамон

[29] Ниг.: Масао О. Правовые идеи японцев // Антология мировой правовой мысли: В 5 т. Т. 1. // Античный мир и Восточные цивилизации. – М., 1999. – С. 617.

муқаррар гардида буд, ки то расидан ба синни балоғат инсон наметавонад ҳеҷ гуна уҳдадории қарзӣ дошта бошад (м. 553), аммо оид ба синну соле, ки аз он дар Ҳиндустон қобилияти пурраи амал фаро мерасид, метавон танҳо ғайримустақим баҳо дод: мутобиқи м. 548, писари ба синни бистсолагӣ расидаро мумкин буд маҷбур кард, ки қарзҳои падарашро пардохт намояд (м. 858). Дар асрҳои XIX-XX таъсири ин меъёрҳои анъанавии ҳиндуӣ, тадриҷан заиф гардид, ки дар натиҷаи он соли 1937 Қонун оид ба ҳуқуқи молу мулкии занҳои ҳиндуӣ қабул гардид. Аз ҳамон сол ба баъд онҳо ҳуқуқи меросгириро на танҳо ба молу мулки алоҳидаи шавҳарон бе мондани гузоштани васиятномаи мероси шахси вафот карда, балки ҳисса дар молу мулки оилавии тақсимнашударо ба даст оварданд. Пештар аз ин Қонуни соли 1928 меросгирии молумулки манқул ва ғайриманқулро ҳам аз рӯйи қонун ва ҳам аз рӯйи васиятнома ба шахсони "нопок"– беморон, маъюбон ва маслуқон иҷозат медод[30].

Дар кишварҳое, ки дини расмии онҳо ислом аст, ҳуқуқи зан ба таври анъанавӣ хеле маҳдуд карда мешавад: «Мард сарпарасти занони худ эътироф мегардад, чунки Оллоҳ барои инсонҳои алоҳида дар назди дигарон афзалият додааст». Ин муқаррароти ба ислом хосбуда ҳамзамон дар тартиби меросгузорӣ низ инъикос мегардид: «Ба писар ҳиссаи баробар ба ҳиссаи ду духтар мутааллиқ аст. Агар фарзандони боқимонда-зиёда аз ду нафар зан бошанд, ба онҳо аз се ду ҳиссаи молумулки боқимонда мутаалиқ аст. Агар танҳо як духтар боқӣ монда бошад, ба ӯ нисфи мерос тааллуқ дорад»[31].

Дар ҳоли ҳозир танзими ҳуқуқии қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқӣ дар давлатҳои хориҷӣ, чун қоида, дар сатҳи қонунгузории ҳам мураттабгашта ва ҳам номураттабгашта танзим карда мешавад, зимнан меъёрҳои ниҳоди мазкур мустаҳкамнамоии худро дар фаслҳои гуногуни қонунгузорӣ ёфтааст, ки мувофиқан бо тафовути назарраси аҳкомӣ ва равишҳои қонунгузорӣ нисбат ба бунёди низоми ҳуқуқи хусусӣ умуман ва қонунгузории маданӣ хусусан, фаҳмонида мешавад.

---

[30] Ниг.: Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань , 2004. – С. 44.
[31] Ниг.: Куръон, Сураи 4. Ояти 11. – Теҳрон: Нашри Замон, 2006. – С. 10.

Бештарин махсусият, ба баёни дурусттар, худвижагӣ дар қисмати танзими вазъи ҳуқуқии мадании шахс то айни замон, тақрибан дар ҳамаи мамлакатҳои арабӣ нигоҳ доштаанд, ки дар он ҷо сарчашмаи асосии танзими ҳуқуқӣ дар ин самт меъёрҳои ҳуқуқи мусулмонӣ мебошад ва танҳо дар баъзеи онҳо вазъи ҳуқуқии мадании шахсият бо қонунҳои махсус муқаррар карда мешаванд. Аз ҷумла, дар Ироқ ва Иордания нисбат ба мусулмонон (новобаста аз ҷинс) масъалаи мазкур дар қонунҳо оид ба вазъи шахсии шаҳрванд танзим карда мешавад (мутобиқан, соли 1959 ва соли 1976), доктринаи мусулмонӣ бошад, танҳо ба сифати сарчашмаи субсидиарӣ татбиқ мегардад. Дар навбати худ, нисбат ба аҳолии намояндагони ғайримусулмон дар Ироқ, дар ҳама ҳолат, меъёрҳои ҳуқуқи шахсӣ (канонӣ ва яҳудӣ), ба истиснои муносибатҳои ҳуқуқии меросӣ, татбиқ мегардад[32]. Аз рӯйи худи ҳамин асл масъала оид ба вазъи шахсии шаҳрванд ва дар як қатор давлатҳои дигар, аз ҷумла дар Малайзия, ки ҳар яке аз ҷамоаҳои этникӣ-мазҳабӣ ҳуқуқи худиро ба роҳбарӣ мегирад (ҳуқуқи мусулмонӣ ва одат, меъёрҳои анъанавии конфутсиягӣ, ҳуқуқи ҳиндуӣ ва ғайра) ҳаллу фасл мегардад[33].

Дар навбати худ, дар давлатҳои Осиё ва Африқо дар мустаҳкамнамоии вазъи ҳуқуқии мадании шахсони воқеӣ ҳанӯз ҳам нақши асосӣ ба одатҳои қадима таалluқ дорад, низоми ҳуқуқӣ бошад, чун қоида, ҷанбаи омехта дошта, маҷмуаи аҷибу ғариби пазиришии меъёрҳои қонунгузории Аврупои Ғарбӣ ва меъёрҳои анъанавиро ташкил медиҳад, ки дар натиҷаи амалия ва таҷрибаи бисёрасра ба вуҷуд омадааст.

Яке аз аломатҳои фарққунандаи чунин низомҳои ҳуқуқӣ маҳдудкунии умумии ҳуқуқи занон мебошад. Ҳамин тавр, занҳо дар давраи оиладорӣ ба ноболиғон баробар карда мешуданд ва бинобар ин, наметавонистанд мустақилона аҳдҳои ҳуқуқии маданӣ банданд. Дар Папуа-Гвинеяи нав занҳо, умуман ҳамчун қисми амвол баррасӣ карда мешаванд, ки аксаран ба сифати ҷуброн ҳангоми ҳалли баҳсҳои байни қабилаҳо онҳоро пешниҳод мекунанд. Тақрибан дар ҳама давлатҳои кунунии африқоӣ дар масъалаи мерос, чун қоида,

---

[32] Ниг.: Правовые системы стран мира: энциклопедический справочник // отв. ред. А.Я. Суханов. – М., 2003. – С. 288,292.

[33] Ҳамон ҷо. – С. 484-485.

намояндагони ҷинси мард бартарӣ доранд: дар Габон, масалан, зани шавҳараш вафоткарда, ба мерос танҳо дар сурати ризояти оилаи шавҳари вафоткарда, иҷозат дода мешуд[34].

Ҳолатҳои баррасигардида, ки дар номувофиқатии тунду тез бо қонунгузории мадании давлатҳои Аврупоӣ қарор доранд, дар микёси давлатҳои пасошуравӣ ташкил гардидаанд, инчунин давлатҳои Амрикои Лотинӣ, ки ҳамчунин ба Тоҷикистони ба оилаи ҳуқуқии романӣ-олмонӣ мансуб буда, бинобар диққати асосӣ дар фасли мазкур ба таҳлили муқаррарот оид ба қобилияти ҳуқуқдории мадании шахс дода мешавад, ки дар низоми ҳуқуқии онҳо мустаҳкам карда шудааст.

Мустаҳкамгардии қонунгузории вазъи ҳуқуқии мадании шахсро дар давлатҳои муосири Аврупо баррасӣ намуда, бояд қайд намуд, ки тафовутҳои назаррас на танҳо дар мухтавои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тибқи қонун муқарраргардидаи шахсони воқеӣ, инчунин дар истилоҳоти дар ин соҳа истифодашавандаро низ қайд намуд. Аз ҷумла, қоидаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти пурраи амал на дар ҳама ҷо фарқ карда мешаванд. Дар давлатҳои анъанаи ҳуқуқии англо-саксониро қабулнамуда, онҳо бо як истилоҳ «қобилияти ҳуқуқӣ» (legal capacity) муайян карда мешаванд, ҳарчанд аҳкоми ҳуқуқӣ ва таҷрибаи судӣ ду мафҳуми муҷовирро истифода мебаранд: «қобилияти ҳуқуқии ғайрифаъол» (passive capacity) ва қобилияти ҳуқуқии фаъол» (active capacity) ва ба мазмуни он ҳамон маъноеро медиҳанд, ки он ба қоидаҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти пурраи амали дар низоми ҳуқуқии миллӣ истифодашаванда, мутобиқат доранд[35].

Дар низоми ҳуқуқии романӣ-олмонӣ чунин ягонагӣ мушоҳида намешавад. Дар мавриде, ки КМФ ва Испания тафовути мушаххасро байни қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти пурраи амал намебинанд ва истилоҳҳои «capacite» и «capaz»[36]-ро баробар барои ифодаи ҳар яке аз унсурҳои нишондодашудаи

---

[34] Ниг.: Правовые системы стран мира: энциклопедический справочник // отв. ред. А.Я. Суханов. – М., 2003. – С. 444,602,184.

[35] Ниг.: Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань, 2004. – С. 48.

[36] Ниг.: Codigo Civil de Espafia, Art. 23II. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: /www.ipso.at.tut.by/civen.htmL // (санаи муроҷиат: 08.02.2021 с.).

қобилияти ҳуқукдорӣ истифода мешавад. КГ Италия қоидаи қобилияти ҳуқукдориро ба воситаи мафҳуми “capacita uriucidica” қобилияти пурраи амалро бошад, ба воситаи мафҳуми “capacita di agice”[37] ифода мекунад. Барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва давлатҳои дар микёси пасошуравӣ ташкил шуда, ҷудо намудани ин мафҳумҳо ба сифати қоидаҳои мустақил анъанавӣ мебошад. Аз ҷумла, КГ Лаҳистон аз соли 1964, “zdolnosc prawna” ва “zdolnosc do czynnosci prawnych” фарқ мекунад ва ба танзими онҳо қариб бист моддаро мебахшад[38]. Дар навбати худ, Кодекси мадании Швейтсария ва МГО якбора се истилоҳро истифода мебаранд: қобилияти ҳуқукдорӣ, қобилияти пурраи амал ва қобилияти ҷазодиҳӣ[39]. Аммо, сарфи назар ба тафовутҳои зикргардида, асли (принципи) умумие, ки ба он ҳуқуқи мадании бисёре аз давлатҳои хориҷӣ асос меёбад, асли баробарии мадании қобилияти ҳуқукдории ҳамаи шахсони воқеӣ баромад мекунад, ҳарчанд ғояи баробарии расмии шаҳрвандон бисёрвақт дар амалия татбиқ намегардиданд. Ҳамин тавр, масалан, муқаррароти м. 1124 КМФ, ки зани шавҳардорро дар баробари ноболиғон, девонагон ғайримукаллаф эътироф менамуд, ки қувваи ҳуқуқии худро то миёнаҳои асри гузашта, нигоҳ дошт. Танҳо соли 1965 қонуни махсус маҳдудиятҳои барои занон дар соҳаи уҳдадорӣ муқарраргардидаро бартараф кард ва эътироф намуд, ки ҳар яке аз ҳамсарон метавонад шахсан шартнома банданд, ки мавзуи он пешбурди хоҷагӣ мебошад, кушодани суратҳисоб дар бонк ба номи худ бе розигии ҳамсари худ, машғул шудан ба фаъолияти касбӣ ва ихтиёрдорӣ кардани ҳамаи даромадҳо аз он[40].

Хеле дертар, танҳо соли 1972 дар Фаронса вазъи ҳуқуқии кӯдакони беникоҳ таваллудшуда, беҳтар гардид, ки нисбат ба онҳо дар маҷмуъ ҳамон ҳуқуқҳо, яъне ҳуқуқҳое, ки нисбат ба кӯдакони дар никоҳ таваллудшуда муқарраршуда эътироф гардид, вале чунин маҳдудият ҷорӣ карда шуд: «кӯдакони беникоҳ таваллудшуда, ки падар ва модари онҳо ҳангоми ба дунё омадани онҳо дар никоҳ бо дигар шахсон

---

[37] Ниг.: Codice Civile Italiano. Libra primo, Titolo L Art- 1,2. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: /www.ipso.at.tut.by/civen.htmL // (санаи мурочиат: 08.02.2021 с.).

[38] Ниг.: Kodeks cywilny z dnia 23 kwietnia 1964 r. II wwwJpso.atMuy/civen.html. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: /www.ipso.at.tut.by/civen.htmL // (санаи мурочиат: 08.02.2021 с.).

[39] Ниг.: Code civil Suisse. Art. 11, 12, 16. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: /www.ipso.at.tut.by/civen.htmL // (санаи мурочиат: 08.02.2021 с.).

[40] Ниг.: Хрестоматия по истории государства зарубежных стран (Новое и Новейшее время). / сост. В. А. Томсинов. – М.: Зерцало – М, 2012. – С. 355-357.

қарор доштанд ва аз ин никоҳ соҳиби фарзанд мебошанд, ҳуқуқ ба мерос доранд, вале онҳо ҳуқуқ доранд, танҳо як қисми саҳмеро ба даст оранд, ки агар дар никоҳ таваллуд мешуданд»[41].

Таҳлили низомҳои ҳуқуқии Аврупо имкон медиҳад, ки мисолҳои зиёд оварда шавад, аммо боз бештар истисноҳоро аз асли баробарии қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ қонунгузории ШМА дошт, ки муддати тулонӣ ҷанбаи рӯйи рости табъизи нажодию миллатгароӣ дошт. Танҳо соли 1964 қонуни махсуси федеролӣ қабул гардид, ки манъи табъизро аз рӯйи нажод, ранги пӯст, эътиқоди динӣ, ҷинс ва баромади миллӣ муқаррар мекард, аммо он ба як қатор муассисаҳо ва ташкилотҳо дахл надошт, аз ҷумла ба муассисаҳои таҳсилотии шахсӣ, тиҷорати дохилӣ ва якчанд соҳаҳои фаъолияти дигар дахл надошт[42].

Мустаҳкамсозии қонунии вазъи ҳуқуқии мадании шахсони воқеиро пешгирӣ карда, қонунгузор, аксаран хусусияти фардии ҳар як субъекти муомилоти маданиро қайд мекунанд, ки бо синну соли ӯ, ҷинс, баромади иҷтимоӣ ва вазъи иҷтимоӣ пешакӣ муайян мегардад[43], ки зимнан, монеа барои эълон ва мустаҳкамсозии баробари қобилияти ҳуқуқдории маданӣ барои ҳама намегардад. Таҳлили муқоисавии танзими ҳуқуқии қоидаи мазкур дар давлатҳои гуногун ҳамзамон шаҳодат аз он медиҳад, ки на ҳама кодексҳои мадании амалкунанда меъёри мувофиқи тафсириро дар бар мегирад.

Тафовутҳои моҳиятӣ, ҳамчунин дар сатҳи муайянсозии лаҳзаи пайдошавӣ ва қатъи қобилияти ҳуқуқдории маданӣ мушоҳида мегардад: ҳангоме, ки дар як қатор давлатҳо қонунгузор мувофиқан бо нишон додани лаҳзаи таваллуд ва лаҳзаи марги шаҳрванд маҳдуд мегарданд[44], дар дигар давлатҳо тадқиқоти муҳим мавҷуд аст, ки чун қоида, ҳолатҳои таваллудро дар бар мегирад. Мутобиқан бо ин тафовут оғози қобилияти ҳуқуқдорӣ ё бо лаҳзаи

[41] Ниг.: Хрестоматия по истории государства зарубежных стран (Новое и Новейшее время). / сост. В. А. Томсинов. – М.: Зерцало – М, 2012. – С. 367.
[42] Ниг.: Гражданское и торговое право зарубежных государств: в 2 т. – М., 2004. – С. 121.
[43] Ниг.: Codigo civil de Chili, 1855 (actualizado al ano 2000). – Art, 55 II. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // www. Jpso.at,tut.by/c iven.html (санаи муроҷиат: 08.02.2021 с.).
[44] Ниг.: Ч. 1, 4 ст. 25 Цивильний кодекс Украины от 16 января 2003, № 435 – IV [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: //zakon.rada.gov.ua (санаи муроҷиат: 08.02.2021 с.).

таваллуди кӯдаки зинда таваллудшуда (Эстония, Швейсарии, Пуэрто-Рико, Венесуэла ва ғайра), ё бо ҷудошавии пурраи ҷанин аз батни модар (Чили) алоқаманд аст, дар Италия бошад, қобилияти ҳуқуқдории кӯдак танҳо дар ҳолате эътироф карда мешавад, ки агар баъди таваллуд на камтар аз 24 соат зиндагӣ карда бошад.

Бояд қайд кард, ки пайдошавии қобилияти ҳуқуқдориро бо лаҳзаи таваллуд пайгирона алоқаманд карда, қонунгузории мадании тақрибан ҳамаи давлатҳои муосир, анъанаи дар ҳуқуқи хусусии римӣ мавҷудбударо идома дода, ҳифзи манфиатҳои меросии ҷанинеро, ки ҳанӯз таваллуд нашудааст, таъмин мекунад, ки чун қоида, амалисозии ин манфиатҳо аз таваллуди тифл вобаста аст[45].

Қоидаҳои махсусро оид ба ин масъала МГО муқаррар мекунад, ки ҳифзи ҳуқуқҳои меросии тифли дар батни модар буда, бояд аз ҷониби парасторони махсус барои ин мақсад таъйиншуда, амалӣ карда шаванд. КМ Фаронса, ки қоидаи монандро мустаҳкам менамояд, ба ғайр аз ин, имконияти ҳадя карданро ба манфиати ҷанин, яъне кӯдаки ҳанӯз таваллуднашуда иҷозат медиҳад[46].

Хеле камтар дар низоми ҳуқуқии амалкунанда лаҳзаи марг муайян карда мешавад, ки бо он дар ҳама ҷо қатъи қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд алоқаманд мегардад. Дар ин мазмун ҷолиб аст КГ Озарбойҷон ва Гурҷистон, ки марги шахси воқеиро бевосита бо қатъи фаъолияти мағзи сари ӯ алоқаманд мекунанд (қ. 2 м. 25 КГ Озарбойҷон, қ. 3 м. 11 КГ Гурҷистон).

Бо муайянсозии қонунии лаҳзаи марги фард, инчунин проблемаи коммориентҳо (фавткардаҳо) вобаста аст, ки дар ҳалли он ҳамчунин тамоюлҳои гуногуни қонунгузорӣ ифода мегардад. Ҳамин тавр, қонунгузории баъзе давлатҳо аз он бармеоянд, ки мероси коммориентҳо, яъне шахсони дар як рӯз фавтидагон ва дорои ҳуқуқи мерос пас аз якдигар, новобаста аз сари ҳар яке аз онҳо кушода мешавад[47]. Дар дигар давлатҳо бошад, тамоили усулии дигар мустаҳкам гардидааст. Аз ҷумла, Қонуни Исроил оид ба мерос аз соли 1965 қоидаҳои меросгирони бебаҳс ва шубҳаангезро ворид мекунад, дар сурати фавти як вақтаи

[45] Ниг.: Гражданский кодекс Туркменистана. – 1999, ч. 3 ст. 20; Гражданский кодекс Армении. – 1999. – Ст. 20; Гражданский кодекс Чехии от 25 октября 1950 г. п. 1 § 5.

[46] Ниг.: Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека в аксиологическом и проприетарном измерении (теоретико-правовой анализ) : монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С. 19.

[47] ГК Грузии. – 1997. – Ст. 1321; ГК Казахстана. П. 3 ст. 1042; ГК Туркменистана. – Ст. 1141.

онҳо афзалият ба меросгирони бебаҳс дода мешавад. Ҳангоме, ки агар ҳарду фавтида ба гурӯҳи меросгирони шубҳаангез дохил шаванд, афзалият ба ҳамсар ё хешовандони меросдиҳанда дода мешавад (м. 9)[48].

Мавқеи басо ҷолибро оид ба ин масъала КМФ ишғол мекунад, ки навбати меросгириро вобаста ба ҷинс ва синну соли фавтидагон муқаррар кардаааст: агар коммориентҳо аз 15-сола ҷавон бошанд, дар ин маврид калонӣ вобаста ба синну сол дар тафовут аз дигарон дар ҳаёт мондааст; агар онҳо аз 60 сола боло бошанд, дар ин сурат бояд хурдӣ аз рӯйи синну сол дар ҳаёт мондааст. Дар ҳолатҳое, ки агар баъзе коммориентҳо аз 15-сола ҷавон бошанд, дигарон аз 60 сол калонтар бошанд, бояд дуюмиҳо, вале на аввалиҳо дар қайди ҳаёт мондаанд. Агар шахси фавтида ба синну соли 15-солагӣ расида бошад, аммо ба 60-солагӣ нарасидааст, дар ин сурат ҳама вақт пешбинӣ карда мешавад, на зан, балки мард дар ҳаёт монд, агар синну соли онҳо яксон бошад, ё агар фарқият дар синну сол аз як сол зиёд набошад.

Дар як қатор давлатҳо дар баробари марги табиии фард ба сифати асоси қатъи қобилияти ҳуқуқдории шахс эътирофи мурда будани ӯ баромад мекунад, ки ё дар натиҷаи эҳтимолияти бедарак ғоиб шудани ӯ дар давоми муҳлати дар қонун муайянгардида, ё қарори суд оид ба бедарак ғоиб шудан ба амал меояд.

Тамоюлҳои гуногуни мавҷудбуда ҳалли ин проблемаи муҳимро метавонад ба низом дароварда, гурӯҳҳои зерини давлатҳоро ҷудо намояд:

1) давлатҳое, ки ниҳоди бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон намудани шахс дар фаҳмиши тартиби ҳуқуқии миллии анъанавӣ пешбинӣ нашудаанд (Британияи Кабир, ШМА);

2) давлатҳое, ки ниҳоди фавтида эътироф намудани шахс мавҷуд нест ва қонунгузор бо танзими расмиёти эътирофи бедарак ғоибшуда маҳдуд мегардад (Фаронса, Люксембург);

3) давлатҳое, ки расмиёти пешакии эътирофи бедарак ғоиб шудани шахс пешбинӣ нагардидааст, аммо падидаи фавтида эълон намудани шаҳрванд мустаҳкам шудааст (Чехия, Чили);

---

[48] Ниг.:Гражданское законодательство Израиля. – СПб., 2003. – С. 447.

4) давлатҳое, ки дар он ҳарду ниҳоди нишон додашуда пешбинӣ гардидааст (Италия, Украина, Филипин, Россия ва диг.).

Дар давлатҳои дорои низоми ҳуқуқии англо-саксонӣ ҳалли проблемаи муаммои бедарак ғоибшуда ва эътирофи марги шахси бедарак ғоибшуда дар бисёр ҳолатҳо ба соҳаи ҳуқуқи мурофиаи граждани ворид карда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки агар ҳангоми баррасии парвандаи ҳуқуқии граждани масъала оид ба ҳуқуқ ба амвол ё тақдири уҳдадории шахси ғоиббуда ба вуҷуд ояд, суд аз презумпсияи мурофиавӣ бармеояд ва агар аз шахси ғоиббуда дар давоми ҳафтсол ягон хабар наояд, чунин шахс фавтида эътироф карда мешавад[49].

Аз ин ҳолати боз ҳам мураккабтар дар он давлатҳое ба вуҷуд меояд, ки дар он падидаи фавтида эътироф намудани шахс пешбинӣ намегардад. Дар Фаронса, масалан, чунин ҳалли масъала, таърихан бо сиёсати ғосибии Наполеон дар Аврупо ва берун аз он тавзеҳ мешавад ва талаб мекард, ки аскарон ва афсарон бояд ба он боварӣ дошта бошанд, ки ҳар вақте онҳо бознагарданд, онҳо соҳибмулки молу мулки ба онҳо тааллуқдошта боқӣ мемонанд ва никоҳи онҳо нигоҳ дошта мешавад[50]. Айни ҳол, дар ин давлат танзими муносибатҳо вобаста ба бедарак ғоибшавии шаҳрванд, дар ду давра амалӣ мегардад, ки дар баъзе мавридҳо муҳлати зиёдро дар бар мегирад:

1) иҷозатдиҳии эҳтимолияти бедарак ғоиб шудани шаҳрванд (м.112-121 КМФ);

2) эълони бедарак ғоибшавӣ, ки метавонад бо гузашти танҳо даҳ сол баъди қабули қарор оид ба презумпсияи бедарак ғоибшавӣ бароварда шавад (м. 122-132 КМФ). Агар шахсони манфиатдор ба суд барои эътирофи презумпсияи мазкур муроҷиат накарда бошанд, дар ин сурат қарор оид ба эълони бедарак ғоибшавӣ метавонад баъди 20 сол аз рӯзи охирин хабар аз шахси бедарак ғоибшуда ё ягон маълумот оид ба ӯ бароварда мешавад.

Тибқи қ. 1 м. 43 КМ ҶТ агар дар тули як сол дар ҷои истиқомати шаҳрванд дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумоте набошад, суд бо дархости

---

[49] Ниг.: Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань , 2004. – С. 53.

[50] Ниг.: Гражданское и торговое право зарубежных государств: в 2 т. – М., 2004. – С. 118.

шахси манфиатдор метавонад ӯро бедарак ғоиб эътироф намояд. Шарти муҳимми бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд дар тули як сол дар ҷои истиқоматаш дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумот набудан аст. Ташаббускори бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд шахси манфиатдор мебошад. Ба онҳо ҳамсар, шахсоне, ки таҳти сарпарастии ӯ қарор доранд, кредиторони шахси ғайриҳозир ва мақомоти андоз дохил мешаванд. Қонун шахси манфиатдорро барои ҷустуҷӯ ва ташаббускории бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд уҳдадор накардааст. Суд ҳангоми омода намудани парванда ба баррасӣ бояд муайян кунад, ки кадом шахсон (аъзои оила, дӯстон, ҳамсояҳо, ҳамкорони шахси ғайриҳозир ва ғайра.) маълумот дар бораи шахси ғайриҳозирро дода метавонанд. Дар сурати вуҷуд доштани маълумот оид ба қасдан ҳозир нашудани шахс дар ҷои истиқоматаш (ғайб заданаш) бо асосҳои гуногун (аз пардохти алимент даст кашидан, содир кардани ҷиноят ва ғ.) суд аз бедарак ғоиб эътироф намудани ӯ бояд даст кашад[51].

Дар сурати муқаррар карда натавонистани рӯзи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоиб, оғози ҳисоби мӯҳлат барои эътирофи бедарак ғоибшавӣ санаи аввали моҳе, ки пас аз моҳи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоиб фаро мерасад ва дар сурати муқаррар карда натавонистани ин моҳ, якуми январи соли минбаъда ҳисоб мешавад[52].

Вале ҳамзамон дар он давлатҳое, ки дар он ҳарду ниҳоди баррасишаванда пешбинӣ гардидааст, ақидаҳои гуногун ҳам дар истилоҳи аз ҷониби қонунгузор истифодашаванда ва ҳам дар асосҳо, тартиб ва пайомадҳои ҳуқуқии муқаррарсозии воқеиятҳои ҳуқуқии мутобиқ ҷой доранд. Бештар ду тасвияти қонунӣ истифода мешавад: «фавтида эътироф кардан» ва «презумпсияи марг», зимнан охирӣ, ба фикри мо, бештар ба табиати ҳуқуқии ниҳоди мазкур мувофиқ аст. Ҳамчунин мӯҳлатҳо хеле фарқ карда мешаванд, ки барои дар суд оғоз намудани расмиёти фавтида эътироф намудани шахс муқаррар шудаанд. Онҳо

[51] Ниг.: Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми I: китоби дарсӣ // зери таҳрири ҳукуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ш.Т. Тағойназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 80.
[52] Ниг.: Қурбонов Қ.Ш. Асари ишорашуда. – С. 80.

гуногун мебошанд: аз 3-солагӣ дар Украина (м.46 КМ), дар Беларус (м.41 КГ), дар Қазоқистон (м.31 КГ), 5 сол дар Булғористон (м.14 Қонун оид ба шахс ва оила), Эстония (м.31 КГ), то 7 сол дар Филиппин (Act. 390 CC) ва 10 сол дар Италия (Act. 58 CC) ва дар Лаҳистон (м. 29 КГ).

Дар бисёр давлатҳо қоидаҳои махсус дар ҳолати ғоиб шудани шахс дар ҳолатҳои таҳдиди марг (масалан, дар сурати ғарқшавии киштӣ) ва дар ҷараёни амалиёти ҳарбӣ пешбинӣ карда шудааст. Дар ҳолати аввал мӯҳлатҳои дар боло нишон додашуда, чун қоида, хеле кӯтоҳ карда мешавад. Нисбат ба шахсони дар замони ҷанг бедарак ғоибшуда, мавқеи қонунгузор якхел нест. Дар баъзе давлатҳо ҳолати мазкур ҳеҷ гуна аз байни дигар омилҳо ҷудо карда намешавад, масалан, КГ Филиппин мӯҳлати ягонаи чорсолаи бедарак ғоибшударо ба сифати асоси фавтида эътироф намудани шахс муқаррар менамояд (м. 391). Дар дигар давлатҳо, баръакс, дар ҳолатҳои мазкур натанҳо мӯҳлати интизорӣ дароз карда мешавад, балки қайд карда мешавад, ки ҳисоби мӯҳлати бедаракшавӣ бояд аз лаҳзаи қатъи амалиётҳои ҳарбӣ бурда шавад (Украина – м. 46 КМ, Италия – Act. 60 CC).

Дар баъзе давлатҳо ҳангоми ҳалли масъала оид ба фавтида эътироф намудани шахс синну соли шахси ғоибшуда ба назар гирифта мешавад. Ҳамин тавр, дар Лаҳистон шаҳрвандро бо гузашти даҳ соли бедарак ғоибшавии ӯ фавтида эълон намудан мумкин аст, новобаста аз синну сол, вале на барвақттар то расидан ба синни 23-солагӣ, ё бо гузашти панҷ сол, агар ҳангоми баровардани қарор оид ба фавтида эълон намудани шахс ӯ ба синни 70-солагӣ расида бошад. Меъёри синну солии аз ин ҳам зиёд дар Олмон муқаррар карда шудааст: мутобиқан 25 ва 80 солагӣ[53].

Дар қонунгузории Тоҷикистони муосир фавтида эълон намудани шаҳрванд чунин танзим шудааст: агар дар маҳалли зисти шахси воқеӣ дар давоми се сол аз ҷои иқоматаш маълумоте набошад ва агар дар вазъияте бедарак ғоиб шуда бошад, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард ё ба гумони аз фалокат вафот

---

[53] Ниг.: Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань , 2004. – С. 55.

кардани ӯ асос медиҳад, дар давоми шаш моҳ суд метавонад чунин шахсро фавтида эълон намояд.

Имконияти фавтида эълон намудани шаҳрванд дар он вақт мумкин аст, ки агар дар маҳалли зисти шаҳрванд дар давоми се сол аз ҷои иқоматаш маълумоте набошад ва агар ӯ дар вазъияте бедарак ғоиб шуда бошад, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард ё ба гумони аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, дар давоми шаш моҳ суд метавонад чунин шаҳрвандро фавтида эълон намояд. Суд хизматчии ҳарбӣ ё шаҳрванди дигари бо сабаби амалиёти ҷангӣ бедарак ғоибшударо танҳо баъди як соли пас аз анҷоми амалиёти ҷанг фавтида эълон карда метавонад. Рӯзи вафоти шаҳрванде, ки фавтида эълон шудааст, рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи фавтида эълон намудани ӯ дониста мешавад. Дар сурати фавтида эълон гардидани шаҳрванди дар вазъияте бедарак ғоибшуда, ки ба ҳаёти ӯ таҳдид мекард ё барои гумони дар натиҷаи фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, суд метавонад рӯзи тахминии вафоти ӯро рӯзи вафоти ин шаҳрванд эътироф намояд. Фавтида эълон намудани шаҳрванд нисбати ҳуқуқу уҳдадориҳои чунин шаҳрванд боиси оқибатҳое мегардад, ки вафоти ӯ сабаб шуда метавонист[54].

Ариза дар хусуси фавтида эълон намудани шаҳрванд ба суди маҳалли зист ё маҳалли ҷойгиршавии шахси манфиатдор дода мешавад. Ба сифати шахси манфиатдор метавонад ворис эҳтимолӣ ва ё аъзои оила баромад кунанд.

Дар ариза бояд зикр гардад, ки бо кадом мақсад ба аризадиҳанда фавтида эълон намудани шаҳрванд зарур аст (масалан, барои гирифтани мерос, қатъ намудани ақди никоҳ ва ғайра), инчунин бояд вазъе зикр гардад, ки марг ба ҳаёти шахс таҳдид менамуд ё ба гумони аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад. Нисбат ба хизматчии ҳарбӣ ё дигар шаҳрванде, ки вобаста ба

[54] Ниг.: Қурбонов Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми I: китоби дарсӣ // зери таҳрири ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ш.Т. Тағойназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 81.

амалиёти ҷангӣ бедарак ғоиб шудааст, дар ариза бояд рӯзи ба охир расидани амалиёти ҷангӣ зикр карда шавад[55].

Аз ҷониби суд фавтида эълон намудани шаҳрванд ба эҳтимоли вафоти шаҳрванд асос меёбад. Баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд ҳамаи оқибатҳое, ки вобаста ба фавт вуҷуд доранд, фаро мерасанд.

Дар адабиёти илмӣ фикрҳои гуногун оид ба таъсири фавтида эълон намудани шаҳрванд ба қобилияти ҳуқуқдории ӯ вуҷуд дорад. Баъзе олимон мегӯянд, ки дар сурати фавтида эълон намудани шаҳрванд қобилияти ҳуқуқдории ӯ қатъ мегардад, зеро ки оқибатҳои ҳуқуқии фавти шаҳрванд ва фавтида эълон намудани шаҳрванд якхелаанд[56]. Ба ақидаи гурӯҳи дигари муаллифон қобилияти ҳуқуқдорӣ дар алоҳидагӣ аз шаҳрванд буда наметавонад, чунки аз ҷониби суд фавтида эълон намудани шаҳрванд эҳтимоли вафоти ӯ мебошад ва барои ҳамин қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандро қатъ намегардад.

Суд хизматчии ҳарбӣ ё шаҳрванди дигари бо сабаби амалиёти ҷангӣ бедарак ғоибшудаđро танҳо баъди як соли пас аз анҷоми амалиёти ҷанг фавтида эълон карда метавонад.

Рӯзи вафоти шаҳрванде, ки фавтида эълон шудааст, рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи фавтида эълон намудани ӯ дониста мешавад. Дар сурати фавтида эълон гардидани шаҳрванди дар вазъияти бедарак ғоибшуда, ки ба ҳаёти ӯ таҳдид мекард ё барои гумони дар натиҷаи фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, суд метавонад рӯзи тахминии вафоти ӯро рӯзи вафоти ин шаҳрванд эътироф намояд.

Фавтида эълон намудани шаҳрванд нисбати ҳуқуқу уҳдадориҳои чунин шаҳрванд боиси оқибатҳое мегардад, ки вафоти ӯ сабаб шуда метавонист.

Оид ба масъалаи мазкур таҷрибаи судӣ чунин аст. Суди ноҳияи Ҳисори ҶТ дар ҳайати раисикунанда С.М., бо котибии А. бо иштироки прокурор Х. дар маҷлиси сайёри судӣ дар бинои ҷамоати шаҳраки Ҳисори ноҳияи Ҳисор 5 феврали соли 2014 парвандаро бо аризаи Ҳ.Ш. дар бораи фавтида эълон

[55] Ниг.: Қурбонов Қ.Ш. Ҳамон ҷо.

[56] Ниг.: Советское гражданское право: ч. 1: учебник // под ред. В.А. Рясенцева. – М., 1986. – С. 91-92.

намудани шаҳрванд, баррасӣ намуда, муайян кард: Ҳ.Ш. ба суд бо аризаи номбурда муроҷиат намуда, аз суд қонеъ намудани онро пурсидааст.

Дар маҷлиси судӣ аризадиҳанда Ҳ.Ш. аризаро дастгирӣ намуда, онро бо илова чунин асоснок намуд, ки ӯ падари ғоибшуда Ш.Ш. мебошад. Санаи 2 марти соли 2009 писараш бинобар пайдо гардидани зарурият аз манзили истиқоматиашон баромада, ба самти ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе рафта бо ҳамин бедарак ғоиб гардидааст. Ӯ бошад бо мақсади дарёфт намудани писараш санаи 11 марти соли 2009 бо ариза ба ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе муроҷиат намуда, дар ин замина нисбати писараш парвандаи дахлдор оғоз карда шуда, номбурда таҳти кофтукоб қарор мегирад. Аз ин рӯ, агарчанде, ки аз бедарак ғоиб гардидани писараш зиёда аз 4 сол сипарӣ гардида бошад ҳам, аз номбурда то инҷониб ягон нишон ва ё хабаре мавҷуд набуда, ариза ва дигар маълумотномаҳои ба суд пешниҳоднамудаи ӯ, шаҳодати ин гуфтаҳост. Дар ҳақиқат пас аз бедарак ғоиб гардидани писараш ҳамзамон бо даргузашти як чанд айём ҳамсари охирин аз хона баромада, ин рӯзҳо аллакай бо дигар мард оила барпо намуда, фарзандони ноболиғашро таҳти таъминоти моддии ӯ қарор додааст. Ӯ бошад, ҳамчун нафақахӯр дар таъминоти онҳо танқисӣ кашида, бо мақсади таъини нафақа, инчунин бо ҳадафи каме беҳтар намудани вазъи моддии наберагонаш ба хулоса омадааст, ки бо чунин ариза ба суд муроҷиат намояд.

Бо ин асосҳо, аз суд хоҳиш намуд, ки писараш Ш.Ш. 12 январи соли 1981 санаи таваллудаш, зодаи ноҳияи Ҳисор, миллаташ тоҷик, сокини ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати шаҳраки Ш., кӯчаи Ф. фавтида эълон карда шавад.

Суд маводҳои парвандаро омӯхта, баёноти намоянда, шоҳидон ва хулосаи прокурорро, ки қонеъ намудани аризаро пурсид, шунида, баҳои ҳуқуқӣ дода, ба чунин хулоса омад. Тибқи талаби м. 46 КМ ҶТ, агар дар маҳалли зисти шаҳрванд дар давоми се сол аз ҷои исташ маълумоте набошад ва агар ӯ дар вазъияте бедарак ғоиб шуда бошад, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард ё ба гумони аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, дар давоми шаш моҳ суд метавонад чунин шаҳрвандро фавтида эълон намояд.

Аз маълумотномаи раиси Ҷамоати шаҳраки Ш. ноҳияи Ҳисор аз санаи 22 майи соли 2012, таҳти №1586 дида мешавад, ки дар воқеъ шаҳрванд Ш.Ш. аз

санаи 2 марти соли 2009 бедарак ғоиб гашта, то инҷониб дар маҳалли буду бошаш истиқомат намекунад.

Зиёда аз ин, аз маълумотномаи ШВКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе аз санаи 20 апрели соли 2011, таҳти №372 дида мешавад, ки шаҳрванд Ш.Ш. 12 январи соли 1981 санаи таваллудаш, аз санаи 2 марти соли 2009 бедарак ғоиб гашта, нисбати ӯ парвандаи кофтукоб аз санаи 11 марти соли 2009 оғоз карда шудааст. Шоҳидон О.М. ва Д. А. дар маҷлиси судӣ тасдиқ намуданд, ки дар ҳақиқат онҳо бо аризадиҳанда Ҳ.Ш. солҳои тулонӣ дар ҳамсоягӣ зисту зиндагонӣ намуда, ба онҳо маълум мебошад, ки писари номбурда ғоибшуда, шаҳрванд Ш.Ш. тахминан аввалҳои моҳи марти соли 2009 аз хона баромада, дигар барнагашта, то инҷониб бедарак ғоиб мебошад.

Маҷмуи далелҳои дар рафти маҷлиси судӣ ба даст омадаро ба асос гирифта, бо дарназардошти ҷоизии онҳо, суд қонеъ намудани аризаи Ҳ.Ш.-ро ба мақсад мувофиқ дониста, ба хулоса омад, ки шаҳрванд Ш.Ш.-ро фавтида эълон намояд.

Бо дастрасии моддаҳои 198-203 ва 284 КМГ ҶТ, суд ҳал кард:

Даъво қонеъ карда шавад.

Ш.Ш. 12 январи соли 1981 санаи таваллудаш, зодаи ноҳияи Ҳисор, миллаташ тоҷик, сокини ноҳияи Ҳисор, Ҷамоати шаҳраки Ш., кӯчаи Ф., фавтида эълон карда шавад.

Рӯзи вафоти шаҳрванд Ш.Ш. рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалномаи мазкур дониста шавад.

Ҳалнома барои аз ҷониби мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дарҷ шудани сабт оид ба фавти шаҳрванд Ш.Ш. дар дафтари сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ асос мебошад[57].

Таваҷҷуҳи бештар дар қонунгузории мадании давлатҳои муосири хориҷӣ ба масъалаи қобилияти пурраи амали шахсони воқеӣ дода шудааст, ки ба дастоварии он дар ҳаҷми пурра чун анъана бо расидан ба синну соли муайян алоқаманд карда мешавад. Дар баробари ин, амалан дар ҳама ҷо қобилияти пурраи амали қобилияти амалкунии пурраи шахсони воқеӣ бо расидан ба синни

[57] Ниг.: Бойгонии суди ш. Ҳисор. Парвандаи №2-249/0. Соли 2014.

18-солагӣ ба вуҷуд меояд[58], вале аз ин қоида баъзе истисноҳо низ ҳаст. Ҳамин тавр, м. 402 КГ Филиппин аз соли 1949, танҳо шахсонеро дорои қобилияти пурраи амали пурра ҳисоб менамояд, ки агар ба синни 21-солагӣ расида бошанд, зимнан барои Филиппин занҳо маҳдудиятҳои иловагӣ муқаррар шудааст: онҳо наметавонанд хонаи падару модарро бе розигии падар ё модар то расидан ба синни 23-солагӣ тарк кунанд, агар онҳо онро бо мақсади оилабарпокунӣ амалӣ созанд ё агар ҳирфа дошта бошанд.

Бадастоварии қобилияти комили амали пурра аз ҷониби ноболиғон амалан ҳамаи давлатҳо бо бастани никоҳ алоқаманд мекунанд, чун қоида, пешбинӣ карда, қатъи он, қатъи қобилияти амалкунии дар натиҷаи бастани никоҳ бадастовардаро ба бор намеорад. Вале агар никоҳ беэътибор дониста шавад, дар ин сурат қонунгузории як қатор давлатҳо ҳалли ин масъаларо ба салоҳдиди суд вогузор менамояд[59]. Дар сурате ки дигар давлатҳо қоидаҳои дақиқтарро пешбинӣ мекунанд (масалан, қ. 2 м. 9 КГ Эстония, қ. 2 м. 34 КМ Украина ва диг.).

Тафовут дар равишҳои қонунгузорӣ ҳамзамон ҳангоми ҳалли масъала оид ба ҳаҷм ва мазмуни қобилияти пурраи амали ноболиғон мушоҳида мешавад, зимнан, пеш аз ҳама, ин ҳолат бо он вобаста аст, ки дараҷаи тафриқасозии онҳо аз рӯйи гурӯҳҳои синну солӣ алоқаманд аст. Вобаста ба ин меъёр метавон се равиши асосиро нисбат ба муайянсозии ҳаҷми қобилияти пурраи амали ноболиғон ҷудо кард:

1) пурра ғайримукаллаф эътироф намудани ҳамаи ноболиғон (Фаронса, Белгия, Люксембург);

2) муқаррарсозии маҳдудиятҳои гуногун вобаста ба ҳаҷм ва мазмуни қобилияти пурраи амал то расидан ба балоғат, новобаста аз синну сол (Британияи Кабир, ШМА, Олмон, Швейсария, Туркманистон, Эстония);

3) байни ноболиғон ҷудо намудани якчанд гурӯҳҳои синну солӣ, ки вобаста ба ҳаҷми қобилияти пурраи амал фарқ мекунанд (Лаҳистон, Чехия, Арманистон, Озарбойҷон, Украина ва диг.).

---

[58] Ниг.: Гражданский закон Латвийской Республики от 28 января 1937г. – Ст. 219; Закон Израиля о внесении изменений в семейное право от 12 марта 1959 г. – Ст. 1 // Гражданское законодательство Израиля; ГК Азербайджана. – Ст. 25.3; Закон о лицах и семье от 23 июля 1949 г. – Ст. 2 // Гражданское законодательство Народной Республики Болгария. –М., 1952.

[59] Ниг.: ГК Туркменистана. – Ст. 23; ГК Армении. – Ст. 24; ГК Узбекистана. – Ст. 22.

Дар ҳолати аввал то расидан ба балоғат шахс пурра ғайримукаллаф ҳисоб мешавад ва молу мулки ӯро волидон идора мекунанд ва истифода мебаранд (м. 382 КМФ), дар ҳолати фавти онҳо бошад, парастори махсус таъйин карда мешавад. Ҳуқуқҳои эътирофгардидаи волидон нисбат ба амволе, ки ноболиғон бо меҳнати худ ба даст овардаанд, инчунин нисбат ба амволе, ки ба ӯ ҳадя карда шуда, ё бо шартҳои махсус ба мерос монда шудааст, ки волидон наметавонанд онро истифода баранд, паҳн намегардад (м. 387 КМФ), ки амалан аз ҷониби волидон ваколати идораи ин амволро истисно намекунад. Бинобар муқаррароти бевоситаи қонун волидон ё парасторон аз номи ноболиғон аҳдҳо мебанданд, вале ноболиғон ҳуқуқ доранд мустақилона маоши худ ё маблағҳои дар бонкбудаи худро ихтиёрдорӣ намоянд, «муомилаҳои зараровар ва манфиатҳои онҳо поймол кунанда набударо, банданд», инчунин қисми молумулки худро ба воситаи тартибдиҳии васиятнома ихтиёрдорӣ намоянд.

Дар Олмон, Эстония ва Туркманистон кӯдаке ғайриқобили амал эътироф карда мешавад, ки ба синни ҳафтсолагӣ нарасидааст, вале дар баробари ин, КГ Эстония нисбат ба онҳо имконияти бастани аҳдҳои мустақилонаи хурдро эътироф мекунад. Тафовути куллӣ, ҳамчунин дар муайянсозии ҳаҷми қобилияти пурраи амали шахс дар синни аз 7 то 18-солагӣ қайд карда мешавад. Онҳоро мукаллафи маҳдуд эътирофнамуда, МГО, масалан, имконияти аз ҷониби чунин шахсон мустақилона содир кардани аҳдҳое, ки ба онҳо манфиати ҳуқуқӣ меорад, пешбинӣ мекунад; аҳдҳое, ки дар доираи воситаҳои ба ноболиғ пешниҳодшуда аз ҷониби намояндаи қонунии ӯ ё бо розигии охирӣ аз ҷониби шахси дигар барои иҷрои аҳди мазкури мушаххас ё барои хароҷоти ҷайбӣ содир карда мешавад, инчунин аҳдҳое, ки дар «ҷараёни истифодабарии корхона, ки барои пешбурди он розигии намояндаи қонунӣ гирифта шудааст, содир мешаванд»[60].

КГ Эстония, баръакс, қобилияти амалкунии ноболиғонро оид ба ихтиёрдории маблағҳои пулии ӯ, ки ба ӯ бо ин мақсад аз ҷониби намояндаи қонунӣ ё шахси сеюм бо розигии охирӣ дода шудааст, маҳдуд мекунад (қ. 2 м. 10 КГ). Дар ин масъала КГ Туркманистон ва КГ Гурҷистон бештар муҳофизакорона мебошанд,

[60] Ниг.: Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань , 2004. – С. 57.

ки воқеияти аҳди аз ҷониби шахси қобилияти амалаш маҳдуд содиршуда танҳо дар сурате эътироф мекунад, ки агар онҳо ба манфиати ноболиғон равона шуда бошанд (қ. 2 м. 25 КГ Туркманистон, м. 15 КГ Гурҷистон).

Механизми андаке дигаргуна, ки хеле босамар ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии ноболиғонро таъмин мекунад, дар қонунгузории ШМА мавҷуд аст, ки имконияти чунин субъектонро оид ба бекор кардани шартномаи аз ҷониби онҳо басташуда муқаррар намудааст, зимнан ҳуқуқи эътирофи беэътибории шартномаро ҳуқуқшиносони амрикоӣ ҳамчун ҳуқуқи шахсии ноболиғ баррасӣ мекунанд. Ҳар як калима ё амале, ки ошкоро хоҳиши ноболиғро оид ба бекор кардани шартнома нишон медиҳад, метавонад маънои бекор кардани онро дошта бошад, ба ғайр аз аҳдҳое, ки бо бастани никоҳ, нигоҳубини фарзандон, қарзҳо барои таҳсилот ва баъзе дигар шартномаҳои начандон сершумор, ки аз ҷониби суд муқаррар шудааст, алоқаманд аст[61].

Ҳамзамон дар байни ҳуқуқшиносоне, ки ҳаҷми қобилияти пурраи амали ноболиғонро тафриқа мекунанд, ягонагӣ дар ҳалли як қатор масъалаҳои муҳим дида намешавад. Якум, ҳадди поёнии ғайримукаллафӣ гуногун муайян карда мешавад, ки аз 6- солагӣ дар Чехия, Ӯзбекистон (м. 29 КГ), Арманистон (м.29 КГ), 7-солагӣ дар Озарбойҷон (м. 28 КГ), то 15-солагӣ дар Коста-Рика (Act 38 CC) тағйир меёбад. КГ Муғулистон қобилияти пурраи амали маҳдуди то 14-соларо қайд карда, ғайримукаллафӣ аз рӯйи синну солро, умуман пешбинӣ намекунад. Дуюм, ҳаҷми ваколати мустақилона амали ноболиғон, комилан фарқ мекунад. Қонунгузории тақрибан ҳамаи давлатҳои гурӯҳи баррасишаванда ҳуқуқи хурдсолони то 14-соларо оид ба содиркунии аҳдҳои хурди маишӣ эътироф мекунанд, зимнан КМ Украина тавзеҳи заруриро дорад: «Аҳд – аҳди хурди маишӣ эътироф мегардад, агар он талаботи маишии шахсро қонеъ намояд, ки ба инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва иҷтимоии шахс ҷавобгӯ бошад ва мавзуеро дахл мекунад, ки арзиши начандон зиёд дорад» (м. 31 КМ), КГ Қазоқистон бошад,

[61] Ниг.: Barnes A.J., Bowers T., Metzger M.B. Bisness Law &the regulatory environment: concepts &cases. – Boston, 1989. – P. 244.

саҳеҳиятро оид ба он ки чунин аҳдҳо бояд ҳангоми содири онҳо ичро карда шаванд, ворид намуда, бо ин маҳдуд мешавад[62].

Аммо дар як қатор давлатҳо барои шахсони хурдсол ҳуқуқи мустақилонаи бастани аҳдҳое, ки барои ба дастоварии беподоши фоида равона гардидааст, эътироф мегардад, инчунин аҳдҳо оид ба ихтиёрдории воситаҳое, ки аз ҷониби намояндагони қонунӣ дода шудаанд ё бо розигии охирӣ аз ҷониби шахси сеюм бо мақсади муайян ё барои ихтиёрдории озод пешниҳод шудаанд (м. 29 КГ Арманистон, м. 29 КГ Озарбойҷон ва диг.). Дар навбати худ, нисбат ба шахсони аз 14 то 18-сола дар давлатҳои гурӯҳҳои баррасишаванда ҳаҷми зиёди қобилияти пурраи амали маданӣ эътироф карда мешавад: онҳо ҳуқуқ доранд мустақилона маоши худро ихтиёрдорӣ намоянд, ҳуқуқ ба натиҷаи фаъолияти зеҳниро доранд, шартномаи суратҳисоби бонкиро банданд ва воситаҳои пулиеро, ки дар он мавҷуданд, ихтиёрдорӣ намоянд. КГ Украина доираи ваколати онҳоро аз ҳисоби эътирофи ҳуқуқи иштирокчии (муассис) шахси ҳуқуқӣ будан васеъ мекунад, дар мавриде, ки ҳам дар КГ Арманистон ва баъзе давлатҳои дигар барои гурӯҳи мазкури синнусолӣ танҳо имконияти бо расидан ба синни 16-солагӣ аъзои кооператив буданро имкон медиҳад. Нисбат ба шахсоне, ки ба синни 16 расидаанд, КГ Латвия ҳуқуқи тартибдиҳии васиятномаро оид ба ҳамаи молу мулки озодаш эътироф мекунад, яъне дар натиҷаи меҳнати шахсӣ бадастовардашуда, бе подош додашуда ё аз ҷониби волидон барои идоракунии озод пешниҳод гардида бошад[63].

Дар қонунгузории хориҷии муосир ҳанӯз ҳам масъалаи муҳимми дигар – эмансипатсияи ноболиғон ҳалли худро наёфтааст. Якум, на ҳама давлат расмиёти мазкурро иҷозат медиҳанд. Чун қоида ин масъала барои он давлатҳое хос мебошад, ки маҳдудиятҳои умумии қобилияти пурраи амалро то расидани шахсони воқеӣ ба балоғат муқаррар мекунанд. Аммо дар баробари ин, тамоилҳои муосири инкишофи муомилоти маданӣ дар баъзе ҳолатҳо

[62] Ниг.: Гражданский кодекс Республики Казахстан (Общая часть). Комментарий (постатейный). В двух книгах. Книга 1. – 2 – е изд., испр. и доп., с использованием судебной практики / Ответственные редакторы: М. К. Сулейменов, Ю. Г. Басин. – Алматы: Жети жарги, 2003. – С. 96-97.
[63] Ниг.: Гражданский кодекс Латвийской Республики, 1937. – Спб., 2001. – С. 56.

қонунгузорро маҷбур мекунад, ки роҳҳои алтернативиро ёбанд. Ҳамин тавр, масалан, КГ Эстония имконияти ба ноболиғи ба синни 15-сола расида, ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро бо қарори мақоми васоят ва парасторӣ, ки бо розигии намояндаи қонунӣ қабул шудааст, муқаррар менамояд, ки нисбат ба он эътирофи содиркунии ҳама гуна аҳдҳои барои ин заруриро, ба ғайр аз он, ки барои бастани онҳо ба намояндаи қонунӣ розигии мақоми васоят ва парасторӣ талаб карда мешавад, пешбинӣ намудааст (қ. 3 м. 10).

Дар он низомҳои ҳуқуқие, ки падидаи эмансипатсияро муқаррар менамоянд, на танҳо асос ва тартиби онҳо фарқ карда мешавад, балки ҳамзамон ҳаҷми ҳуқуқҳое, ки ба шахси эмансипатсияшуда пешниҳод шудааст. Ҳамин тавр, дар ин масъала КГ Филиппин муҳофизакор аст, ки имконияти эмансипатсияи танҳо шахсонеро, ки ба синни 18-солагӣ расидаанд, пешбинӣ мекунад (чунон қайд гардид, филиппиниҳо бо расидан ба синни 21-солагӣ қобилияти пурраи амали пурраро ба даст меоранд). Аммо ин эмансипатсия бо он маҳдуд мегардад, ки ба ноболиғ имконияти идоракунии амволаш дода мешавад, вале азхудкунӣ, мусодира ё таҳмили амволро онҳо танҳо бо розигии волидони худ ё парасторон амалӣ месозанд. Меъёрҳои дар КГ Италия пешбинӣ шудаанд, ки зарурати мувофиқаи аҳдҳои аз ҷониби ноболиғи эмансипатсияшударо бо парастори ӯ мустаҳкам менамояд. КМФ нисбат ба ноболиғи эмансипатсияшуда ҳуқуқи содиркунии ҳар гуна аҳдҳои маданиро эътироф намуда ва ӯро аз ҳокимияти волидон озод намуда, дар навбати худ, машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро манъ мекунад, аниқ муайян кардааст, ки «ноболиғи эмансипатсияшуда наметавонад ба соҳибкорӣ машғул шавад»[64].

Масъала оид ба эмансипатсияи ноболиғон пайгирона дар КМ Украина ҳам ҳаллу фасл мегардад, ба шахсе, ки ба синни 16-солагӣ расидааст ва аз рӯйи шартномаи меҳнатӣ кор мекунад, инчунин ноболиғе, ки ба сифати модар ё падари кӯдак ба қайд гирифта шудааст, ҳуқуқи бо ариза муроҷиат кардан оид ба эътирофи қобилияти пурраи амали пурраи ӯро пешниҳод

[64] Ниг.: Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань , 2004. – С. 60.

намуда метавонад. Дар баробари ин дар қонунгузории Украина имконият дода шудааст, ки бо мақсади бартарафнамоии ихтилофҳое, ки ба КМФ дар қисмати фаъолияти соҳибкории ноболиғ дахлдошта, хос мебошанд, худдорӣ намояд. Тибқи қ. 3 м. 35 КМ Украина масъала оид ба қобилияти пурраи амалкунӣ метавонад нисбат ба шахси ба шонздаҳсолагӣ расида, муқаррар карда шавад, ки ӯ хоҳиши машғул шудан бо фаъолияти соҳибкориро дорад ва дар мавриди мавҷудияти розигии хаттии волидон (фарзандхондагон), парастор ё мақоми васоят ва парасторӣ субъекти мазкур метавонад ба ҳайси соҳибкор ба қайд гирифта шавад, аз лаҳзаи ин бақайдгирӣ қобилияти пурраи амалро ба даст оварад. Қобилияти пурраи амали пурраи бо чунин тартиб ба даст овардашуда, нисбат ба ҳамаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои граждании паҳн мегардад ва дар сурати қатъи шартномаи меҳнатӣ ё амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ нигоҳ дошта мешавад[65].

Яке аз шаклҳои ҷойдоштаи эмансипатсия дар шароити Тоҷикистон ин кам кардани синну соли никоҳ ба назар мерасад. Таҳлили беш аз 50 парванда ва аризаи шаҳрвандон ба суд оид ба кам кардани синни никоҳ аз он шаҳодат медиҳад, ки қариб ҳамаи аризадиҳандагон занҳо мебошанд[66].

Суд дар ҳайати раисикунанда А.У. бо котибии котиби маҷлиси судӣ М.И. чунин парвандаро дар маҷлиси кушоди судӣ, дар бинои суди ноҳияи Рӯдакӣ санаи 25-уми июни соли 2019 дида баромад.

Парвандаи оилавиро бо аризаи А.М., шахси манфиатдор К.М. «Дар бораи кам кардани синни никоҳӣ»-ро муҳокима намуда, суд муайян кард: А.М. бо аризаи зикршуда ба суд муроҷиат намуда, дар он иброз намудааст, ки ӯ дар оилаи камбизоат ба дунё омада модараш айни ҳол бекор будааст. Дар айни ҳол аз волидонаш ягон кас кору фаъолият намекардааст. Дар оила падараш танҳо ба нигоҳу бини фарзандонаш машғул будааст. Вазъи шароити оилаи онҳо вазнин будааст. Ӯ низ дар ягон ҷой кор намекардааст. Бинобар ин ба қароре омадааст, ки ба шавҳар баромада вазъияти оилаашонро аз

[65] Михайлова И.А. Ҳамон ҷо

[66] Ниг.: Худоёрзода Б.Т., Қурбонализода Н.Ш. Ҳимояи судии ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ: воситаи таълимӣ // зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проф. Ғаюров Ш.К. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 48-49.

мушкилоти моддӣ раҳонад. Домодшаванда К.М. низ ба қарори ӯ розӣ будааст, чунки онҳо ҳамдигарро дӯст медоштаанд. К.М. ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, даромади хуб ба даст меовардааст, ки барои таъмини оилаи ояндаи онҳо басанда будааст. Ғайр аз ин ӯ мехоҳад бо ин амалаш шароити оилавии худ ва модарашро беҳтар кунад. Ӯ барои барпо намудани оила ҳам ҷисман ва ҳам руҳан тайёр буда, аз уҳдаи оиладорӣ мебаромадааст, ки ҳолати мазкурро маълумотномаи тиббӣ тасдиқ менамояд. Бо сабаби он ки ӯ ҳанӯз ба синни никоҳӣ, яъне 18-солагӣ нарасидааст, ҳуқуқи бастани ақди никоҳро надоштааст. Аз ин рӯ аз суд хоҳиш намудааст, ки синни никоҳии ӯ то як сол кам карда шавад.

Аризадиҳанда А.М. дар мурофиаи судӣ аризаашро дастгирӣ намуда ба моҳияти он баёнот дода, илова намуд, ки дар оила модараш ба беморӣ гирифтор буда, ягон манбаи доимии даромад надоштаанд ва имконияти дар оянда аз ҷиҳати моддӣ таъмин кардани фарзандонашонро, аз ҷумла ӯро надоштаанд, чунки аризадиҳанда доимо ба нигоҳу бини модари бемораш машғул будааст. Бо ин асос хоҳиш дорад, ки ҳарчи тезтар маъракаи тӯяшонро барпо кунанд. Илова кард, ки ҷисман барои издивоҷкунӣ расидааст, ӯ сиҳат ва саломат мебошад. Тӯйи арӯсу домодиашон ба рӯзҳои наздик таъин карда шудааст, аз ин рӯ мепурсад аризааш қонеъ карда шавад.

Дар маҷлиси судӣ К.М., ки ҳамчун шахси манфиатдор оид ба парвандаи мазкур ҷалб карда шуд, аризаи А.М.-ро оид ба кам кардани синни никоҳӣ дастгирӣ намуда, нишон дод, ки ӯ бо аризадиҳанда шинос буда, ҳамдигарро дӯст медоштаанд. Аз ин рӯ онҳо мақсад гузоштаанд, ки дар рӯзҳои наздик бо ҳам оила барпо намоянд. Бинобар дар ҳолати вазнин қарор доштани модари бемори арӯсшаванда рӯзи тӯй аллакай муайян карда шудааст, ки имконияти ба рӯзҳои дигар мононданаш набудааст. Худи ӯ ба соҳибкорӣ машғул буда, даромади хуби молиявӣ доштааст, ки барои таъмини оилаи ояндаи онҳо басанда будааст. Бинобар ин аз суд хоҳиш намуд, ки аризаи А.М. оиди кам кардани синни никоҳӣ қонеъ карда шавад.

Суд баёноти аризадиҳанда А.М., шахси манфиатдор К.М. ва нишондоди шоҳидонро дар мурофиаи судӣ шунида, далелҳои оиди парвандаи мазкур

ҷамъовардашударо таҳлил намуда ба хулоса омад, ки ариза бо асосҳои зерин қонеъ карда шавад:

Мутобиқи талаботи м. 13 КО ҶТ синни никоҳӣ аз ҳаждаҳсолагӣ муқаррар карда шудааст.

Тибқи талаботи қисми 2 ҳамин модда дар ҳолатҳои истисноӣ суд ҳуқуқ дорад, ки дар асоси хоҳиши шахсони издивоҷкунанда синни никоҳии дар ҳамин модда барои марду зан муқарраршударо ба мухлати на бештар аз як сол кам кунад.

Тавре аз шиносномаи додаи ШВКД-1 ноҳияи Рӯдакӣ аризадиҳанда А.М., ки санаи 10 декабри соли 2018 аз ҷониби ШВКД-1 ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, бармеояд, ки номбурда 19 феврали соли 2002 таваллуд шудааст. Сину соли ӯ то рӯзи ба суд муроҷиат намудан ҳанӯз ба синни никоҳӣ нарасидааст. Бинобар ин ӯ ба суд муроҷиат намуда, аз суд хоҳиш намудааст, ки синни никоҳии ӯ кам карда шавад.

Тибқи талаботи қ. 4 м. 13 КО ҶТ ҳуқуқи оид ба ҳамин масъала муроҷиат намудан ба суд аз синни ҳабдаҳсолагӣ фаро мерасад.

Дар маҷлиси судӣ бо далелҳои бе баҳс тасдиқ гашт, ки аризадиҳанда ба синни ҳабдаҳсолаги расидааст ва тибқи қонун барои бо масъалаи баррасишаванда муроҷиат намудан барои кам кардани синни никоҳӣ ҳуқуқ дорад.

Тибқи талаботи қисми 3 ҳамин модда ариза тибқи тартиби пешбурди алоҳида, дар суди маҳалли истиқомати шахсе, ки синнаш кам карда мешавад, баррасӣ мегардад.

Аз маълумотномаи додаи Раиси ҷамоати деҳоти С. ноҳияи Рудакӣ, дида мешавад, ки аризадиҳанда А.М. дар суроғаи ноҳияи Рудакӣ ҷамоати деҳоти С. истиқомат мекунад.

Тавре аз нишондоди аризадиҳанда ва шоҳидон бармеояд А.М. ва К.М. мақсади барпо намудани оиларо доранд ва ҳарду барои бастани ақди никоҳи расмӣ бо пуррагӣ розӣ ҳастанд.

Мувофиқи маълумотномаҳои Маркази саломатии ноҳияи Рӯдакӣ, ки қабати парванда мавҷуд аст, дида мешавад, ки аризадиҳанда А.М. сиҳату саломат буда, барои издивоҷ кардан ягон иллат ва монеагӣ вуҷуд надорад.

Дар маҷлиси судӣ шоҳид С.Б. нишон дод, ки аризадиҳанда А.М. духтараш буда ӯ айни ҳол дар ҳеҷ куҷо кор накарда фарзандонашро танҳо шавҳараш таъмину тарбия намуда ба воя расонидааст. Дар оила ягон коргар надошта, барои пурра таъмин намудани аҳли оила имконият надоштаанд. Духтараш А.М. бо домодшаванда К.М., шинос буда, ҳамдигарро дӯст медоштаанд ва онҳо мақсад гузоштаанд, ки бо ҳам оила барпо намоянд. Бинобар дар ҳолати вазнин қарор доштани вазъи оилаашон рӯзи тӯйро муайян карда, меҳмононро ба тӯй даъват кардаанд, ки имконияти ба рӯзҳои дигар мононданаш набудааст.

Бинобар ин аз суд хоҳиш намуд, ки аризаи духтараш Абдуллоева М.С. оиди кам кардани синни никоҳӣ қонеъ карда шавад.

Шоҳид К.Қ. дар мурофиаи судӣ нишон дод, ки ӯ модари домодшаванда К.М. мебошад. Писараш К.М. бо аризадиҳанда А.М. шинос буда, ҳамдигарро дӯст медоштаанд ва онҳо мақсад гузоштаанд, ки бо ҳам оила барпо намоянд. Писараш ба соҳибкорӣ машғул будааст, ки дар оянда барои аз ҷиҳати моддӣ таъмин намудани оилаашон басанда будааст. Айни замон бинобар дар ҳолати вазнин қарор доштани модари аризадиҳанда онҳо рӯзи тӯйро муайян кардаанд, ки ҳоло имконияти ба рӯзҳои дигар мононданаш набудааст. Бинобар ин аз суд хоҳиш намуд, ки аризаи А.М. оиди кам кардани синни никоҳӣ қонеъ карда шавад.

Ҳамин тариқ, суд далелҳои оиди парвандаи мазкур ҷамъовардашуда ва дигар ҳолатҳои воқеию объективии парвандаро мавриди муҳокима қарор дода, ба хулоса омад, ки аризаи А.М. бояд қонеъ карда шавад, зеро асосҳои овардашудаи боло ҳолатҳои истисноӣ ва қобили таваҷҷуҳ буда, барои кам кардани синни никоҳии аризадиҳанда асос шуда метавонад.

Дар рӯзи баровардани ҳалнома барои синни никоҳии А.М., ҳафт моҳу бисту чор рӯз намерасад, аз ин рӯ суд кам кардани ҳамин муҳлатро лозим донист.

Бо дастрасии моддаҳои 198-202 КМГ ҶТ, суд ҳал кард:

Аризаи А.М., шахси манфиатдор К.М. «Дар бораи кам кардани синни никоҳӣ» қонеъ карда шавад. Синни никоҳии А.М. ба муҳлати ҳафт моҳу бисту чор рӯз кам карда шавад[67].

Таҳлили алоҳидаро масъалаи басо муҳим оид ба танзими қонунии маҳдудсозии қобилияти пурраи амали шахси воқеӣ ва оид ба эътирофи ғайримукаллаф донистани онҳо талаб мекунад. Бо таъкиди он ки ҳеҷ кас наметавонад дар қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти пурраи амал маҳдуд карда шавад, ба таври дигар, дар ҳолатҳо ва тартибе, ки бо қонун пешбинӣ гардидааст, амалан қонунгузории мадании ҳамаи давлатҳои муосир ба дараҷаи баланд ё пасти мушаххассозӣ феҳристи асосҳоро барои чунин тағйироти муҳим дар вазъи ҳуқуқии шаҳрванд муқаррар менамоянд. Дар баробари ин, таваҷҷуҳ ба маҳдудсозии қобилияти пурраи амал дода мешавад, ки он, чун қоида, дар манъи содиркунии мустақилонаи аҳдҳои муайян ва ихиёрдории даромадҳо ифода мегардад, вале ҷавобгарии мустақилонаро барои расонидани зарар истисно намекунад.

Дар низомҳои ҳуқуқии муосир метавон асосҳои дигарро барои маҳдудсозии қобилияти пурраи амали шахси воқеӣ ошкор кард. Феҳристи васеи чунин асосҳоро КМФ дарбар мегирад, ки ба он халалдоршавии ҳолати руҳӣ, ноқисулақлӣ, карию гунгӣ, таъйини ҷазо, исрофкорӣ, вазъи оилавӣ, табаияти хориҷӣ ва муфлисиро дохил мекунад. Норасоии ҷисмонии шаҳрванд ҳамчунин дар Фаронса ба назар гирифта мешаванд, аз ҷумла, шахси кару гунге, ки навишта наметавонад, метавонад ҳадяро тавассути парастори худ қабул намояд (м. 936 КМФ).

Дар баъзе давлатҳо асоси маҳдудсозии қобилияти пурраи амал ва эътирофи ғайримукаллафии шахс ҳамчунин барои ноболиғон низ пешбинӣ карда мешавад. Ҳамин тавр, масалан, КГ Лаҳистон имконияти маҳрумсозии пурраи қобилияти пурраи амали шахсро, ки ба синни 13-солагӣ расидааст, муқаррар менамояд, агар дар натиҷаи бемории руҳӣ, норасоии ақлонӣ ё дигар бемории равонӣ, аз ҷумла, бинобар майзадагӣ ё нашъамандӣ, шахс рафтори худро идора карда наметавонад.

[67] Ниг.: Бойгонии суди ноҳияи Рӯдакӣ. Парвандаи №2-3206/19. Соли 2002.

Дар сурате ки ҳолати ин шахс асос барои маҳрумсозии пурраи қобилияти пурраи амалро надиҳад, вале ӯ барои пешбурди корҳо ниёз дорад, мумкин аст ӯ аз қобилияти пурраи амал қисман маҳрум карда шавад. Равиши мушобеҳ барои ҳалли масъалаи мазкур дар Қонуни оид ба шахс ва оилаи Булғория аз соли 1949 ифодаи худро ёфтааст, ки зарурати бознигарии қарори пештар қабулшударо оид ба эътирофи ғайриқобили амал будани шахсро бо расидан ба синни 18-солагӣ муқаррар менамояд. Агар бо мурури замон беҳбудӣ фаро расад ва ҳолати чунин шахсон на ба он қадр вазнин шавад, ки онҳоро дар зери мафҳуми «манъи пурра гузошта шавад, онҳо зери мамнуии қисмӣ гузошта мешаванд, яъне қобилияти пурраи амали мадании онҳо қисман маҳдуд карда мешавад»[68].

Дар Тоҷикистон қобилияти амалкунии шаҳрванд танҳо тавассути қарори суд маҳдуд карда мешавад, ки барои он асосҳои зерин шарт аст:

- мубталои қиморбозӣ, сӯиистеъмолии машрубот, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда;

- худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор додан.

Дар сурати ҷой доштани ҳолатҳои номбурда чунин шаҳрванд таҳти парасторӣ қарор дода мешавад. Парасторӣ оқибатҳои гуногуни маҳдудкунандаи молумулкӣ низ дорад. Аз ҷумла, шахсе, ки қобилияти амалкуниаш маҳдуд гашта, таҳти парасторӣ қарор дорад, ҳуқуқ дорад мустақилона аҳдҳои хурди маишӣ бандад.

Барои анҷом додани аҳдҳои дигар, гирифтани музди меҳнат, нафақа ва даромади дигар ва сарф кардани он ӯ танҳо бо розигии парастор ҳуқуқ дорад. Вале чунин шаҳрванд барои аҳдҳои анҷомдода ва зиёни расонидааш мустақилона масъулияти молу мулкӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки маҳдуд гардидани қобилияти амалкунӣ хусусияти доимӣ надошта, мумкин аст, ки шаҳрванд, агар асосҳое, ки мутобиқи онҳо қобилияти амали шаҳрванд маҳдуд гардида буд, аз миён бардошта шаванд, суд маҳдудияти қобилияти амали ӯро бекор кунад. Дар асоси қарори суд парасторӣ барои шаҳрванд муқарраргардида низ бекор карда мешавад.

Маҳдудиятҳои қобилияти пурраи амал ва эътирофи ғайри қобили амали шаҳрвандон, ки дар низомҳои ҳуқуқии гуногун ҷоиз мебошад, ки бо ниҳоди васоят

[68] Ниг.: Гражданское законодательство Народной Республики Болгария. – М, 1952. – С. 32.

ва парасторӣ ҷуброн карда мешаванд. Истисно давлатҳои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ мебошанд, ки дар он ин функсияҳоро ниҳоди моликияти эътибордошта иҷро мекунанд, вале дар давлатҳое, ки ин қоидаҳоро фаъолона истифода мебаранд, то ҳол ҳуқуқи хусусии римӣ дақиқ коркард шудаанд, то имрӯз равиши ягона ба танзими ҳуқуқии онҳо ба вуҷуд наомадааст.

Таҳлили муқоисавии қонунгузории Тоҷикистон ва дигар давлатҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ба сифати асосҳои маҳдудкунии қобилияти амалкунӣ мубталои қиморбозӣ, суиистеъмолии машрубот, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда, ки ба ин восита худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор доштани шахси воқеӣ баромад мекунад (қ. 1 м. 31 КМ ҶТ). Аммо ба андешаи мо, дар воқеъияти зиндагӣ ҳолатҳое мавҷуданд, ки аз нашъамандӣ ва майзадагӣ зиёд таъсири манфӣ ба шаҳрванд ва наздикони ӯ мерасонад. Дар давлатҳое, ки идораҳои букмекерӣ манъ нашудаанд, ҳолатҳои манфӣ дида мешавад. Албатта, дар ин росто бояд оид ба маърифати рафтор дар истифодаи тотализатор ва парӣ гуфтан зарур аст. Дар давлатҳои Ғарб (Британияи Кабир, ШМА ва диг.) ин рафтор ҷузъи индустрияи истироҳат ба шумор меравад. Дар давлатҳои пасошуравӣ, ки анқариб ин чизҳоро намедонистанд, аҳолӣ яку якбора кушода шудани идораҳои букмеккерӣ ба он оварда расонид, ки як теъдоди муайяни шаҳрвандон, новобаста аз синну сол бо мақсади ёфтани даромади муфт ба он дода шуда, аз молу мулк ҷудо шудаанд. Шахсе, ки муддати начандон дароз ба солиммонӣ машғул шуда бошад, ба ҳамон чиз одат мекунад, «мешинад», ки ин боиси на танҳо харобшавии вазъи иқтисодии оила, балки ба вайроншавии худи шахс оварда мерасонад. Шояд бо ҳамин сабаб, дар Ӯзбекистони ҳамсоя барои кушодани идораи букмеккерӣ иҷозат дода намешавад. Вале шаҳрвандони ин кишвар ба ҳамсоя давлатҳо (аксаран ба Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон) омада солимашонро монда мераванд. Ба андешаи мо вақти он расидааст, ки ё шаҳрванди ба чунин кор суиистифода мекардаро бо аризаи шахсони манфиатдор қобилияти амалкуниаш тариқи судӣ маҳдуд карда шаванд, ё ин ки масъалаи истифодабарии замимаҳои дахлдори электронӣ ва фаъолияти идораҳои букмеккериро аз нав дида баромадан зарур аст.

Аксаран, қонунгузор бевосита доираи шахсоне, ки метавонанд васӣ ва парастор бошанд, муайян мекунад. Ин масъала дар КГ Латвия муфассал ва дақиқ танзим шудааст, ки тибқи он дар мавриди фавти падару модар васии ноболиғ бо ҳуқуқҳои мутобиқи волидон бобо ё бибӣ таъйин карда мешаванд, агар онҳо васоятро тибқи асосҳои дар қонун муқарраргардида, ба даст оварда натавонанд, васӣ аз зумраи хешовандони наздик таъйин карда мешавад, яъне шахсоне, ки дар мавриди фавти ин ноболиғон мумкин буд, аз рӯйи қонун вориси онҳо бошанд, дар ҳолате ки, агар шахсони номбурда номуносиб бошанд. Васӣ аз зумраи хешовандони дур таъйин карда мешаванд ва танҳо дар сурати имконнопазирии таъйини васӣ аз зумраи хешовандони ноболиғ суд метавонад онро аз ҳисоби дигар шахсон интихоб намояд.

Муқаррарот оид ба зарурати интихоби васӣ аз ҳисоби хешовандон ё шахсони ба ноболиғ ё оилаи ӯ қаробатдошта, ҳамчунин дар қонунгузории бисёр давлатҳои дигар пешбинӣ карда шудааст ва ҳамаи асосҳо мавҷуданд, ки ин қоида дар фасли мувофиқ ба КМ ҶТ ворид карда шаванд. Чунки айни замон, муқаррароти қонунӣ вобаста ба ин масъала мавҷуд нест, ҳарчанд дар фаъолияти амалии мақомоти васоят ва парасторӣ муқаррароти мазкур фаъолона истифода бурда мешавад.

Мазмуни муҳимро барои тавсифи қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсони воқеӣ дар қонунгузории муосир масъалаҳоеро доранд, ки бо ҷавобгарии ҳуқуқии мадании онҳо алоқаманд аст ва барои ҳалли он ду равиши асосии зерин татбиқ мегардад:

1) тафриқасозии ҷавобгарии шахсони воқеӣ вобаста ба синну сол ва асосҳои маҳдудсозии қобилияти пурраи амал;

2) эътирофи ҳамаи шахсони воқеӣ ҳамчун субъекти ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ новобаста аз омилҳои дар боло нишондодашуда бо мустаҳкамнамоии механизми ҷавобгарии субсидиарии падару модари онҳо, васиён ва дигар намояндагони қонунии онҳо.

Равиши якуми зикршуда васеъ паҳн гардид, ҳарчанд он ҳар хел тафсир карда мешавад. Чунончи дар баъзе давлатҳо муқаррарот оид ба имконнопазирии ба ҷавобгарӣ кашидани ин ё он шахс барои зараре, ки шахси хурдсол ё шахсе, ки

мамзуни ҳаракатҳои худро намефаҳмад, муқаррар шудааст. Масалан, дар Исроил кӯдаки то 12- сола ба сифати шахсе, ки қобилияти донистан ва баҳо додани ҳолатро дорад, ки ба расонидани зарар оварда мерасонад, эътироф намегардад (б. «в» м. 5 Ордонанс оид ба ҷуброни зарар аз 12-уми феврали соли 1981), мутобиқи он нисбат ба ӯ наметавонад даъво нисбат ба амалҳои ғайриқонунии онҳо ва оқибати он пешниҳод гардад (б. «а» м. 9 Ордонанс)[69].

Тибқи КМФ шахси дар ҳолати халалдоршавии рӯҳӣ қарордошта, ки ба шахси дигар зарар расонид уҳдадор нест ки онро ҷуброн намояд. КГ Гурҷистон (м.996) ва КГ Туркманистон (м. 1031), ки дар мавқеи мазкур қарор дошта, дорои эзоҳи зерин мебошанд: «Агар шахс худро бо истифодаи нӯшокиҳои машруботӣ ба чунин ҳолат расонида бошад, ӯ аз ҷавобгарӣ озод намегардад, ғайр аз ҳолатҳое ки, агар ӯ дар чунин ҳолат на бо гуноҳи худ қарор дошта бошад»[70].

Дар баробари ин бисёр қонунгузорон эътироф мекунанд, ки ҷавобгарӣ барои зараре, ки хурдсолон расонидаанд, ба зиммаи волидон ё фарзандхондагон аст, барои зарари аз ҷониби шахси ғайри қобили амал расонида шуда бошад, шахсоне, ки назоратро аз болои онҳо амалӣ месозанд[71], агар исбот накунанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо ба вуҷуд наомадааст. Қисман ноболиғони мукаллаф ҷавобгариро аз рӯйи аҳдҳо ва зарари расонидашуда мустақилона ба зимма доранд, дар баробари ин ҳангоми нокифоягии моликият ва даромади ба онҳо тааллуқдошта, ҷавобгарии субсидиарии намояндагони қонунии онҳо пешбинӣ карда мешавад. Лекин аз ин қоидаи умумӣ баъзе истисноҳо низ ҳаст. Ҳамин тавр, КГ Гурҷистон (м.994) ва КГ Туркманистон (м. 1092) масъалаи ҷавобгарии ноболиғонро бо қобилияти ӯ оид ба фаҳмидани мазмуни ҳаракатҳои худ алоқаманд мекунанд.

Дар Исроил масъала оид ба ҷавобгарии шаҳрвандон ба таври тафриқавӣ вобаста ба истилоҳи уҳдадории бавуҷудомада ҳаллу фасл мегардад. Шахсе, ки ба синни 18-солагӣ нарасидааст, мумкин аст ба ҷавобгарии маданӣ барои аз ҷониби ӯ содир гардидани амалҳои ғайриқонунӣ ҷалб карда шавад, вале ба ӯ пешниҳод

---

[69] Ниг.: Ордонанс о возмещении вреда от 12 февраля 1981 г. // Гражданское законодательство Израиля. – Тельавив, 1982. – С. 380.
[70] Ниг.: Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань , 2004. – С. 65.
[71] Ниг.: Закон Болгарии об обязательствах и договорах от 3 ноября 1950г. Ст. 47,48; ГК Казахстана. – Ст. 925, 928; ГК Грузии. – П. 2. – Ст. 994-995.

намудани даъвои мустақим ё ғайримустақим аз шартнома бароянда, ки бо иштироки ӯ баста шудааст, мумкин нест. Умуман, равиши дигар ба ҳалли масъала оид ба ҷавобгарии ҳуқуқи мадании шахсе, ки қобилияти пурраи амалро дар ҳаҷми пурра надорад, КГ Латвия нишон медиҳад, ки мутобиқи он зарари аз тарафи кӯдак расонидашуда то расиданаш ба синни ҳафт, бемори равонӣ ё шахси мукаллаф дар ҳолати беҳушӣ ё халалдоршавии фаъолияти ақлонӣ, аз моликияти онҳо бояд ҷуброн карда шаванд, бо шарте ки онҳо аз воситаҳои барои нигоҳдориашон зарурӣ маҳрум нагарданд (м. 1780).

Агар дар баробари ин шаҳрвандон ва ташкилотҳое, ки ба зиммаи онҳо амалисозии назорат аз болои шахсони номбаргардида вогузор гардидааст, ба бепарвоӣ роҳ дода бошанд, барои зарари аз ҷониби зервасояташон расонида шуда, онҳо ҷавобгариро бо моликияти худ ба уҳда доранд[72].

Таҳлили махсусро ҳамчунин масъала оид ба ҳуқуқҳои меросии шахсони воқеӣ талаб мекунад, чунки қонунгузории давлатҳои хориҷӣ қобилияти ҳуқуқии меросдиҳандагон, навбати эътироф ба мерос ва якчанд дигар масъалаҳои муҳимро ба таври гуногун танзим мекунад. Чун қоида, қобилият ба тартибдиҳии васиятнома танҳо нисбати ба шахсони ба балоғатрасида эътироф карда мешавад, аммо қонунгузории баъзе давлатҳо нуқтаи назари бештар мутараққиро ба ин масъала ифода мекунад. Дар Испания, масалан, қобилияти меросдиҳиро танҳо ноболиғони дар синни то 14-сола надоранд ва шахсоне, ки доимӣ ё муваққатӣ «дар ҳолати солимӣ ва хотираи хуб қарор доранд» (Act. 663 CC). Мутобиқи қ. 2 § 540 КГ Чехия, шахсони ба синни 15 расида, метавонанд моликияти бо меҳнати худ бадастовардаро васият намоянд, ба шарте ки ин васиятнома ба таври нотариалӣ тасдиқ карда шавад. Дар Венгрия бошад (қ. 2 § 624 КГ). МГО ҳуқуқи содиркунии васиятномаро бидуни розигии намояндаи қонунӣ нисбат ба шахсони ба синни 16-солагӣ расида, эътироф мекунад (§ 2064).

Дар Фаронса, баръакс, қобилияти ҳуқуқии васияткунии ноболиғон баъзе маҳдудиятҳо дорад: тибқи м. 904 КМФ ноболиғи ба синни 16-солагӣ расида ва

[72] Ниг.: Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань , 2004. – С. 66.

эмансипатсия нашуда, метавонад дар васиятнома танҳо қисми ашёро, ки қонун мустақилона ихтиёрдории онро иҷозат медиҳад, ихтиёрдорӣ намояд[73].

Ҳама нуктаҳои дар боло зикргардида имкон медиҳад оид ба равишҳои гуногун ба танзими қонунии қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ дар давлатҳои хориҷии муосир хулоса кунем.

Тафовутҳои назаррас ва ба қадри кофӣ гуногун дар истилоҳоти аз ҷониби қонунгузорон истифодашаванда, инчунин дар бунёди низоми мустаҳкамнамоии ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии мадании шахсони воқеӣ дар маҷмуъ пайгирӣ мешаванд. Ин низомҳо на ҳама вақт дар қонунгузории мадании кодификатсионӣ пешбинӣ гардидаанд. Бештар онҳо ҷанбаи комплексӣ ва омехта доранд, ки бо ҳайати мураккаби этноконфессионалии аҳолӣ вобастагӣ дорад.

Ҳамзамон ҳангоми муайянсозии лаҳзаи пайдошавӣ ва қатъи қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ, аз ҷумла ҳангоми ҳалли масъалаи вобаста ба бедарак ғоибшавии шахс тафовутҳо ба назар мерасад. Аз рӯйи ин аломат метавон давлатҳоеро ҷудо намуд, ки дар онҳо:

1) ниҳоди бедарак ғоибшавӣ ва фавтида эълон намудан вобаста ба бедарак ғоибшавӣ бо тартиби маъмул барои низоми ҳуқуқии ватанӣ пешбинӣ нагардидааст (Британияи Кабир, ШМА);

2) ниҳоди фавтида эълон намудани шахс ҷой надорад ва қонунгузор бо танзими расмиёти эътирофи бедарак ғоибшуда маҳдуд мегардад (Фаронса, Люксембург);

3) барои фавтида эълон намудани шаҳрванд расмиёти пешакии эътирофи бедарак ғоибшавии ӯ  пешбинӣ нагардидааст (Чехия, Чили);

4) ҳар дуи ниҳоди нишондодашуда мустаҳкам гардидаанд (Италия, Украина, Филиппин ва диг.).

Синну соле, ки бо расидан ба он шахс  қобилияти пурраи амали ӯ пурра эътироф карда мешавад, фарқ карда мешавад. Дар навбати худ, дараҷаи тафриқашавии ҳаҷми қобилияти пурраи амал аз рӯйи гурӯҳҳои синну солӣ имкон медиҳад, ки се гурӯҳи давлатҳо ҷудо карда шаванд:

---

[73] Михайлова И.А. Ҳамон ҷо. – С. 67.

1) ҳамаи ноболиғонро пурра ғайримукаллаф эътироф мекунанд (Фаронса, Белгия, Люксембург);

2) муқарраркунандаи маҳдудияти қобилияти пурраи амал то расидан ба балоғат новобаста аз синну сол (Британияи Кабир, ИМА, Олмон, Швейсария, Туркманистон, Эстония);

3) ҷудокунандаи якчанд гурӯҳҳои синну солии ноболиғон, ки вобаста ба ҳаҷми қобилияти пурраи амали ба онҳо тааллуқдошта, фарқ мекунанд (Лаҳистон, Чехия, Арманистон, Озарбойҷон, Украина). Масъала оид ба асосҳо, шартҳо ва пайомадҳои ҳуқуқии эмансипатсия, инчунин маҳдудкунии қобилияти пурраи амали ҳам шахсони ба балоғатрасида ва ҳам ноболиғон (дар баъзе ҳолатҳо) низ ба таври мухталиф ҳал карда мешавад.

Ҳангоми танзими масъалаҳои вобаста ба таъйин ва амали васоят ва парасторӣ фаҳмиши гуногуни ниҳодҳои мазкур то дараҷаи пурра шабеҳсозии онҳо ба мушоҳида мерасад. Дар давлатҳои гуногун асосҳои мухталифи муқаррарсозии васоят ва парасторӣ, бо дараҷаи гуногуни мушаххассозии доираи шахсоне муайян карда мешавад, ки онҳо метавонанд ё, баръакс, наметавонанд васӣ (парастор) бошанд.

Ҳангоми ҳалли масъала оид ба имконияти ба ҷавобгарии ҳуқуқии маданӣ кашидани шахсони воқеӣ метавон ду равиши асосии қонуниро ҷудо кард:

1) тафриқасозии ҷавобгарии шахсони воқеӣ вобаста ба синну сол ва асосҳои маҳдудсозии қобилияти пурраи амал (Қазоқистон, Исроил, Туркманистон, Гурҷистон ва ғайра).

2) эътирофи ҳамаи шахсони воқеӣ ҳамчун субъекти ҷавобгарии маданӣ новобаста аз омилҳои дар боло нишон додашуда бо мустаҳкамнамоии механизми ҷавобгарии субсидиарии волидон, васиён, дигар намояндагони қонунӣ ва шахсоне, ки қобилияти амалро дар ҳаҷми пурра надоранд (Латвия).

Ҳамчунин ҳангоми танзими як қатор масъалаҳои бо мерос аз рӯйи қонун ва васиятнома алоқаманд буда тафовути муҳим мушоҳида мегардад. Ҳамин тавр, ҳар гуна қобилияти меросгирии шахсони воқеӣ муайян карда мешавад: аз рӯйи қоидаи умумӣ он танҳо нисбат ба субъектони қобилияти пурраи амали пурра эътироф мегардад, аммо дар як қатор давлатҳо (Испания, Венгрия, Чехия, Словения,

Олмон, Фаронса, Русия) чунин қобилиятро ҳамчунин ноболиғон низ доранд. Ҳамчунин тартиби тамоюл ба мерос низ фарқ мекунад, дар баробари ин бисёр вақт ҳуқуқҳои ҳамсари шавҳармурда поймол мегардад, ки барои Тоҷикистон номақбул мебошад.

Бо эътирофи тадриҷии ғоя оид ба арзиши олии шахс, дар мавриди зарурати таъмин, ҳифз ва ҳимояи ҳамаи ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон, новобаста аз синну сол, миллат, эътиқоди динӣ ва дигар омилҳо, тақрибан дар ҳамаи давлатҳои дунё кӯшиши зиёде бо мақсади такмили қонунгузорӣ оид ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ татбиқ карда шуд. Дар асоси гуфтаҳои боло метавон чунин натиҷагирӣ намуд:

1. Барои ташаккул ва инкишофи низоми ҳуқуқии давлатҳои ба оилаи ҳуқуқии романӣ-олмонӣ воридшаванда пазириши ҳуқуқи римӣ таъсири бузург расонид, пеш аз ҳама, ҳамон муқарраротни он, ки муҳимтарин ченакҳои вазъи ҳуқуқии мадании шахсро муайян мекарданд, аз ҷумла муқаррарот оид ба пайдоиш ва қатъи қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ; ҳаҷм ва мазмуни ҳуқуқҳои субъективӣ, ки ба намояндагони гурӯҳҳо ва табақаҳои гуногун тааллуқ доранд; оид ба маҳдудкунии ҳуқуқи субъективии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ; оид ба вижагиҳои меросгирии гурӯҳҳои гуногуни меросхӯрон, оид ба васоят ва парасторӣ ва ғайра.

2. Пазириши ҳуқуқи римӣ варосати пешравандаро дар ҳуқуқшиносии байналмилалӣ ифода намуда, зинаи хоси пайвандгари байни дастовардҳои ҳуқуқии давлатҳои антиқа ва давраҳои нави таърихӣ – Асримиёнагӣ ва Замони нав гардид. Мустаҳкамии қонуниро дар низоми қонунгузории ин давра ба даст оварда, муқарраротни бештар мутараққии ҳуқуқи римӣ, аз ҷумла муқаррарот оид ба вазъи ҳуқуқии шахс, ба низоми ҳуқуқии айни замон амалкунандаи пеш аз ҳама давлатҳое, ки ба оилаи ҳуқуқии романӣ-олмонӣ дохиланд, аз ҷумла дар Тоҷикистон ҳам ворид гардид.

3. Вазъи ҳуқуқи мадании шахс дар давоми асрҳо ба таври назаррас тағйир меёфт ва ба як қатор ҳолатҳо аз қабили мансубияти табақотӣ ва миллӣ, мансубияти динӣ, ҷинс, синну сол, доираи фаъолият ва ғайра вобаста буд. Дар баробари ин, ба ҳар як

омили зикргардида дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ қонунгузории миллӣ мазмуни гуногун мебахшид.

4. Ба ташаккули тасаввурот оид ба вазъи ҳуқуқии мадании шахс меъёрҳои динӣ таъсири назаррас доштанд, пеш аз ҳама ҳуқуқи қонунии насронӣ, ки аз бисёр ҷиҳат таҳияи ҳуқуқии римиро инъикос мекард, маҳз аз Рим дини насронӣ бисёр назарияҳои ҳуқуқиро иқтибос намуд, ки ҳифз гардида ва минбаъд ба Асри миёна интиқол гардид, барои ин ҳуқуқи қонуниро аксаран пуле меноманд, ки бо он фарҳанги ҳуқуқии римӣ ба ҷаҳони феодалӣ гузашт.

5. Таъсири муҳимро ба ташаккул ва инкишофи қоидаҳои қобилияти ҳуқуқдории мадании  шахс дар қонунгузории кишварҳои хориҷӣ ақидаҳои пешрафтаи барҷастатарин мутафаккирони даврони Маърифат расониданд, ки як силсила ғояҳои бунёдӣ ва асосии дар солҳои тулонӣ муайянкунандаи самти инкишофи афкори ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар соҳаи мақоми маданӣ-ҳуқуқии шахсони воқеиро тасвият ва асоснок намуда буданд.

6. Тамоюли умумӣ дар инкишофи консепсияи қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ дар қонунгузории хориҷӣ тасдиқи тадриҷан ҷорӣ гардидани ғояҳои баробарии ҳуқуқҳои мадании  ҳамаи шахсони воқеӣ ва муқаррар гардидани асосҳои умумӣ барои маҳдудкунии имконпазири онҳо гардид. Дар ин ҷода паҳншавии қонунгузории Аврупои Ғарбӣ дар давраи ҳукмронии мустамликадории Фаронса, Испания, Британияи Кабир ва баъзе кишварҳои дигар нақши муҳим доштанд.

Инкишофи таърихии қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқӣ шаҳодати тамоюли густариши қобилияти ҳуқуқдорӣ мебошад. Ҳамин тавр, дар давраи ғуломдорӣ ва феодалӣ ниҳоди мазкур барои табақаҳои мухталиф гуногун буд, ҳаҷми ҳуқуқ ҳамчунин ба дигар омилҳо (нажод, ҷинс, шаҳрвандӣ, ҳуқуқ ба замин ва ғ.) низ вобаста буд, ғайр аз ин, ғуломон умуман субъекти ҳуқуқ набуданд. Аввалин маротиба баробарии расмии қобилияти ҳуқуқдорӣ барои ҳамагон дар давраи буржуазӣ мавриди гуфтугӯ қарор гирифт. Доктринаи ҳуқуқии дар ин замон ба вуҷудомада, муқарраротеро дар бар мегирифт, ки мутобиқи он инсон ҳамчун офаридаи табиие идрок мешавад, ки аз тарафи ҳуқуқ эътироф гардида, аммо тавассути он сохта нашудааст. Азбаски одамон табиатан

баробаранд, чунин баробарии онҳо бояд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ низ мустаҳкам карда шаванд. Доктринаи ҳуқуқӣ аввалин маротиба истилоҳи «шахси воқеӣ»-ро ворид кард. Ба ҳамин давра пайдоиши қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти пурраи амал ва таҳқиқи муфассали онҳо дахл дорад. Дар давраи капитализм баробарии ҳуқуқ, ки ба он мансубияти нажодӣ, миллат, ҳолати иҷтимоӣ ва ғайра таъсир надоштанд, эълон гардид.

Аз таҳқиқоти таърихии гузаронидашудаи қонунгузории миллӣ ва илми ҳуқуқ хулоса баровардан оид ба нобаробарӣ, давравияти инкишофи қоидаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва унсурҳои он дар Тоҷикистонро имконпазир месозад. Махсусан ин нукта дар танзими ҳуқуқии қобилияти ҳуқуқдорӣ зоҳир гардидааст. Дар давраи ибтидоии ҳуқуқ ва давлат қобилияти ҳуқуқдорӣ бо таҳкими давлат баробар буд ва тамоили дақиқ ба нобаробарии қобилияти ҳуқуқдорӣ муқаррар гардид, ки он бо мурури замон инкишоф ёфта, дар натиҷа ба он оварда мерасонад, ки баъзе шаҳрвандон тамоман аз он маҳрум мешаванд. Охири асри XIX тафовут дар қобилияти ҳуқуқдорӣ аз нав ҳамвор мегардад, аммо баробарии қобилияти ҳуқуқдорӣ танҳо дар аввали асри XX муқаррар карда мешавад. Аз ин вақт қоидаи мазкур дар қонунгузорӣ нисбат ба ҳамаи шаҳрвандон баробар ва бегонанашаванда мустаҳкам мегардад.

Инсонро субъекти ҳуқуқ эътироф карда, вазъи ҳуқуқӣ, мавқеи ибтидоии шаҳрванд дар ҷомеа, муносибати ӯ ба неъматҳои асосии иҷтимоии ҷомеа, ҷойгоҳеро нишон медиҳад, ки дар механизми иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеа инсон мавқеъ дорад. Мавқеи ибтидоии шаҳрванд дар ҷомеа аз ҷониби давлат ба воситаи эътирофи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои устувор ва имконияти амалисозии он, яъне бо роҳи муайянсозии ҳуқуқи субъективии онҳо кафолат дода мешавад.

Ба сифати муҳтавои моддии қобилияти ҳуқуқдорӣ он неъматҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавӣ хизмат мекунанд, ки имконияти истифодаи онҳо аз ҷониби давлат нисбат ба ҳамаи аъзои ҷомеа дар намуди ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии он эътироф шудааст. Ин ҳуқуқи шаҳрванд барои аз ҷомеа ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва фарҳангӣ, ҳуқуқ ба таъмини

моддӣ ва ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба иштирок дар амалисозии ҳокимияти давлатӣ, озодии сиёсӣ ва дигар ҳуқуқҳо ва ғайра мебошанд. Дар навбати худ ҳуқуқ ҳамзамон, барои ҳар як шаҳрванд уҳдадориҳои муайянро вобаста ба неъматҳои моддӣ, сиёсӣ ва маънавӣ вогузор менамояд, ки он дар ихтиёри ҷомеаи дар давлат ташкилшуда қарор дорад.

Барои шаҳрванд ҳуқуқҳои асосӣ ва уҳдадориҳоро мустаҳкам намуда, ҳуқуқ бо ҳамин, миқёсии рафтори имконпазир ва зарурии шаҳрванд ва давлатро вобаста ба неъматҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва маънавии ҷамъият муайян мекунад.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ нахустин марҳилаи таъсиррасонии танзимии ҳуқуқ ба кирдори одамон, ҳалқаи ибтидоии мушаххассозии дастуроти давлат мебошад, ки ҳолати умумии ҳуқуқии шаҳрванд ва давлатро нисбат ба якдигар муайян мекунад.

Инкишофи проблемаҳои қобилияти ҳуқуқдориро ҳамчун қоида дар ҳуқуқи маданӣ шартан ба чор марҳила тақсим намудан мумкин аст.

*Марҳилаи аввал бо замони зардуштия вобаста аст.* Ҳуқуқи мадании зардуштӣ меъёрҳоеро дар бар мегирифт, ки муносибатҳои ҳуқуқии мадании ҷанбаи молумулкидошта ва ғайримолумулкидоштаи шахсиро, ки байни зардуштиён ва намояндагони динҳои дигар ва ғайра бавуҷудомадаро танзим мекард[74]. Дар ин ҳолат нақши муҳимро меъёрҳои китоби муқаддаси зардуштӣ Авасто иҷро мекард. Меъёрҳои Авасто вазъи ҳуқуқии субъектони муносибатҳои шаҳрвандиро муқаррар менамуд.

Авасто ва зардуштия, умуман ҳамчун сарчашмаи сегонаи меъёрҳои иҷтимоӣ, ҳамчун динӣ, маънавӣ ва ҳуқуқӣ, таснифи меъёрҳои ҳуқуқиро ба соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи маданӣ намедонист. Аммо ҳуқуқи зардуштӣ, ҳамчун оғози ҳамагонии ташаккулёбии ҳуқуқи навишташуда, наметавонист дар танзими муносибатҳои ҷамъиятии давлатҳои қадимии Осиёи Миёна ва Эрон бидуни меъёрҳои ҷанбаи ҳуқуқии маданӣ вуҷуд дошта бошанд, чунки муносибатҳои амволӣ дар давраи ташаккули давлатдории ҳамаи халқҳо нақши муҳим мебозад[75].

---

[74] Ниг.: Халиков А.Г. Правовая система зароастризма. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2005. – С. 106.
[75] Халиков А.Г. Ҳамон ҷо.

Бояд қайд кард, ки дар Авасто баъзе намудҳои шартнома муайян гардида буд, ки шаҳрвандон метавонистанд онро банданд. Ба зумраи онҳо шартнома–кафолати шифоҳӣ, шартномаи кафолат, ки бо дастфишурӣ амалӣ мегардид, шартнома–кафолат бо гӯсфанд, шартнома–кафолат бо ғулом ва ғайра дохил мешаванд. Ғайр аз ин, дар ҳуқуқи зардуштӣ дар бораи шартномаи хариду фурӯш аз ҷониби истеҳсолкунандагон ёдоварӣ мешавад. Масалан, нисбат ба косибон дар «Аҳкоми руҳи Хирад» навишта мешавад, ки: «Уҳдадории косибон дар он аст, ки ба коре, ки онҳо намедонанд, нарасанд, онеро ки онҳо медонанд, хуб иҷро мекарданд ва аз рӯйи адолат муздро талаб мекарданд». Ҳуқуқи зардуштӣ соҳибмулкон ва истеҳсолкунандагонро уҳдадор менамояд, ки ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш ба арзиши воқеии амвол такя дошта бошанд[76].

Ҳамин тавр, субъектони ҳуқуқи авастоӣ вобаста ба ҳолати озодӣ, ҳолати шаҳрвандӣ ва ҳолати оиладорӣ ҳуқуқи қобилияти пурраи амал доранд.

Аз ҳолати озодӣ пуррагии уҳдадории субъектони ҳуқуқ вобаста буд. Агар шахс озод бошад, дар ин сурат, эҳтимол, соҳиби ҳуқуқҳои васеъ ва ваколатҳо буд, агар ғулом бошад, мутобиқан субъекти ҳуқуқ дар шакли маҳдуд мебошад. Ҳолати маданӣ ҳамчунин қисмати муҳимми қобилияти пурраи амали шахс дар ҷамъияти авастоӣ мебошад. Эрониҳо дар тафовут аз ғайриэрониҳо ва зардуштиҳо аз ғайризардуштиҳо ҳуқуқ ва ваколатҳои васеътар доштанд[77].

Вазъи ҳуқуқии шахсон ҳамчунин аз ҳолати оиладорӣ ва вазъи субъект дар оила вобаста буд. Агар шахс дар оила сардор бошад, дар ин сурат ӯ тамоми ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба сардори оила ва қавм вогузоршавандаро дар низоми ҳуқуқии авастоӣ дорад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, шахсонро дар ҳуқуқи авастоӣ метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард: шаҳрвандон ва ғайришаҳрвандон. Шаҳрвандон ҳамон аъзоёни ҷомеа дониста мешаванд, ки дар доираи ҷомеаи мазкур дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян мебошанд: якум, онҳо, ҳамчун аъзои ҷомеа ҳуқуқ ба

---

[76] Ниг.: Халиков А.Г. Асари ишорашуда. – С. 120.
[77] Ниг.:  Халиков А.Г. Асари ишорашуда. – С. 140.

меросро дошта, дар дохили ҷомеа ҳамчунин ҳуқуқи истифодаи ҳамаи намуди сервитутҳоро доранд; ҳуқуқи иштирок дар ташкили чорабиниҳои гуногун дар дохили ҷомеа ва иштирок дар идоракунии ҷомеаро доранд; ҳамчун ҳамаи аъзои ҷомеа ҳуқуқ ба молумулки умумиро доранд.

*Марҳилаи дувум бо ҳуқуқи исломӣ алоқаманд мебошад***.** Дар илми ҳуқуқи мадании ҶТ нақши муҳим ҳамчунин ба меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ мансуб аст. Таъсири ҳуқуқи исломӣ дар кишвари мо пас аз истилои Осиёи Миёна аз ҷониби хилофати Араб оғоз гардид. Арабҳо соли 651 Марвро тасхир намуданд ва тохтутозҳо ба Суғд, Тахористон, Чағониён ва Хоразм оғоз гардид. Забти мунтазами минтақаи Осиёи Миёна соли 705 оғоз гардид, ҳангоми ноиби хилофат таъйин гардидани Қутайба ибни Муслим пурра ба итмом расид[78].

Ҳуқуқи исломӣ дар низоми худ ҳамчунин ҳуқуқи исломии маданиро низ дар бар мегирифт, ки асосан меъёрҳои ин соҳаи ҳуқуқ муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро танзим мекарданд. Бинобар ин, дар ҳолатҳои алоҳида қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеиро дар муносибатҳои маданӣ бояд муайян намуд.

*Ҳуқуқи исломии маданӣ.* Ҳуқуқи исломии маданӣ (муомилот), муносибатҳои ҷамъиятии амволӣ ва шахсии ғайримолумулкиро танзим намуда, эътироф мекунад, ки ҳуқуқи мутлақ ба ҳар гуна амвол ба Оллоҳ таалллуқ дорад. Ҳадисҳои Пайғамбар далолат мекунанд, ки баъзе объектҳо (масалан, об ва замин) наметавонанд мавзуи ҳуқуқи моликияти хусусӣ бошанд.

Олими намоёни ҳуқуқшинос ва фақеҳ Тоҷӣ Шариа меъёрҳои ҳуқуқии мадании исломро ба якчанд соҳаҳои мустақил тақсим мекунад. Аз 49 китоби аз ҷониби ин муҷтаҳид таълифгардида аз рӯйи соҳаҳои ҳуқуқ, 14-тои он ба масоили ҳуқуқи маданӣ бахшида шудааст. Ба ҷумлаи онҳо дохил мешаванд: Китоб-ул-байъ (китоб оид ба хариду фурӯш); Китоб-ул-кафолат (китоб дар бораи кафолатҳо), Китоб-ул-иҷора (китоб оид ба иҷора); Китоб-ул-ваколат

---

[78] Ниг.: Насурдинов Э.С., Сафаров Д.С. История государства и права Таджикистана: часть 1(от древнейших времен до X века.). – Душанбе, 2013. – С. 220.

(китоб оид ба намояндагӣ); Китоб-ул-қисмат (китоб оид ба тақсими молу мулк); Китоб-ул-даъво (китоб оид ба даъво) ва ғайра.

Ниҳоди вақф ҳамчун падидаи махсуси танзимкунандаи муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ баромад мекунад. Вақф – ин маҷмӯи меъёрҳое мебошад, ки масоили молумулкии бегонанашаванда ва барои мақсадҳои муайяни хайриявӣ пешбинишударо танзим мекунад, ки ҳуқуқи моликият ба он бо иродаи муассиси вақф оид ба истифодаи ҳама ё қисми даромад аз мол маҳдуд карда шудааст. Барои идоракунии вақф мутаваллӣ, яъне шахси идоракунандаи вақфро таъйин мекунанд. Аввалин вақфҳо танҳо аз ҷониби худи муассисон ё шахсоне, ки аз ҷониби онҳо таъйин мегардиданд, идора мешуданд ва дар асоси санади вақф муайян мегардиданд. Таъйини мутаваллӣ қисми ҷудонопазири падидаи вақф мебошад, зеро маҳз ба зиммаи мутаваллӣ тамоми ҷараёни идоракунии вақф, молия ва рушди он вогузор аст. Аз ин рӯ, ояндаи вақф дар бисёр маврид аз мутаваллии интихобӣ вобаста аст[79].

Нисбат ба ҳуқуқи моликият бояд қайд кард, ки ашё пеш аз ҳама, ба онҳое, ки дар соҳибияти мусулмонон қарор дошт ва онҳое, ки аз муомилоти маданӣ гирифта шуда буданд, тақсим мешуд. Ба зумраи гурӯҳи дуюм: ҳаво, дарё, биёбон, масҷидҳо ва ғайра дохил мешуданд. Мафҳуми «ашёи нопок» роиҷ буд (масалан, шароб, гӯшти хук; китобҳое, ки хилофи муқаррароти ислом буданд). Замин, асосан ба давлат; дар ихтиёри шахсони хусусӣ қарордошта; заминҳои матрука; заминҳои барои коркард номувофиқ ҷудо мешуд[80].

Ниҳоди қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчунин бахши ҳуқуқи мадании фарҳанги исломӣ мебошад. Дар ҳуқуқи маданӣ муайян намудани лаҳзаи пайдошавии қобилияти ҳуқуқдорӣ муҳим аст. Ҳамин проблема бояд аз дидгоҳи муқарраркунии оғози ҳаёт баррасӣ гардад. Дар асоси ҳадисҳои Муҳаммад пайғамбар (с), Оллоҳ ба ҷанини семоҳаю як ҳафтаина дар батн «ал руҳ», яъне ҷонро дамид, метавон хулоса кард, ки оид ба ҷанин ҳамчун инсон

---

[79] Ниг.: Насурдинов Э.С., Сафаров Д.С. История государства и права Таджикистана: часть 1(от древнейших времен до X века.). – Душанбе, 2013. – С. 256.
[80] Ҳамон ҷо.

аз ҳафтаи аввали моҳи чоруми ҳомиладорӣ, яъне аз рӯзи садуми ҳомиладорӣ метавон ба таври воқеӣ қазоват намуд[81]. Бинобар ин метавон таъкид кард, ки ҳуқуқ ба ҳаёт, қобилияти ҳуқуқдории инсон, аз ҷумла, дар шариати ислом ҳанӯз то таваллуди кӯдак эътироф гардидааст.

Шартномаи иҷораи замин васеъ паҳн гардида буд, ки он андозаҳо ва тартиби ситониши маблағи иҷораро ба манфиати иҷорадиҳанда муайян мекард. Дар Хилофати Араб шартномаи иттифоқӣ ва рафоқат инкишофи худро пайдо кард, ки онҳо бо мақсади фаъолияти муштараки тиҷоратӣ, сохтмони якҷоя ва истифодаи иншооти обёрӣ, коркарди якҷояи замин ва кишти он ва ғайра баста мешуд. Барои ҷомеаи араб паҳншавии уҳдадориҳои як тарафаи махсус савганд низ хос буд.

Ҳамин тариқ, равшан гардид, ки меъёрҳои ҳуқуқии мадании шариат ба таври лозимӣ муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро дар ҷамъият танзим мекарданд[82].

*Давраи сеюм бо замони ҳуқуқи мадании шуравӣ* алоқаманд мебошад. Таҳлили таърихи ташаккул ва инкишофи консепсияи ватании қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ бидуни тавсифи нуктаҳои муҳими илми шуравӣ нопурра мебуд. Сивилистикаи миллии аввали асри XX бо намояндагии як қатор олимони пешбар тавсиф карда мешавад, ки ба онҳо шӯҳрати ҳамешагии ҳуқуқшиносии миллӣ вобастааст. Асарҳои илмӣ ва воситаҳои таълимии онҳо ҳанӯз ҳам бо афкори амиқ, таҳқиқоти ҳаматарафа, муносибати илмӣ, тасвиятҳои пурмаъно ва латиф моту мабҳут месозад, ки аз рӯйи мукаммалии худ ба максимаҳои римӣ рақобати сазовор мекунанд. Лозим ба ёдоварист, ки барои инкишофи ниҳоди қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ дар ҳуқуқи мадании ҶТ нақши муҳимро олимони рус низ бозиданд, зеро дар давраи шуравӣ ҶТ зери таъсири илми сивилистии шуравӣ қарор доштем. Дар баробари ин сивилистҳои классики рус ва ватанӣ ба масъалаи вобаста ба танзими вазъи ҳуқуқии мадании шахс таваҷҷуҳи махсус медоданд, пайваста мафҳуми ҳуқуқ ва қобилияти пурраи

[81] Ниг.: Сафаров Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры: история и современность: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2012. – С. 98-100.
[82] Ниг.: Насурдинов Э.С., Сафаров Д.С. Асари зикршуда. – С. 259.

амалро бо дар назардошти воқеияти асоси маҳдудкунӣ ва қатъи онҳо коркард намудаанд. Масалан, И.А. Покровский, аз ҷумла, қайд мекард, ки: «аломати якуми мустақилияти ҳуқуқии шахс эътирофи доштани ҳуқуқҳои субъективиро дорад. Озодкунии шахс аз ҷаббиши пурраи ӯ аз ҷониби ҷомеа, пеш аз ҳама бо эътирофи мустақилияти субъекти ҳуқуқии ӯ, ки дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти пурраи амал мебошад, ишора мегардад: ба шарофати ин ӯ дар назди ҷомеа ва ҳокимияти ӯ ҳамчун нируи мустақил, ҳамчун арзиши ҳуқуқӣ қарор дорад»[83]. Ин ҳолат дар шакли мутамарказ нуқтаи назари умумиэътирофшудаи мутараққии олимони тоҷикро оид ба мавқеи шахс дар муомилоти маданӣ ифода мекард.

Ба сифати муқаррароти бебаҳс тасвияти «мавҷудияти шахси воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд то марг шарти мазмуни ҳуқуқии инсонро ташкил медиҳад»-ро эътироф намуда,[84] сивилистони рус ва ватанӣ дар он ҳамақидаанд, ки «ҳуқуқи шахсони воқеӣ якхела нестанд ва аз ҳолатҳои гуногун вобаста мебошанд, қисман аз омилҳои табиӣ, қисман аз таърихӣ», ки ба он онҳо ҳолатҳои таваллуд, ҷинс, синну сол, саломатӣ, муносибати хешутаборӣ ва хосият ба дигар шахс, маълумот, эътиқоди динӣ, мавқеъ, унвон ва шаъну шарафи шаҳрвандӣ дахл доранд.

Дар баробари ин илми рус, тибқи мулоҳизаи муносиби Г.Ф. Шершеневич[85] ҳушёрӣ ва идрокро на танҳо ба ҳамаи вазишҳои илми хориҷӣ, балки ҳамчунин ба ҳуқуқшиносии Рими қадим зоҳир мекард. Яке аз беҳтарин таҳқиқоти ин соҳа асари бунёдии С.А. Муромсев «Ҳуқуқи граждании Рими қадим» ва асари таълимии Маҳмудов М.А. ва Менглиев Ш. “Ҳуқуқи хусусии римӣ”[86] мебошанд, ки дар онҳо ҷойи намоёнро муқаррароти бо таҳқиқи ҳам ҳолатҳои умумии ҳуқуқи субъективии мадании шахс ва ҳам хусусиятҳои махсуси ҳуқуқии мадании вазъи қоидаҳои алоҳидаи шахсони воқеӣ ишғол мекунад[87]. Муқаррароти назариявӣ, ки дар асарҳои илмии сивилистони ватанӣ ифода гардида, асоснок шудаанд, наметавонистанд

---

[83] Ниг.: Покровский И.А. Основные проблемы гражданского права. – М., 1998. – С. 120.
[84] Ниг.: Мейер Д.И. Русское гражданское право: В 2 ч. 3-е изд., испр. – М., 2003. – С. 114.
[85] Ниг.: Шершеневич Г.Ф. Наука гражданского права в России. – М., 2003. – С. 36.
[86] Ниг.: Маҳмудов М.А., Менглиев Ш. Ҳуқуқи хусусии римӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 174 с.
[87] Ниг.: Муромцев С.А. Гражданское право Древнего Рима: лекции Сергея Муромцева, проф. Моск. ун.- та. – М., 1883. – С. 396-411,413.

таъсири худро ба инкишофи қонунгузории миллӣ оид ба вазъи ҳуқуқии мадании шахсони воқеӣ нарасонанд, аммо ин таъсир бо мурури замон ошкор шуд.

Амалан дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи таърихӣ вазъи ҳуқуқии мадании шахс дар Тоҷикистон ҷанбаи тафриқавии возеҳ ифодашудаи мухталиф дошт ва бо як қатор омилҳо: мансубият ба гурӯҳи озодагон ё тобеон, нажод, ҳолатҳои таваллуд, вазъи оилавӣ, дар баъзе ҳолатҳо бошад бо мавқеъ, ҷинс, миллат ва эътиқоди динӣ муайян мегардид.

Давлати шуравӣ ба шаҳрвандон ҳуқуқ дода буд, дар баробари ин, пеш аз ҳама ғамхорӣ дар бораи одамон, болобарии бемайлони неъматҳои моддӣ ва шароити маишии зиндагӣ ба роҳбарӣ гирифта мешуд. Ин ғамхорӣ, ҳангоме ки сухан дар бораи муқаррарнамоии ин ё он ҳуқуқҳои ноболиғон мерафт, махсусан ифода карда шуд.

Минбаъд зикри қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун қоидаи ҳуқуқи маданӣ ҳангоми гузаронидани аввалин мураттабсозии қонунгузории мадании шуравӣ, маҳз бо қабули Кодекси мадании РСФСР соли 1922 ва Кодексҳои мадании дигар ҷумҳуриҳои шуравӣ, аз ҷумла ҶШС Тоҷикистон ошкор мегардад.

Дар ИҶШС сараввал ҳуқуқи субъективии маданӣ, одатан бо фардикунонии хусусӣ-амволӣ ва ашёй-пулӣ ҳаммонанд карда мешуд, ки солҳои аввали баъди ғалабаи инқилоби Октябр татбиқи васеи худро ёфта наметавонист. Баъзе ҳуқуқшиносон қайд мекарданд, ки гӯё «дар давоми якчанд сол (1918-1923) мо шоҳиди пурра мавҷуд набудани ҳуқуқи субъективии хусусӣ-молумулкӣ будем»[88].

Ба ин дидгоҳ ба гумон метавон розӣ шуд, чунки то қабули Кодекси мадании соли 1961 дар қонунгузорӣ формула оид ба қобилияти ҳуқуқдории маданӣ пешбинӣ нагардида буд. Аммо таҷрибаи қонунгузорӣ моликияти фардӣ, имконияти меросмонии онро бидуни хориҷ шудан аз чаҳорчӯбаи муайяни муқарраршуда ва ғайраро истисно намекард. Бинобар ин, дар ҳамон доира қонунгузор ва амалия қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандонро новобаста аз он ки дар қонун бевосита қайд гардидааст ё на, иҷозат дода буд.

Давлати шуравӣ ба шаҳрвандон ҳуқуқ дода, дар баробари ин пеш аз ҳама ғамхории одамон, баланд бардоштани бемайлони неъматҳои моддӣ ва

[88] Ниг.: Гойхбарг А.Г. Основы частного имущественного права. – М., 1924. – С. 53.

шароити маишии зиндагиро ба роҳбарӣ гирифт. Ин ғамхорӣ, асосан ҳангоме ки сухан оид ба муқаррарнамоии ин ё он ҳуқуқҳоиноболиғон мерафт, ифода мешуд. Вобаста ба ҳолати ноболиғон бошад, соли 1926 якумин кодекси кодификатсионии санади ҳуқуқи оилавӣ – Кодекси қонунҳо оид ба санадҳои ҳолати маданӣ, никоҳӣ, оилавӣ ва ҳуқуқи васоят ва парасторӣ қабул гардид.

Тибқи кодекси мазкур кӯдакон ба молумулки волидони худ ҳуқуқ надоштанд, волидон бошад, дар навбати худ, ҳуқуқ ба моликияти кӯдакон надоштанд. Маҳрумсозии ҳуқуқҳои падариву модарӣ ба таври истисно ба манфиати кӯдакон, бо тартиби судӣ аз рӯйи даъвои мақомоти давлатӣ ё ҳар гуна шахси хусусӣ роҳ дода мешуд.

Бояд қайд кард, ки кодекси мазкур қобилияти ҳуқуқдории баробарии кӯдакони қонунӣ таваллудшуда ва беникоҳ таваллудшуда нисбат ба волидон ва хешутабори онҳо муқаррар мекард. «Ҳокимияти волидон» ташаббуси ноболиғони то синни 21-соларо рӯйпӯш намуда, фаъолияти мустақилонаи онҳоро дар муомилоти маданӣ истисно мекард ва моҳиятан иштирок дар ҳаёти ҷамъиятии қисми аҳолии сершумор ва динамикиро маҳдуд мекард.

Инкишофи босуръати соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеа бо афзоиши пурталотуми ҳаёти маънавии мамлакат ҳамроҳ буд, ки инкишофи босуръати чунин падидаҳои ҳуқуқи маданӣ аз қабили ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқ ба ихтироотро ба вуҷуд овард. Ҳамчунин нақши шартномаҳо ҳам дар муносибатҳои байни ташкилотҳо ва ҳам байни шаҳрвандон инкишоф меёбад.

Дар ин давра дар назарияи ҳуқуқи маданӣ кӯшиши фарқ кардани қобилияти ҳуқуқдории умумӣ ва махсус амалӣ гардид. Дар зери мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории умумӣ қобилияти доштани ин ё он ҳуқуқ идрок мешуд ва дар доираи он ду намуди қобилияти ҳуқуқдории махсус – сиёсӣ ва маданӣ ҷудо карда мешуданд. Тафовути байни намудҳои номбаргардидаи қобилияти ҳуқуқдории махсус дар он буд, ки якумӣ ҳамчун нобаробар барои синфҳои гуногун ва қишрҳо сохта мешавад, дуюмӣ бошад – ҳамчун баробар барои ҳамаи шаҳрвандоне, ки дар ҳуқуқ аз рӯйи ҳукми суд маҳдуд нашуда буд[89].

---

[89] Ниг.: Магазинер Я.М. Советское хозяйственное право. – Л., 1928. – С.73.

П.И. Стучка, ки назарияи дуҷабҳаро инкишоф медод, қайд мекард, ки шаҳрвандон ҳамчун субъектони ҳуқуқи маданӣ бояд соҳиби қобилияти ҳуқуқдорӣ дар ҳаҷми яксон бошанд: «Ҳам ҳуқуқ ва ҳам қобилияти пурраи амал қобилияте мебошанд, ки ба ҳар як шахс ба таври иҷтимоӣ-оммавӣ ҳангоми мавҷудияти шароити маълум дода шудааст (синну солӣ, ҷисмонӣ ва ғайра»[90]. Дар ҳамин давра соли 1926 Кодекси қонунҳо оид ба никоҳ ва оила қабул карда шуд. Дар натиҷа дар ин кодекс синну соли ягонаи никоҳӣ барои мардон ва занон аз 18-солагӣ муқаррар карда шуд.

Аввали солҳои 30-юм консепсияи ягонаи ҳуқуқи хоҷагӣ пайдо мешавад. Муаллифоне, ки консепсияи мазкурро ҷонибдорӣ ва рушд доданд, умуман ҳеҷ гуна аҳаммияти ҷиддӣ ба проблемаҳои қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандон намедоданд. Чунончи, таваҷҷуҳи асосиро на ба қоидаи умумӣ оид ба қобилияти ҳуқуқдории баробар, ки дар КМ ҷумҳуриҳои шуравӣ муқаррар гардида буд, балки ба баъзе тафриқаҳо аз он, то супоридани меъёри тафриқавии молҳои истеъмолӣ ба шаҳрвандон дар шароити низоми пардохти аввали солҳои 30-юм ҷалб мекард. Худи ғояи қобилияти ҳуқуқдории баробари маданӣ аз ҷониби муаллиф ба ҳуқуқи шӯравӣ бегона эълон гардид, ки дар натиҷаи аз ҷомеаи буржуазӣ иқтибос кардани асли баробарии расмии ҳама дар назди қонун ба вуҷуд омад[91].

Ҳамин тавр, солҳои 30-юм сиёсати давлатӣ ба баробаркунии ҳуқуқҳои маданӣ равона гардида буд. Баробарии ҳуқуқ ва ухдадориҳои шаҳрвандон аз ҷониби давлат бо роҳи мустаҳкамнамоии конститутсионии (Конститутсияи шуравии Тоҷикистон аз соли 1937) кафолатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ таъмин мегардид, ки аз ҷониби шаҳрвандон қобилияти ҳуқуқдорӣ таъмин мегардид. Дар навбати худ, кафолатҳои қобилияти ҳуқуқдории сиёсӣ ва иқтисодӣ он шароити иҷтимоиро ба вуҷуд оварданд, ки асли баробарии умумии имкониятҳои дар Конститутсия муқарраршударо таъмин мекард.

Конститутсияи шуравӣ ба мафҳуми қобилияти ҳуқуқдорӣ тағйироти муҳим ворид кард. Меъёрҳои он ҳуқуқҳо ва ухдадориҳои асосиро муайян намуда, ҳуқуқи

---

[90] Ниг.: Стучка П.И. Курс советского гражданского права: в 3-х т. – Т.1. – М., 1929. – С. 42-46.

[91] Ниг.: Жучкова Р.О. Гражданская правосубъектность несовершеннолетних и участие органов внутренних дел в ее реализации: дис. … канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2006. – С. 22.

соҳибмулкии шахсии шаҳрвандонро нисбат ба даромадҳо аз меҳнат ва пасандозҳо, хонаҳои истиқоматӣ ва хоҷагии ёрирасон, ашёи хоҷагии хонагӣ ва рӯзмарра, ашёи истеъмоли шахсӣ ва фароғат, ҳуқуқи меросгирии моликияти шахсӣ, ҳуқуқ ба меҳнатро мустаҳкам мекард, инчунин дастури бевосита ба ҳифзи қонунии ҳуқуқи моликияти шахсӣ буд.

Бо Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС «Оид ба ҳуқуқи шаҳрванд барои харидорӣ ва сохтмони фондҳои манзилии фардӣ» аз 26 августи соли 1948 ва бо Қарори Шурои Вазирони ИҶШС вобаста ба ҳамин масъала, ба ҳама шаҳрвандон ва ҳар як шаҳрванди ҷинси зан ҳуқуқи харидорӣ ё барои худ сохтан дар доираи ҳуқуқи моликияти шахсии хонаҳои истиқоматӣ бо як ё ду ошёна бо шумораи ҳуҷра аз як то панҷ дар шаҳр ва берун аз шаҳр дода шуда буд. Бо мақсади иҷрои воқеии Фармони мазкур ба мақомоти дахлдори давлатӣ уҳдадории ба шаҳрвандон тақсим намудани қитъаҳои замини зарурӣ вогузор гардида буд.

Хусусияти хоси ин давра барои илми сивилистӣ пайдоиши тафсирҳои гуногуни қобилияти ҳуқуқдории маданӣ гардид. Новобаста ба он ки муқаррарот оид ба мавҷудияти қоидаи қобилияти ҳуқуқдории маданӣ аз ҷониби бисёре аз олимон дастгирӣ ёфт, вале тамоюли муайянсозии қобилияти ҳуқуқдории маданӣ моҳиятан фарқ мекарданд[92].

Таҳлили шаклҳои мушаххасу амалии зоҳиршавии қобилияти ҳуқуқдории маданӣ боз ҳам вобаста ба омодасозӣ ва гузаронидани дувумин мураттабсозии қонунгузории мадании шуравӣ амиқтар гардид. Аз ин давра қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун мавзуи танзими қонунгузорӣ ва қоидаи ҳуқуқи маданӣ муайян карда шуд.

Вале ҳанӯз аввали солҳои 50-ум О.С. Иоффе ақида пешниҳод кард, ки «қобилияти ҳуқуқдорӣ» – падидаи ҳуқуқи мадании шуравӣ дар баробари шартнома ва ҳуқуқи моликият мебошад[93].

Мавҷудияти қобилияти ҳуқуқдориро дар ҳуқуқи маданӣ асоснок карда, О.С. Иоффе қайд мекунад, ки «меъёрҳо оид ба қобилияти ҳуқуқдории гражданӣ худ ба худ вазъи ҳуқуқии шахс ва ташкилотро (қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти пурраи

[92] Ниг.: Жучкова Р.О. Гражданская правосубъектность несовершеннолетних и участие органов внутренних дел в ее реализации: дис. … канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2006. – С. 28.
[93] Ниг.: Иоффе О.С. Об основных вопросах советского гражданского права // Учен. зал. Ленингр. ун-та. – 1953. – №151. – Вып. 4. – С. 5.

амал, мазмуни ин ва он, лаҳзаи пайдоиш ва қатъи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ғайра), новобаста аз бадастоварӣ ва амалисозии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххас муайян менамояд»[94].

Азбаски баробарии қобилияти ҳуқуқдории маданӣ дар худи қонун сабт гардида буд[95], онро на ҷонибдорони консепсияи муҳовизӣ ва на пайравони назарияи вазифаҳои иҷтимоӣ нодида гирифта наметавонистанд, ғайр аз ин якумиҳо дар худи ҳамин қоида яке аз далелҳои бешубҳаи аз лиҳози илмӣ ҳақ будани худро медиданд, зеро ба ақидаи онҳо, баробарии қобилияти ҳуқуқдории маданӣ маҳз бо он шарт карда шудааст, ки «сухан на дар бораи аслан ҳуқуқҳои шаҳрванд, балки дар бораи ҳуқуқи инсон ҳамчун соҳиби мол, дар бораи ҳуқуқҳои молумулкӣ меравад»[96]. Дувумиҳо баръакс, байни қоидаи қонунгузории зикршуда ва таркиби назариявии худ ихтилоферо намедиданд, зеро қобилияти ҳуқуқдории мадании андозаи яксон барои ҳамаи шаҳрвандон эътироф карда мешавад, “ба он шарти ҳатмӣ ва дар он сурат, ки агар ҳуқуқи амалинамудаи онҳо ба рушди қувваҳои истеҳсолкунанда мусоидат кунад”[97].

Аммо, азбаски асоснокии илмии баробарии қобилияти ҳуқуқдории молумулкӣ танҳо ба консепсияи муовизӣ ё назарияи вазифаҳои иҷтимоӣ тамоман алоқаманд набуд, он дар доктринаи сивилистии шуравӣ баъди гузашти ин консепсияҳо низ роҳандозӣ гардида, аз ҷониби бархе дастурҳои назариявӣ бо дастгирӣ ва бархеи дигари онҳо, ки дар илми мо дар охири солҳои 20-ум – аввали солҳои 30-юм ба миён омада буданд, бо интиқод қабул карда шуд.

Ҳамин тавр, П.И Стучка, ки назарияи дубахшаро инкишоф медод, қайд мекард, ки субъектҳои ҳуқуқи маъмурӣ-хоҷагидорӣ – трестҳо ва ташкилотҳои дигари хоҷагидорӣ, бинобар ба зиммаи онҳо вогузор гаштани иҷрои вазифаҳои гуногун, имкониятҳои ҳуқуқии мувофиқатнакунанда доранд. Дар тафовут аз ин, шаҳрвандон ҳамчун субъектҳои ҳуқуқи маданӣ бояд дар андозаи яккхела қобили ҳуқуқ бошанд: «Ҳам қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳам

---

[94] Ниг.: Иоффе О.С. Структурные подразделения системы права // Учен. зап. Ленингр. ун-та. – 1968. – Вып. 14. – С. 49.
[95] Масъалан ниг., м. 4 КГ ҶШФСР соли 1922.
[96] Ниг.: Ландкоф С.Н. Субъекты прав (лица). – М.: Юрид. изд-во НКЮ РСФСР, 1928. – С. 12.
[97] Ниг.: Гражданский кодекс РСФСР. Комментарий // под ред. А.Г. Гойхбарга и И.Г. Кобленца. – 2-е изд. – М. – Л., 1925. – С. 37-38.

қобилияти амалкунӣ - қобилиятҳое мебошанд, ки бо роҳи иҷтимоӣ-оммавӣ ба ҳар шахс зимни мавҷудияти шартҳои маълум (синнусолӣ, ҷисмонӣ ва ғайра) дода шудаанд"[98]. Ба ақидаи П.И. Стучка, ин ҷо яке аз сифатҳои махсуси қобилияти ҳуқуқдории маданӣ, ки дар қиёс бо ҳуқуқҳои сиёсӣ ба вазъи синфӣ ва баромади иҷтимоии соҳибони он вобаста аст, матраҳ мегардад.

Айни замон масъала тавассути консепсияи ҳуқуқи хоҷагидории ягона, ки дар нимаи аввали солҳои 30-юм ба назарияи дубахша муқобилгузорӣ карда шуд, ба тарзи дигар ҳал мегардид. Муаллифоне, ки хоҷагиро агарчӣ ягона ҳам набошад, аммо объекти комплексии танзими хоҷагидорӣ-ҳуқуқӣ эълон намуда, консепсияи мазкурро инкишоф медоданд ва ба проблемаи субъективияти ҳуқуқии шаҳрвандон умуман аҳаммияте намедоданд.

Масалан, Я.Р. Веберс бо О.С. Иоффе дар он маврид розӣ нест, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ дар қонунгузории маданӣ танҳо меъёрҳоро оид ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти пурраи амал дар боби «Шахс»-и КГ ифода гардида, ташкил медиҳанд. Ӯ чунин ҳисоб мекунад, ки ба қобилияти ҳуқуқдорӣ бояд ҳамзамон меъёрҳое дохил шавад, ки ташаккули ҳайати субъективии муносибатҳои ҳуқуқиро дар ниҳодҳои гуногуни қонунгузории маданӣ дар бар мегирад ва бахши ин ниҳодҳоро ташкил медиҳанд. Масъала оид ба қоидаи қобилияти ҳуқуқдорӣ зарур аст, назар ба он ки О.С. Иоффе мегӯяд, васеътар матраҳ шавад. Дар ин ҷо набояд воридшавӣ ба соҳаи соҳибҳуқуқии воқеӣ ва амалисозии ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо идора карда шавад, чунки сухан оид ба қобилияти субъекти ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои яксон набуда, барои ҳамаи шаҳрвандони дар қонунгузорӣ муқарраргардида меравад[99].

Гарчанде ки қобилияти ҳуқуқдории баробар зиддиятҳои синфиро, ки дар ҳуқуқҳои мушаххаси субъективӣ ифода менамуданд, истисно намекард, аз ин рӯ, ҳамин ки чунин зиддиятҳо бартараф карда шуданд, унсурҳои маълуми нобаробарӣ метавонистанд танҳо дар номутобиқатии талабот ва қобилият ба меҳнат зимни музди баробар барои меҳнати баробар зоҳир шаванд. Маълум

---

[98] Ниг.: Стучка П.И. Курс советского гражданского права. – Т. II. – М.: Издательство Коммунистической Академии, 1929. – С. 42-46.

[99] Ниг.: Веберс Я.Р. Правосубъектность граждан в советском гражданском и семейном праве. – Рига, 1976. – С. 26.

аст, ки то даме нобаробарии синфӣ ва иҷтимоӣ идома дошт, қонуни шуравӣ онро тавассути чораҳои махсуси ҳуқуқӣ, ки ҳифзи бештари манфиатҳои тарафи аз ҷиҳати иқтисодӣ заифро таъмин мекард, безарар сохта метавонист. Ҳангоме ки ҳатто асаре аз нобаробарии синфӣ боқӣ намонд, принсипи баробарии ҳуқуқӣ на танҳо ҳамчун фарогири умум, балки ҳамчун роҳнадиҳанда ба ягон дуршавӣ аз он низ эълон карда шуд. Ҳамин тавр, дар чунин шарҳу тавсиф ин принсип дар Конститутсияи ИҶШС дар соли 1936 собит карда шудааст.

Таърихан татбиқи муҳимтарин навовариҳои қонунгузории қайдшуда тақрибан ҳамзамон бо даст кашидан аз консепсияи хоҷагидорӣ-ҳуқуқӣ ва гузариши илми сивилистии шуравӣ ба мавқеи ягонаи ҳуқуқи маданӣ мувофиқ омад. Бинобар ин дар китоби дарсии ҳуқуқи мадании соли 1938, ки дар зери таъсири мустақими дигаргуниҳои рухдодаи иҷтимоӣ ва қонунгузорӣ, инчунин тағйироти дар ақидаҳои илми сивилистӣ баамаломада эҷод карда шудааст С.Н. Братус қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданиро на ба вазифаҳои иҷтимоӣ, на ба муносибатҳои моликияти хусусӣ ё воҳиди сохтории иқтисодии дар ИҶШС барҳамхӯранда, балки ба собитгардии низоми сотсиалистии хоҷагидорӣ ва моликияти сотсиалистӣ ба воситаҳои истеҳсолот рабт медод. Ҳамин тариқ, С.Н. Братус мувофиқи Конститутсияи нави шуравӣ, ки роҳи баҳамории ҳуқуқҳои ба шаҳрвандон додашудаву уҳдадориҳои ба онҳо вогузоршударо пеш гирифтааст, бар хилофи пешгузаштагони худ қобилияти ҳуқуқдории маданиро ҳамчун қобилият ба доштани на танҳо ҳуқуқ, балки уҳдадориҳои маданӣ низ муайян мекард. Ӯ аз моҳияти сотсиалистии иқтисодиёти дар ИҶШС собитгашта баробарии қобилияти ҳуқуқдории барои шаҳрвандон эътирофшударо натиҷагирӣ мекард, ба хусусиятҳои муҳимтарини он бошад воқеият ва кафолати амалисозии ҳуқуқҳои асосии маданиро мансуб медонист. Ин ҷо, ҳамчунин, бори аввал дар таърихи илми сивилистии шуравӣ ба мазмуни қобилияти ҳуқуқдории мадании сотсиалистӣ дар радифи соҳиб будан ба ҳуқуқҳои молумулкӣ, имконпазирии доштани ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шахсӣ низ дохил карда шудааст, гарчанде намунаҳои мушаххаси ҳуқуқҳои

ғайримолумулкии шахсӣ аз ҷониби муаллиф зикршаванда ё аз моҳияти ҳуқуқи маданӣ комилан маҳруманд ё бо қонунгузории граждании шуравии он замон амалкунанда собит нашуда буданд[100].

Аз он вақт инҷониб, муқаррароти баёнгашта хусусияти мақбули умумро касб намуданд ва чун анъана дар ҳар гуна асарҳои сивилистӣ, ки ба ин навъи мавзуъ алоқамананданд, таҷдид карда мешаванд. Онҳо барои таҳлили шаклҳои ҳуқуқии мушаххаси пайдоиш, амалишавӣ ва қатъгардии қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ, ки дар атрофашон имрӯзҳо тадқиқотҳо ғолибан мутамарказ гардидаанд, нуктаи асосӣ ба шумор мераванд. Асарҳои бемисл дар бораи намояндагӣ[101], бедарак ғоиб будан[102] ва мавқеи шаҳрвандию ҳуқуқии гурӯҳҳои алоҳидаи шаҳрвандон[103], ки дар солҳои 40-ум ва нимаи аввали солҳои 50-ум эҷод шуданд, натиҷаи чунин таҳқиқотҳо маҳсуб меёбанд. Соли 1950 аввалин монографияи шуравӣ интишор шуд, ки ба проблемаи қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ дар маҷмуъ равшанӣ андохт[104].

Ҳамзамон, азбаски шакли хоҷагидории хусусии капиталистӣ кайҳо боз барҳам дода шуда буд, майдамолӣ бошад дар шакли сотсиалистӣ роҳандозӣ гардид, ғояи ҳуқуқдории мадании баробар дар ифодаи нави он бо ғояи боз ҳам исроркорона татбиқшавандаи афзоиши минбаъдаи андозаи он такмил шуд. Ҳамкориҳои навъи духурае, ки байни илм ва амалияи қонунгузорӣ ба миён омада буд, ба раванди дар ҳаёт татбиқ намудани ин ғоя таъсири пуршиддат расонид.

Аз як тараф, қонун дар ин бобат барои таҳлили илмӣ чизеро, ки кайҳо таҷассуми меъёрии худро ёфтаст, фароҳам оварда, аз илм пеш гузаштааст. Ин ҳолат, аз ҷумла, бо собит кардани ҳуқуқи моликияти шахсӣ дар

---

[100] Ниг.: Гражданское право // под ред. Я. Ф. Миколенко и П. Е. Орловского. – Т. I. – М., 1938. – С. 58-61.
[101] Ниг.: Рясенцев В.А. Понятие и юридическая природа полномочия представителя в гражданском праве./ Методические материалы ВЮЗИ. – Вып. 2, 1946. – С. 3-4.; Рясенцев В.А. Основания представительства в советском гражданском праве. – Учен. зап. ВЮЗИ. – Вып. 1. 1948. – С. 46-47.
[102] Ниг.: Амфитеатров Г.Н. Институт безвестного отсутствия в нашем праве // Социалистическая законность. – 1946. – № 7-8. – С. 15; Прянишников Е. Безвестное отсутствие // Советская юстиция. – 1940. – № 16. – С. 13-18 ва – № 17. – С. 14-18; Стучинский М.Г. Безвестное отсутствие. – Челябинск, 1949; Юрченко А.К. Безвестное отсутствие по советскому гражданскому праву. – Л., 1954. – С. 43.
[103] Ниг.: Пергамент А.И. К вопросу о правовом положении несовершеннолетних. – Учен. зап. ВИЮН. – Вып. 3. – 1955. – С. 3-69; Свердлов Г.М. Охрана интересов детей в советском семейном и гражданском праве. – М., 1955. – С. 23.
[104] Ниг.: Братусь С.Н. Субъекты гражданского права. – М., 1984. – С. 56.

Конститутсияи соли 1936, бо васеъ кардани ҳуқуқи меросии шаҳрвандон дар соли 1945[105] ё бо гузариш аз ҳуқуқи иморатсозӣ ба ҳуқуқи моликияти шахсӣ ба хонаҳои истиқоматӣ дар соли 1948 ба миён омада буд[106].

Аз тарафи дигар, илми сивилистии шуравӣ роҳҳои рушди қонунгузории мадании шуравиро дар ҳамон самт пешгӯӣ ва манзур менамояд. Аз ин рӯ, омӯзиши имконияти таъмини ҳифзи маданию ҳуқуқии шаъну шараф, ном, тасвири шахсӣ ва неъматҳои шахсии дигари дорои ҳамин гуна хусусият хело ҷолиб аст. Дар соли 1941 дар баробари мақолаҳои ҷудогонаи[107] бахшида ба ин мавзуъ монографияи Е.А. Флейшитс «Ҳуқуқҳои шахсӣ дар ҳуқуқи граждании ИҶШС ва кишварҳои капиталистӣ» ба табъ расид. Ақидаи муаллифони ин асарҳо дар ҳалли як қатор масъалаҳои мушаххас гуногун мебошанд. Баҳсҳо, алахусус, дар чунин бобатҳо сурат мегирифтанд: оё ҳифзи ҳуқуқи мадании ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шахсӣ бояд дар шакли қоидаҳои умумӣ татбиқ гардад ё ин ки аз рӯйи принсипи феҳристи мукаммал; оё дастрасии фарогири умум барои ҳифзи судии онҳо бояд кушода шавад ё ин ки чунин дастрасӣ бо ҷиноятҳои умдатарин маҳдуд карда шавад ва ғайра. Аммо ҳеҷ кадоме аз онҳо шубҳа надошт, ки барои таъмини ҳифзи самарабахши ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шахсӣ, ки ба ҳуқуқи молумулкӣ алоқаманд нестанд, чораҳои ҳуқуқи ҷиноӣ бояд бо воситаҳои дорои хусусияти ҳуқуқи мадании ба айни мақсад истифодаёбанда, мукаммал карда шаванд.

Таҳлили шаклҳои мушаххаси амалии зоҳиршавии қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ вобаста ба таҳия ва татбиқи кодекссозии дуюми қонунгузории мадании шуравӣ боз ҳам амиқтар гардид. То он замон моҳияти иҷтимоии ин падидаи ҳуқуқӣ аллакай ба таври кофӣ ошкор карда шуда буд ва интишороти ба ин мавзуъ бахшидашуда дар солҳои 50 – 60-ум қариб ки ба назар намерасиданд. Ҳоло таваҷҷуҳи тафаккури сивилистӣ ба коркарди

---

[105] Ниг.: Ведомости Верховного Совета СССР, 1945, № 15.
[106] Ниг.: Известия. – 1948. – 27 авг. – С. 3.
[107] Ниг.: Домбровский Е.И. Неимущественный интерес в гражданском праве // Социалистическая законность. – 1937. – № 8. – С. 94-101; Гуревич И. Честь и другие неимущественные права граждан и их охрана в социалистическом гражданском праве // Советская юстиция. – 1939. – № 2. – С. 26-33 и – № 3. – С. 13-19; Рясенцев В.А. Неимущественный интерес в советском гражданском праве. – Учен. зап. Москов. юрид. ун-та. – Вып. I, 1939. – С. 22-49.

усулҳои мукаммалтари ҳуқуқи маданӣ ҷиҳати собитсозии қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амали шаҳрвандони шуравӣ тамаркуз менамояд, ки дар нашрияҳои ҳаҷман хурд, аммо хеле сершуморе, ки ба таҳия ва муҳокимаи лоиҳаҳои алоҳидаи нуктаҳои асосӣ ва КГ-и нави ҷумҳуриҳои иттифоқӣ марбутанд, инъикоси худро ёфтааст[108].

Аввалан оид ба то ҳадди аксар пурра муайян кардани айни мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандон бо роҳи номбар кардани ҳама ё қариб ки ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон, ки дар шароити муосир қобилияти ҳуқуқдорӣ шарти соҳиби онҳо будан мегардад, пешниҳодҳо карда мешуд. Сарфи назар аз амалан ғайри қобили қабул будани чунин пешниҳодҳо, ки барои татбиқашон ташкил намудани меъёри қонунгузорӣ бениҳоят сермиқёс лозим мешуд, онҳо бо радкунии умумии асосноки ташкили танзими ҳуқуқии шаҳрвандии муносибатҳои ҷамъиятии сотсиалистӣ аз рӯйи принсипи рӯйхати мукаммал ба ихтилоф дучор мегардиданд. Азбаски, кодекссозии нави қонунгузории мадании шуравӣ имконияти ба роҳ мондани чунин муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандиро, ки дар қонуни маданӣ пешбинӣ нашудаанд, вале хилофи моҳият ва нуктаҳои асосии он нестанд, низ мустақиман сабт кард, бинобар ин мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандон низ бо роҳи номбар кардани танҳо муҳимтарин ҳуқуқҳои субъективии сивилистӣ, ки доштанашон барои онҳо дастрасанд, тариқи ҳамзамон муқаррар намудани он, ки касби салоҳиятҳои дигари молумулкӣ ва шахсӣ низ имконпазиранд, муайян кардан лозим буд.

Дувум, дар асоси баназаргирии ҳамаҷонибаи таҷрибаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ тавсияҳои сершумор ҷиҳати такмил додани меъёрҳо оид ба бедарак ғоиб будан таҳия карда мешуданд. Қонун ҷонибдори мавқеи касоне гардид,

[108] Ниг.: Антимонов Б.К. Разработке проекта Основ гражданского законодательства СССР // Социалистическая законность. – 1959. – № 7. – С. 14; Братусь С.Н. О соотношении Основ гражданского законодательства Союза ССР и гражданских кодексов союзных республик // Советская юстиция. – 1957. – № 9. – С. 9; Вильнянский С.И., Пушкин А.А. К вопросу о кодификации гражданского законодательства. – Учен. зап. Харьковск. юрид. ин-та. – Вып. 13. – 1959. – С. 3-18; Закиров И.Б., Сайфуллаев Ф.Х. Некоторые вопросы кодификации гражданского законодательства Узбекской ССР. – Учен. зап. Среднеазиатск. ун-та. – Вып. 145. – кн. 4. – 1958. – С. 3-10; Занковская Н., Кабалкин А. О кодификации гражданского законодательства // Социалистическая законность. – 1957. – № 6. – С. 20; Орловский П.Е. Разработка Основ гражданского законодательства Союза ССР // Советское государство и право. – 1957. – № 7. – С. 81; Савицкая А.Н. К проекту Гражданского кодекса УССР. – В кн.: Вопросы теории и практики советского права. – Львов, 1958. – С. 44 и др. См. также материалы обсуждения проблем кодификации // Советское государство и право. – 1957. – № 6. – С. 126.

ки ҳисобкунии замони бедарак ғоиб будан, ки ба амалиётҳои ҷангӣ вобаста буданд, аз лаҳзаи хотимаи воқеии онҳо (ва на аз лаҳзаи беному нишон нопадид шудан ва на бастани шартномаи сулҳ); лаҳзаи марги гумонии дар натиҷаи фалокат рухдодаро ба вақти худи фалокат мансуб донистан (ва на эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд); бевиҷдон донистани танҳо ҳамон харидори амволи шахси бедарак гумшуда, ки зинда будани ӯро медонист (на ин ки танҳо харидорӣ намудани амволи шахси фавтида эълоншударо медонист). Дар баҳс ҷиҳати он, ки оё ягон эҳтимолият асоси бедарак ғоибшуда эътироф намуданро ташкил медиҳад ва оё он аз эҳтимолияте, ки фавтида эълон гаштани худи ҳамон шахсро асоснок мекунад, тафовут дорад, мавқеи қонунгузор аз айни истилоҳоти истифодабурдаи ӯ маълум мегардад. Бедарак ғоиб шудани шаҳрванд эътироф мегардад, фавтиданаш бошад эълон карда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки дар ҳолати аввал на ягон гуна эҳтимолият, балки далел муқаррар карда мешавад, аммо дар ҳолати дуюм бошад айни далел наметавонад, ошкор карда шавад ва аз ин рӯ мавҷудияти он эҳтимол карда мешавад.

Савум, омӯзиши талаботи амалии муомилоти мадании шуравӣ барои масъалагузорӣ оид ба воридкунии як қатор дигаргуниҳои муҳим дар меъёрбандии қобилияти амали шаҳрвандон асос гардид. Аз ин лиҳоз хулосаи илмӣ дар бораи зарурати мутобиқ овардани қобилияти нопурраи амал ба синни 15-солагӣ, ҳангоме ки қобилияти меҳнатӣ пайдо мешавад, қонунан эътироф гардид; дар бораи ба қобили амали нопурра додани ҳуқуқи ихтиёрдории на танҳо музди меҳнат, балки инчунин ҳамаи намудҳои дигари ҳаққи кор, стипендия ва нафақа; дар бораи раво донистани маҳрумсозии пурра ё нопурраи ӯ аз ин ҳуқуқ бо сабаби татбиқи номатлуб ё ғайримақсад. Инчунин тавсияи илмӣ оид ба пурра қобили амал донистани шаҳрвандоне, ки то расидан ба синни балоғат бо риояи талаботи қонун издивоҷ кардаанд; ба ноболиғон иҷозат додани мустақилона анҷом диҳии аҳдҳои хурди маишӣ (бе шарҳ ёфтани мафҳуми дахлдор дар КГ-и бархе ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ва бо шарҳ дода шудани он дар кодексҳои ҷумҳуриявии дигар тавассути меъёрҳои синнусолӣ ё нишонаи татбиқи фаврӣ); маҳдуд кардани қобилияти

амали шаҳрвандоне, ки аз машрубот ё воситаҳои нашъадор суиистеъмол мекунанд ва ба ин васила оилаи худро (мувофиқи дастурҳои КГ-и бархе ҷумҳуриҳо) ва ҳамчунин худро (тибқи қоидаи бехтари КГ-и ҷумҳуриҳои иттифоқии дигар) дар вазъияти вазнини моддӣ қарор медиҳанд.

Чорум, бинобар пешниҳоди ба санадҳои кодекссозии нави қонунгузории мадании шуравӣ ворид кардани меъёрҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ғайриамволии шахсӣ, ки ба ҳуқуқҳои амволӣ алоқаманд нестанд, мубоҳисаи ҷиддӣ ба миён омад. Ҳам мулоҳизаҳои қонунгузорӣ-техникӣ ва ҳам комилан амалӣ мухолифи ин пешниҳод баён мегардиданд. Аввалиҳо чунин маънӣ доштанд, ки меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ғайриамволии шахсӣ аз ҷиҳати шумораи худ барои эҷоди боби мустақил дар Асосҳо ё кодексҳо кифоя нестанд, дувумиҳо бошанд ба он рабт дода мешуданд, ки ҳолатҳои муроҷиат ба мақомоти судӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандии манфиатҳои шахсӣ дар амалияи судии шуравӣ номаълуманд ё қариб ки маълум нестанд. Аммо қонуни шуравӣ, мусалламан, наметавонист ҳалли масъалаи муҳимми ҳифзи ҳамаҷонибаи манфиатҳои шахсро ба душвориҳои дорои хусусияти техникӣ вобаста кунад. Аҳаммияти амалии ниҳоди нави тарҳрезишударо бошад пеш аз пайдо шудани чунин ниҳод дар қонуни мадании шуравӣ арзёбӣ намудан номумкин буд. Он дар шакли меъёрҳо оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибор, инчунин ҳуқуқ ба тасвири шахсӣ ва дар қонунгузории баъзе ҷумҳуриҳои иттифоқӣ – ҳуқуқ ба мактубҳо, рузномаҳо, руқъаҳо ва қайдҳо таҳия шудааст.

Дар китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба ҳуқуқи маданӣ аз нимаи дувуми солҳои 60-ум нашршуда, инчунин дар як қатор таҳқиқотҳои монографии марбут ба ҳамон давра роҳҳои рушди қонунгузории мадании шуравӣ дар масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ, ҳамчунин дастовардҳои илми сивилистии замони сипаришуда дар соҳаи мавриди назар инъикоси ҷамъбастии худро ёфтаанд[109]. Замоне, ки дар бораи субъективияти ҳуқуқии маданӣ маводи кофии мушаххасу амалӣ ҷамъ оварда

[109] Ниг.: Кузнецова Л.Г., Шевченко Я.Н. Гражданско-правовое положение несовершеннолетних. – М., 1968. – С. 23; Пергамент А.И. Опека и попечительство. – М., 1966. – С. 65.

шуда, моҳияти иҷтимоии он ва мазмуни ҳуқуқиаш дар шароити шуравӣ дигар мавзуи баҳси назариявӣ набуданд, дар баробари мавзуъҳои дорои аҳаммияти мустақими амалӣ масъалаҳои мухталифи дорои хусусияти умумии назариявии марбут ба қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ доираи таваҷҷуҳи донишмандони илми сивилистии шуравиро дар миқёси торафт афзоянда фаро мегирифтанд.

Чунин фаҳмиши қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун қоида имкон дод, масъала оид ба танзими қобилияти ҳуқуқдорӣ дар он соҳаҳои қонунгузорӣ мусбат баҳо дода шавад, ки дар он меъёрҳои махсуси танзимкунандаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти пурраи амал, масалан, дар қонунгузории соҳаҳои оилавӣ, меҳнатӣ, замин ва ғайра вуҷуд надошт. Акнун ҳар гуна соҳаи қонунгузорӣ дорои меъёрҳое мебошад, ки ё имконияти шаҳрвандро вобаста ба умуман субъекти ҳуқуқи соҳаи мазкур будан, ё субъекти ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар ниҳодҳои алоҳида буданро танзим мекунад.

Ҳамин тавр, аввалан, қоидаи қобилияти ҳуқуқдорӣ дар ҳар гуна соҳаи ҳуқуқ ҷой дорад.

Сониян, маҷмуи ҳамаи меъёрҳои ҳар як соҳаи қонунгузорӣ, ки қобилияти шаҳрвандро оид ба субъекти ҳуқуқ ва уҳдадориҳо буданро умуман дар ҳамин соҳаи ҳуқуқ танзим мекунад, инчунин дар муносибатҳои ҳуқуқии алоҳида, асоси қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун қоида ташкил медиҳад.

Солисан, дар соҳаи қонунгузории маданӣ қоидаи қобилияти ҳуқуқдориро меъёрҳое ташкил медиҳанд, ки бо онҳо бевосита қобилияти ҳуқуқдории маданӣ ва қобилияти пурраи амали шаҳрванд танзим карда мешавад[110].

Низоми танзими қобилияти ҳуқуқдорӣ дар қонунгузории маданӣ усулан дуруст аст, ки дар он яксон барои ҳамаи муносибатҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳо оид ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти пурраи амал ва талаботи хусусии алоҳида ба ҳайати субъективӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии конкретӣ вобаста ба ҳар як ниҳод пешбинӣ карда шудааст.

[110] Ниг.: Жучкова Р.О. Гражданская правосубъектность несовершеннолетних и участие органов внутренних дел в ее реализации: дис. … канд. юрид. наук. – Санкт-Петербург, 2006. – С. 34.

Мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории барои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ муштарак ба он ҳолат вобаста аст, ки соҳиби ҳуқуқ будан наметавонад бидуни субъект бошад, ҳамзамон, он ҳолат ки шаҳрванд субъекти ягона дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ мебошад ва ниҳоят, он ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти пурраи амал дар ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ, усулан ба ташаккули қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун ниҳоди ҳуқуқ таъсир мерасонад.

Қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ, аз ҷумла ноболиғон дар қонунгузорӣ аз инкишофи низоми ҳуқуқ, ниҳодҳои ҳамбаста ва комплексии бо тафриқасозӣ ва ҳамгароии муносибатҳои ҷамъиятӣ бавуҷудомада вобаста буда, пайомади он – тафриқасозӣ ва ҳамгароии танзими ҳуқуқии онҳо мебошад.

Хосияти асосии қобилияти ҳуқуқдорӣ пешниҳоди ҳуқуқҳои асосӣ ва ухдадориҳо ба ҳамаи аъзои ҷомеа, яъне эътирофи баробарии қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандон аст. Ҳамаи шаҳрвандон байни худ дар ҳуқуқҳои асосӣ ва ухдадориҳои сиёсӣ, амволӣ, фарҳангӣ, дар ҳуқуқи истифодаи ҳамаи неъматҳои моддӣ ва маънавии аз ҷониби ҷомеа фароҳам гардида, новобаста аз ҷинс, баромади иҷтимоӣ ва миллӣ, мавқеи амволӣ ва мансубияти нажодӣ, таҳсилот ва эътиқоди динӣ баробар мебошанд.

Дар хулоса бояд қайд кард, ки раванди инкишофи қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун қоида дар ҳуқуқи маданӣ пайваста ва ҳамеша дар таҳаввул қарор дорад, аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки қобилияти ҳуқуқдории маданӣ қоидаи маҷмуъ мебошад.

*Давраи чоруми инкишофи* проблемаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун қоида дар ҳуқуқи мадании ҶТ давраи истиқлолияти давлатӣ мебошад. Чунон ки маълум аст, ҶТ 9-уми сентябри соли 1991 истиқлолияти давлатиро ба даст овард ва аз ин ба баъд инкишофи илми ҳуқуқи мадании давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон оғоз гардид.

Имконияти мавҷудияти инсонро дар замони муосир бе иштироки ӯ дар муносибатҳое, ки ҳуқуқи маданӣ танзим менамояд, тасаввур кардан имконнопазир аст. Бинобар ин, қонунгузории мадании ҶТ барои ҳамаи

шахсон имконияти баробари иштирокро дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ таъмин мекунад.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун қобилияти муайяни аз тарафи давлат эътирофгардида тасвия ёфта, ба шахси воқеӣ имконияти доштани ҳуқуқу ухдадориҳои маданиро медиҳад.

Асоси ба даст овардани қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандони ҶТ-ро бақайдгирии аслу насаби онҳо дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ташкил медиҳад. Чунки маҳз пас аз қайди аслу насаби шахс, ӯ аз ҳамон лаҳза бо ном ва насаби муайяни худ шомили муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мегардад.

КМ ҶТ маҳсули истиқлолияти давлатӣ буда, меъёрҳои он асоси танзими ҳуқуқи хусусии муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба баробарӣ ва мухторияти ирода асосёфта мебошанд.

Дар Паёми Президенти ҶТ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар оид ба сиёсати дохилӣ ва беруна аз 24-уми апрели соли 2013 оид ба таҳрири нави КГ ҶТ изҳори ақида карда шуд. Ин ақида асосҳои илмӣ ва амалӣ дошта, таъсири объективонаи омилҳои зерин мебошад:

– раванди босуръати инкишофи ҳуқуқҳои мадании инсон (шахси воқеӣ) ва иттиҳодияҳои он, васеъ гардидани мавзуи танзими ҳуқуқи маданӣ, бинобар аз истифодаи бештари хизматрасониҳои зеҳнӣ ва эҳтиёҷоти бештари ҳифзи дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ;

– рушди соҳибкорӣ, муносибатҳои корпоративӣ, иттилоотӣ, сармоявӣ ва истифодаи бештари механизми худтанзимкунӣ, нуфуз ва функсияҳои нав пайдо намудани шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, бахусус дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт ва сохтмони асосӣ;

– иштироки фаъоли давлат, мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот дар муносибатҳои молумулкӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои маънавии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

– истифода нашудани тавонои забони давлатӣ дар матни меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, ба забони илми ҳуқуқшиносӣ табдил додани он, ба ҳам мутобиқ набудани матни тоҷикӣ ва русии КГ ҶТ, ҷой доштани

номутобиқатии дохилии қонунгузории маданӣ ва масъалаҳои наве, ки аз қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба вуҷуд омаданд.

Бо мақсади ба инобат гирифтани омилҳои нав ва таҳрири нави КГ ҶТ Амри Президенти ҷумҳурӣ аз 8-уми июни соли 2013, таҳти № АП – 2257, дар хусуси таъсиси гурӯҳи корӣ қабул гардид. Ҳайати он аз кормандони собиқадори Суди олии ҶТ, Прокуратура ҶТ, вазорату идораҳои дахлдор, инчунин олимони соҳаи ҳуқуқи маданӣ иборат буд. Баъдан бо қабул намудани Амри Президенти ҷумҳурӣ аз 30-юми апрели соли 2019, таҳти № АП – 1210 ҳайати гурӯҳи мазкур таҷдиди назар карда шуд.

Давоми нуҳ сол ин гуруҳ имкониятҳои КМ ҶТ устувор ва инкишоф дода, мундариҷаи он такмил ёфт, меъёрҳои он ба забони фаҳмо ва беғалат таҳия шуд, мухолифати истилоҳот бартарафшуда, инчунин хусусиятҳои танзими соҳавӣ ба инобат гирифта шуд. Барои инкишофи забони давлатӣ ва истифодаи оқилонаи тавоноии он дар танзими ҳуқуқи маданӣ заминаи боэътимод гузошта шуд.

Ҳамзамон талаботҳои м. 39 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30-юми майи соли 2017, таҳти № 1414,[111] дар хусуси истилоҳҳои матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо истифода аз калима ва ибораҳои оммафаҳм тартиб дода шаванд ва як истилоҳ бояд як маъно дошта бошад, риоя карда шуд.

Банди 39 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018 – 2028, ки бо Фармони Президенти ҷумҳурӣ аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти № 1005 тасдиқ шудааст[112], таҳияи фасли алоҳида дар КМ ҶТ оид ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, таҳияи боби алоҳида оид ба шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, ба меъёрҳои конвенсионӣ мутобиқ намудани қисми 3 ин кодексро пешбинӣ намуда буд, ки ҳангоми таҳрири нави он ба инобат гирифта шуд.

---

[111] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 – юми майи соли 2017, таҳти № 1414// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

[112] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018 – 2028, ки бо фармони Президенти ҷумҳурӣ аз 6 – уми феврали соли 2018, таҳти № 1005 тасдиқ шудааст// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

Боби 2 Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти ҶТ бинобар аз узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31-уми октябри соли 2014, таҳти № 691 тасдиқ шудааст[113], масъалаҳои бартараф намудани монеаҳои техникиро дар савдо гузошта буд, ҳангоми таҳрири нави ин кодекс ба инобат гирифта шуд. Ҳамзамон бобҳои нав оид ба шартномаи агентӣ, эскроу, лизинг, хариди давлатии мол, хариди маҳсулоти кишоварзӣ, иҷораи захираҳои табиӣ ва дигар бобҳо ба қисми дуюми ин кодекс ворид гардид.

Дар таҳрири нави лоиҳаи КГ ҶТ нақши Консепсияи такмили қонунгузории мадании ҶТ, ки бо Қарори Шурои олимони Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ аз 30-юми апрели соли 2014, таҳти № 4 қабул карда шуд, муҳим мебошад. Ҳамчун ташкилоти пешбар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ барои гурӯҳи корӣ шароити заруриро муҳайё намуд.

ҶТ аз нахустин рӯзҳои даврони истиқлолияти давлатӣ барои рушди забони тоҷикӣ дар мақоми забони давлатӣ ва истифодаи қудрати он, аз тамоми шароиту имконот истифода менамояд. Рушди забони давлатӣ дар танзими ҳуқуқӣ ва сивилистика аз вазифаҳои бисёр муҳимми давлат барои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дониста мешавад. Ба ҳар як аъзои гурӯҳи кории таҳрири нави КГ ҶТ зарур буд, ки аз қудрати забони давлатӣ истифода намуда, онро ба забони ҳуқуқи маданӣ таъсис диҳад. Ба ҳар кадоми мо зарур буд, ки ба имкониятҳои забони давлатӣ рӯ оварда, барои ба забони илми ҳуқуқи маданӣ табдил ёфтани он саҳми арзанда гузорем. Чи тавре ки Эмомалӣ Раҳмон – Президенти ҶТ, Пешвои миллат дуруст қайд мекунад: «Илми воқеан миллӣ дар асоси забони миллӣ таъсис ва ташаккул дода мешавад, ки инро таҷрибаи дигар кишварҳо кайҳо собит кардааст. Забони тоҷикӣ фақат дар сурате ҳамчун забони илму фарҳанг мавриди истифодаи васеъ қарор мегирад, ки бо ин забон истилоҳоти илмӣ ба вуҷуд оварда

[113] Ниг.: Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти ҶТ бинобар аз узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 – уми октябри соли 2014, таҳти № 691 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

шавад». Тағйири номи КГ ҶТ саҳми муҳим дар оғози ин кор аст. Бинобар ин, яке аз навгониҳои асосии таҳрири матни ин кодекс тағйир ёфтани номи он мебошад.

КМ ҶТ номидани ин қонуни муҳимми ҳаёти хусусӣ аз риояи ҳатмии талаботи м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5-уми октябри соли 2009, таҳти № 553[114] ва м. 40 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» гувоҳӣ медиҳад. Чунин ҳолат ба истифодаи номи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании ё Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон монеа намебошад. Онҳо мақомотҳои манфиати умум буда, доштан, тағйири ном ё истифодаи номи эътирофшуда бо истилоҳи «маданӣ» вобастагӣ надорад. Тағйири номи ин кодекс барои амалигардонии КМГ ҶТ монеагӣ эҷод намекунад, чунки номи нави ин кодекс хусусияти фардикунонии яке аз қонунҳои асосии танзими муносибатҳои хусусиро дорад ва хилофи тартиб ё қонунҳои оммавӣ намебошад.

КМ ҶТ барои ваҳдати миллӣ ва ҳимояи он имкониятҳои фаровон дорад. Ваҳдати миллӣ аз нигоҳи ин кодекс – маҳсули муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии ба худмухторӣ ва баробарӣ асосёфтаи иштирокдорони он мебошад. Дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ҳар касе ба корҳои хусусӣ, зарурати татбиқи бемонеаи ҳуқуқи гражданӣ (маданӣ), таъмини барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардидаи гражданӣ ва ҳифзи судии он асосҳои маънавии ваҳдати миллӣ буда, дар қ. 1 м. 3 КМ ҶТ эътироф шудаанд. Татбиқи самараноки КМ ҶТ раванди воқеӣ гаштани асосҳои маънавии ваҳдати миллӣ ва дигар меъёрҳои танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки аз фаъолияти мақомоти давлатӣ, истифодаи ваколатҳои муқарраршуда ва салоҳиятнокии шахсони мансабдори давлатӣ вобастагӣ дорад. Самаранокии фаъолияти онҳо бояд дар таъмини некуаҳволии инсон ифода ёбад.

---

[114] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 – уми октябри соли 2009, таҳти № 553 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

«Бо рушди мавқеи инсон дар ҳама соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ талабот ба танзими ҳуқуқи граждании зиёд мегардад. Дар ин ҷода Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши марказӣ дошта, танзими муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии ба худмухторӣ ва баробарӣ асосёфтаи иштирокчиёни онро анҷом медиҳад. Баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои асосии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зарур аст, ки дар заминаи дастовардҳои илми ҳуқуқи гражданӣ ва хусусияти миллӣ касб намудани сиёсати ҳуқуқии гражданӣ бояд қонунгузории гражданӣ такмил дода шавад».[115] Чунин муносибат дар ин ҳуҷҷати муҳимми барномавӣ бесабаб нест. Масъалаи инсон ва инсоншиносӣ дар сивилистика яке аз мавзуъҳои асосии таҳқиқ, меъёрэҷодкунӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ буд ва мебошад.

Таҷрибаи эҷодии муҳаққиқони асрҳои XII – XVI шоҳиданд, ки Абдуллохон – яке аз шоҳони салтанати шайбонӣ оид ба масъалаҳои хусусии давлатдорӣ муносибати хосса дошт. Вай хуб дарк мекард, ки дар идораи ҳукумат, мустаҳкам намудани давлат ва афзудани шуҳрати он танҳо яроқу аслиҳа ва сарбозон кам аст. Бинобар ин, вай ташаббускори навоварӣ гардид. Дар натиҷа сохтмони иншоотҳои зиёд ба амал омаданд, ҷӯйборҳо канда ва қитъаҳои заминҳои кишоварзӣ обёрӣ шуданд. Роҳҳо, корвонсаройҳо, бозору гузаргоҳҳо сохта шудаанд ва барои пешравии ҳаёти маданию адабӣ як дараҷа шароити мусоид пайдо шуд. Аслан дар миёнаҳои ин аср ҳукуматдорони шайбонӣ маданитар шудаанд[116].

Аксари онҳо нақши ҳуқуқи маданиро дар мустаҳкам намудани давлат ва ваҳдати миллӣ фаҳмиданд. Маданӣ будан дар ин маврид маънои созандагӣ, аз байн бурдани торикӣ ва бадахлоқӣ, дар ҳаёти инфиродӣ ва ё ҷамъиятӣ ворид намудани арзишҳои олии инсонӣ, ба монанди бавиҷдонӣ, баробарӣ, озодфикрӣ, амалҳои оқилона, одилона ва боинсофона дар

---

[115] Ниг.: Банди 39 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 – уми феврали соли 2018, таҳти № 1005 тасдиқ карда шудааст. // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).
[116] Ниг.: Ҳодизода Р., Каримов У., Саъдиев С. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI - XIX ва ибтидои асри XX): китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1988. – С. 25.

муносибати байни ҳамдигарӣ дорад. Маданӣ будани иштирокдорони ин муносибатҳо ду ҷабҳаи асосӣ дорад.

Якум ҷабҳаи дарккунӣ. Маданӣ будани инсон маънои ҳастии тамаддунсоз дар қонеъ гардонидани манфиатҳои худ ва ҷомеаро дорад, ки дар он тавозун ба назар мерасад.

Дуюм ҷабҳаи ҳуқуқӣ. Дар ҳуқуқи маданӣ ҳастии инкишофёфта ва тавозун дар байни «ман» ва «мо» инъикос мегардад. Маданӣ будан тибқи ин ду ҷабҳаи асосӣ, аз як ҷиҳат озодӣ ва аз ҷиҳати дигар масъулият аст. Одами маданӣ интихоби дуруст дорад. Дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳама вақт интихоб вуҷуд дорад. Ҳамзамон интихоби одами маданӣ воқеӣ, яъне мустақил ва боинсофона мебошад, чунки тавозунпазир аст.

Аз ин лиҳоз маданӣ будани ҳукуматдорони шайбонӣ натиҷаи хуб дод. Давлати Шайбонӣ то рафт инкишоф ёфта, ба ивази аҳолии бодиянишини саҳро шумораи муқимнишинон афзун ва сокинони шаҳр зиёд гардида, навъҳои гуногуни ҳунар ба вуҷуд меомаданд. Дар шаҳру деҳот мубодилаи пулию молӣ авҷ гирифта, дар байни минтақаҳои дуру наздик савдои байналмилалӣ ривоҷ меёфт. Ин ҳолат дар ҳаёти иҷтимоии давлат аз нуфузи калон пайдо намудани табақаи ҳунармандону тоҷирон ва умуман сокинони шаҳр шаҳодат медод[117]. Аз ҳамин лиҳоз маданӣ будан маънои мутамаддин ва ё мутараққӣ будани иштирокдорони ҳаёти иҷтимоиро дорад.

Дар забони тоҷикӣ истилоҳи «маданӣ» ба се маъно баён шудааст.[118] Якум, мансуб ба Мадина. Дуюм шаҳрӣ, бошандаи шаҳр. Сеюм ба маънои сифати инсон, яъне ботарбия, бомаданият фаҳмида мешавад. Ҳар се маъно ба якдигар робитаи наздик доранд, зеро решаи калимаи «маданӣ» вожаи арабии «мадина» мебошад, ки баргардони он ба забони тоҷикӣ маънои шаҳр, шаҳрӣ ва бошандаи онро дорад. Вале ин маъноҳо ҳамчун пайдарҳамии даркшаванда, аз он бармеояд, ки Мадина ҳамчун шаҳр маркази тамаддун аст. Чунин ақида бо ақидаи Анушервони Одил робита дошта метавонад. Вай ақида дошт, ки «агар Худованд ба ягон халқе хубӣ намояд, вай ба шоҳони

[117] Ниг.: Ҳодизода Р., Каримов У., Саъдиев С. Асари ишорашуда. – С. 31.
[118] Ниг.: Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри х то ибтидои асри хх). Иборат аз ду ҷилд. Тақрибан 45 000 калима ва ибора бо иловаи мифтоҳи арабӣ // Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. I. А – О. – М.: Нашриёти «Советская энциклопедия», 1969. – С. 618.

онҳо דониш медиҳад» Ин ақида дар таҳлили назариявӣ ва амалии мавзуи интихоб намудаи мо нақши муҳим дорад.

Ба бахти миллати тоҷик ва сокинони дигари Тоҷикистон Худованд фарзанди фарзонаву поксиришт, роҳбари бонангу номуси миллӣ ва посдори ваҳдати миллӣ – Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба мо эҳдо намуд, ки бо ҷуръату ҷасорат ва тамаддунсозӣ 25-уми январи соли 2022 лоиҳаи Кодекси мадании ҶТ-ро ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии мамлакат пешниҳод намуд. Қабул шудани ин Кодекс барои таҷдиди танзими муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии ба худмухторӣ ва баробарӣ асосёфтаи иштирокчиёни он аз меҳвари арзишҳои инсонӣ замина мегузорад. Чунин ҳолат давлат ва ваҳдати моро мустаҳкам ва устувор мегардонад.

Ба андешаи Г.В. Малтсев «Табиати ҳуқуқро мо бояд дар табиати инсон ва қонунҳои бохиради мансуби ӯ ҷустуҷӯ намоем»[119]. Омили инсонӣ аз ҷониби файласуфони юнонӣ ҳамчун воситаи дигаргунсозии олами зиндагӣ ба манфиати инсон таҳти ғояю ҳадафҳои ӯ қарор гирифт, мегӯяд ӯ[120]. Ҳуқуқи табиии онҳо мисли ҳуқуқи шартномавии Ж.Ж. Руссо як адолати умум ва як тартиботи умумии содалавҳонаеро ҷорӣ кард, ки дар он ҳама неруҳо ва офарандагони назму тартиб таҳти таъсири арзишҳои адл ва тартиботи умум зиндагӣ мекарданд. Ғояи ҳуқуқшиносони римӣ, ки «ҳама чиз дар ин олам барои инсон офарида шудааст»[121] аз ҳамин консепсияи инсоншиносӣ манша гирифта, бо мурури замон ба баланд бардоштани мақоми инсон равона шуда буд, ки аз ҷониби Пифагор чунин хулосабарорӣ карда шуд: «Инсон ченаки ҳамаи ашёҳост».

Бо аз байн бурдани камбизоатӣ ва паст намудани таъсири омилҳои коррупсионӣ дар фаъолияти мақомотҳои ваколатдоршуда, талабот ба КМ ҶТ зиёд мегардад. Бинобар ин, баҳри устувории ваҳдати миллӣ зарур аст, ки дар заминаи дастовардҳои илмию техникӣ ва хусусияти миллӣ касб намудани сиёсати ҳуқуқӣ консепсияи нави идоракунии давлатӣ таҳия ва қабул карда шавад. Тадбирҳои зерин андешида шаванд:

119 Ниг.: Мальцев Г.В. Культурные традиции права. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2013. – С. 116.
120 Ҳамон ҷо. – С. 115.
121 Ниг.: Цицерон М.Т. Философские трактаты. – М., 1985. – С. 153.

– таҷдиди назар намудани Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон ва нақшаҳои таълимӣ;

– муайян намудани рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба таъмини хатмкунандагон бо кори арзанда ва музди кори муносиб;

– аз байн бурдани ҳолатҳои манъшуда дар ҷо ба ҷо намудани мутахассисони ҷавон тавассути истифодаи одилонаи озмуни ишғоли вазифа;

– таъмини сифати идоракунии давлатӣ дар алоқаманди ба ислоҳоти музди кор, имтиёзҳо ва афзалиятҳои хизмати давлатӣ, инчунин кам намудани теъдоди вазорату идораҳои соҳавӣ, роҳ надодан ба такроршавии ваколатҳои идоракунӣ;

– такмили механизми ҳуқуқтатбиққунӣ.

Ҳамин тавр, лоиҳаи КМ ҶТ аз 3 қисм, 8 фасл, 72 боб ва 1351 модда иборат буда, 25-уми январи соли 2022 бо ташаббуси қонунгузории Президенти ҷумҳурӣ барои муҳокима ва қабули он ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ирсол карда шуд.

Баъди қабули он, 24-уми декабри соли 2022 аз ҷониби Президенти ҶТ имзо карда шуд ва дар рузномаи «Садои мардум», «Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» интишор гардид.

Яке аз масъалаҳои муҳим эътирофи фаъолияти соҳибкорӣ ба сифати мавзуи алоҳидаи танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад. Аксарияти меъёрҳои қонунгузории ин соҳа ба соҳибкорон, муқаррар намудани вазъи ҳуқуқи мадании онҳо ва танзими шартномаҳо ба иштироки онҳо бахшида шудаанд. Бинобар ин, дар қ. 3 м. 1 қисми якуми КГ ҶТ (аз 30 июни соли 1999, № 802) қайд гардида буд: «Қонунҳои граждании муносибатҳои байни шахсони фаъолияти соҳибкориро ба амал бароварда ё иштироки онҳоро танзим менамоянд». Ин ҷумлаи асоснок ба баъзе нофаҳмиҳо посух медод. Масалан, дар хусуси зарурати таҳия ва қабули Кодекси соҳибкорӣ дар ҶТ. Ҳоло ин меъёри калидӣ дар КМ ҶТ (м. 2.) нест.

Бинобар ин, барои бартараф намудани чунин ҳолати номатлуб пешниҳод карда мешавад, ки дар м. 2 КМ ҶТ қ. 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад: «6. Қонунгузории маданӣ муносибатҳои байни шахсони

фаъолияти соҳибкориро ба амал бароварда ё иштироки онҳоро танзим менамоянд».

Тибқи м. 1350 КМ ҶТ ҳар се қисми КГ ҶТ аз эътибор соқит дониста шуд. Дар м. 1351 кодекси нав муқаррар карда шуд, ки «Ҳамин Кодекс аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дода шавад». Саволе пайдо мешавад, ки аз рӯзи (24-уми декабри соли 2022) беэътибор пазируфтани кодекси пешина, то 1-уми июли соли 2023 (рӯзи амали КМ ҶТ) иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва мақомотҳои ҳуқуқтатбиқкунанда дар асоси кадом сарчашмаи танзими соҳавӣ амал мекунанд? Дар ин муддат холигии танзимӣ ба вуҷуд меояд, ки барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат хавфнок мебошад. Бинобар ин, барои бартараф намудани ин камбудии ошкоршуда, ҷумлаи охирони м. 1350 КМ ҶТ, баъди вергул, чунин илова карда шавад: «аз 30 июни соли 2023 аз эътибор соқит карда шаванд».

Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандон ва ба манфиати давлат ва ҷамъият муқаррар карда мешавад. Бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз тарафи мақомоти САҲШ ба воситаи тартиб додани сабти дахлдори асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ки дар асоси он шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ дода мешавад, сурат мегирад.

Мувофиқи қ. 2 м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ»[122] ҳолатҳои зеринро дар мақомоти САҲШ сабт намояд:

1). Дар бораи таваллуд;

2). Дар бораи вафот;

3). Дар бораи акди никоҳ;

4). Дар бораи бекор кардани акди никоҳ;

5). Дар бораи фарзандхондӣ;

6). Дар бораи муқаррар намудани падарӣ;

[122] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29. 04. Соли 2006, № 88 //Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2006, №4, мод. 201; 2008, №12, қисми 2, мод.1017; соли 2009, № 3 мод. 89.

7). Дар бораи иваз кардани ном, номи падар, насаб.

Ворид намудани ислоҳ, тағйирот, илова, барқарор ё бекор намудани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва додани шаҳодатнома дар асоси ин сабтҳо бо Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» муқаррар карда мешавад.

Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ яке аз падидаҳои таъмини қобилияти субъекти ҳуқуқ будани шаҳрванд мебошад. Ҳамаи асноди аҳаммияти ҳуқуқии гражданӣ дошта сабт мешаванд. Аз лиҳози таълимоти фактҳои ҳуқуқӣ таваллуд ва фавт ҳодиса мебошад, дигараш – амал. Асноди ҳолати шаҳрвандие, ки сабт шудааст, исботкунии вуҷуд доштани онҳо зарурат надорад, шаҳодатномаи сабти ин ё он аснод ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Тибқи м. 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» ҳангоми ба ҷо овардани сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ бояд ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи фактҳои дар мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба қайди давлатӣ гирифташаванда ва ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсияти арзкунанда пешниҳод карда шаванд. Ҳуҷҷатҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатҳои хориҷӣ дода шудаанд ва барои бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ пешниҳод карда шудаанд, бояд аз тарафи муассисаҳои консулии ҶТ қонунӣ гардонида шаванд, агар дар шартномаҳои байналмилалии ҶТ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад ва ҳуҷҷатҳои мазкур бояд ба забони давлатии ҶТ тарҷума карда шуда бошанд. Дурустии тарҷума бояд дар идораи нотариалии давлатӣ тасдиқ карда шавад.

Сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар ду нусха тартиб дода мешавад. Ҳар як сабт, ки ба китоби аснод дохил карда мешавад, бояд аз тарафи арзкунанда хонда шуда, имзои ӯ, шахси мансабдори бақайдгиранда ва муҳри мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ гузошта шавад. Нусхаи якуми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ (ҳар як намуди сабти асноди ҳолати шаҳрвандии алоҳида), ки дар давоми сол тартиб дода шудааст, дар китоби аснод бо тариқи

пайдарҳамӣ ҷамъ оварда мешаванд. Бо чунин тартиб нусхаҳои дуюми сабт низ ба китоби аснод ҷамъ оварда мешаванд.

Ҳамин тавр, асноди ҳолати шаҳрвандӣ тамоми фактҳое мебошанд, ки барои фардисозии шаҳрванд, муайян намудани мавқеи ӯ аҳаммият дорад.

Бо дарназардошти пешравии илми тиб тағйир додани ҷинси шаҳрванд аз эҳтимол дур нест. Аз ин рӯ хуб мешуд, ки ин ҳолат ҳамчун асноди ҳолати шаҳрвандӣ сабт мегашт.

Маълумоте, ки ба корманди мақомоти САҲШ дар натиҷаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ маълум гардидааст ба ҳаёти шахсии шаҳрванд алоқаманд мебошад. Бинобар ин, маълумоте, ки дар натиҷаи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба корманди мақомоти САҲШ маълум гардидаанд, махфӣ буда, фош кардани онҳо, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ, манъ аст.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ ба зумраи ҳуқуқҳои фитрӣ дохил намешавад. Гарчанде қобилияти ҳуқуқдорӣ аз лаҳзаи таваллуд пайдо шавад ҳам, ин хусусияти табиии инсон нест. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ба шаҳрванд аз тарафи давлат дода мешавад ва ҳаҷми онро давлат муайян менамояд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ бо робитаи ҳуқуқию сиёсии шахс бо давлат (шаҳрвандӣ) алоқаманд мебошад.

Ба шаҳрвандии давлат қабул шуда, шахс субъекти ҳуқуқи чунин давлат мешавад. Бинобар ин, дар қонунгузории маданӣ (м. 18 КМ ҶТ) сухан дар бораи қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ меравад[123]. Аммо дар адабиёт фикри мухталиф вуҷуд дорад, ки тибқи он дуруст мебуд агар номи модда дақиқ ва ба «Қобилияти ҳуқуқдории мадании шахси воқеӣ» иваз карда шуда, бо ҳамин он аз мафҳуми «қобилияти ҳуқуқдории оилавӣ», «қобилияти ҳуқуқдории меҳнатӣ», «қобилияти ҳуқуқдории маъмурӣ», «қобилияти

[123] Ниг.: Тагайназаров Ш. Правоспособность граждан // Актуальные проблемы применения советского законодательства. Сб. статей. – Душанбе, 1974. – С. 100.

ҳуқуқдории мурофиавии гражданӣ» ҷудо карда шавад[124]. Дар КМ ҶТ ин духурагӣ ҳалли худро пайдо кард.

Дар қонун омадааст, ки қобилияти ҳуқуқдории маданӣ нисбати ҳамаи шаҳрвандон ба андозаи баробар эътироф карда мешавад.

Дар баробари шаҳрвандони ҶТ дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ низ иштирок мекунанд. Иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ дар заминаи фароҳам овардани низоми ба онҳо иҷозат дода мешавад, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

Моҳияти қоидаи мазкур дар он аст, ки ҳуқуқҳои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ дар ҳудуди ҶТ мувофиқи қонунҳои Тоҷикистон муқаррар мегардад, на бо қонунҳои давлате, ки шаҳрванди он иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мебошад.

Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд – қобилияти ҳуқуқии абстрактӣ, вале на имконияти беҳаҷм (беканор) доштани ҳуқуқу уҳдадориҳои мушаххас мебошад. Аз ин рӯ, мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандро маҷмуи ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳои мадании молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ ташкил мекунад, ки субъекти он мувофиқи қонунгузории маданӣ шаҳрванд шуда метавонад.

Дар м. 19 КМ ҶТ номгӯи тақрибии ҳуқуқҳои асосии маданӣ, тартиби амалигардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои зикргардида оварда шудааст:

– ҳуқуқи моликият ба ашё (м. 279 КМ ҶТ ва ғайра.);

– ҳуқуқи мерос гирифтан ва васият (фасли 7 КМ ҶТ);

– ҳуқуқи машғул шудан ба соҳибкорӣ ё дигар фаъолияти манънанамудаи қонун (м. 24 КМ ҶТ ва ғайра.);

– ҳуқуқи мустақилона ё якҷоя бо дигар шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ таъсис додани шахси ҳуқуқӣ (қ. 4 м. 49 КМ ҶТ);

– ҳуқуқи анҷом додани ҳама гуна аҳдҳо, ки хилофи қонунгузорӣ намебошад ва иштирок дар уҳдадориҳо (боби 10 КМ ҶТ);

---

[124] Ниг.: Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон: (қисми якум). – Душанбе: Эр-граф, 2010. – С. 66-67.

– ҳуқуқи муаллифӣ ба асарҳои илмӣ, бадеӣ, санъат, ихтироъ, дигар натиҷаҳои қонунан ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ (боби 68, м. 1235-1251 КМ ҶТ.).

Азбаски намуд ва мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ доимо дар инкишоф мебошад, дар қонун номгӯи асосии ҳуқуқҳо омадааст, ки онҳо мукаммал намебошанд.

Инчунин бояд зикр намуд, ки тибқи қ. 1 м. 24 КМ ҶТ шаҳрвандон метавонанд аз лаҳзаи бақайдгирӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Фаъолияти мазкур барои амалӣ намудани ҳадафҳои шахсони воқеӣ ва заминаи мустақилияти молумулкии ӯ мебошад[125].

Вобаста ба ҳадди қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд дар қ. 4 ва 5 м. 9 КМ ҶТ омадааст, ки амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандаи субъектҳои дигари ҳуқуқро вайрон намояд ва ба муҳити зист зиёни воқеӣ расонад. Инчунин шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои ба онҳо тааллуқдошта бояд оқилона, одилона ва боинсофона талаботи дар қонунгузорӣ дарҷёфта, принсипҳои ахлоқи ҷомеа, соҳибкорон бошанд, қоидаҳои одоби касбиро риоя намоянд. Ин уҳдадорӣ набояд ба воситаи шартнома хориҷ ё маҳдуд карда шавад

Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандони Тоҷикистон берун аз ҳудуди он бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқии давлате, ки дар он шаҳрванди ҶТ фаъолият мекунад ва инчунин бо дарназардошти ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ ба роҳ монда мешавад.

Тибқи қ. 1 м. 23 КМ ҶТ ба истиснои ҳолатҳо ва мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амали ҳеҷ касро маҳдуд сохтан мумкин нест. Маҳдуд сохтани қобилияти ҳуқуқи маданӣ дар қисмати зайл имконпазир аст:

---

[125] Ниг.: Исмаилов Ш.М. Сборник избранных статей. – Душанбе: Полиграф-Групп, 2021 – С. 128.

– дар асоси қонунгузории ҷорӣ ҳангоми нисбат ба шаҳрванд истифода бурдани ҷазо – маҳрум сохтан аз озодӣ вобаста ба содир намудани ҷиноят; ҳамзамон имконияти интихоби маҳалли зист, таъмини махфияти ҳаёти шахсӣ ва ғ. маҳдуд карда мешавад;

– дар асоси қонун хизматчии давлатӣ ҳуқуқ надорад шахсан ё тавассути дигарон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад. Чунин маҳдудият низ муҳлат дорад. Шаҳрванд агар аз хизмати давлатӣ даст кашад, ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ пайдо мекунад. Аз ин рӯ, ин ҳуқуқи интихоби шаҳрванд аст.

Мувофиқи м. 24 КМ ҶТ шаҳрвандон метавонанд аз лаҳзаи бақайдгирӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Қайди давлатии соҳибкорони инфиродӣ хусусияти озод дошта, дар бақайдгирӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ифода меёбад. Нисбати фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба амал бароварда мешавад, агар аз қонунҳо ё моҳияти муносибати ҳуқуқӣ тартиби дигаре барнаояд, мутобиқан қоидаҳои КМ ҶТ истифода мешаванд, ки фаъолияти шахси ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ бударо танзим менамоянд. Шаҳрвандоне, ки дар ҳайати хоҷагии деҳқонӣ фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд, аз бақайдгирии давлатӣ озод мебошанд. Шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо вайрон намудани қ. 1 м. 24 КМ ҶТ амалӣ менамоянд, ҳақ надоранд нисбат ба аҳдҳои бастаашон ба он истинод намоянд, ки онҳо соҳибкор намебошанд.

Бақайдгирӣ дар муҳлатҳо ва тарзҳои пешбининамудаи қонун анҷом дода мешавад.

Шаҳрвандоне, ки шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ ва идоракунии давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни ҳарбии қушунҳои ҳарбӣ мебошанд ва дигар шахсоне, ки нисбат ба онҳо қонунгузорӣ ҷиҳати машғулият ба фаъолияти соҳибкорӣ маҳдудият муқаррар намудааст, ба сифати соҳибкорони инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта намешаванд. Рад намудани бақайдгирии соҳибкори инфиродӣ дар ҳолате рух медиҳад, ки

ҳуҷҷатҳои муқаррарнамудаи қонун, ки барои бақайдгирии давлатӣ заруранд, ба талабот мувофиқат накунанд.

Ба шаҳрванд ҳамчунин бақайдгирӣ рад карда мешавад, агар фаъолияте, ки ба он метавонад машғул шавад, тибқи қонун мустақиман манъ шуда бошад.

Фаъолияти соҳибкориро аз фаъолияти тиҷоратӣ бояд фарқ намуд. Фаъолияти тиҷоратӣ ба маънои маҳдуд савдо кардан мебошад. Ба маънои васеъ бошад, ин фаъолиятест, ки мақсади асосии он ба даст овардани фоида мебошад. Аз ин рӯ, васеъ будани мазмуни мафҳуми «фаъолияти соҳибкорӣ» аз «фаъолияти тиҷоратӣ» маълум мегардад. Фарқияти ин ду намуди фаъолият дар мақсадҳои онҳо дида мешавад. Ҳамин тавр, «мунтазам ба даст овардани фоида» табиати ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ буда, «мақсади асосӣ – ба даст овардани фоида» табиати ҳуқуқии фаъолияти тиҷоратиро инъикос мекунад.

Соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқаррар кардаи қонун ба қайд гирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст.

Боз як хусусияти ҳолати ҳуқуқии мадании соҳибкори инфиродӣ, ки ба дигар шахсони воқеӣ тааллуқ надорад, муфлисшавии соҳибкори инфиродӣ мебошад. Мутобиқи муқаррароти м. 26 КМ ҶТ соҳибкори инфиродие, ки барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторон оид ба фаъолияти соҳибкорӣ қодир нест, бо қарори суд мумкин аст муфлис эътироф гардад. Асос ва тартиби муфлис эътироф кардани соҳибкори инфиродиро Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8-уми декабри соли 2003, таҳти № 46, бо тағйиротҳои Қонуни ҶТ аз 2-юми январи соли 2019, № 1579[126] муқаррар менамояд.

---

[126] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8 – уми декабри соли 2003, таҳти № 46, бо тағйиротҳои Қонуни ҶТ аз 2 – юми январи соли 2019, № 1579 // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

Аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани чунин қарор қайди ӯ ба сифати соҳибкори инфиродӣ беэътибор мегардад. Ҳангоми иҷрои расму қоидаҳои муфлис донистани соҳибкори инфиродӣ кредиторони ӯ аз рӯйи уҳдадориҳое, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ вобаста нестанд, ҳамчунин метавонанд талаботи худро пешкаш намоянд. Талаботи чунин кредиторон, ки бо ҳамин тартиб арз накардаанд, баъди ба итмом расидани расму қоидаҳои муфлисшавии соҳибкори инфиродӣ эътибори худро нигоҳ медоранд. Қонун махсус навбати қонеъгардонии талаботи кредиторонро дар нисбати соҳибкори инфиродии муфлис муайян накардааст, вале тибқи истеҳсолоти озмунӣ, мувофиқи м. 65 КМ ҶТ ва м. 78 Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ» чунин навбат муқаррар шудааст:

– дар навбати аввал – талаботи кредиторони таъминшуда аз ҳисоби арзиши молу мулки ба сифати таъминот пешниҳодшуда бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории ҶТ, инчунин талаботи шаҳрвандоне, ки шахси ҳуқуқии барҳамдодашаванда дар назди онҳо барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатиашон масъулият дорад, бо роҳи ба сармоя табдил додани пардохти дахлдори вақтбайъ;

– дар навбати дуюм – пардохти кумаки пулӣ барои аз кор рафтан ва музди меҳнати шахсоне, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла қарордод кор мекунанд ва пардохти мукофоти пулӣ аз рӯйи шартномаҳои муаллиф;

– дар навбати сеюм – пардохти қарз аз рӯйи пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет;

– дар навбати чорум – ҳисобу китоби кредиторони дигар тибқи қонун.

Талаботи кредиторони ҳар навбат пас аз қонеъ гардонидани талаботи кредиторони навбати пешина қонеъ гардонида мешавад.

Пас аз ба охир расидани ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон соҳибкори инфиродии муфлис эътирофгардида аз иҷрои уҳдадориҳои боқимондаи марбут ба фаъолияти соҳибкориаш ва талаботи дигаре, ки ҷиҳати иҷро пешниҳод гардида, зимни муфлис эътироф кардани соҳибкор ба назар гирифта шудаанд, озод карда мешавад.

Ворид шудани навгониҳо дар навбати болозикр баъзе паҳлуҳои норавшан дорад. Масалан, дар навбати аввал қонеъгардонии талаботи

кредиторони таъминшуда аз ҳисоби арзиши молу мулки ба сифати таъминот пешниҳодшуда то чи андоза ба асосҳои бунёдии ҳуқуқи маданӣ мутобиқат доранд? Ба назари мо асосҳои бунёдии ҳуқуқи маданӣ тақозо менамоянд, ки адлу инсоф дар муносибатҳои қарзӣ бояд риоя карда шаванд. Кредиторе, ки ашёҳои муайяни молӣ ё дигар объектҳои молии қарзгирро ба гарав ё дигар таъминоти уҳдадорӣ гирифтааст, талаботи худро дар навбати аввал бояд қонеъ гардонад. Вай манфиатҳои қонунии худро то истеҳсолоти озмунӣ ҳимоя кардааст, пас чаро дар навбати дуюм ё сеюм бошад? Объектҳои таъминоти иҷрои уҳдадорӣ объектҳои муомилоташон озод нестанд, бинобар ин кредитор тибқи истеҳсолоти озмунӣ барои қонеъгардонии талаби баргардонидани қарз (тиҷоратӣ, молӣ ва ғайра) онҳоро ба моликияти худ қабул мекунад ё ба фурӯш мегузорад. Агар баъди фурӯши онҳо талаботи ӯ пурра қонеъ нагардад, дар қисмати боқимонда дар навбати чорум меистад.

Барои баамалбарорӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахс, инчунин устувории муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ фардисозии дақиқи ҳар як субъекти ҳуқуқи маданӣ лозим аст. Воситаҳои чунин намуди фардисозӣ номи шаҳрванд ва истиқоматгоҳи шаҳрванд ба шумор меравaнд.

Мувофиқи м. 20 КМ ҶТ шаҳрванд ҳуқуқу уҳдадориҳоро, агар аз қонун ё анъанаҳои миллӣ тартиби дигаре барнаояд, бо номи худ (на ба номи дигар кас), ки насаб ва худи ном, инчунин номи падарро дар бар мегирад, ба даст меорад ва татбиқ менамояд. Вале тибқи ҳолат ва мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонун шаҳрванд метавонад аз тахаллус (номи сохта) истифода намояд. Шаҳрванд мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳақ дорад номи худро иваз кунад. Номи худро дигар кардани шаҳрванд барои қатъ ё тағйири ҳуқуқу уҳдадориҳои бо номи қаблӣ бадастовардаи ӯ асос намебошад. Шаҳрванд вазифадор аст, ки барои огоҳ намудани қарздорону кредиторони худ дар хусуси дигар кардани номаш чораҳои зарурӣ андешад ва хавфи оқибатҳоеро ба зимма дорад, ки бо сабаби огоҳӣ надоштани ин шахсон дар хусуси дигар кардани ном ба миён меоянд. Шаҳрванде, ки номашро дигар кардааст, метавонад аз ҳисоби худ ба ҳуҷҷатҳое, ки бо номи қаблии ӯ ба расмият дароварда шуда буд, ворид намудани тағйироти

дахлдорро талаб намояд. Номе, ки ба шаҳрванд пас аз таваллудаш гузошта шудааст, инчунин дигар кардани ном бояд мувофиқи тартиби барои бақайдгирии санади ҳолати шаҳрвандӣ пешбинигардида ба қайд гирифта шаванд.

Ғайриқонунӣ истифода бурдани номи шаҳрванд дар шакли қасд ё аз беэҳтиётӣ таҳриф намудани ном, истифодаи номи дигар бидуни розигии дорандаи он, ёдовар нашудани яке аз унсурҳои он ва дар дигар шакл зоҳир мегардад.

Барои ҳифзи ҳуқуқ ба ном ҷабрдида метавонад тибқи тартиби судӣ қатъи истифодаи номашро аз ҷониби шахси дигар, ҷуброни зарари маънавӣ, товони зиён ба молу мулк, ҳифзи обрӯ, шаъну эътибори корӣ вобаста ба вайронкунии ҳуқуқ ба ном, нашри раддияро дар бораи вайронкунии ҳуқуқ ба ном талаб намояд.

Истиқоматгоҳ маҳалле эътироф мегардад, ки шаҳрванд доимӣ ё бештар дар он истиқомат мекунад. Истиқоматгоҳи ноболиғони то чордаҳсола ё шаҳрвандоне, ки таҳти васоят қарор доранд, истиқоматгоҳи намояндагони қонунӣ ё васиёни онҳо эътироф мегардад.

Муайян намудани истиқоматгоҳи шаҳрванд аҳаммияти муҳимми ҳуқуқӣ дорад. Масалан, агар дар тули як сол дар ҷойи истиқомати шаҳрванд дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумоте набошад, суд бо дархости шахси манфиатдор метавонад ӯро бедарак ғоиб эътироф намояд (м. 43 КМ ҶТ). Баъзе уҳдадориҳо дар ҷои зисти кредитор бояд иҷро шавад. Масалан, тибқи б. «г» қ. 2 м. 365 КМ ҶТ, агар ҷойи иҷрои уҳдадорӣ муайян нагардида бошад, он бояд аз рӯйи уҳдадории пулӣ – дар ҷойи истиқомати кредитор дар лаҳзаи ба миён омадани уҳдадорӣ; агар кредитор то лаҳзаи иҷрои уҳдадорӣ ҷойи истиқомат ё буду бошашро иваз карда, қарздорро аз ин огоҳонида бошад, пас дар ҷои нави истиқомат ё будубоши кредитор ва аз ҳисоби кредитор баровардани ҳамаи хароҷоти вобаста ба ивази ҷойи иҷро амалӣ карда мешавад.

Моддаи 24 Конститутсияи ҶТ ва қ. 1 м. 21 КМ ҶТ ҳуқуқи шаҳрвандонро ба интихоби маҳалли зист таҳким мебахшад. Ҳамзамон мутобиқи м. 47 Конститутсияи ҶТ ва м. 9 КМ ҶТ ҳуқуқи шаҳрвандон метавонад дар ҳолатҳои пешбинигардида тибқи қонун маҳдуд карда шавад. Ин ё он қонуне, ки ҳуқуқи шаҳрвандони Тоҷикистон ва молики манзили истиқоматиро барои бақайдгирӣ вобаста ба маҳалли зист маҳдуд созад, вуҷуд надорад.

Дар сурати муддати дароз дар ҷойи истиқомати шаҳрванд дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумоте набошад, номуайянии ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд, ки ин боиси маҳдудкунии ҳуқуқҳои дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ мегардад. Инчунин ҳуқуқу манфиатҳои худи шахси дар ҷойи истиқоматаш муҳлати дароз набуда низ зарар диданаш мумкин аст.

Тибқи қ. 1 м. 43 КМ ҶТ агар дар тули як сол дар ҷойи истиқомати шаҳрванд дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумоте набошад, суд бо дархости шахси манфиатдор метавонад ӯро бедарак ғоиб эътироф намояд. Шарти муҳими бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд дар тули як сол дар ҷойи истиқоматаш дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумот набудан аст. Ташаббускори бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд шахси манфиатдор мебошад. Ба онҳо ҳамсар, шахсоне, ки таҳти сарпарастии ӯ қарор доранд, кредиторони шахси ғайриҳозир, мақомоти андоз дохил мешаванд. Қонун шахси манфиатдорро барои ҷустуҷӯ ва ташаббускории бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд уҳдадор накардааст. Суд ҳангоми омода намудани парванда ба баррасӣ бояд муайян кунад, ки кадом шахсон (аъзои оила, дӯстон, ҳамсояҳо, ҳамкорони шахси ғайриҳозир ва ғ.) маълумот дар бораи шахси ғайриҳозирро дода метавонанд. Дар сурати вуҷуд доштани маълумот оид ба қасдан ҳозир нашудани шахс дар ҷойи истиқоматаш (ғайб заданаш) бо асосҳои гуногун (аз пардохти алимент даст кашидан, содир кардани ҷиноят ва ғайра.), суд аз бедарак ғоиб эътироф намудани ӯ бояд даст кашад.

Дар сурати муқаррар карда натавонистани рӯзи расидани маълумоти охир дар хусуси шахси ғоиб, оғози ҳисоби муҳлат барои эътирофи бедарак ғоиб санаи аввали моҳе, ки пас аз моҳи расидани маълумоти охир дар хусуси

шахси ғоиб фаро мерасад ва дар сурати муқаррар карда натавонистани ин моҳ, якуми январи соли минбаъда ҳисоб мешавад.

Имконияти фавтида эълон намудани шаҳрванд дар он вақт мумкин аст, ки агар дар маҳалли зисти шаҳрванд дар давоми се сол аз ҷойи исташ маълумоте набошад ва агар ӯ дар вазъияте бедарак ғоиб шуда бошад, ки хатари марг ба ҳаёташ таҳдид мекард ё ба гумони аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, дар давоми шаш моҳ суд метавонад чунин шаҳрвандро фавтида эълон намояд. Суд хизматчии ҳарбӣ ё шаҳрванди дигари бо сабаби амалиёти ҷангӣ бедарак ғоибшударо танҳо баъди як соли пас аз анҷоми амалиёти ҷанг фавтида эълон карда метавонад. Рӯзи вафоти шаҳрванде, ки фавтида эълон шудааст, рӯзи эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи фавтида эълон намудани ӯ дониста мешавад. Дар сурати фавтида эълон гардидани шаҳрванди дар вазъияте бедарак ғоибшуда, ки ба ҳаёти ӯ таҳдид мекард ё барои гумони дар натиҷаи фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад, суд метавонад рӯзи тахминии вафоти ӯро рӯзи вафоти ин шаҳрванд эътироф намояд. Фавтида эълон намудани шаҳрванд нисбати ҳуқуқу уҳдадориҳои чунин шаҳрванд боиси оқибатҳое мегардад, ки вафоти ӯ сабаб шуда метавонист.

Ариза дар хусуси фавтида эълон намудани шаҳрванд ба суди маҳалли зист ё маҳалли ҷойгиршавии шахси манфиатдор дода мешавад. Ба сифати шахси манфиатдор метавонад вориси эҳтимолӣ ва ё аъзои оила баромад кунанд.

Дар ариза бояд зикр гардад, ки бо кадом мақсад ба аризадиҳанда фавтида эълон намудани шаҳрванд зарур аст (масалан, барои гирифтани мерос, қатъ намудани ақди никоҳ ва ғайра), инчунин бояд вазъе зикр гардад, ки марг ба ҳаёти шахс таҳдид менамуд ё ба гумони аз фалокат вафот кардани ӯ асос медиҳад. Нисбат ба хизматчии ҳарбӣ ё дигар шаҳрванде, ки вобаста ба амалиёти ҷангӣ бедарак ғоиб шудааст, дар ариза бояд рӯзи ба охир расидани амалиёти ҷангӣ зикр карда шавад.

Аз ҷониби суд фавтида эълон намудани шаҳрванд ба эҳтимоли вафоти шаҳрванд асос меёбад. Баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд ҳамаи оқибатҳое, ки вобаста ба фавт вуҷуд доранд, фаро мерасанд.

Дар адабиёт фикрҳои гуногун оид ба таъсири фавтида эълон намудани шаҳрванд ба қобилияти ҳуқуқдории ӯ вуҷуд дорад. Баъзе олимон мегӯянд, ки дар сурати фавтида эълон намудани шаҳрванд қобилияти ҳуқуқдории ӯ қатъ мегардад, зеро ки оқибатҳои ҳуқуқии фавти шаҳрванд ва фавтида эълон намудани шаҳрванд якхелаанд[127]. Ба ақидаи гурӯҳи дигари муаллифон қобилияти ҳуқуқдорӣ дар алоҳидагӣ аз шаҳрванд буда наметавонад, чунки аз ҷониби суд фавтида эълон намудани шаҳрванд эҳтимоли вафоти он мебошад ва барои ҳамин қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандро қатъ намегардад.[128]

Бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд оқибатҳои ҳуқуқии зеринро дорад:

1. Молу мулки шаҳрванди бедарак ғоиб эътирофгардида дар сурати зарурати муҳофизати он дар асоси қарори суд ба идораи ваколатии шахсе супурда мешавад, ки аз ҷониби мақоми васояту парасторӣ муайян гардида, дар асоси шартномаи бо ин мақом басташуда дар бораи идораи ваколатӣ амал мекунад. Идоракунандаи молу мулки шахси бедарак ғоиб эътирофгардида иҷрои вазифаҳои шаҳрвандро ба зимма гирифта, аз ҳисоби молу мулки шахси ғоиб қарзи ӯро месупорад, ин молу мулкро ба манфиати чунин шахс идора мекунад. Бо дархости шахси манфиатдор ба шаҳрвандоне, ки шахси бедарак мебоист онҳоро таъмин мекард, таъминотпулӣ дода мешавад.

2. Мувофиқи м. 202 КМ ҶТ ваколатномаи шахси воқеии бедарак ғоиб эътирофгардида қатъ мегардад. Инчунин шартномаи супориш дар натиҷаи бедарак ғоиб эътироф намудани вакилкунанда ё вакил, шартномаи комиссия дар сурати бедарак ғоиб эътироф намудани комиссионер ва баъзе дигар

[127] Ниг.: Советское гражданское право: учебник: часть 1 // под ред. В.А. Рясенцева. – М., 1986. – С. 91-92.
[128] Ниг.: Советское гражданское право: учебник: часть 1 // под ред. О.А. Красавчикова. – М., 1985. – С. 122; Гражданское право: учебник: часть 1 // под ред. А.П. Сергеева и Ю.К. Толстого. – СПб., 1996. – С. 103-104.

шартномаҳое, ки табиати фидутсиарӣ (ба боварӣ асосёфта) доранд, қатъ мегарданд.

3. Ҳамсари шахси бедарак ғоиб метавонад дар мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ ақди никоҳро бекор намояд.

Дар сурати ҳозир шудани шаҳрванди бедарак ғоиб эътирофгардида ё муайян гардидани ҷойи исти ӯ суд қарорро дар бораи бедарак ғоиб эътироф намудани ӯро бекор мекунад. Дар асоси қарори суд идораи молу мулки шаҳрванд бекор карда мешавад.

Агар баъди се соли таъин кардани идоракунанда қарори бедарак ғоиб эълон намудани шахс бекор нашуда, дар хусуси фавтида эътироф намудани шаҳрванд ба суд муроҷиат пешниҳод нагардида бошад, мақоми васояту парасторӣ вазифадор аст, ки бо аризаи фавтида эътироф намудани шаҳрванд ба суд муроҷиат кунад.

Ҳуқуқҳои шахси бедарак ғоибшуда, ба ғайр аз барқарор намудани ақди никоҳ, ба пуррагӣ барқарор карда мешавад. Вале, агар ҳамсар аз нав ақди никоҳ накарда бошад, дар сурати ҳозир шудани ҳамсар, ки бедарак ғоиб эътироф шудааст, инчунин бекор кардани қарори суд, ақди никоҳ метавонад аз ҷониби мақомоти сабти асноди ҳолатҳои шаҳрвандӣ мутобиқи аризаи ҳамсарон барқарор карда шавад.

Оқибатҳои ҳуқуқии фавтида эълон кардани шаҳрванд инҳоянд:

1. Шахсоне, ки дар таъмини ӯ буданд, ҳуқуқи гирифтани нафақа ва ёрдампулӣ пайдо мекунанд;

2. Мерос кушода мешавад;

3. Ақди никоҳ қатъ мегардад;

4. Уҳдадориҳое, ки табиати шахсӣ доранд, қатъ мегарданд.

Дар сурати ҳозир шудан ё ошкор гардидани маҳалли будубоши шаҳрванде, ки фавтида эълон шуда буд, суд қарори дахлдорро бекор мекунад. Шаҳрванд ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, сарфи назар аз вақти ҳозир шуданаш метавонад аз ҳар шахс баргардонидани молу

мулки маҳфузмондаеро талаб намояд, ки пас аз фавтида эълон гардидани шаҳрванд бемузд ба ихтиёри ин шахс гузаштааст.

Шахсоне, ки молу мулки шаҳрванди фавтида эълоншуда дар натиҷаи аҳдҳои музднок ба ихтиёрашон гузаштааст, агар исбот гардад, ки ҳангоми харидани молу мулк онҳо зинда будани шаҳрванди фавтида эълоншударо медонистанд, вазифадоранд ин молу мулкро ба ӯ баргардонанд. Дар сурати баргардонида натавонистани худи молу мулк арзиши он ҷуброн карда мешавад. Агар молу мулки шаҳрванди фавтида эълоншуда аз рӯйи ҳуқуқи мерос ба ихтиёри давлат гузашта, бо риояи шартҳои пешбинигардида фурӯхта шуда бошад, пас аз бекор кардани қарори фавтида эълон намудани шаҳрванд ба ӯ маблағи аз фурӯши молу мулк бадастомада баргардонида мешавад. Соҳиби бовиҷдон ҳуқуқ дорад беҳбудиҳои вориднамудаашро, ба шарте ки онҳоро бе зиён ҷудо кардан мумкин бошад, дар ихтиёри худ монад. Агар чунин ҷудо кардани беҳбудиҳо имконнопазир бошад, соҳиби бовиҷдон ҳуқуқ дорад ҷуброни маблағи барои беҳбудӣ харҷкардаашро, вале на зиёдтар аз андозаи арзиши молу мулк, талаб намояд. Инчунин, тибқи қ. 1 м.26 КО ҶТ дар сурати ҳозиршавии зан ё шавҳаре, ки суд фавтида эълоншуда эътироф кардааст ва бекор кардани ҳалномаҳои дахлдори судӣ, мақоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ метавонад дар асоси аризаи якҷояи зану шавҳар ақди никоҳро барқарор намояд.

### 1.2. Муқаррароти асосӣ оид ба қобилияти амалкунии мадании шахсони воқеӣ

Фаҳмиши илмӣ оид ба қобилияти амалкунии мадании шахсони воқеӣ дар муҳлати тулонӣ ва дар муқоиса бо дигар унсури қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ – яъне қобилияти ҳуқуқдорӣ, ки он ҳам дар назария ва ҳам дар қонунгузорӣ мустаҳкам гардида буд, каме дертар пайдо шудааст. Чунин қафомонӣ ҳам хоси ҳуқуқи хусусии римӣ ва ҳам ҳуқуқи тоинқилобии Россия низ буд[129].

---

[129] Ниг.: Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права. – М., 2005. – Т.1 – С. 106.

Дар ҳоле ки мустақилияти ин истилоҳ ҳанӯз чанд вақт пештар ҳам дар илми ҳуқуқи мадании ватанӣ ва ҳам дар сивилистикаи хориҷӣ эътироф шуда буд. Гарчанде ки вай бо тарзҳои гуногун муайян карда мешуд. Масалан, қобилият барои амалҳои маданӣ[130], қобилияти анҷом додани амалҳои юридикӣ[131], қобилияти муқаррар кардани муносибат тавассути амалҳои ҳуқуқӣ[132] ва ғайра. Новобаста аз фарқиятҳои овардашуда, бисёри олимон, ки масъалаи мазкурро тадқиқот мебаранд, қайд намудаанд, ки қобилияти амалкунии шаҳрванд характери иродавӣ дорад ва он бояд мустақилона ва шахсан ба амал баровarда шавад. Маҳз дар амали иродавӣ фаъолнокии маданӣ-ҳуқуқӣ ва қобилияти зеҳнӣ амалӣ карда мешавад. Чунки дар илми психология муқаррар шудааст, ки амалҳои иродавӣ аз кӯшишҳои ҷисмонӣ ва психикӣ иборат мебошад, ки баҳри осон намудани мушкилиҳо ва монеаҳои зиёд равона карда шудааст. Зеро ба ақидаи онҳо ирода ин қобилияти шахс ҷиҳати бошуурона идора кардани худ ҳангоми фаъолияте мебошад, ки барои расиданашон ба ҳадаф хеле душвор аст[133].

Е.В. Васковский дар баробари ин алоқаи байни истилоҳоти қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкуниро қайд намуда, ба он ишора менамояд, ки «қобилияти амалкунӣ дар шакли ба таври шахсан амалӣ намудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ифода меёбад» [134]. Ба чунин фаҳмиш, мафҳуми қобилияти амалкунӣ, ки дар қ. 1 м. 22 КМ ҶТ оварда шудааст ва он ҳамчун қобилияти шахс ҷиҳати бо ҳаракатҳои худ ба даст овардан ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ ва барои худ ба вуҷуд овардани уҳдадориҳои маданӣ ва иҷрои онҳоро муқаррар кардааст, комилан рост меояд.

Қобилияти амалкунӣ аз унсурҳои зерин иборат мебошад:

1. Қобилияти бастани аҳд – қобилияти ихтиёрона бастани аҳд аз ҷониби шахс, тавассути он (бастани аҳд) ҳуқуқу уҳдадориҳои нав пайдо кардан;

2. Қобилияти деликтӣ – қобилияти шахс барои зарари расонидааш бо ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ ҷавобгар будан.

---

[130] Ниг.: Мейер Д.И. Русское гражданское право: В 2 ч. 3-е изд., испр. – М., 2003. – С. 114.
[131] Ниг.: Васьковский Е.В. Учебник гражданского права. – М., 2003. – С. 88; Синайский В.И. Русское гражданское право. – М, 2002. – С. 104.
[132] Ниг.: Шершеневич Г.Ф. Асари ишорашуда. – С. 105.
[133] Ниг.: Чуфаровский Ю.В. Юридическая психология. – М., 1998. – С. 163.
[134] Ниг.: Васьковский Е.В. Асари ишорашуда. – С. 88.

Тахти мафҳуми шахси воқеӣ дар ҳуқуқи маданӣ шаҳрвандони ҶТ, шаҳрвандони хориҷа ва шахсони бешаҳрвандӣ (бетабаа) фаҳмида мешавад (қ. 1 м. 17 КМ ҶТ). Шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ бо доштани унсурҳои хос, яъне қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ иштирок менамоянд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ нисбати тамоми шахсони воқеӣ ба андозаи баробар эътироф карда мешавад. Дуруст қайд мегардад, ки ин хислати ҳуқуқии шахси воқеӣ аз лаҳзаи таваллуди ӯ пайдо шуда, пас аз вафоташ қатъ мегардад. Бинобар ин, қобилияти ҳуқуқдорӣ – аломати ҷудонашавандаи ҳар як шахси воқеӣ аст. Дар тамоми тули ҳаёташ, сарфи назар аз синну сол ва ҳолати саломатӣ шаҳрванд қобилияти ҳуқукдориашро гум намекунад[135].

Қобилияти ҳуқуқдорӣ ба субъектони ҳуқуқ дахл дорад. Дар замони сохти ғуломдорӣ ғуломон қобилияти ҳуқуқдорӣ надоштаанд. Онҳоро объекти ҳуқуқ, гурӯҳи ашёи барои хоҷагӣ зарур[136] меҳисобиданд.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ ин асоси соҳиби ҳуқуқи мушаххаси субъективӣ шудан мебошад. Масалан, соҳиби ҳуқуқ ба ашёи ғайриманқул ва манқул будан.

Бояд қайд намуд, ки мазмуни қобилияти ҳуқуқдории маданиро маҷмуи хуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкие ташкил медиҳад, ки шахси воқеӣ аз онҳо бархурдор буда метавонанд. Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ дар м. 19 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст. Мувофиқи он шахси воқеӣ метавонад ҳам дар ҳудуди ҶТ ва ҳам берун аз он дорои ҳуқуқи моликият ба молу мулк, аз ҷумла асъори хориҷӣ бошад; молу мулкро мерос гирад ва васият кунад; дар ҳудуди ҷумҳурӣ озодона ҳаракат карда, ҷойи зист интихоб намояд; ҳудуди ҷумҳуриро озодона тарк карда, ба қаламрави он баргардад; бо ҳар гуна фаъолияти манънакардаи санади қонунӣ машғул шавад; мустақилона ё якҷоя бо шаҳрвандон ва шахси ҳуқуқии дигар шахси ҳуқуқӣ таъсис диҳад; ҳар гуна аҳдҳои бо санади қонунӣ манъношударо анҷом дода, дар уҳдадориҳо иштирок намояд; дорои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба

---

[135] Ниг.: Ҳуқуқи гражданӣ: китоби дарсӣ: қисми I // зери таҳрири Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2007. – С. 45.

[136] Ниг.: Новицкий И.Б. Основы римского гражданского права. – М.: Госюриздат, 1960. – С. 53-55.

ихтироот, асари илмӣ, адабӣ, санъат ва натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ бошад; ҷуброни зарари моддӣ ва маънавиро талаб намояд; ҳуқуқи дигари молу мулкӣ ва шахсӣ дошта бошад.

Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ баробари шаҳрвандони ҶТ ҳуқуқ ва уҳдадориҳо доранд.

Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории мадании шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ бо дарназардошти фасли 8 КМ ҶТ муайян карда мешавад. Дар ҳудуди Тоҷикистон ин шахсон ба мисли шаҳрвандони Тоҷикистон дорои ҳаҷми баробари қобилияти ҳуқуқдорӣ мебошанд.

Шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқи ҳамчун моликият ба даст овардани биною хонаҳои истиқоматӣ, инчунин дигар биноҳоеро, ки ба фонди манзил дохил шудаанд, надоранд (ба истиснои ба даст овардани мерос аз ҷониби ворисони қонунӣ), агар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуд шуданаш пайдо мешавад. Қобилияти соҳиби ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои маданӣ будан қобилияти ҳуқуқдории маданӣ мебошад.

Қобилияти шаҳрванд барои бо ҳаракатҳои худ ба даст овардан ва татбиқ намудани ҳуқуқҳои маданӣ, барои худ ба вуҷуд овардани уҳдадорӣ ва иҷро намудани онро қобилияти амалкунии маданӣ меноманд.

Се намуди қобилияти амалкунӣ мавҷуд аст: пурра; нопурра; маҳдуд.

Қобилияти амалкунии пурра – ин қобилияти шахси воқеӣ бо ҳаракатҳои худ ба даст овардан ва иҷро намудани ҳар гуна ҳуқуқҳои бо қонун иҷозатдода, ба худ қабул кардан ва иҷро намудани ҳар гуна уҳдадориҳо, яъне пурра амалӣ гардонидани қобилияти ҳуқуқи ба ӯ тааллукдошта мебошад. Қобилияти амалкунии пурра дар баробари ба балоғат расидан, яъне баъди ба 18-солагӣ расидан пайдо мешавад.

Қобилияти амалкунии нопурра (аз 14 то 18-сола) – шахсони воқеии дорои ин гуна қобилият танҳо ҳуқуқу уҳдадории бевосита бо қонун иҷозатдодаро ба даст оварда метавонанд. Ҳаҷми қобилияти амалкунии нопурра ба синни соли ноболиғон вобаста мебошад.

Қобилияти амали хурдсолон (маҳдуд) – аз номи ноболиғони ба синни 14-солагӣ нарасида (хурдсолон) аҳдро (ба истиснои баъзе аҳдҳо) танҳо падару модар, фарзандхондагон ва васиёни онҳо анҷом дода метавонанд.

Арзиши истилоҳи мазкур аз он иборат аст, ки иштироки фаъолонаи шахсро дар муомилоти молумулкӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар фаъолият, баамалбарории ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайри молумулкиро таъмин менамояд. Ҳамзамон иштирокчиёни муомилот онро дар назар доранд, ки субъект дорои қобилияти амалкунӣ мебошад ва ҳангоми иҷро накардани (вайрон кардани) уҳдадорӣ ва ё расонидани зарар ҷавобгарии ҳуқуқии граждан татбиқ мегардад.

Аз ин рӯ, ба андешаи Е.А. Суханов арзиши истилоҳи қобилияти ҳуқуқдорӣ дар он зоҳир мегардад, ки он воситаи ҳуқуқии инъикоси озодии шахсият дар муносибатҳои молумулкӣ ва ғайри молумулкӣ мебошад[137].

Новобаста аз таърифи одӣ доштани масъалаи мазкур, таҳлили ҳаматарафаи он ҳанӯз дар илми муосир посухи якхелаи худро наёфтаанд.

Дар мадди аввал ин ба табиати ҳуқуқии қобилияти амалкунӣ дахл дорад. Баъзе аз олимон онро ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои тамоман шахсӣ меҳисобанд, ки наметавонад бегона карда шавад ва ё ба касе дигар дода шавад ва ба уҳдадорие ҷавобгӯ аст, ки тамоми субъектҳои дигар ҳуқуқи халалдор сохтани онро надоранд[138]. Дар чунин муносибат мазмуни қобилияти амалкуниро имконияти рафтори муайян барои шахси воқеии муайян, ки ҳаҷми дахлдори қобилияти амалкуниро дорад, ташкил медиҳад. Аммо чунин тафсир ба гумон аст эътироф шавад, чунки вай ба муайян кардани қобилияти амалкунӣ ва ҳуқуқҳои субъективӣ оварда мерасонад. Бинобар ин, мафҳуми боз ҳам асосноккардашуда ҳамон ба ҳисоб меравад, ки мувофиқи он қобилияти амалкунӣ ҳамчун яке аз хусусиятҳои субъект, ки ба қобилияти ақлонӣ ва махсусиятҳои психикии ӯ вобастагӣ доранд ва дар шакли ба таври шахсан амалӣ намудани қобилияти ҳуқуқдории граждании субъективӣ ифода меёбад, фаҳмида шавад[139]. Маҳз дар ҳамин алоқамандӣ

[137] Ниг.: Гражданское право: учебник: в 2 т: Т. I. // отв. ред. Е.А. Суханов. – М., 2000. – С. 96.

[138] Ниг.: Шодонова М.Э. Ограничение гражданской дееспособности физических лиц по законодательству Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2004. – С. 20.

[139] Ниг.: Лозовская С.О. Правосубъектность в гражданском праве: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М.,

хусусияти духӯрагӣ доштани табиати қобилияти амалкунӣ ифода меёбад, ки ҳолатҳои зеҳнӣ ва иродавиро дар бар мегирад. Алоқаи ҷудонопазири чунин унсурҳо аз тарафи бисёри олимон эътироф карда шудааст. Вале вобаста ба он ки кадоме аз ин унсурҳо аҳаммияти муҳим доранд, байни олимон гуногунфикрӣ вуҷуд дорад. Баъзе аз олимон ба соҳаи зеҳнии инсон тарафдорӣ мекунанд, чунки амалигардонии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ дар баъзе ҳолатҳо шарт нест ба амалҳои талабкунандаи иродаи ақлонӣ вобаста бошад, ки мисоли чунин ҳолат аз тарафи шахси ноболиғ бевосита истифода бурдани молу мулк метавонад бошад[140].

Дигар олимон дар муқобил ба ин андеша чунин мешуморанд, ки моҳияти қобилияти амалкунии маданӣ аз он ҳаҷме, ки аз зеҳни инсон вобаста аст, аз ҷараёнҳои иродавӣ, аз иродаи шахс ва изҳори ин ирода зиёдтар вобастагӣ дорад[141]. Бештар асосноктараш нуқтаи назари якум ба ҳисоб меравад, чунки қонунгузории амалкунанда дар номгӯи ҳолатҳо оқибати ҳуқуқии амали ноболиғонро эътироф менамояд, аз ҷумла аҳдҳое, ки аз ҷониби онҳо баста шудаанд ва метавонанд ба манфиати онҳо қонунӣ эътироф карда шаванд. Ғайр аз ин пурзӯр кардани асосҳои иродавии қобилияти амалкунӣ имкон намедиҳад, ки ба таври пурра оқибатҳои ҳуқуқии амалҳои манъкардашударо, ки дар он иродаи шахс ба таври зарурӣ ифода наёфтааст, баҳо дода шаванд.

Масъалаи мазмуни қобилияти амалкунӣ дар илми ҳуқуқи маданӣ низ ба таври якхела ҳал карда нашудааст. Нуқтаи назари ҷолиброро вобаста ба масъалаи мазкур Г.Ф. Шершеневич ишғол мекунад, ки он мазмуни қобилияти амалкуниро ба тарафҳои фаъол ва ғайрифаъол ҷудо мекунад. Вай тасдиқ мекунад, ки қобилияти амалкунии фаъол ин имконияти тавассути иродаи худ ба вуҷуд овардани муносибати ҳуқуқӣ мебошад, ки аз он барои шахси амалкунанда ҳуқуқ ҳамчун оқибати ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Қобилияти амалкунии ғайрифаъол бошад, аз тарафи ӯ ҳамчун имконияти тавассути иродаи худ ба вуҷуд овардани муносибати ҳуқуқӣ баррасӣ шудааст, ки аз он барои шахси амалкунанда ӯҳдадорӣ

---

2001. – С. 18.

140 Ниг.: Братусь С.Н. Субъекты гражданского права. – М., 1984. – С. 33.

141 Ниг.: Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права. – М., 2005. – Т.1 – С. 105.

ба вуҷуд меоянд[142]. Чунин маънидодкунӣ (ё ин ки ҷудокунӣ) мубрамияти худро дар шароити имрӯза низ гум накардааст, зеро он имконият медиҳад хусусиятҳои хоси истилоҳи ҳуқуқии баррасишаванда ба таври васеъ кушода шавад.

Пешниҳод дар хусуси ҷудо намудани қобилияти бастани аҳд ва қобилияти деликтӣ дар сохтори қобилияти амалкунии маданӣ ба таври васеъ паҳн гаштааст.[143] Дар баробари ин, нуқтаи назари В.И. Синайскиро бояд мавриди назар қарор дод, ки ба ақидаи вай дурусташ ин аст, ки на дар бораи қобилияти бастани аҳд, балки дар хусуси анҷом додани тамоми амалҳое, ки бо қонун иҷозат дода шудааст, аз ҷумла амале, ки барои амалигардонии ҳуқуқҳои субъективии шаҳрванд ва дар муқобили қобилияти деликтӣ қобилияти ҷавоб гуфтан ба ҳуқуқвайронкуниҳои содиршуда равона карда шудаанд, ҳарф занем[144]. Ин савол то ҳол ҷавоби аниқи худро наёфтааст. Баҳсҳо ҳамзамон атрофи қобилияти деликтие меравад, ки баъзе аз муаллифон пешниҳод менамоянд, онро на ба сифати унсури таркибии қобилияти амалкунӣ, балки ҳамчун унсури таркибии қобилияти ҳуқуқдорӣ баррасӣ намоянд[145]. Ба чунин пешниҳод, новобаста аз он далелҳое, ки оварда мешаванд, набояд розӣ шуд, чунки ҷавобгарӣ барои зарари расонидашуда тарафи ҳатмии амалҳои муайяни характери иродавидоштаро талаб менамояд.

Ҳамзамон, қайд карда мешавад, ки дар сохтори қобилияти амалкунии маданӣ қобилияти амалкунии интиқолӣ, яъне қобилияти аз ҷониби шаҳрванд бо амалҳои худ ба вуҷуд овардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо барои шахси сеюм ва ҷавобгар будан барои амалҳои вай, ки унсури асосии қобилияти амалкунӣ ба ҳисоб нарафта, балки яке аз зуҳуроти махсуси он маҳсуб меёбад, ҷудо карда шавад[146]. Сохтори аз ин ҳам мураккаби қобилияти амалкуниро олимон Л.Г. Кузнецова ва Я.Н. Шевченко пешниҳод намудаанд, ки дар он қобилияти ҳуқуқбадастоварандагӣ, қобилияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ё ин ки қобилияти ҳуқуқиҷрокунӣ, қобилияти ҳуқуқпаҳнкунӣ ва

---

[142] Шершеневич Г.Ф. Ҳамон ҷо.

[143] Ниг.: Шодонова М.Э. Асари ишорашуда. – С. 23; Кузнецова Л.Г., Шевченко Я.Н. Гражданско-правовое положение несовершеннолетних. – М., 1968.- С. 17.

[144] Ниг.: Синайский В.И. Русское гражданское право. – М, 2002. – С. 105.

[145] Ниг.: Сулейманова С.А. Правоспособность граждан (физических лиц) по российскому гражданскому праву: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 9.

[146] Ниг.: Лебединец О.Н. Гражданская правосубъектность (сущность, значение, содержание и элементы) // Юрист. – 2003. – № 9. – С. 4.

қобилияти деликтӣ ҷудо карда шаванд[147]. Пешниҳоди муаллифони мазкур мазмуни қобилияти амалкуниро ба таври васеътар инъикос менамоянд, бинобар ҳамин ҳам аз ҷониби бисёриҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар муқоиса бо қобилияти ҳуқуқдорӣ, ки ба ҳамаи шахсони воқеӣ ба таври баробар тааллуқ дорад, қобилияти амалкунӣ барои ҳама як хел нест. Барои он ки бо амалҳои худ ҳуқуқро ба даст овард, уҳдадориро ба вучуд оварда онро иҷро кард, як қатор шартҳо зарур аст. Масалан, пеш аз ҳама қобилияти фикрронии боақлона. Бинобар ҳамин ба сатҳи қобилияти амалкунӣ таъсири асосиро ҳолати психикӣ ва ҷисмонии субъект мерасонад, ки вай имкон медиҳад қобилият доштан ва ё надоштани субъект ҷиҳати амалӣ намудани ҳаракатҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятнок муайян карда шавад. Дар асоси омилҳои номбаршуда дар қонунгузории амалкунанда навъҳои зерини қобилияти амалкунӣ ҷудо карда шудааст:

1. Қобилияти амалкунии пурра – яъне қобилияти амалигардонии ҳуқуқҳои ба субъект тааллуқдошта дар ҳаҷми пурра, ки он пас аз расидан ба синни 18-солагӣ, ҳангоми то синни 18-солагӣ ба никоҳ даромадан ва ё ҳангоми ба таври пурра ба даст овардани қобилияти амалкунӣ тибқи м. 22 КМ ҶТ фаро мерасад;

2. Қобилияти амалкунии ноболиғони аз синни 14 то 18-сола;

3. Қобилияти амалкунии ноболиғони аз синни 6 то 14-сола (яъне хурдсолон).

Қобилияти амалкунии хурдсолон (аз синни 6 то 14). Хурдсолон дар ин синну сол дорои унсурҳои қобилияти амали шаҳрванд мебошанд. Онҳо ҳуқуқ доранд бидуни розигии падару модар ё васӣ доираи қатъиян муайяни аҳдҳоро анҷом диҳанд. Мувофиқи қ. 2 м. 29 КМ ҶТ ноболиғони аз шаш то чордаҳсола ҳуқуқи мустақилона бастани аҳдҳои зайлро доранд:

1) аҳди хурди маишӣ (харидани нон, китоб, қалам ва ғайра), ки ҳангоми бастан аз ҷониби худи онҳо анҷом дода мешаванд;

2) аҳде, ки барои бемузд ба даст овардани фоида равона гардида, тасдиқи нотариалӣ ё бақайдгирии давлатиро талаб намекунанд;

[147] Ниг.: Кузнецова Л.Г., Шевченко Я.Н. Гражданско-правовое положение несовершеннолетних. – М., 1968. – С. 18.

3) аҳдҳои ихтиёрдорӣ кардани маблағҳое, ки намояндаи қонунӣ ё бо розигии ӯ шахси сеюм барои мақсади муайян ё барои ихтиёрдории озодона додааст.

Аз ин рӯ қобилияти амалкунии хурдсолон қисмӣ мебошад. Чунки онҳо қисман қобилияти бастани аҳдро доранд, аммо қобилияти деликтиро надоранд. Барои зараре, ки хурдсолон аз синни 6 то 14 расонидаанд, падару модар, фарзандхондагон ва васиёни онҳо ҷавобгар мебошанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ баъзе олимон чунин мулоҳиза мекунанд, ки мувофиқи он хурдсолон аз синни 6 то 14 мутлақо ғайри қобили амал эътироф гарданд[148]. Ҳамзамон бояд қайд кунем, ки қонунгузории баъзе давлатҳо ноболиғонро то синни 7-солагӣ ғайри қобили амал эътироф мекунанд[149].

Қобилияти амали ноболиғони синни аз 14 то 18 (қобилияти амалкунии нопурра). Ин гурӯҳи ноболиғон дорои қобилияти ҳуқуқии нисбатан бештар мебошанд (назар ба ноболиғони синни аз 6 то 14). Чунин хулоса аз таҳлили қ. 2 м. 27 КМ ҶТ бармеояд: ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола ҳуқуқ доранд, ки бидуни ризоияти падару модар, фарзандхондагон ва парасторонашон:

1) музди меҳнат, стипендия ва даромади дигари қонунии худро мустақилона ихтиёрдорӣ намоянд;

2) ҳуқуқи муаллифи асари илмӣ, адабӣ ё санъат, ихтироъ ё маҳсули дигари қонунан ҳифзшавандаи натиҷаи фаъолияти зеҳнии худро татбиқ намоянд;

3) мутобиқи қонун дар ташкилотҳои кредитӣ амонат гузоранд ва онро ихтиёрдорӣ намоянд;

4) аҳдҳои хурди маиширо анҷом диҳанд.

Дигар аҳдҳоро онҳо танҳо бо ризояти хаттии намояндагони қонунии худ – падару модар, фарзандхондагон ва парасторон анҷом медиҳанд. Риоя накардани талаботи мазкури қонун ба беэътибории чунин аҳд меорад. Зеро

[148] Ниг.: Братусь С.Н. Субъекты гражданского права. – М., 1984. – С. 68.

[149] Ниг.: §113 Кодекси граждании Олмон. Инчунин ниг.: Эннекцерус Л. Курс германского гражданского права. – Т. 1. Полутом 2. – М., 1950. – С. 271; Германское право. Часть I. Гражданское уложение: пер. с нем. // Серия: Современное зарубежное и международное частное право. – М.: Международный центр финансово-экономического развития, 1996. – С. 212.

дар м. 192 КМ ҶТ омадааст: аҳде, ки ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсола бидуни ризои падару модар, фарзандхондагон ё парасторони худ бастааст, агар чунин ризоят мутобиқи қонун зарур бошад (м. 27 КМ ҶТ), мумкин аст бо даъвои падару модар, фарзандхондагон ё парасторон аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад.

Ноболиғони ба синни шонздаҳсолагӣ расида ҳамчунин ҳуқуқ доранд, ки мутобиқи қонун дар бораи кооперативҳо узви кооператив бошанд.

Ғайр аз васеъшавии қобилияти ихтиёрона баамалбарории ҳуқуқҳои маданӣ ва қобилияти бастани аҳд, нисбати шаҳрвандони ин синну сол қонун қобилияти деликтиро низ пешбинӣ намудааст. Тибқи м. 1119 КМ ҶТ ноболиғони аз синни чордаҳсола то ҳаждаҳсола барои зарари расонидаашон мустақилона, дар асосҳои умумӣ, ҷавобгар мебошанд. Дар сурате, ки агар ноболиғи аз чордаҳсола то ҳаждаҳсола барои ҷуброни зарар молу мулк ё манбаи дигари даромад надошта бошад, зарар бояд пурра ё дар қисмати нокифояи он аз ҳисоби падару модар (фарзандхондагон)-и ӯ ё парасторон, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст, ҷуброн карда мешавад.

Қобилияти амалкунии пурра. Қонунгузории мадании ҶТ қобилияти амалкунии пурраро аз синни ҳаждаҳсолагӣ эътироф намудааст. Чунин мавқеи қонунгузор аз он шаҳодат медиҳад, ки дар синни 18-солагӣ шахсият аз лиҳози вазъи руҳӣ, синну сол мукаммал мебошад. Қобилияти амалкунии пурра маънои ҷавобгарии мустақили молумулкиро низ дар бар мегирад. Чунки тибқи қ. 1 м. 25 КМ ҶТ шаҳрванд аз рӯи уҳдадориҳои худ бо тамоми молу мулки ба ӯ тааллуқдошта, ба истиснои молу мулке, ки мутобиқи санади қонунгузорӣ аз он маблағ рӯёнидан манъ аст, масъулият дорад. Ҳамин тавр, қобилияти амалкунии пурра аз синни ҳаждаҳсолагӣ ба даст оварда мешавад. Қоидаи мазкур умумӣ буда, ду истисноро қонун пешбинӣ намудааст:

1) Бастани ақди никоҳ ҳангоми расидан ба синни 17 тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории оила (қ. 1 м. 13 КО ҶТ). Қобилияти амали дар натиҷаи бастани ақди никоҳ бадастомада дар сурати бекор кардани ақди

никоҳ низ пурра боқӣ мемонад. Дар сурати беэътибор донистани акди никоҳ суд метавонад дар хусуси аз лаҳзаи муайяннамудаи суд қобилияти пурраи амалро аз даст додани ҳамсари ноболиғ қарор қабул намояд. Дар сурати беэътибор донистани акди никоҳ суд метавонад дар хусуси аз лаҳзаи муайяннамудааш қобилияти пурраи амалро аз даст додани ҳамсари ноболиғ қарор қабул намояд;

2) Дорои қобилияти пурраи амал эътироф намудан – эмансипатсия (м. 28 КМ ҶТ). Агар ноболиғи ба синни шонздаҳсолагӣ расида тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла аз рӯи қарордод кор кунад ё бо розигии падару модар, фарзандхондагон ё парастор ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, ӯ метавонад дорои қобилияти пурраи амал эълон карда шавад. Дорои қобилияти пурраи амал (эмансипатсия) эълон кардани ноболиғ бо розигии ҳар дуи падару модар, фарзандхондагон ё парастор бо қарори мақоми васояту парасторӣ ё дар сурати набудани чунин розигӣ бо қарори суд сурат мегирад.

Дар адабиёт ақидае ҳаст, ки тибқи он қоидаҳои эмансипатсия на дар моддаи алоҳида, балки дар моддаи умумӣ бахшида ба қобилияти амали шаҳрванд бояд ҷойгир мешуд[150].

Шахсоне, ки ба тариқи судӣ ғайриқобили амал эътироф шудаанд ва шахсоне, ки то синни 6-сола мебошанд ғайриқобили амал мебошанд. Дар баробари ин, шахсоне, ки бо қиморбозӣ, истифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи мухаддир худ ва оилаи худро дар ҳолати вазнини молиявӣ қарор медиҳад, тибқи талаботи м. 31 КМ ҶТ қобилияти амалкуниашон маҳдуд карда мешавад.

Дар адабиётҳои илмӣ чунин тақсимот ба таври каме дигар пешниҳод шудааст. Масалан, қобилияти амалкунии қисман (ба хурдсолони аз 6 то 14-сола дахл доранд), қобилияти амалкунии нисбӣ (ба ноболиғони аз 14 то 18-сола дахл доранд), қобилияти амалкунии нопурра (ба ҳамаи шахсоне, ки қобилияти амалкунии пурра надоранд, дахл дорад) ва қобилияти амалкунии маҳдуд.

---

[150] Ниг.: Борисов А.Б. Комментарий к гражданскому кодексу Российской Федерации (постатейный). Части 1,2,3. – М., 2003. – С. 29.

Аз лиҳози муносибати ягонаи илмӣ набудан нисбати масъалаи мазкур мушкилоти зиёд ба миён меояд. Ба пешниҳоди он ки шарт нест қобилияти амалкунии ноболиғонро ҷудо намуд, зеро онҳо то синни 14-сола тамоман қобилияти амалкунӣ надоранд ва баъди 14-солагӣ бо розигии падару модар қобилияти амалкунӣ пайдо мекунанд, розӣ шудан мушкил аст. Чунин андеша ва ҳолати дар амалия бавуҷудомада ба ҳам мухолифат мекунанд, зеро дар амалия меъёри қонун дар хусуси розигии пешакии падару модар, фарзандхондагон ва ё васиён ҳангоми бастани аҳдҳо дар бештари мавридҳо вайрон мегардад ва бисёри аҳдҳо бе гирифтани розигии хаттии онҳо аз тарафи ноболиғон баста мешаванд, ки сабаби асосии он дар надонистани қонун ва ё фаҳмиши нодурусти ҳуқуқ мебошад.

Маҳдудияти синну солии қобилияти амалкунии маданӣ ба таври объективӣ зарур аст. Онҳо дар асоси омили биологию иҷтимоӣ муқаррар карда мешаванд, чунки барои ба даст овардани ҳуқуқ ва бо ҳаракатҳои худ амалӣ кардани онҳо, мустақилона барои худ ба вуҷуд овардани уҳдадорӣ ва иҷрои онҳо зарур аст, маънои санади меъёрии ҳуқуқиро донист, оқибатҳои амали худро дарк намуд ва таҷрибаи ҳаётӣ дошта бошад. Ҷойи баҳс нест, ки чунин сифатҳои инсонӣ дар ҳар як субъект ба таври гуногун инкишоф меёбад ва он аз сину сол, ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонии шаҳрванд вобастагӣ дорад. Чи тавре ки В.А. Тархов қайд менамояд, қобилияти амалкунии шахс аз рӯйи меъёри бавоярасӣ ва дар онҳо пайдо шудани имконияти рӯҳии содир намудани амале, ки барои ба вуҷуд овардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо зарур аст, оғоз меёбад[151].

Дар чунин ҳолат нишондодҳои ҳисоботи миёнаи оморӣ, аз маълумотҳои илман асоснокшуда оиди хусусияти биологидоштаи инкишофи ақли инсон, қобилияти он ҷиҳати марҳила ба марҳила ҷамъ намудани дониш ва таҷриба ва дар асоси онҳо фаҳмидани алоқаҳои воқеӣ ва иҷтимоӣ бо дар назардошти ҳама мушкилот ва гуногунрангии он ба асос гирифта мешаванд. Чунин инкишоф, ки дар муддати солҳои зиёд давом мекунад, бояд сатҳи муайянро ноил гардад, ҷиҳати таҳлили ҷиддии ҳаракат ва амалҳои худ ва чен кардани онҳо бо дигар меъёрҳои рафторе, ки дар ҷамъият муқаррар шудааст, шароит фароҳам оварад.

---

[151] Ниг.: Тархов В.А. Гражданское правоотношение: монография. – Уфа, 1993. – С. 61.

Аммо расидани кӯдак ба синну соли муқаррарнамудаи қонун (шашсолагӣ, чордаҳсолагӣ ва ё ҳаждаҳсолагӣ) худ ба худ шаҳодати сатҳи инкишофи дахлдори зеҳнию иродавӣ ва ҷамъиятикунонии кофии онро намедиҳад. Фарқияти байни инкишофи руҳию ҷисмонӣ ва зеҳнии кӯдакро ҳамчунин Д.И. Мейер низ қайд кардааст. Ба андешаи вай ҳамаи одамонро ба як сатҳ овардан зарур нест ва ҳангоми таъсири якхелаи бодуҳаво инкишофи одамон натиҷаи гуногун ба вуҷуд меояд, баъзеашон барвақттар инкишоф меёбанд, баъзеашон дертар.[152] Дар ҷамъияти муосир ду ҳолати ба ҳам муқобил вохӯрда мешавад:

1. Аз як тараф бисери наврасон назар ба ҳамсолонашон чанде пештар сатҳи баланди иҷтимоӣ ва фаъолнокии маданиро ноил мегарданд, онҳо барвақттар кор карданро шуруъ мекунанд, на танҳо худашонро, балки падару модарашонро таъмин ва нигоҳубин мекунанд ва мустақилона фоидаи ба дастовардашудаи худро ихтиёрдорӣ менамоянд;

2. Ҳолати муқобил ба таври шифоҳӣ номи инфантилизми иҷтимоиро гирифтааст, ки ҳамчун падидаи психологӣ дар доираи ҳуқуқи маданӣ баррасӣ намегардад, гарчанде ки дар баъзе мавридҳо ҳолатҳои маданӣ-ҳуқуқиро инъикос менамояд.

Сухан дар бораи ҳолате меравад, ки вақте ки дар шахс вобаста ба хусусияти тарбия фаҳмиш оид ба ин ё он ашё, моҳияти пул ва хусусияти алоқаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ташаккул наёфтааст. Чунин махсусият одатан хоси кӯдаконе мебошад, ки аз оилаҳои сарватманд мебошанд. Чунин ҳолат дар мавриди дар ҳолати хеле барвақт шароити иҷтимоии шахс хуб шудан метавонад ба назар расад, зеро он арзиши воқеии молу мулки манқул ва ғайриманқулро дигар дарк намекунанд. Чунин падидаҳо баъзан вақт дар шахсони синну солашон калонсол низ ба назар мерасанд, ки онҳо донишҳои зарурирo вобаста ба вазъи синнусолӣ аз даст додаанд. Ба ақидаи олимон шахс дер ё зуд ба ҳамон синну соле, ки ҳангоми расидан ба он ақлаш коста мешавад, мерасад. Аз ин нуқтаи назар Д.И. Мейер ба хулосае омадааст, ки пиронсолӣ низ бояд ба ҳолати ҳуқуқии шахсони воқеӣ аҳаммияти муҳим дошта бошад[153].

---

[152]Ниг.: Мейер Д.И. Русское гражданское право: В 2 ч. 3-е изд., испр. – М., 2003. – С. 114.
[153]Ниг.: Мейер Д.И. Асари ишорашуда. – С. 115-116.

Дар мавриди баррасии масъалаи баамалбарории ҳуқуқҳои маданӣ дар назар бояд дошт, ки баъзе ҳуқуқҳои муайян дар як вақт уҳдадорӣ низ мебошанд ва бояд ҳатман амалӣ карда шаванд. Бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон қонунгузорӣ имконияти таъйин намудани васӣ ва парасторро нисбати чунин шахсон муқаррар мекунад. Ҳангоми таъйин намудани васӣ ва ё парастор нисбат ба ноболиғон онҳо ба манифиати ноболиғон амалҳои муайяни ҳуқуқиро анҷом медиҳанд, аз ҷумла аҳдҳо мебанданд. Бастани аҳд аз ҷониби васӣ ба манфиати ноболиғ ин на танҳо ҳуқуқи васӣ, балки уҳдадории ӯ низ мебошад. Агар инро манфиати шахси таҳти васоят қарордошта талаб намояд. Яъне баамалбарории баъзе ҳуқуқҳои субъективии маданӣ характери ҳатмии амалишавӣ доранд ва бо ҳукми қонунгузор маҷбуран амалӣ мешаванд. Ин хусусияти хоси баамалбарории ҳуқуқҳои субъективии маданиро ифода мекунад.

Ҳуқуқҳои субъективии маданӣ бо амалҳои фаъоли дорандаи ҳуқуқ амалӣ карда мешаванд. Дорандаи ҳуқуқ дар амалӣ намудани ҳуқуқи муайяни худ озод мебошад. Дахолати шахсони дигар барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъективии мадании ҳар шахс иҷозат дода намешавад. Дорандаи ҳуқуқи субъективӣ дар дилхоҳ маврид ва дар дилхоҳ намуд ҳуқуқи худро амалӣ намуда метавонад. Масалан, дар намуди истифода бурдани молумулк, ба иҷора додани молумулк, фурӯхтани молумулк. Амалӣ намудани ҳуқуқи субъективии маданӣ асоси ба миён омадани уҳдадории субъективии маданӣ шуда метавонад. Ҳуқуқи субъективии маданӣ бо уҳдадории субъективии маданӣ алоқаманд мебошад.

Ҳуқуқи субъективии маданӣ – ин рафтори имконпазири шахси ҳуқуқдор мебошад.

Уҳдадории субъективии маданӣ – рафтори ҳатмии шахси уҳдадор мебошад, ки дар шакли додани ашёи муайян, иҷрои кор, расонидани хизмат, худдорӣ кардан аз амали муайян, амалӣ карда мешавад. Уҳдадории субъективии маданӣ мисли ҳуқуқи субъективии маданӣ мазмуни гуногун дорад.

Гуфтан зарур аст, ки ҳуқуқи субъективии маданӣ бояд мувофиқи мақсад ва таъиноташ истифода бурда шавад. Вобаста ба таъиноти ҳуқуқи субъективӣ ҳаминро бояд қайд кард, ки ин қисмати ҳуқуқи субъективӣ бевосита бо қонуни маданӣ ё бо шартномаи тарафҳо муайян карда мешаванд ва ё аз моҳияти худи ҳамон ҳуқуқ бармеояд. Масалан, ҳуқуқи субъективии соҳиби замини таъиноти кишоварзӣ ин анҷом додани фаъолияти кишоварзӣ дар он аст, на барои ба амал баровардани корҳои сохтмонӣ.

Субъектони ҳуқуқи маданӣ ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъективӣ бояд принсипҳои қонуният, оқилӣ ва одилӣ, бо салоҳдиди худ амалӣ кардан, манъ будани суистифода, принсипҳои ахлоқии ҷомеа, соҳибкорон, қоидаҳои одоби кориро риоя намоянд. Принсипҳои мазкур набояд аз шартнома хориҷ ё бо шартнома маҳдуд карда шаванд.

Дар ҳуқуқи маданӣ принсипи озодона амалигардонии ҳуқуқҳои субъективӣ пешбинӣ шудааст, вале ҳангоми мавриди амал қарор додани онҳо талаботи муайян бояд риоя карда шавад. Пеш аз ҳама амалӣ гардонидани ҳуқуқи субъективии маданӣ набояд ҳуқуқ ва манфиати қонунии дигаронро вайрон кунад. Ҳангоми амалӣ гардонидани ҳуқуқи субъективӣ набояд қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амали дигарон маҳдуд карда шаванд, ба истиснои ҳолатҳои пешбиникардаи қонун.

Ҳангоми амалигардонии як қатор ҳуқуқҳои субъективии маданӣ шаҳрвандон ва шахсони ҳукуқӣ бояд оқилона ва бовиҷдонона амал намоянд. Ҳамчунин ҳуқуқи субъективии маданӣ бояд мувофиқи мақсад ва таъинот истифода бурда шавад. Таъиноти ҳуқуқи субъективӣ ё бевосита бо қонуни маданӣ ё бо шартномаи тарафҳо муайян карда мешавад ва ё аз моҳияти худи ҳамон ҳуқуқ бармеояд.

Қонунгузор бо мақсади таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои дигар иштирокчиёни муомилоти маданӣ доираи рафтори иҷозатшударо муқаррар менамояд, ки баромадан аз он иҷозат дода намешавад. Инро ҳадди амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ меноманд. Дар сурати риоя накардани ин талабот амали шахси ваколатдор метавонад ҳамчун суиистифода аз ҳуқуқ муайян

карда шавад, ки метавонад боиси оқибатҳои номатлуби дахлдор барои ӯ гардад (м. 9 КМ ҶТ.).

Қайд намудан зарур аст, ки амалҳои зерин суиистифода аз ҳуқуқ эътироф гардида, анҷом додани онҳо манъ мебошанд: амале, ки мустақиман бо нияти расонидани зарар ба дигар шахс анҷом дода мешавад, ки онро шиканҷа меноманд; истифодаи ҳуқуқҳои маданӣ бо мақсади маҳдуд сохтани рақобат; суиистифода аз вазъи афзалиятнок дар бозор.

Субъектони муносибатхои ҳуқуқи маданӣ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ буда, онҳоро бевосита амалӣ менамоянд. Дар мавриди амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии худ баъзан зарурат ба миён меояд, ки аз хизмати шахсони дигар истифода намуд. Яъне амалинамоии ҳуқуқ ва ухдадориҳои худро ба шахси дигар (намоянда) вогузор кард. Ҷараёни вогузор кардани амалинамоии ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро дар ҳуқуқи маданӣ намояндагӣ ном мебаранд.

Яке аз дигар мушкилот бо қобилияти амалкунии шахсоне, ки дар ҳолати беҳушӣ қарор доранд, алоқаманд аст. Новобаста аз он ки онҳо қобилияти пурраи ҳуқукдорӣ доранд, вале онҳо на танҳо ҳуқуқҳои нави маданиро ба даст оварда наметавонанд ва ё уҳдадориро ба вуҷуд оварда наметавонанд, балки ҳамин ҳуқуқҳои ба дастоварда ва ё уҳдадориҳои ба вуҷудовардаро наметавонанд мустақилона амалӣ намоянд. Дар чунин ҳолат наздикони онҳо барои аз номи онҳо баромад намудан дар муносибатҳои маданӣ асосҳои кофӣ надоранд, чунки чунин ҳолатро пешакӣ пешбинӣ кардан ғайриимкон аст ва дар чунин ҳолат имконияти ба таври қонунӣ пешакӣ ба шахси дигар додани ваколатнома ҷиҳати намояндагӣ кардани ӯ дар муносибатҳои маданӣ вуҷуд надорад.

Дар чунин ҳолат ҳатто институти патронаж нисбати шахсони дорои қобилияти амалкунӣ низ татбиқ карда намешавад, чунки тибқи қонунгузорӣ ҳолатҳои татбиқи патронаж муайян аст. Ҳамзамон дар қонунгузории маданӣ низ асосҳо барои эътироф намудани ҳолати беҳушӣ ва хоби тулонӣ ҳамчун ҳолати ғайриқобили амал муқаррар карда нашудааст. Чунки ҳолати беҳушии онҳо, ки имконият намедиҳад моҳияти амалҳои худро дарк намояд, дар асоси бемории руҳӣ не, балки дар асоси дигар беморӣ ба вуҷуд омадааст.

Раҳоӣ аз чунин ҳолати ҳуқуқии мушкилро Т.Ю. Удовиченко дар он мебинад, ки ба сифати васӣ нисбати шахсе, ки дар ҳолати беҳушӣ қарор дорад, ташкилоти тиббии муолиҷакунанда ва ё ташкилоти бовариноки идоракунандаи молу мулки ба ӯ тааллуқдошта муқаррар карда шавад[154]. Дар баробари ин, ду омили муҳим ба инобат гирифта нашудаанд. Якум, асос барои муқаррар кардани васӣ барои ҳамаи субъектоне, ки метавонанд васӣ бошанд, якхел аст. Дуюм, ба сифати идоракунии боваринок тибқи қонунгузории маданӣ танҳо шахсони зерин метавонанд баромад намоянд:

– соҳибмулки молу мулк, ки дар айни замон наметавонад ҳуқуқҳои худро амалӣ намояд;

– васиятгузоре, ки иҷрокунандаи васиятномаро нишон додааст;

– иҷрокунандаи васиятнома;

– мақомоти васӣ ва парасторӣ.

Ҳамин тариқ ҳеҷ яке аз ин асосҳои дар қонун мустаҳкамшуда наметавонад ба сифати муассиси идоракунандаи боваринок баромад намояд. Ягона ҳалли масъалаи мазкур дар он дида мешавад, ки мумкин аст, институти амал ба манфиати шахси бегона истифода бурда шавад. Ин имконият медиҳад дилхоҳ шахс бе супориш, дигар фармоиш ва ё розигии пешакии шахси манфиатдор бо мақсади пешгирии расонидани зарар ба шахсият ва ё молу мулки ӯ, иҷрои уҳдадориҳои ӯ ва ғайра амал намояд.

Яке аз масъалаҳои дигари баҳснок ин масъалаи асосҳои маҳдуд кардани қобилияти амалкунӣ мебошад. Маҳдуд кардани қобилияти амалкунии шаҳрванд танҳо дар ҳолатҳои бевосита пешбининамудаи қонун ва танҳо бо тартиби судӣ ба роҳ монда шудааст. Тибқи м. 31 КМ ҶТ суд мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои мурофиавии маданӣ метавонад қобилияти амали шаҳрвандро дар ҳолатҳои зерин маҳдуд созад:

1) қиморбозӣ;

2) бар асари суиистеъмоли машрубот худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор медиҳад;

---

[154] Ниг.: Удовиченко Т.Ю. Правоспособность физических лиц по российскому гражданскому праву: автор. дис. … канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону, 2003. – С. 87.

3) бар асари суиистеъмоли маводи нашъаовар худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор медиҳад.

Чунин шахс таҳти парасторӣ қарор дода мешавад. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки сухан дар бораи чунин қиморбозӣ ё сӯиистеъмоли машруботи мадҳушкунанда меравад, ки агар истифодаи доимии он шахсро ё оилаи ӯро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор диҳад. Бинобар ин, агар асосҳое, ки мутобиқи онҳо қобилияти амали шаҳрванд маҳдуд гардида буд, аз миён бардошта шаванд, суд маҳдудияти қобилияти амали ӯро бекор мекунад. Дар асоси қарори суд парастории барои шаҳрванд муқарраргардида низ бекор карда мешавад.

Моҳияти маҳдуд кардани қобилияти амалкунии шаҳрванд дар он аст, ки чунин маҳдудкунӣ ба муносибатҳои молумулкӣ бевосита таъсир мерасонад. Ҳамзамон маҳкумшуда ҳуқуқ дорад мустақилона аҳдҳои хурди маишӣ бандад.

Барои анҷом додани аҳдҳои дигар, гирифтани музди меҳнат, нафақа ва даромади дигар ва сарф кардани он ӯ танҳо бо розигии парастор ҳуқуқ дорад. Вале чунин шаҳрванд барои аҳдҳои анҷомдода ва зиёни расонидааш мустақилона масъулияти молумулкӣ дорад.

Дар КМ ҶТ имконияти маҳдуд сохтани қобилияти амалкунии ноболиғон низ пешбинӣ шудааст. Тибқи қ. 4 м. 31 КМ ҶТ шарт ва тартиби қисман маҳдуд сохтани қобилияти амали ноболиғ, ба истисноии онҳое, ки тибқи асосҳои муқаррарнамудаи қонун қобилияти амалро дар ҳаҷми пурра ба даст овардаанд, муқаррар гардидааст.

Шартҳои маҳдуд сохтани қобилияти амали ноболиғ аз мавҷуд будани асосҳои кофӣ иборат мебошад. Ба чунин асосҳо қиморбозӣ, майзадагӣ, истифодаи воситаҳои нашъадор, масрафи ғайриоқилона, бидуни дарназардошти эҳтиёҷот ба ғизо, сару либос дохил мешавад.

Қарор дар хусуси маҳдуд сохтани қобилияти амалро суд тибқи дархости падару модар, фарзандхондагон ё парасторон қабул мекунад.

Дар қарори суд дар хусуси маҳдуд сохтан ё маҳрум сохтани ҳуқуқи ноболиғ ҷиҳати мустақилона ихтиёрдорӣ намудани даромади худ зикр мегардад.

Чи тавре, ки маълум аст, қонунгузории амалкунанда ба сифати ин асосҳо танҳо қиморбозӣ, суиистифода аз нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи мухадирро муқаррар кардааст, ки чунин суиистифода ҳолати худи шахс ва ё аъзои оилаи ӯро ба ҳолати вазнини моддӣ оварда мерасонад. Чунин муносибати қонунгузор чунин саволҳоро ба миён меорад:

– дар ҳолати вазнини иқтисодӣ қарор доштани аъзои оилаи шахс ҳамчун асос барои маҳдуд кардани қобилияти амалкунӣ дар ҳақиқат дуруст аст?

– зиёд кардани номгӯи ҳолатҳоеро, ки ҳамчун асос барои маҳдуд кардани қобилияти амалкунӣ эътироф шудаанд, зарурат дорад, ё не?

Ба саволи якум мебояд ҷавоби рад дод. Чунки ҳолати дар м. 31 КМ ҶТ пешбинишуда дар даврони шӯравӣ асоснок карда шудааст, ки дар он давра қиморбозӣ, сӯиистифода аз нӯшокиҳои спиртӣ ва ё маводи мухаддир аз тарафи ягона шахси воқеӣ дар оила (шавҳар, падар) воқеан вазъи моддии оиларо вазнин мегардонад. Дар замони муосир занҳо низ даромади калон ба даст меоранд, ки ин имкон медиҳад, на танҳо худашонро нигоҳубин намоянд, балки тамоми аъзои оиларо таъмин намоянд. Чи тавре ки В.А. Тархов қайд намуд, ҳолати вазнини молиявии оила ҳангоми дар он ҷой доштани шахсони дорои қобили меҳнат аз байн меравад[155].

Бо ин асосҳо мумкин нест, ки розӣ нашавем, чунки қиморбозӣ, сӯистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ва маводи мухаддир худ ба худ асоси оила ва ҳаёти шахсиро барҳамзада, ҳатто вазъи хуби молиявии оила наметавонад аъзои оилаи шахси менӯшидагӣ ва ё наркоманро (истифодабарандаи маводи мухадирро) аз оқибатҳои нохуши дигаре эмин нигоҳ дорад. Чунин ҳолат дар ҳалли масъалаи мазкур бартарафшаванда мебошад. Тасаввур кунед, ки ҳамон як рафтори ба ҷамъият хавфнок баҳои ҳархеларо вобаста аз он ки оё ин рафтор бо оқибати худ ба оила зарари моддӣ мерасонад ё не, ба вуҷуд намеорад. Вале омилҳои баҳои

[155] Ниг.: Тархов В.А., Рыбаков В.А. Общие положения о типах, формах и видах собственности в России: методологические аспекты права собственности: научный очерк // под науч. ред. В А Тархова. – М., 2004. – С. 65.

дурусти ҳуқуқӣ ҷой доранд ва аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ин самт корҳои зиёд анҷом дода мешавад.

Ҳангоми ҳалли масъалаи мазкур, ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки истилоҳи «ҳолати вазнини моддӣ» ба ҷумлаи он фаҳмишҳои ҳуқуқие дохил мешавад, ки маънидодкунии якхела надорад. Бо назардошти зудтағйирёбии сатҳи даромади гурӯҳи гуногуни мардум дар Тоҷикистон, фаҳмиши онҳо нисбати вазъи ҳолати вазнини моддӣ ба таври назаррас фарқ мекунад. Бинобар ин, агар аз нуқтаи назари ҳадди ақали зиндагӣ мавқеи молиявии оилаи шаҳрванде, ки хеле хуб ба назар мерасад, аз рӯйи мазмуни қонунгузорӣ барои маҳдуд кардани қобилияти амалкунии ӯ асос шуда наметавонад, гарчанде ки дар натиҷаи мушкилоти зараровари ӯ оилаи шаҳрванд метавонад аз имкониятҳои ба кӯдакон додани таҳсилоти олии касбӣ, ба даст овардани ашёҳои ба онҳо зарурӣ маҳрум гардад, ҳамзамон набудани воситаҳои зарурии моддӣ барои муолиҷа ва истироҳат, ки бевосита ба бад шудани сатҳу сифати ҳаёти худ оварда мерасонанд.

Мушкилоти баррасишаванда ҳамзамон як паҳлуи дигари муҳим дорад. Новобаста аз он ки маҳдуд кардани қобилияти амалкуниро бидуни мавҷудияти асосҳо ҳамчун истилоҳи муҷозоти ҳуқуқӣ барои рафтори ғайриичтимоӣ рабт медонанд, меъёри номбаршуда дар як вақт ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии на танҳо аъзои оилаи шаҳрванд, балки худи субъектро низ таъмин менамояд. Зеро таҷрибаи мазкур бо далелҳои сершумор дар бораи соҳиби молу мулки манқул ва ғайриманқули ашхосе, ки қиморбоз ё ба истеъмоли машрубот ва маводи мухаддир майл доранд, пур аст. Дар ин ҳолат хешу табори чунин шаҳрвандон, бахусус вақте ки онҳо алоҳида зиндагӣ мекунанд, имкониятҳои воқеии ҳуқуқӣ надоранд, ки чунин ҳолатро пешгирӣ намоянд, гарчанде ки эҳтимоли калони оқибатҳои нохуши рафтори шаҳрвандро медонанд. Гуфтаҳои боло имкон медиҳанд, ки қ. 1 м. 31 КМ ҶТ имконияти маҳдуд сохтани қобилияти амалкунии шахсро, ки қиморбоз аст, бо сӯистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ва ё маводи мухаддир оилаи худро ба ҳолати вазнини моддӣ оварда мерасонад, муқаррар намояд.

Бояд зикр намуд, ки дар баробари маҳдуд кардани қобилияти ҳуқуқдорӣ, ғайри қобили амал эътироф кардани шахс низ яке аз мушкилоти соҳа дар ин самт

ба ҳисоб меравад. Яке аз омилҳои муҳиме, ки ба қобилияти амалкунии шаҳрванд таъсир мерасонанд, саломатии руҳии он мебошад. Тибқи қ. 1 м. 30 КМ ҶТ суд шаҳрвандеро, ки дар асари беморни руҳӣ ё камақлиаш аҳаммияти амали худро дарк ё онро идора карда наметавонад, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои мурофиавии маданӣ ғайри қобили амал эътироф карда метавонад. Ӯ таҳти васоят қарор дода мешавад.

Аммо танҳо ба касалии руҳӣ гирифтор шудани шахс барои ғайри қобили амал эътироф кардани ӯ асос шуда наметавонад. Шаҳрванд метавонад танҳо аз ҷониби суд тибқи тартиби муқаррарнамудаи м. 286 КМГ ҶТ ғайри қобили амал эълон карда шавад. Парванда оид ба ғайри қобили амал эътироф намудани шаҳрванд дар суд вобаста ба беморни руҳӣ дар асоси аризаи аъзои оилаи ӯ, хешу табори наздик (падару модар, фарзандон, бародарон, хоҳарон), сарфи назар аз он ки онҳо бо ҳам зиндагӣ мекунанд ё не, мақомоти васоят ва парасторӣ, беморхонаи бемориҳои равонпизишкӣ ё ташкилотҳои равонию асабӣ ва прокурор оғоз карда мешаванд.

Дар асоси қарори суд дар бораи ғайри қобили амал эътироф намудани шаҳрванд нисбат ба ӯ васӣ муқаррар карда мешавад. Васӣ метавонад ҳамсари шахси ғайри қобили амал, падару модар ё дигар хешу ақрабо, инчунин шахси дигар таъин гардад. Васӣ аз номи шахс ё ба манфиати шахси ғайри қобили амал аҳдҳои ҳуқуқии маданиро мебандад. Агар ин ё он аҳдро худи шаҳрванди ғайри қобили амал анҷом диҳад, пас чунин аҳд беэътибор эътироф мегардад, вале ба манфиати шаҳрванди ғайри қобили амал аҳди анҷомдодаи ӯ метавонад бо талаби васии ӯ аз ҷониби суд дорои эътибор эътироф гардад, агар он ба манфиати чунин шаҳрванд анҷом дода шуда бошад.

Инчунин мувофиқи қ. 3 м. 30 КМ ҶТ агар асосе, ки мутобиқи он шаҳрванд ғайри қобили амал эътироф гардида буд, аз миён бардошта шавад, суд ӯро қобили амал эътироф мекунад. Суд мутобиқи аризаи васӣ, аъзои оила, муассисаи равонпизишкӣ ё бемориҳои руҳӣ, мақоми васоят ва парасторӣ дар асоси хулосаи экспертизаи психиатрии судӣ дар хусуси қобили амал эътироф намудани шаҳрванд қарор қабул мекунад, агар ҳамаи асосҳое, ки мутобиқи онҳо шаҳрванд

ғайри қобили амал эътироф гардида буд, аз миён бардошта шаванд. Дар асоси қарори суд васояти барои ӯ муқарраргардида бекор карда мешавад.

Тавассути қонунгузории ҶТ падидаҳои махсуси таъмин ва мукаммалкунии қобилияти амалкунии шаҳрвандон пешбинӣ гардидааст:

– васоят ва парасторӣ;

– бедарак ғоиб эътироф намудан ва фавтида эълон кардани шаҳрванд;

– сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ.

Дар чунин ҳолат ҳуқуқҳои шахсоне, ки қобилияти амалашон маҳдуд карда шудааст ва ё ғайриқобили амал эътироф карда шудаанд, аз тарафи васӣ, парасторон ва ё намояндагони қонуниашон амалӣ карда мешавад.

Мувофиқи м. 32 КМ ҶТ васояту парасторӣ барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеии ғайриқобили амал ва қобилияти пурраи амал надошта, муқаррар мегарданд. Васояту парастории ноболиғон ҳамчунин бо мақсади тарбияи онҳо муқаррар карда мешавад. Ҳуқуқу уҳдадориҳои марбутаи васиёну парасторонро КО ҶТ муайян менамояд. Васиёну парасторон бидуни ваколати махсус ҳуқуқу манфиатҳои шахси таҳти васоят ё парасториашонро дар муносибат бо ҳама гуна шахсон, аз ҷумла дар судҳо, ҳифз мекунанд. Васояту парастории ноболиғон дар сурати падару модар, падару модархонд надоштани онҳо, аз ҳуқуқи падару модар маҳрум гардонида шудани падару модарашон, инчунин дар ҳолатҳое, ки чунин шаҳрвандон бо сабабҳои дигар бидуни парастории падару модар мондаанд, аз ҷумла дар сурати аз тарбия ё ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳояшон саркашӣ намудани падару модар, муқаррар карда мешавад.

Васоят барои хурдсолон (то синни 14, ҳангоме ки чунин шаҳрвандон бидуни парастории падару модар мондаанд), инчунин шаҳрвандоне муқаррар карда мешавад, ки суд онҳоро дар натиҷаи бемории руҳӣ ё камақлиашон ғайри қобили амал эътироф намудааст. Васӣ намояндаи қонунӣ аст, ки аз номи шахси таҳти васоят ва ба манфиати ӯ амал мекунад. Ваколати ӯро қарор дар хусуси таъини шахс ба сифати васӣ тасдиқ менамояд (м. 33 КМ ҶТ).

Тибқи м. 34 КМ ҶТ парасторӣ барои ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола, инчунин шаҳрвандоне муқаррар карда мешавад, ки суд қобилияти амали онҳоро бо сабаби қиморбозӣ, сӯиистеъмоли машрубот ва маводи нашъаовар маҳдуд

сохтааст. Парасторон аз номи шахсоне, ки зери парасторӣ қарор доранд, аҳдҳоро намебанданд. Парасторон барои анҷоми он аҳдҳое розигӣ медиҳанд, ки шаҳрвандони таҳти парасторӣ қарордошта барои мустақилона анҷом додани онҳо ҳуқуқ надоранд. Розигии парастор барои бастани чунин аҳдҳо ба таври хаттӣ дода мешавад, алалхусус қоидаи мазкур нисбати аҳдҳое татбиқ мегардад, ки тибқи қонун шакли онҳо хаттӣ аст. Парасторон ба шахси таҳти парасторӣ барои татбиқи ҳуқуқ ва иҷрои уҳдадориҳояшон мусоидат менамоянд, инчунин онҳоро аз суиистифодаи шахси сеюм (ғайр) ҳифз менамоянд. Дар муносибатҳои ҳуқуқии моддии маданӣ парастор ба сифати намояндаи шахси таҳти парасторӣ қарордошта баромад намекунад, вале дар муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии маданӣ бошад, мақоми парасторӣ намояндаи қонунӣ чунин шахс мебошад.

Аз ин рӯ, фарқияти васоят аз парасторӣ дар ҳаҷми уҳдадориҳои маданию ҳуқуқии васиён ва парасторон мебошад, ки онҳо аз ҳаҷми қобилияти амалкунии шахсони таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта вобаста аст. Вазифаи васояту парасторӣ, ғайр аз ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, ба таври ройгон иҷро карда мешавад. Гарчанде эҳтимолияти музднок анҷом додани вазифаи васояту парасторӣ дар КМ ҶТ омада бошад ҳам, то ҳол чунин санадҳо вуҷуд надоранд.

Тибқи қ. 1 м. 35 КМ ҶТ мақомоти васояту парасториро Ҳукумати ҶТ муайян мекунад. Мувофиқи б. 7 Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 25-уми январи соли 2017, таҳти № 30 тасдиқ шудааст, мақомоти васояту парасторӣ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд[156]. Иҷрои уҳдадориҳои васоят ва парасторӣ нисбат ба кӯдакон ба зиммаи раёсатҳои маорифи ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, нисбат ба шахсоне, ки суд онҳоро ғайри қобили амал ё қобилияти амалашонро маҳдуд эътироф намудааст, ба зиммаи раёсатҳои тандурустии ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва нисбат ба онҳое, ки дорои қобилияти пурраи амалкунӣ буда, бинобар вазъи саломатӣ ба парасторӣ эҳтиёҷманд, ба зиммаи бахшҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ вогузор карда мешаванд. Раиси ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо

[156] Ниг.: Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 25 – уми январи соли 2017, таҳти № 30 тасдиқ шудааст // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

раиси мақомоти васояту парасторӣ мебошанд. Раиси мақомоти васояту парасторӣ ҳамоҳангиро дар фаъолияти мақомоти васояту парасторӣ таъмин мекунад. Кори ҷорӣ ва назорати иҷрои қарорҳои мақомоти мазкурро котибони мақомоти васояту парасторӣ амалӣ мекунанд. Баргузории ҷаласаҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак яке аз ваколатҳои котибони мақомоти васояту парасторӣ мебошад. Вазифа ва функсияҳо оид ба васояту парасторӣ нисбат ба кӯдакон аз ҷониби комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак анҷом дода мешаванд. Ҳолатҳои таҳлилшуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки бо чунин таркиби маъмурӣ ва комиссияҳо таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти васояту парасторӣ мушкил мегардад. Илова бар он дар байни б. 7 ва 8 ин Низомнома мухолифат дар шакли такроршавии ваколатҳои раёсатҳои маорифи ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва комиссияҳои маҳаллӣ оид ба ҳуқуқи кӯдак ба назар мерасад. Бинобар ин, барои таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти васояту парасторӣ, тақвияти ҳадафҳои давлати иҷтимоӣ[157] ва паст намудани сатҳи ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон[158], дар б. 43 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ барои солҳои 2018 – 2028 қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи васоят ва парасторӣ» мувофиқи мақсад эътироф гардид. Ду сол пеш лоиҳаи ин қонун дастраси кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ гардида буд. Мо фикру андешаҳои худро ба таҳиягари он – Вазорати маориф ва илми ҶТ пешниҳод карда будем, вале то ҳол ин қонун қабул нашудааст.

Суд вазифадор аст, ки дар давоми се рӯзи баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани қарор дар бораи ғайри қобили амал эътироф намудани шаҳрванд ё дар бораи маҳдуд сохтани қобилияти амали ӯ барои таҳти васоят ё парасторӣ қарор додани чунин шаҳрванд дар ин хусус ба мақоми васояту парастории маҳалли зисти ӯ хабар диҳад. Мақоми васояту парастории маҳалли зисти шахси таҳти васояту парасторӣ қарордошта ба фаъолияти васиёну парасторони онҳо назорат мекунад.

[157] Тибқи маълумоти дастрасшуда соли 2019 дар ҶТ барои кӯдакони ятим ва бепарастор 21 мактаб – интернат фаъолият мекарданд, ки дар онҳо 1841 нафар кӯдакон, аз ҷумла 409 нафар духтарон зери тарбияи мақомоти васоят ва парасторӣ қарор доштанд. Аз шумораи кӯдакони зикршуда, танҳо 125 нафарашон ятимони кулл буда, 30 нафарашон духтарон мебошанд. Аз ин ҳисоб 1255 нафарашон кӯдакони бе падар ва 393 нафарашон бе модар буда, 75 нафарашонро духтарон мебошанд.

[158] Тибқи маълумоти дастрасшуда соли 2016 – 372 нафар, соли 2017 – 549 нафар ва соли 2018 – 618 нафар кӯдакон аз ҷониби судҳои ҶТ барои содир намудани ҷиноятҳои гуногун маҳкум гардидаанд.

Агар васоят нисбати шахси ноболиғи синни то 14-солагӣ таъин карда шавад, ба сифати мақомоти васоят шуъба (раёсат)-и маориф баромад мекунад, дар сурати васоят нисбати шаҳрвандон татбиқ гардад, ки суд онҳоро дар натиҷаи бемории руҳӣ ё камақлиашон ғайри қобили амал эътироф намудааст – мақомоти васоят муассисаи равонпизишкӣ мебошад.

Ба функсияи мақомоти васоят ва парасторӣ инҳо марбутанд:

1) таъин, озод намудан ва аз иҷрои уҳдадориҳо барканор намудани васиён ва парасторон (м.м. 36, 40 КМ ҶТ);

2) назорати фаъолияти васиён ва парасторон (қ. 3 м. 35 КМ ҶТ);

3) муваққатан иҷро намудани уҳдадориҳои васиён ва парасторон (қ. 1 м. 36 КМ ҶТ);

4) иҷозати аз ҷониби васӣ анҷом додани аҳд (додани розигӣ аз ҷониби парастор), ки боиси кам гардидани молу мулки шахси таҳти васоят қарордошта мегардад (қ. 2 м. 38 КМ ҶТ);

5) бастани шартнома дар бораи идоракунии ба боварӣ асосёфтаи молу мулки шахси таҳти васоят бо идоракунанда (м. 39 КМ ҶТ).

На ҳар гуна шахс ба сифати васӣ ё парастор таъин карда мешавад. Дар қ. 2 м. 36 КМ ҶТ маҳдудиятҳои зерин вуҷуд дорад:

1) танҳо шаҳрвандони ба балоғат расидаи қобили амал васӣ ё парастор таъин шуда метавонанд;

2) шаҳрвандонеро, ки аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум карда шудаанд, инчунин шаҳрвандонеро, ки тибқи қонунгузорӣ васоят ё парастор шуданашон манъ карда шудааст, васӣ ва парастор таъин кардан мумкин нест.

Шахсро танҳо бо розигии худаш васӣ ё парастор таъин кардан мумкин аст. Зимнан бояд одобу ахлоқ ва сифатҳои дигари шахсӣ, қобилияти иҷро кардани вазифаи васӣ ё парастор, муносибати байни ӯ ва шахси муҳтоҷи васоят ё парасторӣ ва агар имкон бошад, хоҳиши шахси таҳти васоят ё парасторӣ қарордошта бояд ба назар гирифта шавад.

Дар қонун ҳаҷм ва тартиби иҷрои уҳдадориҳои васиёну парасторон ба роҳ монда шудааст. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки аз ҷониби қонунгузорӣ аҳаммияти зиёд нисбати паҳлуҳои маънавӣ ва ахлоқӣ ҷудо карда шудааст, ки ба андешаи мо

ин натиҷаи таъсири қонунгузории оилавӣ мебошад. Ҳамин тавр, тибқи муқаррароти м. 37 КМ ҶТ васиёну парасторони шаҳрвандони ноболиғ бояд бо шахси таҳти васояташон (парасториашон) қарордошта якҷоя зиндагӣ кунанд. Ҷудо зиндагӣ кардани парастор бо шахси таҳти парастории ба синни шонздаҳ расида ба шарте аз ҷониби мақоми васояту парасторӣ иҷозат дода мешавад, ки ин ба тарбия ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахси таҳти парасторӣ таъсири манфӣ нарасонад. Васиёну парасторон вазифадоранд, ки дар хусуси тағйир ёфтани маҳалли зисташон мақомоти васояту парасториро огоҳ созанд. Васиёну парасторон вазифадоранд, ки шахси таҳти васояташон (парасториашон) қарордоштаро тарбия кунанд, дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, руҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таҳсил ва касбомӯзии ӯ ғамхорӣ зоҳир намоянд. Вазифаҳои дар қ. 3 м. 37 КМ ҶТ номбаршуда ба зиммаи парасторони шаҳрвандони болиғе, ки суд қобилияти амалашонро маҳдуд сохтааст, гузошта намешаванд.

Даромади шаҳрванди таҳти васоят (парасторӣ), аз ҷумла даромади аз ҳисоби идораи молу мулки шахси таҳти васоят (парасторӣ) ба ӯ тааллуқдоштаро, ба истиснои молу мулке, ки шахси таҳти васоят (парасторӣ) мустақилона ихтиёрдорӣ карда метавонад, васӣ ё парастор бо розигии пешакии мақоми васояту парасторӣ танҳо ба манфиати шахси таҳти васоят (парасторӣ) сарф менамояд.

Бидуни розигии пешакии мақоми васояту парасторӣ васӣ ё парастор ҳуқуқ дорад аз ҳисоби маблағе, ки бояд ба шахси таҳти васоят (парасторӣ) ҳамчун даромад пардохта шавад, маблағи заруриро ҷиҳати таъминоти шахси таҳти васоят (парасторӣ) харҷ намояд.

Васӣ бидуни ризоияти пешакии мақоми васояту парасторӣ барои анҷом додан ва парастор барои додани розигӣ ҷиҳати анҷоми аҳди фурӯш, аз ҷумла иваз ё ҳадя кардани молу мулки шахси таҳти васоят, киро (иҷора), ба истифодаи ройгон додан ё ба гарав мондани он аҳде, ки боиси аз даст додани ҳуқуқи шахси таҳти васоят, тақсими молу мулки ӯ ё аз он ҷудо кардани ҳисса мегардад, инчунин ҳар гуна аҳди дигаре, ки боиси кам шудани молу мулки шахси таҳти васоят мегардад, ҳуқуқ надорад.

Тарзи иловагии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони ғайри қобили амал ва қобилияти маҳдуди амал эътирофшуда идоракунии ваколатии молу мулки шахси таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта мебошад.

Дар сурати ҷой доштани зарурати идоракунии доимии молу мулки ғайриманқул ва манқули қиматноки шахси таҳти васоят (парасторӣ) мақоми васояту парасторӣ бо мудир, ки ҳамин мақом муайян кардааст, дар хусуси идоракунии ваколатии чунин молу мулк шартнома мебандад. Дар ин ҳолат васӣ ё парастор ваколати худро нисбати молу мулки шахси таҳти васояташ (парасториаш), ки ба идораи ваколатӣ дода нашудааст, нигоҳ медорад.

Ихтиёрдории ваколатии молу мулки шахси таҳти васоят (парасторӣ) аз рӯйи асосҳое, ки қонун барои қатъи шартномаи идораи ваколатии молу мулк пешбинӣ намудааст, инчунин дар сурати қатъи васояту парасторӣ қатъ мегардад (м. 38 КМ ҶТ).

Шартномаи идоракунии ваколатии молу мулк байни мақоми васоят ва парасторӣ ҳамчун муассиси идоракунӣ (муассиси идора) ва идоракунанда (мудир – сардори ваколатдор) баста мешавад. Идоракунанда метавонад ҳам васӣ (парастор) ва ҳам шахси дигар бошад.

Идоракунии ваколатии молу мулк дар доираи ҳуқуқдории молик нисбат ба молу мулк, ки ба идоракунии ваколатӣ супорида шудааст ва қонун ё шартномаи идоракунии молу мулк пешбинӣ намудааст, анҷом дода мешавад. Вале барои идоракунанда маҳдудиятҳо оид ба ихтиёрдории молу мулки шахси таҳти парасторӣ нигоҳ дошта мешавад.

Дар асоси пешбининамудаи қонун мақоми васояту парасторӣ ҳақ дорад (ё уҳдадор мебошад) васӣ ё парасторро аз иҷрои вазифаҳояш озод кунад, дар ҳолати муносибати бевиҷдононаи васӣ ё парастор нисбати уҳдадориҳояш аз иҷрои ин вазифаҳо дур карда, ҷиҳати ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун ҷалб кардани шаҳрванди гунаҳкор тадбирҳои зарурӣ андешад. Дар асоси м. 40 КМ ҶТ мақоми васояту парасторӣ дар ҳолати баргардонидани кӯдак ба падару модараш ё ба фарзандӣ қабул гардиданаш васӣ ё парасторро аз иҷрои вазифаҳояш озод мекунад.

Ҳангоми ба муассисаи дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ, муассисаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ё муассисаҳои дигари шабеҳ ҷойгир кардани шахси таҳти васоят (парасторӣ), муассисаи васояту парасторӣ, ба шарте ки ин хилофи манфиатҳои шахси таҳти васоят (парасторӣ) набошад, васӣ ё парастори қаблан таъиншударо аз иҷрои вазифаҳояш озод мекунад. Дар сурати ҷой доштани сабабҳои узрнок (беморӣ, тағйир ёфтани вазъи молумулкӣ, набудани ҳамфикрӣ бо шахси таҳти васоят (парасторӣ ва ғайра) васӣ ё парастор мумкин аст бо хоҳиши худ аз иҷрои вазифаҳояш озод карда шавад. Дар сурати вазифаҳояшро ғайриқаноатбахш иҷро кардани васӣ ё парастор, аз ҷумла дар ҳолати васоят ё парасториро ба мақсадҳои ғаразнок истифода кардани ӯ ё шахси таҳти васоят (парасторӣ)-ро бе назорат, бе ёрии лозима гузоштанаш мақоми васояту парасторӣ метавонад васӣ ё парасторро аз иҷрои ин вазифаҳо дур карда, ҷиҳати ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонун ҷалб кардани шаҳрванди гунаҳкор тадбирҳои зарурӣ андешад.

Озод намудани васӣ (парастор) аз иҷрои вазифа бо қарори мақомоти васояту парасторӣ ба расмият дароварда шуда, дар он далелҳои ошкоргардидаи иҷрои номатлуби уҳдадориҳо ва санаи қатъи ваколат зикр мегардад. Мақоми васоят ва парасторӣ вазифадор аст, ки ҷиҳати ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани шаҳрванди гунаҳгор тадбирҳо андешад. Ҷавобгарии васӣ ва парастор вобаста ба оқибатҳои ҳуқуқӣ аз рӯйи қонунгузории маданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ мешавад.

Ба ғайр аз озод ва дур кардани васиёну парасторон аз иҷрои вазифа васоят ва парасторӣ дар асоси қоидаҳои м. 41 КМ ҶТ дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

1) ба синни 14 расидани хурдсол;

2) аз ҷониби суд қабул намудани қарор дар хусуси қобили амал эътироф намудани шаҳрванд;

3) ба синни 18 расидани ноболиғ;

4) аз ҷониби суд баровардани қарор дар бораи бекор кардани маҳдудсозии қобилияти амал;

5) то расидан ба балоғат дар ҳаҷми пурра ба даст овардани қобилияти амал.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ баҳси асосӣ атрофи масъалаи моҳияти ҳуқуқии механизми аз тарафи намояндагони қонунии онҳо амалӣ намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандоне, ки ғайри қобили амал ва ё қобилияти амалкуниашон маҳдуд

эътироф карда шудааст, мебошад. Оид ба ҳалли масъалаи мазкур дар адабиётҳо якчанд андешаҳо мавҷуд аст. Аз ҷумла, назарияи бештар паҳнгашта аз ҷониби Г.Ф. Шершеневич пешниҳод гардидааст, ки тибқи он дар он ҳолатҳое, ки шахс аз қобилияти амалкунӣ маҳрум мегардад, намояндагӣ мақсади амалӣ намудани ин норасогиро дорад[159]. Ин мавқеъ аз чунин маънидодкунии мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ бармеояд, ки он ҳамчун маҷмуи ду унсури ба ҳам алоқаманд – қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ бармеоянд. Аммо аз ин нуқтаи назар ноболиғон ва шаҳрвандоне, ки аз бемории руҳӣ азият мекашанд, аз ҷониби бисёр олимон аз сифати қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ маҳрум гаштаанд. Чунки дар онҳо яке аз компонентҳои ин мафҳум, яъне қобилияти амалкунӣ вуҷуд надорад.

Аксаран камбудӣ байни ҳуқуқ ва қобилияти амалкунӣ бо он маънидод карда мешавад, ки дар муносибатҳои молу мулкие, ки яке аз объектҳои асосии танзими ҳуқуқии маданиро ташкил медиҳанд, ҳолате имконпазир аст, ки ҳуқуқ ба шахс новобаста аз вазъи саломатӣ ва маҳдудияти синнусолӣ тааллуқ дорад. Вале аз сабаби он ки дар натиҷаи норасогии руҳӣ шахс наметавонад бо ҳаракатҳои худ мустақилона ҳуқуқу уҳдадориро ба вуҷуд оварад, ба ҷойи онҳо дигар шахсон – намояндагони қонунии онҳо ин корро анҷом медиҳанд. Ҳамин тариқ ҳуқуқ ва қобилияти амалкунии шахс дар қобилияти ҳуқуқдории субъективии он ба ҳам якҷо мегарданд.

Аммо ин нуқтаи назар мавриди танқид қарор гирифтааст. Аз ҷумла яке аз ин нафарон Н.С. Малеин буд, ки зид будани худро бо чунин далел асоснок мекунад. Азбаски асоси қобилияти амалкунӣ доштани фаҳмиш ва ирода мебошад, ин фаҳмишу иродаро аз тарафи дигар шахсон ба ҷойи як шахси дигар иҷро кардан ғайриимкон аст. Он далелро, ки намояндаҳо аз номи шахси ғайри қобили амал пурра аз рӯи фаҳмиши худ амал мекунанд ва иродаи худро изҳор медоранд, тасдиқ накардан номумкин аст, гарчанде ки онҳо аз ном ва ба манфиати шахсони ғайри қобили амал рафтор мекунанд, зеро ин маънои онро надорад, ки намоянда иродаи шахси ғайри қобили амалро изҳор мекунад.

[159] Ниг.: Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права. – М., 2005. – Т.1 – С. 220.

Каме фаҳмиши дигарро дар хусуси намояндагони қонунӣ Д.И. Мейер пешниҳод карда, қайд мекунад, ки дар ҳолате, ки шахси зери парасторӣ қарордошта на ҳама иродаи худро изҳор дошта метавонад, вай девона ва ё хурдсол аст, чунки мазмуни иродаи шахси намоянда комилан мустақил буда, аз иродаи шахси зери парасторӣ қарордошта вобастагӣ надорад. Дар чунин ҳолат воқеан иродаи намоянда ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ бошад иродаи шахси зери парасторӣ қарордошта мебошад.

Тадқиқоти вобаста ба қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ гузаронидашуда имкон дод, ки хулосаҳои зеринро пешниҳод намоем:

1. Аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ қобилияти амалкунӣ хусусияти субъектро дар бар мегирад, ки бевосита бо синну соли ӯ ва махсусиятҳои психикӣ (руҳӣ) алоқаманд буда, дар амалигардонии шахсии субъекти ҳуқуқи маданӣ ифода меёбад. Қобилияти амалкунӣ хусусияти дутаркибӣ (духӯрагӣ) дорад, ки бо сабаби муттаҳид кардани унсурҳои зеҳнӣ ва элементҳои иродавӣ ҳангоми роҳбарии равшани пайвандҳои зеҳнӣ шарҳ дода мешавад, зеро амалигардонии баъзе ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ бо талаботи доштани ақли солим алоқаманд нест;

2. Сохтори дохилии қобилияти амалкуниро қобилияти анҷом додани амалҳои иҷозатдодашуда, ки ба амалигардонии ҳуқуқҳои субъективии ба субъект дахлдошта алоқаманд аст, яъне ҳуқуқ ба бастани аҳд, ҳамчунин доштани қобилияти деликтӣ, маънои ҷавобгар будани шахсро ҳангоми ҳуқуқвайронкунӣ дорад, ташкил медиҳанд;

3. Сарҳади синну солии қобилияти амалкунӣ дар қонун бо назардошти ҳисоботи миёнаи омории омилҳои биоиҷтимоӣ муқаррар карда мешавад, гарчанде ки расидани кӯдак ба синну соли муқаррарнамудаи қонун на ҳама вақт шаҳодати дар шахсе, ки тибқи қонунгузорӣ сатҳи инкишофи соҳаи иродаи зеҳнӣ барои ба таври кофӣ иҷтимоикунонии ӯ зарур аст, буда метавонад;

4. Пешниҳод карда мешавад, ки меъёри қ. 1 м. 194 КМ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Аҳде, ки аз ҷониби шахси дорои қобилияти амалкунидошта, вале имконияти дарк кардани моҳияти ҳаракатҳои худро

надошта бошад ва онҳоро идора карда натавонад, содир шуда бошад, метавонад бо даъвои худи ҳамин шахс ва ё дигар нафароне, ки дар натиҷаи бастани ин аҳд ҳуқуқу манфиатҳои онҳо поймол шудаанд, аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад». Таҳрири пешниҳодшудаи қ. 1 м. 194 КМ ҶТ ҷиҳати таъмини кафолатҳои иловагии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандоне, ки аз рушдёбандаи иҷтимоӣ ранҷ мекашанд, аъзои оилаи онҳо ва дар маҷмуъ баҳри манфиатҳои ҷомеаи Тоҷикистон равона карда шудааст;

5. Ягона тарзи ба қонунгузорӣ мухолифат намекардаи ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии шахсоне, ки муддати тулонӣ дар ҳолати беҳушӣ қарор доранд, институти амал кардан барои манфиатҳои бегона бе супориш, ки имконият медиҳад дилхоҳ субъект бе супориш, фармоиши дигар ва ё розигии пешакӣ ваъдадодаи шахси манфиатдор бо мақсади пешгирии зарари ба шахсият ва ё молумулкаш мерасида, иҷрои уҳдадории ӯ ва дигар манфиатҳо бе ягон манфиат ва ё фоидаи мутақобила амал намояд, ба ҳисоб меравад;

6. Таҳлили қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои вобаста ба маҳдудкунии қобилияти амалкунии шаҳрвандон дахлдошта водор месозад ба хулосае омада расем, ки асосҳое, ки суд ҳангоми маҳдуд кардани қобилияти амали шаҳрванд ба роҳбарӣ мегирад васеъ карда шавад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки меъёри қ. 1 м. 31 КМ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Суд метавонад қобилияти амали шаҳрвандеро, ки дар асари қиморбозӣ, сӯиистеъмоли машрубот, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо ё моддаҳои дигари мадҳушкунанда худ ё оилаи худро дар вазъияти вазнини моддӣ қарор медиҳад, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиаи маданӣ маҳдуд созад. У таҳти парасторӣ қарор дода мешавад».

# БОБИ 2. МАСЪАЛАҲОИ ҚОБИЛИЯТИ ҲУҚУҚДОРИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

## 2.1. Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

Муайянсозии лаҳзаи нахустини қобилияти ҳуқуқдории маданӣ дар қонунгузории амалкунанда мавриди тағйиротҳои ҷиддӣ қарор нагирифт. Дар қ. 2 м. 18 КМ ҶТ муқаррар гардидааст, ки: «Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада бо марг қатъ мегардад». Масъала дар мавриди он ки дар ҳолати мазкур муҳофизакории аз ҷониби қонунгузор зоҳиргардида дуруст аст ё на, солҳои охир мавриди рағбати зиёди илмӣ ва амалӣ қарор гирифтааст. Ҳамин тавр, як қатор вакилони Думаи давлатии ФР лоиҳаи қонунеро коркард кардаанд, ки лаҳзае, ки аз он қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд ба вуҷуд меояд – на аз лаҳзаи таваллуд, балки аз лаҳзаи пайдоиши ҷанин дар батн дигаргуна муайян менамояд. Дар асосноккунӣ як қатор далелҳо, дар навбати аввал – «оид ба эътирофи расмӣ, ҳамчунин эътирофи қисмии қобилияти ҳуқуқдории ҷанин, вале шахсони ҳоло таваллуднашуда дар қонунгузории амалкунанда бо роҳи нисбат ба онҳо эътирофи ҳуқуқ ба ҳаёт ва ҳуқуқ ба мерос» оварда мешаванд.

Ба сифати тасдиқи ғайримустақими қобилияти ҳуқуқдории тифли кӯдаки дар батн буда, ҳамчунин ҳуқуқи зани ҳомиладор ба «дастгирии муайяни молиявӣ ва иҷтимоӣ: рухсатипулӣ ва кумакпулӣ баррасӣ карда мешавад»[160].

Пешниҳоди мазкури қонунгузорӣ чунин масъалаҳои муҳимро дар бар мегирад, ки мазмун ва далеловарӣ ба таҳлили асоснок ва баррасии ҳаматарафа эҳтиёҷ дорад. Қайд гардида буд, ки муқаррарот оид ба эътирофи як қатор ҳуқуқҳои граждании субъективии тифли дар батни модар буда, вале

[160] Ниг.: Предложение о внесении поправок в ГК Российской Федерации в части, касающейся возникновения и прекращения правоспособности физических лиц: интервью с депутатом Государственной Думы, заместителем Председателя комитета по общественным объединениям и религиозным организациям А.В. Чуевым // Нотариус. – 2004. – № 2. – С. 45-48.

таваллуднашуда ҳанӯз дар Қонуни XII ҷадвалҳо коркард шуда буд[161]. Чунин равиш ва минбаъд дар асрҳои оянда пурра нигоҳ дошта шуда, инкишоф ва мустаҳкамгардии қонунии худро дар Дигестҳои Юстиниан пайдо кард[162]. Ба манфиати кӯдакон ибораи маъруфи ҳуқуқӣ коркард гардида буд: «Postumus nato habeluc» - «Кӯдаки пас аз марги падар таваллудшуда, то фавти падар таваллудшуда, ҳисоб мешавад»[163], аммо, новобаста ба ин, кӯдак пас аз ба дунё омадан субъекти ҳуқуқ эътироф карда мешуд. Оид ба нукта дар мавриди он ки қобилияти ҳуқуқдорӣ танҳо пас аз лаҳзаи таваллуд пайдо мешавад, ҳеҷ кас баҳс намекунад ва оид ба нуктае, баҳсҳо бурда мешуданд ки аз он кӯдакро бояд зинда таваллудшуда шинохт: аз лаҳзае, ки ӯ аввалин маротиба овоз баровард, ё аз лаҳзае, ки ӯ ҳар гуна аломати зинда буданро нишон дод.

Нукта дар мавриди он ки қобилияти ҳуқуқдорӣ аз лаҳзаи таваллуд пайдо мешавад, дар илми ватанӣ низ мавриди эътирофи ҳамагон аст. «Дар сатҳи олӣ муҳимтарин» ҳалли масъаларо оид ба эътирофи оғози ҷисмонии шахсият ҳисоб кардани лаҳзаи таваллуди кӯдак ё онро ба оғози пайдошавӣ дар батн ҳисоб карданро эътироф карда, классикони илми сивилистӣ тасдиқ мекарданд, ки: «ҳамзамон бо таваллуд инсон ба ҷомеаи одамон дохил мешавад; ин амалро бояд оғози қобилияти ҳуқуқдории ӯ ҳисоб кард»; «чунки мавҷудияти мустақилонаи инсон аз лаҳзаи таваллуди ӯ оғоз мегардад, аз ҳамин лаҳза ӯ шахси дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ эътироф мегардад»[164].

Фарзия дар бораи он, ки эътирофи қонунии қобилияти ҳуқуқдорӣ вобаста ба ҷанин, вале тифли ҳанӯз таваллуднашуда, кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯ мегардад ва ҳамаи масъалаҳои бо қатъи сунъии ҳомиладорӣ алоқаманд, як қатор шубҳаро ба бор меорад, чунки пеш аз ҳама, норавшан мемонад, чи тавр таҳиягарон пешниҳод мекунанд ба амалисозии ин мақсад ноил гарданд: бо роҳи муқаррарсозии назорат аз болои ҳар як зани ҳомиладор ва муқаррарсозии ҷавобгарӣ барои қатъи ҳомиладорӣ аз ҷониби

[161] Ниг.: Памятники римского права: Законы ЏІІ Таблиц. Институции Гая. Дигесты Юстиниана. – М., 1997. – С. 18.
[162] Ҳамон ҷо. – С. 170.
[163] Ниг.: Латинские юридические изречения / Сост. Е,И. Темнов. – М, 1996. – С. 313; Мейр Д.И. Русское гражданское право: В 2 ч. – М., 2003. – С. 191.
[164] Ниг.: Васьковский К.В. Учебник гражданского права. – М., 2003. – С. 89; Права человека: Сб. межд. док. – М., 1990. – С. 143.

ӯ? Дуюм, номуайян аст, ки маҳз аз кадом лаҳза бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдорӣ муайян карда мешавад, чунки лаҳзаи пайдоиши ҷанинро дар бисёр ҳолат дақиқ муайян кардан имконнопазир аст. Чунин ташхис дар давраҳои гуногуни ҳомиладорӣ амалӣ мегардад, чунки бисёр таваллудкунандагон ба муассисаҳои махсусгардонидашудаи тиббӣ барои ба қайдгирӣ гоҳе дар марҳилаҳои охирии он муроҷиат мекунанд, дар баъзе ҳолатҳо бошад, умуман муроҷиат намекунанд.

Сеюм, норавшан аст, ки чиро бояд оғози ҳаёт ҳисоб кард. Тайфи андешаҳо ниҳоят зиёд аст; дар қадимулайём гумон мекарданд, ки ҷанин аз лаҳзаи ҷунбиш дар батни модар инсон эътироф мегардад; як қатор олимони муосир ин лаҳзаро бо ташаккули низоми асаби ҷанин ё бо зуҳуроти аввалини фаъолияти асаб алоқаманд мекунанд; барои дигарон – ин лаҳзаи ба дунё омадани тифл аст. Суратҳои беназире, ки дар маркази насловарӣ ва технологияҳои муосири Лондон соли 2004 таҳия карда шудаанд, имкон доданд, ки нахустин бор маълумотҳои возеҳу аёнӣ оид ба инкишофи ҷанин дар марҳилаҳои гуногуни ҳомиладорӣ ба даст оварда шаванд. Онҳо исбот карданд, ки ҷанини 12 ҳафтаина – амалан инсони ташаккулёфта мебошад, аз 26-умин ҳафта бошад кӯдак дар батни модар тайфи пурраи амалҳои инсониро нишон медиҳад, бо қиёфасозӣ ҳиссиёти гуногуни худро - хушнудӣ, дард, тарс, даҳшат ва ғайраро ифода мекунад[165]. Ин кашфиёт аз аҳаммияти бузург бархӯрдор буда, дар ҳалли масъала оид ба он ки аз кадом лаҳза ҷанин ба инсон табдил мешавад, яъне аз кадом лаҳза ӯ метавонад, чуноне пешниҳод карда мешавад, ба сифати субъекти соҳиби қобилияти ҳуқуқдорӣ баррасӣ карда шавад, аммо айни замон ин масъала мисли пештара ҷавоби ягонаро надорад.

Бояд қайд кард, ки фавти ҷанин (бачапартоӣ) аксаран ҳамчунин дар ҳолати пайдошавии табиии ҳаёти инсонӣ фаро мерасад. Агар дар оянда имкон мешавад сухан оид ба бақайдгирии лаҳзаи пайдоиши кӯдак ба сифати асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар мақомоти сабти асноди давлатӣ бурда шавад, ногузир савол оид ба зарурати бақайдгирӣ ва фавти ӯ дар батни модар ба вуҷуд меояд, ки ба фикри

[165] Ниг.: Лаговский В. Дети в утробе зевают, улыбаются и плачут // Комсомольская правда. – 2004. – 2 июля. – С. 3.

мо, на танҳо хароҷот ва кӯшишҳои бемақсадро талаб мекунад, аммо боз муҳимтар аз он омили осебрасонӣ ба руҳияи зане мегардад, ки тифлро аз даст додааст ва ӯ маҷбур мешавад ин талафро дар ҳуҷҷатҳои расмӣ сабт намояд.

Агар пешниҳод шавад, ки қоидаҳои муайянсозандаи лаҳзаи на танҳо пайдошавӣ, балки қатъи қобилияти ҳуқуқдорӣ низ тағйир дода шавад. Ба сифати далели чунин пешниҳод тасдиқ карда мешавад, ки вобаста ба мазмуни қобилияти ҳуқуқдорӣ, мо мефаҳмем, ки бо марг – бо марги ҷисмонии инсон – ҳаёти ӯ ба маънои ҳуқуқӣ қатъ намегардад, чунки метавонад васиятнома мавҷуд бошад, метавонад шартнома мавҷуд бошад. Боз як омили дигаре, ки ба ақидаи мазкур оид ба идомаёбии «ҳаёти ҳуқуқӣ» (мутобиқан – қобилияти ҳуқуқдорӣ)-и шахси фавтида шаҳодат медиҳад, бояд ҳуқуқҳои муаллифӣ ба асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат бошад, ки бо қонун мустаҳкам гардидаанд.

Дар ин ҳол, андешаи оид ба нигоҳ доштани қобилияти ҳуқуқдории шахси фавтидаро пешниҳод намуда, муаллиф ба худ ихтилоф мекунад, чунки масъала оид ба қобилияти ҳуқуқдории кӯдаки дар батни модар фавтидаро баррасӣ намуда, ӯ қайд мекунад, ки пас аз марги тифли дар батнбуда «ҳама гуна масъалагузорӣ оид ба қобилияти ҳуқуқдорӣ қатъ мегардад. Ин ҳолат худ ба худ ба таври худкор амал мекунад, чунки худи субъект мавҷуд нест». Бо пайгирии мантиқи мазкур, лозим ба ёдоварист, ки айнан ҳамин тавр, «ба таври худкор», бояд «ҳама гуна масъалагузорӣ оид ба қобилияти ҳуқуқдорӣ қатъ гардад» ва пас аз марги инсон, чунки на дар мазмуни ҷисмонӣ ва на дар мазмуни ҳуқуқӣ «худи субъект дигар мавҷуд нест» бинобар ин пешниҳод оид ба эътирофи қобилияти ҳуқуқдории шахсони фавтида беасос, амалисозии он бошад, бе мақсад ҳисобида мешавад.

Проблемаҳои мураккаби сершумор бо муайянсозии лаҳзаи қатъи қобилияти ҳуқуқдорӣ вобаста аст. Солҳои охир, бинобар инкишофи пуравҷи пайвандсозии узвҳо ва бофтаҳои одам, масъала оид ба муайянсозии лаҳзаи марг мубрамии хосро касб намудааст, чунки ҳатто пизишки соҳибтаҷриба на ҳама вақт марҳалаҳои алоҳидаи онро фарқ мекунад (ҳолати пешазҷонканӣ, ҷонканӣ, марги клиникӣ) ва дар натиҷа, метавонад иштибоҳан расидани маргро муқаррар намояд. Илми муосир якчанд намуди маргро эътироф

мекунад – табиӣ, ғайритабиӣ, физиологӣ, патологӣ (пеш аз муҳлат), клиникӣ ва биологӣ. Ғайр аз ин, марг метавонад ҷузъӣ бошад –дар сурате, ки на ҳама узв, балки гурӯҳҳои ҳуҷайраҳо ё ягон узв мефавтад (некрози бофтаҳо) [166].

Тибби муосир ба дараҷаи бағоят баланди инкишоф расида, соҳиби воситаҳои зиёд мебошад, ки имкон медиҳанд, муҳлати ҳаёти шахсони бемор, дар баъзе ҳолатҳо ба муддати тулонӣ тамдид карда шавад (дар таҷрибаи тиббии байналмилалӣ онҳоро истилоҳан беморон меноманд) бо роҳи пайваст намудани таҷҳизоти тиббии мувофиқ тамдид карда шавад. Дар он ҳолатҳое, ки шаҳрванд дар ҳолати беҳушӣ қарор дорад, мумкин аст як қатор масъалаҳои мураккаб ба вуҷуд ояд, ки муҳимтарини он, бешубҳа, масъала оид ба давомёбии нигоҳдории сунъии ҳаёти шахси дар ҳолати марг қарордошта ё оид ба қатъи чорабиниҳои дахлдори тиббӣ мебошад. Ҳамзамон, ҳалалдор гардидани беҳдошти санитарӣ-эпидемиологӣ, байторӣ, фитосанитарӣ, экологӣ  боиси халалдор гардидани амнияти миллӣ ва байналмилалӣ мегардад. Аз  ин хотир,  таъмин ва ҳифзи амнияти биологӣ вазифаи ҳаётан муҳимми давлатҳо ва ҷомеаи ҷаҳон мебошад[167].

Ин проблема солҳои охир объекти таҳқиқоти бодиққат ва муҳокимаи ҳуқуқшиносон, табибон, қишрҳои васеи ҷомеа, тамоми ҷомеаи байналмилалӣ гардидааст. Чунончи, соли 1983 Ассамблеяи тиббии ҷаҳонӣ Эъломия оид ба ҳолати терминалиро қабул кард ва дар он муқаррар гардида буд, ки пизишк уҳдадор аст, аз рӯйи имконият, ҳамаҷониба дарди касалро сабук кунад, ҳама вақт манфиати ӯро ба роҳбарӣ бигирад. Дар баробари ин қайд карда мешавад, ки духтур азоби шахси дар ҳолати марг, дар ҳолати беҳушӣ қарордоштаро тамдид намекунад, бо хоҳиши хешовандони ӯ табобатро қатъ карда, танҳо марги ногузирро ба таъхир меандозад. Чунин мавқеъ дар тавсияҳои махсуси Шурои Аврупо доир ба ҳимояи ҳуқуқ ва шаъну шарафи шахсони бемори бедаво ва вафоткунанда, даъвати давлатҳо ба эътирофи

---

[166] Ниг.: Головастыкова А. Философское содержание категории «жизнь» и ее реализация в праве // Государство и право. – 2005. – № 6. – С. 33.
[167] Ниг.: Шарофзода  Р. Ш. Асосҳои ҳуқуқии амнияти санитарӣ – эпидемиологӣ ва биологӣ / Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе. – 2020. – № 2 (30). – С. 25.

«ҳуқуқи беморон барои худмуайянкунӣ дар робита бо муолиҷаи минбаъда»-ро дар бар мегирад, муқаррар менамояд.

Вале чунин «худмуайянкунӣ» дар ҳолати беҳушии бемори терминалӣ ғайриимкон аст, инчунин нисбати кӯдакони навзод, хурдсолон ва шаҳрвандоне, ки ғайримукаллаф эътироф шудаанд. Дар сурати ҳолати вазнини чунин беморон тибқи м. 33 Асосҳои қонунгузории ФР оид ба ҳимояи саломатии шаҳрванд қарор оид ба идомаи чорабиниҳои тиббӣ доир ба таъмини фаъолияти организмро волидон ё васиёни ӯ қабул мекунанд ва комилан ҳолатҳое имконпазиранд, ки онҳо бо ин ё он сабаб (динӣ, ахлоқӣ ва ғараз) ба қатъи табобат истодагарӣ мекунанд, ҳарчанд оянда надоштани муолиҷаи минбаъда ҳоло номуайян аст. Ин маънои мавҷудияти таноқузи (коллизияи) мураккаби ҳуқуқиро дорад: қобилияти ҳуқуқдорӣ, ки дар қатори дигар ҳуқуқҳои субъективии маданӣ, ҳуқуқ ба ҳаётро дар бар мегирад (дар ҳолати мазкур – барои нигоҳдорӣ, дурусттар, дарозкунии ҳаёт), ки нисбати ҳама, ҳатто шаҳрванди бемори терминалӣ то лаҳзаи охири ҳаёти ӯ эътироф карда мешавад, аммо ҳалли масъала оид ба давомдиҳӣ ё қатъи чорабиниҳои тиббӣ, ки ҳаёташон сунъӣ нигоҳ дошта мешавад, чун қоида, на аз ҷониби шахси дар ҳолати марг қарор дошта, балки аъзои оилаи ӯ қабул карда мешавад[168].

Дар баробари ин бо ақидаи дар адабиёт мустаҳкам гардида оид ба он ки «муайянсозии лаҳзаи таваллуд ва марг мавзуи илми ҳуқуқро ташкил намедиҳанд, чунки сухан оид ба мафҳумҳои тозаи физиологӣ меравад» набояд розӣ шуд[169]. Ин лаҳзаҳо ибтидо ва интиҳои на танҳо ҳаёти биологӣ, балки ҳаёти ҳуқуқии ҳар як шахси воқеӣ, мавҷудияти ӯ ба сифати субъекти мустақил ва баробарҳуқуқро муайян мекунад, бинобар ин тамоми ҷанбаи ҳар як аз проблемаҳои зиёд, ки бо таваллуд ва марги инсон вобаста аст, дар таҳлили дақиқ ва муҳокимаи ҳаматарафа ниёз дорад. Дар ин масъала бояд қайд кард, ки пешниҳодҳои дар боло баррасигардида оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда, ки лаҳзаи пайдошавӣ ва қатъи қобилияти

---

[168] Ҳамон ҷо

[169] Ниг.: Михеев Р.И. Пути научного сотрудничества юристов и медиков на рубеже столетия // Матер. конф. «Медицина и право». – М., 1999. – С. 29.

ҳуқуқдориро муайян мекунад, ҳарчанд бебаҳс низ нест, вале таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунад, чунки онҳо оид ба рағбати корпуси қонунгузорӣ барои такмили ҳамон муқаррароти қонунгузории гражданӣ, ки вазъи ҳуқуқии шахсони воқеиро танзим мекунад ва оид ба мавҷудияти равишҳои нав, ҷолиб ва ғайриқолабӣ ба ҳалли проблемаҳои куҳнаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла проблемаҳое, ки бо таъмини ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон дар ҳамаи давраҳои ҳаёти инсонӣ алоқаманд аст – аз лаҳзаи таваллуд (дар давраи инкишофи дохилибатнӣ) ва дар давраи хотимаёбии он (дар ҳолати терминалии шахсони дар ҳолати марг қарор дошта) шаҳодат медиҳад.

Бо муайянсозии лаҳзаи пайдошавӣ ва қатъи қобилияти ҳуқуқдории маданӣ ҳанӯз тайфи густардаи проблемаҳои бо ҳаммонандкунии ин қоидаҳо дар замон алоқаманд  буда хотима наёфтааст. Солҳои охир бедарак ғоибшавӣ васеъ паҳн гардидааст.

Ин ҳолат, дар навбати худ, якчанд саволро, ки ҳалли худро талаб мекунанд: оид ба реҷаи ҳуқуқии моликияти ба шаҳрванди бедарак ғоибшуда таалуқдошта; оид ба тартиби амалисозии ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайримолумулкии ӯ; оид ба иҷроиши уҳдадориҳои мадании ӯ назди шахсони сеюм; оид ба таъмини кӯдакони ноболиғи ӯ, волидон, ҳамсарон ё дигар шахсони ғайри қобили меҳнат, ки барои кумак ниёз доранд ва ғайра матраҳ месозад. Ҳолати мураккаби дар чунин ҳолат пайдошаванда метавонад бо ёрии як ё ду падидаи ҳуқуқии гражданӣ мутаносибан: бедарак ғоибшуда эътироф намудани шаҳрванд ва фавтида эълон намудани ӯ ҳал карда шавад. Вобаста ба ин саволе оид ба он бармеояд, ки қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд дар давраи бедарак ғоиб будани ӯ ҳеҷ гуна тағйиротро таҳаммул мекунад ё на ва он вобаста аст, аз он ки чунин ғоибшавӣ бо тартиби судӣ муқаррар шудааст.

Ба сифати кафолати роҳ надодани ҳолатҳои эътирофи бедарак ғоибшавии худсаронаи шаҳрванд меъёрҳои қонунгузории мурофиавӣ уҳдадории иштироки прокурорро дар баррасии судӣ аз рӯйи парвандаҳои намуди мазкур мустаҳкам мекунанд, зимнан прокурор метавонад ба сифати аризадиҳанда ба манфиати давлат ё барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон баромад кунад,

агар онҳо бинобар сабабҳои узрнок наметавонанд мустақилона ба суд мурочиат намоянд.

Муҳимтарин пайомадҳои ҳуқуқи мадании бедарак ғоибшуда эътироф намудани шаҳрванд, ки дар интиқол додани моликияти ба ӯ тааллуқдошта ифода карда мешавад ва ба идоракунии доимӣ ниёз дорад, ба идоракунии эътимодноки шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби мақоми васоят ва парасторӣ муайян карда шудааст, инчунин ҷудокунӣ аз ин моликият барои таъмини шаҳрвандон, ки сарпарастии онҳоро шахси бедарак ғоибшуда уҳдадор аст, таъмин намояд ва пардохти қарзи ӯ аз рӯйи дигар уҳдадориҳо дар м. 44 КМ ҶТ мустаҳкам карда шудаанд. Ба дигар пайомадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла қатъи фаъолият, ки ба номи шаҳрванди бедарак ғоибшуда дода шудааст, қатъи шартномаи супориш бо иштироки ӯ ва ғайра тааллуқ доранд.

Ин муқаррароти қонун маънои онро дорад, ки баъзе ваколатҳои ба шахси ғоибшуда тааллуқдошта қатъ мегарданд (узвият дар ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ва ҷамъиятҳо, иштирок дар шартнома оид ба фаъолияти якҷоя ва ғ.); қисмати ваколатҳо нигоҳ дошта мешавад, вале онҳо ба дигар шахсон гузаронида мешаванд, ки бо қонун ё аз ҷониби мақоми васоят ва парасторӣ муайян карда шудаанд, баъзе ҳуқуқҳои субъективии шаҳрванд, ки бедарак ғоибшуда эътироф шудааст, мустақилона аз рӯйи макони буду боши худ амалӣ месозад (агар ӯ зинда бошад), вале дар баробари ин қобилияти ҳуқуқдории ӯ ҳамчун қобилияти доштани ҳуқуқ ва уҳдадорӣ дар ҳаҷми пурра нигоҳ дошта мешавад.

Як қатор проблемаҳо бинобар фавтида эълон намудани шахс ба вуҷуд меояд. Чуноне ки маълум аст, қарори судии ба қувваи қонунӣ даромада оид ба фавтида эълон намудани шаҳрванд асос барои ворид намудани сабт ба китоби бақайдгирии давлатии марг оид ба марги шаҳрванд мегардад. Мутобиқи м. 28 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» дар ин ҳолат рӯзи марги шаҳрванд рӯзи ба қувваи қонун даромадани қарори суд ё аз ҷониби суд муқаррар намудани рӯзи марг, агар шаҳрванди фавтида эълонгардида, дар ҳолатҳое ғоиб шудааст, ки нисбаташ таҳдиди марг буд ё фароҳамкунандаи асосҳо оид ба марги ӯ дар ҳолатҳои муайяни мусибат, дониста мешавад. Ин

муқаррароти қонун боз ба ҷудокунии истилоҳотии баррасишаванда меорад: мутобиқ ба бақайдгирии давлатӣ қонунгузор мафҳуми «рӯз»-ро истифода мебарад, ҳарчанд зоҳиран, қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд на дар рӯзи ба қувваи қонун даромадани қарори суд қатъ гардид, баръакс дар ҳолате, ки марги ӯ ба миён омад (эҳтимол, якчанд сол то баррасии судӣ).

Пайомадии ҳуқуқии мадании фавтида эълон намудани шаҳрванд бо марги биологии ӯ айният дорад, ки бо қонунгузории маданӣ қайд карда мешавад, вале ин айният маънои онро надорад, ки ба қувваи қонун даромадани қарори суд ҳамзамон боиси қатъи қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсе, ки фавтида эълон шудааст, мегардад, зимнан на танҳо барои он ки қобилияти ҳуқуқдории ӯ бевосита ҳангоми марги шаҳрванд қатъ гардидааст.

Қарори суд презумпсияро муқаррар мекунад, вале на воқеияти маргро ва фарзан имкон аст, ҳарчанд каманд ҳолатҳое, ки шаҳрванди фавтида эълон гардида, зинда бошад. Ба назари аввал, масъала оид ба қобилияти ҳуқуқдории мадании ӯ дар ин ҳолат одӣ ҳал карда мешавад: дар ҳолати дар ҳаёт будан, вале барои ҳамаи хешовандон, наздикон ва шиносон фавтида эълон гардида, шаҳрванд чун пештара метавонад ҳуқуқҳои субъективии худро амалӣ созад, ки мазмуни қобилияти ҳуқуқдориро вобаста ба макони мавҷудияти худ ташкил медиҳад, бинобар ин дар ин ҳолат барқарор намудани қобилияти ҳуқуқдорӣ талаб карда намешавад.

Вале чунин ҷавоб наметавонад ҳолати ғайриодиро фаҳмонад, таноқузи (колизияи) мураккаби ҳуқуқиро ҳал намояд: дар як вақт ва ҳамон фард зинда мебошад, яъне иштирокчии қобилияти ҳуқуқдори муомилоти маданӣ ва фавтида аст, ки марги ӯ бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифта шудааст, ба қатъи ҳамаи муносибатҳо бо иштироки ӯ оварда расонидааст. Дар ҳолати мазкур «таҷзия», «дугонашавӣ»-и ҷавҳари ҳуқуқии ӯ ҷой дорад. Бартараф намудани чунин дугонашавӣ мумкин аст танҳо барои оянда, бо роҳи истифодаи механизми бо қонун пешбинигардида, ки имкон медиҳад шаҳрванди фавтида эълонгардида аз нестии ҳуқуқӣ ба ҳолати зинда будан гузаронида шавад[170], аммо масъала оид

[170] Ниг.: Гражданское право: учебник: в 2 т.: т. 1. // отв. ред. Е.А, Суханов, 2-еизд., перераб.идоп. – М., 2000. – С. 162.

ба он, ки чӣ тавр қобилияти ҳуқуқдории маданӣ ва марги ҳуқуқии як шахс ба ҳам мутобиқ карда шавад, кушода мемонад.

Бояд қайд кард, ки номуайянии ҳуқуқӣ вобаста ба лаҳзаи марги шаҳрванд боз дар ду ҳолат метавонад ҷой дошта бошад: дар сурати муқарраркунии воқеияти бақайдгирии марг ва дар ҳолати муқаррарсозии воқеияти марги шахс дар вақти муайян ва дар ҳолатҳои муайян. Тафовути байни ин ниҳодҳо дар он зоҳир мегардад, ки: муқарраркунии судии воқеияти марг зарур аст, дар он ҳолатҳое, ки агар арзадиҳанда шаҳодатнома оид ба марги пештар додаашро гум кардааст, мақоми САҲШ бошад оид ба додани нусхаи такрории он рад мекунад, муқарраркунии воқеияти марги шахс дар вақти муайян ва дар ҳолатҳои муайян зарур аст, ё дар ҳолати аз ҷониби арзадиҳанда гузаронидани мӯҳлати бо қонун муқарраргардидаи муроҷиат ба мақоми САҲШ, ё дар он ҳолатҳое, ки мақоми САҲШ бақайдгирии воқеияти маргро бинобар дар арзадиҳанда мавҷуд набудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ рад мекунад. Дар маҷмуъ, ин падидаҳо бисёр наздиканд, чунки онҳо барои тасдиқи ҳуҷҷатии воқеияти марги шахс пешбинӣ карда шудаанд, ки нисбати он арзадиҳанда шубҳа надорад. Вале агар дар ҳолати аввал зарур ва кофӣ аст бойгонии САҲШ санҷида шавад, дар ҳолати дуюм муроҷиаткунанда бояд хоҳиши худро бо истинод ба далелҳо асоснок кунад, бо саҳеҳии шаҳодаткунанда оид ба марги шахс дар ҷойи муайян ва дар ҳолати муайян, бояд исбот кунад, ки марги шаҳрванд бе шакку шубҳа аст.

Мувофиқан ба муаммои баррасишаванда ин маънои онро дорад, ки чун дар мавриди фавтида эълон намудани шаҳрванд, қобилияти ҳуқуқдории ӯ ҳеҷ гуна аз қарори қабулкунандаи суд ва амалҳои минбаъдаи мақоми САҲШ вобаста нест. Барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи марги шаҳрванд, наметавонад ба қобилияти ҳуқуқдории ӯ таъсир расонад, ки он ё ҳангоми марги ӯ қатъ гардидааст, ё дар ҳаҷми пурра нигоҳ дошта шудааст, агар шаҳрванд зинда монда бошад, ҳарчанд асосҳои эътиборноки марги ӯ мавҷуд аст. Ҳамин тавр, қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун қоидаи ҳуқуқӣ, бо ҳаёти шаҳрванд робитаи ногусастанӣ дорад ва ҳамчунин ҳаёт, як маротиба ба вуҷуд меояд ва як маротиба қатъ мегардад.

Ҳамаи гуфтаҳои боло имкон медиҳад, ки хулосаҳои зерин тасвият карда шавад:

1. Таҳлили қонунгузории амалкунанда оид ба ғайримақсаднок будани ворид намудани тағйирот оид ба муайянкунии он ки қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ аз лаҳзаи бавуҷудоии ҷанин пайдо мешавад, шаҳодат медиҳад. Якум, лаҳзаи пайдошавии ҷанин ба муайянсозии аниқ ниёз надорад; дуюм, ҷавоби ягона ба саволи ин, ки аз кадом лаҳза ҳаёти инсон пайдо мешавад, вуҷуд надорад; сеюм, ҳолате нораво аст, ки дар раванди он шаҳрвандон ба ҳайси субъектони ҳуқуқ дар ҳолатҳои гуногун ба қайд гирифта мешаванд: ё ба сифати ҷанин, ё ба сифати тифли навзод;

2. Ба андозаи муайян, нуқтаи назари дар адабиёт муҳокимашаванда оид ба эътирофи қобилияти ҳуқуқдории шахсони фавтида ҳамчунин ғайримақсаднок ва бе асос ҳисоб карда мешавад. Қабули ин пешниҳод ҳеҷ гуна проблемаи амалиро ҳал намекунад, баръакс, комилан расмиёти даъвати меросгиронро ба мерос тибқи қонун ва васиятнома мураккаб мекунад ва ҷараёни аз ҷониби онҳо амалисозии ҳуқуқҳои меросиро мушкил мекунад. Он наметавонад ба ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони фавтида мусоидат кунад, чунки шахси фавтида, яъне субъекти мавҷуднабуда ҳеҷ гуна ҳуқуқ, зиёда аз ин, қобилияти ҳуқуқдорӣ дошта наметавонад;

3. Қарори суд оид ба фавтида эълон намудани шаҳрванд ё оид ба муқарраркунии воқеияти фавти шахс дар макони муайян ва аз ҳолати муайяни мусибат, инчунин оид ба муқаррарсозии далели бақайдгирии марг ба қобилияти ҳуқуқдории ӯ таъсир намерасонад, ки ё дар лаҳзаи марги ӯ қатъ гардидааст, ё дар ҳаҷми пурра нигоҳ дошта шудааст, агар шаҳрванд зинда бошад. Ин маънои онро дорад, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳамчун қоидаи ҳуқуқӣ, аз ҳаёт ҷудонопазир аст, ки қоидаи биологӣ мебошад ва ба он монанд, ӯ як маротиба дар лаҳзаи таваллуди шаҳрванд ба вуҷуд меояд ва як бор дар лаҳзаи марги ӯ қатъ мегардад;

4. Ҳангоми фавтида эълон намудани шаҳрванд таноқузи (коллизияи) мураккаби ҳуқуқӣ пайдо мегардад: як фард ҳам зинда аст, яъне иштирокчии қобилияти ҳуқуқдори муомилоти маданӣ ва фавтида аст, ки марги ӯ, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифта шудааст, ба қатъи ҳамаи муносибатҳои

ҳуқуқӣ бо иштироки ӯ оварда расонидааст. Ин маънои “тақзия”,”дугонагии” ҷавҳари ҳуқуқиро дорад. Бартараф кардани чунин дугонагӣ мумкин аст дар оянда амалӣ карда шавад, албатта бо ёрии истифодабарии механизми бо қонун пешбинигардидаи имкондиҳандаи “гузаронидани” шаҳрванд аз ҳолати нестии ҳуқуқӣ” ба ҳолати зинда будан”

5. Вобаста ба манфиати устуворсозӣ ва пойдории муомилоти маданӣ, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии иштирокчиёни он лозим аст, мухлате, ки барои фавтида эълон намудани шахс зарур аст (қ. 1 м.46 КМ ҶТ) бетағйир нигоҳ дошта шавад, чунки бо имконниятҳои муосири иртибототӣ мухлати сесола кофӣ аст, ки шаҳрванд аъзои оилаи худ ва дигар шахсонро оид ба ҷойи будубоши худ огоҳ намояд.

Танзими меъёрии муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бо тавсифоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаи ҷаҳонӣ дар давраи муосири инкишофи таърихӣ ҳамчун низоми томи органикӣ, ки бағоят аз ҷамъияти шуравӣ фарқ мекунад, робитаи ногусастанӣ дорад. Ин тафовут дар танзими ҳуқуқии граждании вазъи шахси воқеӣ равшантар зоҳир мегардад, ки мавриди тағйироти муҳим қарор гирифтааст, чунки дар Конститутсияи ҶТ, КМ ҶТ ва як қатор қонунҳо аввалин маротиба як қатор комплекси меъёрҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам карда шуд, ки аз рӯйи дидгоҳи нав, дар руҳияи меъёрҳои беҳтарини аврупоӣ ва ҷаҳонӣ ченакҳои муҳимми қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандро муайян мекунанд.

Аммо, дар ин ҳол, муҳтавои қобилияти ҳуқуқдорӣ дар КМ ҶТ, амалан ба мисли КГ ҶШС Тоҷикистон: ҳамчун қобилияти доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ муайян карда мешавад. Иловаи ягона – феъли «ба зимма доштан» мутобиқан ба уҳдадорӣ, ки тафовути усулии онҳоро аз ҳуқуқ нишон медиҳад: ҳуқуқро доро мебошанд, уҳдадориро ба зимма доранд. Дар баробари ин, ҳеҷ як уҳдадории субъективиро тибқи м. 19 КМ ҶТ қонунгузор дар натиҷа номбар накард, чунки дар меъёри мазкур танҳо ҳуқуқ мустаҳкам карда шудааст, тасаввуроте пайдо мешавад, ки мазмуни қобилияти ҳуқуқдории маданӣ бо ин ҳуқуқҳо хотима меёбад, дар навбати худ ба мафҳуми он ихтилоф дорад.

Робитаи ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳамаи иштирокчиёни муомилоти мадании мустаҳкам аст. Чуноне О.С. Иоффе қайд карда буд: «аз ҷониби шахсони уҳдадор риоя гардидани рафтори ба онҳо муқарраргардида барои аз ҷониби ваколатдор содир намудани ҳаракатҳои иҷозатдодашуда зарур аст», бинобар ин м. 19 КМ ҶТ-ро зарур аст бо нишон додани ақаллан уҳдадориҳои муҳимми маданӣ такмил дод, аз ҷумла уҳдадории содир накардани амалҳое, ки боиси поймол гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии дигар шахсон мегардад; ба таври лозимӣ иҷро намудани уҳдадориҳои ба зиммаи худ гирифта; ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ба миён омадаанд; бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ё моликияти шаҳрванд ва моликияти шахсони ҳуқуқӣ расонида шудааст. Дар баробари ин муайянсозии қонунии мазмуни қобилияти ҳуқуқдории маданӣ хусусияти қонунӣ мегирифт ва моҳияти ҳуқуқии онро ифода мекард.

Аммо, чуноне В.Ф. Яковлев қайд мекард, «нуктаи асосӣ дар қобилияти ҳуқуқдорӣ, ки ба дараҷаи аввал мебарояд – ин хусусияти ҳуқуқдиҳандагии ӯ мебошад, зеро, якум, он худ натиҷаи танзими ҳуқуқдиҳӣ мегардад, ҳуқуқи умумии субъектро нишон медиҳад; дуюм, он дар худ имкониятҳои ҳуқуқии бадастоварии ҳуқуқҳои субъектии мушаххасро ҳамчун воситаи қонеъсозандаи талабот дорад»[171]. Ин сифати қобилияти ҳуқуқдориро тавсиф намуда, лозим ба ёдоварист, ки дар солҳоиислоҳоти ҳуқуқӣ равиши қонунгузор ба муайянсозии мазмуни қобилияти ҳуқуқдорӣ тағйироти муҳимро касб намуд. Таълимоти шуравии сотсиалистӣ, ки ба давлат имкониятҳои васеъ медод, на ба фард, қайд мекард, ки ҳуқуқҳои дастаҷамъии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нисбат ба ҳуқуқҳои хусусии шаҳрванд афзалият доранд ва муносибати шаҳрванд бо давлат бояд дар доираи усули ғамхории давлат ва қарз аз ҷониби шаҳрванд сохта шавад, бинобар ин уҳдадориҳои онҳо ҳамеша назар ба ҳуқуқҳои онҳо афзалият доштанд.

Дар миёни ваколатҳои нав ва ба даври назаррас васеъгардида якум дар м. 19 КМ ҶТ номбар гардидааст, ки ҳуқуқ ба доштани молу мулки бо ҳуқуқи

[171] Ниг.: Яковлев В.Ф. Гражданско-правовой метод регулирования общественных отношений. 2-е изд., доп. – М, 2006. – С. 103; Глухарева Л.И. Права человека в современном мире. – М., 2003. – С. 253.

моликияти хусусӣ, зимнан, дар тафовут аз қонунгузории шуравӣ, ки сирфан ҳайатро маҳдуд намуда, миқдори амволро танзим мекард ва он мумкин буд ба шаҳрванд ва аъзои оилаи ӯ тааллуқ дошта бошад, дар КМ ҶТ муқаррароти тамоман нав оид ба он ки ба шаҳрвандон мумкин аст ҳама гуна моликият тааллуқ дошта бошад, ба истиснои намудҳои алоҳидаи моликият, ки бо қонун муайян карда шудаанд ва шумораи он ва арзиши он маҳдуд намегардад, ба истисноли ҳолатҳое ки, агар чунин маҳдудкунӣ бо қонун пешбинӣ шуда бошад, мустаҳкам карда шудааст.

Аз ин муҳимтар бояд эътироф кард, ки ба шаҳрвандон додани ҳуқуқи аз рӯйи салоҳдиди худ нисбат ба моликияти ба онҳо тааллуқдошта содир намудани ҳама гуна амале, ки ба қонун хилоф нестанд ва ҳуқуқу манфиатҳои дигар шахсонро поймол намекунанд, аз ҷумла истифодаи он барои бадастоварии фоида ҳангоми амалисозии намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ин муқаррароти усулӣ аз манъкунии тамоми давраи шуравӣ амалкунии истифодаи молу мулки манқул ва ғайриманқули ба шаҳрванд тааллуқдошта барои бадастоварии даромадҳои ғайримеҳнатӣ зери хатари мусодираи он фарқ мекунад. Имкониятҳои нави ҳуқуқӣ, барои шаҳрвандон, вобаста ба навигариҳои номбурда фароҳам мешаванд, аз ин рӯ, дар доираи таҳқиқоти мазкур мувофиқи мақсад аст танҳо нисбат ба проблемаҳои алоҳида – амалисозӣ, ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқи моликият таваққуф намоем.

Тағйирот ва иловаҳои назаррасро ҳамчунин ҳуқуқи меросгирӣ ва васияти амвол касб намудааст. Ба зумраи навовариҳои муҳимми ҳуқуқи меросӣ бояд густариши бесобиқаи доираи ворисон тибқи қонун дохил карда шавад; ворид намудани таркибҳои нави меросӣ – «мероси пӯшида» ва «мерос дар ҳолатҳои фавқулода»; муқаррарсозии қоидаҳое, ки вижагиҳои мероси намудҳои алоҳидаи моликиятро муқаррар мекунанд, ки онҳо дар давраи шуравӣ объекти ҳуқуқи моликияти шаҳрванд буда наметавонистанд ва мувофиқан наметавонистанд бо тартиби варосати меросӣ ва ғайра гузаронида шаванд. Тағйиру иловаҳои ба ҳуқуқи меросӣ ворид кардашуда, дар адабиёти ҳуқуқӣ фаъолона муҳокима карда

мешаванд, вале бо вуҷуди мавҷудияти ҳамаи нуқтаи назари гуногун дар арзёбии онҳо, бешубҳа, ин навгониҳо бевосита имкониятҳои ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистонро дар соҳаи мазкур васеъ намуданд.

Бештар аз ҳама мазмуни муҳимро мустаҳкамнамоии қонунии ҳуқуқи шаҳрванд барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти бо қонун манънагардида, пайдо кард. Ба андозаи пурра ин ваколат метавонад танҳо ба сифати мавзуи пажӯҳишҳои мустақилонаи илмӣ кушода дода шавад, ки солҳои охир комилан фаъол гардидаанд[172], бинобар ин дар доираи таҳқиқоти зерин мумкин аст бо тавсифи мухтасари он маҳдуд шавем. Айни замон муҳтавои ин ҳуқуқ, шароит ва вижагиҳои татбиқи он, ҳимояи он дар КМ ҶТ, инчунин дар як қатор қонунҳои амалкунанда мустаҳкам карда шудаанд. Чунин танзими дақиқ ва ҳаматарафаи қонунӣ воқеан зарур аст, чунки татбиқи амалии ҳуқуқ аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ ба амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ дар бисёр ҳолат аз дақиқӣ ва мукаммалии қонунҳо вобаста аст, ки муносибатҳоро дар ин соҳа танзим мекунанд.

То ҳадди муайян ҳамчунин муқаррароти қонунгузорӣ иваз гардид, ки ҳуқуқи содиркунии ҳама гуна аҳдҳои ба қонун хилофнадошта ва иштирок дар уҳдадориро пешбинӣ мекунад. Қонунгузор зоҳиран доираи чунин аҳдҳоро васеъ намуд, ба зумраи онҳо таркибҳои ҳуқуқии пештар татбиқшавандаро ворид намуда, аз ҷумла – хусусигардонӣ, дар навбати аввал – биноҳои истиқоматӣ, ки ба туфайли он ҳазорон шаҳрвандони Тоҷикистон аввалин маротиба ҳуқуқи моликиятро ба манзили истиқоматии худ пайдо карданд. Асосҳои назариявӣ ва зарурати амалии мустаҳкамнамоии онҳо дар асарҳои бисёре аз олимони ватанӣ коркард ва асоснок карда шуданд, аз ҷумла, дар асарҳои В.В. Меркулов[173], ки ҳаматарафа нақши онҳоро дар механизми муносибатҳои молию пулӣ дар давраи муосир таҳлил намуд.

---

172 Ниг.: Аксенчук Л.А. Гражданско-правовое положение индивидуального предпринимателя в сфере управления чужим имуществом: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2002. – С. 12; Чернятъев К. В. Оптимизация правового регулирования индивидуального предпринимательства в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 9 .

173 Ниг.: Меркулов В.В. Гражданско-правовой договор в механизме товарно-денежных отношений. – Рязань, 1994. – С. 53.

Ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ки дар Конститутсия эълон гардидааст, ба таври тааҷҷубовар аз номгӯи ҳуқуқ ва озодиҳои таркиби шуравидошта фарқ мекунад. Ин тафовут тақрибан ҳамаро дар бар мегирад: феҳристи ҳуқуқ, тасвияти он ва ҳатто ҷобаҷокунии он дар матни Конститутсия, чунки аввалин маротиба, ҳамчун аломати қабули анъанаҳои кишварҳои хориҷӣ ва арзишҳои конститутсионализм муаллифони Конститутсия дар боби ҳуқуқ ва озодиҳо ба ҷойи аввал ҳуқуқҳои шахсиро гузоштанд, ба ҷойи дуюм – сиёсӣ ва танҳо ба ҷойи сеюм – ҳуқуқҳои иҷтимоӣ-иқтисодиро ва якуми он ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ номида шудааст.

Муқаррароти конститутсионӣ, дар навбати худ, асоси м. 166 КМ ҶТ гардид, ки байни неъматҳои ғайримоддии шаҳрвандони ҶТ ҳаёт ва саломатӣ, эътибори шахсият, бехатарии шахсӣ, шарафу номус ва ном, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, ҳуқуқи озодии ҷойивазкунӣ, интихоби макони будубош ва зиндагӣ, ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқ ба муаллифӣ, дигар ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ, ки ба шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуд дар асоси қонун тааллуқ дорад. Ҳар яке аз неъматҳои номбурда – на таркиби ҳуқуқии абстрактӣ, балки яке аз шартҳои зарурии муҳим барои мавҷудияти тамомарзиши инсон, амалисозии бомуваффақияти захираи билқувваи ақлонӣ, эҷодӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонии ҳар як шахс мебошад, бинобар ин давлатҳои пешрафта ва миллатҳо, ҳама ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳуқуқҳои шахсии инсон, эҳтироми он ва риояи онро ба сифати мақсади олии худ, асоси инкишофи прогресивӣ ва нашъунамо, заминаи шарти муқаддимавии устуворӣ ва мустаҳкамии давлат медонанд.

Қайд гардида буд, ки бисёре аз ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ, ки дар қонунгузории амалкунанда мустаҳкам карда шудааст, дар замони шуравӣ эътироф намегардиданд, чун қоида, барои он ки онҳо ба идеологияи ҳизби ҳоким мувофиқ намеомад, ба таълимоти сотсиалистӣ бо эълони афзалияти манфиатҳои давлатӣ, синфӣ, дастаҷамъӣ нисбат ба манфиати шахсияти алоҳида мутобиқ набуданд, бинобар ин муқаррароти баррасишаванда оид ба қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсони

вокеӣ дар маҷмуъ сатҳи нави инкишофи қонунгузории миллии намунаи беҳтарини аврупоӣ ва ҷаҳонӣ мебошад.

Густариш додани муҳтавои қобилияти ҳуқуқдории маданӣ ҳам дар соҳаи амволӣ ва ҳам ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шахсӣ бағоят фазои ҳуқуқиро васеъ кард, ба шаҳрвандони Тоҷикистон имкониятҳои нави пештар маълумнабудаи ҳуқуқиро пешниҳод намуд ва аҳаммияти таърихии чунин навоварӣ ҳам ба шаҳрвандони алоҳида ва ҳам барои ҳамаи ҷомеаи Тоҷикистон фавқулода бузург мебошад. Аммо таҳлили муқоисавии гузаронидашуда, имкон дод баъзе таноқузҳо (коллизияҳо) ошкор карда шаванд, ки танзими ҳуқуқии онҳо бомуваффақият дар Кодекси граждании шӯравӣ муқаррар шуда буд. Сухан, аз ҷумла, оид ба чунин ҳуқуқи субъективии муҳим, ҳуқуқ ба дахлнопазирии тасвири шаҳрванд меравад.

Пайдо кардани тавзеҳ эзоҳ ба мавҷуд набудани муқаррароти мувофиқ дар қонунгузории амалкунанда мушкил аст, ҳарчанд ки зарурати ҳимоя ва ҳифзи ин ҳуқуқи субъективӣ солҳои охир мазмуни нав пайдо кардааст, бебаҳс аст, ки бо воқеияти давраи шуравӣ қобили қиёс нест. Боз як масъалаи муҳим, ки таърихи қадима дорад: ҷойгоҳи ҳуқуқ ба ҳимоя дар муҳтавои қобилияти ҳуқуқдории маданӣ кадом аст? Истилоҳи мазкур нахустин бор аз ҷониби В.П. Грибанов ворид карда шуд, ки онро ҳуқуқи субъективии мустақил медонист ва имконияти ҳуқуқии мустаҳкамгардидаи шахси ваколатдор оид ба истифодаи чораҳои махсуси хусусияти ҳифзи ҳуқуқидоштаро муқаррар мекард. Мавқеи мазкурро Г.А. Свердлик, Э.Л. Страунинг ва дигарон дастгирӣ мекунанд, вале боз муаллифони зиёде ҳастанд, ки ҳуқуқи мазкурро ба сифати унсури зарурии ҳуқуқи субъективӣ баррасӣ мекунанд (С.Н. Братус, В.В. Долинская, О.С. Иоффе ва дигарон).

Таҳлили муқоисавии ин самтҳо, аз ҷумла, аз ҷониби Е.М. Тужилова-Орданской гузаронида шуд, ки дар навбати худ, ҳуқуқ ба ҳимояро ҳамчун унсури ҳуқуқи субъективии маданӣ баррасӣ мекунад, қайд кардааст, ки мавқеи мазкур аз ҷониби бисёре аз олимони муосир дастгирӣ карда мешавад.[174]

---

[174] Ниг.: Тужилова-Орданская Е.М. Является ли самостоятельным «право на защиту» // Современные проблемы публично-правового и частноправового регулирования: теория и практика: материалы междунар. науч.-практ.

Ба мубоҳисаи мазкур дода нашуда, бояд қайд кард, ки табиати ҳуқуқии ҳуқуқи мазкур чунон амиқ ва вижа аст, ки он наметавонад танҳо ба яке аз ҳуқуқдорӣ дар хайати ҳуқуқи субъективӣ бурда шавад. Вобаста аз ҳолати муайян ҳуқуқ ба ҳимоя метавонад шаклҳои гуногунро касб намояд ва ҳамчун ҳуқуқи субъективии мустақил баромад намояд, ки бо як қатор санадҳои байналмилалӣ, Конститутсияи ҶТ ва қонунҳо, унсури вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни муомилоти гражданӣ ва ҳамчун ҳуқуқи мутлақ пешбинӣ карда шудааст. Чунин тавзеҳоте, ки Г.Л. Свердлик ва Э.Л. Страунинг пешниҳод намудаанд, дурустии табиати беназири ҳуқуқ ба ҳимояро ифода мекунад, ки бе таъмини зарурии он ҳама дигар ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ қувваи ҳуқуқии худ ва қобилият ба амалисозии лозимии худро гум мекунанд ва ба эъломия, ҳарзаи ҳуқуқӣ табдил меёбанд.

Ҳама гуфтаҳои боло имкон медиҳад, хулосаҳои зерин пешниҳод карда шаванд:

1. Танзими меъёрии муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ бо тавсифоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун низоми томи органикӣ зич алоқаманд мебошад, ки ба таври назаррас аз ҷомеаи шуравӣ фарқ мекунад. Ин тафовут бештар дар танзими вазъи ҳуқуқии мадании шахсони воқеӣ ифода мегардад, ки ба тағйиротҳои куллӣ дучор шуд ва моҳиятан тасаввуроти қонуниро оид ба муҳтавои қобилияти ҳуқуқдорӣ васеъ намуд ва нисбат ба шаҳрвандони Тоҷикистон имкониятҳои нави ҳуқуқиро эътироф намуд, ки миқёс, маъно ва мазмуни онҳо бо ҳамин гуна ваколатдории шаҳрвандони шуравӣ қобили муқоиса нест;

2. Муҳтавои қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ айни замон амалан ҳамаи тайфи ҳуқуқҳои субъективии маданиро дар бар мегирад, ки дар санадҳои муҳимми байналмилалӣ пешбинӣ карда шудаанд, аммо, на ҳамаи онҳо дар андозаи пурра амалӣ мегарданд. Ҷунончи, шароити зарурӣ барои татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрванд барои ҳаёти сазовор ташкил нашудаанд. Чун вай аз рӯйи

конф., посвященной памяти доктора юридических наук, профессора Орданского Марка Семеновича. – Уфа, 2005. – С. 175-179.

табиати худ иҷтимоӣ-иқтисодӣ аст, таъсири муайянеро ба соҳаи қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсони воқеӣ мерасонад, чунки номутобиқатии сатҳи зиндагии шаҳрвандони Тоҷикистон бо тасаввуроти муосир оид ба зиндагии сазовор онҳоро аз имконияти амалисозии бисёр ҳуқуқҳои муҳтавои онро ташкилкунанда маҳрум мекунад;

3. Баҳси куҳнаи байни тарафдорони назарияи қобилияти ҳуқуқдории статикӣ ва динамикӣ метавонад аз мавқеи инъикоси он дар муҳтавои қоидаи фалсафии таҷридӣ (абстрактӣ) ва муайян ҳалли худро пайдо кунад. Ба сифати имконияти таҷридӣ (абстрактӣ) қобилияти ҳуқуқдорӣ воқеан ҷанбаи статикӣ дорад, ки барои ҳамаи иштирокчиёни муомилоти маданӣ бетағйир ва баробар боқӣ монда, аммо мутобиқан ба субъектони мушаххас қобилияти ҳуқуқдорӣ хусусияти равшани динамикиро ба даст меорад;

4. Масъала оид ба моҳияти ҳуқуқии яке аз ҳуқуқҳои мадании муҳим – ҳуқуқ ба ҳимоя ҷанбаи баҳснок дорад. Табиати ҳуқуқии он чунон гуногун аст, ки он наметавонад танҳо ба як ҳуқуқдории ҳайати ҳуқуқи субъективӣ маҳдуд карда шавад. Вобаста аз ҳолати мушаххас ҳуқуқ ба ҳимоя метавонад ҳамчун ҳуқуқи субъективии мустақил, ҳамчун ҳуқуқи мутлақи иштирокчиёни муомилоти гражданӣ ва ҳамчун унсури вазъи ҳуқуқии онҳо баромад кунад. Чунин шарҳу тафсир табиати беназири ҳуқуқ ба ҳимояро ифода мекунад, ки бидуни он ҳамаи дигар ҳуқуқҳои субъективӣ аз эътибори ҳуқуқии худ маҳрум мегарданд ва бо ин ба эъломия, дурусттар ба ҳарзаи ҳуқуқӣ табдил меёбанд;

5. Дар м. 19 КМ ҶТ уҳдадориҳои субъективӣ ифодаи худро наёфтааст, ки унсури ҳатмии қобилияти ҳуқуқдорӣ мебошад, бинобар ин меъёри мазкурро бояд бо қисми дуюми он илова кард: «2. Шахсони воқеӣ уҳдадоранд аз кирдорҳои ҳуқуқ ва манфиатҳои дигар шахсонро вайронкунанда худдорӣ намоянд; ба таври дахлдор уҳдадориҳои ба зиммаи худ гирифтаро иҷро намоянд; зарарҳои аз иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро накардани уҳдадориҳои худ онро ҷуброн намоянд; бо тартиби муқаррарнамудаи қонун, зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд ё моликияти шахсони ҳуқуқӣ

расонида шудааст, ҷуброн намоянд; дигар уҳдадориҳои бо қонун ё шартнома пешбинигардидаро иҷро намоянд».

## 2.2. Масъалаҳои мубрами ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ дар таркиби қобилияти ҳуқуқдории мадании шахсони воқеӣ

Мафҳум ва аломатҳои ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ, намудҳои он, низом, мазмун, вижагиҳои мустаҳкамнамоӣ, амалисозӣ ва ҳимояи он дар асарҳои бисёр сивилистони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст, аз ҷумла чунин олимони маъруф, ба мисли И. Ҳ. Бобоҷонзода, Т.Ш. Тағойназаров, Ш.К. Ғаюрзода, Л.О. Красавчиков, М.К. Малеина, К.Б. Ярошенко ва дигарон, ки ба туфайли онҳо ниҳоди мазкури ҳуқуқии маданӣ асоснокии басо амиқи назариявии худро пайдо кард, бинобар ин, дар таҳқиқоти ҳозир танҳо баррасии проблемаҳои муҳимми илмӣ ва амалии ба мавзуи мазкур дахлдошта мувофиқи мақсад мебуд.

Албатта, дар низоми ҳуқуқҳои субъективии шахс ҳуқуқ ба ҳаёт ҷойгоҳи марказиро ишғол мекунад. Ҳаёт – неъмати муҳим ва арзишноктарини ғайримоддӣ мебошад, ки шарти зарурӣ барои дар шахс пайдо гардидани ҳамаи дигар ҳуқуқҳои субъективӣ ва барои ба ӯ мутааллиқ будани ҳам арзишҳои моддӣ ва ҳам ғайримоддӣ мегардад, чунки доштани неъмат ва ҳуқуқ мумкин аст, танҳо дар шароите, ки агар шахс зинда бошад: «сифати ҳуқуқии субъекти ҳуқуқ аз ҳастии ҷисмонии шахсияти инсон ҷудонашаванда аст»[175]. Хусусияти махсуси ҳуқуқ ба ҳаёт бо беназирии ҳаёт ҳамчун объекти он муайян гардида, дар як қатор вижагиҳои он ифода меёбад.

Якум, дар тафовут аз дигар ҳуқуқҳои субъективӣ, ҳуқуқ танҳо ба ҳаёт як маротиба ба вуҷуд меояд ва дар сурати як маротиба аз даст додан, на барқарор карда мешавад ва на аз нав ба даст оварда мешавад. Ҳар гуна ҳаёт бо марг хотима меёбад, бинобар ин, ҳуқуқ ба ҳаёт ҷанбаи муваққатӣ дошта,

[175] Ниг.: Покровский И.А. Основные проблемы гражданского права. – М., 1998. – С. 120.

бо чаҳорчӯбаи ҳаёти мушаххас маҳдуд карда шудааст. Ин муқаррарот дар қонунгузории мадании ФР қайд карда шудааст, ки муқаррар менамояд ба сифати меросхӯрон шахсоне баромад карда метавонанд, ки «дар қайди ҳаётанд». Ин мафҳум ба ҳамаи дорандагони ҳуқуқҳои субъективӣ паҳн мегардад, чунки «шарти мазмуни ҳуқуқии инсон мавҷудияти ҷисмонии ӯ аз таваллуд то марг мебошад»[176].

Дар ин ҳол ҳуқуқ ба ҳаёт аз ҳама ҳуқуқи субъективии зудшикани беҳимоя мебошад, чунки воситаҳои ҳуқуқии ҳимояи он аз бемориҳо, маъюбӣ, куҳулат ва дигар ҳолатҳое, ки ба марг мерасонанд, вуҷуд надоранд. Дар он ҳолатҳое ки, агар вайрон кардани ҳуқуқ ба ҳаёт натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ мегардад, натиҷаи вайрокунӣ – марги шахс худ ба худ ӯро аз имконияти талаби татбиқи ягон намуд муҷозоти бо қонун пешбинигардида нисбат ба ҳуқуқвайронкунанда маҳрум мекунад ва ин маънои онро дорад, ки ҳуқуқ ба ҳаёт – ягона ҳуқуқи субъективие мебошад, ки вайрон намудани он ба соҳиби ӯ на ҷуброн ва на товон карда мешавад. Ва ниҳоят, дар силсиламаротиби ҳамаи ҳуқуқҳои гражданӣ ҷойгоҳи марказиро касб намуда, ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчун ҳуқуқи шахсӣ, беҳамто, фавқулода ва мусодиранашаванда ба зумраи ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ дохил мешавад, ки мавҷудияти ҷисмонии шахсро таъмин мекунад[177].

Аломатҳо ва мафҳумҳои номбаршуда ба таҳлили алоҳида ниёз надоранд, чунки онҳо дақиқан ва амиқан, тақрибан дар ҳамаи асарҳои ба ҷанбаҳои гуногуни мавзуи баррасишаванда дахлдошта, таҳлил ва тавсиф карда шудаанд, вале новобаста ба ин, ҳуқуқ ба ҳаёт чун пештара, тибқи гуфтаи ҳуқуқшиносони Рим "ius vagum et incectum" – «ҳуқуқи торик ва номуайян»-ро ташкил медиҳад[178]. Ин бо объективан ғайриимкон будани коркарди тасвияти таърифи ҳуқуқии мафҳуми ҳаёт тавсиф мешавад, ки тибқи луғати энсиклопедӣ «яке аз шаклҳои мавҷудияти модда мебошад, ки қонунан дар ҳолати шароити муайян дар раванди инкишофи он пайдо мешавад»[179]. Агар тибқи ин таъриф амал кунем,

---

[176] Ниг.: Мейер Д.И. Русское гражданское право: В 2 ч. 3-е изд., испр. – М., 2003. – С. 106.

[177] Ниг.: Красавчикова Л.О. Понятие и система личных, не связанных с имущественными правами граждан (физических лиц) в гражданском праве Российской Федерации: дис. … д-ра юрид. наук. – Екатеринбург, 1998. – С. 53.

[178] Ниг.: Латинские юридические изречения / Сост. и предисл. Е,И. Темпов. – М, 1996. – С. 236.

[179] Ниг.: Советский энциклопедический словарь. – М., 1981. – С. 443.

бояд эътироф намоем, ки ҳуқуқ ба ҳаёт ин ҳуқуқ ба «яке аз шаклҳои мавҷудияти модда» аст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ моҳияти ҳуқуқии ӯро ифода намекунад.

Кӯшиши додани таърифи ҳуқуқии ҳуқуқ ба ҳаёт ва худи ҳаёт чандин бор дар адабиёт иқдом шудааст. Яке аз таърифҳои басо муъҷаз таърифе мебошад, ки аз ҷониби Л.О. Красавчикова тасвият шудааст: «...ҳаёт – ин мавҷудияти физиологии инсон ё ҳайвон аст»[180]. Таърифи хеле муфассал аз тарафи А.Н. Головастикова пешниҳод гардид, ки ӯ ҳаётро ҳамчун “раванди мустақилона бавуҷудоянда, худтанзимшаванда, дар замон иҷтимоӣ-ҳамгарошудаи ҷараёндоштаи бо муҳити атроф алоқаманд мефаҳмид, ки дар асоси низоми бисёрзинаи сафедаи фавқулода мураккаб амалӣ мегардад (инсон)»[181]. Бояд эътироф кард, ки коркарди мафҳуми пурғунҷоиш ва дарбаргирандаи ҳамаи ҷиҳатҳои ҳуқуқ ба ҳаёт, назар ба пешниҳоди тафсири ягон ҳуқуқ хеле мураккабтар аст, дар баробари ин моҳияти он ба ҳама маълум аст, чун арзиши волои он байни дигар ҳуқуқҳои субъективӣ хеле мураккабтар аст.

Ҳамчун қоидаи табиию илмӣ, биологию физиологӣ ва фалсафию динӣ, ҳаёт бо меъёрҳои ҳуқуқ робитаи ногусастанӣ дорад. Ҳанӯз дар давраҳои қадим муқаррароте коркард шуда буд, ки тибқи он "Vita et membca sunt potestate legis" («ҳаёт ва ҷисми инсон дар зери ҳокимияти қонун қарор дорад»). Ва айни замон ҳаёти инсон дар бисёр ҳолат дар зери «ҳокимияти қонун» қарор дорад, ҳарчанд қонунҳои муосир бо эҳтироми қайдгардида ба ҳаёт, эътирофи дахлнопазирии ҳуқуқ ба ҳаёт, ки дар усули маъмули ҳамагони ҳуқуқи байналмилалӣ, конвенсияҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои бисёре аз низомҳои ҳуқуқӣ муқарраргардида, фарқ мекунанд. Қонунгузории амалкунанда ҳуқуқ ба ҳаётро дар сатҳи конститутсионӣ, онро дар меъёрҳои КМ ҶТ ва як қатор қонунҳо дақиқ намуда, мустаҳкам менамояд. Ба ин муносибат он усулан аз ҳуқуқи мадании шуравӣ фарқ мекунад, зеро дар ягон давраи инкишофи он ҳуқуқ ба ҳаёт байни дигар ҳуқуқҳои субъективии шахс эълон нагардида буд.

Дар байни бисёр масъалаҳои баҳсноки бо ҳуқуқ ба ҳаёт вобастабуда, яке аз мураккабтарини онҳо масъала оид ба аз кадом лаҳза пайдо гардидани ин

[180] Ниг.: Красавчикова Л.О. Личная жизнь граждан под охраной закона. – М., 1983. – С. 14.
[181] Ниг.: Головастикова А.М. Асари номбурда. – С. 31.

ҳуқуқ ҷойгоҳи махсусро касб менамояд. Дар адабиёти илмӣ мавқее фаъолона ҳимоя карда мешавад, ки тибқи он ҳуқуқ ба ҳаёт бояд аз лаҳзаи пайдошавии ҷанин дар батни модар дахлнопазир ҳисобида шавад. Мавқеи мазкур ифодаи худро дар ҷараёни инкишофи минбаъдаи қонунгузорӣ пайдо мекунад. Мақсаднокии чунин ихтисорро мумкин аст аз нуқтаи назари гуногун муҳокима кард, аммо он аҳаммияти усулӣ надорад, чунки қатъи ҳомиладорӣ аз рӯйи нишондодҳои иҷтимоӣ танҳо бо гузашти 12 ҳафтаи муҳлат амалӣ мегардад, то ин лаҳза бошад, ҳуқуқи зан ба қатъи ҳомиладорӣ бо қонун кафолат дода шудааст. Моддаи 87 Кодекси тандурустии ҶТ муқаррар менамояд, ки «Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, нисбат ба ҳомиладоршавию таваллуд ва пешгирии ҳамл мустақилона қарор қабул намоянд». Инчунин мутобиқи моддаи 91 кодекси мазкур ҳар як зани қобили таваллуди ба балоғатрасида ба ҳомиладории сунъӣ ва кӯчонидани ҷанин ҳуқуқ дорад.

Бисёр муаммоҳо ва таноқузҳо (коллизияҳо)-и бо ин муқаррарот алоқаманд таҳлили амиқ ва ҷолиби худро дар адабиёти илмӣ ёфтаанд[182]. Аз ҷумла, дақиқан масъалаҳои илмӣ ва амалии ҳуқуқ ба ҳаёти ҷанин, яъне кӯдаки ҳоло таваллуднашударо А.Н. Головастикова таҳқиқ намудааст[183], бинобар ин, ба баҳс ворид нагардида, метавон хулоса кард, ки дар марҳилаҳои аввали пайдоиши ҳаёти инсон, ҳаёти инсон (дурусттар, ҷанин) на танҳо дар «зери ҳокимияти қонун» қарор дорад, балки дар зери ҳокимияти зане, ки ҳомиладор аст ва ҳуқуқ ба ҳаёти тифл ба иродаи ӯ вобаста аст.

Хусусияти беҳамтои ҳуқуқ ба ҳаёт ҳамчунин дар муҳтавои он равшан ифода мегардад, ки ба унсурҳои он, чун қоида, ҳуқуқдорӣ ба ҳифзи ҳаёт ва ваколат ба ихтиёрдории онро дохил мекунанд[184]. Л.Н. Линик ба онҳо ҳамзамон ҳуқуқ ба мавҷудиятро дохил менамояд, ки онро чунин муайян намудааст: «нисбат ба ҳар як узви ҷомеа ҳуқуқ ба ашё ва хизматрасониҳо эътироф гардида, ки барои

[182] Ниг.: Тимошенко Я, Чумакова К. Искусственное прерывание беременности: перечень социальных показаний сужен. Но станет ли меньше абортов? // Российская юстиция. – 2004. – № 4. – С. 64-67.
[183] Ниг.: Головастикова А.К. Асари номбурда. – С. 31-35.
[184] Ниг.: Бакунин С.И. Защита жизни и здоровья граждан (гражданско-правовой аспект): монография. – Рязань: Академия права и управления Федеральной службы исполнения наказаний, 2005. – С. 16.

таъмини мавҷудияти ӯ заруранд...»[185], вале ин таъриф ҳамчун мазмуни беасоси васеъкунандаи мазмуни ҳуқуқ ба ҳаёт зери танқид қарор гирифтааст[186]. Муҳтавои ҳуқуқ ба ҳаётро М.Н. Малеина басо амиқ ва ҳаматарафа таҳқиқ намудааст, ки ба он ҳуқуқ ба нигоҳдории фардияти инсониро ворид намудааст ва тибқи ақидаи муаллиф, бо дастовардҳои тибби муосир, ки имкониятҳои васеъро вобаста ба ислоҳ кардани ҳамаи ченакҳои ҷисми инсонро дорад – аз симо то ҷинс, тавсиф карда мешавад[187]. Боз як консепсияи ҷолиб дар он аст, ки ҳуқуқ ба ҳаёт дар ду ҷанба: аз нуқтаи назари фард ҳамчун ҳуқуқи нигоҳ доштани ҳаёти худ ва ҳуқуқ ба ихтиёрдории он ва аз нуқтаи назари давлат ҳамчун ташкилкунандаи низоми тадбирҳои муҳофизавӣ баррасӣ карда мешавад[188].

Сарфи назар аз рағбате, ки аз ин консепсияҳо бармеоянд, ба назар мерасад, ки мавқеи саҳеҳтар, ки тибқи он ҳуқуқ ба ҳаёт дар худ ҳуқуқ ба нигоҳ доштани ҳаёт ва ҳуқуқ ба ихтиёрдории он мебошад, дар навбати худ, дар ҳуқуқдориҳои мушаххас ифода меёбанд. Масалан, дар мавриди беморӣ ё маъюбӣ амалисозии ҳуқуқ ба нигоҳдории ҳаёт дар бисёр ҳолат аз имконияти аз ҷониби шаҳрвандон ба даст овардани маълумот оид ба ҳолати саломатии онҳо вобаста аст, ки барои қабули қарор оид ба дахолати доруии ҳамаи сатҳ ва шакл зарур аст. Ин ҳуқуқ дар даврони шуравӣ пешбинӣ карда намешуд, бинобар ин ҳалли масъала оид ба мақсаднокии ба шаҳрванд пешниҳод намудани маълумот оид ба вазъи саломатиии ӯ, ташхис ва дурнамои муолиҷаи ӯ аз ҷониби пизишк тибқи салоҳдидаш ҳал мегардид, зимнан, мавқее бартарӣ дошт, ки тибқи он аз бемор бояд пешгӯии номатлуб пинҳон карда мешуд.

Ҳуқуқ ба нигоҳ доштани ҳаёт бо ҳуқуқ ба ихтиёрдории он зич алоқаманд аст. Ин проблема, ки дар шакли ягона омилҳои ҳуқуқӣ, фалсафӣ, динӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ ва ғайраро хулоса мекунад, аз аҳаммияти бузурги амалӣ бархӯрдор аст, чунки тибқи маълумоти Ташкилоти ҷаҳонии тандурустӣ, дар ҷаҳон ҳамасола зиёда аз 500 ҳазор ҳодисаҳои худкушӣ ва зиёда аз 7 миллион қасд ба

---

185 Ниг.: Линик Л.Н. Конституционное право гражданина Российской Федерации на жизнь: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1993. – С. 42.

186 Ниг.: Кальченко Н.В. Право человека и гражданина на жизнь и его гарантии в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. – Волгоград, 1995. – С. 23.

187 Ниг.: Малеина М.Н. О праве на жизнь // Государство и право. – 1992. – №2. – С. 54-55.

188 Ниг.: Авдеенкова М.П., Дмитриев Ю.А. Право на физическую свободу // Государство и право. – 2005. – №3. – С. 14.

худкушӣ содир карда мешавад. Бинобар ин, ногузир саволе ба миён меояд: инсоне, ки ҳуқуқ ба ҳаёташ дар қонун мустаҳкам гардида, кафолат дода шудааст, оё ҳуқуқ ба маргро дорад? Ин савол таҳлили чуқури худро дар адабиёти илмии муосир ва на танҳо адабиёти ҳуқуқӣ, балки адабиётҳои фалсафӣ, тиббӣ, иҷтимоӣ ва ғайра ёфтааст[189]. Ҳамин тавр, масалан, В.М. Розин қайд мекунад, ки «аз лиҳози экзистенсионалӣ марг – ин на нобудшавии ҳаёти фардии инсон мебошад. Ин масъалаи мавҷудияти баъди марг аст. Мутобиқан, оид ба он ки чӣ тавр метавон тарс аз маргро мағлуб кард, чӣ тавр маргро сарфаҳм рафт ва ҳатто лаҳзаи эҷодии ҳаёти худ кард»[190].

Чунин намуди «лаҳзаи эҷодӣ» метавонад танҳо марги инсонро тавсиф намояд, чунки танҳо инсон бо иродаи шахсии худ «будан ё набудан»-ро ҳал мекунад ва масъалаи доираи озодии барои ӯ аз ҷониби давлат дар ин самт муқарраркарда, рағбати ҳам илмӣ ва ҳам амалиро ба бор меорад. «Оё инсон метавонад ҳаёти шахсии худро ихтиёрдорӣ намояд? Ҳаёт моликияти шахсии ӯ буда метавонад? Дар ин ҷо оё раванд манфиатҳои ҷомеа ва атрофиён зарар мебинанд? Оё зарур аст, ки розигии хешовандону наздикон гирифта шавад? Саволҳо назар ба ҷавобҳо бамаротиб зиёданд»[191]. Дар баробари ин, чуноне қайд гардид, ҷанбаи баҳснокии масъала оид ба будан ё набудани ваколат оид ба ихтиёрдории ҳаёт монеа барои амалисозии амалии ин ҳуқуқ шуда наметавонад. Масалан, дар шаҳри Москва шумораи худкушон дар як сол тақрибан 1700 нафарро ташкил медиҳад, ё 21 фавт ба ҳисоби 100 ҳазор аҳолӣ[192].

Асосе нест қайд кунем, ки ин шахсон аз қарори худ даст мекашиданд, агар дар қонун суиқасд манъ карда мешуд, зеро ягон муҷозот наметавонад таъсири пешгирикунандаро ба шахсе, ки қарори марги худро қабул намудааст, расонад, ҳарчанд дар адабиёт нуқтаи назар оид ба зарурати муқаррарсозии манъкунии ҳуқуқӣ ба суиқасд ба ҷони худ гуфта шудааст ва пешбинӣ кардани ҷавобгарии

---

[189] Ниг.: Красавчикова Л.О. Право на жизнь // Вестн. Гуманит. ун-та. – Екатеринбург, 1996. – С. 54; Ковалев М.Ж. Право на жизнь и право на смерть // Государство и право. – 1992. – № 7. – С. 43.

[190] Ниг.: Розин В.М. Смерть как феномен философского осмысления // Общественные науки и современность. – 1997. – №2. – С. 171.

[191] Ниг.: Актуальные проблемы теории права. – Саратов: Изд-во Саратов, государственная академия права. – 2003. – С. 452.

[192] Ниг.: Лаврин А.Л. Хроники Харона. – М., 1993. – С. 30.

ҳуқуқӣ барои суиқасди он,[193] ҳеҷ розӣ наметавон шуд. Дар ҳолати мазкур ҳаёт дигар берун аз ҳокимияти қонун аст, чунки озодии шахс озодии аз ҳаёт рафтани бошуурона ва довталабонаро дар лаҳзаи интихобшуда дорад, дар ҳолате ки интихоби асосӣ – байни марг ва абадият карда шудааст.

Аммо як гурӯҳи калони шахсоне мавҷуданд, ки аз ин имконият маҳруманд. Сухан дар бораи шаҳрвандони гирифтори бемории марговар (терминалӣ) меравад, ки имконияти ҷисмонии қатъ кардани риштаи ҳаёти худро надоранд. Мутобиқан ба ин шахсон зарур аст, масъала оид ба эвтаназия – «марги сабук ва бедард» ҳал карда шавад, ки барои қонунӣ кардани он ҳаракати ҷамъияти ҳанӯз солҳои 30-уми асри гузашта дар Англия пайдо шуда буд. Айни замон, қонунҳои иҷозатдиҳандаи эвтаназия дар шакли фаъоли он дар Голландия, Швейтсария ва Нидерландия амал мекунанд.

Муқаррароти дар меъёрҳои ин қонунҳо номбаргардида, моҳиятан ва ғайримустақиман эвтаназияи ғайрифаъолро қонунӣ мекунанд, ки дар чунин ҳолатҳо бо роҳи рад кардани дахолати тиббии зарурӣ ё қатъи чораҳо оид ба нигоҳдории ҳаёт, ки дар натиҷа марг бар асари инкишофи равандҳои патологии дар ҷисми инсон амалишаванда ба вуҷуд меояд, амалӣ мегарданд. Ҳамин тавр, мавқеи қонунгузор нисбат ба ҳуқуқ ба ихтиёрдории ҳаёт хусусияти духӯра ва паллиативӣ дорад. Вале, чуноне ки дар адабиёти илмӣ қайд гардидааст: «ҳалли масъала оид ба ҳуқуқи инсон ба марги худ ихтилофҳои дохилии мантиқиро таҳаммул намекунад»[194].

Аз як тараф, ин ҳуқукро ҳамасола садҳо ҳазор шаҳрвандон амалӣ месозанд, аммо аз дигар тараф, онро наметавонанд шахсоне амалӣ созанд, ки на танҳо мехоҳад ҳаёти худро ихтиёрдорӣ кунад, балки танҳо мехоҳад азобу ранҷҳои тоқатнопазирро қатъ кунад ва қадру қимати инсониро нигоҳ дорад. Дар андозаи муайян ғайримантиқӣ аст, мавҷудияти ҳуқуқ ба ихтиёрдории ҳаётро танҳо нисбат ба шахсони бемори марговар эътироф кард, мавҷудияти онро дар шаҳрвандони дигар инкор карда, ё баръакс, қисман (дар натиҷаи мавҷуд набудани манъкунӣ) амалисозии он иҷозат дода шавад, ба ғайр аз шахсони дар

[193] Ниг.: Лапшин В.Е. Смерть как правовое явление: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Владимир, 2005. – С. 9
[194] Ниг.: Малиновский А. Имеет ли человек право на смерть? // Российская юстиция. – 2002. – № 8. – С 54.

ҳолати марг қарордошта, ки дар ҳолати беҳушӣ қарор доранд. «Вазифаи ҳуқуқшиноси муосир – моҳиятан ҳал намудани масъала, муайян кардани он, ки оё инсон ҳуқуқ ба маргро, новобаста аз шароити гуногун дорад ё на»[195].

Ҳангоми ҳалли ин масъала зарур аст, ки муқаррароти дахлдори давлатҳои хориҷӣ таҳлил карда шавад. Ҳамин тавр, масалан, қарори Суди Олии ШМА-ро оид ба парвандаи «Крузенҳо ба муқобили штати Мичиган» шарҳ дода, мутахассиси намоён доир ба ҳуқуқи конститутсионӣ И. Камисар қайд кард, ки: «Ман далелҳои тарафдорони ҳуқуқ ба маргро мешунавам: «дар ин соҳа ба Суди Олӣ лозим аст ҷойи худро ба табақаи тиббӣ вогузор намояд. Ман фикр мекунам, ки на! Бемор оё дар ҳолати набототӣ қарор дорад ё на ва оё бебозгашт аст ҳолати бемор, дар ҳақиқат ин масъалаҳои касбии салоҳияти кормандони тиб мебошад. Аммо масъала, оид ба он ки бемор бояд ҳаёт ба сар барад ё фавтад, чунин нест. Ин масъалаи бунёдии ахлоқӣ-ҳуқуқӣ-фалсафӣ-сиёсӣ мебошад»[196].

Мавқеи мазкурро Суди Аврупоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон дастгирӣ мекунад, ки аз рӯйи парвандаи «Претти зидди Британияи Кабир» нишон додааст: «Дар қонунгузории миллӣ сабабҳои асосноки истисно накардан нисбат ба шахсоне, ки қобилияти содир намудани худкуширо надоранд, мавҷуд аст, чунки равиши дигар ба тавri назаррас хатари ҳар гуна суиистеъмолро зиёд мекунад»[197].

Дар адабиёти ватанӣ оид ба ин масъала қайд мегардид: «Комилан ошкорост, ки дигар гуна қарори Суди Аврупоӣ ба табиати инсон, ба тартиби табиии ашё мухолифат мекард»[198]. Бо ин хулоса розӣ шудан душвор аст. Баръакс, комилан возеҳ аст, ки табиати инсон бо ногузирии марги ӯ муайян карда мешавад, «тартиби табиии ашё» бошад, барои шахсони бемори ноилоҷ – афзоиши равандҳои патологӣ ва эҳсоси дард, ки ногузир ба марг тамом мешавад, бинобар ин беморонро аз ҳуқуқи қатъи азобу кулфат маҳрум кардан маънои онро дорад, ки ҳуқуқ ба ҳаёт барои онҳо ба уҳдадории зиндагӣ кардан табдил меёбад, азобу ранҷҳо ва тарсро

[195] Ниг.: Малиновский А. Имеет ли человек право на смерть? // Российская юстиция. – 2002. – № 8. – С. 32.
[196] Ниг.: Власихин В. Феномен Верховного Суда США // Российская юстиция. – 2000. – №11. – С 57.
[197] Ниг.: Сухинина И. Конституционные презумпции в сфере прав и свобод человека и гражданина // Российская юстиция. – 2003. – № 9. – С. 12.
[198] Ҳамон ҷо.

дар назди марги наздикшаванда таҳаммул карда ва далелҳои аз ҷониби душманони эвтаназия овардашуда, новобаста аз самти инсондӯстонаи бебаҳс,[199] наметавонанд дар дурустии ин равиш бовар кунонанд.

Мавқеи ҳамон муаллифоне, ки қайд мекунанд, манъи эвтаназия ба усули таъмини эътибори инсонӣ мухолиф аст, ба маротиб одилона мебошад, чунки «баъзан маҳз эвтаназия роҳи ягонаи ҳалли ҳолати пуразоб мегардад ва шафқат дар зуҳуроти олии он мебошад»[200],ки «маҷбур кардани ба зиндагӣ кардан маҷбур кардани инсон амали ғайриахлоқӣ ва ғайриинсонӣ мебошад, ки дар азобу кулфат дар ҳолати марг қарор дошта, маргро мехоҳад»[201]; инчунин «ҳуқуқи инсон ба ҳаёти сазовор бояд ҳуқуқ ба марги арзандаро дар бар гирад, ки ба ғайр аз ҳуқуқ ба суиқасд, ҳуқуқ ба эвтаназияро низ фарогир бошад...» [202].

Айни ҳол шумораи тарафдорони ин равиш, ки «ҳуқуқ ба марг ҳамчун ҳуқуқи субъективии махсусгардонидашуда ва дар як зина бо ҳуқуқ ба ҳаёт ҳуқуқ ба эътибори шахс қарордошта, қайд мекунанд», «эвтаназияро ҳамчун шакли амалисозии ҳуқуқ ба марг медонанд» зиёд шуда истодааст.[203] Ҳуқуқ ба ҳаёт ва ҳуқуқ ба марг байни худ алоқаи ногусастанӣ доранд, зимнан, чунки марг ногузир аст, ҳуқуқ ба марг, моҳиятан ҳуқуқи интихоби бошууронаи воситаи ба субъект мувофиқ ва лаҳзаи қатъи ҳаёт мебошад, ки бо иродаи худ ва манфиати худ амал намуда, тибқи мувофиқати пурра бо усули диспозитивӣ, ки ба шаҳрвандон озодиро дар ихтиёрдории ҳуқуқҳои ба онҳо таалуқдошта, аз ҷумла ҳуқуқ ба ҳаётро пешниҳод менамояд. Ҳалли дигаргунаи ин масъала ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсиро, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон муқаррар шудааст, вайрон мекунад.

---

[199] Ниг.: Бабаджанов И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально-правовые категории (теоретико-аксиологический и частно-правовой анализ): дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2014. – С. 167-176; Крылова Н.Е. Эвтаназия: уголовно-правовой аспект // Вести, Моск. ун-та. Сер. 2. Право. – 2002. – №2. – С. 30.

[200] Ниг.: Мукашев М.Ш., Набиев В.В. Современное состояние законодательства Кыргызской Республики по вопросам эвтаназии и ряду других проблем // Государство и право. – 1999. – № 10. – С. 113.

[201] Ниг.: Тасаков С. Запрет эвтаназии унижает человеческое достоинство // Российская юстиция. – 2003. – № 2. – С. 41.

[202] Ниг.: Право на физическую свободу // Государство и право. – 2005. – №3. – С. 18.

[203]Ниг.: Дмитриев ЮЛ., Шленева Е.В. Право человека в Российской Федерации на осуществление эвтаназии // Государство и право. – 2000. – № 11. – С 58-59; Фомичев Е.К Эвтаназия как форма реализации права на смерть (общетеоретический аспект) : автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Тамбов, 2006. – С. 8.

Чунин баррасии муфассали ҳуқуқ ба ҳаёт мантиқан дуруст аст, чунки агар ҳаётро дар мазмуни васеъ ва конститутсионӣ баррасӣ кунем, чуноне дар адабиётҳои илмӣ қайд карда шудааст, тақрибан ҳамаи неъматҳои дар Конститсияи ҶТ ҳимояшаванда, ин ё он унсури ҳаёти инсон мебошад.

Ҳамин тавр, ҳуқуқ ба ҳаёт ва саломатӣ ба ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ алоқаи ногусастанӣ дорад, ки норавоии ҳама гуна дахолатро аз берун ба соҳаи фаъолияти ҳаёти фардии субъект тақозо мекунад ва дахлнопазирии ҷисмонӣ ва рӯҳии шахсро дар бар мегирад[204]. Мутаассифона, падидаҳои вайронкунии ин ҳуқуқи конститутсионӣ метавонад на танҳо аз намояндагони ҷаҳони ҷиноӣ ба миён ояд[205], бинобар ин, механизми татбиқи зарурии ҳуқуқи мазкур наметавонад бо танзими ҳуқуқии маданӣ ба итмом расад. Вай ташаккули кафолатҳои давлатии ҳамаҷониба ва амалкунандаро талаб мекунад, ки ба роҳ надодан ба ҳеҷ гуна суиқасд ба ҳаёт, саломатӣ, дахлнопазирии пурраи шаҳрвандон ва дигар шахсони воқеӣ, ки дар ҳудуди Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, аз ҳама субъектҳо – на танҳо шаҳрвандони алоҳида ё ҷамъиятҳои ҷиноӣ, инчунин аз тарафи давлат, мақомот ва шахсони мансабдори онро талаб мекунад.

Дар ҷумлаи неъматҳои ғайримоддии шахс дар м. 166 КМ ҶТ шаъну шарафи шаҳрванд номида шудааст, ки аз шараф ва номи накӯ ҷудонопазир аст ва он дар сивилистикаи тоинқилобӣ зери номи умумии шарафи шаҳрвандӣ баррасӣ мегардиданд, ки он маънои нисбат ба шахс эътироф намудани шаъну шарафи доғдорнашудаи ҳам инсон ва ҳам шаҳрванд ва муносибат бо онҳо тибқи шаъну шарафи онҳоро дар назар дошт.

Воқеияте, ки дар қонунгузории амалкунандаи кишвар ҳуқуқ ба шаъну шараф, эътибор, номи накӯ ва обрӯи корӣ ба баландии бемисл бароварда шудааст, чораҳои ба ҳифз ва ҳимояи онҳо равонагардида бошад, ҷанбаи муассир ба бор овардаанд, яке аз тағйироти муҳим ва мутараққии қонунгузории маданӣ ҳисоб мешавад. Рағбат ба проблемае, ки бо неъматҳои ғайримоддии ҳифз ва ҳимоя алоқамандаанд, инчунин нисбат ба проблемае, ки ҳангоми ҷуброни зарари

---

[204] Ниг.: Авдеенкова М.И., Дмитриев Ю. А. Асари номбурда. – С. 18.

[205] Ниг.: Варсегов К. Бандиты - насильники держат в страхе целую станицу // Комсомольская правда. – 2006. – №5-6. – 17-18 янв. – С. 5.

маънавии ба шаҳрванд расонида бавуҷудомада, бағоят калон аст; онҳо аз ҷониби намояндагони мақомоти судӣ ва олимон фаъолона муҳокима мегарданд: аз рӯйи ҷанбаҳои гуногуни проблемаи мазкур солҳои охир бисёр асарҳо, аз ҷумла диссертатсияҳо ва монографияҳо ба чоп расидаанд[206].

Аммо, на бо ҳама муқаррароти коркардшуда метавон розӣ шуд, чун, масалан, бо хулосаи ногаҳонии О.Н. Ермолова оид ба беасосии ба қонунгузории маданӣ воридкунии мафҳуми зарари ахлоқӣ ва ҷуброни он, ки бо имконнопазирии баҳодиҳии пулии азобу кулфати инсонӣ асоснок карда мешавад[207].

Баръакс, бояд эътироф кард, ки фасли мазкури қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ ба инкишоф ва такмили ҳаматарафа ниёз дорад. Ҳамин тавр, бисёре аз проблемаҳо, ки ҳалли худро талаб мекунанд, вобаста ба воқеияти интишори сершумори маълумоти бадномкунандаи шаҳрванд бо истифодаи шабакаҳои умумиҷаҳонии компютерӣ алоқаманданд. Ин проблемаҳои дар адабиёт муҳокимашаванда, таҳлили алоҳидаро талаб мекунанд[208], бинобар ин дар зербоби мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳифз ва ҳимояи ору номус, шаъну шараф, номи нақӯ ва обрӯи кории шаҳрванд, ки ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шудаанд, равона карда мешавад.

Дар адабиёти илмӣ қайд карда мешавад, ки дар ҳолати мазкур ҷуброни зарари моддӣ наметавонад номи неки шаҳрвандро барқарор намояд[209]. Барои бисёр шаҳрвандон эҳсоси поймолгардии шаъну шараф нисбат ба ҷуброни пулии он афзалият дорад, бинобар ин, баъзан барои онҳо аз ҷуброни моддӣ дида, овардани узрхоҳии оммавӣ аз ҷониби мақоми таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ё прокуратура муҳим мебошад.

Имконияти ҳуқуқии уҳдадоркунии ҷавобгаронро барои овардани узрхоҳии оммавӣ ба шаҳрвандро, ки қурбонии таъқиби ғайриқонунии ҷиноятӣ гардидааст, истифода набурда, қонунгузор шароитро барои таҳқири шаъну шарафи ӯ

[206] Ниг.: Михайлова И.А. Асари номбурда. – С. 259.
[207] Ниг.: Ермолова О.Н. Нематериальные блага и их защита: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 1998. – С. 8-9.
[208] Ниг.: Волков С. Булычев В. Защита деловой репутации от порочащих сведений // Российская юстиция. – 2003. – №8. – С. 49-52.
[209] Ниг.: Быков В. Компенсация морального вреда не может восстановить доброе имя // Российская юстиция. – 2002. – № 4. – С. 46.

ташкил мекунад, ки бевосита ба муқаррароти конститутсионӣ мухолиф аст. Ҳангоми ҳалли ин масъала бояд он ҳолатро қайд кард, ки татбиқи узрхоҳӣ назди ҷабрдида ба сифати шакли ҷуброни зарари моддии ба ӯ расонидашуда, дар ҳуқуқи ватанӣ таърихи қадима дорад.

Ба ғайр аз неъматҳои баррасигардида, ба неъматҳои дигари ғайримоддӣ, ки ба шаҳрвандони кишвар тааллуқ доранд, қонунгузории амалкунанда ҳамчунин дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, ҳуқуқи озоди ҷойивазкунӣ, интихоби макони будубош ва ҷойи зист, ҳуқуқ ба ном ва ҳуқуқи муаллифӣ дохил мекунад. Баъзе аз ин ҳуқуқҳо дар зербобҳои пешина баррасӣ гардиданд (ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқ ба ҷойивазкунии озод, ҷойи буду бош ва истиқомат), ҳуқуқи муаллифӣ бошад, дурусттар, маҷмӯаи васеи ҳуқуқҳои шахсии амволӣ ва ғайриамволӣ ба натиҷаи фаъолияти ақлонӣ ва объектҳои ба он баробаркардашуда, бинобар мураккабии худ ва муҳтавои он ба таҳлили мустақилона ниёз дорад.

Дар навбати худ, ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ муфассал дар адабиёти муосир таҳлили назариявии худро ёфтааст, бинобар ин, дар зербоби мазкур танҳо бояд дар баъзе ҷанбаҳои он таваққуф намоем. Ҳамин тавр, солҳои охир вобаста ба дахолат ба ҳаёти шахсии шаҳрвандон бинобар интишори беназорати маълумоти бадномкунанда дар интернет проблемаҳои зиёд (дар бисёр ҳолатҳо – ба воқеият ҷавобгӯ набуда) пеш меоянд. Аксаран, чунин амалҳо фаъолона дар маъракаҳои интихоботӣ истифода мешаванд, зимнан, баъзан дар маълумоти паҳншаванда маводи оид ба таъқибкунӣ ва гӯшкунии сиёсатмадорони маъруф ва тоҷирон бисёранд. Чунин воқеиятҳо вайронкунии неъматҳои ғайримоддии шахс мебошад, бинобар ин, ба хулоса оид ба зарурати ҳамроҳшавӣ ба чорабиниҳои ба пешгирикунии паҳнгардии маълумотҳои бадномкунанда дар интернет равонагардида, ба миён омадааст[210].

Боз як проблемаи дигар, ки ҳалли худро талаб мекунад бо чунин ҳуқуқи субъективии муҳим, чун ҳуқуқ ба дахлнопазирии тасвири шаҳрванд алоқаманд аст.

[210] Ниг.: Климова Ю. Как пресечь распространение компромата в виртуальном мире // Российская юстиция. – 2001. – № 12. – С. 61-62.

Тавзеҳ дар мавриди набудани муқаррароти зарурӣ дар м. 166 КМ ҶТ, душвор аст, ҳарчанд ки зарурати ҳифз ва ҳимояи ҳаматарафаи ҳуқуқ ба дахлнопазирии тасвири шаҳрванд ба паҳнгардии васеъ ва дастрасии воситаҳои гуногуне, ки имкони суратгирӣ бе донистани шахси тасвиршавандаро дорад, тавсиф карда шудааст, бебаҳс мебошад. Албатта, бештар чунин намуди амал нисбат ба шахсоне содир карда мешаванд, ки дар ин ё он соҳа маъруфанд – шоу-бизнес, варзиш, санъат, зимнан, суратгирӣ ва сабти видеоии беиҷозат, чун қоида, дар намуди дахолати дағалона ба ҳаёти шахсии онҳо сурат мегирад, ки ҳуқуқ ба дахлнопазирии онро поймол мекунад. Ҳақ баровардани чунин амалҳо бо истинод ба манфиати ҷамъиятӣ, ки ҳаёти шахсии шахсони маъруфро ба бор меорад ва ба хусусияти оммавии фаъолияти аз ҷониби онҳо амалишаванда, нораво аст, чунки яке аз усули ҳуқуқи маданӣ асли баробарии субъектони он мебошад, ки таъмини ҳифзи ҳуқуқии баробари ҳуқуқҳои субъективии ҳамаи шаҳрвандонро талаб мекунад.

Баъзан ҳуқуқ ба дахлнопазирии тасвир ҳамчунин нисбат ба шаҳрвандони одӣ ва қаторӣ низ содир мешавад. Сухан, аз ҷумла, дар бораи дар қонунгузории амалкунанда мавҷуд набудани меъёрҳои таъминкунандаи ҳифзи тасвири шаҳрванд дар навори аккосӣ, ки барои зоҳиркунӣ ва чопи он дар суратгирхона махсус дода шудаанд, дар натиҷа ҳолатҳои ҷойгирсозии суратҳои дар навори аккосии аз ҷониби шаҳрвандон дода шуда, дар сомонаҳои порнографӣ дар Интернет мегардад, бинобар ин, лозим аст хулосаи В.Г. Алейниченко оид ба зарурати ба қонунгузорӣ ворид намудани тағйироти ба таъмини ҳифз ва ҳимояи воқеии ҳуқуқҳои шаҳрванд ба дахлнопазирии тасвирҳои онҳо дар ҳар шакл ворид гардид (аккосӣ, синамоӣ, аксбардориҳои телевизионӣ ва видноӣ ва ғайра.), дастгирӣ гардад[211].

Неъматҳои ғайримоддӣ, ки дар м. 166 КМ ҶТ мустаҳкам гардидаанд, ниҳоӣ нест ва ба шахсони воқеӣ мумкин аст, инчунин дигар ҳуқуқҳои ғайримоддӣ ва неъматҳои дигари ғайримоддӣ тааллуқ дошта бошанд. Ба зумраи онҳо, аз ҷумла, ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ дахл дорад. Зарурати татбиқ, ҳифз ва ҳимояи онро метавон бо мисоли зерин нишон дод.

[211] Ниг.: Алейниченко В.Т. Гражданско-правовая индивидуализация физических лиц в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2006. – С.13-14.

Л. ба суд бо даъво ба прокуратураи вилояти Брянск дар бораи ҷуброни зарари моддӣ ва оид ба ҷуброни зарари маънавӣ муроҷиат намуд, ӯ ба он истинод мекард ки ӯ ғайриқонунӣ дастгир карда шуд ва се моҳ ғайриқонунӣ дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ нигоҳ дошта шуд, ки дар натиҷа ба ӯ зарари моддӣ расонида шуда, саломатиаш табоҳ гардид ва ба обрӯи кориаш зарар расонида шуд. Пас аз чанде Л. вафот кард, ки ба парванда минбаъда ҳамсари ӯ Ш. машғул гардид, ӯ талаб мекард, ки воқеияти вайроншавии ҳуқуқи ӯ ба эҳтироми ҳаёти оилавӣ эътироф карда шавад ва зарари моддии ба ӯ расонидашуда, ҷуброн карда шавад. Суди марҳилаи аввал қисман даъворо қонеъ кард ва дар ҳаҷми 10 ҳазор рубл ҷарима ситонид. Суди марҳалаи дуюм қарори судро дар ин қисм бекор кард ва бо он асоснок кард, ки зарари моддӣ на ба даъвогари ҳозира расонида, балки ба шавҳари ӯ расонида шудааст, бинобар фавти ӯ набояд ҷуброн карда шавад ва ҳамчунин қайд кард, ки ҷуброни зарар барои вайрон кардани ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёти оилавӣ бо қонун пешбинӣ нашудааст.

Аммо аз болои ин таъинот низ шикоят бурда шуд ва Раёсати суди вилоятии Брянск эътирозро қонеъ карда, нишон дод, ки хулосаи марҳалаи касатсионӣ батафсири нодурусти қонун асос ёфтааст. Бо ба ҳабсгирии шавҳари Ш. зарари моддӣ расонида шуд, ки бояд ҷуброн карда шавад. Қайд карда шуд, ки дар маводи парванда вайроншавии ҳуқуқҳои Ш. ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ тасдиқ карда мешавад, дар м. 8 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ мустаҳкам гардида, таъиноти аз ҷониби марҳалаи касатсионӣ баровардашуда дар бораи радди даъво оид ба ҷуброни зарари моддӣ бекор карда шуд, қарори суд бошад, ҳамчун қонунӣ ва асоснок эътибории қонуниаш нигоҳ дошта шуд[212].

Қарори мазкури суд ба таҳлили амиқ ниёз дорад. Аз як тараф, бебаҳс аст, ки ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани яке аз аъзои оила наметавонад ҷаҳони дохилӣ ва маънавии ҳамсар, кӯдакон ва волидонашро

---

[212] Ниг.: Требование истицы о компенсации морального вреда, причиненного незаконным арестом и заключением под стражу ее мужа, подлежит удовлетворению; Постановление Президиума Брянского областного суда от 7 августа 2002 г. // Бюллетень Верховного Суда РФ. – 2003. – № 1. – С. 23.

бетафовут ва дахлнопазир боқӣ монад, ки ногузир азоби ахлоқӣ мекашанд. Аз тарафи дигар, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидани аъзои оила, расман ҳеҷ як ҳуқуқи шахсии ғайриамволӣ ва дигар неъматҳои ғайримоддиро, ки дар м. 166 КМ ҶТ мустаҳкам гардидааст, вайрон намекунад. Вале, чуноне ки қайд гардид, нисбат ба шаҳрвандони Тоҷикистон ҳамчунин дигар неъматҳои ғайримоддӣ ва ҳуқуқҳои ғайриамволӣ эътироф карда мешавад, аз ҷумла, мутобиқан, ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, ки дар қ. 1 м. 8 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва озодиҳои асосӣ мустаҳкам карда шудааст[213]. Тасдиқи ин мавқеъ ҳамчунин дар Эъломияи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷой дорад, ки эълон намудааст – ҳар як шахс ҳуқуқ дорад, ки ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худро бо ҳама воситаҳои бо қонун манъногардида, ҳифз намояд.

Дар ҳолати баррасишаванда воситаи ягонаи мувофиқи ҳифзи ҳуқуқҳои поймолгардидаи аъзои оилаи шаҳрванд, ки ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст, ҷуброни зарари моддии бинобар ин ҷавобгарӣ бавуҷуд омада мебошад. Дар адабиёти муосир муқарраpоте оид ба зарурати мустаҳкамнамоии муқаррарот дар қонунгузории амалкунанда оид ба «ҳуқуқ ба ҷуброни зарари бо амалҳои ғайриқонунии мақомоти таҳқиқ, прокуратура ва суд расонидашуда, дар сурати марги шаҳрванде, ки нисбат ба ӯ ин чораҳо татбиқ карда шуданд, ворисони ӯ доранд» пешбинӣ карда шавад[214]. Аммо, ба фикри мо, ин ҳуқуқро нисбат ба аъзои оилаи шаҳрванд бояд эътироф кард, ки ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст ва дар он ҳолате ки, агар ӯ зинда мемонад. Дар тасдиқи ин пешниҳод зарур аст ба м. 33 Эъломияи ҳуқуқ ва озодӣ истинод кард: «Ҳуқуқи қурбониёни ҷиноят ва суистифодакунӣ аз ҳокимият бо қонун ҳифз карда мешавад. Давлат ба онҳо роҳ ба адолати судӣ ва ҷуброни таъҷилиро барои зарари расонидашуда таъмин менамояд». Азбаски аъзои оилаи шаҳрванд, ки қурбони таҳқиби ғайриқонунии ҷиноӣ гардидааст, ҳамчунин қурбони ғайримустақими суистифодаи ҳокимият мегардад ва мустаҳкамнамоии ҳуқуқи онҳо

---

[213] Ниг.: Европейская конвенция о защите прав человека и основных свобод от 4 ноября 1950 г. // Международные акты о правах человека: Сб. – С. 539-570.

[214] Ниг.: Муравский В.Ф. Гражданско-правовая ответственность за вред, причиненный правоохранительными органами: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 8.

ба ҷуброни зарари моддӣ пурра ба муқаррарот оид ба презумпсияи ӯ мутобиқат мекунад, аз ҷониби Раёсати Суди Олии ФР қайд гардидааст. «Дар ҳолати вайрон кардани неъматҳои ғайримоддии шаҳрванд бо амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ расонидани зарари моддӣ пешбинӣ карда мешавад ва барои исбот танҳо ҳаҷми ҷуброни пулӣ лозим аст»[215]. Ҳамаи гуфтаҳо имкон медиҳад оид ба зарурати дар м. 166 КМ ҶТ мустаҳкамнамоии ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, ки шароитро барои ҳифз ва ҳимояи сатҳи олии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандони Тоҷикистон дар он ҳолатҳое ки, агар вайронкунии расмии чунин ҳуқуқҳо мавҷуд нест, тасвият намояд. Масалан, модари ба таври фоҷиавӣ фавтидаи С. ба суд бо талаби ҷуброни зарари моддӣ, ки ба ӯ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи яке аз шаҳрҳо расонида шудааст ва он дар беамалии хунукназарона ҳангоми кофтукови писари гумшудааш ифода гардидааст, ки дар натиҷа ӯ дар қабристони умумӣ дар баробари дигар ҷасадҳои шинохтанашуда дафн карда шудааст, муроҷиат намудааст. Мақомоти судӣ, қонеъсозии даъворо рад намуда, радди худро бо мавҷуд набудани асосҳо барои ҷуброни зарари моддӣ асоснок намудаанд[216], ҳарчанд бешубҳа, дар ҳолати мазкур маҳз ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ вайрон карда шуд. Ба сифати боз як мисоли дигар вайронкунии ҳуқуқи мазкур бояд ҳолати қаблан баррасигардида, нишон дода шавад, ки дар натиҷаи рад намудани модари ориятӣ оид ба додани розигӣ ҷиҳати ба сифати волидайни фарзанди таваллуднамудааш сабт кардани ҳамсароне, ки маводи генетикӣ пешниҳод намудаанд. Гуфтаи мазкур имкон медиҳад хулоса кард, ки мустаҳкамнамоии ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ дар меъёрҳои низоми ҳуқуқии миллӣ боз як иқдоми муҳим дар самти такмили ҳамон фаслҳои қонунгузории маданӣ мегардад, ки ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандонро дар соҳаи ҳаёти дохилӣ таъмини офияти руҳии шахс ва дар натиҷа фазои ахлоқиро дар ҷомеа муайян мекунанд. Чунин иловаи қонунгузории амалкунанда ба андозаи пурра ба муқаррароти: «Дар ҷараёни инкишофи иқтисодӣ ва фарҳангӣ

---

[215] Ниг.: Определение Судебной коллегии Верховного Суда РФ от 28 ноября 2000 г. // Бюллетень Верховного Суда РФ. – 2003. – № 3. – С. 6.

ногузир сатҳи умумии талаботи шахс дар муҳити мазкур баланд мешавад: худогоҳӣ ва худбаҳодиҳии инсони муқаррарии миёна баланд мешавад ва мутобиқ ба ин низоми умумии ҳуқуқҳои субъективӣ васеъ мегардад; ҳуқуқи ногузири объективӣ бояд ин худогоҳии умумии инкишофёбандаро пайгирӣ намояд ва қаноатмандии заруриро ба ӯ диҳад»[217].

Ҳамаи гуфтаҳо имкон медиҳанд хулосаҳои зерини умумӣ тасвият карда шавад:

1. Ҳуқуқ ба ихтиёрдории ҳаёт ҳамчун унсури ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба маргро дар бар мегирад, зимнан, азбаски марг ногузир аст, ҳуқуқ ба марг ҳамчун шакли ҳуқуқдоркунӣ ба ихтиёрдории ҳаёт танҳо ҳуқуқи интихоби равиши муносиб ба шаҳрванд ва лаҳзаи тарки ҳаёт мебошад, ки "бо ирода ва манфиати худ" амал карда, дар мувофиқати пурра бо асли (принсипи) диспозитивӣ, бинобар масъала оид ба имконияти мустаҳкамнамоии қонунии ҳуқуқ ба эвтаназия омӯзиши ояндаи худ ва иҷозат аз мавқеи эътироф нисбат ба ҳама ҳуқуқ ба марги сазовор ҳамчун унсури ҳуқуқ ба ҳаёти шоистаро талаб мекунад;

2. Дар байни ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ ва дигар неъматҳои ғайримоддии шахс дар м. 166 КМ ҶТ пас аз калимаи «ҳуқуқ ба муаллифӣ» зарур аст ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ нишон дода шавад. Эътирофи қонунии он имкон медиҳад проблемаҳои ҳангоми ҷуброни ранҷу азобҳои ҷисмонӣ ва маънавии ба шаҳрвандон бо амалҳои расман вайроннакунандаи ҳеҷ яке аз ҳуқуқҳои ғайримолумулкии дар м. 166 КМ ҶТ мустаҳкамгардида, расонида шудааст, ҳалли худро ёбад;

3. Ба м. 166 КМ ҶТ қисми иловагии 7 бо мазмуни зайл ворид карда шавад:

«7. Шаҳрванд ҳуқуқ ба дахлнопазирии сурати худро дорад. Нашр, чоп ва паҳнкунии сурати шаҳрванд, аз ҷумла маводҳои аккосӣ, наворбардории синамоӣ, ва видеоӣ ва ғайра танҳо бо розигии шахси тасвиршуда иҷозат дода мешавад, пас аз марги ӯ бошад – бо розигии фарзандон ва ҳамсари ӯ. Чунин розигӣ талаб карда намешавад, агар нашр, чоп ва паҳнкунии тасвир ё сурати шаҳрванд ба

---

[217] Ниг.: Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань , 2004. – С. 267.

манфиатҳои давлатӣ ё ҷамъиятӣ сурат гирад, ё агар шахси тасвиршаванда барои маблағ тасвир шуда бошад

### 2.3. Масъалаҳои ҳуқуқҳои молумулкии шахсони воқеӣ

Чуноне ки қайд гардид, дар қонунгузории амалкунанда доираи ҳуқуқҳои молумулкии ба шахсони воқеӣ тааллуқдошта бағоят васеъ карда шуд, ки ҳар кадоми он на танҳо барои амалисозии пурраи захираи билқувваи шахсӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ, балки барои инкишофи ояндаи иқтисодиёти ватанӣ воқеан зарур мебошад. Соҳаи молумулкии муомилоти маданӣ бо иштироки шаҳрвандон куллан тағйир ёфт, пеш аз ҳама, ба туфайли дар қонун мустаҳкам намудани ҳуқуқи шаҳрванд барои иштирок дар хусусигардонии молу мулки давлатӣ имкониятҳои зарурӣ барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳамаи намуд ва шаклҳои он фароҳам гардид. Фаъолият оид ба инкишоф ва такмили қонунгузории маданӣ, ки ин намуди муҳимми муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунад, боз ҳам фаъолнок мегардад ва як қатор қонунҳои солҳои охир қабулгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки ба таъмини амалисозӣ, ҳифз ва ҳимояи намудҳои гуногуни ҳуқуқҳои молумулкии шахсони воқеӣ – молу мулкӣ, уҳдадорӣ, истисноӣ ва корпоративӣ равона гардидаанд – ҳуқуқҳое, ки бо иштирок дар шахсони ҳуқуқӣ вобастаанд.

Баррасӣ ва таҳлили ҳамаи гуногуншаклии ин ҳуқуқҳои субъективиро метавон танҳо дар доираи таҳқиқоти мустақили илмӣ амалӣ кард, чунки доираи масъалаҳои бо он алоқаманд хеле васеъ аст. Рағбат ба ин проблема хеле бузург аст, зеро ба туфайли он падидаи ҳуқуқии мазкур дар адабиёти муосир таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи назариявиро пайдо кард, бинобар ин, дар фасли мазкур мувофиқи мақсад аст, ки танҳо муаммоҳои мубрами дар ин соҳа мавҷудбуда, баррасӣ гардад.

Таҳлили мазкурро бояд аз ҳуқуқи шаҳрванд барои доштани амвол бо ҳуқуқи моликият оғоз кард. Мазмуни қоидаи мазкур ҳамчун воситаи муҳимми таъмини талаботи молумулкии шаҳрванд аз ҷониби Н.А.Баринов ба хубӣ

исбот карда шуд. Айни замон ҳамаи ҷанбаҳои ҳуқуқ ба моликияти шаҳрванд аз ҷониби бисёре аз олимон фаъолона таҳлил карда мешавад. Ҳамин тавр, масалан, таҳлили ҳаматарафаи назарияи ҳуқуқи моликият аз ҷониби А.Я. Риженков ва А.Е. Черноморес анҷом дода шуд[218]. Ҳолатҳои усулан нав оид ба навъ, шакл ва намуди моликият дар Россия дар асарҳои В.А. Рибаков ва В.А. Тархов коркард шудааст, ки қоидаҳои мазкурро аз мавқеи ғайристандартӣ баррасӣ мекунад ва он имкон медиҳад паҳлуҳои нав ва кушоданашуда баррасӣ карда шавад[219].

Дар таҳлили мафҳум, моҳият ва аломатҳои ҳуқуқи субъективии мазкур, ки дар асарҳои Ғаюрзода Ш.К., Раҳимзода М.З., Сангинзод Д.Ш. ва дигар муаллифон дақиқан ва амиқан таҳлил гардидаанд, таваққуф накарда, метавон хулоса кард, ки мустаҳкамнамоии ҳуқуқи моликияти хусусии шахси воқеӣ аз аҳаммияти калони таърихӣ бархӯрдор аст, ки парадигмаиислоҳоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқиро дар Тоҷикистон муайян намуд ва барои ин ислоҳот асосҳои зарурии ҳуқуқӣ ва иқтисодиро фароҳам овард. Аммо дар ин соҳа чун пештара як қатор проблемаҳое ҳастанд, ки ба омӯзиш ва таҳлил ниёз доранд. Ба зумраи онҳо аз ҷумла имконнопазирии ҷуброни зарари моддиро, ки дар натиҷаи вайронкунии ҳуқуқҳои амволӣ ба миён омадааст, ғайр аз ҳолатҳое, ки бевосита дар қонун пешбинӣ гардидаанд, бояд дохил кард.

Ҳалли ҷолиби ин муамморо дар аксарияти ҳолатҳо амалҳои вайронкунандаи ҳуқуқҳои молумулкии шаҳрванд дар як вақт суиқасд ба ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шахсии ӯ, пеш аз ҳама, ба офияти равонӣ аст, ки унсури таркибии саломатии инсон мебошад. Аз ин нуктаи назар хулоса намудан имконпазир аст, чунки зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи суиқасди ғайриқонунӣ ба чунин ҳуқуқҳои ғайриамволӣ расонида шудааст, бояд ҷуброн карда шавад. Муқарраротии мазкур, мутаассифона, наметавонад проблемаи мавриди назарро ҳал намояд, чунки вай ҷанбаи казуистӣ дорад: аз як тараф, муаллифон розианд, ки имконияти ҷуброни зарари маънавиро, ки дар натиҷаи вайроншавии ҳуқуқҳои

[218] Ниг.: Рыженков А.Я., Черноморец А.Л. Очерки теории права собственности (прошлое и настоящее). – Волгоград, 2005. – С. 23.
[219] Ниг.: Тархов В.А., Рыбаков В.А. Общие положения о типах, формах и видах собственности в России: методологические аспекты права собственности: научный очерк // под науч. ред. В А Тархова. – М., 2004. – С. 34.

молумулкии шаҳрванд ба вуҷуд омадааст, надорад, аз тарафи дигар, пешниҳод доранд, ба ҳамин меъёрҳо истинод оварда шавад, ҳамзамон исбот мекунанд, ки расонидани зарари амволӣ дар як вақт суиқасд ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шаҳрвандро мефаҳмонад.

Проблемаҳои муҳим ҳамчунин дар раванди аз ҷониби шаҳрвандон амалисозии ҳуқуқи мерос ва васияти моликият ба вуҷуд меояд. Аз лаҳзаи ба КМ ҶТ ворид намудани фасли VII «Ҳуқуқи меросӣ» солҳои зиёд сипарӣ гардида бошад ҳам, вале рағбати илмӣ ва амалӣ нисбат ба муқарраროти дар он мустаҳкамгардида кам намегардад, чунки қоида оид ба меросдиҳӣ дар ин ё он сатҳ ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии қариб ҳамаи шаҳрвандон дахл мекунад. Аксарияти навгониҳои ҳуқуқи меросӣ, бебаҳс, ҷанбаи мутараққӣ доранд. Онҳо комилан ба таъмини пурраи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи меросхӯрон, пеш аз ҳама – ноболиғон ва шахсони ғайримукаллаф равона карда шудаанд, инчунин мураккабгардии назарраси муомилоти маданиро ифода мекунанд, вале баъзеи онҳо ба ислоҳ ниёз доранд.

Чунончи, муқаррарсозӣ ва махсусгардонии қонунии як қатор қоидаҳо оид ба меросдиҳии намудҳои алоҳидаи моликият дар боби 73 КМ ҶТ, бартарии бебаҳси ҳуқуқи мероси амалкунанда мебошад. Дар ҳақиқат, ба тартиби меросдиҳии онҳо таваҷҷуҳи кам дода шудааст. Танҳо қ. 3 м. 1295 КМ ҶТ, ки ҳуқуқи афзалиятнокро барои манзили истиқоматӣ муайян мекунад ва тақсими он дар маҷмуъ ғайриимкон аст, яъне дар миёни меросхӯрони дар он истиқоматкунанда дар рӯзи кушодашавии мерос ва дигар ворисони манзили истиқомат надошта. Баҳсҳо оид ба тақсими манзилҳои истиқоматӣ, ки аз ҷониби якчанд шахс ба мерос гирифта шудааст, дар таҷрибаи судӣ васеъ паҳн шудааст. Солҳои охир аксаран онҳо дар ҳолатҳои хусусигардонии хонаҳои истиқоматӣ ба моликияти ҳама, якчанд ё яке аз узви оилаи якҷоя истиқоматкунанда ба вуҷуд меояд.

Айни ҳол зарурати танзими қонунии амиқ ва дақиқи қоидаҳои меросдиҳии манзилҳои истиқоматӣ мубрамии махсусро бинобар ба қувваи қонунӣ даромадани

Кодекси манзили ҶТ аз 18-уми марти соли 2022, № 1852[220] касб намудааст, ки дар он ба таври бунёдӣ речаи ҳуқуқии ҳуқуқ ба хонаи истиқоматии собиқ аъзоёни оилаи соҳибмулкони он тағйир ёфтааст. Дар бисёр ҳолат баъди фавти соҳибмулк ҳуқуқ ба хонаи истиқоматӣ ба аъзои оилаи бо ӯ якҷоя истиқоматкунанда мегузарад, вале агар соҳибмулки хонаи истиқоматӣ, ба монанди мисоли мазкур, онро ба дигар шахсон васият кунад, ё агар ба мерос аз рӯйи қонун волидони меросдиҳанда даъват карда шаванд ё кӯдакони ӯ аз дигар никох, аъзои оилаи меросдиҳанда, ки якҷоя бо ӯ зиндагӣ мекарданд, худ ба худ ҳуқуқ ба хонаи истиқоматии ишғолкардаашонро аз даст медиҳанд. Чунин ҳолатҳо дар амалия васеъ паҳн шудаанд, бинобар ин зарур аст дар мухлатҳои кутоҳтарин ба қонунгузорӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шавад, ки тартиби муфассали меросгирии хонаҳои истиқоматиро, вобаста ба зарурати таъмини на танҳо иҷрои иродаи меросдиҳанда, балки барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии аъзои оилаи бо ӯ якҷоя истиқоматкунанда. муқаррар намоянд Чунин танзими қонунӣ шароити заруриро барои ташаккули механизми ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрванд ба хонаи истиқоматӣ ва барои ҳалли дурусти баҳсҳои сершумор оид ба тақсими онҳо байни меросгирон аз рӯйи қонун ё аз рӯйи васиятнома, таъмин менамояд.

Речаи ҳуқуқии меросгирии ашёи истифодаи маишии хонагӣ низ ба такмил ниёз дорад. Солҳои тулонӣ зиёд қоидае амал мекард, ки мутобиқи он чунин ашё (асбоби бисоти хона, техникаи маишӣ, зарфҳо, мусаввараҳо, қолинҳо ва ғайра) ба меросгироне, ки бо меросдиҳанда на кам аз як сол то фавти ӯ зиндагӣ кардаанд, новобаста аз навбати онҳо ва ҳиссаи меросиашон аз рӯйи қонун ба онҳо мегузаштанд. Минбаъд нисбат ба чунин меросгирон танҳо ҳуқуқи афзалиятнок барои бадастоварии асбоби бисоти хона ба ҳисоби ҳиссаи меросии ба онҳо тааллуқдошта, дахл дошта метавонад, зимнан новобаста аз истиқомати якҷояи онҳо бо меросдиҳанда. Адолат ва мақсаднокии тағйироти фаврии речаи ҳуқуқии муқаррарӣ шубҳаовар мебошад. Дар бисёр ҳолатҳо меросдиҳанда бо шахсони ба ӯ хеле наздик – ҳамсар, фарзандон ё падару модар якҷоя истиқомат мекунад. Дар

[220] Ниг.: Кодекси манзили ҶТ аз 18 – уми марти соли 2022, № 1852. // Махзани мутамарказии иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 01.12.2022 с.).

сурати будани дигар меросхӯрони бо меросдиҳанда истиқоматкунанда шаҳрвандон, амалан аз имконияти нигоҳдории ашёи бисоти хона маҳрум мегарданд, ки на танҳо арзиши амволӣ, балки маънавӣ низ дорад, ҳамчун ашёе, ки бо он хотираҳо оид ба фавтида алоқаманд аст, бинобар ин аздастдиҳии онҳо метавонад ранҷу азоби ҳамсар, фарзандон ё волидони меросдиҳандаро ба бор орад. Агар шахсони номбаршуда ғайримукаллаф бошанд, аздастдиҳии ашёи бисоти хона, ғайр аз ин, боиси талафоти вазнини моддӣ мегардад, чунки онҳо аз ашёи барои зиндагӣ зарурӣ маҳрум мешаванд, сарчашмаи даромад надоранд, ки имкони бадастоварии ашёи навро ба ҷойи ашёи аздастдода фароҳам намояд.

Боз як масъалаи муҳимтар оид ба адолат ва оқилонагии навбати даъват ба мерос дар қонунгузории амалкунанда мебошад. Ҳамин тавр, тибқи қ. 3 м. 1276 КМ ҶТ писарандар ва духтарандар, падарандар ва моиндари меросдиҳанда ба меросгирӣ ба навбат ҳамчун меросхӯрони навбати 3-юм, яъне танҳо дар сурати мавҷуд набудани ду навбати қаблӣ даъват мешаванд. Азбаски шахсони хешованди ба навбатҳои қаблӣ дахлдошта ё надошта кам дучор мешаванд, лозим аст қайд кард, ки меросхӯр эътироф намудани писарандар ва духтарандар, падарандар ва моиндар аз рӯйи қонун ба навбат, ки аввалин маротиба дар фасли VII КМ ҶТ мустаҳкам гардидааст, моҳиятан ҳеҷ чизро дар ҳуқуқҳои меросии онҳо тағйир надод, чунки имконияти бадастоварии меросро онҳо амалан надоранд.

Ин муқаррарот ба тасаввуроти ҷамъиятӣ оид ба ахлоқ ва одоб, дурандешӣ ва адолат хилоф аст. Ҳиссаи шаҳрвандоне, ки дар никоҳи дуюм ва ҳатто дар никоҳи сеюм қарор доранд, хеле баланд аст, мувофиқан, ҳиссаи кӯдаконе, ки якҷоя бо падарандар ва моиндар истиқомат мекунанд ва ба онҳо таъмини талаботи зиёди кӯдакон, яъне инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии онҳо таҳмил шудааст, хеле баланд аст. Баъзан, падарандар ё модарандар пурра барои кӯдак падар ё модарашонро иваз мекунанд, ҳамчунин дар бисёр ҳолатҳо муносибати байни онҳо аз муносибати байни падару модару кӯдак фарқ намекунад. Шаҳрвандони маърифати ҳуқуқинадошта, ба манфиати якдигар васият намекунанд, танҳо барои он ки фикр мекунанд, ки ҳуқуқ ва уҳдадории онҳо пурра бо ҳуқуқу уҳдадориҳои

падару модар монанд аст. Маҳрумсозии воқеии ҳуқуқи онҳо ба мерос дар сурати эътирофи ҳуқуқии мавҷудияти чунин ҳуқуқро ҳамчун вайронкунии дағалонаи ҳуқуқҳои субъективии онҳо бояд баррасӣ кард. Норавшан аст, барои чӣ ҳуқуқ ва манфиатҳои шахси падару модари кӯдакро ивазнамуда, ки аз ҷониби падарандар ва модарандар ба сифати фарзандони худ қабул мегардиданд, қонунгузор, назар ба ҳуқуқи наберагон ва аберагон, бибӣ ва бобои холабачагӣ, тағобачагӣ ва аммабачагӣ муҳимтар арзёбӣ накардааст[221].

Ҳамаи гуфтаҳо имкон медиҳад, оид ба навбати меросгирии дар м. 1274-1276 КМ ҶТ муқарраргардида, тағйирот пешниҳод гардад ва ҳуқуқ ба меросро барои падарандар ва модарандар, духтарандар ва писарандари меросдиҳандагон ба сифати меросгирон аз рӯйи қонуни навбати сеюм ба ҷойи бародар ва хоҳарони камҳуқуқи волидони меросдиҳанда ва фарзандони ӯ, ки аз рӯйи пешниҳод мерос мегиранд, бознигарӣ шавад ва шахсони номбаргардида ба навбати чоруми меросгирӣ тибқи тағйирот дар навбати дигари меросгирон аз рӯйи қонун ба ҷойи дигар гузаронида шаванд. Проблема ҳамчунин дар соҳаи аз ҷониби шаҳрвандон амалисозии ҳуқуқи содиркунии аҳдҳои ба қонун хилофнабуда мавҷуд аст, чунки баъзан амалисозии ин ҳуқуқ метавонад оқибатҳои манфиро, ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба ҷамъият дар маҷмуъ ба бор оварад. Сухан, аз ҷумла, оид ба оқибатҳои аҳдҳо доир ба бегонакунии хонаҳои истиқоматӣ дар он ҳолате меравад, ки агар якҷоя бо соҳибмулк аъзои оилаи ӯ – ҳамсар, фарзандон, падару модар, дигар хешовандон, дар ҳолатҳои истисноӣ бошад – шаҳрвандони дигар зиндагӣ кунанд. Мутобиқи қ. 1 м. 319 КМ ҶТ ин шахсон ҳуқуқи истифодаи хонаи истиқоматиро бо шартҳои пешбининамудаи қонунгузории манзилӣ доранд.

Чунин тағйироти бунёдӣ ба таҳлил ва муҳокима ниёз доранд. Таноқузҳои манфиатҳои қонунии соҳибмулки хонаи истиқоматӣ, ки ҳуқуқи доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардани онро тибқи салоҳдиди худ дорад ва аъзои оилаи ӯ, ки соҳибмулк набуда, якҷоя бо ӯ зиндагӣ мекунанд, дар амалия васеъ паҳн шудааст ва ҳалли масъала оид ба он, ки кадом ҳуқуқҳои субъективӣ ба ҳимоя ва

---

[221]Ниг.: Михайлова И.А. Этимология и эволюция гражданской правосубъектности физических лиц: монография. – Рязань , 2004. – С. 278.

ҳифзи афзалиятнок ниёз доранд, фавқулода мураккаб аст. Мутобиқи равиши нави қонунгузорӣ ҳуқуқ ба хонаи истиқоматии аъзои оилаи соҳибмулк ҷанбаи эфемерӣ дорад; дар ҳолати аз ҷониби соҳибмулк бегонакунии хонаи истиқоматии ба ӯ тааллуқдошта худ ба худ қатъ гардида, онҳо ба ҳифз ниёз надоранд. Бинобар ин, агар якҷоя бо соҳибмулк фарзандони ноболиғаш ё фарзандони ҳамсари ӯ истиқомат кунанд, розигии мақоми васоят ва парасторӣ барои бегонакунии ин хонаи истиқоматӣ талаб карда намешавад, ҳарчанд дар амалия аҳдҳои зиёди бегонакунии хонаи истиқоматӣ ошкор карда шуданд, ки бо вайронкунии дағалонаи ҳуқуқи кӯдакони дар он истиқоматкунанда амалӣ гардидааст ва оқибати он микёси бадбахтии иҷтимоиро касб кардааст.

Ҳуқуқҳои молумулкии шаҳрванд аксаран, ҳамчунин дар мавриди амалисозии ҳуқуқ ба иштирок дар уҳдадорӣ вайрон карда мешавад, зимнан, баъзан ин вайронкунӣ бевосита бо номукаммалии равиши қонунгузорӣ ба танзими намудҳои алоҳидаи муносибатҳои моликиятӣ бо иштироки шахсони воқеӣ алоқаманд аст. Сухан, аз ҷумла, оид ба шартномаи кирояи хонаи истиқоматӣ меравад, дурусттар, оид ба м. 761 КМ ҶТ, ки тибқи он соҳибмулки хонаи истиқоматӣ ҳуқуқ дорад бо тартиби судӣ қатъи шартнома ва хориҷкунии кироякунандагонро дар ҳолати аз ҷониби онҳо вайронкунии дағалонаи шартҳои шартнома, аз ҷумла пардохт накардани маблағи барои хонаи истиқоматӣ ба муҳлати шаш моҳ талаб намояд. Дар баробари ин, бо қарори суд ба кироякунанда мумкин аст муҳлат монда шавад, ки вайронкунии роҳдодаашро, ки асоси қатъи шартномаи кирояи манзил гардидааст, бартараф намояд.

Махсусан шоёни диққат аст, ки ин муҳлат аз ҷониби қонунгузор бо ибораи «на кам аз як сол» ифода гардидааст, ҳарчанд сол – муҳлати тулониест, ки кироядиҳанда бояд интизор бошад, то ки муҳокимаи нави судӣ оғоз гардад, ки аз нав метавонад ба манфиати кироякунанда ҷамъбаст шавад, ин дафъа бинобар он ки бо хоҳиши ӯ суд дар қарор оид ба қатъи шартнома метавонад иҷрои қарорро аз нав ба муҳлати на кам аз як сол ба таъхир андозад[222].

[222] Ниг.: Михайлова И.А. Асари номбурда. – С. 281

Ҳамин тавр, шахсони дағалона вайронкунандаи шартҳои шартномаи басташуда, қоидаи зисти якҷоя, меъёрҳои қонунгузории маданӣ, мутобиқи муқаррароти номбаргардидаи қонун метавонанд бе музд дар манзили истиқоматии бегона дар маҷмуъ дуюним сол зиндагӣ кунанд. Қоидаи мазкурро тасвият намуда, қонунгузор ба назар нагирифтааст, ки ӯ якбора ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии соҳибмулкро барои манзили истиқоматӣ маҳдуд мекунад, ки дар навбати худ, ба расонидани на танҳо зарари амволӣ, балки зарари маънавӣ низ боис мегардад. Қоидаи мазкур ба асосҳои ахлоқ ва одоб ҷавобгӯ нест, чунки ҳуқуқи контрагентҳои беинсоф бар зарари ҳуқуқҳои соҳибмулки манзили истиқоматӣ ҳимоя ва ҳифз карда мешавад, ки бовиҷдонона ухдадориҳои ба зиммаи худ гирифтаро иҷро мекунад. Дар баробари ин дар боби дахлдори КМ ҶТ ягон меъёри фарогирандаи муқаррарсозандаи ҷавобгарии кироякунанда барои ҳуқуқвайронкунии дағал мавҷуд нест.

Ҳамаи гуфтаҳо имкон медиҳад, тағйирот ба қонунгузории мадании ҶТ пешниҳод карда шавад ва моддаи алоҳида бо мазмуни зайл ифода карда шавад: «Бо қарори суд ба кироякунанда мумкин аст на кам аз се моҳ барои бартарафкунии ҳуқуқвайронкунӣ дода шавад, ки асос барои қатъи шартномаи кирояи манзили истиқоматӣ мегардад. Агар дар давоми ин муҳлат кироякунанда вайронкунии роҳдодаашро бартараф накунад ё чораҳои зарурирo барои бартараф кардани он наандешад, суд қарор оид ба қатъи шартнома, аз кироякунанда рӯёнидани қарз оид ба пардохти кирояи манзили истиқоматӣ ва фоизи ба маблағи қарз, ки дар ҳаҷми меъёрҳои бо КГ ҶТ пешбинигардида муайян карда мешавад ва оид ба берун кардани ӯ аз манзили истиқоматии ишғолнамударо содир мекунад».

Проблемаҳои баррасишаванда танҳо қисми камтарини проблемаҳои сершумори бо ҳуқуқ ба манзил алоқамандро ташкил медиҳад, ки дар қ. 1 м. 36 Конститутсияи ҶТ муқаррар карда шудааст. Лозим ба ёдоварист, ки дар м. 19 КМ ҶТ, ки мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандро ифода мекунад, на ҳуқуқ ба манзил, балки ҳуқуқи интихоби макони зист номида шудааст, ки он бояд дар доираи муқаррароти конститутсионии номбаршуда номида шавад.

Вайронкунињои њуќуќи субъективии мазкур сершумор ва гуногунанд, ки ифодаи худро дар тавзењоти роњбарикунандаи маќоми олии судї ёфтааст.

Айни замон доираи шањрвандоне, ки њуќуќ ба манзилро дар шакли њуќуќи моликият амалї месозанд, бинобар хусусигардонии манзилњои истиќоматї бо ташаккули ояндаи бозори манзил бағоят васеъ гардидааст. Ањаммияти калонро дар ин соња ќабули як ќатор ќонунњо соњиб гардид, чунки муносибатњои бо сармоягузории воситањои пулї ба сохтмони манзил алоќаманд, ќаблан танзими ќонунии дурусти худро надоштанд, ки ба вайроншавии њуќуќњои субъективї ва манфиатњои ќонунии шањрвандон – сармоягузорон боис мегардид. Ќонуни номбурда маљмуи васеи меъёрњоеро доро мебошад, ки ба њимоя ва њифзи онњо равона карда шудаанд, бинобар ин асосњо мављуданд, ки инкишофи ояндаи сохтмони манзили доираи шањрвандони дорои манзили истиќоматиро бо њуќуќи соњибмулкї васеъ мекунад.

Аммо дар ин соња низ проблемањои љиддї мављуданд, чунки мавќеи ишғолкардаи ќонунгузор оид ба масъалаи таносуби њуќуќњои субъективии соњибмулки манзили истиќоматї ва аъзои оилаи бо ӯ истиќоматкунанда, идомаи мантиќии худро дар КМ ЉТ ёфтааст. Дар он муќаррар карда шудааст, ки дар њолати ќатъи муносибатњои оилавї бо соњибмулки манзили истиќоматї њуќуќи истифодаи манзили мазкур нисбат ба аъзои оилаи собиќи ӯ нигоњ дошта намешавад, агар њолати дигар бо созиши тарафњо муќаррар нашуда бошад.

Проблемањои мураккабтар дар он њолатњое низ ба вуљуд меоянд, ки агар њамсарон фарзандони ноболиғ дошта бошанд. Њуќуќи онњо ба манзили истиќоматї аз он вобаста аст, ки бо кадом волид фарзандон пас аз ќатъи никоњ зиндагї мекунанд. Фарзандони бо соњибмулкмонда, њуќуќи истифодаи манзили истиќоматии ишғолнамударо нигоњ медоранд, аммо агар кӯдак ба парастории њамсаре гузарад, ки ин њуќуќро аз даст додааст, ӯ њамчунин амалан аз њуќуќ ба манзили мазкур мањрум карда мешавад. Ин муќарраротњамчунин ба дигар шахсон низ пањн мегардад, ки дар як вақт бо ќатъи никоњ (ё марги яке аз њамсарон) масалан, волидони њамсари собиќ, вазъи аъзои оилаи соњибмулкро аз даст додаанд.

Қонунгузор пайомадҳои манфии осонпешгӯишавандаи қарори мазкурро эътироф карда, кӯшиш намудааст онро сода кунад, имконияти нигоҳдории муваққатии ҳуқуқи аъзои собиқи оилаи соҳибмулкро ба муҳлати муқарарнамудаи суд мутаҳкам намудааст. Аммо қ. 5 м. 31 КМ ҶТ амалан ба қоидаи мазкур хати батлон мекашад, чунки дар он муқаррар шудааст, ки то тамомшавии муҳлати аз ҷониби суд муқарраргардида ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматии собиқ аъзои оилаи соҳибмулк дар як вақт бо қатъшавии ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба манзили мазкури ин соҳибмулк қатъ мегардад. Ин муқаррарот муроҷиат ба судро бо хоҳиши тамдидкунӣ бемаънӣ месозад, бинобар ин, зарур аст меъёри тафсиршаванда илова ва тағйир дода шавад ва дар он якум, нигоҳдории муваққатии ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматӣ нисбат ба аъзои собиқи оилаи соҳибмулк муқаррар карда шавад; дуюм, муҳлате ки дар давоми он ҳуқуқи мазкур нигоҳ дошта мешавад (на зиёда аз шаш моҳ) муайян карда шавад ва сеюм, пешбинӣ карда шавад, ки дар ҳолати қатъи ҳуқуқи соҳибмулки ба манзили истиқоматӣ дар давоми ин муҳлат ҳуқуқи истифодаи ин манзили аъзои оилаи собиқ то тамомшавии муҳлати бо қонун муқарраргардида, нигоҳ дошта мешавад. Чунин тасҳеҳ, якум, шаҳрвандонро аз зарурати муроҷиат ба суд озод мекунад, судро бошад – аз афзоиши сарборӣ озод мекунад ва дуюм, шароити зарурмро барои ҳалли масъалаҳои зиёдӣ бо кӯчиши шахсони номбаргардида алоқаманд, эҷод мекунад.

Вале чораҳои пешбинишаванда наметавонанд проблемаҳоро ҳал намоянд ва дар ҳолатҳое ба вуҷуд меоянд, ки агар аъзои оилаи собиқи соҳибмулк дигар манзили истиқоматӣ, ба ғайр аз пештар ишғолгардида надорад. Барои чунин ҳолатҳо қонунгузор ҳуқуқи судро барои уҳдадор намудани соҳибмулк доир ба таъмин намудан бо дигар манзили истиқоматӣ ҳамон аъзоёни собиқи оилаи ӯро, ки ба манфиати онҳо соҳибмулк уҳдадориҳои алиментиро иҷро менамояд ва доираи онҳо бо қонунгузории оилавӣ муайян карда шудааст. Бебаҳс аст, ки чунин ҳалли масъала оқибатҳои номатлуби қатъи алоқаи оилавиро паст мекунад, дар баробари ин бояд омилҳои зерин ба инобат гирифта шаванд. Якум, азбаски сухан оид ба ҳуқуқ меравад на уҳдадории суд, норавшан мемонад аз рӯйи кадом маҳак суд соҳибмулкро уҳдадор менамояд, ки аъзои оилаи

собиқро бо манзили истиқоматии нав таъмин намояд. Метавон тахмин кард, ки «таҷрибаи судӣ, пеш аз ҳама, аз рӯйи роҳи муҳлатҳои деринавии муносибатҳои оилавӣ ва синну соли аъзои оила меравад»[223].Дуюм, дараҷаи пасти зиндагии қисмати зиёди аҳолии Тоҷикистон барои бисёр шаҳрвандон харидории дигар манзили истиқоматиро бар ивази манзили қаблан ишғолкарда номумкин мекунад. «Бебаҳс аст, ки моликияти хусусӣ имкониятҳои беохири амалисозии ҳуқуқҳои шаҳрвандиро эҷод мекунад. Вале на барои ҳама. Дар он воқеан некӯаҳволии баробари шаҳрвандон номумкин аст»[224], бинобар ин, қарорҳои судии уҳдадоркунандаи соҳибмулк барои харидории хонаи нав, на ҳама вақт иҷро карда мешаванд ва ин, дар навбати худ, ба он оварда мерасонад, ки аъзоёни собиқи оилаи соҳибмулк аз манзил маҳрум мегарданд ва он ба оқибатҳои вазнини манфӣ на танҳо барои онҳо, балки барои ҷомеа дар маҷмуъ ба он оварда мерасонад ва ҳамзамон ба тезутундшавии як қатор проблемаҳо ва табоҳшавии ҳолати ҷинояткорӣ оварда мерасонад.

Қонунгузор ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматии ишғолкардаро бо аздастдиҳии вазъи оилавии қатъшаванда эътироф карда, ҳуқуқҳои субективии доираи васеи шаҳрвандонро якбора маҳдуд кард. Мутобиқи қ. 3 м. 14 Конститутсияи ҶТ «ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мумкин аст бо қонун танҳо дар ҳадде маҳдуд карда шавад, ки ба мақсадҳои ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ахлоқӣ, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар, таъмини мудофиаи давлат ва бехатарии давлат зарур аст». Аммо, дар ҳолати баррасишаванда, бо ба инобат гирифтани аҳаммияти махсуси ҳуқуқ ба манзил ҳеҷ гуна мақсаднокӣ татбиқшаванда нест.

Ҳамаи гуфтаҳои боло ба хулосаҳои зерин меорад:

1. Вайронкунии ҳуқуқҳои молумулкии шаҳрванд, чун қоида, зарари маънавиро ба вуҷуд меорад, ки бо ранҷу азоби маънавӣ қиёспазир аст ва дар натиҷаи вайронкунии ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ, дар баъзе ҳолатҳо азоби амиқу тулонӣ содир мешавад. Дар баробари ин, механизми ҷуброни чунин зарар дар қонунгузории амалкунанда аҳаммияти иҷтимоӣ-ҳуқуқии ниҳоди

[223] Ниг.: Диодрова О.Н. Новый Жилищный кодекс Российской Федерации // Юрист. – 2005. – №4. – С. 41.
[224] Ниг.: Тархов В.А., Рыбаков В.Л. Асари номбурда. – С. 67.

мазкурро пайдо накардааст, чунки имконияти ҷуброни он танҳо бо ҳамон намудани ҳуқуқвайронкуниҳо маҳдуд карда мешавад, ки бевосита дар қонун нишон дода шудаанд. Чунин равиши интихобии қонунгузор ба ҳалли масъалаи усулӣ оид ба имконияти ҷуброни ранҷу азоби маънавӣ, ки ба шахсони воқеӣ аз ҳуқуқвайронкуниҳои ҳуқуқҳои молумулкиашон расонида шудааст, беасос соҳаи ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро маҳдуд мекунад ва ба муқаррароти конститутсионӣ оид ба ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ аз тарафи давлат ҳимоя карда мешавад, ҷавобгӯ нест;

2. Мутобиқи гуфтаҳои боло қ. 1 м. 166 КМ ҶТ дар шакли зерин бояд коркард шавад: «Агар ба шаҳрванд бо амалҳои ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ зарари маънавӣ (азоби ҷисмонӣ ё маънавӣ) расонида шавад ё ба дигар неъматҳои ғайримоддии шаҳрванд, инчунин дар ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқҳои молумулкии ӯ, суд метавонад ба ҳуқуқвайронкунанда ухдадории ҷуброни пулии зарари мазкурро вогузор намояд».

### 2.4. Масъалаҳои асосии ҳуқуқҳои истисноӣ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ

Дар байни ҳуқуқҳои маданӣ, ки муҳтавои қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ҷойи махсусро ишғол менамояд, ки бо махсусияти табиати ҳуқуқии онҳо, инчунин вижагии механизми амалишавии онҳо, ҳимоя ва ҳифзи онҳо вобастагӣ дорад.

Вақтҳои охир таваҷҷуҳ ба ҳуқуқ ба моликияти ақлониҷалбшаванда, бинобар васеъшавии бемисли соҳаи амали онҳо комилан фаъол гардида истодааст. Нақши боризро дар ин масъала равандҳои фаъолона инкишофёбандаи ҳамгироии иқтисодиёти байналмилалӣ, ки дар он ҳуқуқ ба натиҷаи фаъолияти ақлонӣ бағоят аҳаммияти муҳим дорад.

Чун анъана ин ҳуқуқҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он;

2) ҳуқуқи моликияти саноатӣ

Бояд қайд намуд, ки Эмомалӣ Раҳмон – Президенти ҶТ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат дар Паёми навбатии худ «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлисии Олии ҷумҳурӣ чунин ибрози назар намуданд: «тамоюли ҷаҳонишавии фарҳанг ба яке аз проблемаҳои глобалии асри XXI табдил ёфта, талабот нисбат ба сатҳи маънавиёти инсон, тарбия ва ташаккули наслҳое, ки вазифаҳои азими бунёди ҷомеаи навин дар даврони соҳибистиқлолии миллати тоҷик ба зиммаи онҳо гузошта хоҳад шуд, торафт меафзояд».[225]

Сухан дар бораи арзишҳои моддию маънавие меравад, ки муаллифон ва дигар донишмандон онҳоро офарида, ҳар фарди солиму доно барои рушди иҷтимоию илмию худ истифода мебарад. Яке аз чунин воситаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии дастрасии судманди ҳуқуқҳои комили муаллифон ва дигар соҳибҳуқуқон ба асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат идораи дастаҷамъии он мебошад. Идораи мазкур падидаи муҳимми ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқи вобаста бо он буда, аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба муомилоти молӣ баровардани ҳуқуқҳои комилро танзим менамояд. Дар ин маврид идораи зикршуда аз лиҳози ташкилӣ ва анҷоми уҳдадориҳои субъективӣ паҳлуҳои норавшани зиёд дорад, ки ба сифати танзими ҳуқуқи граждании таъсири бад дошта ва инкишофи ин падидаро мушкил мегардонад. Чи тавре маълум аст, фасли VI «Моликияти зеҳнӣ», боби 68 «Муқаррароти умумӣ оид ба моликияти зеҳни» - и қ. 3 КМ ҶТ ( м. 1235-1251) ба эътироф ва ҳимояи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ ва объектҳои он бахшида шудааст.

Мувофиқи қ. 3 м. 1241 қонуни соҳавии зикршуда, ҳуқуқҳои комили муаллиф ва дигар соҳибҳуқуқ мумкин аст инфиродӣ ё дастаҷамъӣ татбиқ карда шаванд. Талаботҳои асосӣ оид ба идораи дастаҷамъии ҳуқуқҳои комил дар асоси қонун муқаррар карда мешавад. Мувофиқи қ. 2 м. 43 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13-уми ноябри

[225] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22-уми декабри соли 2017. – Душанбе: Шарқи озод, 2017. – С. 33.

соли 1998, таҳти № 726 чунин идора дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии иттиҳодияи ҷамъиятии ғайритиҷоратӣ таъсис дода мешавад[226]. Вай дар доираи салоҳиятҳое, ки аз соҳибони ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он гирифта, фаъолияти худро анҷом медиҳад. Бояд зикр намуд, ки доираи иштирокчиёни иттиҳодияи ҷамъиятӣ метавонад, ки танҳо аз шахсони воқеӣ, масалан муаллифон, сарояндагон, навозандагон, артистони театр ва синамо ва ғайра иборат бошанд. Дар ин маврид иттиҳодияи ҷамъиятӣ ҳамчун ташкилоти идораи дастаҷамъии ҳуқуқҳои комил бояд дар шакли ташкилии «иттиҳодияи ҷамъиятӣ» таъсис дода шаванд.

Мувофиқи меъёри ҳуқуқии зикршуда, сухан дар бораи ташкилоти ҷамъиятие меравад, ки дар он шаҳрвандон мувофиқи тартиби муқарраргардида ва дар асоси умумияти манфиатҳояшон барои қонеъ гардонидани талаботҳои маънавӣ ё дигари ғайримоддӣ ихтиёран муттаҳид гардидаанд. Чунин ташкилот ҳадафи гирифтани фоида аз фаъолияти худро надорад, вале баҳри самаранок амалӣ намудани қобилияти ҳуқуқии оинномавиашон метавонанд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Агар ба сифати иштирокчиёни идораи дастаҷамъии ҳуқуқҳои комил танҳо шахсони ҳуқуқӣ баромад намоянд, онҳо бояд ба сифати ташкилоти чунин идора ассоссиатсия ва ё иттифоқҳоро интихоб намоянд. Соҳибҳуқуқони ҳуқукҳои комил ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ (муассиса, корхона ва ташкилот) бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молумулкӣ метавонанд тибқи шартномаи байни худ иттиҳодияҳоро дар шакли ассотсиасияҳо (иттифоқҳо) таъсис диҳанд, ки онҳо ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошанд. Онҳо ба мисли иттиҳодияи ҷамъиятии шахсони воқеӣ бевосита ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда наметавонанд. Дар ин ҳолат чунин иттиҳодияи шахсони ҳуқукӣ бояд аз нав ташкил ёбад, яъне ба ширкат ва ё ҷамъияти хоҷагӣ табдил дода шавад. Ё ин ки бидуни азнавташкилёбӣ, дар назди худ ташкилоти тиҷоратӣ таъсис диҳад. Охир

[226] Ниг.: Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13-уми ноябри соли 1998, таҳти № 726 // Адлия: Бонки марказонидаи маълумоти ҳуқуқии ҶТ. Тафсири 6.0. / Вазорати адлияи ҶТ. – Душанбе, 2021. – 1 фиттаи электронӣ (CD-ROM).

номи фирмавӣ номи хоссаи ташкилоти тиҷоратӣ мебошад. Бинобар ин, ташкилоти идораи дастаҷамъии ҳуқуқҳои комил наметавонад номи фирмавӣ дошта бошад.

Ҳамин тавр, аз ҳолатҳои дар боло зикршуда, бармеояд, ки ташкилоти идораи дастаҷамъии ҳуқуқҳои комил дар заминаи маҷмуи фактҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Яке аз чунин фактҳо шарномаи таъсисдодани иттиҳодияи ҷамъиятии шахсони воқеӣ ва ё шахсони ҳуқуқӣ мебошад. Мувофиқи қ. 2 м.43 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» чунин ташкилотҳо дар доираи салоҳиятҳои додаи иштирокчиёнашон амал мекунанд. Дар қ. 1 м. 44 ҳамин қонун зикр шудааст, ки ваколатҳо ба ташкилоти мазкур дар асоси шартномаи хаттӣ, инчунин шартномаи дахлдор бо ташкилоти хориҷие, ки чунин ҳуқуқҳоро идора мекунад, дода мешавад. Чунин шартномаҳо шартномаҳои муаллифӣ набуда ва меъёрҳои м. 25 – 29 қонуни зикршуда, ба онҳо тааллуқ надоранд. Пас суоле ба вуҷуд меояд, ки кадом шартномаҳо дар ин маврид бояд дар байни иштирокчиёни ташкилоти навтаъсиси идораи дастаҷамъӣ ва дар байни муаллиф бо ташкилоти амалкунандаи ин соҳаи моликияти зеҳнӣ баста шаванд? Посух чунин аст. Агар ташкилоти идораи дастаҷамъӣ бори нахуст таъсис дода шавад, он гоҳ дар шартномаи таъсисдиҳӣ, ваколатҳои ӯро ҳамчун вакили муаллифон ва дигар соҳибҳуқуқон муайян ва танзим менамоянд. Дар ин шартнома тартиби ба воситаи ташкилоти идораи дастаҷамъӣ татбиқ намудани ҳуқуқҳои комил бояд возеҳу пурра танзим карда шавад. Ин шартнома бисёртарафа ва консенсуалӣ буда, метавонад то аз қайди давлатӣ гузаштани Оинномаи ташкилоти мазкур дар мақоми ваколатдори давлатӣ амал намояд. Баъди эътибори қонунӣ пайдо намудани Оинномаи ташкилот, тартиби амалӣ намудани ҳуқуқҳои комил бо меъёрҳои оинномавӣ танзим мешаванд. Агар муаллиф ва дигар соҳибҳуқуқ бо аъзошавӣ ё бидуни он хоҳиши ҳамкорӣ бо ташкилоти амалкунанда дошта бошад, пас тартиби татбиқи ҳуқуқҳои ӯ бо бастани шартномаи супориш ва ё вакилӣ (агентӣ) танзим карда мешавад.

Дар баробари ин, асосҳои эътиборноке мавҷуданд, ки хусусияти мустақилонаи боз як ҳуқуқ – ҳуқуқ ба воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни

муомилоти маданӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонҳо, инчунин ҳуқуқ ба чунин объектҳои ғайрианъанавӣ, аз қабили дастовардҳои селексионӣ, микросхемаҳои интегралӣ, пешниҳодҳои ратсионализаторӣ, сирри тиҷоратӣ ва хизматиро тасдиқ кунем.

Муҳимтарин ҷойро дар низоми ин ҳуқуқҳои махсусгардонидашуда ҳуқуқи муаллифӣ ишғол мекунад. Аз рӯйи ҳайати худ як қатор ваколатҳоро дар бар мегирад Вай аз рӯйи муҳтаво ва механизми амалисозии онҳо дар бисёр ҳолат аз вижагии ин ё он объектҳои моликияти зеҳнӣ комилан мураккаб аст, инчунин ба доираи субъектоне ки ба онҳо тааллуқ дорад, вобаста мебошад. Баҳсҳо оид ба қонунӣ будани тақсими ҳуқуқҳои муаллифӣ ба амволӣ ва шахсии ғайриамволӣ, ки муддати муайян дар сивилистика давом дорад, бояд мавзуи таҳлили мустақил бошад, дар фасли мазкур бошад, лозим аст проблемаҳои асосӣ ошкор ва кушода шавад, ки дар сурати амалисозӣ, ҳимоя ва ҳифзи он ба вуҷуд меоянд.

Лаҳзаи калидӣ барои ошкор намудани онҳо ва тавсифи онҳо доираи субъектони ҳуқуқи муаллифӣ мебошад, ки дар қатори онҳо муаллифон ва ворисони онҳо ҷудо карда мешаванд. Зоҳиран, ҳаҷми зиёди ҳуқуқҳои субъектӣ ба шахсоне тааллуқ дорад, ки бо меҳнати эҷодии онҳо асарҳои адабӣ, илмӣ ё санъат таҳия карда шудаанд. Онҳо дорои доираи васеи ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайриамволӣ мебошанд. Табиати ҳуқуқӣ ва муҳтавои онҳо дар адабиёт ҳар гуна муайян карда мешавад, вале ҳеҷ кас воқеияти робитаи наздик ва ногусастании ин ҳуқуқҳо бо шахсияти муаллифро мавриди баҳс қарор намедиҳад, ки тибқи қонун ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқ ба интишор, ки ба он ҳуқуқ ба тақризи асар, инчунин ҳуқуқ ба ҳимояи шаъну эътибор дохил мешавад,  мебошанд.

Дар баробари ин бо О.С. Иоффе оид ба он, ки ҳуқуқҳои номбаргардида, то ҳадде ҷудонопазир аст, ки дар он фардияти шахсро ифода мекунанд, набояд розӣ шуд, чунки танҳо чунин равиш имкон медиҳад, масъалаи усулӣ оид ба имконияти гузариши баъзеи онҳо бо тартиби варосат ҳаллу фасл гардад. Ошкор аст, ки ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқ ба ном ба ин сифат баромад карда наметавонанд, дар

сурате ки ҳуқуқҳои боқимондаи шахсии ғайриамволӣ метавонанд амалӣ шаванд на танҳо аз ҷониби соҳибони ҳуқуқ, балки аз ҷониби ворисон метавонанд амалӣ шаванд.

Масъала оид ба муҳлати амали ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ низ баҳснок аст. Баъзе олимон бо зикри норавоии азхудкунии он аз ҷониби дигарон ва пас аз гузаштани муҳлатҳои муқарраргардидаи ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифӣ қайд мекунанд, ки ҳуқуқи муаллифӣ бе муҳлат аст[227]. Аммо асосноктар равиши дигар аст ва ба он асос ёфтааст, ки муаллифии шахсе, ки асари адабӣ ва санъатро эҷод намудааст, пас аз марги муаллиф на ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ, балки як шакли ҳаваси ҷамъиятӣ, ки бо шуурнокии миллӣ алоқаманд аст ва бо муайян намудани нақши давлат дар фарҳанги ҷаҳонии бадеӣ низ бояд мавриди ҳифз қарор гирад.

Амалисозии ҳуқуқ ба ҳимояи обрӯи муаллиф низ якчанд саволро талаб мекунад, ки пештар ҳуқуқ ба дахлнопазирии асар номида мешуд (ин моҳияти онро дақиқтар ифода мекард). Муҳтавои ҳуқуқи мазкур аз он иборат аст, ки ҳангоми нашр, иҷрои оммавӣ ё дигар намуди истифодаи асар бидуни розигии муаллиф ин ё он тағйирот ворид намудан, ҳам ба худи асар ва ҳам ба номи ӯ, ғайр аз ин, дар ишораи номи муаллиф манъ аст. Дар ҳолати мазкур баҳс оид ба масъала доири имконияти додани ин ҳуқуқ ба шахсони дигар ва оид ба доираи амалисозии ҳуқуқи мазкур, махсусан ҳангоми шарҳу тафсири асарҳои маъруф ба вуҷуд меояд.

Аз рӯйи масъалаҳои якуми номбаршуда ду ақидаи комилан мухолиф бозгӯ мегардад. Баъзе олимон тасдиқ мекунанд, ки ҳуқуқ ба дахлнопазирии асар аз шахсияти муаллиф бегонанашаванда аст ва дар натиҷа, на бо мерос ва на бо шартнома дода намешавад[228]. Сивилистҳои тоинқилобӣ, баръакс, имконияти гузариши ин ҳуқуқро ба меросхӯрон эътироф мекарданд, ҳарчанд на дар ҳаҷми пурра бо қайд намудани ҷанбаи эҷодии он[229]. Айни замон ҳарчанд ҳуқуқ ба ҳифзи обрӯи муаллиф аз рӯйи мерос намегузарад, вале дар баробари ин меросгирон ҳуқуқ

[227] Ниг.: Камышев В.Т. Издательский договор на литературное произведение. – М., 1969. – С. 7; Никитина М.И. Авторское право на произведения науки, литературы и искусства. – Казань, 1972. – С. 64.
[228] Ниг.: Судариков С.А. Авторское право: учебник. – М: Проспект, 2011. – С. 143-144.
[229] Ниг.: Антимонов Б.С., Флейшиц Е.А. Авторское право. – М., 1957. – С. 146.

доранд ин қоидаи муҳими ҳуқуқиро ҳамчун рағбати боаҳамияти ҷамъиятӣ амалӣ созанд.

Аз лиҳози амалӣ масъала оид ба доираи амалисозии ҳуқуқ ба дахлнопазирии асар боз мураккабтар мебошад. Аввалан, қайд кардан зарур аст, ки қонун ҳолатҳои алоҳидаро пешбинӣ мекунад, ки ҳуқуқи мазкур “қисм қисм” амалӣ карда мешавад. Сухан оид ба иқтибос бо мақсадҳои илмӣ, таҳқиқотӣ, мубоҳисавӣ, танқидӣ ва иттилоотӣ аз асарҳои ба таври ҳуқуқӣ интишоргардида дар ҳаҷми бо мақсади иқтибоскунӣ амалишаванда меравад, инчунин оид ба истифодаи асарҳои қонунӣ интишоргардида ва порчаҳо аз он ба сифати ороиш дар интишорот, дар радио ва барномаҳои телевизионӣ, сабтҳои овозӣ ва видеоии хусусияти таълимидошта дар ҳаҷми бо мақсади гузошташуда мувофиқбуда. Сониян, аз ҷониби муаллиф амалисозиии ҳуқуқи баррасишаванда, баъзан ба баъзе ихтилофҳо бо ҳуқуқи шахси соҳибмулки ҳамон мавод, ки дар он асар таҷассум ёфтааст, рӯ ба рӯ мешавад.

Сухан, пеш аз ҳама, оид ба ҳайкалтарошӣ ва наққошӣ меравад, камтар оид ба меъморӣ, яъне асарҳое, ки дар он соҳибмулк ҳуқуқ надорад ҳеҷ гуна тағйирот ворид намояд, аммо тибқи Қонун оид ба ҳуқуқи муаллифӣ, муаллифи асари санъати тасвирӣ ҳуқуқ дорад аз соҳибмулки эҷодиёт пешниҳоди имконияти амалисозии ҳуқуқ ба эҷоди онро талаб намояд (ҳуқуқи дастрасӣ).

Дар низоми ҳуқуқи ба муаллиф тааллуқдошта, яке аз муҳимтарини онҳо ҳуқуқ ба интишори асар мебошад, ки бо ҳуқуқ ба тақризи он зич алоқаманд аст, ки аввалин маротиба дар қонун мустаҳкам гардида ба асарҳои хизматӣ дахл надорад. Ҷудонашавандагии ҳуқуқ ба бозхондро қайд карда, бояд хотирнишон сохт, ки амалисозии ҳуқуқи мазкур дар амалия метавонад ба манфиати истифодабарандаи эҷодиёт дахл дошта бошад. Ин масъала бештар нисбат ба нашриётҳое мубрам аст, ки аз як тараф, наметавонанд иродаи муаллифро беэътино гузоранд, аз тарафи дигар – ногузир дар ин раванд зарарро ба зимма мегиранд, бинобар ин, дуруст ва қонунӣ метавон дар Қонун оид ба ҳуқуқи муаллифӣ мустаҳкам гардидани шартҳои амалишавии ваколати нишондодашударо ҳисоб кард, ки асосии он ба истифодабаранда ҷуброн

намудани зарари бо чунин қарор расонидашуда мебошад, бо баҳисобгирии фоидаи аздастрафта хоҳад буд. Агар асар пештар интишор шуда бошад, оид ба бозхонди он муаллиф уҳдадор аст ба таври оммавӣ иттилоъ диҳад, зимнан дар ин ҳолат ӯ ҳуқуқ дорад аз ҳисоби худ аз муомилот нусхаҳои пештар таҳиягардидаи эҷодиёташро бозпас гирад.

Аҳаммияти махсусро масъалаи мураккаби дар ин раванд оид ба имконияти паҳннамоии ҳуқуқдории баррасишаванда ба асарҳое ташкил медиҳад, ки объекти ҳуқуқи моликияти шахсони сеюм мебошад. И.А. Зенин қайд мекунад, ки чунин талабот нораво мебошанд[230]. Дар ҳақиқат, амалҳо оид ба бозхонди эҷодиёте, ки объекти ҳуқуқи моликияти шахсони дигар мебошад, асосҳои лозимии ҳуқуқиро дар қонунгузории амалкунанда надорад. Ба фикри мо, ин нуқсони муайян дар ҳуқуқ мебошад, бинобар ин ба фасли дахлдори Қонун оид ба ҳуқуқи муаллифӣ бояд бо дарназардошти хусусияти объектҳои гуногуни моликияти ақлонӣ ташхиси аниқ ворид карда шавад, дар ин раванд, вобаста аз ин хусусият, имконияти аз ҷониби муаллиф маҷбурӣ харидорӣ намудани ҳуқуқҳои муаллифӣ бояд пешбинӣ карда шавад.

Ҳуқуқи муаллиф ба интишор ҷанбаи мустақилона дорад, ки имконияти ӯ дар бораи чоп кардан ва ба муомилот даровардани нусхаҳои асар дар андозаи барои қонеъ намудани талаботи ҷамъият зарурӣ ифода меёбад. Амалишавии ин ҳуқуқ ба тағйирёбии реҷаи ҳуқуқии асар оварда мерасонад[231]. Аз ҷумла, танҳо нисбати асарҳои қонунӣ интишоргардида имконияти истифодаи онҳо бе розигии муаллиф ва ба ӯ пардохт намудани ҳаққи қалам дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун, муқаррар карда мешавад. Аммо бо амалисозии ин ҳуқуқ проблемаи муҳим вобаста аст. Чуноне В.Л. Чертков дуруст қайд мекунад, шубҳаи ҷиддиро дурустии интишорот дар рӯзнома ва маҷаллаҳо оид ба огоҳонидан доир ба он ки дастнавис дода намешавад, на танҳо мазмуни амалӣ (ба истисноӣ кӯшиши раҳоӣ ёфтан аз хароҷоти муросилотӣ) надорад, балки ба қонун асос наёфтааст, чунки далели рад

---

[230] Ниг.: Зенин И.А. Право интеллектуальной собственности: учебник для магистров. – М: Юрайт, 2013. – С. 72.
[231] Ниг.: Ғаюров Ш.К., Расулов Б.Р., Каримзода Ш.К., Ғаффорзода И.Ғ., Қосимов Ф.А. Ҳуқуқи моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ // зери таҳрири проф. Ш.К. Ғаюров. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – С. 54.

кардани дастнавис ба истифодаи оянда он аз ҷониби муаллиф, ҳамчунин додани он ба дигар нашриёт монеа намешавад[232].

Феҳристи дар қонун мустаҳкамгардидаи ҳуқуқҳои молумулкии муаллифӣ низ хеле васеъ аст. Ин ҳуқуқҳо на танҳо метавонанд ҷониби муаллиф, балки аз ҷониби дигар шахсоне, ки ба онҳо ҳам асар тибқи ин ё он асосҳои ҳуқуқӣ дода шудааст, амалӣ карда шаванд. Дар байни онҳо мақоми марказиро ҳуқуқ ба истифодаи асар ишғол мекунад, ки як қатор ваколатҳоро дар бар мегирад: ҳуқуқ ба таҷдиди чоп, ба интишор, ба воридот, ба намоиши оммавӣ ва иҷрои оммавӣ, пахш кардан аз радио ва телевизион, ба огоҳӣ ба маълумоти ҳамагон тавассути кабел, ба тарҷума, коркард ва расонидан ба маълумоти ҳамагон. Ин феҳрист баъзе ҳолатҳои монанд ба истифодаи асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъатро дар бар мегирад. Аз ҷумла, вобаста ба эҷодиёти меъморӣ, шаҳрсозӣ, санъати боғу гулкорӣ қонун ҳуқуқи муаллифонро ба амалисозии амалии лоиҳаҳои дахлдор ҷудо менамояд, зимнан ба муаллифон имконияти амалисозии бозрасӣ бо мақсади таъмини назорат оид ба таҷассуми дақиқи он дар объекти реалӣ таъмин карда мешавад.

Муаллифони асарҳои санъати тасвирӣ ҳамчунин дорои ҳуқуқи пайравӣ мебошанд, ки аз ҷониби онҳо дарёфти 5 % аз арзиши пешфурӯшро дар ҳар мавриди фурӯши оммавии асар бо нархи зиёдтар аз пештара на кам аз 20 % -ро таъмин менамояд. Вобаста ба ин наметавон оид ба таҳлили ҳуқуқи муаллиф дар бораи подошпулӣ таваққуф накард, ки табиати ҳуқуқии он батакрор мавзуи мубоҳисаҳо буд, махсусан дар ҳолатҳои истифодаи такрории асар, ки чун қоида, ҳеҷ гуна хароҷоти иловагиро аз тарафи муаллиф талаб намекунад. Баъзе олимон ҳуқуқи мазкурро бо додани маблағи иловагӣ вобаста ба сифати кор алоқаманд мекунанд, ки аз тарафи ҷомеа эътироф гардидааст, дигарон бошад онро ҳамчун подоштпулӣ барои истифодаи натиҷаҳои меҳнат ё барои пешниҳоди ҳуқуқ барои чунин истифодабарӣ муайян мекунанд[233].

---

[232] Ниг.: Чертков В.Л. Авторское право в периодической печати. – М., 1989. – С. 52.
[233] Ниг.: Дозорцев В.А. Авторское право на новый уровень // Проблемы совершенствования советского законодательства. – Вып. 29. – М., 1984. – С. 164.

Мавқеъҳои номбаргардида ҳаргиз якдигарро истисно намекунанд, фақат равишҳои гуногунро оид ба пардохти подошпулии муаллифӣ ифода мекунанд, гузашта аз ин қонунгузории амалкунанда ҳеҷ гуна муқаррароти бевосита оид ба ин масъаларо надорад, ба муаллиф ва истифодабаранда имконияти бо салоҳдиди худ ҳаҷм, тартиб ва муҳлати пардохти подошпулӣ, инчунин асосҳои тағйироти онро пешниҳод намудааст. Ин ҳуқуқ ҳатто нисбат ба муаллифи асари хизматӣ низ эътироф карда мешавад, ки ҳуқуқҳои истисноӣ барои истифодаи он ба корфармо тааллуқ дорад.

Ҳамчунин масъала оид ба имконияти истифодаи асар бе розигии муаллиф масъалаи алоҳидаро ташкил медиҳад, ки он метавонад ҳам бо пардохти подошпулӣ, ҳам бе пардохти он амалӣ шавад. Мутобиқи Қонун дар бораи ҳуқуқи муаллифӣ, бидуни розигии муаллифи асар, иҷрокунанда ва таҳиякунандаи фонограмма, аммо бо пардохти подошпулӣ таҷдиди асари аудиовизуалӣ ё сабти овози асар, фақат ба бо мақсадҳои шахсӣ иҷозат дода мешавад[234]. Мукофотпулӣ барои ин аз ҷониби истеҳсолкунанда ё воридкунандагони таҷҳизот (аудио ва видеомагнитофонҳо, дигар таҷҳизот) ва ҳомилони моддӣ (овозӣ ва (ё) видео наворҳои овозӣ ва видеоӣ ва кассетаҳо, дискҳои лазерӣ, компакт дискҳо, дигар ҳомилони моддӣ), ки барои чунин таҷдид истифода мебаранд, пардохт карда мешавад. Бе розигии муаллиф ва бидуни пардохти мукофотпулӣ истифодаи озоди эҷодиёти меъморӣ, сурат, санъати тасвирӣ, ки дар ҷойҳои барои тамошои доимӣ озод кушодаанд, иҷозат дода мешавад:

– истифодаи оммавии асарҳои мусиқӣ ҳангоми чорабиниҳои расмӣ ва динӣ, инчунин маросими дафн дар ҳаҷми ба хусусияти чунин чорабиниҳо муносиб;

– таҷдиди асар барои истеҳсолоти судӣ дар ҳаҷми ба ин мақсад мувофиқ;

– амалисозии сабти кӯтоҳмуддати истифодаи асар, ки нисбати он ташкилот ҳуқуқ ба пахшкуниро ба даст овардааст, ба шарте чунин сабт аз ҷониби ташкилоти пахши эфирӣ бо ёрии таҷҳизоти худӣ ва барои пахши мустақили он амалӣ гардад;

---

[234] Ниг.: Тафсири илмӣ-амалии ҷиноятҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ / Муҳаррири масъул Ҳафиззода Ш.Х. – Душанбе, 2018. – С. 12.

– нусхабардории барнома барои компютер ё манбаи маълумот бо шарте, ки ин нусха танҳо барои мақсадҳои бойгонӣ ва барои ивази нусхаи қонунӣ бадастовардашуда, декомпилирикунии барнома барои компютер таъйин гардида бошад.

Анқариб ҳифз ҳамчунин ба ҳуқуқҳои омехта низ пешниҳод карда шуд, ки табиати ҳуқуқии онҳо бо хусусияти истеҳсол аз ҳуқуқи созандагони асарҳои эҷодӣ тавсиф карда мешавад. Ба ҳайси субъекти ҳуқуқҳои муҷовир иҷрокунандагоне шинохта мешаванд, ки ба қатори онҳо қонун овозхонон, дирижёрон, коргардонон-басаҳнагузорандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо, ташкили пахши эфирӣ ва кабелӣ дохил кардааст. Барои пайдошавӣ ва амалисозии ҳуқуқҳои муҷовир риояи ҳеҷ гуна расмиёт талаб карда намешавад, вале истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва иҷрокунанда барои огоҳкунӣ оид ба ҳуқуқҳои худ метавонад тамғаи ҳимояи ҳуқуқҳои муҷовирро истифода барад, ки он дар ҳар як нусхаи фонограмма ва (ё) дар ҳар як ҷилди онро дарбаргиранда ҷой дода мешавад ва аз се унсур иборат мебошанд: тасвири графикӣ - ©; номи дорандаи ҳуқуқҳои муҷовири махсус; соли аввали нашри фонограммаҳо, ки аввалин маротиба дар Конвенсияи Рим оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои овозхонон-иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ва ташкилоти пахшӣ аз соли 1961ҷорӣ карда шуда буд[235].

Иҷрокунандагон ҳуқуқи истисноӣ барои истифодаи иҷро ё басаҳнагузорӣ, ки дар ҳуқуқи амалисозӣ ё ҳалли амалисозӣ ва иҷозат додани пахши онҳо ба эфир ё иттилоот барои огоҳии умумӣ тавассути кабел, сабти пештар сабтнашудаи иҷрокунандагон ва басаҳнагузорандагон, такрори сабти иҷро ё басаҳнагузорӣ, ба иҷора додани фонограммаҳои бо мақсади тиҷоратӣ интишоргардида, ки ба он иҷро ё басаҳнагузорӣ бо иштироки иҷрокунанда сабт шудааст. Зимнан, охирӣ ба истеҳсолкунандаи фонограмма ҳангоми бастани шартнома барои сабти иҷро ё басаҳнагузорӣ барои фонограмма мегузарад, иҷрокунанда бошад, ҳуқуқ ба мукофотонӣ барои ба иҷора додани нусхаҳои ин фонограммаро нигоҳ медорад.

---

[235] Ниг.: Международные нормативные акты ЮНЕСКО. – М., 1993. – С. 455.

Чуноне ки А.И. Зенин қайд мекунад, ичро аз лаҳзаи сабт дар доираи маълум аз эчодкори худ чудо мешавад[236], ки дар натича имконияти истифодаи он бидуни иштироки худи ичрокунанда, дар доираи маълум, чун ҳуқуқи истеҳсолкунандагони фонограммаҳо ҳифзи ҳуқуқи онро мушкил мекунад.

Бояд бо ақидае розӣ шуд, ки инкишофи техника ва технология на танҳо ба пайдошавии воситаҳои нави бақайдгирии натичаҳои эчодиёт оварда мерасонад, яъне, моҳиятан, ба пайдоиши объектҳои нави ҳуқуқи муаллифӣ, вале пайдоиши воситаҳои нави истифодаи асарро низ ба бор меорад. Дар натичаи ин равандҳо далелҳои пештар махсус ҳисобшуда, қоидае мегардад, ки тибқи он ба таври назаррас муҳлат ва арзиши тайёркунии нусхаи асарҳо иваз мегардад, раванди тайёркунии онҳо бошад аз назорати муаллифон ё ташкилотҳо ва шахсони онҳоро намояндагикунанда хорич мегардад.

Махсусан ҳимояи моликияти интеллектуалӣ дар шабакаи чаҳонии Интернет пурмуаммо аст, зеро вижагии он дар мураккабии назорат аз болои нусхабардорӣ ва истифодаи асарҳое, ки дорои ҳомили моддӣ нестанд, вале таъминкунандаи амалии теъдоди нашри бемаҳдуди он мебошанд. Дар ин соҳа як қатор проблемаҳои илмӣ ва амалӣ мавчуд аст, ки аз чумла, бо исботи муаллифӣ, бақайдгирии лаҳзаи баромадани асар, бо муайянсозии юрисдиксия ҳангоми ҳалли масъала оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии муаллифон, ки аз чониби провайдерҳо ё истифодабарандагон риоя нашудааст, алоқаманд мебошад. Ҳалли ин масъалаҳо ҳамчунин бо ноустувории интишороти шабакавӣ мушкил мегардад, ки онҳо метавонанд бо дигар интишорот, аз чумла дар соҳаи хотираи компютер, ё умуман тамоман дар натичаи нуқсонҳои техникӣ, амали муаллиф ё дигар шахсон нобуд карда мешавад, иваз карда шаванд.

Дар байни проблемаҳои дар ин соҳа бавучудоянда пешгирии истифодаи имкониятҳои интернет, ки барои паҳнкунии маҳсулоти пиратӣ дорад аз аҳаммияти махсуси чамъиятӣ бархӯрдор аст. Мубрам будани он мусаллам аст, чунки, аз чумла, тибқи маълумоти намояндагони саноати синамои ШМА, ҳар чорум истифодабарандаи интернет, шабакаро барои бадастоварии нусхаҳои пиратии видеофилмҳо истифода мебаранд ва ба ақидаи коршиносон, дар ояндаи

[236] Ниг.: Право интеллектуальной собственности: учебник для магистров. – М: Юрайт, 2013. – С. 40.

наздик муаммои «дуздии электронӣ» метавонад бештар аз ин мураккаб гардад. Ҳолати мазкур боз бо он мушкил мегардад, ки беҳудуд будани шабакаи ҷаҳонии компютерии Интернет, амалан назорати содирот ва воридоти объектҳои моликияти ақлониро имконпазир мегардонад, ки ҳам ба дорандагони ҳуқуқҳои истисноӣ ва ҳам ба давлат зарари иқтисодии калон расонида мешавад[237].

Дар баробари ин механизмҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифии вайронгардида, чуноне амалия нишон медиҳад, ҳанӯз то андозаи лозимӣ чандон самаранок нест. Ин аз бисёр ҷиҳат бо он вобаста аст, ки дар назария равиши ягона ба ҳалли муаммои мазкур мавҷуд нест. Ҳамин тавр, баъзе олимон пешниҳод доранд, ки дар ин соҳа механизми барои ҳифзи ҳуқуқии заминавии маълумоти пешбинигардида, (аз ҷумла, барои бақайдгирии онҳо), сомонаи интернетиро ҳамчун маҷмуи ҳуҷҷатҳои гиперматнии аз рӯйи критерияи муайян муттаҳидгардида баррасӣ ва истифода шаванд. Чунин мавқеъ, зери танқиди одилона қарор мегирад, чунки вай ба нусхабардории ғайриқонунии web-саҳифаҳо барои истифодаи шахсӣ оварда мерасонад[238].

Дар баробари проблемаҳои қайдгардида, ҳамчунин масъалаи ҷавобгарии провайдер ҳалли худро талаб мекунад. Ба таҷрибаи ҷаҳонӣ якчанд равишҳо нисбат ба ин проблема маълум аст: аз ҷалби бечунучарои оператори алоқа ба ҷавобгарӣ дар ҳамаи ҳолатҳои пиратии компютерӣ то дараҷаи мавқеи муқобил – пурра озодкунии ӯ аз ҷавобгарӣ барои нигоҳдории иттилооти додашаванда. Ба фикри мо, татбиқи ба ҷавобгарӣ ҷалб намудани оператори алоқа истифода мешавад, ки дар як қатор давлатҳои аврупоӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ танҳо дар ҳолати аз тарафи ӯ пешгирӣ нашудани амалисозии амалҳои ғайриқонунӣ ва дар ҳолате ки ба ӯ оид ба ғайриқонунӣ будани он маълум буд ё бояд маълум бошад, афзалтар аст[239], ҳарчанд дар Тоҷикистон ҳодисаҳои мушобеҳ айни замон мавҷуд нестанд.

Боз як муаммои муҳими бо интернет алоқаманд, имконияти эътирофи номи доменӣ ҳамчун воситаи фардикунонӣ мебошад, гузашта аз он ки КМ ҶТ ҷавоби

---

[237] Ниг.: Рузакова О.А., Дмитриев С.В. Авторские и смежные права в Интернете // Законодательство. – 2001. – №9. – С. 16.
[238] Ниг.: Рузакова О.А., Дмитриев С.В. Асари номбурда. – С. 15.
[239] Ниг.: Симкин Л. Как бороться с «сетевыми» пиратами // Российская юстиция. – 2002. – № 1. – С. 54.

дақиқро ба ин савол доро нест. Функсияи асосии низоми зерин тағйирдиҳии суроғаҳои IP[240] дар доменҳои хонагӣ барои осонкунии навигатсияи истифодабарандагон дар шабакаи Интернет мебошад. Дар баробари ин масъалаи интихоби номи доменӣ, дар ҳоле ки бинобар паҳншавии густардаи амалияи истифодаи “номҳои то дараҷаи тағйирёбӣ монандбуда”, ки бо мол ва хизматрасонии истеҳсолкунандагони маъруф монандиро ба бор меорад, танзим нашуда боқӣ мемонад. Бақайдгирии онҳо дар Шабака бо мақсади мушаххас - фурӯши онҳо ба соҳиби тамғаи молии дахлдор амалӣ карда мешавад. Одатан, дар чунин сомонаҳо ҳеҷ гуна маълумот вуҷуд надорад, ба истиснои суроғаи маъмур, ки ба ӯ ҳуқуқдоранда метавонад муроҷиат намояд, агар ӯро пешниҳоди домен ҳавасманд карда бошад, дар зимн маблағи чунин аҳдҳо, тибқи баъзе арзёбиҳо миллионҳо долларро ташкил медиҳад.

Ин қабил амалҳо, бешубҳа зарари назаррас ба ҳуқуқдорандагони мушаххас ва ҷомеат дар маҷмуъ расонанд ҳам, аммо то ҳол таснифи ҳуқуқии заруриро пайдо накардаанд, Аз ҷумла, норавшан мемонад, ки ба кадом сифат онҳоро – ба сифати вайронкунии ҳуқуқ ба тамғаи молӣ, ё номи фирмавӣ, ё ҳамчун шикан яъне суиистифодаи ҳуқуқ бо нияти истисноии расонидани зарар ба шахси дигар – ҳуқуқдоранда, ё ниҳоят ҳамчун шакли рақобати беинсофона шарҳу тафсир намуд. Айни замон ин проблема ҳалли дурусти худро дар қонунгузории миллӣ наёфтааст, ҳарчанд дар сатҳи байналмилалӣ муқаррарот оид ба норавоии ҳаннотӣ бо номи доменӣ фаъолона дастгирӣ карда мешавад. Аз ҷумла, дар ҳисоботи ҷамъбастии Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ оид ба проблемаи номҳои доменӣ аз 30-юми апрели соли 1999[241], аломатҳои зерини бақайдгирии беинсофонаи онҳо қайд гардида буд:

1). Номи доменӣ ҳаммонанд ё фиребанда ба мисли тамғаи тиҷоратӣ ё аломати хизматрасонӣ мебошад, ки ба он даъвогар ҳуқуқ дорад;

2). Соҳиби номи доменӣ ҳеҷ гуна ҳуқуқ ё манфиатҳои қонунӣ нисбат ба номи доменӣ надорад;

---

[240] Ниг.: Адрес IP (Internet protocol) - индивидуальный адрес компьютера, подключенного к Интернету.
[241]Ниг.: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.ecommerce. wipoint/domams/process/cng/processhome.html. (санаи муроҷиат: 08.02.2021 с.).

3). Номи доменӣ беинсофона ба қайд гирифта ва истифода бурда мешавад, ки дар пешниҳоди фурӯхтан, иҷора ё дигар хел додани номи доменӣ ба соҳибмулки тамғаи тиҷоратӣ ё аломати хизматрасонӣ ё ба рақиби соҳибмулки тамғаи тиҷоратӣ ё аломати хизматрасонӣ барои баррасӣ; кӯшиши истифодабарандагони интернетро ба номи домении соҳиби вебсомона ё ҷойгиршавии дигари онлайнӣ кашидан барои бадастоварии даромади молиявӣ, ба он мусоидат кардааст, ки истифодабарандагон номи доменро бо тамғаи тиҷоратӣ ё аломати хизматрасонии даъвогар фаромӯш кунанд; бақайдгирии номи доменӣ бо мақсади монеъ шудан ба соҳибмулки тамғаи тиҷоратӣ ё аломати хизматрасонӣ барои ифодакунии номи тамғаи мазкур дар номи домении дахлдор, бо шарте агар чунин рафтори соҳиби номи доменӣ исбот карда шудааст; бақайдгирии номи доменӣ бо мақсади вайронкунии тиҷорати рақиб.

Проблемаҳои илмӣ ва амалии марбут бо истифодаи номи доменӣ дар интернет, дар адабиёти муосир муфассал таҳлил гардидааст. У.А. Меликов таносуби номи доменӣ ва дигар объектҳои ҳуқуқи маданиро таҳлил кардааст[242]. Яке аз муҳаққиқони ин соҳа хулоса мекунад, ки дар интернет домен яке аз воситаҳои фардикунонӣ мебошад ва нисбат ба муносибатҳои вобаста ба истифодаи он бавуҷудоянда, бинобар мавҷуд набудани қонуни махсус, бояд муқаррароти қонунгузорӣ оид ба тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ татбиқ гардад[243].

Проблемаи на камтар ҳамчунин ҳангоми амалисозии ҳуқуқи шаҳрванд ба объектҳои моликияти саноатӣ ба вуҷуд меояд, ки ба сифати онҳо ихтироот, моделҳои муфид, намунаҳои саноатӣ, тамғаҳои молӣ, тамғаҳои хизматрасонӣ, номҳои фирмавӣ дохил мешаванд. Дар ин соҳа возеҳан ду гурӯҳи субъектон ҷудо карда мешаванд – муаллифон ва дорандагони патент, ки ҳуқуқҳои субъективиашон комилан фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, аз ҷумла, нисбат ба муаллиф ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқ ба номи муаллифӣ, ҳуқуқ ба додани дархост, инчунин ҳуқуқ ба мукофотпулӣ эътироф карда мешавад. Масъалаи якум, ки ҳангоми таҳлили ҳуқуқи муаллифӣ бармеояд, ин масъала оид ба лаҳзаи

[242] Ниг.: Меликов У.А. Правовой режим объектов гражданских прав в интернете: монография. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – С. 165-180.
[243] Ниг.: Иванов А.В. Интеллектуальная собственность в Интернете: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – С. 14.

пайдошавии он мебошад, ба дарназардошти он, ки амалисозии ҳуқуқ ба объектҳои моликияти саноатӣ, дар маҷмуъ, ба вобастагӣ аз воқеияти бақайдгирии ҳуқуқи субъективии дахлдор монда мешавад, ки бо ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуқарраркунандаи бо қонун пешбинигардида, ҳамроҳ карда мешавад.

Баъзе олимон қайд мекунанд, ки ҳуқуқи муаллифӣ аз лаҳзаи пайдоиши объект дар ин ё он шакли воқеигардида ба вуҷуд меояд, патент бошад, танҳо ҳуқуқи мазкурро мустаҳкам мекунад. Дигар олимон лаҳзаи пайдошавии онро бо таркиби мураккаби ҳуқуқӣ алоқаманд мекунанд, ки на танҳо далели коркард, балки эътирофи он ҳамчун объекти моликияти саноатӣ аз ҷониби мақомоти давлатии ба он ваколатдор амалӣ мегардад[244]. Мавқеи якум мантиқитар ва асосноктар мебошад, чунки дар ҳолати баръакс барои ба объект пешниҳод намудани ҳимояи ҳуқуқии муваққатии бо қонун муқарраргардида аз санаи интишори маълумот оид ба дархост то санаи интишори маълумот оид ба додани патент асосҳои ҳуқуқӣ намегардад.

Бо ҳуқуқи муаллифӣ ҳуқуқ ба ном, ки бо қонун бояд таъмин карда шавад робитаи ногусаста дорад, зеро имконияти ихтироъкор оид ба талаб кардани зикри номи ӯ ҳамчун офаранда дар ҳар гуна интишорот оид ба ин объектро дар бар мегирад. Дар баробари ин имконияти ҳуқуқи баромад кардан бо лақаб ба муаллифи ихтирои техникӣ, дар тафовут бо муаллифони асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат, бо қонунгузории амалкунанда дода намешавад.

Ҳамчунин масъалаи ҳуқуқ оид ба додани номи муаллифони он ё номи махсус ба ихтирооти офаридашуда бидуни танзим боқӣ мемонад. Аз муқаррароти умумии диспозитивии қонунгузории маданӣ метавон оид ба имконияти амалисозии он тибқи дархости дахлдори аризадиҳанда хулоса кард, ки якум, фардикунонии сатҳи лозимии объекти сохташударо таъмин мекунад ва дуюм, аксаран ба ҳам монандкунии муаллифи вай имкон медиҳад.

Вобаста ба ин масъала дар илм дуруст қайд карда мешавад, ки ҳуқуқ ба додани номи муаллиф ё номи махсус ба ихтироот, амсилаи муфид ё намунаи

---

[244] Ниг.: Гаврилов Э.П. К вопросу разработки закона об изобретательстве // Вопросы изобретательства. – 1985. – № 3. – С. 20; Скрипко В.Р. Охрана прав изобретателей и рационализаторов в СССР. – М., 1972. – С. 64-65.

саноатӣ ҷанбаи аз ҳуқуқи муаллифӣ барояндаро дорад[245]. Номи муаллиф дар бисёр ҳолат ба ихтироъ дар ҳолате дода мешавад, ки агар ихтироъкор як субъект бошад, ки ҳамзамон ба сифати аризадиҳанда баромад мекунад, ҳарчанд ихтирооте маълуманд, ки номи яке аз ҳаммуалифонро дорад. Номҳои махсуси васеъ дар соҳаи дастовардҳои селексионӣ ва микробиологӣ, инчунин дар тиб, саноати хӯрокворӣ ва химиявӣ ва мошинсозӣ паҳнгардида, метавонанд ё аббревиатура ё калимаҳои сунъисохташударо ташкил кунанд, ки нисбат ба объект бетараф ё баръакс, оид ба он маълумоти бавосита медиҳад, ё ибораҳои ҳарфӣ-рақамӣ ва ғайра. Ҳуқуқдории баррасишаванда дар адабиёти муосир нокифоя таҳқиқ гардидааст, бинобар ин ҳам ба таҳлили ояндаи илмӣ ва ҳам ба танзими ҳуқуқии пурра ниёз дорад.

Диққати махсусро ҳуқуқ ба додани дархост ҳамчун ҳуқуқи муҳимми субъективӣ доро мебошад, чун ки метавонад дар ду ҳолат амалӣ гардад:

1) агар пайдоиши объекти моликияти саноатӣ аз ҷониби корманд бо иҷро гардидани уҳдадориҳои меҳнатии ӯ ё вазифаи мушаххаси корфармо алоқаманд набошад;

2) агар корфармо дар муддати чор моҳ аз санаи огоҳсозии корманд (муаллиф) оид ба бадастоварии натиҷае ба сифати ихтироот, амсилаи муфид ё намунаи саноатӣ, ки ба ҳифзи ҳуқуқӣ ниёз дорад, дархостро барои додани патент надиҳад, ҳуқуқи бадастоварии онро ба шахси дигар надиҳад ё ба корманд (муаллиф) оид ба нигоҳдории маълумот доир ба натиҷаи дахлдор, ки он таҳти ҳифозат қарор дорад, хабар надиҳад.

Нуктаҳои дар боло зикргардида имкон медиҳанд, ки якчанд хулоса бароварда шавад:

1. Ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар байни дигар ҳуқуқҳои шахсии мазмуни қобилияти ҳуқуқдории маданиро ташкилкунанда ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад, чунки ин объектҳо ҷанбаи эҷодӣ доранд ва вобаста ба ин хусусият, дар сатҳи муайян назар ба дигар ҳуқуқҳои субъективӣ бо такрорнашавандагии фардияти субъект алоқаманд мебошанд;

[245] Ниг.: Наменгенов К.Н. Абсолютные и относительные изобретательские правоотношения. – Алма-Ата, 1978. – С. 93; Сергеев А.П. Право на имя и специальное название. – Л., 1983. – С. 15.

2. Ҳуқуқи муаллифӣ вобаста ба таркиби худ басо мураккаб аст ва як қатор ҳуқуқдориро дар бар мегирад, ки муҳтаво ва механизми амалишавии онҳо дар бисёр ҳолат вобаста аст, аввалан ба вижагиҳои объектҳои мушаххаси ҳуқуқҳои субъективӣ ва сониян ба доираи субъектоне, ки ба онҳо дахл доранд. Бештарин ҳаҷми ҳуқуқҳо ба шахсоне тааллуқ дорад, ки бо меҳнати эҷодиашон асари адабӣ, илмӣ ва санъат офарида шудааст ва ҳар кадоме ки пурра аз ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайриамволӣ бо қонунгузории амалкунанда пешбинӣ гардида, бархӯрдор аст. Дар баробари ин ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ ҷудонашаванда ва бегонанашаванда аз муаллиф дар ҳамон андозае мебошад, ки он фардияти шахсро ифода мекунад;

3. Яке аз ҳуқуқҳои муҳимми ба муаллиф тааллуқдошта ҳуқуқ ба интишори асар мебошад, ки бо ҳуқуқ ба бозхонди он робитаи ногусаста дорад. Чунин ба назар мерасад, ки ваколати охириро мумкин аст ба асарҳои объекти ҳуқуқи моликияти шахсони сеюм низ паҳн кард, барои ин зарур аст, ки имконияти харидории маҷбурии онҳо аз ҷониби муаллифи асар, меъёран мустаҳкам карда шавад;

4. Проблемаҳои сершумор ҳангоми ҳимояи моликияти зеҳнӣ дар Интернет ба вуҷуд меояд. Онҳо, пеш аз ҳама, бо исботи муаллифӣ, бо муайян кардани лаҳзаи нашри асар, бо муайянкунии юрисдиксия ҳангоми ҳалли масъала оид ба ҳизфи ҳуқуқҳои муаллифии аз ҷониби провайдер ё истифодабаранда вайронгардида иртибот доранд. Ҳалли муаммоҳои номбаргардида ва мушобеҳ бо ноустувории интишороти шабакавӣ, инчунин бо масъунияти Интернет арзёбӣ мегардад, ки тақрибан содирот ва воридоти объектҳои моликияти ақлониро бе назорат мекунад. Ҳамчунин масъала оид ба табиати ҳуқуқӣ, тартиби интихоб ва шаклҳои истифодаи номи доменӣ бидуни танзими қонунӣ боқӣ мондааст, ки дар шароити муайян бояд ҳамчун воситаи фардикунонии шахси муайян баромад кунад;

5. Дар соҳаи амалисозии ҳуқуқ ба объектҳои моликияти саноатӣ, возеҳан ду гурӯҳи субъектон чудо карда мешаванд – муаллифон ва соҳибони патент, ки ҳуқуқашон ба таври назаррас фарқ мекунад. Қонунгузории амалкунанда муҳтаво ва механизми амалисозии маҷмуии ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба қадри кофӣ дақиқ танзим мекунанд, вале масъалаи муҳим оид ба ҳуқуқ ба додани номи муаллиф ё номи махсус ба ихтироот

ҳанӯз ҳам бидуни танзими меъёрӣ мебошад. Аз муқаррароти умумии оғозҳои диспозитивии ҳуқуқи гражданӣ оид ба имконияти амалисозии он дар асоси дархости дахлдори аризадиҳанда, ки имкон медиҳад, фардикунонии зарурии объекти сохташуда таъмин карда шавад ва дар ҳолатҳои зарурӣ бошад, офарандаи онро ҳаммонанд намояд, бояд хулоса бароварда шавад.

# БОБИ 3. ҚОБИЛИЯТИ ҲУҚУҚИ МАДАНИИ НОБОЛИҒОН

## 3.1. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии мадании ноболиғон

Унсури якуми қобилияти субъективӣ ин қобилияти ҳуқуқдорӣ мебошад, ки аз худи мавҷудияти инсон ҷудонашаванда буда, аз вазъи саломатӣ, синну сол ва дигар хусусиятҳое, ки инсон метавонад мустақилона бо амалҳои худ онро амалӣ намояд вобастагӣ дорад. Чунин мулоҳиза аз меъёрҳои вобаста ба қобилияти ҳуқуқдорӣ алоқамандбуда бармеояд, ки бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдориро дар лаҳзаи таваллуди инсон муқаррар менамоянд.

Вобаста ба муайян намудани лаҳзаи бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдорӣ нуқтаҳои назари гуногун ҷой доранд. Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки қобилияти ҳуқуқдорӣ дар баъзе ҳолатҳо метавонад ҳанӯз то таваллуди инсон ба вуҷуд ояд. Мавқеи асосноке мавҷуд мебошад, ки тибқи он унсурҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ на дар лаҳзаи таваллуди инсон, балки баъдтар, бо ба синну соли муайян расидани ӯ ва бадастоварии қобилияти амалкунӣ ба вуҷуд меоянд[246]. Ва билохира, тибқи нуқтаи назари сеюм лаҳзаи бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдорӣ дар доираи қонунгузорӣ муайян карда мешавад. Ҳар яке аз назарияҳои ишорашуда, аз нуқтаи назари асоснокии илмӣ ва аҳаммиятнокии он дар механизми ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон баррасӣ карда мешавад.

Қонунгузории маданӣ институти ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдаки ҳанӯз таваллуднашударо мустаҳкам менамояд. Ин институт ҳанӯз ба ҳуқуқи римӣ маълум ва дар кодексҳои давлатҳои хориҷӣ инъикос ёфта буд.

Чӣ тавре Я.Р. Веберс қайд менамояд, бавуҷудоии инсон ҳамчун субъекти ҳуқуқи гражданӣ ва мутаносибан қобилияти ҳуқуқдории он аз лаҳзаи таваллуд, воқеияти (факти) инкишофи ҷаниниро аз лаҳзаи дар батни модар будан то таваллуд истисно наменамояд[247]. Г.Ф. Шершеневич бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдории инсонро аз лаҳзаи мавҷудияти он муайян намуда,

---

[246] Ниг.: Вавилин Е.В. Понятие и механизм осуществления гражданских прав и исполнения обязанностей // Журнал Российского права. – 2004. – № 5. – С. 42.

[247] Ниг.: Веберс Я.Р. Правосубъектность граждан в советском гражданском и семейном праве. – Рига, 1976. – С. 105.

саволеро ба миён мегузорад, ки «оё ин лаҳзаро метавон ба лаҳзаи ҷанинӣ мансуб донист ё ба лаҳзаи таваллуди инсон?» ва ба саволи гузошташуда ҷавоб дода, менависад: «баъзе муқаррароти қонунгузории мо имкони тахмин карданро медиҳад, ки он қобилияти ҳуқуқдориро бо лаҳзаи ҷанинӣ алоқаманд мекунад. Ҳаёти ҷанин ҳам бо қонуни ҷиноятӣ ва ҳам бо қонунгузории гражданӣ ҳифз карда мешавад. Масалан, мутобиқи м. 123 КҶ ҶТ исқоти ҳамл манъ карда шудааст, чунки он ғайриқонунӣ маҳсуб меёбад. Сабабаш дар он аст, ки баъд аз 4-моҳа будани ҷанин аллакай тифли дар батни модарбуда ҳуқуқ ба ҳаёт пайдо мекунад ва дар сурати анҷом додани исқоти ҳамл он аз ҳаёт маҳрум мегардад. Мутобиқи м. 1183 КГ ҶТ бошад, ҳангоми мавҷуд будани ҳамл, вале ҳанӯз таваллуд нашудани ворис тақсими амвол танҳо баъди таваллуди чунин ворис сурат мегирад. Бо вуҷуди ин, бояд эътироф намуд, ки қонунгузории граждании мо қобилияти ҳуқуқдориро аз лаҳзаи таваллуди кӯдак эътироф мекунад.

Ба муносибатҳои ҳуқуқӣ на ҷанин, балки кӯдаки таваллудшуда таъсир мерасонад, зимнан ин таъсир ба он лаҳзае мансуб мебошад, вақте ки ӯ (кӯдак) ҳанӯз ҷанин ба ҳисоб мерафт. Таваллуд ба он андоза шарти зарурии қобилияти ҳуқуқдориро ташкил медиҳад, ки ба дунё омадани кӯдаки мурда аз аҳаммияти ҳуқуқӣ маҳрум буда, ҷанин ҳамчун гӯё ҳеҷ вақт мавҷуднабуда баррасӣ карда мешавад. Агар кӯдак зинда таваллуд шуда бошад, пас он қобилияти ҳуқуқдориро соҳиб гаштааст, гарчанде пас аз ин дере нагузашта вафот карда бошад. Ин ҳолат дар ҳуқуқ ба мерос аҳаммияти калон дорад. Қонунгузории мо ба монанди қонунгузории Фаронса талаб намекунад, ки кӯдак на танҳо зинда, балки инчунин барои зиндагӣ солиму тавоно таваллуд шавад»[248].

Ба андешаи Я.Р. Веберс ба он нигоҳ накарда, ки кӯдаки дар батни модар буда субъекти эҳтимолии ҳуқуқ дар оянда ба ҳисоб меравад, маҳз дар робита ба ин зарурати нигоҳ доштани ҳуқуқҳои алоҳидаи он барои ҳолати таваллуди он ба вуҷуд меояд, ба ҳар ҳол, ба сифати дорандаи қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳуқуқҳои субъективӣ ҳанӯз то таваллуд баррасӣ намудани он ғайривоқеӣ

[248] Ниг.: Шершеневич Г.Ф. Учебник русского гражданского права. – М., 2005. – Т.1 – С. 62.

мебошад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ҳуқуқҳои мушаххаси субъективӣ танҳо дар субъекти воқеан мустақилона мавҷудбуда ба вуҷуд омада метавонад»[249]. Тавре С.Н. Братус қайд менамояд, ҷанин субъекти ҳуқуқ намебошад. Қонун танҳо ҳуқуқҳои субъекти эҳтимолии ояндаро ҳифз менамояд[250].

Ҳамзамон, Я.Р. Веберс чунин таъмини ҳуқуқҳои субъекти ояндаро ба сифати институти махсуси ҳифзнамоӣ баррасӣ намуда, бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдориро дар кӯдаки дар батни модарбуда, вале ҳанӯз таваллуднашуда эътироф наменамояд. Ба андешаи ин мутафаккир, ҳуқуқҳои барои суъектиояндаи ҳуқуқ то таваллуди ӯ ҳифзшаванда, ҳанӯз ҳамчун ҳуқуқҳои субъективӣ ба миён наомадаанд. «Қонунгузорӣ танҳо ҳуқуқҳои субъекти ояндаро дар сурати зинда таваллуд шудани он, дар робита ба факти ҳуқуқии то таваллуди он ҷойдошта кафолат медиҳад (кушодашавии мерос, расонидани зарар ва ғайра.). Ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои субъектиояндаи ҳуқуқ, ки қонун пешбинӣ намудааст, амалан усули махсуси техникӣ-ҳуқуқии қайд ё нигоҳдории ҳуқуқҳои субъективии эҳтимолӣ барои ҳолате мебошад, ки агар кӯдаки дар батни модарбуда зинда таваллуд шавад»[251].

Дар КГ ҶТ ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдаки таваллуднашуда, яъне субъекти оянда, дар меъёрҳои ҳуқуқ ба мерос таъмин мегардад. Қонунгузории маданӣ ҳифзи манфиатҳои вориси эҳтимолиро пешбинӣ намуда, муқаррар мекунад, ки ҳангоми мавҷуд будани ҳамл, вале ҳанӯз таваллуд нашудани ворис тақсими амвол метавонад танҳо баъди таваллуди чунин ворис сурат гирад. Дар ҳолати мазкур барои амалигардонии ҳуқуқҳои ворис мавҷудияти ду шарт зарур мебошад: якум, ворис бояд дар давраи дар ҳаёт будани меросгузор ҳамл шуда бошад, дуюм, баъди кушодашавии мерос он бояд зинда таваллуд шуда бошад. Дар ин ҳолат, ҳеҷ гуна ҳуқуқ ба амвол ё ин ки меросхӯрии кӯдаки ҳанӯз таваллуднашуда ҷой дошта наметавонад. Ҳимояи манфиатҳои кӯдак ба шарте ки кӯдак зинда таваллуд шавад ба ҳифзи ҳуқуқҳои он нисбат дода мешавад.

---

[249]Ниг.: Веберс Я.Р. Правосубъектность граждан в советском гражданском и семейном праве. – Рига, 1976. – С. 107.
[250]Ниг.: Братусь С.Н. Субъекты гражданского права. – М., 1984. – С. 51.
[251]Ниг.: Веберс Я. Р. Асари зикршуда. – С. 108-109.

Агар кӯдак мурда таваллуд шавад, пас ӯ меросхӯр эътироф намешавад. Ба ибораи дигар гӯем, қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд, ки ворис мебошад, дар ҳолати баррасишаванда аз лаҳзаи таваллуд ба миён меояд. Ғайр аз он, меъёрҳо оид ба ҳимояи кӯдакони дар батни модарбуда, вале ҳанӯз таваллуднашуда бо муқаррароти ҳуқуқ ба мерос ба охир намерасанд. Қонунгузории мадании ҶТ ҳамзамон муқарраротро оид ба ҳуқуқи кӯдаки ҷабрдида (марҳум), ки пас аз марги ӯ ба дунё омадааст, ба ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи марги саробон расонида шудааст (яъне меъёрҳои ҳуқуқи деликтӣ) дар бар мегирад.

Бинобар ин, ба таҳкими муайяни қонунгузорӣ дар хусуси категорияи қобилияти ҳуқуқдорӣ, институти ҳифзи манфиатҳои субъектониояндаи ҳуқуқ нигоҳ накарда, консепсияи қобилияти ҳуқуқдории кӯдаки (ҳанӯз таваллуднашуда) ҷанин аз тарафи баъзе ҳуқуқшиносон дастгирӣ карда мешавад.

Аммо, ба андешаи коршиносон, дар қонунгузорӣ мавҷуд набудани муқарраротe, ки бевосита вазъи настситурусро ҳамчун субъекти ҳуқуқи гражданӣ мустаҳкам намояд, ягон вақт барои ҳимояи манфиатҳои кӯдаки обисташуда (ҳамл), вале ҳанӯз таваллуднашуда тавассути меъёрҳои ҳуқуқи мерос ва ҳуқуқи деликтӣ монеа эҷод намекард.

Ҳамин тавр, дар ҶТ айни замон муқаррароти қонунгузории амалкунанда лаҳзаи бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдориро тасдиқ намудааст.

Вобаста ба муайян намудани лаҳзаи бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдорӣ муносибати дигар низ ҷой дорад, ки хусусиятҳои хоси қобилияти ҳуқуқдории кӯдакони таваллудшуда, вале ҳанӯз ба сатҳи инкишофи зарурии руҳиву ҷисмонӣ нарасидаро инъикос менамояд.

Чӣ тавре С.Н. Братус қайд карда буд, дар баъзе ҳолатҳо қобилияти доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муайян бинобар сабаби табиати онҳо на дар лаҳзаи таваллуд, балки бо расидан ба синну соли муайян ба вуҷуд меояд. Дар робита ба ин, дар адабиётҳо кӯшиш карда мешавад, ки миёни қобилияти

ҳуқуқдории умумӣ, ки аз лаҳзаи таваллуд ба миён меояд ва махсус, ки дар як вақт бо қобилияти амалкунӣ ба миён меояд фарқият гузошта шавад[252].

Я.Р. Веберс чунин мешуморад, ки барои дарки дурусти қобилияти ҳуқуқдорӣ ва аҳаммияти он фарқ кардани қобилияти ҳуқуқдорӣ дар ду ҷанба – дар маҷмуъ ва дар муносибат ба ҳар як унсури мазмуни он дар алоҳидагӣ зарур мебошад[253]. Тавре муҳаққиқ иброз медорад, «маҳз аз лаҳзаи таваллуд шаҳрванд дорои қобилияти ҳуқуқдории ба сифати субъекти аксарияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молу мулкии маданӣ баромад намудан мегардад: ҳуқуқи моликият, ҳуқуқ ба мерос ва бештари муносибатҳои шартномавӣ, ки амалҳои ҳуқуқии ба таври ҳатмӣ шахсан иҷрошавандаро талаб намекунанд. Аз ин лаҳза шаҳрванд метавонад субъекти уҳдадориҳое гардад, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба вуҷуд меоянд, ба истисноии субъекти ҷавобгарӣ. Ӯ метавонад инчунин субъекти ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии гражданӣ бошад» [254].

Я.Р. Веберс дуруст қайд мекунад, ки эътирофи инсон ҳамчун дорандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз лаҳзаи таваллуд ҳарзаи ҳуқуқӣ намебошад. Ин эътирофи муносибатҳои ҷамъиятии воқеӣ мебошад, ки дар онҳо инсон метавонад ҳамчун субъекти мустақилона аз лаҳзаи таваллуди худ иштирок намояд[255]. Ба ақидаи ӯ эътироф намудани қобилияти инсон вобаста ба доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз лаҳзаи таваллуд, ба сифати шахсияти мустақил дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад намудан, дар кори ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшаванда аҳаммияти бузург дорад[256]. Ӯ чунин мешуморад, ки мавҷуд набудани унсурҳои алоҳидаро дар мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандони ноболиғ, вобастагии ҳаҷми қобилияти ҳуқуқдориро аз синну сол набояд ҳамчун вайронкунии принсипи баробарҳуқуқӣ ва қобилияти ҳуқуқдории баробари шаҳрвандон ва ё поймолсозии ҳуқуқ ва манфиатҳои онҳо баҳогузорӣ намуд[257]. Сухан дар хусуси бавуҷудоии қобилияти ҳуқуқдорӣ дар маҷмуъ меравад, ки албатта,

---

[252]Ниг.: Братусь С.Н. Асари зикршуда. – С. 51.
[253] Ниг.: Веберс Я.Р. Правосубъектность граждан в советском гражданском и семейном праве. – Рига, 1976. – С. 101.
[254] Веберс Я.Р. Ҳамон ҷо. – С.101.
[255] Веберс Я.Р. Ҳамон ҷо. – С.101.
[256] Веберс Я.Р. Ҳамон ҷо. – С.101.
[257] Веберс Я.Р. Ҳамон ҷо. – С. 68.

бавуҷудоии унсурҳои алоҳидаи онро аз лаҳзаи таваллуд истисно намекунад[258]. Чунин хулоса тасодуфӣ намебошад ва айни замон мубрам ба ҳисоб меравад.

Аз мазмуни қобилияти ҳуқуқдорӣ, ки дар м. 19 КМ ҶТ ифода ёфтааст бармеояд, ки на ҳама имкониятҳои ҳуқуқии дар он номбаршудаи ноболиғ метавонанд тавассути механизми қобилияти амалкунии пешакӣ ба амал бароварда шаванд. Масалан, имконияти васият кардани молу мулк, машғулшудан ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ аз тарафи шахс танҳо дар сурати доштани қобилияти пурраи амалкунӣ амалӣ шуда метавонад. Мутобиқи қонунгузории мадании ҶТ васиятнома аз тарафи шаҳрванде гузошта шуда метавонад, ки ҳангоми гузоштани он дорои қобилияти пурраи амалкунӣ бошад. Васиятнома бояд шахсан тартиб дода шавад. Тартиб додани васиятнома тариқи намоянда иҷозат дода намешавад. Амалӣ намудани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ низ тавассути намоянда (бо ёрии он) имконнопазир мебошад, зеро чунин фаъолият бояд мустақил бошад ва таҳти таваккали худ ба амал бароварда шавад. Бешубҳа, бастан ва иҷро намудани аҳдҳои алоҳидаи соҳибкорӣ тавассути намоянда ба мазмуни меъёрҳои кодекси граждан̣ӣ мухолифат намекунад. Аммо аз шахси ғайриқобили амал ва волидон, фарзандхондагони (васиёни) ӯ гузаронидани таваккали фаъолияти соҳибкорӣ дар маҷмуъ тавассути институти қобилияти амалкунии пешакӣ (нопурра) ғайриимкон мебошад.

Ба андешаи Т.Ю. Удовиченко ашхоси ғайриқобили амал дорои қобилияти пурраи ҳуқуқдорӣ намебошанд. Онҳо қобилияти доштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои барои ҳама умумӣ ва баробарро, ки онҳоро шахс метавонад мустақилона, бидуни кумаки дигарон анҷом диҳад, соҳиб нестанд[259]. Муаллиф бар он назар аст, ки бавуҷудоии унсурҳои алоҳидаи мазмуни қобилияти ҳуқуқдорӣ аз синну соли муқаррарнамудаи қонун ва мавҷудияти ҳаҷми дахлдори қобилияти амалкунӣ вобастагӣ дорад ва ӯ дар ин маврид

---

[258] Веберс Я.Р. Ҳамон ҷо. – С.101.

[259] Ниг.: Удовиченко Т.Ю. Правоспособность физических лиц по российскому гражданскому праву: автор. дис. … канд. юрид.наук. – Ростов-на-Дону, 2003. – С. 9.

пешниҳод менамояд, ки ҳамин ҳолат дар қонунгузорӣ, ки қисмати қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандро пешбинӣ мекунад, муқаррар карда шавад.

Ба андешаи мо дар сатҳи қонунгузорӣ ворид намудани чунин иловаро зиёдатӣ мешуморем, чунки он сарҳади (фарқияти) миёни қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкуниро аз байн мебарад. Чунин ба назар мерасад, ки дар як ҳолат мо қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкуниро ҳамчун истилоҳоти аҳаммиятноки мустақилона доро мебошем, дар ҳолати дигар, зарурияти қобилияти хуқуқдорӣ ҷой надорад. Қонунгузории амалкунандаи маданӣ маҳз принсипи қобилияти ҳуқуқдории ягонаи шаҳрвандонро талқин менамояд.

Қобилияти ҳуқуқдорӣ на ҳамчун имкониятҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, балки ҳамчун ҳолати шахс, ки дар ӯ мавҷуд будани имконияти ҳуқуқдориро тавсиф менамояд, фаҳмида мешавад. Зимнан, чунин имконият умумӣ мебошад ва моҳияти он аллакай тавассути имкониятҳои ҳуқуқӣ ифода меёбад, ки номгӯи онҳо дар м. 19 КМ ҶТ дода шудааст. Дар ин ҳолат, имкониятҳои мазкурро шартан унсурҳои қобилияти ҳуқуқдорӣ меноманд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ – истилоҳи мақсаднок, ягона ва комилан устувор мебошад.

Дуюм, истисноҳое, ки қонунгузор дар нисбати баъзе имкониятҳои мушаххаси ҳуқуқӣ роҳ додааст, бояд на ҳамчун паст кардани қобилияти ҳуқуқии субъективӣ ё қобилияти ҳуқуқдории ноболиғон, балки ҳамчун ҷузъи механизми ҳимояи онҳо баррасӣ карда шавад.

Ғайр аз он, масъалаи лаҳзаи бавуҷудоии имконияти васияткунӣ ва машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, ба назари мо, баҳснок ва пурихтилоф мебошад. Чунин ба назар мерасад, ки имкониятҳои ҳуқуқии зикршуда, ҳама вақт зери қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуди он фаро гирифта мешаванд, бо вуҷуди он ки амалисозии онҳо ба муддати вақти муайян мавқуф гузошта шуда бошад. Бавуҷудоии имкониятҳои мазкур маҳз дар лаҳзаи таваллуд барои татбиқи амалии онҳо дар оянда замина мегузорад.

Баъзе масъалаҳои бо таъсири ҳудуди синнусолии муқаррарнамудаи қонун, ки ба ҳаҷми қобилияти амалкунии ноболиғон иртибот доштанд, дар зербобҳои

пешина баррасӣ гардида буданд, вале бисёр масъалаҳои дигари аз аҳаммияти калони илмию амалӣ бархӯрдорбуда ба таҳлил ниёз доранд. Қобилияти амалкунии ноболиғон дар синни аз 6 то 14-солагӣ қобилияти амалкунии ҷузъӣ мебошад. Кӯдакони ба синни шашсолагӣ нарасида, амалан пурра ғайриқобили амал эътироф карда мешаванд, чунки онҳо «умуман ба фаъолияти гражданӣ қобилият надоранд»[260]. Ноболиғони синни шаш то чордаҳсоларо бошад, на қонунгузории амалкунанда ва на таҷрибаи татбиқи он асоси ғайриқобили амал ҳисоб кардани онҳоро намедиҳанд, чунонки баъзан дар адабиёти илмӣ ин нукта тасдиқ карда мешавад[261], ки дар ин маврид худи номи м. 29 КМ ҶТ шаҳодат медиҳад: «Қобилияти амалкунии ноболиғон», ҳарчанд баъзан қайд мегардад, ки: «...шаҳрвандони ба синни 14-солагӣ нарасида, ғайриқобили амал мебошанд, чунки наметавон оид ба қобилияти амалкунии шахс қазоват кард, агар ӯ ҷавобгарии мустақилонаро барои амалҳои худ ба зимма надошта бошад»[262].

Бо ин ақида, лекин розӣ шудан мушкил аст. Дар қонун нисбат ба чунин шахсон муқаррар намудани мустақилона содиркунии муомилаҳои хурди маишӣ; аҳдҳое, ки барои бадастоварии фоидаи беподош равона гардидааст» ва тасдиқи нотариалӣ ё бақайдгирии давлатиро талаб намекунад, инчунин аҳдҳо оид ба ихтиёрдории воситаҳои аз ҷониби намояндагони қонунӣ пешниҳодгардида ё бо розигии онҳо шахсони сеюм барои мақсадҳои муайян ё барои ихтиёрдории озод, маънои дар онҳо мавҷуд будани ҳамон ҳаҷми қобилияти пурраи амалро дорад, ки ба сатҳи инкишофи зеҳнии онҳо мутобиқ аст, мувофиқан, қобилияти амалкунии онҳоро метавон ҷузъӣ номид.

Шахсони хурдсол соҳиби молумулки манқул ва ғайриманқул мебошанд ва метавонанд он амволеро истифода баранд, ки ба падару модари онҳо тааллуқ доранд, инчунин ҳамон амволе, ки ба худи онҳо тааллуқ доранд. Дар КО ҶТ моликияти кӯдак ба қадри кофӣ дақиқ аз моликияти падару модараш ҷудо карда мешавад: кӯдак ба молу мулки падару модараш ҳуқуқи соҳибмулкӣ надорад,

---

260 Ниг.: Мейер Д.И. Русское гражданское право: В 2 ч. 3-е изд., испр. – М., 2003. – С. 114.
261 Ниг.: Майданник Л.А., Сергеева Н.Ю. Материальная ответственность за повреждение здоровья. – М., 1968. – С. 113.
262 Ниг.: Гражданское право: учебник. Ч. I. 3-е изд., перераб. и доп.//под. ред. А.П. Сергеева, Ю.К.Толстого. – М., 1998. – С. 103.

падару модар (ва дигар аъзои оила), дар навбати худ, ҳуқуқ ба молу мулки кӯдак надоранд, бинобар ин, зоҳиран, кӯдакон соҳибмулкони ягонаи молу мулки ба онҳо таалluқдошта мебошанд.

Иштироки намояндагони калонсолони гурӯҳи мазкур (кӯдакони 12-13-сола) дар муомилоти маданӣ беш аз пеш шаклҳои фаъолро касб менамояд, бинобар ин, бо ақида оид ба он ки то чордаҳсолагӣ ноболиғон умуман наметавонанд аҳд банданд, розӣ шудан душвор аст, баъди чордаҳсолагӣ бошад, танҳо бо розии падару модар муомила карда метавонанд.. Маҳрум кардани кӯдакон аз мустақилона содир намудани амалҳои гуногуни ҳуқуқӣ дар онҳо ташаккул гардидани малакаҳоро барои иштирок дар муомилоти гражданӣ ва рушди фаъолнокии граждании онҳо имконнопазир мегардонад.

Чуноне В.А. Рибаков дуруст қайд мекунад «тарафи муҳтавоии тарбияи ҳуқуқӣ дар ҷанбаи танзимӣ лаҳзаи амалӣ, яъне ташаккули ангезаҳо ва одатҳои фаъолнокии маданӣ-ҳуқуқӣ, тарбияи муқаррарот ба рафтори муайян ва мазмуни амалидоштаро дар бар мегирад»[263]. Набудани малака ва нишондодҳои мувофиқ, чуноне қайд гардид, ба норасидагии иҷтимоӣ меоварад ва метавонад дар амалия як қатор зуҳуротҳои манфиро ба бор оварад.

Қисми 2 м. 29 КМ ҶТ дар худ як навъ ихтилофе дорад: аз як тараф, ба хурдсолон ҳуқуқи бастани аҳдҳои хурди маишӣ, аз сӯйи дигар бошад – аҳдҳои вобаста ба ихтиёрдории воситаҳои барои мақсадҳои муайян ё барои ихтиёрдории озод пешбинигардида дода шудааст. Агар бо ақидае розӣ шавем, ки воситаҳои пулии аз ҷониби падару модар ё шахсони сеюм пешниҳодгардидаро ихтиёрдорӣ карда, хурдсол ҳуқуқ дорад, танҳо муомилаҳои хурди маишӣ бандад[264], тафриқаи қонунии намудҳои номбаргардидаи аҳдҳо ҳама гуна мазмуни худро гум мекунад, бинобар ин ба аҳдҳо оид аз ҷониби хурдсолон ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои пулӣ бояд ҳар гуна аҳдҳои ҳуқуқии гражданӣ дохил карда шаванд, ба ғайр аз онҳое, ки ба тасдиқи нотариалӣ ё бақайдгирии давлатӣ ниёз доранд, дар ҳоле ки ҳамаи

---

[263] Ниг.: Тархов В.А., Рыбаков В.А. Общие положения о типах, формах и видах собственности в России: методологические аспекты права собственности: научный очерк // под науч. ред. В А Тархова. – М., 2004. – С. 62.
[264] Ниг.: Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации: части первой // отв. ред. О.Н. Садиков. – М., 1995. – С. 56.

ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ аз рӯйи чунин аҳдҳо ба зиммаи намояндагони қонунии кӯдакон гузошта мешавад.

Ба ғайр аз амалҳое, ки ҳуқуқ ба содири мустақилонаи онҳо дар м. 29 КМ ҶТ мустаҳкам шудааст, ба амалҳои мазмуни ҳуқуқидоштаи шахсони хурсол ҳамчунин бояд имконияти (маҳдуд) амалисозии ҳуқуқ ба ном, ки дар м. 20 КМ ҶТ мустаҳкам шудааст, дода шавад. Кӯдакони ба синни 10-солагӣ расида, дар ин соҳа дорои ваколатҳои муайян мебошанд, чунки тағйири ном ва (ё) насаби кӯдаки ба ин синну сол расида, мумкин аст танҳо бо розигии ӯ амалӣ карда шавад. Муқаррароти дар қ. 4 м. 67 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии ҳолати шаҳрвандӣ» пешбинигардида, ба меъёри овардашуда мухолифат мекунад ва ҳуқуқи шахсони хурдсолро вайрон мекунад, ки тибқи он ҳангоми тағйири насаб аз ҷониби падару модар ё номи падар ҳамзамон насаб ва номи падари кӯдаке, ки ба синни 16-солагӣ нарасидааст тағйир меёбад. Мутобиқи қ. 4 м. 67 ҳамин қонун ҳангоми тағйири насаб аз ҷониби яке аз волидон, насаби кӯдаки ба синни 16 нарасида, мумкин аст бо розигии падару модар, дар сурати мавҷуд набудани чунин созиш бошад – тибқи дастури мақоми васоят ё парасторӣ иваз карда шавад.

Дар адабиёт дуруст қайд мегардад, ки дар ҳолати мазкур қонунгузор оид ба зарурати баҳисобгирии манфиатҳои кӯдак нишондод надода, пурра иродаи ӯро ба эътибор намегирад[265], бинобар ин зарур аст, ки ба сархати 2 қ. 3 м. 67 Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии ҳолати шаҳрвандӣ» ибораи зерин илова карда шавад: «Тағйири насаб ва номи падари кӯдаки ба синни 10-солагӣ расида, мумкин аст танҳо бо розигии ӯ амалӣ карда шавад».

Ҳуқуқи кӯдак барои интихоби маҳалли зист мумкин аст, қисман ҳамчунин аз ҷониби кӯдаконе амалӣ гардад, ки ба синни 10- солагӣ расидаанд, дар сурати ҳалли масъала дар хусуси он ки бо кадоме аз волидон онҳо пас аз қатъи никоҳи онҳо ҳамроҳ зиндагӣ мекунанд. Бояд қайд кард, ки «манфиати кӯдак ҳамчун қоидаи оилавӣ-ҳуқуқӣ ҳастаи танзими ҳуқуқиро ташкил дода, самти мақсадҳои комилан муайяндоштаи онро муайян мекунад, ки ин ё он меъёри ҳуқуқӣ ба хотири он мавҷуд

[265] Ниг.: Блохина О.Ю. Учет интересов ребенка при реализации им права на имя // Закон и право. – 2004. – №5. – С. 45.

аст»[266]. Манфиатҳои кӯдакон, ки на ҳама вақт аз ҷониби онҳо мумкин аст возеҳан дарк карда шавад, аз ҷониби волидон, фарзандхондагон ё парасторон, мувофиқан, инкишофи ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва зеҳнии кӯдак, маълумот, саломатӣ ва шароити зиндагӣ – ҳамаи он чиро, ки бо мафҳуми пурғунҷоиши «манфиатҳои кӯдак» фаро гирифта мешавад, пурра аз шахсияти намояндагони қонунии ӯ вобаста аст, чунки маҳз онҳо аз ном ва манфиатҳои кӯдак ҳама гуна амалҳои аҳаммияти ҳуқуқидоштаро содир менамоянд, ба ғайр аз он, ки ба хурдсолон иҷозат дода шудааст.

Дар амалия манфиатҳои кӯдак баъзан на танҳо аз ҷониби волидон балки дигар намояндагони қонунӣ низ вайрон карда мешавад, аммо бештар ташвишовар он аст, ки аз ҷониби мақомоти судӣ низ ин ҳолат мушоҳида мегардад, дар навбати аввал – ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба муқарраркунии фарзандхонӣ (духтархонӣ), ки шакли сохтори афзалияти ҳуқуқидоштаро барои кӯдакони дар оила аз парастории волидон маҳрумгардида дар бар мегирад, дар раванди он ки байни фарзандхондагон ва кӯдак муносибатҳои ҳуқуқӣ байни падару модар ва кӯдак ба вуҷуд меоянд».

Тавсифи қобилияти ҳуқуқдории мадании ноболиғон дар синни аз шаш то чордаҳсолагӣ нопурра мебуд, агар дар проблемаҳои бо ҷуброни зарари ба онҳо расонидашуда алоқаманд набошад. Мутобиқи қонунгузории гражданӣ барои зарари аз тарафи чунин шахсон расонидашуда волидон (фарзандхондагон) ё парасторон ҷавоб медиҳанд, агар исбот накунанд, ки зарар бе гуноҳи онҳо ба вуҷуд омадааст. Агар хурдсолони ба васоят ниёздошта, дар муассисаи тарбиявӣ ва тиббӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ё дигар муассисаҳои монанд қарор дошта бошад, тибқи қонун, ин муассиса парастори ӯ мебошад ва бо ҳамон шартҳо ҷавобгар аст.

Аммо агар хурдсол зарарро замоне расонида бошад, ки ҳамон вақт таҳти назорати муассисаи махсусгардонидашуда қарор дошт, ин муассиса ҳамчунин барои зарари ба кӯдак расонидашуда ҷавобгар аст, агар исбот накунад, ки зарар

[266] Ниг.: Ильина О.Ю. Об определении интересов ребенка как семейно-правовой категории // Государство и право. – 2005. – № 11. – С.70.

бо гуноҳи ӯ ба вуҷуд наомадааст ва дар амалисозии назорати нодуруст аз болои ноболиғ бевосита ҳангоми расонидани зарар ифода мегардад[267].

Агар хурдсол зарарро ҳангоме расонида бошад, ки ӯ таҳти назорати шахси амалисозандаи ҳамин назорат дар асоси шартнома қарор дошт, ин шахс ҳамчунин барои зарари аз ҷониби кӯдак расонидашуда ҷавобгар аст, агар исбот накунад, ки зарар бе гуноҳи ӯ содир шудааст. Дар меъёри мазкур ҷалби фаъолонаи шахсони пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои мутобиқ ба ҷараёни тарбиявӣ ва таълимӣ ифодаи худро ёфтааст. Дар баробари ин ҷавобгарии субъектони номбаргардида барои зарари аз ҷониби парасторони хурдсоли онҳо расонида шуда, ҳангоме, ки дар зери назорати онҳо қарор доштанд, бояд новобаста аз он ки муносибати онҳо бо волидони кӯдак бо шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи ҳуқуқӣ оид ба расонидани хизматрасонии музднoки тарбиявӣ ё таълимӣ ба расмият даровaрда шудааст, бояд ба вуҷуд ояд.

Ҳамин тариқ, волидон, фарзандхондагон, парасторон ва шахсони амалисозандаи назорат аз болои хурдсолон қобилияти деликтии дар ӯ мавҷуднабударо "пурра" намекунанд, чунки масъала оид ба ҷавобгарии деликтии онҳо танҳо барои он ба вуҷуд меояд, ки алоқаи сабабӣ-оқибатии байни назорати номувофиқ аз болои шахсони номбаргардида ва зарари аз ҷониби онҳо расонидашуда, муқаррар карда мешавад. Тарафи субъективии ин ҳуқуқвайронкуниро гуноҳи шахсоне ташкил медиҳанд, ки ба онҳо тибқи қонун ё шартнома уҳдадории амалисозии назорат аз болои хурдсолон вогузор гардидааст, зимнан зарар на нисбат ба воқеияти расонидани зарар, балки нисбат ба амалисозии номувофиқи уҳдадориҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида муқаррар карда мешавад[268].

Аввалин маротиба чунин имконият дар КГ ҶТ пешбинӣ гардида буд, ки муқаррар мекард, агар волидон (фарзандхондагон), парасторон ё дигар шаҳрвандоне, ки ба зиммаи онҳо ҷуброни зарари аз ҷониби хурдсол расонидашуда, вогузор гардида буд, фавтиданд ё барои он маблағи лозимӣ надоранд, худи расонандаи зарар, ки пурра дорои қобилияти пурраи амал

[267] Ниг.: Сб. постановлений Пленумов Верховного Суда и Высшего Арбитражного Суда РФ. – М., 2000. – С. 478.
[268] Ниг.: Андреев Е.Н. Правоспособность и дееспособность несовершеннолетних по советскому гражданскому праву: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1972. – С. 14.

гардидааст ва дорои чунин воситаҳо мебошад, суд бо дарназардошти вазъи молиявии шахси ҷабрдида ва расонандаи зарар, инчунин дигар ҳолатҳои парванда ҳуқуқ дорад оид ба ҷуброни пурра ё ҷузъии зарар аз ҳисоби худи зараррасонанда, вале танҳо дар ҳолати зарар ба ҳаёт ва саломатии ҷабрдида қарор қабул намояд.

Ин мавқеи қонунгузор инсондӯстона ва адолатнок аст: дар сурати коллизияи манфиатҳои ҷабрдида ва шахси зараррасонида, ки дорои қобилияти деликтӣ нест, бояд ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҷабрдида афзалият дошта бошад, чунки талафоти амволӣ, ки ба зиммаи зараррасонанда уҳдадориро барои ҷуброни он вогузор мекунад, аз рӯйи уҳдадории худ бо ҷуброни аз ҷониби ҷабрдида қабулгардида, қиёснопазир аст. Дар баробари ин вогузории ҷавобгарӣ барои зарари аз ҷониби хурдсолон расонидашуда, нисбат ба худи онҳо ҳуқуқ мебошад, на уҳдадории суд ва онро суд бо дарназардошти як қатор омилҳои дар қонун нишондодашуда, аз ҷумла – вазъи молиявии ҷабрдида ва зараррасонанда метавонад амалӣ созад.

Қобилияти амалкунии ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола (қобилияти амалкунии нисбӣ). Қобилияти амалкунии шахсони ба синни 14-солагирасида, аз қобилияти амалкунии хурдсолон хеле фарқ мекунад. Ба ғайр аз аҳдҳо, ки содиркунииии мустақилонаи онҳо ба шахсони хурдсол иҷозат дода шудааст, ноболиғони ба гурӯҳи мазкури синнусолӣ тааллуқдошта, ҳамчунин ҳуқуқ доранд, ки:

1) мустақилона музди меҳнат, кумакпулӣ ва дигар даромадҳояшонро ихтиёрдорӣ намоянд;

2) ҳуқуқи муаллифии асарҳои илмӣ, адабӣ ё санъат, ихтироот ё дигар натиҷаи фаъолияти зеҳнии бо қонун ҳифзшавандаро амалӣ созанд;

3) ба ташкилотҳои қарзӣ амонат гузоранд ва онро ихтиёрдорӣ намоянд.

Ҳар як ваколати дар қ. 2 м. 27 КМ ҶТ номбаргардида ва дар қонунҳои махсус мушаххасгардида шаҳодат медиҳанд, ки аз ҷониби қонунгузор нисбат ба ноболиғони ба ин гурӯҳи синнусолӣ шомилбуда, эътироф намудани дараҷаи кофии инкишофи зеҳнӣ ва отифавӣ, дорои малакаи муайяни амалии дар

мумилоти маданӣ иштироки фаъол доштанро имконпазир медонад. Ин шахсон ҳамчун эҷодкорони билқувва – ихтироъкорон, муаллифони асарҳои илмӣ, адабӣ ё санъат, ҳамчун муштариёни бонк ва ниҳоят, ҳамчун иштирокчиёни фаъолияти даромадоваранда баромад мекунанд.

Дар ҳамин ҳол дар қ. 2 м. 27 КМ ҶТ муқаррар гардидааст, ки ноболиғон ҳуқуқ доранд мустақилона на танҳо ба даромад ё кумакпулии худ, балки дигар даромади худ, ки дар зери мафҳуми он даромадҳои ноболиғон аз истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнии аз ҷониби онҳо ё аз ҷониби волидонашон эҷод карда, фаҳмида мешавад; ҳиссаи даромади кооперативи тиҷоратӣ, ки ба ӯ тааллуқ дорад ва ӯ дар он иштирок мекунад; даромадҳо тибқи саҳмияҳо, ки ба ноболиғ тухфа шудааст ё васият карда шудааст; даромадҳои аз идоракунии молумулки ба ӯ таллуқдошта бадастоянда ва ғ ихтиёрдорӣ намояд. Аммо тибқи қ. 1 м. 38 КМ ҶТ, ин даромадҳо аз ҷониби васиён ва парасторон бевосита барои манфиати шахсони зери васоят қарордошта ва бо розигии пешакии мақоми васоят ва парасторӣ, (ба ғайр аз хароҷотҳои ба нигаҳубини ӯ зарурбуда) харҷ карда мешавад. Ҳамин тариқ, ба даромадҳои «дигар даромадҳо» номидашаванда, на танҳо шаҳрванди ноболиғ, балки намояндагони қонунии онҳо низ ҳуқуқи мустақилона ихтиёрдорӣ карданро надоранд.

Ин мухолифати ошкорои қонунгузориро, чуноне дар адабиёт қайд гардидааст аз қ. 1 ва 2 м. 27 КМ ҶТ бо хориҷ кардани ибораи «дигар хароҷот» мебояд бартараф кард[269]. Дар ҳолате ки ноболиғ дар амалҳояш вобаста ба ихтиёрдории даромад ё кумакпулии худ сатҳи лозимии дурандешӣ ва мулоҳизакорӣ намекунад, қонунгузор имконияти маҳдудсозӣ ё ҳатто маҳрум кардани қобилияти амалкунии ӯро дар соҳаи мазкур пешбинӣ кардааст. Мутобиқи қ. 4 м. 27 КМ ҶТ ҳангоми мавҷуд будани асосҳои лозимӣ суд бо дархости волидон, фарзандхондагон ё парасторон ё мақоми васоят ва парасторӣ метавонад ҳуқуқи ноболиғро оид ба мустақилона ихтиёрдорӣ намудани даромади худ, кумакпулӣ ё дигар даромад, маҳдуд кунад ё маҳрум созад. В.А. Тархов вобаста ба масъалаи мазкур қайд мекард: «Маҳдудсозии қобилияти амалкунии ноболиғон метавонад чораи хуби тарбиявӣ ва

[269] Ниг.: Левушкин А.Н. Правовое регулирование имущественных прав несовершеннолетних детей по законодательству Российской Федерации // Юрист. – 2003. – №10. – С. 15.

пешгирикунанда бошад», чунки «агар фарзандон дорои даромади худ бошанд, онҳо онро ҳамчун «маблағи кисахарҷӣ» мефаҳманд, ки ҳаҷми калонро ташкил медиҳад, аммо ба буҷети оилавӣ ворид намекунад»[270].

Аммо имконияти бо қонун пешниҳоднамудаи маҷбуркунии судии ноболиғон барои иштирок дар хароҷоти оилавӣ дар амалия хеле кам ба назар мерасад. Бо тартиби судӣ ба даст овардани маҳдудсозӣ ё маҳрумсозии кӯдакон аз ҳуқуқи ихтиёрдории воситаҳои пулии бадастоваранда аз нуқтаи назари ахлоқӣ-этикӣ бисёр мушкил аст, бинобар ин баҳсҳо оид ба он ки қонунгузор чи мазмунро таҳти мафҳуми ибораи «мавҷудияти асосҳои зарурӣ», на мазмуни амалӣ, балки назариявӣ дорад. Вале дар ҳар гуна ҳолат чунин асосҳо бояд дақиқ карда шаванд, бинобар ин, тасвияти қ. 4 м. 27 КМ ҶТ-ро бояд тағйир дод ва дар таҳрири зерин ифода кард: «Агар ноболиғи аз чордаҳ то ҳаждаҳсола даромади худ, кумакпулӣ ё дигар даромадро барои харидани нӯшокиҳои алкоголӣ, воситаҳои нашъадор ё қиморбозӣ сарф кунад, суд дар асоси дархости волидон, фарзандхондагон ё парасторон ё мақоми васоят ва парасторӣ метавонад ҳуқуқи ноболиғро барои ихтиёрдории ин даромад маҳдуд кунад ё аз ин ҳуқуқ маҳрум созад». Чунин тасҳеҳ ба меъёри тафсиршаванда мазмуни дақиқ медиҳад ва имконияти маҳдудсозии беасос ё маҳрумсозии ноболиғонро, ки аз яке аз ҳуқуқҳои мадании субъективӣ мебошад, пешгирӣ мекунад.

Ҳамаи дигар амалҳои муҳимми ҳуқуқии ноболиғон, ки ба ваколатҳои пештар баррасӣ гардида тааллуқ доранд, аз ҷониби намояндагони қонунии онҳо бояд иҷозат дода шавад. Масъала оид ба табиати ҳуқуқии розигии волидон, фарзандхондагон ё парасторони ноболиғ барои содиркунии аҳдҳои мазмуни муҳимми илмӣ ва амалидошта, фаъолона мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба гунаҳои мухталиф дар адабиёти муосир ҳал мешаванд. Баъзе олимон пешниҳод доранд, ки чунин тавофуқ ҳамчун яке аз шартҳои воқеӣ будани аҳдҳо баррасӣ карда шавад[271]. Аз мавқеи назарияи «ҳамиштирокии ҳуқуқӣ», шахсони содиркунандаи амалҳои барои бастани аҳдҳо аз ҷониби шахсони ноболиғ

---

[270] Ниг.: Тархов В.А., Рыбаков В.А. Общие положения о типах, формах и видах собственности в России: методологические аспекты права собственности: научный очерк // под науч. ред. В А Тархова. – М., 2004. – С. 63.
[271] Ниг.: Андреев Е.Н. Правоспособность и дееспособность несовершеннолетних по советскому гражданскому праву: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 1972. – С. 8.

зарурбуда, ба сифати ҳамиштирокчиёни ҳуқуқии онҳо баррасӣ карда мешаванд. Баъзан розигии волидонро ба аҳдҳои мустақил нисбат медиҳанд[272], баъзе олимони дигар бошад, қайд мекунанд, ки чунин ризоият «... воситаи амалисозии ҳуқуқи кӯдак барои содири аҳдҳо, воситаи «иҷозатдиҳӣ»-и кӯдак ба муомилоти гражданӣ мебошад»[273].

Равишҳои баррасигардида якдигарро истисно намекунанд, баръакс такмил медиҳанд, чунки онҳо имкон медиҳанд, ки мазмуни муносибатҳои ҳуқуқие, аз аҳдҳои шахсони ноболиғ ба вуҷуд меоянд, дақиқан муайян намоянд, вале ҳамиштирокии ҳуқуқӣ сохтаи мантиқан асоснокшуда мебошад, чунки маҳз ӯ алоқаи ҳуқуқии контрагентро оид ба аҳдҳо ва намояндаи қонунии ноболиғ пешбинӣ мекунад, ки дар ҳолати мазкур амалан ба сифати кафили устувории уҳдадории бавуҷудомада, баромад мекунад. Ба ақида оид ба он ки шахсони ба бастани шартнома аз ҷониби шахси ноболиғ розигидода, наметавонанд ба ҷуброни дар натиҷаи ин зарарҳо бавуҷудоянда, ҷалб гарданд, набояд розӣ шуд[274].

Меъёрҳои КМ ҶТ дар ҳақиқат ҷавобгарии мустақилонаи молумулкии шахсони ноболиғро оид ба аҳдҳои содиршаванда муқаррар мекунанд, вале дар баробари ин набояд эътироф кард, ки дар чунин равиш, якум, ҳамаи мазмуни тафриқаи аҳдҳои аз ҷониби ноболиғ мустақилона содиршаванда ва аҳдҳои аз ҷониби ӯ бо розигии намояндагони қонунӣ содиршаванда, аз миён меравад; дуюм, манфиатҳои қонунии чунин шахсон ба эътибор гирифта намешавад, ки дар ҳолати барои ҷуброни зарари расонидашуда надоштани молу мулки зарурии шахсони ноболиғ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ беҳимоя фаҳмида мешаванд.

Масъала оид ба аз ҷониби ноболиғони ба чунин гурӯҳи синнусолӣ дохилшаванда, амалисозии ҳуқуқ ба ҳимоя, ки дар м. 10 - 11 КМ ҶТ мустаҳкам гардидааст, таваҷҷуҳи хосро талаб мекунад. Уҳдадории давлат оид ба таъмини ҳуқуқи барои беҳбудии кӯдак зарурӣ ва барои ин қабул намудани ҳама чораҳои

---

[272] Ниг.: Кузнецова Л.Г., Шевченко Я.Н. Гражданско-правовое положение несовершеннолетних. – М., 1968. – С. 29.

[273] Ниг.: Савельева Н.М. Правовое положение ребенка в Российской Федерации: гражданско-правовой и семейно-правовой аспекты: автореф, дис. ... канд. юрид. наук. – Белгород, 2004. – С. 11.

[274] Ниг.: Андреев Е.Н. Асари номбурда. – С. 10.

мутобиқи қонунӣ ва маъмурӣ дар Конвенсияи СММ оид ба ҳуқуқи кӯдак – дар санади асосии байналмилалӣ, ки ба вазъи кӯдакон бахшида шуда аст мустаҳкам гардидааст. (м. 3) [275]. Қонунгузории Тоҷикистон, ки дар ин самт амал мекунад, мутаассифона, бо бенизомӣ ва номутобиқатии худ фарқ мекунад, мустаҳкам намудани ҳуқуқи кӯдаки ба синни чордаҳсолагӣ расида дар КО ҶТ оид ба муроҷиати мустақилона ба суд сирфан функсияи намоиширо иҷро мекунад, чунки ҳолатҳои муроҷиати шахсони ноболиғ ба мақомоти судӣ бо талаби ҳифзи ҳуқуқҳои худ дар таҷрибаи судҳо дучор намешавад.

Дар радифи чораҳои ба ҳимояи намояндагони ин гурӯҳи синнусолӣ равонагардида, метавонад ва бояд худҳимоя самаранокии бештарро дошта бошад. Маҳз ин восита, моҳиятан, аз ҷониби кӯдак дар ҳолате истифода мешавад, ки агар ӯ фикри худро ҳангоми ҳалли ҳамаи масъалаҳои манфиатҳои ӯро дарбаргиранда, ифода кунад. Ӯ ҳуқуқ дорад, масалан, аз муносибат бо волидони алоҳида зиндагикунанда ё хешовандони худ даст кашад; бо шакли омӯзиши барои ӯ интихобгардида розӣ нашавад ва ғайра, бинобар ин, чуноне дар адабиёт дуруст қайд мегардад, дар қонунгузорӣ мавҷуд набудани меъёри танзимкунандаи худҳимоятии ноболиғон оид ба номукаммалии қонунгузории амалкунанда шаҳодат медиҳад[276].

Проблемаҳои бо амалисозии мустақилонаи ҳуқуқ ба ҳимоя аз ҷониби шахсони ноболиғ робитадошта мураккаб, сершумор ва ва бисёрпаҳлӯ мебошанд, вале ин нукта бебаҳс аст, ки нисбат ба намояндагони ин гурӯҳи синнусолӣ қобилияти мустақилона содирнамоии як қатор амалҳои ҳуқуқии мураккабро эътироф карда, қонунгузор ӯҳдадор аст на танҳо нисбат ба онҳо ҳуқуқ ба худҳимоякуниро эътироф кунад, балки ҳамаи шароити зарурии моддӣ ва мурофиавии амалисозии онро таъмин намояд.

Вазъи ҳуқуқии мадании ноболиғони ба ин гурӯҳи синнусолӣ тааллуқдошта, доимӣ ва бетағйир нест. Вай метавонад на танҳо ба самти маҳдудсозии ҳаҷми

[275] Ниг.: Конвенсияи ҳуқуқи кудак аз 26 – уми январи соли 1990. Дар ҶТ аз 25 – уми ноябри соли 1993 амал мекунад// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

[276] Ниг.: Беспалов Ю.Ф. Некоторые вопросы реализации семейных прав ребенка (теория и практика): монография. – Владимир, 2001. – С. 38.

қобилияти амалкунии ба онҳо тааллуқдошта ногаҳон тағйир ёбад, ки дар ҳолатҳои маҳдудсозӣ ё маҳрумсозии ӯ ҳуқуқи мустақилона ихтиёрдорӣ намудани музди маоши худ, кумакпулӣ ё дигар даромад ҷой дорад, балки дар самти муқобил – дар сурати озодшавии пурра аз ҳокимияти волидон, фарзандхондагон ё парасторон, ки ҳангоми ақди никоҳ то расидан ба балоғат ва эмансипатсия ба вуҷуд меояд.

Бисёр масъалаҳои мураккаб ҳамчунин дар мавриди татбиқи амалии ниҳоди мазкур ба вуҷуд меояд. Мушкилии бештарро ҳамон далел ба миён меорад, ки дар қонунгузории амалкунанда муқаррарот оид ба он ки аз кадом синну сол ноболиғ метавонад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, мавҷуд нест. Таҳлили айнии м. 28 КМ ҶТ имкон медиҳад хулоса кард, ки ноболиғ ба чунин фаъолият метавонад аз синни чордаҳсолагӣ машғул шавад, вале танҳо бо расидан ба синни шонздаҳсолагӣ, ӯ метавонад масъалаи эмансипатсияи худро ҳал намояд. Аммо, таҳлили м. 22, 27 ва 29 КМ ҶТ баръакси ҳолро шаҳодат медиҳанд, яъне шаҳрванд барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бояд пурра қобилияти пурраи амал дошта бошад. Боз як ихтилофоти дигаре, ки ҳалли худро мехоҳад, дар он ифода меёбад, ки фаъолияти соҳибкорӣ чун фаъолияти мустақилонае муайян карда мешавад, ки дар зери таваккали худ амалӣ карда мешавад, вале қ. 1 м. 28 КМ ҶТ аз ҷониби шахсони ноболиғ амалисозии онро иҷозат медиҳад, танҳо бо розигии волидон, фарзандхондагон ё парасторон, ки фаъолияти мазкурро аз аломати асосии муқарраркунӣ маҳрум мекунад.

Вобаста ба ин масъала лозим аст ба ақида дар хусуси «дуруст набудани қазоват оид ба фаъолияти соҳибкории истилоҳи мазкури синнусолии шаҳрвандон ҳамроҳ шуд. Дар ин ҳолат зарур аст танҳо оид ба фаъолияти даромадовар қайд кард»[277], чунки «барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ зарур аст, шаҳрванд дорои қобилияти пурраи амал бошад, яъне ё бояд ба синни 18-солагӣ расида бошад, ё бояд қобилияти амалкунии пурраро бо бастани никоҳ ё дар ҳолати эмансипатсия ба даст оварда бошад»[278]. Дар баробари ислоҳи зарурии қонунгузории амалкунанда метавон тибқи амсилаи дар Кодекси мадании Украина

[277] Ниг.: Ручкина Г.Ф. Предпринимательская правосубъектность как элемент правового статуса гражданина // Юрист. – 2003. – №10. – С. 5.
[278] Ниг.: Удовиченко Т.Ю. Правоспособность физических лиц по российскому гражданскому праву: автор. дис. … канд. юрид.наук. – Ростов-на-Дону, 2003. – С. 109.

мустаҳкамгардида амалӣ намуд, ки чуноне қайд гардид, ба қадри кофӣ пайгирона проблемаи мазкурро ҳал менамояд: тибқи қ. 3 м. 35 КГ Украина масъала оид ба додани қобилияти амалкунии пурра мумкин аст нисбат ба шахси ба синни шонздаҳрасида ҷой дошта бошад, ки мехоҳад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад ва дар сурати розигии хаттии волидон (фарзандхондагон), парасторон ё мақоми васоят ва парасторӣ субъекти мазкур мумкин аст ҳамчун соҳибкор ба қайд гирифта шавад[279].

Айни замон ҳамаи асосҳо барои қайд кардан, оид ба он ки ниҳоди эмансипатсияро бояд пешрафта эътироф кард, на танҳо ба талаботи муомилоти гражданӣи муосир ва иқтисоди бозаргонӣ, балки ба пештара, назар ба замони ҳозираи инкишофи фаъолнокии граждании бисёр шахсони ноболиғ мавҷуданд. Эмансипатсия дар дараҷаи баробар ба манфиати ноболиғони пеш аз муҳлат бадастоварандаи мустақилияти амволӣ аст ва волидони ӯ ҷавобгӯ ҳастанд, ки аз уҳдадории ҷавобгарӣ барои зарари аз ҷониби фарзанди онҳо расонидашуда озод мегарданд. Ин ҳалли мутамаддини муаммои «падарон ва фарзандон» дар ҷанбаи ҳуқуқии гражданӣ мебошад, ки ба таври дигар “қатъи муносибат”-и ба худ хоси волидон бо фарзандон мебошад ва дар он ҳолатҳое зарур аст, ки агар ҳангоми ба синни шонздаҳ расидани кӯдак ӯ дорои сатҳи баланди балоғати руҳию отифавӣ, фаъолнокии гражданӣ мегардад ва соҳиби малакаи муайян ва қобилият дар ин ё он соҳаҳои соҳибкорӣ ва дигар соҳаи фаъолияти бо қонун манънагардида мегардад.

Дар маҷмуъ, бояд эътироф кард, ки қонун фарқияти на чандон калонро байни қобилияти амалкунии ноболиғон, ки ба гурӯҳи мазкури синнусолӣ тааллуқ доранд ва шахсони қобилияти амалкунии пуррадошта мегузорад,. Шаҳодати равшани ин воқеият ин эътирофи қобилияти деликтии онҳо мебошад. Мутобиқи қ. 3 м. 27 ва қ. 1 м. 1199 КМ ҶТ ноболиғони гурӯҳи мазкури синнусолӣ мустақилона барои зарари расонидаашон ҷавоб медиҳанд. Аммо қонунгузор ба ҳисоб гирифтааст, ки ноболиғон кам дар кам дорои воситаҳои барои ин зарурӣ

[279] Ниг.: Цивильний кодекс Украины от 16 января 2003, № 435 – IV (ст. 25.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: //zakon.rada.gov.ua (санаи муроҷиат: 08.02.2021 с.).

мебошанд, бинобар ин дар қ. 2 м. 1199 КМ ҶТ муқаррар шудааст, ки дар ҳолате агар ноболиғ даромад ё дигар амволе надорад, ки барои ҷуброни зарар кифоя аст, зарар бояд пурра ё дар қисмати нарасандаи он аз ҳисоби волидон (фарзандхондагон) ё парасторон ҷуброн карда шавад, агар онҳо исбот накунанд, ки зарар бе гуноҳи онҳо ба вуқӯъ пайвастааст. Чунин уҳдадорӣ мумкин аст ба зиммаи муассисаҳои тарбиявӣ ё таълимӣ ё муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ гузошта шавад, ки бинобар қувваи қонун дар ҳамон шартҳо ба сифати парастори ӯ баромад мекарданд.

Ҳамин тариқ, ҷавобгарии волидон (фарзандхондагон) ва парасторон барои зарари аз ҷониби ноболиғони аз синни чордаҳ то ҳаждаҳсолагӣ расонидашуда, якум, хусусияти иловагӣ ва субсидиарӣ дорад ва дуюм, барои ҷуброни зарари амволӣ ва маънавӣ равона карда шудааст. Ғайр аз ин, ин ҷавобгарӣ бо расидани зараррасонанда ба балоғат ё пеш аз мухлат – дар ҳолатҳое ки ӯ соҳиби даромад ё дигар амвол гардид, ки барои ҷуброни зарар кифоят мекунанд, ё агар то расидан ба балоғат муакллафиятро дар ҳаҷми пурра ба даст овард, қатъ мегардад. Аз ҷониби ноболиғони зараррасонанда ба даст овардани қобилияти пурраи амал дар ҳаҷми пурра дар натиҷаи никоҳ бастан ё эмансипатсия, ҳамчунин асоси озодшавии волидони онҳо, фарзандхондагон ва васиён аз ҷавобгарӣ барои зарари аз ҷониби онҳо расонидашуда ва вогузор кардани он ба зараррасонанда мебошад.

Рағбати калони илмӣ ва амалиро масъала оид ба вогузор намудани ҷавобгарии деликтӣ дар сурати ҷудо истиқомат кардани волидони кӯдак ташкил медиҳад. Дар м. 61 КО ҶТ мустаҳкам шудааст, ки падару модар ҳуқуқҳои баробар ва уҳдадориҳои баробар нисбат ба кӯдакони худ доранд. М. 66 КО ҶТ комплекси чораҳоро пешбинӣ мекунад, ки ба амалисозии аз ҷониби падару модар ҷудо зиндагикунандаи кӯдак амалисозии ҳуқуқ ба муносибат бо кӯдак ва тарбияи ӯро дар бар мегирад, аз ҷумла дар ҳолатҳое, ки агар ба чунин муносибат яке аз онҳо монеъ шавад, бинобар ин, ҷавобгарии падару модари ҷудоистиқоматкунанда бояд дар асосҳои умумӣ танзим шавад.

Дар боби 66 КМ ҶТ муқаррарот оид ба ҷавобгарии волидони аз ҳуқуқи падариву модарӣ маҳрумгардида муқаррар гардид. Мутобиқи м. 1200 КМ ҶТ

нисбат ба чунин волидайн суд метавонад ҷавобгариро барои зарари аз ҷониби кӯдаки ноболиғи ӯ содирнамуда, дар давоми се соли пас аз маҳрум кардан аз ҳуқуқи падариву модарӣ вогузор карда шавад, агар рафтори кӯдак, ки ба зараррасонӣ боис шуда бошад ва он натиҷаи амалисозии номуносиби ухдадориҳои волидон бошад.

Ҳамин тариқ, қоида оид ба ҷавобгарии шахсони номбаргардида на хусусияти императивӣ, балки диспозитивӣ дорад. Дуюм, ҷавобгарии онҳо бо се соли маҳрумсозии ҳуқуқҳои падару модар маҳдуд карда шудааст. Сеюм, он танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки агар муқаррар карда шавад, ки «рафтори кӯдак, ки сабаби бавуҷудоии зарар гардидааст, натиҷаи амалисозии номуносиби ухдадориҳои падариву модарӣ аз ҷониби шахси аз ҳуқуқи падариву модарӣ маҳрумшуда гардидааст».

Чунин мавқеъ шигифтовар аст, махсусан агар феҳристи асосҳои маҳрумсозии ҳуқуқҳои падариву модарии м. 69 КО ҶТ ба хотир оварда шавад, ки ҳар яке аз онҳо (бо як истисно) шаклҳои гуногуни худдориро аз амалисозии муносиби ухдадориҳои падариву модарӣ ба бор меорад. Азбаски воқеияти аз ҷониби волидони кӯдак содир гардидани ин амалҳо бо қарори ба қувваи қонунӣ даромадаи судӣ оид ба маҳрумсозии ҳуқуқҳои падариву модарӣ муқаррар гардидааст, онҳо ба исботкунӣ дар мурофиаи нави судӣ ниёз надоранд, чунки мутобиқи қ. 2 м. 64 КМГ ҶТ ҳолатҳои тибқи қарори судии ба қувваи қонунӣ даромада аз рӯйи парвандаи пештар баррасигардида, барои суд ҳатмӣ мебошад ва ҳангоми баррасии парвандаи дигар, ки дар он ҳамон шахсон иштирок доранд, шикоят карда намешавад. Ба ин муқаррароти қонун бешубҳа тасвияти м. 1200 КМ ҶТ мухолифат дорад, ки ба зарурати дар суд исбот намудани мавҷудияти алоқаи сабабӣ-оқибатиро байни амалҳои ғайриқонунии волидони муайянкардаи суд, ки аз ҳуқуқи падариву модарӣ маҳрум гардидааст ва рафтори кӯдаки ӯ, ки ба шахси дигар зарар расонидааст, қайд карда шудааст.

Дар баробари ин, маҳз ҷабрдида бояд мавҷудияти алоқаи сабабӣ-оқибатии байни рафтори шахсони номбаргардида ва амалҳои кӯдакони ноболиғи онҳоро исбот кунад, чунки тибқи қ. 1 м. 58 КМГ ҶТ «ҳар як тараф бояд ҳамон

ҳолатҳоеро исбот кунад, ки ба он ӯ ҳамчун асоси талабот ва эътироз истинод меоварад, агар бо қонун дигар ҳолат муқаррар нагардида бошад». Чунин тақсими уҳдадорӣ аз рӯйи парвандаҳои категорияи номбаргардидаро набояд одилона эътироф кард, бинобар ин дар м. 1200 КМ ҶТ бояд тағйирот ворид карда шавад ва муқаррар намояд, ки падару модари аз ҳуқуқи падариву модарӣ маҳрумшуда, ҷавобгариро дар асосҳои умумӣ ба зимма доранд, яъне агар исбот накунанд, ки зарар бе гуноҳи онҳо ба вуҷуд омадааст.

Ҳамаи гуфтаҳо имкон медиҳад хулосаҳои зерин бароварда шавад:

1. Дар ҳуқуқдории субъективии ноболиғон хусусиятҳои динамикии ҳуқуқи субъективии маданӣ бо вазоҳати бештар ба назар мерасанд. Дар давоми муҳлати на он қадар зиёд вай чандин бор аз ҳисоби васеъшавии ҳаҷми қобилияти амалкунии нисбат ба шахс эътирофшаванда, ки бо расидан ба сарҳади синнусолии бо қонун муқарраргардида ба вуҷуд меояд, тағйир меёбад, ки бо онҳо меъёрҳои қонунгузории амалкунанда сатҳи нави дараҷаи инкишофи шахси ноболиғро алоқаманд мекунанд. Ғайр аз ин, ҳуқуқдории субъективии ноболиғон метавонад ба ҳолати нав (ба тарафи ҳам маҳдудшавӣ, ҳам васеъшавии ҳаҷми ҳуқуқдории субъективии дар шахс мавҷудбуда) дар натиҷаи дигар далелҳои ҳуқуқии бо қонунгузории амалкунанда муқарраргардида тағйири шакл намояд;

2. Танзими қонунии қобилияти амалкунии ноболиғон баислоҳоти муайян ниёз дорад. Чунончи, зарур аст ихтилофи байни қ. 2 м. 27 КМ ҶТ, ки ҳуқуқи ноболиғро дар синни аз чордаҳ то ҳаждаҳ оид ба мустақилона ихтиёрдорӣ кардани даромади худ, кумакпулӣ ва дигар даромадро муқаррар мекунад ва қ. 1 м. 38 КМ ҶТ, ки мутобиқи он даромадҳои шаҳрванди таҳти васоят қарордоштаро на танҳо худи шаҳрванд ҳуқуқ надорад мустақилона ихтиёрдорӣ намояд, балки намояндагони қонунии ӯ бе розигии пешакии мақоми васоят ва парасторӣ ва чуноне дар адабиёт пешниҳод гардида буд, аз сархати 1 қ. 1 м. 27 КМ ҶТ ибораи «дигар даромад»-ро хориҷ намуд, бартараф карда шавад;

3. Лозим аст тасвияти қ. 4 м. 27 КМ ҶТ тағйир дода шавад ва он дар таҳрири нав пешниҳод карда шавад: «Агар ноболиғи синни чордаҳ то ҳаждаҳсола даромади худ, кумакпулӣ ё дигар даромадро барои харидани нӯшокиҳои

алкоголӣ, воситаҳои нашъадор ё қиморбозӣ сарф намояд, суд аз рӯйи дархости волидон, фарзандхондагон ё парасторон ё мақоми васоят ва парасторӣ метавонад ноболиғро аз ҳуқуқи мустақилона ихтиёрдорӣ кардани ин даромадҳо маҳрум кунад ё онро маҳдуд созад”

4. Ҳангоми таҳлили механизми ҳуқуқдории субъективии мадании ноболиғони аз чордаҳ то ҳаждаҳсола табиати ҳуқуқии розигии намояндагони қонунӣ барои аз ҷониби онҳо содир гардидани амалҳои мазмуни ҳуқуқидошта аҳаммияти калон дорад. Аз консепсияиҳои зиёди дар адабиёт пешниҳодшаванда ва мантиқан асоснокшуда мавқеи «ҳамиштирокии ҳуқуқӣ» ташкил медиҳад, чунки ӯ алоқаи ҳуқуқии контрагентро аз рӯйи аҳдҳо бо намояндаи қонунии шахсони номбаргардида пешбинӣ менамояд, ки он комилан ба сифати кафолати устувории ухдадории бавуҷудомада баромад мекунад;

5. Рағбати калонро сохтори ба истилоҳ кафили қонунӣ, яъне кафилии волидон, фарзандхондагон ё парасторон нисбат ба кӯдакони ноболиғ аз рӯйи аҳдҳои аз ҷониби онҳо содиршаванда ташкил медиҳад. Аммо, ҳалли босамари проблемаи баррасишаванда бояд дар қонун мустаҳкамнамоии ҷавобгарии субсидиарии намояндагони қонунӣ аз рӯйи аҳдҳои аз ҷониби онҳо иҷозатдода барои шахсони ноболиғ гардад, дар сурати дар ноболиғон мавҷуд набудани даромад ё дигар молумулки барои ҷуброни зарарҳои аз ҷониби онҳо расонидашуда гардад, ки барои он пешниҳод карда мешавад тағйироти мувофиқ ба қ. 3 м. 27 КМ ҶТ ворид карда шавад;

6. Пешниҳод карда мешавад, ҳамин меъёр бо нишондод ба ҳуқуқи ноболиғони ба синни шонздаҳрасида, оид ба мустақилона содир намудани аҳдҳо дар соҳаи хариду фурӯши чакана, хӯроки умумӣ ва чорабиниҳои оммавӣ пурра карда шавад;

7. Ҳамчунин зарур аст ба қ. 1 м. 28 КМ ҶТ тағйирот ворид карда шавад ва дар таҳрири зерин пешниҳод карда шавад: «Ноболиғи ба синни шонздаҳрасида, мумкин аст пурра мукаллаф эълон карда шавад, агар ӯ аз рӯйи шартномаи меҳнатӣ кор кунад, аз ҷумла тибқи созишнома, ё бо розигии волидон, фарзандхондагон ё парасторон хоҳиш дорад, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад»;

8. Бо мақсади бартараф намудани нуқсон дар қонунгузорӣ, ки дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ манфӣ ифода мегардад, зарур аст ба қ. 1-2 м. 1199 КМ ҶТ тағйирот ворид карда шавад ва дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ноболиғони аз синни чордаҳ то ҳаждаҳсола мустақилона ҷавобгариро барои зарари амволӣ ва маънавии расонидаашон дар асосҳои умумӣ ба зимма доранд.

2. Дар ҳолате ки агар ноболиғи синни чордаҳ то ҳаждаҳсола даромад ё дигар молумулке надошта бошад, ки барои ҷуброни зарари моддӣ ё маънавии расонидашуда кифоят кунад, зарар бояд пурра ё дар қисмати камомад аз ҷониби волидон (фарзандхондагон) ё парасторон ҷуброн карда шавад, агар исбот накунанд, ки зарар бе гуноҳи онҳо ба вуҷуд омадааст».

## 3. 2. Қобилияти ҳуқуқдории субъективии ноболиғон дар муносибатҳои иттилоотӣ

Ҳар як меъёри ҳуқуқии танзими фаъолияти иттилоотӣ, ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ, аз ҷумла ноболиғон равона гардидааст. Ноболиғон тибқи қонунгузории маданӣ субъекти мустақили ҳуқуқ ба иттилоот мебошанд[280]. Ноболиғон таҷрибаи ҳаётии калон надоранд, ҳама чизро вобаста ба фаҳмиши маҳдуди худ дарк мекунанд, вале бо ҳамин дар ҳимояи давлат қарор доранд, чунки дорандаи иттилооти инфиродӣ буда, ҷаҳонбинии худро доранд. Бинобар ин, ҳам ноболиғон ва ба балоғат расидагон то охири умр ба тарбия ва худтарбия ниёз доранд.

Ҳар яке аз муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дорои объекти худ мебошанд. Вале ин ақида маънои онро надорад, ки дар табиат аввал объект ва баъд дигар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ пайдо шуда бошад. Объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мумкин аст то ба вуҷуд омадани алоқаҳои дахлдори ҳуқуқи маданӣ ва ё ин ки дар давраи мавҷудият ва амали шудани онҳо вуҷуд дошта бошанд. Дар баробари ҳамин объекти муносибатҳои

[280] Ниг.: Курбоналиев Н.Ш. Проблемы защиты гражданских информационных прав ребёнка в Республике Таджикистан: монография. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 10.

ҳуқуқи маданӣ на чизи абстрактие, ки нисбат ба он алоқаҳои муайяни ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, балки неъматҳои моддӣ ё ғайримоддӣ ҳам шуда метавонанд. Пас объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ неъматҳои мушаххаси харида ё фурӯхташуда, нигоҳдошта, дар истифода буда, кашондашуда ва ғайра шуда метавонанд.

Ҳар як объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ қобилияти қонеъ гардонидани ин ё он талаботи инсонро дорад. Бешубҳа, характери ин талабот, ба монанди тарзҳои қонеъ гардонидани онҳо ниҳоят гуногун мебошанд. Вале ин моҳияти корро дигаргун карда наметавонад. Қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқӣ ба он такя менамояд, ки ҳар як объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ таъиноти бевоситаи худро дорад. Бо ҳамин сабаб гурӯҳҳои гуногуни объектҳо дорои режими ягонаи ҳуқуқӣ намебошанд. Аз ин ҷо неъматҳои гуногун муносибати гуногунро ба худ талаб менамояд. Дар баробари он на ҳамаи неъматҳои олами моддӣ ва ғайримоддӣ объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ шуда метавонад, ба монанди замин, боигариҳои леризаминӣ, ҳуқуқҳои сиёсӣ ва ғайраҳо. Аз тарафи дигар васеъ будани доираи объектҳои ҳуқуқи маданӣ ба гуногунии муносибатҳои ҷамъиятие, ки худи ҳуқуқи маданӣ ба тартиб медарорад, вобастагӣ дорад.

Ба объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ашё, пул, қоғазҳои қиматнок, кор, хизмат, иттилоот, амал, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, номи фирмавӣ, тамғаи мол ва воситаи дигари фардикунонии маҳсулот, неъматҳои ғайримоддӣ, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Чи тавре ки аз мазмуни қ. 2 м. 136 КМ ҶТ бармеояд, низоми объектҳои ҳуқуқи маданӣ кушода мебошад. Дар қ. 2 моддаи зикршуда, ҷумлаи «ҳуқуқи молумулкӣ ва молумулки дигар» навишта шудааст, ки далели андешаи дар боло зикршуда буда, бо қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12-уми майи соли 2007, таҳти № 247, иттилоот ҳамчун объекти мустақил ба қ. 2 моддаи зикршуда ворид гардид. Аз байн понздаҳсол гузашт ва таҷрибаи амалии моддаи мазкур нишон медиҳад, ки эътирофи иттилоот ба сифати объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ барои такмили қобилияти ҳуқуқдории

субъектони ин соҳа, инкишофи бозори хизматрасониҳои иттилоотӣ ва ҳимояи иттилооти хоса замина гузошт. Дар ҳуқуқи маданӣ зерсоҳаи нав пайдо гардид ва онро В. С. Толстой «Ҳуқуқи иттилоотии гражданӣ» номид[281]. Ба андешаи ӯ меъёрҳои он муносибатҳои мутлақи байни молики иттилоот ва дигар субъектони ҳуқуқи маданиро танзим менамояд. Муносибатҳои бавуҷудомада як навъи хоси муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ буда, дар натиҷаи ба муомилот баровардани иттилооти хосса ба вуҷуд меояд, ки ба мухторияти ирода, баробарӣ ва мустақилияти иштирокдорони он асос ёфтааст.

Аз ҳолати статикӣ ба ҳолати динамикӣ гузаштани ҳуқуқи мадании иттилоотӣ аз ташаббуси ҳуқуқии молик ва ё дигар дорандаи ҳуқуқ ба иттилоот вобастагӣ дорад. Субъектони мазкур дар соҳибӣ, истифода ва ихтиёдории иттилооти хосса ваколатдор мебошанд. Тибқи қ. 1 м. 34 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот», аз 10-уми майи соли 2002, таҳти № 55, онҳо метавонанд ин объекти муҳимро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намоянд. Дорандаи ҳуқуқ ба иттилоот ваколат дорад шахси амаликунандаи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории иттилоотро таъйин намуда, қоидаи коркарди иттилоот ва дастрасӣ ба онро муайян карда, инчунин дигар шартҳоро нисбат ба иттилоот муқаррар намояд.

Асосҳои ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият ба иттилоот аз инҳо иборат мебошанд:

– таҳияи иттилоот дар натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ;

– ба муомилот баровардани иттилооти хосса тибқи шартномаҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ, таҷрибавию конструкторӣ, иҷрои корҳои технологӣ;

– махфикунонии иттилооте, ки дорои сирри давлатӣ мебошад;

– ба давлат ва ё мақомотҳои маҳалли ҳокимияти давлатӣ гузашт намудани иттилооти хосса мувофиқи шартномаи хариди давлатии мол, кор ва хизмат;

---

[281] Ниг.: Толстой В.С. Гражданское информационное право. – М.: – Изд. – во Академии повышения квалификации и профессиональной переподготовки работников образования, 2009. – 296 с.

– ба муомилот баровардани иттилооти хосса дар натиҷаи иҷро ва ё хизматрасонии музднoки иттилоотӣ;

– дигар ҳолатҳои муқаррар намудаи қонунгузорӣ.

Ба муомилот баровардани иттилооти хосса хусусиятҳои аҷиб дорад. Масалан, истифодаи иттилооти мазкур ба нестӣ намебарад. Агар ашёҳои истеъмолӣ (як пиёла чой, як коса шир, ним кило себ ва ғайра) дар натиҷаи истифода нест шаванд, иттилоот бошад, нест намешавад.

Вай инъикоси объективӣ дорад. Бо таҳлили иттилооти шахсӣ ин ё он шахси воқеиро ҷиҳати ҷойи зист, шавқу машғулият, муносибат ба кор ва ғайра, муайян намудан имконпазир аст. Иттилоот дар бораи ашё имкон медиҳад, ки онҳоро ба ашёи бо нишонаҳои навъ муайяншаванда ва ашёи хоса таснифот намоем. Дар мавриди якум иттилоот маълум менамояд, ки ашёи бо нишонаҳои навъ муайяншаванда нишонаҳои хоси ҳамаи ашёи ҳамин навъро дошта, бо миқдор, вазн ва андоза муайян карда мешавад. Чунин ашё ивазшаванда мебошад. Дар мавриди дуюм сухан дар хусуси ашёе меравад, ки аз ашёи дигар бо аломатҳои танҳо хосаи худ фарқ мекунад. Ин ашё ивазнашаванда мебошад. Бинобар ин, иттилооти хоса, ки дар муомилоти маданӣ эҳтиёҷоти фармоишгар ва ё «харидор»-ро қонеъ мегардонад, мол ҳисобида мешавад.

Беҳуда нест, ки тибқи м. 35 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» иттилооти молӣ ҳамон натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва ё хизматрасоние мебошад, ки эҳтиёҷоти иттилоотии «харидор» - ро дар бозори молӣ қонеъ мегардонад. Нархи чунин иттилоот, ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, тибқи шартнома муқаррар карда мешавад.

Иттилоот метавонад ҳамчун дониш инъикос гардад. Бешубҳа, ҳама гуна иттилоот дониш нест. Одатан таҳлилгарон дар Интернет ва воситаҳои ахбори омма дар бораи таҳдидҳои глобалӣ ба монанди гармшавии ҳаво, пандемия, муҳоҷират, ҷанги киберӣ, буҳрони энергетикӣ, беқурбшавии пул, оммавишавии ҳаёти шахсӣ ва истифодаи ҷавонон бисёр сухан мегӯянд. Вале як таҳдиди дигар ҳам ҳаст, ки онро хабари дурӯғ («fake news») меноманд. Вожаи англисии «фейк» дар бозори молӣ чунин маъноҳо дорад:

– тағйир додани матни асар ё контент, инчунин тағйир додани асари суратгир, сабт – нигориши овозҳо ва (ё) тасвирҳо ё дигар асари аудиовизуалӣ;

– тағйир додани саҳифаи интернетӣ ё блоги дигар шахс, ки дар шабакаи иҷтимоӣ таҳия ва паҳн карда мешавад;

– маъруфияти фармоишӣ ва дурӯғини шахс, асар ва лоиҳа;

– пурра қалбакӣ ё ин ки қисман иттилооти ғалат маънидодшуда дар бораи фактҳо, ҳодисаҳо ва зуҳурот.

Дар бозори мазкур дар муқобили ин таҳдид хизмати «фактчекинг» аз ҷониби иштирокдорони касбии фаъолияти иттилоотӣ расонида мешавад. Моҳияти ин намуди хизматрасонии иттилоотӣ дар таҳияи иттилооте ифода мегардид, ки хабари дуруғинро инкор намуда, қалбакӣ будани онро ошкор менамояд. Усули асосии ташкилӣ-ҳуқуқии ин хизмат шартнома, санҷиши фактҳо ва муқобилгузории онҳо аз лиҳози инъикоси воқеият мебошад.

Дар амалияи судӣ зери мафҳуми «маълумоти ба ҳақиқат мувофиқ набуда», ин воқеият ё ҳодисаҳое, ки дар вақт ва маҳалли аслӣ ба маълумотҳои баҳсӣ таалуқдошта, ҷой надошта бошанд, фаҳмида мешаванд» [282]. Истифодаи истилоҳи «маълумот» мазмуни иттилооти хосса дорад, зеро ки мафҳуми иттилоот дар сархати 1 м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоот» ҳамчун маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо, сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо маънидод карда шудааст. Вале ҳама гуна иттилоот объекти ҳуқуқи маданӣ шуда наметавонад. Моликӣ ба иттилооти хосса, яъне инфиродӣ, аз дорандааш ҷудошуда, муомилотпазир ва қонеъкунандаи эҳтиёҷоти «харидор», сифати объекти ҳуқуқи маданӣ будани он аст.

Ҳамин тавр, вақте ки сухан дар бораи иттилоот ҳамчун дониш меравад. Кодекси намунавии иттилоотии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки бо Қарори маҷлиси сиюмини пленарии Ассамблеи Байнипарлумонии давлатҳо – аъзоёни ИДМ аз 3-юми апрели соли 2008, таҳти № 30 – 6 қабул шудааст[283],

---

[282] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ» аз 23 – юми декабри соли 2011, таҳти № 7. // Маҷмӯаи «Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма». – Душанбе, 2017. – С. 212.

[283] Ниг.: Кодекси намунавии иттилоотии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки бо Қарори маҷлиси сиюмини

иттилооти эҷодиро муқаррар намудааст. Тибқи м. 28 ин кодекс, иттилооти мазкур дастоварди ҷамъият буда, шарти зарурии инкишофи ҷомеа мебошад. Вай асари ҳуҷҷатӣ ё маълумоти ошкоро баёншуда буда, маҳсули фаъолияти эҷодии муаллиф мебошад. Бо чунин фаҳмиши иттилоот ҳамчун дониш розӣ шудан мумкин аст. Ба назари мо чунин иттилоот заминаи объективӣ дошта, ҷиҳатҳои норавшани ин ё он масъалаи аҳамияти иҷтимоӣ ё инфиродидоштаро мекушояд. Аз ҳама муҳим илман асос дошта, исботшаванда мебошад.

Иттилоот дар муомилоти маданӣ танҳо дар мавриди ҷудошавӣ дар шакли объективӣ (шунидан, хондан, тамошо кардан ва ғайра) аз муаллиф, таҳиягар, иҷрокунанда ва дигар иштирокдорони касбии бозори молӣ объекти ҳуқуқи маданӣ мегардад. Иттилооте, ки дар қалби муаллиф, таҳиягар, иҷрокунанда ҳаст, ҳоло дастраси дигарон нагардидааст, мавзуи худтарбия, масъулият ва коркард мебошад. Дар ин кор бовиҷдонӣ, иҷрои уҳдадорӣ дар назди фармоишгар, корфармо, иттиҳоди ҳамкасбон, озодии андеша, сухан ва иттилоот нақши созанда доранд. Устод ё муаллим низ дар таҳияи иттилооти таълим мустақил аст. Вай озодии баёни мазмуни таълим аз рӯйи салоҳдиди худ дар доираи барномаҳои (силлабусҳои) таълимӣ, интихоби мавзуъ барои таҳқиқоти илмӣ ва ҳалли он бо усулҳои худро дорад.

Ҳамзамон, иштирокдорони касбии бозори молӣ  дар татбиқи озодиҳои худ, бояд дар байни манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ тавозун гузоранд, яъне масъулият дошта бошанд, чунки иттилоот метавонад созанда ва ё зараррасон бошад. Мутаасифона дар шароити имрӯза ба ин арзишҳои маънавию ҳуқуқӣ баъзе субъектони ҳуқуқи маданӣ беаҳамиятӣ зоҳир мекунанд. «Таҷриба нишон медиҳад, ки рафтору гуфторро кӯдак асосан аз волидон меомӯзанд. Ин аст, ки дар хонадоне ки дурӯғ ё ҳақорат як ҷузъи гапзанӣ маҳсуб мешавад, гӯши фарзандон ба он одат мекунанд ва дар захираи луғавии онҳо вожаҳои таҳқиромез фаровон истифода мегарданд.

---

пленарии Ассамблеи Байнипарлумонии давлатҳо – аъзоёни ИДМ аз 3 – юми апрели соли 2008, таҳти № 30 – 6 қабул шудааст.// http. iacis.ru (санаи муроҷиат: 21.12.2021 с.).

Волидоне, ки дар ҳузури фарзандаш бо телефон ба касе дурӯғ мегӯяд, нахустин дарси шайтонро ба ӯ меомӯзонад»[284].

Ё дигар муносибати номатлуб бадномкунӣ, таҳқиру туҳмат (буллинг) мебошад. Буллинг (вожаи англисии – bullying) дар корхона, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, бахусус дар ҷомеаи хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва дар байни донишҷӯён ба назар мерасад. Як шакли зӯроварии ҷисмонӣ ё иттилоотие мебошад, ки дар паҳн намудани маълумотҳои зарраррасон ё истифодаи қувваи ҷисмонӣ дар нисбати ҷабрдида мебошад. Дар ҷунин ҳолат ҷабрдида дар ҳолати тобеъ ё нобаробар қарор дошта, худро мустақилона ҳифз карда наметавонад.

Ба сифати агрессор муаллим, мудири муассисаи томактабӣ ё дигар шахс баромад мекунад, ки аз салоҳияти кории худ суиистифода намуда, дар нисбати зертобеи худ ҷабру ситамро раво мебинад ва ё дар нисбати ӯ маълумоти бардурӯғро  паҳн менамояд. Ин амали ғайриқонунӣ доимо, барқасдона ва бо истифода аз афзалиятҳо анҷом дода мешавад. Таҳлилҳои гузаронидашуда гувоҳӣ медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Молдова 86, 8 дар сади хонандагони синфҳои 6 – 12 дар ин ё он шакл буллингро аз сар гузаронидаанд. Вазъияти ташвишовар дар муассисаҳои таълимии ш. Кишинев мебошад, ки дар он аз теъдоди умумии хонандагон аксарияташон ҷабрдида ё шоҳиди буллинг гардидаанд.

Дар низоми муассисаҳои таълимии Тоҷикистон чунин маълумоти боэътимод пайдо карда натавонистем. Вале чунин ҳолат маънои онро надорад, ки дар фаъолияти онҳо буллинг ҷой надорад. Бинобар ин, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҶТ бо ҷалби мутахассисони кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи ДМТ дар яке аз мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии ш. Душанбе дар мавзуи буллинг таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида шавад. Ошкор намудани буллинг характери профилактикӣ дошта ва барои пешгирии ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон мусоидат карда метавонад.

[284] Ниг.: Ализода Х. Ҳақорат – суҳбат // Минбари халқ. – 2020. – № 28 (1269). – 8 июл. – С. 16.

Иттилоот, инчунин хусусияти инъикоси дигар иттилооти хосаро дорад. Чунин иттилоот «барнома барои мошинҳои электронии ҳисоббарор», «манбаи маълумот», «асари аудиовизуалӣ», «домен» ва «биткоин» мебошанд. Тибқи сархати 18 м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» аз 13-уми ноябри соли 1998, таҳти № 726, ин барнома маҷмуи дастурҳо, ки бо калимаҳо, рамзҳо, аломатҳо, нишонаҳо, диаграммаҳо ё бо ягон шакли дигар ифода ёфтаанд ва метавонанд дар мошинҳои дар боло зикршуда ё дастгоҳи дигари компютерӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ истифода шаванд. Ин мафҳум ҳам системаи амалиётӣ ва ҳам барномаи амалиро, ки дар рамзҳои ибтидоӣ ё объекти ифода ёфтаанд, ҳамчунин маводи тайёр ва тасвирҳои аудиовизуалиро, ки дар натиҷаи таҳияи барнома барои мошинҳои зикршуда ба даст омадаанд, дар бар мегирад ва ба мафҳуми «манбаи маълумот» тааллуқ надорад.

«Манбаи маълумот» - маҷмуи маълумот дар шакли хониши мошиннавис ё шакли дигар, ки аз рӯйи интихоб ва ҷобаҷогузории мавод натиҷаи эҷодиёти зеҳнӣ ба ҳисоб меравад. Мафҳуми мазкур, мувофиқи сархати 3 м. 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ба барномаҳо барои мошини электронии ҳисоббарор, ки бо ёрии он дастрасии электронӣ ба маводи манбаи маълумот амалӣ мегардад, дахл надорад.

«Асари аудиовизуалӣ» – асаре, ки аз миқдори муайяни бо ҳам алоқаманди кадрҳо (боовоз ё беовоз) иборат буда, барои дарки бинои ва шунавоӣ (дар сурати боовоз будани он) тавассути дастгоҳҳои техникии дахлдор таъин шудааст. Асарҳои зикршуда аз асарҳои синамоӣ ва ҳамаи асарҳои дигаре, ки бо васоили ба он монанд офарида шудаанд, иборат мебошад: филмҳои телевизионӣ ва видеоӣ, диафилмҳо, филмҳои слайдӣ ва ғайра, сарфи назар аз тарзу усули нигориши аввалин ё минбаъдаи онҳо.

Мувофиқи банди 14 Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди ҶТ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 8-уми августи соли 2008, таҳти № 389 тасдиқ шудааст, баъди бастани шартнома бо мизоҷ провайдер реквизитҳои суроғавии онро хабардор месозад (фазои суроғавӣ, номҳои доменӣ), пайвастани мизоҷро (абонентро) ба шабакаҳо таъмин менамояд,

доир ба тартиби воридшавӣ ва кор дар шабакаҳои таҳвилӣ маълумот дастур медиҳад, таҷҳизоти зарурирo тавсия мекунад. Провайдер чунин субъекти ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки ҳамчун хизматрасон (оператори хадамоти телематикӣ) пайвасткунии техникии мизоҷро ба Интернет анҷом медиҳад. Аз мазмуни меъёри оварда бармеояд, ки номҳои доменӣ яке аз воситаҳои фардикунонии мизоҷ дар муносибатҳои болозикр мебошад.

Мувофиқи қ. 1 м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» аз 5-уми марти соли 2007, таҳти № 234, дорандаи ҳуқуқи истисноӣ ба тамғаи молӣ ҳуқуқи субъективии истифодаи онро дошта, метавонад истифодаи ғайриқонунии онро аз ҷониби дигар шахсон манъ намояд. Тибқи сархати 5, қисми сеюми ҳамин модда, вай метавонад тамғаи молии худро дар интернет, хусусан дар номи доменҳо ё дигар шаклҳои фардикунонӣ истифода намояд.

Дар фаҳмиши аввал номи доменҳо воситаҳои фардикунонии мизоҷ дар муносибатҳои интернетӣ маъно дошт. Вай бо тамғаи молӣ ҳамчун воситаи фардикунонии моли иштирокдорони бозори ашё, кор ва хизмат чӣ робита дорад? Оё номи домен метавонад тамғаи молиро дар бар гирад? Дар ин хусус А. Абдуджалилов андеша дорад. Ба назари ӯ домен бо тамғаи молӣ умумияти зиёд дорад, вале ҳамчун воситаи фардикунонии захираҳои иттилоотӣ дар интернет, объекти мустақили ҳуқуқи гражданӣ мебошад[285]. Агар тамғаи молӣ пайванди молӣ дошта бошад, домен танҳо ифодакунандаи иттилооти муайян буда, ба Таснифоти байналмилалии мол ва хизмат барои қайди тамға вобастагӣ надорад. Умумияти онҳо дар он аст, ки ҳам тамғаи молӣ ва ҳам домен иттилооти истеъмолиро дар бозор ба вуҷуд меоранд. Ҳамзамон истифодаи тамғаи молӣ барои таҳия ва ба фурӯш баровардани домен, бидуни розигии дорандаи ҳуқуқи истисноӣ ба тамғаи молӣ, асоси эътирофи домени қалбакӣ шуда метавонад. Қонуни дар боло зикршуда истифодаи тамғаи молиро барои домен танҳо дар нисбати дорандаи ҳуқуқи истиноӣ иҷозат додааст.

---

[285] Ниг.: Абдуджалилов А. Новые тенденции в теории объектов гражданских прав // Совершенствование частноправовых основ законодательства Республики Таджикистан в 2015 – 2019гг. Коллективная монография. – Душанбе, изд.- во ПУ «Дониш» Национальной академии наук Таджикистана, 2021. – С. 75-86.

«Биткоин» ибораи англисӣ буда, аз ду калима «bit» истилоҳи техникӣ ва «coin» танга иборат мебошад. А. Абдуджалилов онро ба сифати асъори рақамӣ, ки дар муносибатҳои ҳисоббаробаркунии ғайримарказонида, бо истифодаи воситаҳои криптографӣ ва воситаҳои интиқоли маълумот мефаҳмад. Вай барномаи махсуси ба муомилот баровардан (майнер) дорад[286]. Чунин ҳолат барои низоми ҳисоббаробаркунии миллӣ хавфнок буда, танзимгари давлатии ин соҳа бо таҳия ва қабули қонунҳои махсус чунин талаботҳо муқаррар менамояд: муомилоти «биткоин» аз ҷониби бонкҳое анҷом дода мешаванд, ки иҷозатномаи танзимгарро доранд; ин бонкҳо бояд захираи боэътимоди молиявӣ дошта бошанд; идентификатсияи ҳатмии соҳибони «биткоин» гузаронида мешавад.

Дар ҷамъбасти таҳлили иттилоот дар низоми объектҳои ҳуқуқи маданӣ қайд намудан лозим аст, ки иттилоот дар низоми объектҳои ҳуқуқи маданӣ умумиятҳои зиёд дорад. Ҳуқуқи иттилоотии маданӣ дар асоси он ба вуҷуд омада, дар маънои объективиаш аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории иттилооти хосаро танзим менамояд.

Г.Ф. Шершеневич навишта буд, ки сарчашмаи ҳуқуқро бояд «шакли ифодаёбии ҳуқуқи мусбат донист, ки воситаҳои ҳатмии шиносшавӣ бо ҳуқуқи амалкунанда дорои аҳаммият мебошанд»[287].

Дар даврони шуравӣ аз ҷониби илми ҳуқуқ зери мафҳуми сарчашмаҳои ҳуқуқ бештар шакли ифодаёбии қоидае фаҳмида мешуд, ки сифати меъёри ҳуқуқро мефаҳмонд[288], яъне «зарфе», ки дар он меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷой доранд[289]; шакли муқарраркунӣ ва ифодаёбии меъёрҳои ҳуқуқӣ[290] ва ғайра.

Аммо мафҳуми «сарчашмаи ҳуқуқ» дар се маъно мумкин аст фаҳмида шавад.

---

[286] Ниг.: Абдуджалилов А. Асари ишорашуда. – С. 83.
[287] Ниг.: Шершеневич Г. Ф. Учебник русского гражданского права (по изданию 1907 г.). – М.: СПАРК, 1995. – С. 36.
[288] Ниг.: Марксистско – ленинская общая теория государства и права: основные институты и понятия. – М., 1970. – С. 580.
[289] Ниг.: Алексеев С.С. Общая теория права. – Т. 1. – М., 1981.– С. 315.
[290] Ниг.: Керимов Д.А. Философские проблемы права. – М., 1972. – С. 219; Зивс С.Л. Источники права. – М.: Наука, 1981. – С. 22-23.

Якум – ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ дар маънои моддӣ. Ба чунин сарчашмаҳо омилҳои объективие тааллуқ доранд, ки ҳуқукро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ тавлид мекунад, яъне, чизе ки сабаби бавуҷудоии ҳуқуқ гардидааст. Ба сифати чунин омилҳо ҷанбаи руҳӣ ва моддии ҳаёти ҷамъиятӣ, табиати ашё, объектҳои воқеияти моддӣ, инсон ва иродаи қонунгузор баромад мекунад. Яъне дар ҳолати мазкур сухан оид ба сарчашмаҳои ҳуқуқ дар мазмуни моддии ин калима меравад.

Дуюм – сарчашмаи ҳуқуқ ба мазмуни мафкуравӣ (омӯзиш ва таълимоти гуногуни ҳуқуқӣ, ақидаҳои ҳуқуқӣ ва ғайра). С

еюм – «сарчашмаи расмии ҳуқуқ». Дар ин мазмун шакли ифодаёбии зоҳирии мазмуни ҳуқуқи амалкунанда дар назар дошта мешавад.

Дар баробари ин, мафҳуми сарчашмаи ҳуқукро бо фаъолияти бевоситаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташаккули ҳуқуқ, ба он додани шакли қонун, фармон, қарор ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ алоқаманд мекунанд. Бинобар ин, дар китоби назарияи давлат ва ҳуқуқ пешбинӣ гардидааст, ки «сарчашмаҳои ҳуқуқ ҳуҷҷатҳои расмии давлатие мебошанд, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам мегарданд»[291].

Ба фикри мо сарчашмаҳои танзими ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои мадании иттилоотии ноболиғон ба санадҳои меъёрии миллӣ ва байналмилалӣ ҷудо мешаванд.

Дар Тоҷикистони тоинқилобӣ сарчашмаи асосии танзими ин масъалаҳо шариат баромад мекард. Меъёрҳои шариат, ба фикри Ш.Азимов дар китоби муқаддаси мусулмонон Қуръони карим, суннат, фатво (қарор, ҳукм), одат (ҳуқуқи умумӣ) мустаҳкам гардида буд[292].

Ҳимояи ҳуқуқии модар ва ноболиғ ҳамчунин дар чунин сарчашмаҳои ҳуқуқи мусулмонӣ ифода гардида буд: «Ҳидоя», «Шарҳи виқоя», «Мухтасар-ул-виқоя» ва ғайра. Аз рӯйи шариат, таваллуди кӯдаки солим, таъмини он, тарбия ва расонидан то балоғат бо сиҳатии комили ақлонӣ ва ҷисмонӣ, қарзи

---

[291] Ниг.: Хропанюк В.Н. Теория государства и права: учебник для вузов//под ред. В.Г. Стрекозова. – М.: Интерстиль: Омега - Л, 2006. – С. 184.
[292] Ниг.: Азимов Ш. Государство и право Саманидов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С. 84-89.

падариву модарии муқаррарнамудаи Худованд мебошад, иҷрои чунин вазифаи пурмасъул бошад, бе ҳимояи ҳуқуқи онҳо ғайриимкон аст. Бинобар ин, тибқи шариат барои ҳимояи ҳуқуқи модар ва кӯдак дар ҳама гуна шароити иҷтимоӣ ҳимояи ҳуқуқии муайян пешбинӣ карда шудааст. Дар маҷмуъ, дар оилаҳои солим ва некӯаҳвол, ки дар он таъмин ва тарбияи кӯдакон дар сатҳи лозимӣ ба роҳ монда шудааст, шояд масъала оид ба ҳимояи ҳуқуқии онҳо ба вуҷуд меомад[293].

Албатта, масъалаи ҳимояи онҳо ба вуҷуд намеояд, агар падару модар вазифаи худро иҷро кунанд. Тибқи шариат, ҳангоме ки кӯдак таваллуд мешавад, дар болои ӯ чунон дуо мехонанд, ки ӯ онро шунавад ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аз ин ба баъд кӯдак соҳиби қобилияти субъективӣ дар соҳаи иттилоотӣ мебошад. Дар баробари ин, шариат муқаррарнамоии падарӣ, фарзандхонӣ ва маҳрум кардани ҳуқуқи падариву модариро эътироф намекард, ки ба поймолшавии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон оварда мерасонд.

Лозим ба ёдоварист, ки меъёрҳои шариат оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои ноболиғон дар Тоҷикистон то ташкили ҶШС Тоҷикистон амал карданд. То қабули Қарори КИМ ва Шурои Комиссиарати ҶШ худмухтори Тоҷикистон аз 30 июли соли 1928 судҳои шариатӣ амал мекарданд[294].

Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи ноболиғон дар давраи шуравӣ бо ду декрети декабри соли 1917 қабулгардида вобаста аст – Декрети КМИУ ва ШКХ «Дар бораи никоҳи шаҳрвандӣ, кӯдакон ва оид ба пешбурди китобҳои асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 18 декабри соли 1917[295] ва Декрет «Дар бораи бекор кардани никоҳ» аз 19 декабри соли 1917[296]. Онҳо пурра «қонунгузории тоинқилобиро оид ба никоҳ ва оила бекор карданд ва аввалин маротиба

[293] Ниг.: Худояров Б.Т. Защита прав и интересов детей по семейному праву Республики Таджикистан. – Душанбе: НПИЦентр, 2000. – С. 6-7.
[294] Ниг.: Химатов Х.Н. Вклад профессора О.У. Усманова в становление и развитие гражданского права Таджикистана // Юридический вестник. – Душанбе, РТСУ, 2022. – № 1 (9). – С. 47.
[295]Ниг.: Собрание Уложений РСФСР. – 1917. – № 11. – Ст. 160.
[296] Ҳамон ҷо. – С. 152.

принсипҳои асосии оила ва никоҳро коркард карданд, ки дар ояндаи таърихи қонунгузорӣ бетағйир боқӣ монд»[297].

Агар бо «қонунҳои подшоҳӣ ҳокимияти бениҳоят васеи падарӣ муқаррар карда мешуд ва онҳо дар доираи таҳқири шаъну шарафи кӯдаки ғайриникоҳ таваллудшуда ва модари ғайриникоҳӣ сохта шуда буданд», навиштааст Г.М. Свердлов, «ин масъала бо аввалин декретҳо бекор карда шуд...»[298]. Бо декретҳои декабрии соли 1917 никоҳи калисоӣ бекор карда шуда, никоҳи дунявӣ ва маданӣ муқаррар карда шуд. Барои ба никоҳ даромадан розигӣ ё иҷозати падару модар талаб карда намешуд, дар баробари ин мансубият ба ин ё он табақа ва дин беаҳаммият гардид. Декретҳо баробарии пурраи мардон ва занонро дар никоҳ ва оила эълон кард ва ҳуқуқи кӯдакони беникоҳ таваллудшударо бо кӯдакони дар никоҳ таваллудшуда баробар кард[299].

Аз паси декретҳо дар таърихи ҳуқуқи оилавӣ (16-уми сентябри соли 1918 дар ҷаласаи даъвати V КМИУ аввалин кодекс – Кодекси қонунҳо оид ба асноди ҳолати шаҳрвандӣ, ҳуқуқҳои никоҳӣ, оилавӣ ва парастории (КСҲГ) ҶШФСР қабул гардид. Моддаи 153 КСҲГ ҶШФСР тобеияти ҳуқуқҳои падару модарро ба манфиати кӯдакон муқаррар кард: «ҳуқуқҳои падару модар бевосита ба манфиати кӯдакон амалӣ карда мешавад ва дар ҳолати ғайриқонунӣ амалисозии онҳо суд ҳуқуқ дорад падару модарро аз ин ҳуқуқҳо маҳрум кунад». Вале на ҳама меъёрҳои Кодекси соли 1918 бобарар ва мутараққӣ буданд. Боби 2 кодекс «Ҳуқуқҳои шахсӣ ва уҳдадориҳои падару модар ва кӯдакон» номида мешуд, вале ба ному мазмуни худ пурра ҷавобгӯ набуд. Дар он меъёрҳои ҷанбаи шахсидошта муқаррар гардида буданд, ки ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар нисбат ба кӯдак тааллуқ доштанд, масалан, нигоҳубини шахсияти кӯдак, тарбияи ӯ, уҳдадорӣ оид ба ҳимояи манфиатҳои шахсӣ ва молумулкии кӯдакон. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии кӯдаконро кодекс муқаррар накарда буд.

---

[297] Ниг.: Свердлов Г.М. Советское семейное право. – М., 1951. – С. 33.
[298] Ҳамон ҷо. – С. 6.
[299] Ниг.: Король И.Г. Личные неимущественные права ребенка. – М., 2008. – С. 24-25.

Ба туфайли ҳанӯз соли 1948 қабул гардидани Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон, дар ҷаҳон, тадриҷан дидгоҳ нисбат ба ҳуқуқи кӯдак, шинохти ӯ ба ҳайси субъекти ҳуқуқ, ки дар Декларатсияи ҳуқуқи кӯдак аз соли 1959 ифода гардид, тағйир ёфт. Баъди сӣ сол кӯдак субъекти комилҳуқуқи ҳуқуқ гардид, танҳо пас аз он ки Ассамблеяи генералии СММ КҲК-ро қабул кард. Яке аз дастовардҳои муҳиме, ки дар Эъломияи соли 1959 мустаҳкам гардида буд, назар ба Декларатсияи соли 1924, дар он гардид, ки дар он ҳуқуқҳои мушаххаси кӯдак нишон дода шуда буданд: ҳуқуқ ба ном ва шаҳрвандӣ, ҳуқуқ ба афзоиши солим ва инкишоф, ҳуқуқ ба маълумот ва ғайраҳо. Дар баробари ин ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳар як кӯдак имкон фароҳам овард, ки соҳиби ҳуқуқ бошад, дар асли якум нишон дода шудааст, ки: «ба кӯдак ҳамаи он ҳуқуқҳое бояд тааллуқ дошта бошад, ки дар Эъломия муқаррар карда шудааст[300].

Л.Ю. Голишева чунин ҳисоб мекунад, ки Эъломияи соли 1959 имкон медиҳад, кӯдак «ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ» арзёбӣ шавад».[301] Мавқеи муқобилро Ю.М. Колосов ишғол карда, иброз медорад, ки дар Эъломияи соли 1959 «субъектони ҳуқуқи кӯдак падару модар, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, мақомоти маҳаллӣ ва ҳукумат баромад мекарданд»[302]. Эъломия хусусияти тавсиявӣ дорад, бинобар ин санади умумиҳатмии ҳуқуқӣ нест. Дар дебочаи Эъломия муқаррар шудааст, ки он «аз падару модар, мардон ва занон, ҳамчун шахсони алоҳида даъват ба амал меорад, ки онҳо ҳуқуқҳои кӯдакро эътироф кунанд ва кӯшиш кунанд онро риоя кунанд». Бинобар ин, И.Г. Корол қайд мекунад, ки он қадар дуруст нест, ки кӯдак дар қаринаи ин санади байналмилалӣ, ҳамчун субъекти комилҳуқуқ баррасӣ карда шавад[303].

Тибқи қ.1 м. 30 Конститутсияи ҶТ «ба ҳар кас озодии баён, нашр, ҳуқуқ ба истифодаи воситаҳои иттилоотӣ дода мешавад». Ҳарчанд дар қонуни

---

[300] Ниг.: Король И.Г. Личные неимущественные права ребенка. – М., 2008. – С. 28.

[301] Ниг.: Всеобщая декларация прав человека. Принята резолюцией 217 А (III) от 10. 12. 1948г. // Сб. межд. актов по правам человека. – Душанбе: Конуният, 2001. – С. 45-50.

[302] Ниг.: Колосов Ю.М. Международно-правовые вопросы защиты прав ребенка: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2002. – С.14.

[303] Ниг.: Король И.Г. Асари номбурда. – С. 29.

асосӣ ин муносибатҳо бевосита ҳамчун муносибатҳо дар соҳаи иттилоотӣ номида нашудаанд, вале моҳиятан сухан оиди ба он муносибатҳое меравад, ки аломатҳои хосса дорад. Ба ақидаи Д.В. Огородов яке аз хусусиятҳои меъёри Конститутсия дар он мебошад, ки ба ҳайси субъекти муносибатҳо инсон, шахси воқеӣ номида шудааст[304]. Ҳуқуқи мазкурро инсон аз лаҳзаи таваллуд ба даст меорад, ин бошад, маънои онро дорад, ки кӯдак низ ҳамчунин субъекти ҳуқуқи иттилоотӣ мебошад. Чун дигар муносибатҳои ҳуқуқӣ, онҳо дар асоси далелҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд.

Моддаи 166 КМ ҶТ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудааст, бо номуайянии худ фарқ мекунад. Аз як тараф, он қатъиян муқаррар мекунад, ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуд таалуқ доранд, ба баёни дигар, онҳо аз лаҳзаи таваллуди инсон ба вуҷуд меоянд, аз тарафи дигар бошад – ин ҳуқуқҳо ба ӯ дар асоси қонун тааллуқ доранд. Қувваи қонун аз он иборат аст, ки он бавуҷудоии оқибатҳои ҳуқуқиро бо ин ё он далел алоқаманд мекунад. Бидуни далели ҳуқуқӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ба вуҷуд омада наметавонанд.

Ба ақидаи В.А. Копилов меъёрҳои иттилоотӣ-ҳуқуқӣ метавонанд вобаста ба воситаҳои таъсиррасониашон ба субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ тасниф шаванд[305]. Дар ин ҷо ду гурӯҳи меъёрҳои ҳуқуқӣ амал мекунанд – диспозитивӣ ва императивӣ.

Меъёрҳои диспозитивии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ ҳангоми танзими муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи неъматҳои ғайримоддӣ, ҳуқуқҳои амволӣ, ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ дар соҳаи иттилоотӣ татбиқ мегарданд. Ин ҳуқуқ ба шаъну шарафи шахсият, ҳуқуқ ба ҳифзи обрӯ ва эътибор, обрӯи корӣ, дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри шахсӣ ва оилавӣ, ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқи муаллифӣ, дигар ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ, ки бо истеҳсолот, коркард ва истифодаи иттилоот алоқаманд мебошанд. Меъёрҳои диспозитивии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ хусусияти худро доранд, ки бо вижагиҳо ва хислати иттилоот ва объектҳои иттилоотӣ муайян

---

[304] Ниг.: Огородов Д.В. Правовые отношения в информационной сфере. – М., 2002. – С. 25.
[305] Ниг.: Копылов В.А. Информационное право: учебник. – М., 2002. – С. 47.

карда мешаванд ва онҳоро аз дигар меъёрҳои хусусияти диспозитивидошта фарқ мекунад.

Дар ҶТ қонунҳои асосии танзимкунандаи дастрасии ноболиғон ба иттилоот Конститутсияи ҶТ, КМ ҶТ, КО ҶТ, Қонунҳои ҶТ «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (минбаъд – Қонун оид ба ВАО), «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи ҷавобгарии падару модар ба таълим ва тарбияи кӯдакон» мебошанд.

Барои тағйири ҳолати бавуҷудомада оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ноболиғон дар соҳаи иттилоотонӣ ва овардани он тибқи талаботи уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон, ба андешаи мо, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонун дар бораи ВАО бо дарназардошти ҳолатҳои зерин зарур аст:

– манъ кардани интишори иттилоот ва маводи хусусияти шаҳвонидошта дар ВАО, ки ба сифати шаҳвонӣ ба қайд гирифта нашудаанд, аз ҷумла, ба пахш намудани барномаҳои махсусгардонидашудаи телевизион ва радио, ки хусусияти шаҳвонӣ дорад, бидуни рамзӣ кардани сигнал;

– додани таърифи мафҳуми «суиистифодаи озодии ахбори умумӣ», тибқи усул  ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, Конститутсияи ҶТ ва муқаррароти қонунгузории мадании ҶТ. Аз ҷумла, муқаррар намудани имконнопазирии вайрон кардани меъёрҳои ахлоқи ҷамъиятӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шахсони дигар ҳангоми интишори иттилооти оммавӣ;

– дар ВАО манъ намудани интишори иттилоот ва маводи дорои муҳтавои натуралистӣ ва бешармона ё тасвири ҷисми инсон, олоти ҷинсӣ, амалҳои шаҳвонӣ, ки ба меъёрҳои ахлоқӣ ва одобии ҷомеа ихтилоф доранд;

– муқаррар намудани ҷавобгарии комилан мувофиқ барои суиистифода аз озодии иттилооти оммавӣ, дар интишори ахбор ва маводи хусусияти шаҳвонидошта дар ВАО , ки ба сифати шаҳвонӣ ба қайд гирифта нашудааст.

Дуюм, ба ақидаи мо, ба ғайр аз тағйирот дар қонунгузорӣ, ҳамчунин падару модарон уҳдадоранд мавқеи фаъоли принсипиалиро вобаста ба

масъалаҳои таъсири фаъолияти ВАО ба инкишофи ҷисмонӣ ва зеҳнии кӯдак пайгирӣ намоянд. Аз ҷумла, ҳар як волидайн, мутобиқи Конститутсияи ҶТ (м. 30), ҳуқуқ дорад аз нашрияҳои ВАО талаб намояд, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдаконро ҳангоми амалисозии фаъолияташон поймол накунанд. Шакли ифодаёбии чунин мавқеъ метавонанд аризаҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ, ҳамчунин мурочиатҳои ба вакилони худ, ба прокуратура, ба суд, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ гардад, ки ҳуқуқи баромад кардан нисбат ба ҳимояи доираи номаҳдуди ноболиғонро дошта бошад, ё ҳуқуқи иштирок дар фаъолияти ташкилотҳои таъсисдодашударо дошта бошад.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи субъективии кӯдак дар соҳаи иттилоотӣ ба санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ тақсим мешавад. Дар сатҳи байналмилалӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар дебочаи ин Конвенсия омадааст, ки давлатҳо – аъзои ин Конвенсия «итминони комил доранд, ки оила, чун қонуни аввалияи ҷомеа, инчунин муҳити зист барои нашъунамо ва осудаҳолии ҳамаи аъзои ҷомеа, махсусан барои кӯдакон, барои мавҷудияти сермаҳсули дохили ин ҷомеа бояд бо ҳимояи зарурӣ ва дастгирӣ таъмин карда шавад...». Бо эътирофи он ки барои инкишофи комил ва мавзуни кӯдак муҳити оилавӣ, муҳити хушбахтӣ, дӯстиву рафоқат зарур аст, инчунин, камтаҷрибагии ҷисмонӣ ва ахлоқии кӯдакро ба эътибор гирифта, Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак қайд мекунад, ки ба кӯдак то таваллуд ва пас аз таваллуд, кафолатҳои муайян ва ҳимоя аз тарафи қонунгузор зарур аст[306].

Дар Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак дақиқтар ҳуқуқдории субъективии кӯдак дар фаъолияти иттилоотӣ муайян карда мешавад. Масалан, мутобиқи м. 13, кӯдак ҳуқуқ дорад озодона фикри худро баён кунад. Ин ҳуқуқ озодии ҷустуҷӯ, бадастоварӣ ва додани иттилоот ва ҳар гуна ғояро, новобаста аз доира, дар шакли шифоҳӣ, хаттӣ ё чопӣ, дар шакли осори санъат ё бо ёрии дигар воситаҳо аз рӯйи интихоби кӯдакро дар бар мегирад. Ҳамчунин дар қ. 2 м. мазкур баъзе маҳдудиятҳо дар амалисозии ин ҳуқуқ пешбинӣ карда

[306] Ниг.: . [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www/Lawmiҷ.ru/abro.php?id=11489. (санаи мурочиат: 08.02.2021 с.).

мешавад, ки барои эҳтироми ҳуқуқ ва обрӯи дигар шахсон, барои ҳифзи бехатарии давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ё ахлоқӣ аҳолӣ заруранд.

Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак уҳдадории давлатҳо – иштирокчиёнро дар соҳаи амалисозии ҳуқуқи кӯдак ба озодии ақида, виҷдон ва дин пешбинӣ мекунад. Давлатҳо-иштирокчиён уҳдадоранд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар, инчунин парасторони қонуниро оид ба роҳбарии кӯдак дар амалисозии ҳуқуқи ӯ ва мутобиқи қобилияти ӯ эҳтиром намоянд. Эътиқоди озодонаи дини худ ё имон метавонад дар мавриде маҳдуд карда шавад, ки онҳо бо қонун муқаррар карда шудаанд.

Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак ҳамчунин дастрасии кӯдак ба иттилоотро танзим мекунад. Дар м. 17 муқаррар карда шудааст, ки давлатҳо – иштирокчиён нақши муҳими ВАО-ро эътироф мекунанд ва дастрасии кӯдакро ба иттилоот ва мавод аз сарчашмаҳои гуногуни миллӣ ва байналмилалӣ таъмин мекунанд, махсусан, ба чунин иттилоот ва мавод, ки ба беҳбудии иҷтимоӣ, руҳӣ ва ахлоқӣ, инчунин инкишофи солимии ҷисмонӣ ва рӯҳии кӯдак равона гардидаанд. Бо ин мақсад давлатҳо – иштирокчиён:

а) ВАО-ро барои интишори иттилоот ва маводи барои кӯдак дар муносибати иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муфид ҳавасманд мегардонанд;

б) ҳамкории байналмилалиро дар самти омодасозӣ, мубодила ва интишори чунин иттилоот ва мавод аз сарчашмаҳои гуногуни фарҳангӣ, миллӣ ва байналмилалӣ ҳавасманд мекунанд;

в) интишор ва паҳнсозии адабиёти кӯдаконаро ҳавасманд мекунанд;

г) ВАО-ро барои диққати махсус додан ба талаботи забонии кӯдаки ба ин ё он гурӯҳи ақаллият ё аҳолии бумӣ тааллуқдошта ҳавасманд мекунад;

д) коркарди усули зарурии ҳимояи кӯдакро аз иттилоот ва маводи ба беҳбудии ӯ зараррасонанда бо дарназардошти муқарроти м. 13 ва 18 ҳавасманд мекунанд.

Яке аз ҳуқуқҳои асосии иттилоотии кӯдак ҳуқуқ ба таҳсилот мебошад. Бо мақсади таъмини ҳуқуқи мазкур, дар м. 28 Конвенсияи ҳуқуқи кудак пешбинӣ гардидааст, ки давлатҳо – иштирокчиён ҳуқуқи кӯдакро ба таҳсилот

эътироф мекунанд ва бо мақсади ноилшавии пайгиронаи амалисозии ин ҳуқуқ дар асоси имкониятҳои баробар, онҳо аз ҷумла:

а) таҳсилоти ройгон ва ҳатмии ибтидоиро ҷорӣ месозанд;

б) инкишофи шаклҳои гуногуни таҳсилоти миёна, ҳам умумӣ ва ҳам касбиро ҳавасманд мекунанд, дастрасии онро барои ҳамаи кӯдакон таъмин мекунанд ва чораҳои зарурие чун воридсозии таҳсилоти ройгон ва дар сурати зарурат пешниҳод намудани ёрии молиявиро меандешанд;

в) дастрасии таҳсилоти олӣ барои ҳама дар асоси қобилияти ҳар шахс бо ёрии ҳамаи воситаҳои зарурӣ таъмин мекунанд;

г) дастрасии иттилоот ва маводро дар соҳаи маориф ва тайёрии касбӣ барои ҳамаи кӯдаконро таъмин менамоянд;

д) чораҳоро оид ба мусоидат ба ҳозиршавии мунтазам ба мактаб ва коҳиш додани шумораи хонандагони мактаб тарккардаро меандешанд.

Дар қ. 2 м. 28 Конвенсияи зикршуда гуфта мешавад, ки давлатҳо – иштирокчиён ҳамаи чораҳои зарурира барои таъмини он ки интизоми мактабӣ бо ёрии методҳои инъикосгари эҳтироми шаъну шарафи кӯдак амалӣ карда шавад, меандешанд.

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки дар таҳти мафҳуми шакли зоҳирии ҳуқуқ воситаҳои муқарраркунии меъёрҳои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Маҳз тавассути онҳо номи анъанавии «сарчашмаҳои ҳуқуқ» муқаррар карда шуд. Бинобар ин, оид ба сарчашмаҳои ҳуқуқи инсон ба иттилоот сухан карда, дар мо албатта, маҳз сарчашмаҳои расмиро мефаҳмем, агар онҳо муқарарроти ҳуқуқи позитивиро дар муҳити иттилоотии ҷомеа доро бошанд.

Ҳадди озодии иттилоотии инсонро дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ муайян намуда, давлат дар ҳамин доира худро дар қарорҳо ва амалҳои худ маҳдуд мекунад. Вай уҳдадориро оид ба риоя ва ҳимояи ҳуқуқи табиии инсон ба иттилоот ба зиммаи худ мегирад.

Ҳуқуқи инсон ба иттилоот, ҳуқуқи табиӣ мебошад, ки ба ӯ аз таваллуд тааллуқ дорад. Иттилоот, чун шарти ҳатмии фаъолияти ҳаётии инсон, объекти диққат ва инкишофи он, ҳамон қадаре мавҷуд аст, ки худи инсон вуҷуд дорад ва ҳамаи амал ва робитаҳоро ҳамроҳӣ мекунад.

Иттилооти мубрам соҳиби захираи билқувваи (потенсиали) баланди таъсиррасонӣ ба шуури инсон мебошад. Алоқаи баръакс дар ин ҷо муназзам фаъолият мекунад. Он дар муҳити иттилоотии ҷомеа ҳамчун восита барои ташаккули ақидаи ҷамъиятӣ аз як тараф истифода мешавад, аз тарафи дигар – чун воситаи таҷзия, харобшавии ахлоқии инсон. Ба баёни дигар, иттилоот, вобаста ба мақсад ва воситаҳои истифодаи он соҳиби ҷанбаҳои мусбат ва манфӣ мебошад. Аз ин ҷо проблемаи таъмини бехатарии инсон дар муҳити иттилоотӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин ҷо имкониятҳои ҳуқуқи мусбат бисёр муҳим аст[307].

Унсурҳои асосии ҳуқуқи мазкур дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (соли 1948), дар Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маданӣ ва сиёсӣ (соли 1966), Конвенсияи Аврупо оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ (соли 1950) ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқи инсон ифода гардидаанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дигар объекти эътироф ва танзими миллӣ нестанд, балки мавзуи ҳуқуқи байналмилалӣ мебошанд. Имрӯз ҳаҷми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон на танҳо бо хусусиятҳои амиқи ин ё он ҷомеа муайян карда мешавад, балки «бо инкишофи тамаддуни инсонӣ дар маҷмуъ, дараҷа ва сатҳи ҳамгироии ҷомеаи байналмилалӣ муайян карда мешавад. Ҳар қадаре ки ҷаҳон тамомтар гардад, ҳамон қадар таъсиррасонӣ ба ҳуқуқ ва озодӣ бо омилҳои байналмилалӣ бештар мегардад»[308].

Дар қ. 2 м. 19 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маданӣ ва сиёсӣ муқаррар гаридааст, ки ҳар як инсон ҳуқуқ ба ифодаи озоди ақидаи худро дорад. Ин ҳуқуқ озодии ҷустуҷӯ, бадастоварӣ ва интишори ҳама гуна иттилоот ва ғояҳоро, новобаста аз сарҳадҳои давлатӣ, шифоҳӣ, хаттӣ ё дар нашриёти даврӣ, инчунин ба воситаи шакли бадеии ифодаёбӣ ё дигар воситаҳо аз рӯйи интихоби худро дар бар мегирад.

Моддаи 10 Конвенсияи Аврупо оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ эълон мекунад, ки ҳар як инсон ҳуқуқ ба озодии баёни ақидаи худро

---

[307] Ниг.: Гаюров Ш.К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско – правового регулирования в Республике Таджикистан: монография. – М.: Спутник, 2010. – С. 39-40.
[308] Ниг.: Мюллерсон Р.А. Права человека: идеи, нормы, реальность. – М.: Юрид. литература, 1991. – С. 10-11.

дорад. Ин ҳуқуқ озодии доштани ақидаи худ, қабул кардан ва интишори иттилоот ва ғояҳо бидуни дахолат аз ҷониби мақомоти давлатӣ ва новобаста аз сарҳадҳои давлатиро дар бар мегирад[309].

Қонунгузории амалкунандаи ҶТ барои кӯдакон ҳеҷ гуна маҳдудиятро барои дастрасӣ ба иттилоот муқаррар намекунад. Мутобиқи Конститутсияи ҶТ (м. 30) ҳар кас ҳуқуқ дорад озодона иттилоотро бо воситаҳои гуногуни қонунӣ ҷустуҷӯ кунад, қабул кунад, интиқол диҳад ва паҳн созад. Ин муқаррароти Конститутсияи ҶТ ва м. 17 Конвенсияи ҳуқуқи кудак ба ҳар як кӯдак имконияти дастрасӣ ба иттилоот ва маводе, ки ба мусоидат ба беҳбудии иҷтимоӣ, руҳӣ ва ахлоқӣ равона гардидаанд, инчунин инкишофи солимии ҷисмонӣ ва руҳонӣ таъмин менамояд. Аммо кӯдак, бинобар камтаҷрибагии ҷисмонӣ ва ақлонии худ, наметавонад дар ҳадди пурра ба амалҳои худ ҷавоб диҳад, иттилооти ба ӯ пешниҳодшавандаро полуда кунад ва танқидан амалҳои ба ӯ равонгардидаи дигар шахсонро дарк намояд.

Аз тарафи дигар, ҳар субъекти фазои иттилоотӣ имконият дорад ба кӯдакон ҳар гуна иттилоот ва маводро пешниҳод намояд, мустақилона хислат ва самти онро муайян намояд. Чунин муқаррарот дар худ имконияти потенсиалии вайронкунии ҳуқуқи кӯдакро бо роҳи ба онҳо пешниҳод гардидани иттилоот ва моводи ба саломатӣ ва беҳбудӣ, инкишофи ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва руҳии кӯдак зараррасонандаро дар бар мегирад. Бинобар ин, принсипҳои лозимии ҳимояи кӯдакон дар соҳаи иттилооти оммавӣ зарур аст[310].

Мехоҳам қайд кунам, ки ҳамон рекламае, ки маълумоти бавуҷудоварандаи нафрат, хусумат ва зӯровариро дорад, аз ҷумла бавуҷудоварандаи хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ, хусумат, афзалият, ихтилоф, таҳаммулнопазирӣ мебошад, инчунин рекламае, ки дорои маълумоти хусусияти шаҳвонидошта мебошад, аз ҷумла порнография ва рекламаи беадабона метавонад ба инкишофи комил ва мавзуни кӯдак

---

[309] Ниг.: Международное право в документах: Учеб.пособие /сост.: Н.Т. Блатова, Г.М. Мелков. – 4 – е изд., перераб. и доп. – М., 2003. – С. 174.

[310] Ниг.: Из обращения НПО«Родительский комитет». . [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.r-komitet.ru. (санаи мурочиат: 08.02.2021 с.).

таъсири манфӣ расонад. Дар ҳолати мазкур ҳуқуқи иттилоотии кӯдак вайрон карда мешавад. Барои бартарафсозии чунин ҳолатҳо паҳнкунандагони реклама уҳдадор мешаванд амалҳои худро оид ба паҳнкунии чунин маълумоти зараррасонанда қатъ кунанд.

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилоотонӣ» кӯдак истифодабарандаи хизматрасонии иттилоотӣ ва манбаҳои иттилоотӣ мебошад (м. 3). Бинобар ин, зарур аст тағйиру иловаҳои зерин ба қонуни мазкур ворид карда шавад: интишори оммавии маълумоти зарарнок манъ карда шавад.

Ба зумраи маълумоти зарарнок метавон инҳоро дохил кард: иттилооте, ки бавуҷудоварандаи бадбинӣ, хусумат ва зӯроварӣ мебошад, инчунин бавуҷудоварандаи хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ, хусумат, афзалият, ихтилоф, таҳаммулнопазирӣ мебошад; маълумоти дорои даъват ба ҷанг ва бетартибиҳои оммавӣ; маълумоти бардурӯғ, аз ҷумла рекламаи бевиҷдонона, носаҳеҳ ва дурӯғ; маълумоти дорои таҳдид ба шаъну шараф, ном ва эътибори кории шахсони дигар; маълумоти бешармона, аз ҷумла – порнография, рекламаи беадабона; маълумоти таъсири харобиовардошта ба саломатии одамон, аз ҷумла – реклама бо иловаҳои пинҳонӣ. Дар сурати интишори чунин маълумот зарур аст ҷавобгарии субъектони пешниҳодкунандаи чунин маълумот барои вайрон кардани меъёри мазкур муқаррар карда шавад.

Мутобиқи м. 6 Қонуни ВАО, интишори маълумоти дорои сирри давлатӣ ё дигар иттилооти бо қонун ҳифзшаванда, маълумоте, ки ба сарнагунсозӣ ё тағйири сохти конститутсионӣ, содиркунии кирдори ҷиноӣ, барангехтани адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ ва забонӣ, тарғиботи ҷанг, зӯрӣ, фаъоиляти террористӣ ва экстремистӣ, расонидани зарар ба ягонагӣ ва соҳибихтиёрии давлат даъват мекунад, инчунин тарғибот ва рекламаи маводҳо ва маълумоти хусусияти порнографидошта манъ аст.

Ҳуқуқҳои иттилоотии мадании кӯдак бо меъёрҳои қонунгузории ҶТ ҳимоя карда мешаванд. Масалан, дар м. 139 КО ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки сирри фарзандхонии кӯдак бо қонун бо роҳи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсе,

ки сирри фарзандхонии кӯдакро бе иродаи фарзандхондагон паҳн намудааст, ҳимоя карда мешавад[311].

Мутобиқи м. 173 КҶ ҶТ паҳнсозии сирри фарзандхонӣ (духтархонӣ) бидуни иродаи фарзандхон, ки аз ҷониби шахси уҳдадорӣ ҳифзи фарзандхонӣ (духтархонӣ) ҳамчун сирри хизматӣ ё касбӣ, ё аз ҷониби шахси дигар аз ҳиссиёти тамаъкорона ё дигар ангезаҳо содир шудааст, ҷарима ба андозаи аз сесад то панҷсад музди маоши ҳадди ақал ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати як сол бо маҳрум намудани ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян то панҷ сол ё бе он татбиқ карда мешавад.

Дар ҶТ муассисаҳои томактабии давлатӣ ва ғайридавлатӣ фаъолият мекунанд, ки фаъолияташон бо Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаҳои таълимии томактабӣ танзим карда мешавад, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ тасдиқ карда шудааст. Вазифаҳои асосии муассисаҳои таълимии томактабӣ дар б. 5 Низомномаи мазкур пешбинӣ карда шудааст:

– ҳифз ва устуворсозии саломатии ҷисмонӣ ва психологии кӯдакон;

– таъмини инкишофи интеллектуалӣ ва шахсии кӯдак;

– ғамхорӣ оид ба беҳбудии эмотсиалии ҳар як кӯдак;

– омодасозии кӯдакони аз панҷ то шашсола ба мактаб;

– таъмини инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак дар муносибати мутақобила бо кӯдак.

Мутобиқи Низомномаи номбурда субъектони ҷараёни таълимӣ тарбиягирандагон, тарбиядиҳандагон ва дигар кормандони педагогӣ, падару модари тарбиягирандагон (шахсони онҳоро ивазкунанда), намояндагони муассисаҳо ва ташкилотҳои асосӣ, дигар ташкилотҳо ва муассисаҳо, ассосиатсияҳо, фондҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин шаҳрвандони алоҳидае мебошанд, ки дар фаъолияти муассисаҳои томактабӣ иштирок мекунанд ва диққати махсусро талаб мекунанд. Масалан, ба фаъолияти омӯзгорӣ танҳо шахсоне метавонанд машғул шаванд, ки маълумоти миёнаи касбӣ, таҳсилоти олии касбӣ доранд ва дорои малакаи баланди касбӣ ва

[311] Ниг.: Комментарий к Семейному кодексу РТ // под ред. М.А. Махмудова и Б.Т. Худоярова. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – С. 311-312.

сифатҳои ахлоқӣ мебошанд. Чунин равиш бо он асоснок шудааст, ки аз фаъолияти онҳо инкишофи дуруст ва беҳбудии кӯдак вобаста аст. Кормандони педагогии муассисаҳои томактабӣ давра ба давра аз аттестатсия мегузаранд. Аз рӯйи натиҷаи аттестатсия мутобиқати корманд ба вазифаи ишғолкарда ва сатҳи тайёрии тахассусии ӯ муайян карда мешавад.

Ба кор дар муассисаҳои томактабӣ шахсоне, ки ба онҳо фаъолияти омӯзгорӣ бо қарори суд ё нишондодҳои тиббӣ манъ шудааст, роҳ дода намешаванд. Ин бояд ҳамин тавр бошад, барои он ки шахсони зикргардида наметавонанд уҳдадориҳои худро оид ба тарбияи кӯдак ва омодасозии ӯ ба мактаб ба таври шоиста иҷро намоянд.

Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқҳои иттилоотии мадании кӯдак муқаррароти мазкур уҳдадориҳои зерини кормандони муассисаҳои томактабиро дар бар мегирад:

– таъмин намудани ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакон, риояи қоидаҳои беҳдоштӣ;

– мусоидат ба афзоиши қобилияти тарбиягирандагон дар руҳияи эҳтиром ба падару модар, ҳамсолон, калонсолон, ба арзишҳои фарҳангӣ, миллӣ ва таърихӣ, нишонҳои давлатии ҶТ;

– риояи этика ва ахлоқи омӯзгорӣ, эҳтироми ҳуқуқ, шаъну эътибори кӯдак, ҳимояи кӯдакон аз ҳама гуна таъсиррасонии ҷисмонӣ ё психологӣ, пешбурди корҳо оид ба пешгирии истифодаи машруботи спиртдор ва воситаҳои нашъадор аз ҷониби онҳо.

Бояд қайд кард, ки инкишофи муътадили кӯдак дар бисёр ҳолат аз иҷрои дурусти уҳдадориҳои дар боло зикргардидаи кормандони ҳайати омӯзгорӣ ва падару модарон вобаста аст.

Дар ҶТ Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарияи фарзанд» амал мекунад, ки падару модарро уҳдадор менамояд, ки ба мактаб фарзандаш бо телефони мобилӣ ҳозир нашавад. Айни ҳол дар ҶТ баъзе падару модарон уҳдадориҳои худро дар ин соҳа иҷро намекунанд, ки ба тарбияи кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Чунон ки таҷриба нишон

медиҳад, кӯдакони синни томактабӣ ва синни мактабӣ дастрасӣ ба Интернет ва телефони мобилӣ доранд ва азбаски онҳо бинобар синну солашон наметавонанд худро идора кунанд, қурбонии иттилооти зараровар мегарданд. Масалан, чунин ҳолат дар яке аз мактабҳои миёнаи ш. Душанбе ба назар мерасад. Баъзе талабагон, қисматҳои алоҳидаи ҷисми худро бо телефони мобилӣ сурат гирифта, ин суратҳоро дар шабакаи Интернет ҷойгир мекарданд. Ин ва дигар ҳолатҳо далели он аст, ки корҳои тарбиявӣ дар оила ва аз ҷониби субъектони корҳои тарбиявӣ қонеъкунанда намебошанд[312].

Ҳамин тавр, ба фикри мо, ба ҳайси сарчашмаҳои асосии танзимкунандаи қобилияти субъективии кӯдак дар соҳаи иттилоотӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зеринро метавон дохил кард:

1) дар сатҳи миллӣ – Конститутсияи ҶТ, КМ ҶТ, КО ҶТ, Қонунҳои ВАО, «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳимояи иттилоот», «Дар бораи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

2) дар сатҳи байналмилалӣ – «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон», Конвенсияи ҳуқуқи кудак, «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсии инсон», «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии инсон», «Конвенсияи ИДМ оид ба ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон» ва дигар сарчашмаҳои байналмилалии ҳуқуқи инсон, ки аз тарафи ҶТ эътироф гардидаанд.

[312] Тибқи маълумоти дастрасшуда дар судҳои ҶТ дар солҳои 2017 – 2019, 42738 адад парвандаҳои маъмурӣ ва 3 825 адад парвандаҳои ҷиноятӣ барои вайрон намудани талаботи қонунгузорӣ вобаста ба тарбияи кӯдакон дар оила баррасӣ карда шудааст, ки дар натиҷа падару модар ва дигар субъектони тарбия бо татбиқи ҷазоҳои гуногун ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб карда шуданд.

# БОБИ 4. ҚОБИЛИЯТИ АМАЛКУНИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ

## 4. 1. кардани қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ ва қатъ гардидани он

Танзими ҳуқуқи маданӣ худ таъсиррасонӣ ба муносибатҳои муайяни ҷамъиятие мебошад, ки бо устуворӣ ва аҳаммиятнокиаш барои шахси алоҳида, ҷомеа ва давлат муҳим аст. Чунин таъсиррасонӣ усулҳои ба худ хос дорад. Пайдоиш ва истифодаи онҳо аз мавзуи ҳуқуқи маданӣ бармеояд(м. 2 КМ ҶТ).

Бинобар ин усулҳои танзими ҳуқуқи маданӣ як шакли ифодаёбии муташаккили мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ мебошанд. Чунин ифодаёбӣ дар шуури инсон ва иттиҳодияҳои онҳо ҳастӣ пайдо намуда, интихоби вариантҳои гуногуни расидан ба ҳадафҳои ниҳоиро пешниҳод менамоянд. Некуаҳволии инсон ҳадафи асосии танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад.

Ин ҳадаф аҳаммияти калони иҷтимоӣ дошта, ҳамчун неъмати ғайримодӣ аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дарк карда мешаванд, ки дар ҷараёни амалишавии манфиатҳои инфиродӣ ё иттиҳодиявӣ ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ табдил меёбанд. Аломати хоси чунин тағйирёбии позитивӣ дар он аст, ки меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъективии маданӣ бештар ба худтанзимкунӣ асос ёфтааст. Чунин ҳолат дар усулҳои дороии ҳуқуқӣ, ташаббуси ҳуқуқӣ ва баробарҳуқуқӣ инъикос мешаванд. Дорои ҳуқуқи инъикоси қобилияти ҳуқуқдорӣ буда, дар нисбати ҳамаи шахсони воқеӣ (инсон) ба андозаи баробар эътироф карда мешавад. Шахсони воқеӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он метавонанд аз ин дороӣ истифода намояд. Онҳо метавонанд дорои ҳуқуқ ба ашё бошанд, онро озодона ба мерос гузоранд, васият намоянд. Озодона дар ин ҳудуд амал намуда, ҷойи зисти худро интихоб намоянд. Ҳудуди ҷумҳуриро озодона тарк намуда, ба ин ҳудуд баргарданд. Ба ҳаргуна фаъолияти манънакардаи қонун машғул шаванд.

Тибқи қ. 2 м. 12 Конститутсияи ҶТ озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ аз ҷониби давлат кафолат дода мешавад. Шахси воқеӣ

мустақилона ё якҷоя бо дигар субъектони ҳуқуқи маданӣ метавонад аз дигар имкониятҳои ҳуқуқӣ ба монанди амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, бидуни таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, бастани аҳдҳои гуногуни қонунӣ ва имкониятҳои дигар истифода намояд. Дорои ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва молумулкӣ аз эҷоди ихтироъ, асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъат гардад. Ҷуброни зарари моддӣ ва маънавиро талаб намояд. Тибқи қонунгузории ҷумҳурӣ ва ё санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳуқуқҳои дигар ашёӣ ва маънавӣ гардад.

Чи тавре баён намудем ташаббуси ҳуқуқӣ яке аз усулҳои танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад.

Калимаи «ташаббус» дар забони тоҷикӣ ба ду маъно фаҳмида мешавад. Ба маънои «ба чизе чанг задан, даровехтан» (1) ва ба маънои «ибтикор, шуруъ кардан ба чизе»[313] (2). Маънои дуюмаш ба фаҳмиши ташаббуси ҳуқуқӣ мутобиқат дорад, чунки субъектони ҳуқуқи маданӣ бо амалҳои мустақил ва бо ташаббуси худ ҳуқуқҳои субъективӣ пайдо мекунанд ва онро амалӣ менамоянд. Ибтикор ё оғози муносибатҳои ҳуқуқии мазкур аз ирода ва хоҳиши мақсадноки ин шахсон вобастагӣ доранд.

Мувофиқи қ. 1 м. 2 КМ ҶТ муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молу мулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст. Тибқи қ 5 ҳамин моддаи зикршуда қонунгузориии маданӣ, агар дар қонунҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, нисбати муносибатҳои молу мулкие, ки ба тобеияти маъмурӣ ё бо тобеияти дигари омиронаи як тараф ба тарафи дигар асос ёфтааст, истифода намешаванд.

Истифодаи ин усул дар он дида мешавад, ки дар танзими ҳуқуқи маданӣ қобилияти амал муқаррар шудааст. Тибқи қ. 1 м. 22 КМ ҶТ қобилияти шахси воқеӣ барои бо амали хеш ба даст овардан ва татбиқ намудани ҳуқуқи маданӣ, барои худ муқаррар намудани уҳдадорӣ ва иҷро намудани он (мукаллафияти маданӣ) дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне пас аз расидан ба синни ҳаждаҳ, ба миён меояд.

---

313 Ниг.: Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри х то ибтидои асри хх). Иборат аз ду ҷилд. Тақрибан 45 000 калима ва ибора бо иловаи мифтоҳи арабӣ // Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. II. П – Ҷ. – М.: Нашриёти «Советская энциклопедия», 1969. – С. 344.

Истифодаи ин усул ба таври хосса дар нисбати соҳибкорон (соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ) ҷой доранд. Зиёда аз шаст моддаҳои КМ ҶТ махсус ба  ташаббуси ҳуқуқии соҳибкорон бахшида шудааст. Масъалаҳои асосии қобилияти ҳуқуқдорӣ, амал, ҳуқуқ ба ашё, қобилияти ҳуқуқи уҳдадорӣ, коллизионӣ, мерос ва уҳдадориҳои деликтии соҳибкор дар КМ ҶТ муқаррар шудаанд. Чунин ҳолат аз он бармеояд, ки соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккалии худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизмат равона шудааст. Бинобар ин, соҳибкорӣ як навъи муносибатҳои ҳуқуқи мадании ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молу мулкии иштирокчиёнашон асосёфта, мебошад.

Ҳамин тавр, истифодаи усули ташаббуси ҳуқуқӣ дар танзими ҳуқуқи маданӣ далели он аст, ки предмети чунин танзим муҳим мебошад. Вай на танҳо мустақилияти соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ, соҳаи қонунгузорӣ ва соҳаи таълимоти олии касбӣ будани ҳуқуқи гражданиро мефаҳмонад, балки ҷомеаеро инъикос менамояд, ки  бо худтанзимкунӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амал мушаххас ва ҷоннок гардонида мешаванд. Сухан дар бораи ҷомеа меравад, ки ба баробарӣ, мухторияти хоҳишу ирода ва мустақилияти молу мулкии иштирокчиёнашон асос ёфтааст.

Усули баробарҳуқуқӣ хоси танзими ҳуқуқи маданӣ буда, бо усулҳои дар боло баёншуда алоқамандӣ дорад. Тибқи қисми 2 м. 12 Конститутсияи ҶТ давлат баробарҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликиятро кафолат медиҳад[314]. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» мафҳуми «моликият» дода нашудааст. Ба андешаи мо асоси вижавии онро калимаи «мол» ифода менамояд. Ин калима дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маъноҳои зиёд дорад. Яке аз онҳо маънои доройӣ, сарват ва боигариро дошта[315], барои таҳлили  усули  баробарҳуқуқӣ заминаи илмӣ мегузорад. Моҳияти иҷтимоӣ ва иродаи фаҳмиши молро

[314] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 – уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26 – уми сентябри соли 1999, 22 – юми июни соли 2003 ва 22 – юми майи соли 2016. [Захираи электронӣ] // http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 3.10.2022 с.).
[315] Ниг.: Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри x то ибтидои асри  xx). Иборат аз ду ҷилд. Тақрибан 45 000 калима ва ибора бо иловаи мифтоҳи арабӣ // Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. I. А – О. – М.: Нашриёти «Советская энциклопедия», 1969. – С. 700.

Саъдии Шерозӣ чунин муайян намудааст: «Мол аз баҳри осоиши умр аст, на умр аз баҳри гирд кардани мол»[316]. Заминаи иқтисодии ҳаёти устувор манзили истиқоматӣ, воситаи нақлиёт ва дигар ашёҳои молӣ мебошанд. Молдорӣ тақозо менамояд, ки соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории моли ашёӣ доимо, босалоҳиятона ва қонунӣ амалӣ шавад. Харидан, сохтан ва дигар асосҳои пайдоиши моликият оғози муносибатҳои моликиятӣ мебошад. Бинобар ин субъекти ҳуқуқе, ки дар ҷараёни дар боло зикршудаи амалӣ қарор надошта бошад, молик гардидани он мушкил аст. Вақте дар фикру андешаи мол нестӣ, онро пайдо карда наметавонӣ. Дар шароити ҳозира на танҳо ашёи инфиродан муҳим, интихоб ва фардишуда, балки ҳуқуқҳои талабкунӣ, ҳуқуқҳои молумулкии муаллиф, ихтирокор ва ё рекламадиҳанда, ҳуқуқи истисноӣ ба иттилооти муҳим ва ҳифзшаванда, мол эътирофшуда, дар бозори дониш ва иттилоот «харидор» дорад. Чунин ҳолат аз он шаҳодат медиҳад, ки усули баробарҳуқуқӣ на танҳо ба муносибатҳои молумулкӣ, балки ба муносибатҳои ғайримолумулкии ба баробарӣ ва мухторияти ирода асосёфта таъсир дорад.

Бешубҳа мол имконоти баробари ҳуқуқиро таъмин мекунад. Дар ҳолати надоштани мол давлат ва ҳуқуқи позитивӣ имконоти баробарҳуқуқиро бо истифодаи иҷтимоикунонии меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ тавассути воситаҳои ҳуқуқии «ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», дар танзими ҳуқуқи ворид намудани истилоҳҳои фалсафӣ ба монанди «бовиҷдонӣ», «амали оқилона», «одилона», «боинсофона», инчунин таҳияи модели «шартномаҳои оммавӣ», «ҷавобгарии позитивӣ», «масъулияти баланди соҳибкор» таъмин менамояд. Ҳамзамон дар байни танзими давлатӣ ва ҳуқуқи маданӣ бояд тавозун бошад. Давлат уҳдадор аст дахлнопазирии шахсӣ ва имконоти баробари амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданиро, аз ҷумла ҳуқуқ ба ашёро таъмин намояд.

Дар низоми омилҳои таъсиррасонанда ба ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеӣ, вазъи саломатии психологии шахсони воқеӣ аҳаммияти асосӣ дорад, инчунин аз ҷониби ӯ машғул шудан ба қиморбозӣ, суиистифода гардидани нӯшокиҳои алкоголӣ ё маводи нашъадор, чунки маҳз бо ин ҳолатҳо чун анъана

[316] Ҳамон ҷо.

эътирофи ғайри қобили амал ва қобилияти амалкунии маҳдуди шахси воқеӣ вобаста аст. Дар баробари ин, новобаста аз он ки дар қонунгузории амалкунанда мукаллаф будани шахс вобаста ба синну сол, хурдсолон, ба синни шашсолагӣ нарасида қайд нагардидааст, онҳо ғайри қобили амал ҳисобида мешаванд, чунки ҳамаи аҳдҳоро аз номи онҳо метавонанд танҳо падару модари онҳо, фарзандхондагон ё парасторони онҳо банданд. Сохтори мазкури қонунгузорӣ баъзе муаммоҳоро ба вуҷуд меоварад: агар ба муқаррароте истинод намоем, ки хурдсолони то синни шашсола наметавонанд ҳатто аҳдҳои хурди маишӣ банданд, чунин аҳдҳоро бояд беаҳаммият ҳисоб кард, ҳарчанд дар амалия ноболиғон метавонанд ин амалро содир кунанд ва дар ҳақиқат хариду фурӯши чаканаро бо рухсат ва супориши падару модар ё намояндагони қонунӣ метавонанд содир намоянд. Барои ҳалли коллизияи мазкур мумкин аст ё меъёр оид ба эътирофи далели аз ҷониби хурдсолони то шашсола содир гардидани аҳдҳои хурди маиширо қонунан мустаҳкам кард, ё ин кӯдаконро тобеи иродаи намояндагони қонуниашон ҳисоб кард. Аз нуқтаи назари механизми изҳори ирода гунаи охирӣ қобили дастгирӣ ҳисоб карда мешавад, чунки маҳз намояндагони қонунӣ намуд ва хислатҳои асосии аҳдҳои аз ҷониби хурдсолон содиршавандаро муайян мекунанд.

Мутобиқи қ. 1 м. 30 КМ ҶТ суд шаҳрвандеро, ки дар асари бемории рӯҳӣ ё камақлиаш мазмуни амали худро дарк ё онро идора карда наметавонад, ғайри қобили амал эътироф мекунад. Ҳамин тариқ, барои эътирофи ғайриқобилиамалии шахс тавъамкунии меъёрҳои ҳуқуқӣ ва тиббӣ зарур аст. Меъёри ҳуқуқӣ дар ноқобилии шахс оид ба фаҳмидани мазмуни амалҳои худ ва идора кардани он фаҳмида мешавад. Ҳарчанд КМ ҶТ натиҷаи вайроншавии психологиро ҳамчун алтернативаи намудҳои номбаргардидаи рафтор арзёбӣ мекунад, аммо дар амалия шаҳрванд, чун қоида, дар як вақт ҳам мазмуни амалҳои худро намефаҳмад ва ҳам наметавонад онро идора кунад.

Меъёри тиббӣ дар он ифода мегардад, ки ҳолати бавуҷудомада бо ихтилолоти психологии шаҳрванд тавсиф карда мешавад. Ташхиси мутобиқ мувофиқи стандартҳои байналмилалии маъмул монда мешавад ва наметавонад танҳо ба норозигии шаҳрванд бо арзишҳои дар ҷомеа

қабулгардидаи ахлоқӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ё динӣ асос ёбад, ё ба дигар сабабҳо, ки бевосита бо ҳолати саломатии психологии ӯ алоқаманд нестанд, ҳарчанд чунин тамоюл дар даврони шуравӣ васеъ паҳн гардида буд. Барои ташхиси ҳолати шаҳрванд воситаҳо ва методҳои тиббӣ истифода бурда мешаванд, ки бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории ҶТ оид ба тандурустӣ иҷозат дода шудаанд, зимнан таҳлили муқаррароти мутобиқи қонун имкон медиҳад хулоса кард, ки ихтилолоти муваққатии фаъолияти психологӣ наметавонанд ба сифати асос барои эътирофи ғайриқобилиамал будани шахс баромад кунанд.

Дар ариза оид ба эътирофи ғайриқобилиамалии шаҳрванд бояд ҳолатҳое ифода карда шаванд, ки оид ба дар ӯ мавҷуд будани ихтилолоти психологӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар натиҷаи он шаҳрванд наметавонад мазмуни амалҳои худро дарк кунад ва онро идора кунад. Дар замони шуравӣ барои ифода кардани ҳолати бемории шаҳрванд қонунгузор мафҳуми «бемории руҳӣ», «камақлӣ» ё «вайроншавии ақлонӣ»-ро истифода мебурд. Дар қонунгузории амалкунанда ин мафҳумҳо бинобар номуайян будани худ хориҷ карда шудаанд. Дар Кодекси тандурустии ҶТ (м. 175) ба сифати хулосаи мафҳуми тавсифкунандаи ҳамаи шахсони ба ёрии равонпизишкӣ ниёздошта, формулаи «шахсони ба вайроншавии психологӣ гирифтор» истифода бурда мешуд. Он дар бар мегирад: якум, шаҳрвандони маризи равонӣ[317], дуюм, шахсони гирифтори вайроншавии рӯҳу асаб ва сеюм, беморони гирифтори бемории психоматикӣ ё вайроншавии симптоматикии руҳӣ.

Ҳамин тариқ, асос барои эътирофи ғайри қобили амал будани шаҳрванд муқарраркунии дар ӯ мавҷуд будани ихтилолоти рӯҳӣ мебошад, ки моҳиятан сатҳи мутобиқшавии иҷтимоии ӯро маҳдуд мекунад ва ӯро аз имконияти идроки амалҳои худ ё идора кардани онҳо маҳрум мекунад. Ба сифати далели чунин ҳолат ба ариза мумкин аст нусха аз таърихи бемории шаҳрванд ҳамроҳ карда шавад; маълумотнома оид ба мавҷудияти ӯ дар табобати статсионарӣ дар муассисаи психиатрӣ; маълумотнома оид ба даъвати гурӯҳи ёрии таъҷилии психиатрӣ ба хона

[317] Ниг.: Шепель Т.В. Особенности обязательств из причинения вреда с участием психически больных. – Томск: Изд-во Том. ун-та, 2005. – С. 34.

ва ғайра; вале барои муайянсозии ҳолати руҳӣ зарур аст ташхиси судӣ-психиатрӣ таъйин карда шавад. Истифодаи дигар далелҳо, аз ҷумла гузориши мутахассисон ё нишондодҳои шоҳидӣ, аз рӯйи категорияи зерини парвандаҳо нокифоя аст.

Барои муқарраркунии ҳолати саломатии руҳии шаҳрванд, ҳамчунин иштироки бевоситаи ӯ дар баррасии судӣ аз аҳаммият бархӯрдор аст. Мутобиқи м. 286 КМГ ҶТ шаҳрванд, ки нисбати ӯ парванда оид ба эътирофи ғайриқмукаллафӣ баррасӣ мегардад, бояд ба суд даъват карда шавад, агар барои ин вазъи саломатиаш имконп диҳад. Масъала оид ба имкони иштироки ӯ бояд дар доираи экспертизаи судӣ-психиатрии таъйиншуда аз рӯйи парванда ҳал гардад. Меъёри тафсиршаванда нишондоди бевоситаро ба имконияти иштирок дар парвандаҳои категорияи мазкури шахсони манфиатдор доро нест, ҳарчанд бешубҳа, дар баррасӣ ва ҳалли онҳо мумкин аст контрагентҳои шаҳрванд манфиатдор бошанд, ки нисбат ба онҳо талаб оид ба эътирофи ғайриқобилиамал будан арза карда шудааст, аз рӯйи масалан чунин шартномаҳо, чун шартномаи супориш, комиссия, агентӣ, шартнома оид ба идоракунии ба бовариасосёфтаи моликият ё фаъолияти якҷоя, чунки эътирофи шаҳрванде, ки иштирокчии созишномаҳои номбаргардида мебошад, ғайри қобили амал ё қобилияти амалкунии маҳдуд асос барои бекор кардани онҳо баромад мекунад.

Масъала оид ба эътибормокӣ ё беэътибории аҳдҳоро, ки аз ҷониби шахсони ғайри қобили амал содир менамоянд, баррасӣ карда, набояд проблемаеро қайд накард, ки баҳсҳои фаъоли илмиро ҳанӯз дар илми ҳуқуқ дар охирҳои асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ба миён оварда буд: оид ба «фосилаи равшан», ки бо давраҳои ремиссия, беҳшавии муваққатии вазъи саломатии руҳии шахси ғайри қобили амал алоқаманд мекунад, ки имкони дарки хислати амалҳои содиршаванда ва идоракунии онро фароҳам месозад. Чунин “равшанкунӣ” мазмуни ҳуқуқӣ дорад ё не, он ғайриқобилиамалии бо суд муқарраршударо боз медорад ё не – ин масъалаҳо на танҳо мазмуни илмӣ, балки ҷанбаи амалӣ низ доранд. А.Х. Голмстеп аз ҷумла, оид ба имконияти эътирофи васияти ҳангоми чунин равшаннамоӣ тартибдодаро хулоса кардааст ва бар зидди он В.И. Синайский баромадааст, нозукии чунин равишро аз нуқтаи назари зарурати

ҳимоя ва ҳифзи манфиатҳои контрагентҳои шахси ғайриқобилиамалро қайд кардааст[318], ки бо ин хулоса набояд розӣ шуд.

Маҳдудиятҳои ҳуқуқдории субъективии мадании бо қонун муқарраргардида ӯро дар чунин вазъе қарор медиҳад, ки дар он ӯ метавонад мустақилона ҳатто он амалҳоеро содир намояд, ки онҳо ба ноболиғи дар синни аз чордаҳ то ҳаждаҳсола иҷозат дода шудааст, чунки бе розигии парастор ӯ метавонад танҳо аҳдҳои хурди маишӣ бандад. Дар баробари ин, аммо, аҳди шахси дорои мукаллафии маҳдуд оид ба ихтиёрдории амвол, ки бе розигии парастор содир шудааст, танҳо аз рӯйи даъвои охирӣ аз ҷониби суд беэътибор дониста мешавад, яъне баҳснок мебошад ва моҳиятан ӯро аз аҳдҳои шахсони ғайриқобилиамал ва хурдсолон фарқ мекунад. Воқеияти пешниҳоди даъвои монанд ҳанӯз қонеъсозии талаботи аз ҷониби парастор арзагардидаро кафолат намедиҳад, аммо агар қарор бароварда шавад, ки қонеъсозии даъво, дар ин сурат пайомадҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд ва барои ҳолатҳои татбиқи оқибатҳои беэътибории аҳдҳои беэътибори шаҳрвандон, ки ғайриқобилиамал эътироф гардидаанд, ё шахсони хурдсол тавсиф карда мешавад.

Тафовутҳои ҷиддӣ дар вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони ғайри қобили амал ва дорои мукаллафии маҳдуд дар механизми бо қонун муқарраргардидаи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии онҳо ифода меёбад. Дар мавриде, ки шахси дар мукаллафӣ маҳдудгардида, мустақилона ҷавобгарии амволиро аз рӯйи аҳдҳои содиршуда ва барои расонидани зарар ба зимма дорад, ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро барои ғайри қобили амал ва хурдсолон, чун қоида, намояндагони қонунии онҳо, аз ҷумла муассисаҳои психиатрӣ ё психоневрологӣ, ки дар парастории онҳо шахсони номбаргардида қарор доранд, ба зимма доранд. Ба назари аввал, қоида оид ба ҷавобгарии мустақилонаи амволии шахсони дорои мукаллафии маҳдуд бо муқаррарот оид ба он ки онҳо метавонанд мустақилона танҳо аҳдҳои хурди маиширо содир намоянд, дигар амалҳои мазмуни ҳуқуқидоштаро танҳо бо розигии парасторон метавонанд содир намоянд.

Аммо маҳдудкунии қобилияти аҳдбандии шаҳрванд ба қобилияти деликтии ӯ паҳн намегардад, бинобар ин ҷавобгарии ӯ барои зарари аз ҷониби ӯ расонидашуда,

---

[318] Ниг.: Синайский В.И. Русское гражданское право. – М, 2002. – С. 109.

комилан хислати мустақилона дорад. Аз мавқеи қонунгузории амалкунанда аҳаммият надорад, ки зарар бояд аз ҷониби шахсе ҷуброн карда шавад, ки ҳуқуқи мустақилона бадастоварии музди маош, нафақа ва дигар намудҳои даромадро надорад. Ҷуброни воқеии зараре, ки аз ҷониби шаҳрванди дорои мукаллафии маҳдуд расонида шудааст, бояд дар ҳаҷми ба қувваи қонун даромадаи қарори суд амалӣ гардад. Ризояти парастори шаҳрванди дорои мукаллафии маҳдуд барои муроҷиати чунин ҷуброн ва барои боздории маблағҳои барои ҷуброни зарар зарурӣ, аз музди маош ва дигар даромадҳои шаҳрванд, талаб карда намешавад, вале маблағи пас аз боздорӣ боқимонда, чун пештара ба ихтиёрдории парастор ворид мегарданд.

Бо сабабҳои номаълум дар м. 1203 КМ ҶТ муқаррароте дар он хусус ҷой надорад, ки ҷавобгарии шаҳрванди дорои мукаллафии маҳдуд эътирофгардида, ба вуҷуд меояд «агар ӯ исбот накунад, ки зарар бо гуноҳи ӯ ба вуҷуд наомадааст». Бебаҳс, аммо, азбаски дигар ҳолат муқаррар нашудааст, ҷавобгарии шаҳрвандони дорои мукаллафии маҳдуд бояд дар асосҳои умумии дар қ. 2 м. 1189 КМ ҶТ муқаррагардида, сохта шавад: «Шахси зараррасонида аз ҷуброни зарар озод мегардад, агар исбот кунад, ки зарар бо гуноҳи ӯ содир нашудааст», бинобар ин шахсони дорои мукаллафии маҳдуд, чун дигар субъектони ухдадориҳои деликтӣ, бояд аз ҷуброни зарари расонидашуда озод карда шаванд, агар исбот кунанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо ба вуҷуд наомадааст, аммо барои бартарафсозии нуқсони мавҷудбуда ва бо мақсади муқаррарсозии таҷрибаи ягонаи ҳуқуқтатбиққунӣ м. 1203 КМ ҶТ бо нишондоди мувофиқ бояд илова карда шавад.

Дар навбати худ, қоида оид ба ҷавобгарӣ барои расонидани зарари аз ҷониби шаҳрвандон расонидашуда, ки дар натиҷаи ихтилофоти психологӣ ғайри қобили амал эътироф гардидаанд, бо хусусияти хоси худ фарқ мекунанд. Зарари аз ҷониби чунин шаҳрванд расонидашударо, васии ӯ ё ташкилоте ҷуброн мекунад, ки ухдадори амалисозии назорат аз болои он мебошад, зимнан дар ҳолати эътирофи минбаъдаи мукаллаф будани шаҳрванд ин ухдадорӣ қатъ намегардад. Ба монанди падару модарон, фарзандхондагон, парасторон, дигар шахсон ва муассисаҳо, ки барои рафтори шахсони ноболиғ ҷавобгар мебошанд, васиёни шаҳрванди ғайри қобили амал, инчунин муассисаҳои психиатрӣ,

психиневрологӣ ва дигар муассисаҳо, уҳдадоранд аз болои онҳо назоратро амалӣ созанд, ҷавобгариро барои зарари чунин шаҳрванд расонидашуда дар сурати мавҷудияти гуноҳ, яъне дар сурати амалӣ насохтани назорати лозимӣ аз болои рафтори шахси таҳти васоят қарордошта ба зимма доранд. Гуноҳи онҳо ҳамчунин дар он метавонад ифода гардад, ки онҳо бамаврид чунин назоратро ба роҳ намондаанд, дар он ҳолатҳое ки вазъи шаҳрванди гирифтори ихтилолоти психологӣ, оид ба зарурати онҳо шаҳодат медиҳад (масалан, дар сурати мавҷудияти маълумот оид ба шиддатёбии ихтилофоти психологӣ ва оид ба бадшавии вазъи шаҳрванд кормандони муассисаи психиатрӣ ва психоневрологӣ чораҳои зарурирo оид ба бистарикунии ӯ дар беморхона наандешидаанд, ки дар м. 176 Кодекси тандурустии ҶТ муқаррар гардидаанд.

Гуноҳи васиёни шахсони ғайри қобили амал ва муассисаҳои психоневрологӣ, ки дар онҳо ин шаҳрвандон давраи табобатро мегузаранд, чунин хулоса мешавад: онҳо аз ҷавобгарӣ озод карда мешаванд, агар исбот накунанд, ки зарари аз ҷониби шаҳрванди ғайримукаллаф расонидашуда, бо гуноҳи онҳо ба вуҷуд наомадаст. Дар баробари ин, азбаски васиёни шаҳрванди ғайри қобили амал ва муассисаҳои дахлдори табобатӣ ба иҷрои номатлуби уҳдадориҳои худ оид ба амалисозии назорат аз болои рафтори ӯ ҷавоб медиҳанд, имконияти ҷавобгарии муштараки онҳо (чуноне ки ин нисбат ба падару модар ва муассисаҳои таълимӣ барои амалисозии номатлуби уҳдадорӣ оид ба тарбияи кӯдак ва оид ба амалисозии назорат аз болои рафтори онҳо) истисно мегардад, чунки дар ҳолати мушаххас ҷавобгарӣ ба ҳамон шахси ҷисмонӣ ё ҳуқуқии мушаххас вогузор мешавад, ки ӯ бояд назоратро аз болои шаҳрванд дар ҳолати ба онҳо расонидани зарар амалӣ созад.

Дар КМ ҶТ аввалин маротиба имконияти ҷуброни зарари аз ҷониби шахсони ғайри қобили амал расонидашуда, аз ҳисоби худи зараррасонандагон муқаррар гардида буд. Мутобиқи  м. 1201 КМ ҶТ, агар васӣ вафот кунад ё маблағи лозимии барои ҷуброни зарар зарурбударо надорад, худи зараррасонанда чунин маблағҳоро дошта бошад, суд бо дарназардошти вазъи

амволии ҷабрдида ва зараррасонанда, инчунин дигар ҳолатҳо ҳуқуқи қабули қарор оид ба ҷуброни зарарро пурра ё қисман аз ҳисоби худи зараррасонанда дорад. Чунин имконият ба як қатор омилҳо вобаста аст: якум, вафоти васӣ ё дар ихтиёри ӯ мавҷуд набудани маблағҳои зарурии ба ҷуброни зарар зарурбуда; дуюм, расонидани зарар на ба амвол, балки ба ҳаёт ё саломатии шаҳрванд; сеюм, вазъи молиявии ҳам ҷабрдида ва ҳам зараррасонанда ва дар охир, дигар ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта (ба сифати онҳо, масалан, мумкин аст мавҷудият ё дар шаҳрванди ғайри қобили амал мавҷуд набудани ноболиғон ё аъзои ғайри қобили амали оила – фарзандон, ҳамсар, падару модар).

Маҳдудсозии ҳуқуқдории субъективии маданӣ, ки бо қарорҳои суд оид ба эътирофи ғайриқобилиамалӣ ё дорои мукаллафии маҳдуд ба миён омадааст, мумкин аст ба муҳлати номуайян идома ёбад, вале бояд бинобар аз байн рафтани сабабҳои мусоидаткунанда ба ин маҳдудият, қатъ гардад.

Шаҳрванди ғайри қобили амал эътирофгардида, метавонад аз ихтилолоти руҳиаш шифо ёбад, шаҳрванди дорои мукаллафии маҳдуд бошад, метавонад аз майли худ ба машруботи спиртдор ё моводи нашъадор озод гардад. Бинобар зарурати бозгашти шахс ба ҳолати аввалаи ҳуқуқӣ, барқароркунии қобилияти пурраи амалаш дар ҳаҷми пурра баъзан боиси ба миён омадани проблемаҳои мураккаб мегардад. Якум, ба он чи ки бояд аҳаммият дода шавад: нисбат ба шаҳрвандоне, ки дорои мукаллафии маҳдуд мебошанд, суд оид ба бекор кардани маҳдудияти мукаллафӣ қарор мебарорад, нисбат ба шахсони ғайри қобили амал эътирофгардида бошад – қарор оид ба дорои мукаллаф эътироф намудани шаҳрванд, номуайян боқӣ мемонад. Чунин ихтилофи истилоҳӣ чунин ба миён омадааст, чунки шаҳрванде, ки бо қарори пештараи судӣ дорои мукаллафии маҳдуд гардида буд, бо қарори нав ҳамчунин пурра мукаллаф эътироф мегардад.

Ниҳоди мазкур дигар саволҳоро ба миён меорад. Ҳамин тавр, аз ҷониби суд бекор кардани маҳдудияти мукаллафӣ метавонад дар сурати мавҷудияти маълумоти лозимӣ, ки шаҳодатдиҳандаи он ки шаҳрванд аз суиистифодаи нӯшокиҳои спиртӣ ё моводи нашъадор даст кашидааст, ҷой дошта бошад, вобаста ба ин ба ӯ мумкин аст ихтиёрдории мустақилонаи амвол ва даромадҳояш вогузор

шавад. Барқарорсозии қобилияти амалкунии шаҳрванде, ки дорои мукаллафии маҳдуд будааст, бояд дар сурати бекор кардани никоҳ, фавти ҳамсар ё дигар аъзои оила, қатъи ҳамзистӣ ва муносибатҳои оилавӣ ҷой дошта бошад, ки дар натиҷаи он уҳдадории шахси мазкур оид ба пешниҳоди маблағҳо барои нигоҳдории аъзои оилаи ӯ аз байн меравад[319].

Уҳдадории парастор дар ҳолатҳои дар боло номбаргардида оид ба дархост ҷиҳати эътирофи қобилияти амалкунии шахси таҳти васоят қарордошта ва оид ба аз ӯ бардоштани парасторӣ дар қ. 5 м. 37 КМ ҶТ мустаҳкам карда шудааст. Аммо, дар сурати аз ҷониби парастор иҷро нагардидани ин уҳдадорӣ, аз ҷумла ва дар натиҷаи манфиатдории тамаъкорона дар нигоҳдории назорат аз болои амвол ва даромадҳои шахси зери васоят қарордошта, қонун имконияти муроҷиати мустақилонаи шаҳрванди дорои мукаллафии маҳдудро бо аризаи дахлдор ба суд пешбинӣ кардааст, ки хориҷ кардан аз қоидаи умумиро дар назар дорад. Ки дар қ. 3 м. 39 КМГ ҶТ мустаҳкам гардидааст ва мутобиқи он ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандони дорои мукаллафии маҳдудгардида, дар мурофиа аз ҷониби намояндагони қонунии онҳо, яъне парасторон ҳимоя карда мешавад. Ин муқаррароти қонун, аз ҷумла, маънои онро дорад, ки агар шаҳрванди дорои мукаллафии маҳдудгардида, тасмим гирад, ки никоҳро бо ҳамсари худ, ки парастори ӯ мебошад қатъ кунад, метавонад ба суд бо аризаи дахлдор муроҷиат кунад ва бекор кардани никоҳро ӯ метавонад танҳо ба воситаи парастораш амалӣ созад, яъне ҳамсаре дар навбати худ, метавонад аз содиркунииии амалҳои дахлдор даст кашад.

Басо мураккабтар аст барқарор кардани қобилияти амалкунии шаҳрванде, ки ғайри қобили амал эътироф гардидаанд, зеро муроҷиати мустақилона ба суд бо аризаи дахлдор барои ӯ истисно мебошад. Ҳуқуқ ба додани он ба парастор, аъзоёни оила, инчунин муассисаи психоневрологӣ ё психиатрӣ дода шудааст, ки дар он шаҳрванд барои табобат қарор дорад.

---

319 Ниг.: О практике рассмотрения судами Российской Федерации дел об ограничении дееспособности граждан, злоупотребляющих спиртными напитками или наркотическими веществами / Постановление Пленума Верховного Суда РФ от 4 мая 1990 г. № 4 (вред, от 25 октября 1996 г.) // Сб. постановлений Пленумов Верховного Суда и Высшего Арбитражного Суда Российской Федерации. – М., 2000. – С. 65.

Барои парастор оғоз намудани истеҳсолот оид ба эътирофи қобилияти амалкунии шахс дар ҳолати аз байн рафтани асосҳое, ки аз рӯйи онҳо ӯ пештар ғайриқобили  амал эътироф гардида буд, дар як вақт уҳдадорӣ мебошад, аммо ҷавобгарӣ барои иҷро накардани он, новобаста ба далели бебаҳс, ки парасторон метавонанд дар нигоҳдории вазъи худ манфиатдор бошанд ва мувофиқан, вазъи шахсони зери васоят қарордоштаи онҳо аз майли тамаъкорона бошад, бо қонун муқаррар нагардидааст.

Ба чунин хулоса омӯзиши таҷрибаи фаъолияти муассисаҳои психиатрӣ ва психоневрологӣ меорад, шоҳиди он аст, ки баъзан шахсони ба ихтилолоти руҳӣ гирифторбуда, аз қобилияти пурраи амал ба муҳлати номуайян маҳрум карда мешаванд, новобаста аз моҳиятан беҳшавии вазъи саломатии онҳо, ки барои фаҳмиши мазмуни амали худ ва идора кардани он имкон медиҳад. Чунин имкониятро ба назар гирифта, м. 177 Кодекси тандурустии ҶТ муқаррар кард, ки маъмурияти муассисаҳои психиатрӣ ва психоневрологӣ уҳдадор аст на кам аз як бор дар як сол шахсони дар табобат қарордоштаро аз ҷониби комиссияи махсус бо мақсади ҳалли масъала оид ба нигоҳдории ояндаи бемор, ки дар вазъи ӯ беҳбудӣ шудааст, аз муоина гузаронад.

Нисбат ба беморони ғайри қобили амал эътирофгардида, дар хулоса бояд хулосаи комиссия оид ба мақсаднокӣ ё ғайри мақсаднокии бозбинии қарори суд оид ба эътирофи ғайри қобили амал будан, дарҷ карда шавад. Ба назар мерасад зарур аст, ки уҳдадории гузаронидани чунин муоина як маротиба дар шаш моҳ муқаррар карда шавад, ки имкон медиҳад ба таври фаврӣ беморони шифоёбанда ошкор карда шаванд.

Дар ҳолатҳои баррасишаванда набояд имконияти рафтори беинсофонаи парасторон нисбат ба моликияти манқул ва ғайриманқули ба шаҳрванди ғайри қобили амал тааллуқ дошта, ки муҳлати мадид дар соҳибият ва истифодаи онҳо қарор дорад, инкор карда шавад. Масъала оид ба ҷавобгарии онҳоро метавон тавассути мавқеи бойшавии беасос ҳал кард, шахси таҳти васоят қарордоштаро ба ҷуброни зарар нисбат ба он, ки бо гуноҳи парастор дар вақти муайяншуда масъала оид ба барқарорсозии қобилияти пурраи амал дар ҳаҷми пурра, ҳамаи он амволе,

ки аризаи дахлдор ба суд ба даст овард ё беасос нигоҳ дошт дар натиҷаи худдорӣ оид ба суд супоридани аризаи дахлдор.

Ҳамаи гуфтаҳо имкон медиҳанд оид ба зарурати воридсозии иловаҳо ба қ. 5 м. 37 КМ ҶТ дар намуди сархати дорои мазмуни зерин ақида ронем: «Агар парастор беасос аз супоридани ариза оид ба эътирофи мукаллафии шахси таҳти васоят қарордоштааш ва оид ба аз ӯ бардоштани парасторӣ канорагирӣ кунад, дархости дахлдор бояд аз ҷониби муассисаҳои психиатрӣ ё психоневрологӣ, ки дар он шаҳрванд дар табобат қарор дорад, оғоз карда шавад. Пас аз дорои қобилияти амалкунии эътироф намудани шахси таҳти васоят қарордошта ва аз ӯ гирифтани парасторӣ ӯ метавонад аз васии собиқ баргардонидани тамоми амволи беасос аз истифодабарии моликияти шахси таҳти васоят қарордоштаро дар давраи худдорӣ аз оғози истеҳсолоти судӣ оид ба мукаллаф эътироф намудани ӯ, инчунин ҷуброни зарари маънавии ба шаҳрванд расонидаро талаб кунад».

Хусусиятҳои махсуси муайянро ҳамчунин ҳуқуқдории субъективии граждании шахсоне дорад, ки дар ҳолате қарор дорад, ки онҳо наметавонанд мазмуни амали худро дарк кунанд ва онро идора кунанд. Сабаби чунин ҳолат метавонад ихтилолоти гуногуни шуур бошад, ки дар як қатор бемориҳо дучор мешаванд, аз ҷумла дар ҳолати диабети қанд ( ба истилоҳ «психозҳои гузаранда») атеросклерози майнаи сар, бемории фишорбаландии марҳилаҳои дувум ва севум, давраи баъдисактаи мағзи сар, ҳангоми ихтилолоти психикии давраҳои калонсолӣ ва ғайра[320]. Чунин ҳолат метавонад ҳам бо рафтори худи шахс (мастшавӣ аз машрубот ё нашъа), ҳамчунин ва бо ҳолатҳои зоҳирӣ (марги наздикон), яъне аз ҷониби шаҳрванд дарк карда натавонистани мазмуни амали худ на танҳо бо сабаби ихтилолоти руҳӣ метавонад бо ҳар гуна сабабҳо ба вуҷуд ояд.[321]

Муқаррар кардани далели қарор доштани шахс дар ҳолате, ки ӯ ба дарки мазмуни амалҳои худ ва идора кардани он имкон надошт, бағоят мураккаб аст. Дар б. 18 қарори Пленуми Суди Олии Иттиҳоди Шуравӣ «Дар бораи омодасозии парвандаҳои гражданӣ ба баррасии судӣ» аз 14 апрели соли 1988 (дар таҳрири

---

[320] Ниг.: Судебная психиатрия: учеб. для вузов // под ред. Б.В. Шостаковича. – М., 1997. – С. 157.
[321]Ниг.: Киселев А.А. Недействительные сделки: проблемы квалификации и правовые последствия: монография. – Рязань, 2005. – С. 79-80.

қарори Пленуми Суди Олии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 25 октябри соли 1996) мустаҳкам гардидааст, ки «дар ҳама ҳолате, ки аз рӯйи ҳолати парванда зарур аст вазъи рӯҳии шахс дар мавриди аз ҷониби ӯ содир гардидани амали муайян ошкор карда шавад, масалан, дар сурати баррасии парвандаҳо оид ба эътирофи беъэтибории аҳд аз рӯйи мақсади содиркунии он аз ҷониби шаҳрвандоне, ки мазмуни амали худро дарк намекунанд ё идора карда наметавонанд, лозим аст экспертизаи судӣ-психиатрӣ таъйин карда шавад»[322].

Аммо дар адабиёти махсуси ба масъалаи таъйин ва баргузории чунин экспертизаҳо дар доираи истеҳсолоти судии маданӣ бахшидашуда, чун қоида, экспертизаи барои ҳалли масъала оид ба ғайри қобили амал эътироф намудани шаҳрванд дар натиҷаи ин ё он ихтилолоти рӯҳӣ баррасӣ карда мешавад[323], экспертизаи судӣ-психиатрӣ оид ба вазъи шаҳрванд дар ҳолати расонидани зарар бошад, ҳанӯз дар мурофиаи маданӣ васеъ маъмул нагардидааст.

Мустаҳкамсозии муқаррароти нав дар қ. 3 м. 1203 КМ ҶТ оид ба он ки агар зарар аз ҷониби шахсе расонида шуда бошад, ки мазмуни амали худро намефаҳмид ё идора карда наметавонист дар натиҷаи ихтилолоти рӯҳӣ бояд фаҳмида шавад, уҳдадорӣ оид ба ҷуброни он метавонад аз ҷониби суд ба шахсони якҷоя истиқоматкунанда бо ин шахс ҳамсарони ғайри қобили меҳнат, падару модар, кӯдакони ба балоғатрасида, ки оид ба вайроншавии рӯҳии шахси зараррасонанда медонистанд, вале масъала оид ба ғайри қобили амал эътироф намудани онро намегузоштанд, ҷуброн карда мешавад, аҳамияти калони амалӣ пайдо кардааст. Қайд шудааст, ки меъёри мазкур якмаъно нест, аз ҷумла бисёр вақт дар адабиёти махсус манфӣ арзёбӣ мегардад. Аммо, чунин тамоюли қонунгузорӣ тавзеҳшаванда мебошад: истиқомати якҷоя бо шаҳрванди аз ҷиҳати руҳӣ носолим имкон медиҳад, ҳанӯз дар давраҳои аввали беморӣ ихтилолоти руҳиии шахс ошкор карда шавад. Дар баробари ин хешовандон, ихтилолоти рӯҳии аъзои оилаи худро дониста, аксаран аз эътирофи ғайри қобили амал

---

[322] Ниг.: Сб. постановлений Пленумов Верховного Суда и Высшего Арбитражного Суда Российской Федерации. – М., 2000. – С. 749-756.
[323] Ниг.: Назначение и проведение судебно-психиатрической экспертизы: пособие для врачей // под ред. Б.В. Шостаковича. – М., 1997. – С. 74-97.

донистани ӯ худдорӣ мекунанд, пеш аз ҳама, барои он ки хатари ҷавобгариро барои амалҳои ӯ ба зимма нагиранд.

Ба фикри мо, баҳои коллизияи манфиатҳои ҷабрдида аз амалҳои шаҳрванди маризи руҳӣ зарардида ва шахсони болиғи аъзои оилаи ӯ, ки на танҳо ҳеҷ чора барои ғайри қобили амал донистани ӯ надиданд, балки аз болои амали ӯ назорат набурданд, комилан боадолат аст. Мазмуни амалии меъёри мавриди баррасиро арзёбӣ кардан мушкил аст, зеро, чуноне қайд гардид, танҳо қисми ками шаҳрвандони гирифтори намудҳои гуногуни бемориҳои руҳӣ, аз ҷониби суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ғайри қобили амал эътироф карда мешаванд, мувофиқан, натиҷаҳои зараровари амалҳои шахсони бемори руҳӣ, ки нисбат ба онҳо қарорҳои дахлдори судӣ қабул нашудаанд, набояд аз ҷиҳати ҳуқуқӣ таҳаммулшаванда боқӣ монанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон чунин хулоса кард:

1. Дар қонунгузории амалкунанда ошкоро ихтилофи бевоситаи тамоилҳои қонунӣ ба танзими ду ниҳоди ҳамҷавор дида мешавад – эътирофи ғайрмукаллаф будани шаҳрванд ва дорои мукаллафии маҳдуд кардашуда, ки фарқиятро дар мақсадҳои дар қонунгузорӣ пешбинигардида, ифода мекунад: ғайри қобилиамал эътироф намудани шахс ба сифати механизми ҳимояи ҳуқуқҳои амволии ӯ ва манфиатҳо аз суиистифода аз ҷониби дигар иштирокчиёни муомилоти маданӣ баромад мекунад, дар мавриде ки маҳдуд кардани қобилияти амалкунии шаҳрванд ба ҳимояи манфиатҳои молии аъзоёни оилаи ӯ равона гардидааст. Бартараф кардани ин ихтилоф, ки хусусияти усулӣ дорад, мумкин аст танҳо бо роҳи тағйири сохтори қонунии асосҳо барои маҳдудкунии қобилияти амал ба даст оварда шавад, ки ба баландшавии сифати таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҳам шаҳрандони аз машруботи спиртдор ва маводи нашъадор суиистеъмолкунанда ва ҳам ҷомеа, дар маҷмӯъ имкон медиҳад;

2. Дар қонун мавҷуд набудани муқаррарот оид ба ғайри қобили амалии хурдсолони синни то шашсола проблемаи муайянсозии табиати ҳуқуқии аҳдҳои хурди маиширо, ки аз ҷониби ин гуна шахсон содир карда мешавад, ба бор меорад. Ба назар мерасад, ки дар ин ҳолатҳо хурдсолон ҳамчун олоти иродаи

намояндагони қонунии онҳо баромад мекунанд, ки намуд ва хусусиятҳои асосии чунин аҳдҳоро муайян мекунанд. Номуайянии ҳуқуқиро ҳамчунин мавҷуд набудани нишондод ба синну сол низ ба бор меорад, ки бо расидан ба он шаҳрванд метавонад дорои мукаллафии маҳдуд карда шавад ё ғайриқобилиамал эътироф карда шавад, бинобар ин дар қ. 1 м. 30 КМ ҶТ ва дар қ. 1 м. 31 КМ ҶТ пас аз калимаи «шаҳрванд» зарур аст «бо расидан ба синни чордаҳ» илова карда шавад;

3. Қисми 5 м. 37 КМ ҶТ-ро зарур аст бо сархати зерин ва мазмуни зайл такмил намуд: «Агар васӣ аз додани ариза ба суд оид ба мукаллаф эътироф намудани шахси таҳти васояташ қарордошта ва дар бораи аз ӯ бардоштани парасторӣ даст кашад, дархости дахлдор бояд аз ҷониби муассисаи психиатрӣ ё психоневрологӣ пешниҳод карда шавад, ки дар он шаҳрванд дар табобат аст. Пас аз дорои қобилияти пурраи амал эътироф намудани шаҳрванд ва аз ӯ бардоштани парасторӣ ӯ метавонад аз парастори собиқ боз додани ҳамаи амволашро, ки беасос аз истифодаи моликияти шахси таҳти парасторӣ қарордошта дар давраи канорагирии беасос оид ба оғози истеҳсолоти судӣ дар хусуси мукаллаф эътироф намудани ӯ ба даст овардааст, инчунин ҷуброни зарари ба шаҳрванд дар натиҷаи чунин канорагирӣ расонидани зарари маънавӣ талаб намояд»;

4. Ҳамчунин зарур аст мухлатҳои кӯтоҳтарини (дар шаш моҳ як маротиба) гузаронидани муоинаи ҳатмии шахсони ғайри қобили амал муқаррар карда шавад, ки имкон медиҳад ба таври фаврӣ беморони шифоёфта ошкор шаванд ва бармаҳал истеҳсолоти судӣ оид ба мукаллаф эътироф намудани онҳо оғоз карда шавад. Ҳамин тариқ, ислоҳи пешниҳодшаванда имкон медиҳад кафолатҳои иловагии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандони ғайри қобили амал эътироф гардида, муқаррар карда шавад;

5. Вижагиҳои ҳуқуқдории субъективии шаҳрвандонеро, ки мазмуни амали худро дарк намекунанд ва онро идора карда наметавонанд, муқаррар карда, қонунгузор ба ҳалли масъала оид ба пайомадҳои ҳуқуқии аз ҷониби чунин шахсон содир гардидани амалҳои мазмуни ҳуқуқидошта гуногун назар

мекунад: агар барои ҳалли масъала оид ба воқеӣ будани аҳдҳои аз ҷониби онҳо содиршаванда, сабаби ҳолатҳои шаҳрвандро аз қобилияти дарки мазмуни амалҳои худ ва идора кардани он маҳрум сохтан, мазмуни ҳуқуқӣ надорад, дар уҳдадориҳои деликтӣ бошад, масъала оид ба ҷавобгарии субъектони номбаргардида ба сабабҳое, ки боиси ҳолати дахлдор гардидаанд, вобаста аст;

6. Дар миёни аҳдҳои беэътибор, ки бо қонунгузории амалкунанда пешбинӣ карда шудаанд, ба гурӯҳи махсус бояд аҳдҳои аз ҷониби шаҳрвандони ғайри қобили амал эътирофгардида, содиршуда ва аз ҷониби ноболиғони синну соли то чордаҳсола содиршуда, ки самараи иқтисодии мусбат дар тарафи шахсони номбаргардида мерасонад, ҷудо карда шавад. Номуайянии вобаста ба таснифи ҳуқуқии ин намуди аҳдҳо, ки дар сивилистикаи муосир мавҷуд аст, мумкин аст ба воситаи ҳаммонандкунии онҳо ба сифати намуди махсуси аҳдҳои беэътибор зери мафҳуми ҷамъбасткунанда «қисман беэътибор» ифода карда шавад, чунки беэътибории аҳдҳои хурдсолон ва шахсони ғайри қобили амал, ки бо қонун пешбинӣ карда шудааст, дар ҳолати мазкур метавонад бо қарори суд оид ба воқеӣ будани онҳо чун ба манфиати субъектони номбаргардида содиршуда, бартараф карда шавад.

### 4. 2. Нақши васӣ ва парасторӣ дар татбиқи қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ

Масъалаи қаблан баррасигардидаи вижагиҳои ҳуқуқдории субъективии ноболиғон, шахсони ғайри қобили амал ва дорои мукаллафии маҳдудгардида, ки нисбат ба онҳо маҳдудият ва мамнуъиятҳои сершумори қонунӣ муқаррар карда шудаанд, боиси зарурати мантиқии таҳлили ниҳодҳои васоят ва парасторӣ бо мақсади муайянсозии нақши онҳо дар механизми амалисозии қобилияти амалкунии доираи номбаршудаи шахсони воқеӣ мегардад. Лозим ба ёдоварист, ки зарурати мусоидат дар амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии

шаҳрвандоне, ки қобилияти пурраи амал надоранд, муддатҳо қабл дарк гардида буд.

Ҳамин тавр, сарчашмаҳои зиёд оид ба танзими дақиқи муносибатҳои мазкур дар ҳуқуқи хусусии римӣ шаҳодат медиҳанд[324]. Ба ин проблема ҳам қонунгузории миллӣ ва ҳам хориҷии давраҳои гузашта таваҷҷуҳ кардаанд, зимнан дар ҳамаи давраҳои инкишофи ниҳодҳои мазкур ба мафҳуми он, якум, асосҳои муқарраркунӣ ва қатъкунии васоят ва парасторӣ ва дуюм, ҳаҷми ҳуқуқҳои ба васиён (парасторон) таалуқдошта ва ҳудуди амалисозии онҳо аҳаммияти асосӣ дода мешуд. Дар баробари ин. нуқтаи назари олимони ватанӣ оид ба мақсади таъйини васоят (парасторӣ) ҳеҷ гоҳ бо ягонагии худ фарқ намекард. В.И. Синайский, аз ҷумла, ин мақсадро ҳамчун «ивазкунандаи парастории падару модар, кӯдакон, шахсияти онҳо ва моликияташонро» муайян мекард[325]. Дар баробари ин чунин нуқтаи назарро метавон дучор шуд, ки васоят шакли тарбияи кӯдак дар оилаи васӣ мебошад[326], ки аммо, танҳо дар қисмате, ки ба вазъи ҳуқуқии кӯдакони ноболиғ дахл дорад, аз нигоҳи қонунгузории оилавӣ дуруст аст. Баъзан васоят ва парасториро ҳамчун «яке аз шаклҳои амалисозии ҳимояи давлатии шахсият» таъриф мекунанд[327].

Тафсири васоят (парасторӣ) ҳамчун шакли махсуси ғамхории иҷтимоӣ наздик ба консепсияи зикршуда ва маъмул фаҳмида мешавад, яъне фаъолият оид ба таъмини талаботи шахсони ниёздошта ба ғамхории субъекте, ки аз ҷониби давлат дар шахсияти мақомоти он амалӣ мегардад, инчунин аз ҷониби ташкилот ва шаҳрвандони алоҳида, аз ҷумла аз ҷониби аъзои оилаи ин шахс, азбаски, он наметавонад пурра ва қисман мустақилона ин функсияҳоро амалӣ созад[328]. Маҳз равиши мазкур дурусттар ба назар мерасад, дар ҳолате ки қонунгузории миллӣ, тақрибан аз васояти музднок даст кашид, презумпсияи иҷрои ройгони уҳдадориҳои ба васӣ вогузоргардидаро муқаррар карда ва ғамхории дахлдорро ба

---

[324] Ниг.: Дигесты Юстиниана. Т. IV. Кн. 26, 27. – М., 2004. – С. 544-779.
[325] Ниг.: Синайский В.И. Асари номбурда. – С. 529.
[326] Ниг.: Пергамент А.И. Опека и попечительство. – М., 1968. – С. 7.
[327] Ниг.: Гражданское право: учебник: т. 1. // отв. ред. Е.А. Суханов. – М., 2004. – С. 142.
[328] Ниг.: Ершова Н.М. Опека и попечительство. – М., 1971. – С. 6; Михеева Л.Ю. Опека и попечительство: теория и практика // под ред. Р.П. Мананковой. – М.,2004. – С. 15.

шахсони моликият надошта, ки даромад биёрад ва объекти рента шавад, таъмин намудааст.

Ба назари аввал, ин консепсияро меъёрҳои қонунгузорӣ метавонанд нопойдор созанд, ки пардохти маблағҳои пулиро барои нигоҳдории шахсони таҳти васоят қарордошта, инчунин имконияти (маҳдудият) ихтиёрдории моликияти ӯ, аз ҷумла дар асоси таъсиси идоракунии ба боварӣ асос ёфта пешбинӣ намудааст. Аммо, қонун ба васиён ва парасторон ваколатҳои васеъ дода, дар як вақт механизми ҳимояи ҳуқуқҳои амволӣ ва шахсии ғайриамволӣ ва манфиатҳои шахсони таҳти васоят қарордоштаро дар ҳолати рафтори номуносиби васиён ва парасторон, аз ҷумла аз ҷониби онҳо истифода гардидани вазъи худ бо мақсадҳои тамаъкорона ё ҳангоми шахси таҳти васоят қародоштаро бе назорат ва ёрии зарурӣ гузоштан, мустаҳкам намудааст.

Ниҳодҳои баррасишаванда дар бисёр ҳолат шакли ташкили фардии шахсони ба ғамхории иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ниёздошта мебошанд, ки чун анъана ба ҳар сурат, назар ба ташкили оммавӣ ё дастаҷамъӣ (дар муассисаҳои психиатрӣ ва психоневрологӣ, дар интернат, хонаҳои пиронсолон ва ғайра) афзалиятдошта дониста мешаванд. Дар баробари ин, қонун имконияти ба сифати васиён ва парасторон таъйин намудани муассисаҳои тарбиявӣ, табобатӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва дигар муассисаҳои монандро, ки дар онҳо шахси ба васоят ва парасторӣ ниёздошта қарор дорад, муқаррар намудааст, бинобар ин лозим аст бо нуқтаи назари Л.Ю. Михеева розӣ шуд, дар мавриди он ки васоят ва парасторӣ ҷойгирсозии муваққатии фардии шахсони таҳти васоят қарордошта фаҳмида мешавад[329] (бо шарте ки, агар онҳоро ба сифати функсияи махсусе баҳо дода шавад, ки иҷроиши он ба зиммаи субъектони муайян оид ба ҳалли мақомоти ваколатдор вогузор шудааст). Дар баробари ин маҳз чунин равиш имкон медиҳад падидаи мазкур ба сифати яке аз механизмҳои муҳимми амалисозии қобилияти амалкунии шаҳрванд баррасӣ карда шавад, бинобар ин таҳқиқи ояндаи проблемаи баррасишаванда ба консепсияи мазкур асос меёбад.

[329] Ниг.: Михеева Л.Ю. Проблемы правового регулирования отношений в сфере опеки и попечительства: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Томск, 2003. – 34.

Табиати ҳуқуқии васоят ва парасторӣ муддатхост, ки мавзуи баҳсҳои илмӣ ҳам дар сивилистикаи ватанӣ ва ҳам хориҷӣ мебошад. Нуктаҳои асосии ин мубоҳисаҳо дар фаслҳои пештара зимнан чандин бор норавоии тафсири васоят ҳамчун воситаи мукаммалсозии қобилияти мусоидат дар қобилияти амалкунии кӯдак ё шахси ғайримукаллафи болиғ баррасӣ гардиданд. Баррасӣ гардидани парасторӣ ҳамчун воситаи мусоидат кардан ба содиршавии амалҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони дорои мукаллафии маҳдуд буда, ё аз рӯйи вазъи саломатӣ имконияти мустақилона амалисозии ҳуқуқҳои худ ва иҷрои уҳдадориро надошта, комилан қобили дастгирӣ мебошад. Наметавон розӣ нашуд бо хулосаи бебаҳс оид ба он ки васоят ва парасторӣ барои таъмини устувории муомилоти гражданӣ нигаронида шудаанд[330].

Бисёр шавқовар аст масъалаи муқаррарсозии васоят (парасторӣ), бинобар он ки дар қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ он ҳар хел ҳал мешуд ва ҳал шуда истодааст. Айни замон қонунгузор ду тамоюли ба ҳам зидди диаметриалиро ба ҳалли ин масъала пешниҳод намудааст: аз як тараф, он зарурати бадастоварии розигии васии тахминиро дар назар дорад, аз тарафи дигар бошад, иҷрои ин функсияҳоро ба сифати уҳдадории ҳуқуқии ба шахс вобастагардида мустаҳкам менамояд, ки озодшавӣ аз он танҳо дар сурати ҳолатҳои дар қонун нишондода шуда, ки ба сифати сабабҳои узрнок баррасӣ мегарданд (маризӣ, вазъи мураккаби моддӣ ва ғайра.) иҷозат дода мешавад. Дар қонун мустаҳкам намудани уҳдадории бадастоварии розигии васиён (парасторон) оид ба онҳо бор кардани функсияҳои дахлдор маънои онро дорад, ки маҳз аз ин гуна розигӣ бавуҷудоӣ ва мавҷудияти чунин муносибатҳо вобаста аст. Чунин тамоил дуруст мебошад, бо дарназардошти хусусияти уҳдадориҳои гарони ба васӣ гузошташаванда, ки иҷроиши бояду шояди онҳо бе иродаи даркшаванда, қарзи ботинӣ, қарори даркгардидаи шахс дар хусуси зимма гирифтани ин уҳдадориҳо ғайриимкон аст. Вале бо гузашти вақт ин хоҳиши ботинии (ирода) васӣ (парастор) оид ба давом додани фаъолияти васигии (парасторӣ) худ мумкин аст иваз гардад. Он ҳолат, ки қ. 2 м. 40 КМ ҶТ ба сифати асоси бекор кардани давомёбии васигӣ (парасторӣ) мавҷудияти сабабҳои узрнокро қайд мекунад,

[330] Ҳамон ҷо. – С. 69.

яъне маънои онро дорад, ки қонунгузор аз ҷониби васӣ (парастор) иҷро кардани ухдадориҳо ҳатто бидуни иродаи ӯро пешбинӣ мекунад. Аммо дар ҳолати мазкур муносибати боинсофонаро нисбат ба ин ухдадориҳо интизор шудан, мушкил аст, ки метавонад ба вазъи шахси таҳти васоят қарор дошта номусоид таъсир расонад, бинобар ин ба назар мерасад, ки шахси амалисозандаи ухдадориҳои васигӣ ё парасторӣ, ҳуқуқ дорад озодшавӣ аз ин ухдадориҳоро талаб намояд ҳатто дар сурати мавҷуд набудани сабабҳое, ки аз тарафи қонунгузор ба сифати сабабҳои узрнок баррасӣ карда мешаванд.

Қонун теъдоди мукаммали шахсонеро муайян намудааст, ки дар ягон ҳолат наметавонанд парастор (ёрдамчӣ) бошанд: шахсони ноболиғ, аз ҷониби суд ғайри қобили амал ё қобилияти амалаш маҳдуд шуда ва аз ҳуқуқҳои падариву модарӣ маҳрумгардида. Қобилияти дигар шахсон барои ба ҳайси васӣ (парастор) баромад кардан мавриди санҷиши дахлдор қарор дода мешавад, ки дар рафти он, аз ҷумла, шароити зисти шахси ба васоят муҳтоҷ ва васӣ (парастор)-и потенсиалӣ муайян карда мешавад. Ҳамзамон бояд сифатҳои ахлоқӣ ва дигар сифатҳои шахсии васӣ (парастор)-и тахминӣ, хислати муносибатҳои байни ӯ ва шахси ба васоят, парасторӣ ё патронаж ниёздошта, инчунин (агар ин имконпазир бошад) хоҳиши шахси таҳти васоят қарор додашаванда, ба назар гирифта шавад.

Як қатор маҳдудиятҳои иловагӣ дар КО ҶТ пешбинӣ гардидаанд, ки тибқи он васӣ (парастор)-и ноболиғ шахсони аз ҷониби суд дар ҳуқуқи падариву модарӣ маҳдуд гардида, фарзандхондагони собиқ дар сурати бекор кардани фарзандхонӣ бо гуноҳи онҳо, инчунин шахсони гирифтори маризии майпарастии доимӣ, нашъамандӣ ё дигар маризии доимӣ таъйин шуда наметавонанд, ки ба онҳо ин ҳолат имкони тарбияи кӯдакро намедиҳад ё барои худи кӯдак хавфнок мебошад. “Номгӯи бемориҳое, ки ҳангоми ба онҳо мубтало будани шахс наметавонад кӯдакро ба фарзандхонӣ қабул кунад, таҳти васоят (парасторӣ) гирад” бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 октябри соли 2004, №406 тасдиқ карда шудааст[331]. Ба зумраи онҳо дохил мешаванд: бемории сил (навъи фаъол ва музмин) бо тамоми

[331] Ниг.: “Номгӯи бемориҳое, ки ҳангоми ба онҳо мубтало будани шахс наметавонад кӯдакро ба фарзандхонӣ қабул кунад, таҳти васоят (парасторӣ) гирад” бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 октябри соли 2004, №406 тасдиқ карда шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». – Душанбе, 2021.Шакли 6.0. [CD-ROM].

шаклҳои зуҳуроташ дар гурӯҳҳои 1, 2 ва 5 бақайдгирии диспансерӣ; бемории узвҳои дарунӣ, низоми асаб, узвҳои такя ва ҳаракат дар марҳилаи талофинопазирӣ; бемориҳои зарарноки онкологӣ бо тамоми шаклҳои зуҳуроташ; нашъамандӣ, токсикомания, майпарастӣ, сирояти масъунияти норасоии бадан; бемориҳои сироятӣ то давраи азқайдбарорӣ аз диспансер; бемориҳои руҳӣ, ки ҳангоми онҳо беморон мувофиқи тартиби муқарраргардида ғайриимкон ё ба таври маҳдуд қобили амал дониста шудаанд; тамоми бемориҳо ва ҷароҳатҳое, ки боиси маъюбияти гурӯҳҳои 1 ва 2 гардида, қобилияти меҳнатиро истисно намудаанд.

Ҳангоми таъйини васиён (парасторон) на танҳо вазъи саломатии онҳо, балки хусусияти кор ва таълими онҳо ба назар гирифта мешаванд, ки аз он ҷо маълумотнома талаб карда мешавад бо нишондоди кӯтоҳи хусусияти кори иҷрошаванда (оид ба мавҷудияти сафари хизматӣ, муҳлати давомнокии онҳо ва ғайра), чунки фаъолияти васиён (парасторон) оид ба амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ ва иҷроиши уҳдадориҳои мадании шахсони таҳти васоят қарордоштаи онҳо бояд хусусияти муттасилӣ дошта бошад (низомнокӣ, баъзан доимӣ). Ҳамчунин бисёр муҳим ба назар мерасад бадастоварии розигии хаттии ҳамсар ва аъзоёни оилаи шахсони якҷоя истиқоматкунандаи бабалоғатрасидаи васӣ (парастор)-и тахминӣ, азбаски бо ин қарор мумкин аст манфиатҳои шахсии онҳо дахл карда шавад. Дурустии чунин тамоюл бешубҳа аст, чунки муносибати душманона ба шахси таҳти васоят қарордошта, аз ҷониби аъзоёни оилаи васӣ ё парастор, конфликтҳои дар ин асос бавуҷудоянда, метавонанд ба вазъи руҳии шаҳрванди таҳти васоят қарордошта номусоид таъсир расонанд ё ба вайроншавии ҳуқуқҳои субъективӣ ва манфиатҳои қонунии ӯ оварда расонанд. Дар маҷмуъ, барои бавуҷудоии муносибатҳо оид ба васоят ва парасторӣ ҷамъкунии се воқеияти ҳуқуқии муттасил лозим аст:

1) пешниҳод оид ба таъйини васӣ (парастор) аз ҷониби мақоми васоят ва парасторӣ, ки ба шахси аз ҷониби ӯ интихобгардида равона гардидааст (барои ин амал бо қонун ягон шакли махсус пешбинӣ нашудааст);

2) розигии шахси мазкур;

3) таъйини ин шахс бо қарори мақоми васоят ва парасторӣ.

Пешниҳоди мақоми васоят ва парасторӣ, дар навбати худ, метавонад ба аризаи васӣ (парастор)-и потенсиалӣ асос ёфта бошад, ки ба сифати он, чун қоида, аъзои оила ё дигар хешовандони наздики шаҳрванд баромад мекунанд, ки барои муқаррарсозии васоят ва парасторӣ ниёз доранд. Ҳамаи асосҳо мавҷуданд ва бояд қайд кард, ки кайҳо зарурати дар қонун мустаҳкам намудани ҳуқуқи падару модар барои интихоб ва нишон додани шахси муайян ба сифати номзади аз ҷониби онҳо тавсияшаванда барои таъйини васӣ ё парастор ба фарзандони онҳо дар ҳолати марги онҳо дар шакли амри меросӣ (радди мерос) ба миён омадааст.

Чунин тамоили ба боварии махсус нисбат ба шахси муайян асосёфта, ба хусусияти муносибатҳои бо ӯ бавуҷудомада, дар сатҳи лозимӣ ба манфиати кӯдак ҷавоб медод ва як қатор муаммоҳои бо масъалаи ба кӯдакони ятиммонда таъйин намудани васӣ ва парасторро бартараф менамуд. Муқаррароти дахлдори пештар ба ҳуқуқи ватанӣ шинос, айни замон дар қонунгузории як қатор давлатҳои аврупоӣ мустаҳкам гардидааст, аз ҷумла Венгрия, Италия, Польша, Чехия, Фаронса, Олмон ва дигарон[332]. Гуфтаҳо имкон медиҳад пешниҳод кунем, ки ба м. 1285 КМ ҶТ «Радди мерос» илова карда шавад, бо нишондоди он ки меросдиҳанда ҳуқуқ дорад шахсеро (шахсони ба ҷумлаи хешовандон тааллуқдошта ва таалуқнадошта), ки бояд васӣ (парастор)-и кӯдаки меросдиҳанда дар ҳолати фавти ӯ гардад, муайян намояд. Розигиро барои чунин таъйиноти шахси қайдгардида бояд бо навиштаҷоти шахсӣ дар худи васиятнома ё аризаи ба он замимагардида, ифода карда шавад.

Мазмуни муҳимро ҳамчунин муайянсозии табиати ҳуқуқии муносибатҳои бо воқеияти ҳуқуқии мазкур бавуҷудоянда, дорад, ки мувофиқи қонунгузории амалкунанда ба намудҳои зерини муносибатҳои ҳуқуқӣ ҷудо мешаванд:

1) байни васиён (парасторон) ва аз ҷониби шахсони мазкур парасторишаванда (таҳти васоят қарордошта);

---

332 Ниг.: Германское право. Ч. I. Гражданское уложение. Сер. Современное зарубежное и международное частное право // Пер. с нем. – М., 1996. – С. 378; Гражданский кодекс Квебека. Ст. 200. Сер. Современное зарубежное и международное частное право. – М., 1999. – С. 64; Семейное право Российской Федерации и иностранных государств; основные институты // под ред. В.В. Залесского. – М., 2004. – С. 263.

2) байни васиён (парасторон) ва шахсони сеюм, ки дар он ухдадориҳои онҳо оид ба содири амалҳои ҳуқуқӣ ба манфиати шахси таҳти васоят қарордошта амалӣ мегардад ва тавассути он алоқаи ҳуқуқии «шахси таҳти васоят – шахсони сеюм» имконпазир мегардад, яъне қобилияти амалкунии субъектони таҳти васоят қарордошта амалӣ мегардад;

3) байни васиён (парасторон) ва мақоми васоят ва парасторӣ, ки дорои ваколатҳои васеъ барои амалисозии назорат барои иҷроиши бояду шояди ухдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда, аз ҷониби шахсони номбаргардида мегардад.

Дар баробари ин, бо хусусияти худ муносибатҳое фарқ мекунанд, ки байни васиён (парасторон) ва шахсони таҳти васоят қарордошта ба вуҷуд меоянд. Аз як тараф, чуноне қайд гардида буд, васӣ (парастор) ухдадор аст нигоҳубини шахси таҳти васоят қарордоштаро оид ба амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои субъективии ӯ ва таъмини манфиатҳои қонунии ӯ ба зимма гирад. Аз тарафи дигар, ба зиммаи ӯ ухдадории ҳуқуқӣ оид ба таъмини моддии охирон вогузор намегардад, чуноне дар адабиёт дуруст қайд мегардад дар амалия бисёр вақт васиён амалан хароҷотҳои дахлдорро ба зимма доранд. Ин ҳолат ногузир мегардад дар ҳолатҳое, ки даромадҳои шахси таҳти васоят қарордошта (нафақа ё идрор) воқеан барои қонеъ намудани талаботҳои ӯ (хӯрока, табобат, таълим ва дигарон) нокифоя мебошанд ва дар навбати худ, фаъолияти амалисозандаи васиён ва парасторонро аз ҷиҳати молиявӣ ҳамчун хароҷотҳои молиявии муайянро талабкунанда, малоловар мегардонад[333].

Боз як нишондоди махсуси муносибатҳои баррасишаванда хусусияти шахсӣ-боваркунии онҳо мебошад, ки бевосита дар механизми амалисозии қобилияти амалкунии шахси таҳти васоят қарордошта ифода мегардад. Дар ҳолатҳое, ки васӣ ба ҷойи шахси таҳти васоят амал мекунад, муаммоҳои махсус ҳангоми содири амалҳои мазмуни ҳуқуқидошта, то он ҳоле ки амри истифодаи молу мулки шахси таҳти васоят қарор дошта, ба вуҷуд намеояд, дахл намекунад. Ҳолате мушкил ба назар мерасад, ки парастор (ёрдамчӣ) дар

[333] Ниг.: Михайлова И.А. Асари номбурда. – С. 402.

якҷояги̅ бо шахси таҳти васоят қарордошта амал мекунад, чунки масъала оид ба тартиби мувофиқасозии амалҳои мазмуни ҳуқуқидоштаи охирин ба вуҷуд меояд. Агар барои содири аҳдҳо аз ҷониби ноболиғони дар синни 14 то 18-сола буда, қонун дақиқ зарурати бадастоварии розигии хаттии намояндагони қонуниро нишон диҳад, нисбати патронаж бошад чунин муайяни̅ мавҷуд нест.

Мутобиқи қ. 3 м. 42 КМ ҶТ, содири аҳдҳои маиши̅ ва дигар аҳдҳо, ки барои таъмин ва қонеъсозии талаботҳои маишии шаҳрванди парасторишаванда нигаронида шудааст, аз ҷониби ёрдамчии ӯ бо розигии шахси таҳти васоят қарордошта амали̅ карда мешавад. Аммо қонун шаклеро, ки дар он ин розиги̅ бояд ифода гардад, муайян намекунад. Тафсири бевоситаи меъёри номбаргардида имкон медиҳад хулоса кард, ки дар ҳолати мазкур сухан дар бораи додани ваколатнома меравад, чунки бастани шартномаи супориш бо шахси таҳти васоят қарордошта танҳо дар ҳолати ихтиёрдории моликияти ба ӯ таалуқдошта, пешбини̅ карда шудааст. Вале дар баробари ин мумкин аст саволе бараояд, ки то кадом андоза дар шароитҳои монанд манфиатҳои шахси таҳти васоят қарордошта ҳимоя гардидаанд ва оё барои таъмини онҳо функсияҳои контроли̅-назоратии мақоми васоят ва парастори̅ басанда аст. Саволи мазкури мазмуни илми̅ ва амалидошта метавонад бо тарзи зерин ҳал карда шавад: ягон шакли барасмиятдарории муносибатҳои дохилии ёрдамчи̅ ва шахси таҳти васоят қарордоштаи ӯ дар амалия талаб карда намешавад ва розигии шифоҳии аз ҷониби шахси таҳти васоят қарордошта дода шуда барои ба манфиати ӯ содир намудани аҳдҳои муайяни маиши̅, шакли амалисозии ҳуқуқи ӯ ба расонидани ёрии зарури̅ ва мусоидат, баромад мекунад.

Яқин аст, ки табиати ҳуқуқии додани розиги̅ барои содири амалҳои мазмуни ҳуқуқидошта дар ҳолатҳои баррасишаванда принсипиали̅ фарқ мекунад. Дар ҳолати бо шахсони ноболиғ розигии хаттии додашуда, кафолати иловагии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои на танҳо кӯдак, балки контрагентҳои потенсиалии ӯ низ баромад мекунад. Бо ин мазмун дар қонун мавҷуд набудани нишондод оид ба

шакли розигӣ барои содири аҳдҳо аз ҷониби шахсони қобилияти амалашон маҳдудбуда, бояд нуқсони ҷиддӣ дар қонунгузории амалкунанда дониста шавад ва бояд ба воситаи дохил намудани иловаҳои дахлдор ба қ. 1 м. 31 КМ ҶТ муаммои мазкур ҳал гардад. Дар навбати худ, дар сурати муқаррарсозии патронаж вобаста ба сабабҳои дар боло номбаргардида, розигии хаттии шахси таҳти парасторӣ қарордошта барои содири аҳдҳои маишӣ ва дигар аҳдҳои барои таъмин ва қонеъсозии талаботҳои маишӣ равона гардида, дигар талаб карда намешавад, комилан изҳори ирода тариқи шифоҳӣ басанда аст.

Вобаста ба намояндагии васиён (парасторон) нисбат ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони таҳти васоят қарордошта бошад, азбаски ӯ аз моҳияти муносибати мазкур бармеояд, ба шахсони номбаргардида ваколатнома талаб карда намешавад. Вазъи ҳуқуқии онҳо ҳамчун иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор, ки ба манфиати шахсони таҳти васоят қарордошта амал мекунанд, бо шаҳодатномаи васигӣ тасдиқ карда мешавад, дар сурати мавҷуд набудани он – бо қарори мақоми васоят ва парасторӣ оид ба таъйини шахси мазкур ба ҳайси васӣ (парастор). Каме дигар хел муносибат дар доираи патронаж сохта мешавад: ваколат барои содири амалҳои бо ихтиёрдории моликияти манқул ва ғайриманқули ба шахси таҳти васоят қарордошта, тааллуқдошта, бо шартномаи супориш ба расмият даровarda шуда, бо додани ваколатнома тасдиқ карда мешавад, бинобар он мумкин аст шартномаи идоракунии ба бовариасосёфта, истифода бурда шавад.

Дар қонунгузории амалкунанда шартҳои лозимии дарк гардидаи ихтиёрдории даромади шахси таҳти васоят қарордошта аз ҷониби васиён (парастрон) муқаррар гардидааст, ки аз инҳо иборат аст: даромадҳои ҷорӣ (музди меҳнат, идрор, ёрдампулӣ, нафақа, алимент ва ғайра.); пардохтҳои якваќта (мукофотпулиҳо ва пардохтҳои суғуртавӣ ва ғайра.); даромадҳо аз идоракунии моликияти шахси таҳти васоят қарордошта (даромадҳо аз рӯйи саҳмияҳо, даромадҳо, пардохтҳо аз рӯйи саҳмҳои ҳиссагӣ, фоизҳо аз рӯйи амонатҳо дар бонкҳо ва ғайра.); инчунин воситаҳои аз ҷониби мақоми васоят ва парасторӣ ҷудо гардида. Шарти якум ва асосии ихтиёрдории ин воситаҳои пулӣ хароҷоткунии

онҳо фавқулодда ба манфиатҳои шахси таҳти васоят қарордошта. Ба сифати шарти дуюм бадастоварии розигии пешакии мақоми васоят ва парасторӣ баромад мекунад, ки он тибқи сохтори м. 38 КМ ҶТ ба сифати презумпсияи қонунӣ мустаҳкам гардидааст. Оид ба ин ҳолат на танҳо маҳдудкунии ваколатҳои амрдиҳандаи васӣ (парастор) бо масъалаи таъмини шахси таҳти васоят қарордошта шаҳодат медиҳад, балки хусусияти кушоди феҳристи аҳдҳои камкунии молу мулки шахси таҳти васоят қарордоштаро ба бор меорад ва мувофиқан талабкунандаи мувофиқасозии имконияти содири онҳо аз ҷониби мақоми васоят ва парасторӣ мебошад. Аз ҷониби васӣ ё парастор вайрон намудани ин талаботҳои қонун беэътибории аҳди содиршударо ба бор меорад.

Муқарраротҳои баррасигардида набояд эътирози принсипиалиро ба бор орад. Ҳолати дигар дар муносибати ҳаҷми воситаҳои барои таъмини шахси таҳти васоят қарордошта зарурбуда, ба вуҷуд меояд, ки нисбат ба он, чуноне қайд гардида буд, мумкин аст як қатор масъалаҳои сирф хусусияти амалидошта ба вуҷуд ояд. Якум, маълум нест, ки кӣ талаботҳои воқеии шахси таҳти васоят қарордоштаро муайян мекунад ва чӣ тавр ин муайянсозӣ бояд барасмият даровaрда шавад. Дуюм, масъала оид ба ҷавобгарии васӣ барои хароҷотҳои содирнамудааш барои таъмини шахси таҳти васоят қарордошта кушода боқӣ мемонад, агар ақидаи ӯ оид ба зарурати ин хароҷотҳо бо фикри мақоми васоят ва парасторӣ мувофиқ наояд. Ин ҳолат имкон дорад, масалан, дар ҳолатҳое, ки агар васӣ хароҷотҳои зиёдро барои ташаккули ҳаматарафаи ноболиғи таҳти васоят қарордошта, пардохти машварат бо мутахассисон, машғулият бо омӯзгорон ва ғайраро амалӣ месозад. Дар ҳолате ки хароҷотҳои аз ҷониби васӣ (парастор) барои ин талабшаванда мумкин аст барои таъмини шахси таҳти васоят қарордошта зарур мебошанд, ҳарчанд бебаҳс, ки онҳо барои иҷроиши бояду шояди уҳдаориҳои васӣ (парастор) барои тарбия ва омӯзиши ӯ мусоидат мекунанд. Чуноне ба назар мерасад, ин муамморо (ақалан қисман) мумкин аст дар асоси презумпсияи дурандешӣ ва бовиҷдонии ҳамаи иштирокчиёни муомилоти маданӣ, ки дар қонунгузории маданӣ мустаҳкам гардидааст, ҳал кард, ҳарчанд категорияҳои

номбаргардида он қадар маълум нестанд, ки имкониятҳои васеъро барои тафсири субъективии онҳо дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ ба вуҷуд меорад.

Кафолати муҳимми ҳимояи манфиатҳои шахсони таҳти васоят қарордошта дар қонун мустаҳкамнамоии манъи аз ҷониби васӣ, парастор, ҳамсарони онҳо ва хешовандони наздики онҳо содири аҳдҳо ба онҳо, ба истисноӣ додани моликият ба шахси таҳти васоят қарордошта ба сифати мукофот ё барои истифодабарии ройгон. Ба сифати боз як кафолати таъмини ҳуқуқҳои амволӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо имконияти бо қонун пешбинигардидаи бастани шартномаи идоракунии ба боварӣ асосёфтаи моликияти манқул ва ғайриманқули шахси таҳти васоят қарордошта баромад мекунад. Дар баробари ин боз фарқият байни васоят, парасторӣ ва патронаж ба мушоҳида мерасад: агар дар патронаж муассиси идоракунии ба боварӣ асосёфта худи шахси таҳти васоят қарордошта мегардад, ҳамчун шахси қобилияти амалкунии пуррадошта, дар сурати муқаррарсозии васоят (парасторӣ) бошад ба ин сифат мақоми васоят ва парастроӣ баромад мекунад. Хусусияти вазъи ҳуқуқии ин ҳолат ба он меоварад, ки ҷараёни таъсисдиҳии идоракунии ба боварӣ асосёфта бо меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ танзим мегардад, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни уҳдадории ба миён омада бошад – бо меъёрҳои маданӣ-ҳуқуқӣ.

Дар натиҷа дар ҳолати мазкур дар ҳаҷми пурра наметавонанд ҳамаи меъёрҳои боби 57 КМ ҶТ татбиқ карда шаванд, ки қоидаи бастан ва иҷрои шартномаи идоракунии ба боварӣ асосёфтаи моликиятро муқаррар мекунанд. Якум, ҷавобгарӣ аз рӯйи уҳдадории вобаста ба ин идоракунии ба боварӣ асосёфта ба вуҷуд омада наметавонад ба моликияти муассиси идоракунии ба боварӣ асосёфта, бархилофи қоидаи умумии дар м. 1117 КМ ҶТ мустаҳкам гардида, паҳн гардад. Дуюм, дар ҳолати мазкур муассиси идоракунӣ – мақоми васоят ва парасторӣ – ҳуқуқ надорад аз идорашаванда ҷуброни зарарро бо тартиби муқаррарнамудаи м. 1121 КМ ҶТ талаб намояд, чунки ин талабот мумкин аст танҳо ба манфиати шахси ба фоида бадастоварда аз рӯйи шартнома ба даст оварда шавад, ки ба сифати он шахси таҳти васоят қарордошта баромад мекунад. Ва охирон, пас аз қатъи идоракунии ба боварӣ асосёфтаи моликият на ҳама вақт ба муассиси идоракунӣ

бармегардад: онро метавонад шахси таҳти васоят қарордошта ба даст оварад, ки дар ин ҳолат дорои қобилияти амалкунии пурра гардидааст[334]. Ғайр аз ин, бояд ба назар гирифт, ки тибқи боби 57 КМ ҶТ, асоси бавуҷудоии муносибатҳои ҳуқуқии бо идоракунии ба боварӣ асосёфтаи моликият шартномае мебошад, ки аз ҷониби шахсони манфиатдор ба чунин идоракунӣ баста шудааст. Ин шакли ташкили муносибатҳоро ҳамчунин м. 39 КМ ҶТ муқаррар мекунад, вале бастани шартнома дар ҳолати мазкур бояд пеш аз таъйини додани розигӣ аз ҷониби шахс дар шакли қарор ё амри мақоми васоят ва парасторӣ ба миён ояд, яъне санади маъмурӣ-ҳуқуқии аз ҷониби мақомоти мазкур қабулнамуда.

Ба назар мерасад, ки хислатҳои нишондодашудаи ташкили идоракунии ба боварӣ асосёфтаи моликияти шахсони қобилияти амалкунии пурранадошта, ё қобилияти амалкунии пуррадошта, вале ба ёрии доимӣ бинобар вазъи саломатӣ ё бинобар синну соли пирӣ эҳтиёҷдошта, бояд бо мақсади муайянсозии дақиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо аз рӯйи шартномаи идоракунии ба боварӣ асосёфтаи моликияти шахси таҳти васоят қарордошта муқаррароти қонунии худро пайдо кунанд, махсусан бо дарназардошти он ки васӣ (парастор) пурра ваколатҳои худро нисбат ба он намуди моликияти шахси таҳти васоят қарордошта, ки ба идоракунии ба боварӣ асосёфта дода нашуда буданд, бояд нигоҳ дорад.

Муносибати васоят ва парасторӣ аз рӯйи асосҳои гуногун қатъ мегарданд, ки бо махсусияти бавуҷудоии онҳо ва талаботҳои сершумору гуногун тавсиф гардидаанд, ки ба васиён (парасторон) пешниҳод мегарданд. Вобаста ба ин лозим аст фарқ карда шаванд:

1) қатъи васоят бинобар бавуҷудоии чунин воқеиятҳои (ҳодисаҳо ) ҳуқуқӣ, чун марги васӣ (парастор) ё шахси таҳти васоят қарордошта, барқарорсозии қобилияти амалкунии онҳо дар ҳаҷми пурра, расидан ба балоғат ё аз тарафи шахси ноболиғ бадаст овардани қобилияти амалкунии пурраи маданӣ. Асоси махсуси қатъи васоят ҳамчунин тағйири он ба парасторӣ мебошад. Патронаж, ки чуноне қайд гардид,

---

[334] Ниг.: Пьяных Е.С. Органы опеки и попечительства как учредители договора доверительного управления имуществом, возникающего по основаниям, предусмотренным законом // Юрист. – 2005. – № 4. – С. 15.

комилан аз васоят ва парасторӣ фарқ мекунад, бо иродаи шаҳрванди парасторишаванда қатъ мегардад;

2) озодкунии васиён (парасторон) аз иҷроиши уҳдадориҳои ба зиммаи онҳо вогузоргардида дар ҳолатҳои баргардонидани шахси ноболиғ ба падару модараш ё фарзандхонҳои онҳо; ҷойгирсозии шахси таҳти васоят қарордошта ба муассисаҳои дахлдори тарбиявӣ, табобатӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ё дигар муассисаи монанд; инчунин дар сурати мавҷудияти сабабҳои узрнок (маризӣ, тағйири вазъи молумулкӣ, мавҷуд набудани ҳамдигарфаҳмӣ бо шахси таҳти васоят қарордошта ва ғайра), ки ба васӣ ҳуқуқи хоҳиши озодшавиаш аз иҷрои уҳдадориҳои ба зиммааш гузошта шударо медиҳад;

3) аз иҷрои уҳдадорӣ дур намудани васиён (парасторон) бо қарори мақоми васоят ва парасторӣ дар ҳолати иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби онҳо, инчунин истифодаи васоят ва парасторӣ бо мақсадҳои ғаразнок ё монандани шахси таҳти васоят қарордошта бе назорати лозимӣ ва ёрии зарурӣ. Яқин, мафҳуми «дуркунӣ» баҳои негативии фаъолияти шахсони қайдгардидаро дар бар мегирад, муқаррарсозии гуноҳи онҳоро барои ҳуқуқвайронкунии роҳдода пешбинӣ мекунад ва бояд бинобар ин татбиқи чораҳои дахлдори ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқиро ба бор оварад. Дар баробари ин ҳам озодкунӣ ва ҳам дуркунии шахсони номбаргардида аз иҷрои уҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда, шакли қарори мақоми васоят ва парасториро ба худ мегиранд, ки дар ҳолати қатъи табиӣ васоят (парасторӣ)-ро талаб намекунанд, ҳамчунин дар натиҷаи аз ҷониби шахси таҳти васоят қарордошта бадаст овардани қобилияти амалкунии пурра.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба чунин хулоса омад, ки:

1. Меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, ки асос ва тартиби муқаррарсозии васоят (парасторӣ)-ро пешбинӣ мекунанд, ба илова ниёз доранд. Мувофиқи мақсад мебуд агар ҳуқуқи падару модар (фарзандхондагон) барои муайянсозии номзадии васӣ (парастор) муқаррар карда шавад ва бояд ба кӯдаки ноболиғи онҳо дар ҳолати фавташон дар шакли амри (радди) меросӣ таъйин карда шавад. Бинобар ин дар м. 1285 КМ ҶТ бояд иловаҳои зерин ворид карда шавад:

“Ризоият барои чунин таъйинкунии шахси номбаргардида бояд дар навиштаҷоти бевоситаи ӯ дар худи васиятнома ё дар аризаи ба он замима гардида, ифода ёбад;”

2. Муқаррарсозии васоят ё парасторӣ бавуҷудоии муносибатҳои ҳуқуқии зиёд мегардад, ки ба муносибатҳо:

а) байни васиён (парасторон) ва аз ҷониби шахсони мазкур парасторишаванда (таҳти васоят қарордошта);

б) байни васиён (парасторон) ва шахсони сеюм, ки дар он уҳдадориҳои онҳо оид ба содири амалҳои ҳуқуқӣ ба манфиати шахси таҳти васоят қарордошта амалӣ мегардад ва тавассути он алоқаи ҳуқуқии «шахси таҳти васоят – шахсони сеюм» имконпазир мегардад, яъне қобилияти амалкунии субъектони таҳти васоят қарор дошта амалӣ мегардад;

в) байни васиён (парасторон) ва мақоми васоят ва парасторӣ, ки дорои ваколатҳои васеъ барои амалисозии контрол барои иҷроиши бояду шояди уҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда, аз ҷониби шахсони номбаргардида мегардад, тақсим мегардад.

## 4. 3. Аҳамияти патронаж дар татбиқи қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ

Яке аз масъалаи муҳим, ин табиати ҳуқуқии сарпарастӣ (патронаж) мебошад, ки дар м. 42 КМ ҶТ мустаҳкам гардидааст. Дар баробари он ки аз нуқтаи назари лингвистикӣ дар КМ ҶТ истифода шудани истилоҳи мазкур ба назар намерасад, дар луғатҳо он ҳамчун расонидани ёрии доимии табобатӣ-профилактикӣ ба кӯдакони навзод ва баъзе истилоҳҳои дигари беморон таъриф карда мешавад.[335] Патронаж аз калимаи лотинӣ (patronus – ҳимоячӣ, ҳомӣ) гирифта шуда, ҳифзи манфиатро мефаҳмонад.

Хусусияти ин шакли парасторӣ дар он ифода меёбад, ки патронаж нисбати шаҳрванди болиғи қобили амал ба ҳисоб меравад, ки вобаста ба вазъи саломатӣ наметавонад мустақилона ҳуқуқҳои худро амалӣ ва ҳифз намояд, уҳдадориҳои

[335] Ниг.: Ожегов С., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – М., 1999. – С. 496; Словарь иностранных слов // отв. ред. Л.Н. Комарова. – М., 1990. – С. 377.

худро иҷро кунад. Вазъи саломатӣ вобаста ба бемори, ноқисиҳои ҷисмонӣ, беқувватӣ вобаста ба пиронсолӣ алоқаманд аст.

Аз мазмуни м. 42 КМ ҶТ бармеояд, ки бо хоҳиши шахси воқеии болиғи қобили амале, ки бо сабаби вазъи саломатиаш ҳуқуқи худро мустақилона татбиқу ҳимоя ва вазифаҳояшро иҷро карда наметавонад, мумкин аст барои ӯ парасторӣ дар шакли ҳомӣ (патронаж) муқаррар карда шавад. Муқаррар намудани ҳомӣ (патронаж) боиси маҳдудшавии ҳуқуқи шахси таҳти парасторӣ намегардад.

Парастори (ёвари) шаҳрванди болиғи қобили амалро мақоми васояту парасторӣ танҳо бо ризоияти чунин шаҳрванд таъин карда метавонад.

Парастор (ёвар) молу мулки шахси болиғи қобили амали таҳти парасториаш қарордоштаро дар асоси шартномаи супориш ё идораи ваколатӣ, ки бо шахси таҳти парасторӣ баста шудааст, ихтиёрдорӣ мекунад. Аҳдҳои маишӣ ва аҳдҳои дигареро, ки ба таъмин ва қонеъ гардонидани талаботи шахси таҳти парасторӣ равона гардидаанд, парастор (ёвари)-и ӯ бо ризоияти шахси таҳти парасторӣ анҷом медиҳад.

Дар партави гуфтаҳо ба ниҳоди баррасишаванда мафҳуми патронат наздик мебошад, ки ҳамчун парасторӣ ё шакли тарбияи кӯдакони падару модарро аздастдода, ҳамчунин дар оилаи шаҳрвандон бо супориши мақомоти давлатӣ фаҳмида мешавад[336]. Аз лиҳози этимологӣ қоидаҳои мазкур, бешубҳа, наздик мебошанд, азбаски ба забони русӣ тарҷумаи ҳамон як мафҳум мутобиқан аз забони фаронсавӣ (patronage) ба лотинӣ (patronatus) мебошад. Дар даврони шуравӣ афзалият ба патронат дода мешуд, ки маънои додани кӯдакони бе падару модармонда ба тарбия, ба шахсе, ки ухдадории нигоҳубини кӯдаки зери парасторӣ қарордоштаро мутобиқи шартномаи аз ҷониби ӯ бо мақомоти тандурустӣ, маориф ва ғайра басташуда, ба зимма мегирад.

Проблемаҳои истилоҳӣ ва муаммоҳои бо онҳо алоқаманди илмӣ ва амалӣ пас аз мустаҳкам намудани патронаж дар КМ ҶТ ҳамчун шакли парастории шахсони ноболиғи мукаллаф, ки бинобар вазъи саломатӣ наметавонанд мустақилона ҳуқуқҳои худро амалӣ созанд ва ҳифз кунанд ва ухдадориҳои худро иҷро кунанд.

---

[336] Ҳамон ҷо.

Печидагии муайянро дар танзими мафҳумҳои баррасишаванда қонунгузории инкишофёбанда ворид намуд, ғояи тарбияи патронатии куҳнаро зинда карда, вале равиши ягонаро ба муайянсозии мазмуни он таъмин накардааст. Дар санадҳои гуногуни қонунгузорӣ патронат ҳамчун шакли махсуси ҷойгирсозии кӯдакон-ятимон фаҳмида мешавад, ки метавонад ҳамчунин дар доираи хонаи кӯдакон амалӣ сохта шавад ва дар асоси шартнома бо шахси мушаххас, ки нисбат ба ӯ ҳуқуқ ба подоши дахлдор эътироф карда мешавад. Дар адабиёт вобаста ба ин масъала қайд мегардад, ки аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ оилаи нав ва патронат сифатан яксон мебошанд[337]. Ба андешаи Л.Ю. Михеева, ки ниҳодҳои баррасишавандаро амиқ ва ҳаматарафа таҳқиқ кардааст, тафовути усулӣ (принсипиалӣ) дар табиати муносибатҳои ҳуқуқии дар чунин шаклҳои ҷойгирсозии кӯдакон бавуҷудоянда, чун васоят (парасторӣ), оилаи нав ва патрона, мавҷуд нест[338] ва дар ин асос пешниҳод мегардад васоят ва парасторӣ ҳамчун мафҳумҳои яксон фаҳмида мешавад, оилаи нав ва патронат бошад, ҳамчун намудҳои он баррасӣ шавад.

Дар маҷмуъ ҳалли масъалаи мазкур дар мустаҳкамсозии қонунӣ дар КМ ҶТ ба ҷойи патронаж падидаи патронат ҳамчун шакли универсиалии шартномавӣ мебошад, парасториро на танҳо аз болои шахсони ноболиғи мукаллаф дар бар мегирад, ки бинобар вазъи саломатӣ дар мусоидат ба амалисозии ҳуқуқҳояшон ва иҷрои ухдадориҳошон ниёз доранд, балки аз болои шахсони ноболиғе, ки бе парастории падару модар мондаанд. Намуди сеюми патронат бояд патронати постинтернатӣ гардад, ки дар санадҳои зиёди қонунгузорӣ мустаҳкам шудааст ва барои мутобиқшавии постинтернатии кӯдакони бе парастории падару модар монда, инчунин шахсон аз зумраи кӯдакон-ятимон дар синни аз 18 то 23-солагӣ нигаронида шудааст.

Патронати постинтернатӣ бо ризояти тарбиягирандагон дар шакли хабаргирии онҳо аз ҷониби мураббии патронат дар ҷойи истиқомат бо мақсади расонидани ёрии иҷтимоӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо, амалӣ карда мешавад. Дар

---

[337] Ниг.: Воронина З.И. Правовые формы воспитания детей, оставшихся без попечения родителей: автореф. дис.... канд. юрид. наук. – СПб., 1993. – С. 6.
[338] Ниг.: Михеева Л.Ю. Асари ишорашуда. – С. 56.

баробари ин шахсони синну соли аз 18 то 23-сола метавонанд натанҳо ба ҳайси тарафи шартнома бо мураббии патронатӣ бошанд, балки ташаббусгари бастани шартномаи мазкур гарданд, мураббии патронатӣ бошад, ба ҳайси намояндаи қонунии шахси патронатшуда баромад намекунад.

Сарпарастӣ (патронаж)-ро бошад, КМ ҶТ бо вазъи шахси қобили амал муносиб медонад, ки ба ӯ бинобар вазъи саломатӣ ёрдамчӣ барои амалисозӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои граждании ба ӯ тааллуқдошта ва иҷроиши уҳдориҳои мадании ба ӯ мансуббуда, талаб карда мешавад. Дар баробари ин, муносибатҳои бавуҷудоянда байни шахсоне, ки дар зери патронаж қарор доранд ва ёрдамчии ӯ, унсурҳои намояндагии қонунӣ ва шартномавиро дар худ тавъам мекунанд.

Унсурҳои намояндагии қонунӣ дар он ифода мегарданд, ки байни парастор (ёрдамчӣ) ва шахси дорои қобили амале, ки ба ёрӣ ва мусоидати ӯ ниёз дорад, на ҳама вақт муносибатҳои шартномавӣ ҷой дорад, чунки зарурати муқаррарсозии онҳо танҳо бо амалҳои амрдиҳандаи парастор вобаста аст. Дар ҳолатҳои боқимонда асоси бавуҷудоии муносибатҳои намояндагӣ розигии шахси таҳти васоят қарордошта ва қарори мақоми васоят ва парасторӣ оид ба муқаррарсозии патронаж мебошад. Дар патронаж, азбаски сухан оид ба намояндагии манфиатҳои шаҳрванди қобили амал меравад, амалисозии амалҳои амрдиҳанда аз ҷониби ёрдамчӣ (парастор) нисбат ба моликияти шахси таҳти васоят қарордошта бояд на зери назорати мақоми васоят ва парасторӣ гузошта шавад, чуноне он дар намояндагии қонунии манфиатҳои шахсони ғайри қобили амал ва қобилияти амалашон маҳдуд ҷой дорад, балки шаҳрванди таҳти васоят қарордошта ҳамчун шахси қобили амал, ки якум, дар ҳолати зарурӣ ва дуюм, ҳуқуқи додани ризоият ба амалисозии чунин намуди фаъолият аз ҷониби парастор мебошад, ки на барои намояндагии қонунӣ балки барои намояндагии ихтиёрӣ хусусиятнок аст. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки чуноне дар адабиёт қайд гардидааст, ҳуқуқи ёрдамчӣ (парастор) барои амалисозии ваколатҳои махсус бояд бо ваколатномае, ки ба ӯ аз

ҷониби шаҳрванди қобили амали дар ҳолати патронаж қарордошта, дода шудааст, тасдиқ карда шавад[339].

Табиати ҳуқуқии патронажро таҳлил намуда, ҳамзамон бояд қайд кард, ки қонунгузор онро ҳамчун шакли (намуди) парасторӣ муқаррар мекунад. Аммо аз нуқтаи назари мантиқӣ чунин тамоил на он қадар хуб аст бинобар фарқиятҳои зиёде, ки байни падидаҳои номбаргардида мавҷуданд. Таҳлили меъёрҳои дахлдори КМ ҶТ ба хулоса меорад, ки қонунгузор ё мустаҳкам намудани муқарраротҳои умумиро оид ба парасторӣ фаромуш кардааст, ё он ҳолати муҳимро ба назар нагирифтааст, зеро элементи таркибии ҳар як таснифот аломатҳои алоҳидаи зуҳуроти таҳқиқшавандаро дар бар мегирад, вале хусусиятҳои махсуси ба охирон таалуқдоштаро надорад. Дар баробари ин, чуноне қайд гардида буд, патронаж дорои як қатор фарқиятҳои принсипиалӣ аз парасторӣ дорад, пеш аз ҳама, аз рӯйи асосҳои муқаррарсозӣ ва қатъкунӣ, инчунин аз рӯйи мазмун ва тартиби аз ҷониби парастор амалисозии ваколатҳои худ, бинобар ин дар адабиёти муосир патронаж, чун қоида, ба шакли ҷойгирсозии шаҳрванд тааллуқ намедонанд, ки барои васоят ва парасторӣ хусусиятнок аст. Моҳияти муаммои баррасишаванда дар он аст, ки КМ ҶТ муносибатҳои дахлдорро танзим намуда, масъалаи табиати ҳуқуқии онҳоро ба бебаҳс иваз мекунад, ба назари аввал, муқаррарот оид ба он ки патронаж шакли парасторӣ аст, вале чунин тамоюл танҳо ба шарте қобили дастгирист, ки агар ин муносибатҳо на дар доираи ҳуқуқӣ балки ҳамчун шакли махсуси ғамхории иҷтимоӣ баррасӣ гарданд.

Фарқиятҳои принсипиалии пештар баррасӣ гардида хусусияти ошкоро қабул мекунанд. Дар сурати таҳлили механизми амалисозии қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ, дар мавриде, ки вазифаи патронаж таъмини ҳуқуқҳои молумулкии шаҳрванди қобили амал бо роҳи содирӣ, чун қоида, амалҳои мазмуни ҳуқуқӣ дошта дар асоси шартномаи супориш ё идоракунии ба боварӣ асосёфтаи моликият мебошад, васоят бошад (чун функсияи махсуси иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ) ҳам нисбат ба моликияти шахси таҳти васоят қарордошта ва ҳам нисбат ба шахсияти ӯ амалӣ карда мешавад. Қайд кардан ба маврид аст, ки фарқияти принсипиалӣ

[339] Ниг.: Осокина Г. Понятие, виды и основания законного представительства // Российская юстиция. – 1999. – № 1. – С. 43.

ҳамчунин дар расмиёти бастан ва иҷрои шартномаи идоракунии ба боварӣ асосёфтаи моликияти шахси таҳти васоят қарордошта низ мавҷуд аст. Ҳангоми патронаж муассиси идоракунии ба боварӣ асосёфтаи моликият шаҳрванди парасторишаванда мегардад, бинобар ин муносибатҳои шартномавии бавуҷудомада, бо меъёрҳои боби 48 КМ ҶТ танзим карда мешаванд. Дар навбати худ, дар сурати васоят (парасторӣ) ба сифати муассиси идоракунӣ мақомоти дахлдор баромад мекунад, ки хусусияти вазъи ҳуқуқии он имконияти дар ҳаҷми пурра татбиқ намудани ҳамаи меъёрҳои боби 57 КМ ҶТ-ро истисно мекунад. Якум, ҷавобгарӣ аз рӯйи ухдадории бинобар идоракунии ба боварӣ асосёфта бавуҷудомада, наметавонад ба моликияти муассиси идоракунӣ паҳн гардад. Дуюм, охирин ҳуқуқ надорад аз идоракунанда ҷуброни зарарро бо тартиби муқаррарнамудаи м. 1121 КМ ҶТ талаб намояд, чунки ин талабот метавонад танҳо ба манфиати қабулкунандаи фоида (шахси таҳти васоят қарордошта) пешниҳод карда шавад. Сеюм, пас аз қатъи шартнома моликият на ҳама вақт ба муассиси идоракунӣ бармегардад; онро метавонад шахси таҳти васоят қарордошта низ ба даст оварад, ки дорои қобилияти амалкунии пурра гардидааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба чунин хулоса омад:

1. Патронажи дар қ. 1 м. 42 КМ ҶТ ба сифати шакли парасторӣ мустаҳкамгардида, дар ҳақиқат шакли мустақили мусоидат ба иштирокчиёни болиғи қобили амали муомилоти маданиро ташкил медиҳад, ки на танҳо аз парасторӣ, балки аз васоят низ бо як қатор параметрҳои муҳим фарқ мекунад, аз ҷумла: аз рӯйи асосҳои муқаррарсозӣ ва қатъкунӣ; аз рӯйи мазмуни ваколатҳои ба васӣ ва парастор додашуда; аз рӯйи тартиби амалисозии ин ваколатҳо; аз рӯйи субъект, шакл ва табиати ҳуқуқии розигӣ ба содири амалҳои мазмуни ҳуқуқидошта нисбати шахсони сеюм;

2. Таҳлили қонунгузории амалкунанда оид ба зарурати ивази мафҳуми «патронаж» бо истилоҳи ҳуқуқии омехта «патронат» шаҳодат медиҳад. Зарурати чунин ивазнамоӣ бо он тавсиф карда мешавад, ки мафҳуми мазкурро мустаҳкам намуда, қонунгузор, якум, истилоҳро номувофиқ интихоб кардааст, ки мазмуни тамоман дигар дорад ва дуюм, коллизияҳои бавуҷудомадаро бо категорияи «патронат» ба назар нагирифтааст, ки дар қонунгузорӣ васеъ истифода бурда

мешавад. Ислоҳи пешниҳодшаванда имкон медиҳад коллизияи қайдгардида бартараф гардад ва ташаккули падидаи нави ҳуқуқӣ-патронат ба охир расад, ки шакли универсиалии шартномавиро ташкил медиҳад ва ҳокимиятдориро на танҳо нисбат ба шаҳрвандони қобили амал дар бар мегирад, ки аз рӯйи вазъи саломатӣ ба мусоидат дар амалисозии ин ҳуқуқҳо ва иҷрои уҳдадориҳо муҳтоҷанд, аммо нисбати шахсони ноболиғ низ, ки бе парастории падару модар мондаанд. Намуди сеюми патронат бояд патронати постинтернатӣ гардад, ки барои адаптатсияи постинтернатии кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парастории падару модари дар синни аз 18 то 23-соламонда, пешбинӣ гардидааст.

## ХУЛОСА

**Таҳқиқоти гузаронидашуда имконият медиҳад чунин хулосабарорӣ намоем:**

1. Истилоҳи қобилияти ҳуқуқдории субъективии мадании шахсони воқеӣ яке аз истилоҳҳои қадимтарини илми ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад. Вай мавқеи қонунии худро дар низоми ҳуқуқи хусусии римӣ дарёфт намуда, дар роҳи инкишоф ва мукаммал шуданаш роҳҳои тӯлонии чандин садсолаҳоро аз сар гузаронидааст. Маҳз аз ҳамин ҷиҳат дар аксарияти давлатҳои низоми ҳуқуқии романно олмонӣ ретсепсияи ҳуқуқи римӣ имконият дод, ки қонунгузории онҳо то дараҷаи муайян пеш равад; **[2–М]**

2. Дар мамлакати мо низ бо таъсири ҳуқуқи хусусии римӣ масъалаи мазкур то дараҷае мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дода шудааст. Дар солҳои аввали инкишофи институти мазкур Инқилоби Октябр нақши муҳим бозидааст. Баъд аз ғалабаи Инқилоби Октябр ба қонунгузории мадании ҷумҳурӣ як қатор тағйиру иловаҳо дар қисмати қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ ворид карда шуданд, ки нигоҳи дигарро нисбат ба масъалаи мазкур ба вуҷуд овард. Ин ҳолат ба он асос гузошт, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ, умумигардонии моликият ва дигар бахшҳои муомилоти маданӣ дигаргуниҳо ба вуҷуд омад; **[2–М]**

3. Масъалаҳои муҳимми назариявии қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ, ки дар илми сивилистикаи муосир норавшан монда буд, дар нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Аммо дар шароити имрӯза боз ҳаст дигар паҳлӯҳои масъала, ки то ҳол коркард нашудаанд ва он ба муаллиф имкон медиҳад, ки хулосабарории дигар кунад; **[19–М]**

4. Қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ ба маънои субъективӣ ва объективӣ фаҳмида мешавад. Ба маънои объективӣ дар зери мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ қобилияти шахсро, ки дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ мебошад ва онҳоро мустақилона бе ягон шахси васӣ ё парастор амалӣ мегардонад, фаҳмида мешавад. Ба маънои субъективӣ бошад, хусусиятҳои субъекти муносибатҳои мушаххаси маданӣ фаҳмида

мешавад, ки ба он маҷмуи ҳуқуқу имкониятҳоро ҷиҳати доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ ва бавуҷуд овардану иҷро кардани уҳдадориҳоро додааст; **[16–М]**

5. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шаҳрванд унсурҳои умумии қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ ба ҳисоб рафта, шарти асосии иштироки шахс дар ҳама намудҳои муносибатҳои маданӣ мебошад; **[16–М]**

6. Миёни ҳуқуқҳое, ки мазмуни қобилияти ҳуқуқдории субъективиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқ ба ҳифз мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Табиати ҳуқуқии он чунин хусусият дорад, ки вай наметавонад танҳо ба як салоҳият дар таркиби ҳуқуқҳои субъективӣ қарор дошта бошад. Вобаста ба ҳолати муайян ҳуқуқ ба ҳифз метавонад ҳамчун ҳуқуқи мустақилонаи субъективӣ ва ё ҳамчун ҳуқуқҳои мутлақи иштирокчиёни муносибатҳои маданӣ ва ҳамчун элементи вазъи ҳуқуқии онҳо баромад кунад. Чунин тафсир табиати ҳуқуқии муҳим доштани ҳуқуқ ба ҳифзро инъикос менамояд; **[2–М]**

7. Дар шароити муосири муомилоти маданӣ ҷиҳати фардикунонии шахс на танҳо истилоҳоти анъанавӣ, ба монанди «ҷойи истиқомат» зарур аст, балки инчунин омилҳои нав ба монанди «ҷойи амалигардонии фаъолият» низ бояд ба инобат гирифта шавад, чунки солҳои охир фаъолияти гуногуни соҳибкорӣ инкишоф ёфта истодаанд, ки биёре аз шаҳрвандон ҳамзамон дар ҷойи амалигардонии фаъолияти соҳибкорияшон боз зиндагӣ низ мекунанд. Фарқият миёни ин ду категория дар он аст, ки ҷойи истиқомат тибқи қонунгузорӣ муайян карда шудааст ва дар зери мафҳуми он ҷое фаҳмида мешавад, ки шаҳрванд дар он доимӣ ва ё бештар аз он зиндагӣ мекунад. Ба ин дохил мешавад, масалан, ҷойи истиқомати шахс. Аммо ҷойи амалигардонии фаъолият нисбатан мафҳуми дигарро дар назар дорад. Дар навбати худ, зери мафҳуми ҷойи амалигардонии фаъолият бояд, маҳал (маҳалли аҳолинишин) фаҳмида шавад, ки шаҳрванд дар он ҷо ин ё он фаъолиятро анҷом медиҳад; **[2–М]**

8. Унсури дуюми асосии қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ – қобилияти амалкунӣ мебошад, ки дар худ сифатҳои субъектро инъикос мекунад ва онҳо бевосита ба синну сол, ҳолати саломатии руҳӣ, ва аз тарафи шаҳрванд

шахсан амалӣ намудани он вобастагӣ дорад. Қобилияти амалкунӣ ба монанди қобилияти ҳуқуқдорӣ хислати мушкили духӯрагӣ дорад, ки бо омилҳои зеҳнӣ ва иродавӣ алоқаманд аст; **[2–М]**

9. Ба доираи унсурҳои махсуси қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ, инчунин хешӣ миёни шахсони воқеӣ баромад мекунад, ки вай ҳангоми амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои субъективии шахсони ба васӣ ва ё парастор эҳтиёҷдошта, ҳангоми муайян кардани доираи меросхӯрон тибқи қонун, ҳангоми доштани ҳиссаи ҳатмӣ дар мерос, ҳангоми муқаррар кардани шахсон, ки ҳуқуқ ба ҷуброни зарар доранд ва дигар ҳолатҳо истифода мешавад; **[2–М]**

10. Ба сифати яке аз омилҳои фардикунонии шахсият имзои он баромад мекунад. Дастхати шахсии шаҳрванд муайянкунандаи шахсии шахсияти он дар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ мебошад. Қобилияти муайянкунандагии он хеле зиёд аст, назар ба дигар омилҳои муайянкунандаи шахсият, чунки масалан, ном метавонад ба доираи номаҳдуди шахсон тааллуқ дошта бошад ва ё тағйир ёбад, вале имзо ё дастхати ҳар як фард якто аст ва то охири умр вай тағйир намеёбад ва он бо омилҳои биологӣ вобаста буда, хусусияти такроршавиро надорад ва қариб онро сохтакорӣ карда намешавад; **[2–М]**

11. Табиати ҳуқуқии намояндаи қонунӣ муайян карда шуд, ки дар асоси он масъалаи ба таври қонунӣ мустаҳкам намудани ҷавобгарии субсидиарии намояндагони қонунӣ аз рӯйи додани ваколати бастани аҳдҳо ба шахсони зери парастории онҳо қарордошта, гузошта шуд; **[2–М]**

12. Миёни ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ ҳамзамон зарур аст ҳуқуқ ба дахлнопазирии тасвир низ муқаррар карда шавад. Чоп намудан, истифода бурдан ва паҳн кардани тасвири шахс, ҳамзамон расмҳои он дар сурат, кино, видеофилмҳо танҳо бояд бо розигии шахси дар он истифодашуда сурат гирад, баъди маргаш бояд бо розигии фарзандон ва ё ҳамсари зиндамондааш. Чунки дар шароити имрӯза ин масъала проблемаи муҳим гаштааст. Дар бештари мавридҳо дар Интернет, дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз саҳифаҳои дигарон истифода бурда

расми дигар шахсро бе иҷозати вай истифода мебаранд. Ғайр аз ин дар саҳифаҳои иҷтимоии худ падару модар ва ё дигар шахсон расмҳои кудакони ноболиғи худ ва ё дигар наздиконашонро мемонанд, ки аз он бо истифода аз пешрафти техника метавонанд дигарон бе иҷозати соҳиби расм истифода намоянд; **[2–М]**

13. Мазмуни қобилияти ҳуқуқдории субъективии шахсони воқеиро маҷмуи унсурҳои махсус ва умумии ба ҳам алоқаманд ташкил медиҳад. Ба сифати унсурҳои умумӣ ҳуқуқ ва қобилияти амалкунӣ баромад мекунанд, ки онҳо асоси сифати тавсифи вазъи ҳуқуқии тамоми шахси воқеиро ташкил медиҳанд. Аммо умқи масъала ва таҳлили ҳамаҷонибаи он нишон медиҳад, ки мундариҷаи он аз рӯйи характер ва моҳияти ҳуқуқии ҳолатҳо гуногунанд, ба онҳо шаҳрвандӣ, таваллуд, ҳолати оилавӣ ва молумулкӣ, оқибати ҳуқуқвайронкунӣ, вазъи саломатӣ, ҷинс ва ғайра дохил мешаванд. Омилҳои номбаршудае, ки мавқеи ҳуқуқии мадании шахсро аниқ мекунанд, унсурҳои махсуси қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ маҳсуб меёбанд, чунки онҳо мазмун ва моҳияти амалисозии ҳуқуқҳои ба шаҳрванд тааллуқдоштаро муайян месозанд; **[2–М]**

14. Бо ҳам мувофиқ омадани унсурҳои умумӣ ва махсуси қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ мумкин аст, аз мавқеи инъикоси истилоҳоти фалсафӣ, муайян ва номуайян, статикӣ ва динамикӣ дар мазмуни он кушода шавад. Ба сифати истилоҳи номаълум қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ характери шахшуда мегирад ва мундариҷаи он аз ҳуқуқ ва қобилияти амалкунӣ холӣ мемонад (ғайри қобили амал ва ё қобилияти маҳдуди амал), аммо вақте ки нисбати шахси мушаххас татбиқ карда шавад, мундариҷаи он метавонад дар натиҷаи таъсири унсурҳои махсус, ки муайянкунандаи хусусиятҳои хоси қобилияти ҳуқуқдории шахси мазкур мебошад, табдил ёбад. Ин маънои онро дорад, ки қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ дар таркиби худ омилҳои шахшуда ва фаъолро ҳамчун зуҳуроти номуайян ва ё мушаххас дорад; **[6–М]**

15. Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ ба шахс зарари маънавӣ низ мерасад. Барои вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ қонунгузории маданӣ ҷуброни зарар дар шакли

ҷуброни пул ё мол ва ё шакли дигар муқаррар кардааст. Аммо нисбати ҷуброни зарари маънавие, ки ҳангоми расонидани зарари молумулкӣ ба шахс расидааст, ҷавобгарии мушаххас дар меъёрҳои КМ ҶТ муқаррар нашудааст, аз ин рӯ ҷавобгарӣ дар ин қисмат бояд дар кодекси зикршуда таҷдиди назар карда шавад; **[8–М]**

16. Миёни аҳдҳои беэътибор, ки қонунгузории амалкунанда муқаррар кардааст, ба гурӯҳи махсус бояд ҷудо карда шаванд, он аҳдҳое, ки аз ҷониби шахсони ғайриқобили амал ва ноболиғони то синни 14-сола баста шудааст, чунки натиҷаи мусбати иқтисодӣ нисбати онҳо равона карда мешавад. Номуайяние, ки айни замон дар номуайянии классификатсияи ҳуқуқии ин гуногунии аҳдҳо вуҷуд дорад, дар илм ва қонунгузории гражданӣ, мумкин аст, бо роҳи муайян кардани онҳо ҳамчун хусусиятҳои хоси аҳдҳои беэътибор бартараф карда шаванд; **[14–М]**

17. Институти ягонае, ки ба қонунгузорӣ мухолифат надорад ва бо роҳи он ба амалбарорӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахсоне, ки муддати тулонӣ дар ҳолати беҳушӣ қарор доранд, амалӣ карда мешавад, ин институти амал кардан ба фоидаи шахси бегона бе супориш мебошад. Чунин ҳолат метавонад масъалаҳои муҳимми ҳам назариявӣ ва ҳам амалии ба қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ алоқаманд бударо ҳал намояд, чунки дар чунин ҳолат ягон механизми дар қонунгузорӣ муқарраршудаи аз номи дигар шахс амалӣ намудани ҳуқуқҳо (аз қабили васӣ, парасторӣ ва патронаж) ғайриимкон мебошад; **[2–М]**

18. Ба сифати яке аз масъалаҳои муҳимми назариявии истилоҳи қобилияти ҳуқуқдории субъективии маданӣ ҳамзамон номуайянии шахсе, ки фавтида эълон шудааст, вале зинда мебошад, маҳсуб меёбад. Дар ин ҳолат гуногунфаҳмии ҳуқуқ ба миён меояд: ҳамон як шахс дар як вақт зинда аст ва субъекти мустақили ҳуқуқ ба ҳисоб меравад ва дар як вақти дигар бо ҳалномаи суд фавтида эълон карда шудааст, ки нисбати он тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳо қатъ карда шудааст. Ин маънои таҷзияи моҳияти ҳуқуқии шахсиятро дорад, ки чунин духурагиро танҳо бо роҳи пешбининамудаи

қонун, яъне тибқи м. 285 КМГ ҶТ метавон бартараф кард ва шахсро аз ҳолати ҳуқуқии нестӣ ба ҳолати зинда қарор доштан гузаронид; **[19–М]**

19. Масъалаи эвтоназия дар оянда омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷонибаро тақозо менамояд. Зарурияти баррасии ин масъалаи муҳим дар он ифода меёбад, ки миёни манъкунии императивии эвтоназияи фаъол ва иҷозати ғайримустақими истифодаи ғайрифаъоли он дар қонунгузорӣ мухолифат ҷой дорад. Ҳуқуқ ба ихтиёрдории ҳаёт ҳамчун унсури таркибии ҳуқуқ ба ҳаёт дар худ ҳуқуқ ба маргро низ фаро мегирад, чунки марг ногузир аст, ҳуқуқ ба марг ҳамчун шакли қудрати ихтиёрдорӣ кардан ба ҳаётро дорад, ба монанди оне ки шахс ҳуқуқ дорад ҳолат ва тарзҳои рафтан аз ҳаётро бо иҷро кардани амалҳои худ интихоб намояд. Дар сурати мудохила намудан дар ин ҳолат муқаррароти диспозитивии ҳуқуқ ва меъёри конститутсионии дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ халалдор мегардад; **[10–М]**

20. Дар шароити имрӯза зарурият ба миён омадааст, ки дар қонунгузорӣ меъёре муқаррар карда шавад, ки ба волидайн ҳуқуқ диҳад, то ин ки номзадии шахсонеро, ки нисбати фарзандони ноболиғашон васӣ ва ё парастор таъин карда мешаванд, интихоб намоянд.  Ворид намудани тағйирот ва муқаррар кардани чунин муқаррарот дар қонунгузорӣ барои ҳифзи манфиатҳои бештари ноболиғон равона карда шуда, масъалаҳои ҳангоми васӣ ва ё парастор таъин кардани кӯдакони бе парастории падару модар монда ба вуҷуд меоянд, мусоидат менамояд; **[10–М]**

21. Муқаррароти Кодекси манзили ҶТ пешбинӣ менамояд, ки қатъ гаштани муносибатҳои оилавӣ бо соҳибмулки манзили истиқоматӣ боиси қатъ гаштани ҳуқуқҳои собиқ аъзои оилаи молик нисбати манзили истиқоматӣ мегардад. Тибқи ин муқаррарот ҳатто ноболиғон ва шахсони ғари қобили амалро низ истисно намекунад. Чунин меъёр хилофи муқаррароти конститутсионии ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба манзили истиқоматӣ мебошад. Барои бартараф кардани ҳолати мазкур бояд дар қонунгузорӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, муқаррароте пешбинӣ карда шавад, ба шаҳрвандон имконият диҳад, ки ҳатто баъд аз канда шудани муносибатҳои

оилавӣ бо соҳибмулки манзил дар давоми то 6 моҳ ва ё дар дигар муҳлат ҳуқуқи онҳо ба манзили истиқоматӣ нигоҳ дошта шавад; **[11–М]**

22. Ҳамзамон ба тағйирот як қатор меъёрҳои КО ҶТ ниёз дорад. Масалан, меъёрҳое, ки масъалаи муқаррар кардани аслу насаби кӯдаке, ки бо роҳи бордоркунии сунъӣ таваллуд шудааст. Дар қонунгузории амалкунанда муқаррар гардидани афзалияти модари сунъӣ ҳангоми муқаррар кардани аслу насаби кӯдак ҳуқуқу манфиатҳои ҳамсарон – падару модари биологӣ вайрон мегардад. Аз ҳама зиёд ҳуқуқҳои тифли навбадунёомада поймол мегардад, чунки модари сунъӣ қобилияти ҳуқуқдории субъективии мадании ӯро дар бар нагирифта, имконияти амалишавии ҳуқуқҳои субъективии он дар чунин ҳолат маҳдуд мегардад, чунки кӯдак на танҳо аз ҳуқуқи якҷоя зиндагӣ кардан бо падару модар маҳрум мегардад, балки инчунин аз шароитҳое, ки барои рушд ва таҳсилоти кӯдак падару модар ва ё дигар наздикон фароҳам меоранд, бархурдор намешавад; **[14–М]**

23. Дар қонунгузории амалкунанда зарурияти муқаррар намудани қоидаҳои муқаррар кардани аслу насаби кӯдак, ки аз маводҳои донории шахси фавтида бо роҳи бордоркунии сунъӣ таваллуд шудааст, пеш омадааст, чунки дарояндаи наздик чунин тарзи бордоркунӣ низ дар Тоҷикистон ба монанди дигар давлатҳои Аврупо инкишоф меёбад; **[14–М]**

24. Баррасии масъалаҳои қонунгузорӣ дар диссертатсия ва мухолифати байни меъёрҳои танзимкунандаи қобилияти ҳуқуқдории субъективии мадании шахсони воқеӣ нишон дод, ки дар шароити имрӯза вобаста ба муайян кардани қобилияти ҳуқуқдории субъективӣ проблемаҳои зиёд ҷой доранд. Аз ҷумла, яке аз чунин проблемаҳои глобалӣ ин амалигардонӣ, ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ дар Интернет мебошад. Онҳо пеш аз ҳама ба исботкунии муаллиф, бақайдгирии лаҳзаи бавуҷудоии асар, ҳангоми ҳалли масъалаи вобаста ба поймолшавии ҳуқуқҳои муаллифӣ, ҳуқуқҳои провайдерҳо ва истифодабарандагон вобаста аст. Ҳалли масъалаҳои номбаршуда дар шароити ба чопрасонии шабакавӣ, ҳамзамон дар тамоми шабакаи Интернет назорати имконнопазири содирот ва воридоти объектҳои моликияти зеҳниро осон мегардонад; **[22–М]**

25. Масъалаи ба таври маҷбурӣ ҷойгир кардани шахс дар беморхонаи касалиҳои руҳӣ ҳалли худро тақозо менамояд. Дар аксари вақт ҷойгир кардани шахс дар беморхонаи касалиҳои руҳӣ пеш аз ҳама ба манфиати худи шахси бемор ва наздикони он равона карда шудааст, вале набояд фаромӯш сохт аз ҳолате, ки мумкин аст, аъзои оилаи шахс бо кормандони беморхона пешакӣ ба мувофиқа расида бошанд. Бинобар ин, барои чунин ҳолат бояд кафолатҳои иловагӣ муқаррар карда шавад: якум, ҳолатҳои ғайриқонунӣ ба таври маҷбурӣ ҷойгир кардани шахс дар беморхонаҳои касалиҳои руҳӣ пешгирӣ карда шавад ва дуюм, дар сурати рӯй додани чунин ҳолат зарари пурраи молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба ӯ расонидашуда ҷуброн карда шавад; **[9–М]**

26. Дигар ҳолати амалан муҳим ин вобаста ба ғайри қобили амал эътироф кардани шахс ва тартиби он тибқи қонунгузорӣ мебошад, ки дар амалия бештари вақт мушкилиро ба миён меорад. Масалан, шахс ба муҳлати номуайян тибқи ҳалномаи суд ғайри қобили амал дониста мешаванд, вале ҳангоме, ки асосҳои барои ғариқобили амал эътироф кардани ӯ аз байн меравад, васиён ва ё парасторони онҳо қасдан, махсусан ба суд оид ба бартараф шудани чунин асосҳо ва пурра қобили амал эътироф намудани шахси дар парастории онҳо қарордошта муроҷиат намекунанд. **[19–М]**

Гуфтаҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки такмили минбаъдаи қонунгузорӣ дар самти танзими масъалаи қобилияти ҳуқуқдории субъективии мадании шахсони воқеӣ ҳам барои некӯаҳволии шаҳрвандони ҶТ ва дигар шахсони воқеии дар Тоҷикистон истиқоматкунанда, ҳамзамон барои дар шакли пурра амалӣ гардонидани қобилияти зеҳнӣ, муаллифӣ, соҳибкорӣ, қобилияти руҳиву ахлоқӣ ва қобилияти шахсӣ дар ҳама соҳаҳои муомилоти маданӣ, дар ҳаёти хусусии онҳо, ҳангоми амалигардонии намудҳои гуногуни фаъолият ва дар маҷмуъ барои давлату ҷамъият мусоидат менамояд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Бояд қайд кард, ки пайдошавии қобилияти ҳуқуқдориро бо лаҳзаи таваллуд пайгирона алоқаманд карда, қонунгузории мадании тақрибан ҳамаи давлатҳои муосир, анъанаи дар ҳуқуқи хусусии римӣ мавҷудбударо идома дода, ҳифзи манфиатҳои меросии ҷанинеро, ки ҳанӯз таваллуд нашудааст, таъмин мекунад, ки чун қоида, амалисозии ин манфиатҳо аз таваллуди тифл вобаста аст; **[2–М]**

2. Тамоилҳои гуногуни мавҷудбуда ба ҳалли бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон намудани шахс, гурӯҳҳои зерини давлатҳоро дар бар мегирад:

1) давлатҳое, ки ниҳоди бедарак ғоибшуда ва фавтида эълон намудани шахс дар фаҳмиши тартиби ҳуқуқии миллии анъанавӣ пешбинӣ нашудаанд (Британияи Кабир, ШМА);

2) давлатҳое, ки ниҳоди фавтида эътироф намудани шахс мавҷуд нест ва қонунгузор бо танзими расмиёти эътирофи бедарак ғоибшуда маҳдуд мегардад (Фаронса, Люксембург);

3) давлатҳое, ки расмиёти пешакии эътирофи бедарак ғоиб шудани шахс пешбинӣ нагардидааст, аммо падидаи фавтида эълон намудани шаҳрванд мустаҳкам шудааст (Чехия, Чили);

4) давлатҳое, ки дарон ҳарду ниҳоди нишон додашуда пешбинӣ гардидааст (Италия, Украина, Филиппин, Русия ва дигарон); **[14–М]**

3. Шарти муҳимми бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд дар тӯли як сол дар ҷойи истиқоматаш дар хусуси бошишгоҳи ӯ маълумот набудан аст. Ташаббускори бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд шахси манфиатдор мебошад. Ба онҳо ҳамсар, шахсоне, ки таҳти сарпарастии ӯ қарор доранд, кредиторони шахси ғайри ҳозир, мақомоти андоз дохил мешаванд. Қонун шахси манфиатдорро барои ҷустуҷӯ ва ташаббускории бедарак ғоиб эътироф намудани шаҳрванд уҳдадор накардааст. Суд ҳангоми омода намудани парванда ба баррасӣ бояд муайян кунад, ки кадом шахсон (аъзои оила, дӯстон, ҳамсояҳо, ҳамкорони шахси ғайриҳозир ва ғайра.) маълумот дар бораи шахси ғайри ҳозирро дода метавонанд. Дар сурати вуҷуд доштани

маълумот оид ба қасдан ҳозир нашудани шахс дар ҷойи истиқоматаш (ғайб заданаш) бо асосҳои гуногун (аз пардохти алимент даст кашидан, содир кардани ҷиноят ва ғ.) суд аз бедарак ғоиб эътироф намудани ӯ бояд даст кашад; **[21–М]**

4. Тафовут дар равишҳои қонунгузорӣ ҳамзамон ҳангоми ҳалли масъала оид ба ҳаҷм ва мазмуни қобилияти пурраи амали ноболиғон мушоҳида мешавад, зимнан, пеш аз ҳама, ин ҳолат бо он вобаста аст, ки дараҷаи тафриқасозии онҳо аз рӯйи гурӯҳҳои синнусолӣ алоқаманд аст. Вобаста ба ин меъёр метавон се равиши асосиро нисбат ба муайянсозии ҳаҷми қобилияти пурраи амали ноболиғон ҷудо кард:

1) пурра ғайримукаллаф эътироф намудани ҳамаи ноболиғон (Фаронса, Белгия, Люксембург);

2) муқаррарсозии маҳдудиятҳои гуногун вобаста ба ҳаҷм ва мазмуни қобилияти пурраи амал то расидан ба балоғат новобаста аз синну сол (Британияи Кабир, ШМА, Олмон, Швейсария, Туркманистон, Эстония);

3) байни ноболиғон ҷудо намудани якчанд гурӯҳҳои синнусолӣ, ки вобаста ба ҳаҷми қобилияти пурраи амал фарқ мекунанд (Лаҳистон, Чехия, Арманистон, Озарбойҷон, Украина ва диг.); **[2–М]**

5. Бо аз байн бурдани камбизоатӣ ва паст намудани таъсири омилҳои коррупсионӣ дар фаъолияти мақомотҳои ваколатдоршуда, талабот ба КМ ҶТ зиёд мегардад. Бинобар ин, баҳри устувории ваҳдати миллӣ зарур аст, ки дар заминаи дастовардҳои илмию техникӣ ва хусусияти миллӣ касб намудани сиёсати ҳуқуқӣ консепсияи нави идоракунии давлатӣ таҳия ва қабул карда шавад. Тадбирҳои зерин андешида шаванд:

– таҷдиди назар намудани Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ дар Тоҷикистон ва нақшаҳои таълимӣ;

– муайян намудани рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вобаста ба таъмини хатмкунандагон бо кори арзанда ва музди кори муносиб;

– аз байн бурдани ҳолатҳои манъшуда дар ҷо ба ҷо намудани мутахассисони ҷавон тавассути истифодаи одилонаи озмуни ишғоли вазифа;

– таъмини сифати идоракунии давлатӣ дар алоқамандӣ ба ислоҳоти музди кор, имтиёзҳо ва афзалиятҳои хизмати давлатӣ, инчунин кам намудани теъдоди вазорату идораҳои соҳавӣ, роҳ надодан ба такроршавии ваколатҳои идоракунӣ;

– такмили механизми ҳуқуқтатбиқкунӣ. **[2–М]**

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994, бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 3.10.2022 с.).

2. Принсипҳои роҳбарикунандаи ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон. Қатъномаи 39/248 дар 106-ум ҷаласаи навбатии Ассамблеяи Умумии СММ аз 9-уми апрели соли 1985 қабул шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/ (санаи муроҷиат: 21.05.2022 с.).

3. Конвенсияи байналмилалии ҳуқуқи кудак, аз 26-уми январи соли 1990. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми ноябри соли 1993 амал мекунад. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. [CD-ROM]. – Душанбе, 2021.

4. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 575 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 15.02.2022 с.).

5. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми январи соли 2008, №340 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 3.05.2022 с.).

6. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5-уми январи соли 2008, №341 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 3.05.2022 с.).

7. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2008, № 455 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 21.05.2022 с.).

8. Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми майи соли 2017, № 1413 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 21.05.2022 с.).

9. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми декабри соли 2022, № 1918 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022, №12, қ. 1 – 2.

10. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13-уми ноябри соли 1998, № 682 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

11. Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18-уми марти соли 2022, № 1852 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

12. Цивильний кодекс Украины от 16 января 2003, № 435 – IV [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: //zakon.rada.gov.ua (санаи мурочиат: 08.02.2021 с.).

13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» аз 19 - уми марти соли 2013, № 961 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9-уми декабри соли 2004, таҳти №72 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот” аз 10-уми майи соли 2002, № 55 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он” аз 13 – уми ноябри соли 1998, № 726. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22-юми июли соли 2013, №1004 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи мурочиат: 19.02.2020 с.).

18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» аз 29-уми апрели соли 2006, № 188 [Захираи

электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: (санаи муроҷиат: 19.02.2020 с.).

19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» аз 2-юми августи соли 2011, № 762. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation (санаи муроҷиат: 19.02.2020 с.).

20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 30-юми майи соли 2017, №1417 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/legislation// (санаи муроҷиат: 1.12.2022с.).

21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30-юми майи соли 2017, №1414 Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» аз 5-уми марти соли 2007, № 234. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5-уми октябри соли 2009, № 553. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» аз 8-уми декабри соли 2003, № 46. Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» аз 18-уми марти соли 2015, № 1196 Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

26. Гражданский кодекс Азербайджана, 1999 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:// www.ipso. al.tut. by/civen. html. (санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

27. Гражданский кодекс Армении, 1999. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: //www.ipso.at.tut.by/civen.html. (санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

28. Гражданский кодекс Республики Узбекистан, 1997. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // www.ipso.at.tut.by/civen.htm!. (санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

29. Гражданский кодекс Грузии, 1997[Текст]. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – 750 с.

30. Code Civil de la Қepublique Socialiste du Vietnam, 1995 II. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:www.maisondudқoit.oқg/CodeCivil_veқsionFқ/НоқaePage.htmL (санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

31. Гражданский кодекс Эстонии, 1994 II. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.ipso.at.tut.by/civen.htmh (санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

32. Гражданский кодекс Республики Казахстан, 1994[Текст]. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2002. – 1029 с.

33. Codigo Civil de Costa-Cica, 1975 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: //wwwjpso.attutby/civen.htmb(санаи мурочиат: 21.05.2022 с.).

34. Кодекси намунавии иттилоотии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки бо Қарори маҷлиси сиюмини пленарии Ассамблеи Байнипарлумонии давлатҳо – аъзоёни ИДМ аз 3-юми апрели соли 2008, № 30-6. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // http. Iacis.ru (санаи мурочиат: 21.12.2021 с.).

35. Закон о лицах и семье от 23 июля 1949 г. [Текст] // Гражданское законодательство Народной Республики Болгария. – М.: Иностр. лит., 1952. – 276 с.

36. Закон о наследстве от 3 января 1949 г. [Текст]. // Гражданское законодательство Народной республики Болгария. – М.: Иностр, лит., 1952. – 276 с.

37. Гражданский кодекс Латвийской Республики, 1937 г. [Текст]. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – 830 с.

38. Гражданский кодекс штата Калифорния 1872 г. [Текст] // Соединенные штаты Америки: Конституция и законодательные акты. – М.; Прогресс; Универс, 1993. – 768 с.

39. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 22-юми декабри соли 2017[Матн]. – Душанбе: «Шарқи озод», 2017. – 42 с.

40. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-юми декабри соли 2022. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 31.12.2022 с.).

41. Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №263 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

42. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ аз санаи 1-уми декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2018 с).

43. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 6-уми феврали соли 2018, №1005 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2022 с.).

44. Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар аз узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо. Бо Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 31-уми октябри соли 2014, №691 тасдиқ шудааст // Махзани

мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.12.2018 с.).

45. Қоидаҳои фароҳамоварии хизматрасонии Интернет дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 8-уми августи соли 2008, № 389 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: (санаи муроҷиат: 1.12.2018 с.).

46. «Номгӯи бемориҳое, ки ҳангоми ба онҳо мубтало будани шахс наметавонад кӯдакро ба фарзандхонӣ қабул кунад, таҳти васоят (парасторӣ) гирад» бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 октябри соли 2004, №406 тасдиқ карда шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: (санаи муроҷиат: 1.12.2018 с.).

47. Низомномаи мақомоти васояту парасторӣ, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 25-уми январи соли 2017, № 30 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: (санаи муроҷиат: 1.12.2021 с.).

### Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ:

48. Антимонов, Б.С., Флейшиц, Е.А. Авторское право[Текст] / Б.С. Антимонов, Е.А. Флейшиц. – М.,1957. – 341с.

49. Августин, Аврелий. О граде Божием[Текст] / А. Августин: В 4 т. – М., 1994. – Т, 4. – 435 с.

50. Алексеев, С.С. Общая теория права: в 2 т: т. 2. [Текст] / С.С. Алексеев. – М.: Юрид. лит., 1984. – 340 с.

51. Агарков, М.М. Обязательство по советскому гражданскому праву[Текст] / М.М. Агарков // Избранные труды по гражданскому праву: в 2 т: т. 2. – М.: Центр ЮрИнфоР, 2002. – 490 с.

52. Азимов, Ш. Государство и право Саманидов[Текст] / Ш. Азимов. – Душанбе: Ирфон, 1999. – 167 с.

53. Абдуджалилов, А. Новые тенденции в теории объектов гражданских прав[Текст] / А. Абдуджалилов // Совершенствование частно-правовых основ законодательства Республики Таджикистан в 2015 – 2019гг. Коллективная монография. – Душанбе: Дониш, 2021. – 467 с.

54. Братусь, С.Н. Субъекты гражданского права[Текст] / С.Н. Братусь. – М.: Юрид. лит., 1950. – 368 с.

55. Братусь, С.Н. Юридическая ответственность и законность[Текст] / С.Н. Братусь. – М.: Юрид. лит., 1976. – 215 с.

56. Бакунин, С.И. Защита жизни и здоровья граждан (гражданско-правовой аспект): монография[Текст] / С.И. Бакунин. – Рязань: Академия права и управления Федеральной службы исполнения наказаний, 2005. – 214 с.

57. Бакунин, С.К., Воробьев, С.М. Развитие института морального вреда в России и проблемы его возмещения (гражданско-правовые и уголовно-правовые аспекты) [Текст]: монография / С.К. Бакунин, С.М. Воробьев. – Рязань: Академия права и управления Министерства юстиции России, 2004. – 141 с.

58. Барков, А.В., Лихотникова, Е.П. Гражданская правосубъектность и право собственности некоммерческих организаций[Текст]: учеб. пособие / А.В. Барков, Е.П. Лихотников. – М.: Издательская группа «Юрист», 2004. – 233 с.

59. Беспалов, Ю.Ф. Некоторые вопросы реализации семейных прав ребенка (теория и практика) [Текст]: монография / Ю.Ф. Беспалов. – Владимир: ВГПУ, 2000. – 128 с.

60. Беспалов, Ю.Ф. Деликтные обязательства с участием ребенка[Текст]: монография / Ю.Ф. Беспалов. – Владимир: ВГПУ, 2001. – 86 с.

61. Бабаджанов, И.Х. Жизнь и смерть человека в аксиологическом и проприетарном измерении (теоретико-правовой анализ) [Текст]: монография / И.Х. Бабаджанов. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – 392 с.

62. Бадальянц, Ю.С., Ягофаров, Д.А. Права человека: учеб. пособие[Текст] / Ю.С. Бадальянц, Д.А. Ягофаров // под ред. М.И. Кошелева. – М.: Рязань, 2005. – 520 с.

63. Бартошек, М. Римское право (понятия, термины, определения) [Текст]: пер. с чеш / М. Бартошек. – М.: Юрид. лит., 1989. – 448 с.

64. Barnes, A.J., Bowers, T., Metzger, M.B. Bisness Law &the regulatory environment: concepts &cases[Text] / A.J. Barnes, T. Bowers, M.B. Metzger. – Boston, 1989. – 244 p.

65. Борисов, А.Б. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст]: часть 1, 2, 3. / А. Б. Борисов. – М., 2003. – 891 с.

66. Васьковский, Е.В. Учебник гражданского права[Текст] / Е.В. Васьковский. – М.: Статут, 2003. –380 с.

67. Веберс, Я.Р. Правосубъектность граждан в советском гражданском и семейном праве[Текст] / Я.Р. Веберс. – Рига: Знание, 1976. – 231 с.

68. Венедиктов, А.В. Государственная социалистическая собственность[Текст] / А.В. Венедиктов. – М., 1948. – 632 с.

69. Витрук, Н.В. Правовой статус личности в СССР[Текст] / Н.В. Витрук. – М.: Юрид. лит., 1985. – 176 с.

70. Гамбаров, Ю.С. Гражданское право. Общая часть[Текст] / Ю.С. Гамбаров. – Спб., 1911. – 320 с.

71. Комментарий Гражданский кодекс РСФСР[Текст] // под ред. А.Г. Гойхбарга и И.Г. Кобленца. – 2-е изд. – М., 1925. – 559 с.

72. Гражданское право: учебник[Текст]: т. 1. // под ред. Я.Ф. Миколенко и П. Е. Орловского. – М., 1938. – 527 с.

73. Гражданское законодательство Народной Республики Болгария[Текст]. – М., 1952. – 276 с.

74. Гражданское право[Текст]: учебник: В 2 т. Т. I // отв. ред. Е.А. Суханов. – 2-е изд., перераб, и доп. – М.: БЕК, 1994. – 816 с.

75. Гражданское право[Текст]: учебник. Ч. I. – 3-е изд., перераб. и доп. // под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. – М.: ПРОСПЕКТ, 1998. – 632 с.

76. Гойхбарг, А. Г. Основы частного имущественного права[Текст] / А.Г. Гойхбарг. – М., 1924. – 136 с.

77. Гаврилов, Э.Л. Советское авторское право[Текст] / Э.Л. Гаврилов. – М.: Наука, 1984. – 222 с.

78. Гоббс, Т. Левиафан или материя, форма и власть государства церковного и гражданского[Текст] / Т. Гоббс // Соч.: В 2 т: Т. 2. – М., 1989. – 558 с.

79. Гордон, М. В. Советское авторское право[Текст] / М.В. Гордон. – М.: Госюриздат, 1955. – 232 с.

80. Гражданско-правовое положение личности в СССР[Текст] // отв. ред. Н.С Малеин. – М.: Наука, 1975. – 400 с.

81. Грибанов, В.П. Осуществление и защита гражданских прав[Текст] / В.П. Грибанов. – М.: Статут, 2000. – 411 с.

82. Гражданское право: часть 1. Гражданское уложение: пер. с нем. // Серия: Современное зарубежное и международное частное право[Текст]. – М.: Международный центр финансово – экономического развития, 1996. – 410 с.

83. Глухарева, Л.И. Права человека в современном мире: социально – философские основы и государственно – правовое регулирование[Текст] / Л.И. Глухарева. – М., 2003. – 303 с.

84. Гражданское право: учебник[Текст]: часть 1. // под ред. Мозолина В.П., Масляева А.И. – М., Проспект, 2016. – 815с.

85. Гаюров, Ш.К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско – правового регулирования в Республике Таджикистан[Текст]: монография / Ш.К. Гаюров. – М.: Спутник+. 2010. – 361 с.

86. Ғаюров, Ш.К., Расулов, Б.Р., Каримзода, Ш.К., Ғаффорзода, И.Ғ., Қосимов, Ф.А. Ҳуқуқи моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]: воситаи таълимӣ / Ш.К. Ғаюров, Б.Р. Расулов, Ш.К. Каримзода, И.Ғ. Ғаффорзода, Ф.А. Қосимов // зери таҳрири проф. Ш. К. Ғаюров. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 312 с.

87. Гражданский кодекс Республики Казахстан (Общая часть). Комментарий (постатейный) [Текст]. В двух книгах. Книга 1. – 2 – е изд., испр. и доп., с использованием судебной практики / Ответственные редакторы: М.К. Сулейменов, Ю.Г. Басин. – Алматы: Жети жарги, 2003. – 544 с.

88. Ерошенко, А.Л. Личная собственность в гражданском праве[Текст] / А.Л. Ерошенко. – М.: Юрид. лит., 1973. – 207 с.

89. Ершова, Н.М. Опека и попечительство[Текст] / Н.М. Ершова. – М.: Юрид. лит., 1971, – 80 с.

90. Ершова, Н.М. Опека и попечительство над взрослыми[Текст] / Н.М. Ершова. – М.: Госюриздат, 1962. – 43 с.

91. Зенин, И.А. Право интеллектуальной собственности[Текст]: учебник для магистров / И.А. Зенин. – М., изд.- во Юрайт, 2013. – 524с.

92. Золотухин, А.В., Султонов, Т.И. Предпринимательское право Республики Таджикистан[Текст]: учебник / А.В. Золотухин, Т.И. Султонова. – Душанбе: Эр – граф, 2018. – 596с.

93. Иоффе, О.С. Избранные труды по гражданскому праву[Текст] / О.С. Иоффе. – М: Статут, 2003. – 782 с.

94. Исмаилов, Ш.М. Сборник избранных статей[Текст] / Ш.М. Исмаилов. – Душанбе: Полиграф - Групп, 2021 – 632 с.

95. Кечекьян, С.Ф. Правоотношения в социалистическом обществе[Текст] / С.Ф. Кечекьян. – М.: АН СССР, 1958. – 187 с.

96. Кузнецова, Л.Г., Шевченко, Я.Н. Гражданско-правовое положение несовершеннолетних[Текст] / Л.Г. Кузнецова, Я.Н. Шевченко. – М.: Юрид. лит. – 1968. – 136 с.

97. Косарев, А.М. Римское право[Текст] / А.М. Косарев. – М., 1986. – 136 с.

98. Киселев, Л.А. Недействительные сделки: проблемы квалификации и правовые последствия[Текст]: монография / Л.А. Киселев. – Рязань, 2005. – 287 с.

99. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации (постатейный) [Текст]. Часть третья // под общ. ред. А.П. Сергеева. – М.: ВИТРЭМ, 2002. – 304 с.

100. Красавчикова, Л.О. Понятие и система личных неимущественных прав граждан (физических лиц) в гражданском праве Российской Федерации[Текст]: монография / Л.О. Красавчикова. – Екатеринбург, 1994. – 160 с.

101. Кант, И. Метафизика нравов[Текст] / И. Кант // Соч.: В 8 т: Т. 8. – М., 1994. – 60 с.

102. Камышев, В.Т. Издательский договор на литературное произведение[Текст] / В.Т. Камышев. – М., 1969. – 87 с.

103. Қурбонов, Қ.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ[Матн]: қисми I: китоби дарсӣ // зери таҳрири Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ш.Т. Тағойназаров / Қ.Ш. Қурбонов. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 457с.

104. Копылов, В.А. Информационное право[Текст]: учебник / В.А. Копылов. – М., 2002. – 512 с.

105. Латинские юридические изречения[Текст] / Сост. и предисл. Е.И. Темнов. – М., 1996. – 398 с.

106. Лаврин, А.П. Хроники Харона: энцикл. смерти[Текст] / А.П. Лаврин. – М., 1993. – 509 с.

107. Малеин, Н.С. Гражданский закон и права личности в СССР[Текст] / Н.С. Малеин. – М.: Юрид. лит., 1981, – 215 с.

108. Малеин, Н. С. Охрана прав личности советским законодательством[Текст] / Н.С. Малеин. –М.: Наука. – 1985. – 165 с.

109. Малеина, М.Н. Личные неимущественные права граждан: понятие, осуществление, защита[Текст]: монография / М.Н. Малеина. – М: Пресс, 2000. – 244 с.

110. Марченко, М.М. Проблемы теории государства и права[Текст] / М.М. Марченко. – М., 2001. – 760 с.

111. Матузов, Н.М. Актуальные проблемы теории права[Текст] / Н.М. Матузов. – Саратов: Изд-во Саратов, государственная академия права. – 2003. – 512 с.

112. Мейер, Д.И. Русское гражданское право[Текст] / Д.И. Мейер. – М.: Статут, 2003. – 829 с.

113. Мюллерсон, Р. А. Права человека: идеи, нормы, реальность[Текст] / Р.А. Мюллерсон. – М.: Юрид. лит., 1991. – 160 с.

114. Мальцев, Г.В. Культурные традиции права[Текст] / Г.В. Мальцев. – М.: Норма: ИНФРА-М, 2013. – 607 с.

115. Маҳмудов, М.А, Менглиев, Ш.М. Ҳуқуқи хусусии римӣ[Матн]: воситаи таълимӣ / М.А. Маҳмудов, Ш.М. Менглиев. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – 174 с.

116. Маҳмудов, М.А., Тағойназаров, Ш.Т., Бобоҷонов, И.Ҳ., Бадалов, Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]: (қисми якум) / М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағойназаров, И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе: Эр-граф, 2010. – 1000 с.

117. Магазинер, Я. М. Советское хозяйственное право[Текст] / Я.М. Магазинер. – Л., 1928. – 489 с.

118. Меликов, У.А. Правовой режим объектов гражданских прав в интернете[Текст]: монография / У.А. Меликов. – Душанбе: Эр-граф, 2017. – 244 с.

119. Марксистско – ленинская общая теория государства и права: основные институты и понятия[Текст]. – М., 1970. – 622 с.

120. Меркулов, В. В. Гражданско-правовой договор в механизме товарно-денежных отношений[Текст] / В.В. Меркулов. – Рязань, 1994. – 208 с.

121. Международное право в документах[Текст]: учеб.пособие / сост.: Н.Т. Блатова, Г.М. Мелков. – 4 – е изд., перераб. и доп. – М., 2003. – 880 с.

122. Международные акты о правах человека[Текст]: сб. док. – М.: НОРМА-ИНФРА-М, 1999. – 784 с.

123. Михайлова, И.А. Введение в римское частное право[Текст]: учеб. пособие / И.А. Михайлова. – Рязань: Академия права и управления Министерства юстиции России, 2003. – 124 с.

124. Муромцев, С.А. Гражданское право Древнего Рима[Текст]: лекции Сергея Муромцева, проф. Моск. ун.- та./ С. А. Муромцев. - М.; тип. А. И. Мамонтова и К. – 1883. – 697 с.

125. Международные нормативные акты ЮНЕСКО[Текст]. – М., 1993. – 684 с.

126. Международные акты о правах человека[Текст]: сб. док. – М.: НОРМА-ИНФРА-М, 1999. –784 с.

127. Новицкий, И.Б. Основы римского гражданского права[Текст]: учебник / И.Б. Новицкий. – М.: Госюриздат, 1960. – 270 с.

128. Никитина, М.И. Авторское право на произведения науки, литературы и искусства[Текст] / М.И. Никитина. – Казань, 1972. – 364 с.

129. Насурдинов, Э.С., Сафаров, Д.С. История государства и права Таджикистана[Текст]: учебник: Ч.1. (от древнейших времен до X в.) / Э.С. Насурдинов, Д.С. Сафаров. – Душанбе, 2013. – 357 с.

130. Насриддинзода, Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ[Матн]: воситаи таълимӣ / Э.С. Насриддинзода. – Нашри 2-юм. – Душанбе: Адиб, 2022. – 224 с.

131. Ожегов, С., Шведова, Н.Ю. Толковый словарь русского языка[Текст] / С. Ожегов, Н.Ю. Шведова. – М., 1999. – 921 с.

132. Огородов, Д.В. Правовые отношения в информационной сфере[Текст] / Д.В. Огородов. – М., 2002. – 243 с.

133. Основные институты гражданского права зарубежных стран: сравнительно-правовое исследование[Текст] // под ред. В.В. Залесского. – М.: Норма, 2000. – 648 с.

134. Пергамент, А.И. Опека и попечительство[Текст] / А.И. Пергамент. – М.: Юрид. лит., 1966. – 161 с.

135. Пухта, Г.Ф. Энциклопедия права[Текст] // Антология мировой правовой мысли / Г.Ф. Пухта. – Ярославль: тип. Г. Фальк, 1872. – 99 с.

136. Победоносцев, К.П. Курс гражданского права[Текст]: в 3 т. / К.П. Победоносцев. – М.: Статут, 2003. – Т. 2. – 640 с.

137. Покровский, И. А. Основные проблемы гражданского права[Текст] / И.А. Покровский. – М.: Статут, 1998. – 353 с.

138. Правовые системы стран мира: энциклопедический справочник[Текст] // Отв. ред. А.Я. Суханов. – М., 2003. – 967 с.

139. Рахмон, Озода Эмомали. Развитие законодательства о правах и свободах женщин в Таджикистане[Текст]: монография / Рахмон Озода Эмомали. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – 192 с.

140. Рыбаков, В.А. Общие положения о типах, формах и видах собственности в России: методологические аспекты права собственности:

научный очерк[Текст] / В.А. Рыбаков // под науч. ред. В.А. Тархова. – М.: Издательская группа «Юрист», 2004. – 40 с.

141. Раҳимзода, М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]: монография / М.З. Раҳимзода. – Душанбе: Дониш, 2019. – 557 с.

142. Развитие советского гражданского права на современном этапе[Текст] / Н.С. Малеин, В.П. Мозолин, И.П. Прокопченко и др. // отв. ред. В. П. Мозолин. – М.: Наука, 1986. – 268 с.

143. Римское частное право[Текст]: учебник // под ред. И.Б. Новицкого и И.С. Перетерского. – М.: Юристъ, 2001. – 544 с.

144. Раҳимзода, М.З., Сангинов, Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон[Матн]: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалаври ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинов. – Душанбе, 2021. – 400 с.

145. Стучка, П.И. Курс советского гражданского права[Текст]: в 3-х т. Т. 1/ П.И. Стучка. – М., 1929. – 227 с.

146. Сергеев, А. П. Право интеллектуальной собственности[Текст] / А.П. Сергеев. – М.: Проспект, 2004. – 752 с.

147. Синайский, В. И. Русское гражданское право[Текст]: учебник / В.К. Синайский. – М.: Статут, 2002. – 258 с.

148. Суханов, Е. А. Лекции о праве собственности[Текст]: учебное пособие / Е.А. Суханов. – М.: Юрид, лит., 1991. – 238 с.

149. Свердлов, Г.М. Охрана интересов детей в советском семейном и гражданском праве[Текст] / Г.М. Свердлов. – М., 1955. – 160 с.

150. Статут Великого княжества Литовского 1529 г[Текст]. – М., 1960. – 950 с.

151. Советский энциклопедический словарь[Текст]. – М., 1982. – 607 с.

152. Советское гражданское право[Текст]: учебник: часть 1. // под ред. О.А. Красавчикова. – М., 1985. – 544 с.

153. Советское гражданское право[Текст]: учебник: часть 1. // под ред. В.А. Рясенцева. – М., 1986. – 525 с.

154. Словарь иностранных слов[Текст] // отв. ред. Л.Н. Комарова. – М., 1990. – 832 с.

155. Скрипко, В.Р. Охрана прав изобретателей и рационализаторов в СССР[Текст] / В.Р. Скрипко. – М., 1972. – 210 с.

156. Судариков, С.А. Авторское право[Текст]: учебник / С.А. Судариков. – М., Проспект, 2011. – 464 с.

157. Цицерон, М.Т. Философские трактаты[Текст] / М.Т. Цицерон. – М., 1985. – 303 с.

158. Цивилистические проблемы правового статуса личности в социалистическом обществе[Текст]. – Саратов: Изд-во Саратов, ун-та, 1982. – 159 с.

159. Тархов, В. А. Гражданское правоотношение[Текст]: монография / В.А. Тархов. – Уфа: Уфим. высш. шк. МВД РФ, 1993. – 121с.

160. Тархов, В.А. Гражданские права и ответственность[Текст]: монография / В.А. Тархов. – Уфа: Уфим. высш. шк. МВД РФ, 1996. – 124 с.

161. Толстой, Ю.К. К теории правоотношения[Текст] / Ю.К. Толстой. – Л.: ЛГУ, 1959. – 86 с.

162. Толстой, В.С. Гражданское информационное право[Текст] / В.С. Толстой. – М.: – Изд. – во Академии повышения квалификации и профессиональной переподготовки работников образования, 2009. – 296 с.

163. Тафсири илмӣ – амалии ҷиноятҳо дар соҳаи моликияти зеҳнӣ[Матн] / Муҳаррири масъул Ҳафиззода Ш. Х. – Душанбе, 2018. – 96 с.

164. Тархов, В.А. Римское частное право[Текст]: учеб. пособие. – 3-е изд., испр. и доп / В.А. Тархов. – Саратов: СГАП, 2003. – 226 с.

165. Философский словарь[Текст] // под ред. И,Т. Фролова. – 4-е изд. – М.: Политиздат, 1981. – 445 с.

166. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри х то ибтидои асри хх) [Матн]. Иборат аз ду ҷилд. Тақрибан 45 000 калима ва ибора бо иловаи мифтоҳи арабӣ. // Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. I. А – О. – М.: Нашриёти «Советская энциклопедия», 1969. – 952 с.

167. Халфина, Р. О. Общее учение о правоотношении[Текст] / Р.О. Халфина. – М: Юрид. лит,, 1974. –350 с.

168. Хрестоматия памятников феодального государства и права стран Европы. – М., Госюриздат, 1961. – 950 с.

169. Худояров, Б. Т. Защита прав и интересов детей по семейному праву Республики Таджикистан[Текст] / Б.Т. Худояров. – Душанбе: НПИЦентр, 2000. – 124 с.

170. Ҳодизода Р., Каримов У., Саъдиев С. Адабиёти тоҷик (асрҳои XVI - XIX ва ибтидои асри XX) [Матн]: китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев. – Душанбе: Маориф, 1988. – 325 с.

171. Хропанюк, В.Н. Теория государства и права: учебник для вузов[Текст] / В.Н. Хропанюк // под ред. В.Г. Стрекозова. – М.: Интерстиль; Омега-Л, 2006. – 378 с.

172. Халиков, А.Г. Правовая система зароастризма[Текст] / А.Г. Халиков. – Душанбе: «Маориф ва фарханг», 2005. – 488 с.

173. Халиков, А.Г. Гражданское право зороастризма (древнее право) [Текст] / А.Г. Халиков. – Душанбе, 2003. – 48 с.

174. Чечот, Д.М. Субъективное право и формы его защиты[Текст] / Д.М. Чечот. – Л.: ЛГУ, 1968. – 72 с.

175. Шершеневич, Г.Ф. Наука гражданского права в России[Текст] / Г.Ф. Шершеневич. – М.: Статут, 2003. – 243 с.

176. Шершеневич, Г.Ф. Учебник русского гражданского права[Текст] / Г.Ф. Шершеневич. – М., 2005. – Т.1. – 459 с.

177. Шепель, Т.Е. Особенности гражданско-правовой ответственности причинителя вреда с психическим расстройством (теоретические аспект) [Текст] / Т.Е. Шепель. – М.: Издат. объединение «Российские университеты»: «Кузбассвузиздат - АСТШ, 2005. – 156 с.

178. Чертков, В. Л. Авторское право в периодической печати[Текст] / В.Л. Чертков. – М., 1989. – 143 с.

179. Чуфаровский, Ю.В. Юридическая психология: вопросы и ответы[Текст] / Ю.В. Чуфаровский. – М., 1998. – 316 с

180. Эффективность гражданского законодательства: актуальные вопросы[Текст] / А.М. Белякова, С.Д. Бунтов, А.А, Бут и др.; // под ред. В.П. Грибанова. – М.: Изд-во МГУ, 1984. – 192 с.

181. Эннекцерус, Л. Курс германского гражданского права (1940 – 1941гг.) [Текст]: Т. 1. Полутом 2. / Л. Эннекцерус. – М., 1949. – 432 с.

182. Юрченко, А.К. Безвестное отсутствие по советскому гражданскому праву[Текст] / А.К. Юрченко. – Л., 1954. – 88 с.

183. Яковлев, В.Ф. Гражданско-правовой метод регулирования общественных отношений[Текст]. 2-е изд., доп. / В.Ф. Яковлев. – М., 2006. – 238 с.

**Мақолаҳо ва маърузаҳо:**

184. Амфитеатров, Г.Н. Институт безвестного отсутствия в нашем праве[Текст] / Г.Н. Амфитеатров // Социалистическая законность. – 1946. – № 7-8. – С. 4-17.

185. Антимонов, Б.К. Разработке проекта Основ гражданского законодательства СССР[Текст] / Б.К. Антимонов // Социалистическая законность. – 1959. – № 7. – С. 3-15.

186. Архипов, С.И. Субъект права в центре правовой системы[Текст] / С.И. Архипов // Государство и право. – 2005. – №7. – С 13-23.

187. Афанасьев, Р.Ж. Судебный порядок защиты чести, достоинства и деловой репутации[Текст] / Р.Ж. Афанасьев // Юрист. – 2005. – № 2. – С. 48-50.

188. Авдеенкова, М.П., Дмитриев, Ю.А. Право на физическую свободу[Текст] / М.П. Авдеенкова, Ю.А. Дмитриев // Государство и право. – 2005. – №3. – С. 4-17.

189. Ализода, Х. Ҳақорат – суҳбат[Матн] / Х. Ализода. // Минбари халқ. – 2020. – № 28 (1269). – 8 июл. – С. 16.

190. Братусь, С.Н. О соотношении гражданской правоспособности и субъективных прав[Текст] / С.Н. Братусь // Советское государство и право. – 1949. – № 8. – С. 34-56.

191. Братусь, С.Н. О соотношении Основ гражданского

законодательства Союза ССР и гражданских кодексов союзных республик[Текст]/ С.Н. Братусь // Советская юстиция. – 1957. – № 9. – С. – 3-14.

192. Беспалов, Ю.Ф. Защита прав несовершеннолетних[Текст] / Ю.Ф. Беспалов // Российская юстиция. – 1997. – № 1. – С. 18-20.

193. Беспалов, Ю.Ф. Определение места жительства ребенка[Текст] / Ю.Ф. Беспалов // Российская юстиция. – 2002. – №2. – С. 28-30.

194. Беспалов, Ю.Ф. Участие законных представителей в реализации семейных прав ребенка[Текст] / Ю.Ф. Беспалов // Российская юстиция. – 2003. – № 6. – С. 32-34.

195. Богатырев, Ф.О. Секундарное право на примере постановления Президиума Верховного Суда России[Текст] / Ф.О. Богатырев // Журнал россииское право. – 2005. – № 2. – С. 31-42.

196. Вильнянский, С.И., Пушкин, А.А. К вопросу о кодификации гражданского законодательства[Текст] / С.И. Вильнянский, А.А. Пушкин. – Учен. зап. Харьковск. юрид. ин-та. – Вып. 13. – 1959. – С. 3-18.

197. Веберс, Я.Р. О понятии дееспособности граждан в советском гражданском и семейном праве[Текст] / Я.Р. Веберс // Сб.: Осуществление и защита личности и имущественных прав. – Рига, 1968. – С. 45-51.

198. Витрук, К.В. Правовой модус личности: содержание и виды[Текст] / К.В. Витрук // Проблемы государства и права. – М.: ИШ АН СССР, 1974. – Вып. 9. – С. 43-50.

199. Власихин, В. Феномен Верховного Суда США[Текст] / В. Власихин // Российская юстиция. – 2000. – №11. – С. 46-58.

200. Власов, А.А. Особенности судебной защиты чести, достоинства и деловой репутации / А.А. Власов // Юрист. – 2005. – № 1. – С. 54-59.

201. Вавилин, Е.В. Понятие и механизм осуществления гражданских прав и исполнения обязанностей[Текст] / Е.В. Вавилин // Журнал Российского права. – 2004. – № 5. – С. 38-47.

202. Гуревич, И. Честь и другие неимущественные права граждан и их охрана в социалистическом гражданском праве[Текст] / И. Гуревич //

Советская юстиция. – 1939, № 2. – С. 26-33.

203. Гуревич, И. Честь и другие неимущественные права граждан и их охрана в социалистическом гражданском праве[Текст] / И. Гуревич // Советская юстиция. – 1939, № 3. – С. 13-19.

204. Гаврилов, Э.П. К вопросу разработки закона об изобретательстве[Текст] / Э.П. Гаврилов // Вопросы изобретательства. – 1985. – № 3. – С. 17-26.

205. Ғаффорзода, И.Ғ. Масоили назариявӣ ва танзимӣ-ҳуқуқии қобилияти субъекти ҳуқуқи граждании будани кӯдак[Матн] // И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. – 2020. – №2. – С. 231-238.

206. Ғаффорзода, И.Ғ. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқу уҳдадориҳои мутақобилаи падару модар ва фарзандон[Матн] // И.Ғ. Ғаффорзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. – 2020. – №3. – С. 215-223.

207. Домбровский, Е.И. Неимущественный интерес в гражданском праве[Текст] / Е.И. Домбровский // Социалистическая законность. – 1937. – № 8. – С. 94-101.

208. Дозорцев, В.А. Авторское право на новый уровень / В.А. Дозорцев // Проблемы совершенствования советского законодательства. – Вып. 29. – М., 1984. – С. 153-164.

209. Долинская, В.В. Наследование акций[Текст] / В.В. Долинская // Наследственное право. – 2006, – № 1. – С. 47-51.

210. Дмитриев, Ю.Л., Шленева Е.В. Право человека в Российской Федерации на осуществление эвтаназии[Текст] / Ю.Л. Дмитриев, Е.В. Шленова // Государство и право. – 2000. – № 11. – С. 48-61.

211. Егоров, Н.Д. О понятии субъективного гражданского права[Текст] / Н.Д. Егоров // Правосубъектность по гражданскому и хозяйственному праву: Межвуз. сб. – Л.: ЛГУ, 1983. – С. 3-11.

212. Занковская, Н., Кабалкин, А. О кодификации гражданского законодательства[Текст] / Н. Занковская, А. Кабалкин // Социалистическая

законность. – 1957. – № 6. – С. 14-23.

213. Закиров, И.Б., Сайфуллаев, Ф. Х. Некоторые вопросы кодификации гражданского законодательства Узбекской ССР[Текст] / И.Б. Закиров, Ф.Х. Сайфуллаев. – Учен. зап. Среднеазиатск. ун-та. – Вып. 145. кн. 4. – 1958. – С. 3-10.

214. Запорожец, А.М., Истомин, Ю.В. Правосубъектность как феномен гражданского права / А.М. Запорожец., Ю.В. Истомин // Проблема правосубъектности: современные интерпретации: матер, науч.-практ. конф., г. Самара, 25 февр. 2005 г. – Самара: Самар. гуманит. акад., 2005. – С. 79-86.

215. Иоффе, О.С. Об основных вопросах советского гражданского права[Текст] / О.С. Иоффе // Учен. зал. Ленингр. ун-та. – 1953. – №151. – Вып. 4. – С. 3-8.

216. Иоффе, О.С. Структурные подразделения системы права[Текст] / О.С. Иоффе // Учен. зап. Ленингр. ун-та. – 1968. – Вып. 14. – С. 36-49.

217. Имомова, Н.М. Государство как субъект способов защиты семейных прав ребенка[Текст] / Н.М. Имомова // Правовая жизнь. – Душанбе: Типография ТНУ, 2019. – С. 139-146.

218. Ковалев, М.Ж. Право на жизнь и право на смерть[Текст] / М.Ж. Ковалев // Государство и право. – 1992. – № 7. – С. 34-46.

219. Красавчикова, Л.О. Право на жизнь[Текст] / Л. Красавчикова // Вестн. гуманит. ун-та. – Екатеринбург. – 1996. – С. 43-56.

220. Крылова, Н.Е. Эвтаназия: уголовно-правовой аспект[Текст] / Н.Е. Крылова // Вестник Моск. ун-та. Сер. 2. Право. – 2002. – №2. – С. 24-32.

221. Каландарзода, М.С. Механизм правовой защиты прав ребенка в Таджикистане[Текст] / М.С. Каландарзода // Известия Академии наук Республики Таджикистан. – Душанбе. – 2017. – № 1. – С. 171-176.

222. Каландарзода, М.С. Особенности судебной защиты имущественных прав ребенка в Республике Таджикистан[Текст] / М.С. Каландарзода // Законодательство. – Душанбе, 2018. – № 4. – С. 93-100.

223. Лаговский, В. Дети в утробе зевают, улыбаются и плачут[Текст] / В. Лаговский // Комсомольская правда. – 2004. – 2 июля. – С. 3.

224. Малеина, М.Н. О праве на жизнь[Текст] / М.Н. Малеина // Государство и право. – 1992. – №2. – С. 46-59.

225. Масао, О. Правовые идеи японцев[Текст] / О. Масао // Антология мировой правовой мысли: В 5 т. Т. 1. Античный мир и Восточные цивилизации. – Москва. – 1999. – С. 617-623.

226. Мукашев, М. Ш., Набиев, В. В. Современное состояние законодательства Кыргызской Республики по вопросам эвтаназии и ряду других проблем[Текст] / М.Ш. Мукашев, В.В. Набиев // Государство и право. – 1999. – № 10. – С. 97-115.

227. Малиновский, А. Имеет ли человек право на смерть? [Текст] /А. Малиновский // Российская юстиция. – 2002. – № 8. – С. 45-57.

228. Нечаева, А. М. Правоспособность и дееспособность физического лица как субъекта гражданских прав[Текст] / А.М. Нечаева // Субъекты гражданского права. – М.: Институт государства и права РАН, 2000. – С. 6-18.

229. Прянишников, Е. Безвестное отсутствие[Текст] / Е. Прянишников // Советская юстиция. – 1940. – № 16. – С. 13-18.

230. Прянишников, Е. Безвестное отсутствие[Текст] / Е. Прянишников // Советская юстиция. – 1940. – № 17. – С. 14-18.

231. Пергамент, А.И. К вопросу о правовом положении несовершеннолетних[Текст] / А.И. Пергамент // Учен. зап. ВИЮН. – Вып. 3. – 1955. – С. 3-69.

232. Рясенцев, В.А. Неимущественный интерес в советском гражданском праве[Текст] /В.А. Рясенцев // Учен. зап. Москов. юрид. ун-та. – Вып. I. – 1939. – С. 22-49.

233. Рясенцев, В.А. Понятие и юридическая природа полномочия представителя в гражданском праве[Текст] / В.А. Рясенсев // Методические материалы ВЮЗИ. – Вып. 2, 1946. – С. 3-4.

234. Рясенцев, В.А. Основания представительства в советском гражданском праве[Текст] / В.А. Рясенсев // Учен. зап. ВЮЗИ. – Вып. 1. – 1948. – С. 46-47.

235. Розин, В.М. Смерть как феномен философского осмысления[Текст] /

В.М. Розин // Общественные науки и современность. – 1997, №2. – С. 165-176.

236. Семь партид мудрого короля дона Альфонса 1256-1265 гг[Текст]. Шестая партида. Титул VI. О феодах. Закон VI // Антология мировой правовой мысли. – Москва. – 1999. – Т. I. – 496 с.

237. Савицкая, А.Н. К проекту Гражданского кодекса УССР[Текст] / А.Н. Савицская // В кн.: Вопросы теории и практики советского права. – Львов. – 1958. – С. 31-43.

238. Симкин, Л. Как бороться с «сетевыми» пиратами / Л. Симкин // Российская юстиция.- 2002.- № 1.- С. 45 - 59.

239. Сухинина, И. Конституционные презумпции в сфере прав и свобод человека и гражданина[Текст] / И. Сухинина // Российская юстиция. – 2003. – № 9. – С. 3-14.

240. Саидзода, М.Ш. Субъекты права на воспитание: проблемы правовой регламентации[Текст] / М.Ш. Саидзода // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – № 1. – С. 183-187.

241. Саидзода, М.Ш. Понятие права на воспитание: проблемы законодательной регламентации[Текст] / М.Ш. Саидзода // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – Душанбе. – 2018. – № 1(73). – С. 63-65.

242. Тагайназаров, Ш. Правоспособность граждан[Текст] / Ш. Тагайназаров // Актуальные проблемы применения советского законодательства / Сб. статей. – Душанбе, 1974. – С. 97-108.

243. Тасаков, С. Запрет эвтаназии унижает человеческое достоинство[Текст] / С. Тасаков // Российская юстиция. – 2003. – № 2. – С. 38-46.

244. Тургиук, Л.Д. Право на защиту жизни и эвтаназия[Текст] / Л.Д. Тургиук // Кодекс: Прав, науч.-практ. журнал. – 2004. – № 3(11). – С. 97-112.

245. Тимошенко, Я, Чумакова, К. Искусственное прерывание беременности: перечень социальных показаний сужен. Но станет ли меньше абортов? [Текст] / Я. Тимошенко, К. Чумакова // Российская юстиция. – 2004. – № 4. – С. 54-69.

246. Франклин, Б. Обращение к населению Пенсильванского общества

содействия уничтожению рабства и оказания помощи свободным неграм, незаконно удерживаемым в рабстве (ноябрь 1789 г.) [Текст] / Б. Франклин // Избранные произведения. – Москва. – 1956. – С. 412-413.

247. Холмахмадзода, С. Защита прав и интересов детей, находящихся в воспитательных и лечебных учреждениях и учреждениях социальной защиты населения[Текст] / С. Холмахмадзода // Законодательство. – Душанбе. – 2020. – №3 (39). – С. 34-42.

248. Холмахмадзода, С. Вопросы понимания отраслевой правосубъектности категории «ребенок» [Текст] / С. Холмахмадзода // Матер. межд. науч. – практ. конф. на тему: «Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития». – Душанбе, РТСУ, 2020. – С. 724-727.

249. Химатов, Х.Н. Вклад профессора О.У. Усманова в становление и развитие гражданского права Таджикистана[Текст] / Х.Н. Химатов // Юридический вестник. – Душанбе, РТСУ, 2022. – № 1 (9). – С. 45-50.

250. Ҳуқуқи граждании̅: китоби дарси̅[Матн]: қисми I. // зери таҳрири Маҳмудов М.А. – Душанбе: ЭР-граф, 2007. – 432 с.

251. Шарофзода, Р. Ш. Асосҳои ҳуқуқии амнияти санитари̅ – эпидемиологи̅ ва биологи̅[Матн] / Р.Ш. Шарофзода / Ҳаёти ҳуқуқи̅. – 2020. – № 2 (30). – С. 16-32.

252. Якимов, О.Ю. Защита прав несовершеннолетних: бессистемность и несогласованность законодательства РФ[Текст] / О.Ю. Якимов // Науч. тр. рос. акад. юрид. наук. – Вып. 5: в 3 т. – Т. 2. – Москва, 2005. – С. 491-502.

**Диссертатсия ва авторефератҳо:**

253. Андреев, Е.П. Правоспособность и дееспособность несовершеннолетних по советскому гражданскому праву[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Е.П. Андреев. – М., 1972. – 21 с.

254. Алексий, П.В. Правовой статус субъектов предпринимательской деятельности[Текст]: автореф. дис.... канд. юрид. наук: 12. 00. 01 / П.В. Алексий. – М., 1996. – 19 с.

255. Апранич, М.Л. Проблемы гражданско-правового регулирования личных неимущественных отношений, не связанных с имущественными[Текст]: автореф. дис. ...канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / М.Л. Апранич. – СПб., 2001.– 24 с.

256. Амиров, М.С. Особенности наследования отдельных видов имущества и имущественных прав[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / М.С. Амиров. – Ростов н/Д, 2002. – 23 с.

257. Алейниченко, В.Г. Гражданско-правовая индивидуализация физических лиц в Российской Федерации[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / В.Г. Алейниченко. – Краснодар, 2006. – 26 с.

258. Андрюшин, А.Т. Интеллектуальная собственность и гражданско-правовые способы ее защиты[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03./ А.Г. Андрюшин. – Волгоград, 2006. – 20 с.

259. Аминҷонов, А.Х. Хусусиятҳои ташаккул ва инкишофи институтҳои асосии оилавӣ – ҳуқуқӣ дар таърихи халқи тоҷик: давраи ҳуқуқи зардуштӣ ва мусулмонӣ[Матн]: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12. 00. 01 / А.Х. Аминҷонов. – Душанбе, 2018. – 28 с.

260. Блинова, Т.В. Правовое положение недееспособных, вследствие психического расстройства по советскому гражданскому и семейному законодательству[Текст]: дис.... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Тамара Виктровна Блинова. – Томск, 1987. – 279 с.

261. Булаевский, Б.А. Правовое положение несовершеннолетних по российскому гражданскому законодательству[Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Борис Александрович Булаевский. – М., 1997. – 177 с.

262. Бабаджанов, И.Х. Жизнь и смерть человека как институционально – правовые категории (теоретико – аксиологический и частно – правовой анализ) [Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12. 00. 01; 12. 00. 03 / Исрофил Хусейнович Бабаджанов. – Душанбе, 2014. – 369 с.

263. Баринов, Н.А. Гражданско-правовые проблемы удовлетворения имущественных потребностей советских граждан[Текст]: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12. 00. 03. / Н.А. Баринов. – М., 1988. – 33 с.

264. Белькова, Е.Г. Правосубъектность гражданина - предпринимателя[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Е.Г. Белькова. – М., 1994. – 21 с.

265. Беспалов, Ю. Ф. Судебная защита семейных прав ребенка[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Ю.Ф. Беспалов. – М., 1997. – 23 с.

266. Бутько, О.В. Правовой статус ребенка: теоретико-правовой анализ[Текст]: автореф. дис.... канд. юрид. наук: 12. 00. 01 / О.Н. Бутько. – Краснодар, 2004. – 27 с.

267. Батурина, Н.И. Усыновление (удочерение) детей по российскому семейному праву[Текст]: автореф. дис.... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Н.И. Батурина. – Волгоград, 2005. – 20 с.

268. Ермолова, О.Н. Нематериальные блага и их защита[Текст]: автореф. дис. ... канд, юрид. наук: 12. 00. 03 / О.Н. Ермолова. – Саратов, 1998. – 23 с.

269. Ғаффорзода, И.Ғ. Проблемаҳои вазъи ҳуқуқии кӯдак тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ[Матн]: автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ: 12. 00. 03 / И.Ғ. Ғаффорзода. – Душанбе, 2020. – 44 с.

270. Жучкова, Р.О. Гражданская правосубъектность несовершеннолетних и участие органов внутренних дел в ее реализации[Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Римма Олеговна Жучкова. – Санкт-Петербург, 2006. – 210 с.

271. Иванова, Л.Я. Гражданская правосубъектность лиц, страдающих психическими расстройствами[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Л.Я. Иванова. – Екатеринбург, 1993. – 19 с.

272. Красавчикова, Л.О. Понятие и система личных, не связанных с имущественными правами граждан (физических лиц) в гражданском праве Российской Федерации[Текст]: дис. … д-ра юрид. наук: 12. 00. 03 / Лариса Октябриевна Красавчикова. – Екатеринбург, 1994. – 435 с.

273. Кальченко, Н.В. Право человека и гражданина на жизнь и его гарантии в Российской Федерации[Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12. 00. 02 /

Наталья Викторовна Кальченко. – Волгоград, 1995. – 193 с.

274. Линик, Л.Н. Конституционное право гражданина Российской Федерации на жизнь[Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12. 00. 02 / Людмила Ниловна Линик. – М., 1993. – 157 с.

275. Лозовская, С.О. Правосубъектность в гражданском праве[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / С.О. Лозовская. – М., 2001.–34 с.

276. Лапшин, В.Е. Смерть как правовое явление[Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук:12. 00. 01 / В.Е. Лапшин. – Владимир, 2005. – 21 с.

277. Михеева, Л.Ю. Проблемы правового регулирования отношений в сфере опеки и попечительства[Текст]: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12. 00. 03 / Л.Ю. Михеева. – Томск, 2003. – 39 с.

278. Мордовец, А.С. Социально-юридический механизм обеспечения прав человека и гражданина[Текст]: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12. 00. 01 / А.С. Мордовец. – Саратов, 1996. – 41с.

279. Мицкевич, А.В. Субъекты советского социалистического права[Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 01 / Алексей Валентинович Мицкевич. – М., 1952. – 334 с.

280. Михайлова, И.А. Гражданская правосубъектность физических лиц: проблемы законодательства, теории и практики[Текст]: дис. ... д-ра юрид. наук: 12. 00. 03 / Ирина Александровна Михайлова. – М., 2007. – 498 с.

281. Пхаладзе, Б.В. Соотношение правоспособности и основных прав советских граждан[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 01 / Б.В. Пхаладзе. – М., 1968. – 20 с.

282. Пономарев, В.С. Право собственности граждан на жилое помещение: вопросы ограничений[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / В.С. Пономарев. – М., 2004. – 24 с.

283. Рясенцев, В.А. Представительство в советском гражданском праве[Текст]: в 2 – х томах: дис. ... д-ра юрид. наук: 12. 00. 03 / Владимир Александрович Рясенцев. – М., 1948. – 602 с.

284. Романовский, Г.Б. Конституционное регулирование права на

неприкосновенность частной жизни[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 02 / Г.Б. Романовский. – СПб, 1997. – 18 с.

285. Рязанова, Е.А. Основания приобретения несовершен-нолетним гражданином права собственности на жилое помещение [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Е.А. Рязанова. – М., 2006. – 25 с.

286. Стучинский, М.Г. Безвестное отсутствие[Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12. 00. 01 / Михаил Григорьевич Стучинский. – Челябинск, 1949. – 261 с.

287. Сафаров, Д.С. Права человека и глобализация в контексте исламской правовой культуры: история и современность[Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12. 00. 01 / Дилшод Сафарбекович Сафаров. – Душанбе, 2012. – 216 с.

288. Удовиченко, Т. Ю. Правоспособность физических лиц по российскому гражданскому праву[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Т.Ю. Удовиченко. – Ростов н/Д, 2003. – 22 с.

289. Фомичев, Е.К Эвтаназия как форма реализации права на смерть: общетеоретический аспект[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 01 / Е.К. Фомичев- Тамбов, 2006. – 23 с.

290. Холинова, М.М. Эволюция института опеки и попечительства в истории таджикского народа[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 01 /Мижгона Муборакшоевна Холинова. – Душанбе, 2018. – 25 с.

291. Сулейманова, С.А. Правоспособность граждан (физических лиц) по российскому гражданскому праву[Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / С.А. Сулейманова. – М., 2002. – 31 с.

292. Савельева, Н.М. Правовое положение ребенка в Российской Федерации: гражданско-правовой и семейно-правовой аспекты[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Н.М. Савельева. – Белгород, 2004. – 24 с.

293. Чернова, Г.Ш. Некоторые вопросы гражданско-правового положения несовершеннолетних по новому гражданскому законодательству России[Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Гульнара Шарифуллоевна Чернова.С–Пб., 1997. – 176 с.

294. Чефранова, Е.Л. Правосубъектность несовершеннолетних по

советскому гражданскому праву[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Е.А. Чефранова. – М., 1978. – 18 с.

295. Шодонова, М.Э. Ограничение гражданской дееспособности физических лиц по законодательству Российской Федерации[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / М.Э. Шодонова. – М., 2004. – 25 с.

296. Шодонова, М. Э. Ограничение гражданской дееспособности физических лиц по законодательству Российской Федерации[Текст]: дис.... канд. юрид. наук: 12. 00. 03 / Мария Эдуардовна Шодонова. – М., 2004. – 179 с.

**Амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ:**

297. Бойгонии суди ноҳияи Рӯдакӣ[Матн]. – Парвандаи №2-3206/19. – Соли 2002.

298. Бойгонии суди ш. Ҳисор[Матн]. – Парвандаи №2-249/0. – Соли 2014.

299. Б. против Франции. Решение Европейского Суда по правам человека от 25 марта 1992 года // Европейский Суд по правам человека.// Избранные решения:в 2 т. – Т.1. – М.: НОРМА, 2000. // СПС «Гарант» [Захираи электронӣ]. (санаи мурочиат: 3.10.2020 с.).

300. Количество пользователей Интернета в Таджикистане снизилось на 200 тыс. абонентов [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: // www. avesta. Tj (санаи мурочиат: 18.05.2016 с.).

301. Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ «Дар бораи аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ» [Матн] аз 23 - юми декабри соли 2011, № 7 // Маҷмӯаи «Санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон дар соҳаи воситаҳои ахбори омма». – Душанбе, 2017. – С. 212-216.

302. Қарори Пленуми Суди Олии Иттиҳоди Шӯравӣ «Дар бораи омодасозии парвандаҳои гражданӣ ба баррасии судӣ» [Матн] аз 14 апрели соли 1988 (дар таҳрири қарори Пленуми Суди Олии Иттиҳоди Шӯравӣ аз 25 октябри соли 1996) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ВА ҶТ «Адлия». Шакли 6.0. [CD-ROM]. – Душанбе, 2021.

303. Материалы ЮНЕСКО [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: //http://www. unesko.kz/publication/ci /inform/doc (санаи муроҷиат: 12.01.2021 с.).

304. Ордонанс о возмещении вреда от 12 февраля 1981 г[Текст]. // Гражданское законодательство Израиля. – Тельавив, 1982. – С. 380.

305. О практике рассмотрения судами Российской Федерации дел об ограничении дееспособности граждан, злоупотребляющих спиртными напитками или наркотическими веществами[Текст] / Постановление Пленума Верховного Суда РФ от 4 мая 1990 г. № 4 (вред, от 25 октября 1996 г.) // Сб. постановлений Пленумов Верховного Суда и Высшего Арбитражного Суда Российской Федерации. – М., 2000. – 165 с.

306. Определение Судебной коллегии Верховного Суда РФ от 28 ноября 2000 г[Текст]. // Бюллетень Верховного Суда РФ. – 2003. – № 3. – С. 3-8.

307. Обзор постановлений и решений Европейского Суда по правам человека по российским жалобам за июнь 2008 года[Текст] // Бюллетень Европейского Суда по правам человека. – Российское издание. – № 8/2008. – 131 с.

308. Постановление Пленума Верховного Суда РФ «О практике рассмотрения судами дел о защите прав потребителей» от 29. 09. 1994 года, № 7. // СПС «Консультант - Плюс». – 2014. [Захираи электронӣ]. (санаи муроҷиат: 3.10.2022 с.).

309. Парвандаи № 20/с аз рӯйи даъвои Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон барои ҳимояи манфиати шаҳрванд Ш.Р. дар нисбати ҶСШК «Агроинвестбонк» оид ба ҷуброни зарар[Матн]. Аз 15 – уми майи соли 2014. // Бойгонии Суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе. – Соли 2014.

310. Требование истицы о компенсации морального вреда, причиненного незаконным арестом и заключением под стражу ее мужа, подлежит удовлетворению[Текст]./ Постановление Президиума Брянского областного суда от 7 августа 2002 п // Бюллетен Верховного Суда РФ. – 2003. – № 1. – 121 с.

311. У детей появится право на защиту от негативной информации[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www. neuch. ru (санаи муроҷиат: 22.01.2022 с.).

312. Эътирози Муовини Раиси Суди Олии ФР аз 10-уми ноябри соли 2002. – № 2. // СПС «Консультант - Плюс». – 2002. [Захираи электронӣ (санаи муроҷиат: 2.01.2022 с.).

# ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

## I. Монографияҳо:

**[1-М].** Курбоналиев, Н.Ш. Проблемы защиты гражданских информационных прав ребенка в Республике Таджикистан: монография [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 156 с. (9, 75 п. л.). –ISSN: 978-99975-0-008-3.

**[2-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Вазъи ҳуқуқи граждании шахсони воқеӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода. – Душанбе: Эр-граф, 2022. – 216 с. (13, 5 ҷ. ч.). – ISSN: 978-99985-62-81-3.

## II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[3-М].** Курбоналиев, Н.Ш. Судебная защита гражданских информационных прав ребенка [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник Таджикского национального университета. – 2012. – № 3/3(87). – С. 111-116. (0,31 п. л.). – ISSN: 2074-1847.

**[4-М].** Курбоналиев, Н.Ш. Некоторые вопросы защиты гражданских информационных прав ребенка [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник Российской правовой академии. – 2013. – № 1. – С. 28-30. (0, 12 п. л.).

**[5-М].** Курбоналиев, Н.Ш. Обязательство родителей по воспитанию ребенка и пресечения распространения вредоносной информации [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник Таджикского национального университета. – 2014. – № 3/1(128). – С. 98-104. (0, 37 п. л.). – ISSN:2074-1847.

**[6-М].** Курбонализода, Н.Ш. Содержание гражданской правоспособности и его новеллизация в действующем законодательстве [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/6. – С. 188-192. (0,25 п.л.). – ISSN:2413-5151.

**[7-М].** Курбонализода, Н.Ш. Право на жизнь как личное неимущественное права в составе гражданской правоспособности физических лиц [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2017. – №2/7. – С. 194-199. (0, 31 п. л.). – ISSN:2413-5151.

**[8-М].** Курбонализода, Н.Ш. Регламентация категории «правосубъектность» в современном праве [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/5, ч.2. – С. 195-199. (0, 25 п.л.). – ISSN:2413-5151.

**[9-М].** Курбонализода, Н.Ш. Формирование института правосубъектности граждан в отечественном правопорядке [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/4 ч.1. – С. 217-225 (0, 5 п.л.). – ISSN:2413-5151.

**[10-М].** Курбонализода, Н.Ш. Роль института опеки, попечительства и патронажа в механизме реализации дееспособности физических лиц [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/8. – С. 186-192. (0, 37 п. л.). – ISSN:2413-5151.

**[11-М].** Курбонализода, Н.Ш. Возникновение и прекращение правоспособности физических лиц: новые аспекты [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/10. – С. 214- 218 (0, 25 п. л.). – ISSN:2413-5151.

**[12-М].** Курбонализода, Н.Ш. Дееспособность несовершеннолетних лиц: понятие, дифференциация и трансформация [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – 2018. – №1(37). – С. 142-149 (0, 43 п. л.). – ISSN: 978-99947-738-0-0.

**[13-М].** Курбонализода, Н.Ш. Некоторые проблемы право собственности граждан Таджикистана [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Правовая жизнь. – 2018. – №2(22). – С.192-199. (0, 43 п.л.). – ISSN: 2307-5198.

**[14-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Баъзе масъалаҳои қобилияти амалкунии граждании шахсони воқеӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №6, қ. 2. – С. 171-176. (0,31 ҷ. ч.). – ISSN:2413-5151.

**[15-М].** Курбонализода, Н.Ш. Гражданско-правовое положение недееспособных и ограниченно дееспособных лиц по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2018. – №7. – С. 198-203. (0, 31 п. л.). – ISSN:2413-5151.

**[16-М].** Курбонализода, Н.Ш. Личные неимущественные права недееспособных и ограниченно дееспособных лиц: теоретическо-правовой анализ [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Государствоведение и права человека. – 2018. – №2(10). – С.72-78. (0,37 п. л.). – ISSN:2414 9217.

**[17-М].** Курбонализода, Н.Ш. Регламентация категории «правосубъектность» в современном праве [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Государствоведение и права человека. – 2018. – №2(10). – С. 83-91. (0, 5 п. л.). – ISSN:2414 9217.

**[18-М].** Курбонализода, Н.Ш. О вопросах правосубъектности иностранных граждан в Республике Таджикистан [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2019. – №1. – С. 182-187. (0, 31 п. л.). – ISSN:2413-5151.

**[19-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Баъзе хусусиятҳои қобилияти амалкунии хурдсолон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №3, қ.2. – С. 199-204. (0, 31 ч. ч.). – ISSN:2413-5151.

**[20-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Баъзе масъалаҳои қобилияти ҳуқуқдории ноболиғон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – №4(32). – С. 151-158. (0,43 ч. ч.). – ISSN: 2307-5198.

**[21-М].** Курбонализода, Н.Ш. Права ребенка на охрану здоровья в Республике Таджикистан [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Таджикского национального университета. – 2015. – № 2/7(178). – С. 273-277. (0, 25 п. л.). – ISSN:2413-5151.

**[22-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Баъзе масъалаҳои ҳуқуқи истисноӣ ба асар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода, Ш.К.

Ғаюрзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2022. – №3(39). – С. 152-160 (0, 5 ҷ. ч.). – ISSN: 2307-5198.

**III. Мақолаҳое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

**[23-М].** Курбоналиев, Н.Ш. Общая характеристика правоспособности ребенка в информационной сфере [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2011. – № 1. – С. 166-172. (0, 37 ҷ.ч.).

**[24-М].** Курбоналиев, Н.Ш. Общие вопросы гражданской правоспособности ребенка [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Государство и право. – 2012. – № 3. – С. 72-75. (0,18 п.л.).

**[25-М].** Қурбоналиев, Н.Ш. Масъалаҳои имплементатсияи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои кӯдак [Матн] Н.Ш. Қурбоналиев // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи илмӣ – амалӣ бахшида ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар / Фонди ба номи Фридрих Эберт. – Душанбе, 2012. – С. 103-108. (0,31ҷ.ч.).

**[26-М].** Курбоналиев, Н.Ш. К вопросу об источниках права ребёнка на информацию [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник университета (Российско – Таджикский славянский университет). – 2012. – № 3(38). – С. 37-43 (0,37 п.л.). – ISSN:2077-8325.

**[27-М].** Курбоналиев, Н.Ш. Некоторые вопросы защиты гражданских информационных прав ребёнка [Текст] / Н.Ш. Курбоналиев // Вестник Российской правовой академии. – 2013. – № 1. – С. 28-30 (0,12 п.л.).

**[28-М].** Қурбоналиев, Н.Ш. Ҳимояи ҳуқуқи конститутсионии ҳуқуқи кудак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Қурбоналиев // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи: «Инкишофи падидаи конститутсионализм дар даврони истиқлолияти Тоҷикистон» //зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Диноршоев А.М. – Душанбе: Голд-принт, 2014. – С. 165-169. (0,25 ҷ.ч.).

**[29-М].** Қурбоналиев, Н.Ш. Хешу таборӣ ва ақрабоӣ: проблемаҳои ҳуқуқӣ ва роҳҳои ислоҳ намудани он [Матн] Н.Ш. Қурбоналиев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2014. – №3(07). – С. 133-141. (0,5 ҷ.ч.). – ISSN: 2307-5198.

**[30-М].** Курбонализода, Н.Ш. Некоторые вопросы защиты прав ребенка в Республике Таджикистан [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Правовая жизнь. – 2016. – №1(13). – С.142-146. (0,25 п.л.). – ISSN:2307-5198.

**[31-М].** Қурбонализода, Н. Ш. Иҷлосияи таърихии XVI – заминаи асосии таҳкими давлатдории навини тоҷикон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи: «Аҳамияти Иҷлосияи тақдирсози XVI –Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими давлатдории миллӣ ва рушди қонунгузорӣ» аз 10-уми ноябри соли 2017. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2017. – С. 87-91. (0,25 ҷ.ч.).

**[32-М].** Курбонализода, Н.Ш. Становление концепции правосубъектности физических лиц в гражданском праве [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Правовая жизнь. – 2017. – №2(18). – С. 132-141 (0,56 п. л.). – ISSN: 2307-5198.

**[33-М].** Курбонализода, Н.Ш. Нематериальные блага в составе гражданской правосубъектности физических лиц [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник университета (Российско – Таджикский славянский университет). – 2017. – № 4(60). – С. 77-83. (0,37 п.л.). – ISSN: 2077-8325.

**[34-М].** Курбонализода, Н.Ш. Дискуссионные вопросы понятие гражданской правосубъектности [Текст] / Н.Ш. Курбонализода // Вестник Института философии, политологии и права Академии наук Республики Таджикистан. – 2017. – №3. – С. 163-171. (0, 5 п.л.). – ISSN:0235-005X.

**[35-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Масъалаҳои субъекти ҳуқуқи граждании будани ноболиғон дар фаъолияти соҳибкорӣ: таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тиҷоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба «Соли рушди сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва 70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2018. – С. 55-61. (0,37ҷ.ч.).

**[36-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Баъзе масъалаҳои субъекти ҳуқуқ будани кудак дар фаъолияти иттилоотӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон: мушкилот ва дурнамо // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба 70-солагии қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 125-130. (0,31ҷ.ч.). – ISBN:978-99975-77-22-1.

**[37-М].** Kurbonalizoda, N.Sh. Some problems of exclusive rights to the results of intellectual activity [Text] / N.Sh. Kurbonalizoda // Правосудие и правоохранительная деятельность: законодательство и правоприменение. Сборник научных трудов. – Минск. «РИВШ»-2019. – С. 160-164. (0, 25 п.л.). – ISBN:978-985-586-209-4.

**[38-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Рушди қонунгузории манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Монография бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар мавзӯи «30 соли истиқлоли давлатӣ ва рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон». – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 445-451. (0,37 ҷ. ч.).

**[39-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон (ба ҷои пешгуфтор) [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ // зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 7-8. (0,12 ҷ.ч.).

**[40-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Нақши инсон дар танзими ҳуқуқи гражданӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода // Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз: маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ // зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қурбонализода Н.Ш. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – С. 51-55. (0,25 ҷ.ч.).

## IV. Китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ:

**[41-М].** Қурбоналиев, Н.Ш. Ҳуқуқи римӣ: воситаи таълимӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбоналиев, Ш.К. Бадалов, И.Ғ. Ахмадҷонов. – Душанбе: Матбааи ДМТ. 2013. – 112 с. (7 ҷ.ч.).

**[42-М].** Қурбоналиев, Н.Ш. Ҳуқуқи граждании: қисми 1: воситаи таълимӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбоналиев, Б.Р. Расулов, Ш.К. Бадалов, И.Ғ. Ахмадҷонов. – Душанбе: Эр-Граф, 2013. – 336 с. (21 ҷ.ч.).

**[43-М].** Қурбоналиев, Н.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми 2: китоби дарсӣ. [Матн] / Н.Ш. Қурбоналиев // Муҳаррирони масъул: мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проф. Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сулаймонов Ф.С. – Душанбе: Эр-Граф, 2014. – 424 с. – Бобоҳои 10-11. – С. 165-181. (0,93 ҷ. ч.).

**[44-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Ҳуқуқи манзил: воситаи таълимӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2015. – 256 с. (16 ҷ. ч.).

**[45-М].** Курбонализода, Н.Ш. Гражданское право: в схемах: часть 1. [Текст] / Н.Ш. Курбонализода, Ф.А. Касимов, Х.М. Саидов. – Душанбе: Эр-Граф, 2015. – 352 с. (22 п. л.).

**[46-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Ҳуқуқи гражданӣ: қисми 1: дар нақшаҳо. [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода, Ҳ.М. Саидов. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 436 с. (27, 25 ҷ.ч.). – ISBN: 978-99975-48-40-5.

**[47-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Ҳуқуқи манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ. [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода. – Душанбе, 2016. – 264 с. (16, 5 ҷ. ч.).

**[48-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Ҳуқуқи уҳдадорӣ: воситаи таълимӣ. [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода, Ҳ.Н. Ҳиматов, М.М. Соҳибов, Ҳ.М. Саидов, Д.Г. Хоҷамуродов, Ҳ.З. Бобохонов. – Душанбе: Сино, 2016. – 160 с. (10ҷ.ч.). –ISBN: 978-99975-502-00.

**[49-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Хешу таборӣ ва ақрабоӣ дар ҳуқуқи оила: воситаи таълимӣ. [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода. – Душанбе: Промэкспо, 2015. – 77 с. (4, 81 ҷ. ч.). – ISBN: 978-99975-930-7-8.

**[50-М].** Қурбонализода, Н.Ш. Ҳимояи судии ҳуқуқҳои субъективии гражданӣ: воситаи таълимӣ [Матн] / Н.Ш. Қурбонализода, Б.Т. Худоёрзода // зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, проф. Ғаюров Ш.К. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2022. – 128 с. (8 ҷ.ч.).